# АХТАРОНИ АДАБ

# 45

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Зулфия Давлатзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Носирҷон Салимӣ*
*Давлат Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Абдураҳмон Абдуманнон*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Аламхон Кӯчарзода*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

**СОТИМ УЛУҒЗОДА**

# ВОСЕЪ

***Роман***

Душанбе
«Адиб»
2020

ББК 84 Тоҷик 7-5
У-37

Муҳаррир
*Раҳматуллоҳи Раҳмон*

Муҳаррири масъул
*Давлат Сафар*

У-37 **Сотим Улуғзода. Восеъ (Роман).**
– Душанбе, «Адиб», 2020, 480 саҳ.

Романи «Восеъ» ба қаҳрамони халқи тоҷик Восеъ бахшида шудааст, ки ӯ бар зидди зулми бекҳои Балҷувон шӯриш бардошта буд. Муаллиф вазъияти он солҳоро тасвир карда, як қатор образҳои фаромӯшнашаванда, аз ҷумла Восеъ ва дӯсти ӯ Назирро меофарад.

Восеъро сарбозони амир ба қатл расонданд, лекин номи ӯ чун тамоми муборизони роҳи озодӣ дар ёди халқ мондааст.

ISBN 978-99947-2-658-5

© Нашриёти «Адиб», 2020

# СОТИМ УЛУҒЗОДА
# ВА ЭҶОДИЁТИ Ӯ

Адабиёти бадеӣ, аз ҷумла осори насрӣ, аз воситаҳои муҳимми инъикоси таърих ва фарҳангу урфу одати халқияту миллатҳо ва инсоният ба шумор меравад. Ҳатто нисбат ба асарҳои таърихӣ ва сиёсиву иқтисодӣ оид ба таърихи муҳити зисти ин ё он халқ асарҳои бадеӣ, махсусан романҳову қиссаҳои таърихӣ, маълумоти бештар ва фарогиртар медиҳанд. Ба гуфти нависандаи рус А. Н. Толстой: «Дар ҳар як асари бадеӣ, аз ҷумла дар романи таърихӣ, дар повести таърихӣ мо, пеш аз ҳама, тахайюли муаллифро, ки тавассути порчаҳои ҳуҷҷатҳои то давраи мо расида вазъи зиндаи замон ва фаҳмидани онро барқарор мекунад, баҳо медиҳем» [208, 323].

Дар ҳақиқат, насри таърихии ҳунармандона таълифёфта воқеияти давраҳои таърихиро бо тамоми бартарӣ ва камиву костӣ ба хонанда расонда, ӯро ба андеша ва тафаккур водор менамояд. Маълум, ки дар осори бадеӣ, аз ҷумла дар қисса ва романҳои таърихӣ, тахайюл ва тасвирҳои бадеӣ мавқеи муайянкунандагӣ доранд, вале бояд ин тасвирҳо ва ин ҷузъиёти бадеӣ аз доираи замон ва ҳақиқати воқеӣ берун набошанд.

Дар ташаккулу такомули насри таърихии тоҷик усули реалистии тасвир, ки аз таъсири адабиёти рус ва Ғарб маншаъ гирифтааст, мақоми арзанда дорад. Ба устод Айнӣ муяссар шуд, ки дар солҳои 30-юми садаи XX ба тарҷумаи тоҷикии як қатор асарҳои нависандагони рус ба мисли «Модар» (А. М. Горкий), «Ҳоҷӣ Мурод» (Л. Н. Толстой), «Сели оҳанин» (А. Серафимович), «Чапаев» (Д. Фурманов) шинос шуда, ҷанбаи реалистии асарҳояшро тақвият бахшад ва ҳуҷҷатҳо ва санадҳои таърихиро дар осори бадеияш бо маҳорати баланд истифода барад. Устод Айнӣ бо таълифи «Дохунда» дар ибтидои солҳои сиюми садаи XX дар насри давраи нави тоҷик аввалин асари калонҳаҷми эпикиро ба вуҷуд овард, бо таълифи «Ғуломон»

бошад, дар насри тоҷик романи таърихӣ пайдо шуд, ки мундариҷаи он воқеаҳои зиёда аз сад соли (солҳои 1825-1933) ҳаёти халқи тоҷикро фаро гирифта, дар он ҳуҷҷатҳо ва санадҳои бисёри таърихӣ истифода шудаанд.

Нависандаи дигаре, ки дар асарҳои бадеии худ аз ҳуҷҷат ва санадҳои таърихӣ фаровон истифода карда бо ҳамин дар рушду нумуи насри таърихии тоҷик ҳиссаи арзанда гузоштааст, Сотим Улуғзода мебошад. Асарҳои таърихии С. Улуғзода, аз ҷумла қиссаи «Ривояти суғдӣ», романҳои «Восеъ» ва «Фирдавсӣ», бо мундариҷаву муҳтаво ва лафзи марғубу муассири худ дар адабиёти тоҷик ва мамлакатҳои муштаракулманофеъ мавқеи намоён доранд. Ба таъбири адабиётшинос А. Саъдуллоев, «устодон Айнӣ ва Улуғзода чанорҳои сершоху барг ва серсояеро мемонанд, ки онҳо ба таъриху тамаддуни асили миллати тоҷик решапайвандии амиқ дошта, садсолаҳо, балки ҳазорсолаҳо бо эҷодиёташон мавриди таваҷҷуҳи хонандагону муҳаққиқон қарор мегиранд» [198,109].

Сотим Улуғзода дар шинохти таърих ва фарҳангу тамаддуни бою ғановатманди халқи худ ба ҳамватанон ва ҷаҳониён хизмати басо арзанда анҷом додааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон гуфта буданд: «Мо аз таърихи на чандон дури Ватанамон низ номи даҳҳо шахсиятҳоеро бо ифтихор ба забон оварда метавонем, ки ба нафъи миллати хеш хизмати фидокорона ва бузург кардаанд… Бо назардошти хизмати шоёни нависандагони забардаст Сотим Улуғзода ва Ҷалол Икромӣ дар рушди адабиёти муосири тоҷик, ки ҷашни 100-солагии онҳо дар назар аст, Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо, Иттифоқи нависандагон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати шаҳри Душанбе дар бобати абадӣ гардондани хотираи онҳо бояд тадбирҳо андешанд» [270, 6-7]. Маҳз ҳамин қадршиносии сарвари давлат буд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2008, №594 Донишкадаи давла-

тии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода гузошта шуд [236, 2].

Яке аз рисолатҳои таърихии Сотим Улуғзода ҳамчун нависанда ва мутафаккири хештаншиноси миллат он аст, ки дар душвортарин солҳои мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ ба идеологияи абарқудрати коммунистӣ муқовимат намуда, ба мавзӯъҳои таърихӣ рӯ овард, то ба алоқамандону муддаиёни кӯрдил фаҳмонида тавонад, ки халқи тоҷик фарҳанг ва таърихи бостониву заволнопазир дорад. Ҳокимияти Шӯравӣ худшиносиро бузургманишии миллӣ қазоват мекард ва маҳз аз ҳамин нуқтаи назар ба он муборизаи беамон дошт. Воқеан, ин яке аз рукнҳои мавҷудияти абарқудратӣ мебошад. Алорағми ин ақидаву пиндор рӯ овардани адиби тоҷик С. Улуғзода ба гузаштаи халқи худ, омӯхтани таърихи миллати хеш аз солҳои 20-уми асри гузашта оғоз мешавад. Тибқи шаҳодати худи адиб, такони ҷиддиро дар вуҷуди С. Улуғзода олими рус, профессор М. С. Андреев барангехта буд [33, 447].

Ҳанӯз аз рӯзгори ҷавонӣ С. Улуғзода ба омӯзиши таърихи халқи худ оғоз мекунад. Ин хусусияти эҷодиёти нависанда дар таҳқиқоти донишмандон Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой, Л. Н. Демидчик, С. Табаров, Х. Шарифов, Х. Отахонова, А. Сайфуллоев, Р. Мусулмониён, Р. Ҳошим, Х. Асозода, К. Юсуфов, М. Раҷабӣ, Солеҳ Салоҳ, М. Исоматов, А. Абдуманнонов, У. Ғаффоров ва дигарон таъкид шудааст. Ин аст, ки С. Улуғзода аз солҳои сиюм мунтазам ба мавзӯъҳои таърихӣ рӯ овардааст. Қаҳрамонҳои баргузидаи нависанда ё шахсиятҳои илмӣ – фарҳангӣ, ё симоҳои эҷодӣ ва ё қаҳрамонҳои халқӣ мебошанд ва маҳорат ва устодии С. Улуғзода дар он зоҳир мегардад, ки аз онҳо типҳои таърихӣ – адабӣ месозад ва ҷараёни мазкурро тарзе ба тасвир мегирад, ки ҳатман боиси ҷалби таваҷҷуҳ, диққат ва рағбату хоҳиши хонанда мешавад.

Барои барҷастагии типҳои офаридаи С. Улуғзода омилҳои мухталиф тарзе кор гирифта мешаванд, ки симоҳои тасвирша-

ванда тавассути резакориҳои ҷузъиёти бадеӣ имконият фароҳам меоваранд, ки қаҳрамони марказӣ пурра ва табиӣ маърифат карда шавад. Фаразан, Сино – бузургтарин симои тафаккури илмӣ-эҷодист, ки дучори таассубу хусуматҳо мешавад. Рӯдакӣ бузургтарин чеҳраи эҷодист, Фирдавсӣ – ҳамосасарои ҷаҳонӣ ва донандаи таърихи миллист ва Аҳмади Дониш – мутафаккири ислоҳотгаро аст.

Рӯ овардан ба мавзӯъҳои таърихӣ, шахсиятҳо ва симоҳои таърихӣ на ба ҳар кас даст медиҳад. Ҳолати мазкур дар баробари истеъдод, маҳорат, қобилият, қареҳаи эҷодӣ, инчунин тавъам ба он дониш, тафаккури баланд, андешаи қавӣ, ҷустуҷӯву пажӯҳиш, ковишу қиёсро мехоҳад. Ғайр аз ин, падидаи мазкур табиист, ки натиҷагириҳову хулосабарориҳои амиқу муътамадро тақозо менамояд.

Ҷанбаҳои фарққунандаи мавзӯи таърихӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешаванд, ки тасвирҳо мустанад, воқеӣ, мушаххас, фаъол ва далелноканд. Аз ин рӯ, гаравидан ба мавзӯъҳои таърихӣ аз чандин ҷиҳат масъулият, истеъдоду дониш ва маҳорату ҷаҳонбинии серпаҳноро тақозо менамояд. Масалан, «Ривояти суғдӣ» далели қавии урфу одат, рӯзгору зиндагӣ, психологияву ҷаҳонбинии як қавми куҳантаъриху мутамаддин дар арсаи таърих мебошад. Агар онро нависандаи миллати дигар биофарад, ҳеҷ гоҳ дар чунин поя рӯйи кор намеомад.

Оид ба ҳофизаи таърихии шахсияти эҷодӣ ва таърихи бостонии миллат донишмандони маъруф академик М. Шакурӣ ва профессор Л. Демидчик қазовати зеринро раво дидаанд: «Сотим Улуғзода муҳимтарин давраҳои таърихи халқи қадимии худро аз назари таҳқиқ гузаронидааст. Ин таҳқиқи ӯ аз давраи ташаккули ҷамъияти феодалӣ, замони хуруҷи араб, аз асри У11 (дар «Ривояти суғдӣ») сар шуда, ба воситаи шахсияти Рӯдакӣ ва Ибни Сино (асрҳои Х – Х1 мелодӣ) замони ташаккули халқи тоҷик, забону адабиёт ва илму маданияти асримиёнагии вайро, ба воситаи нақши Темурмалик (асри Х111 мелодӣ) муборизаҳои қаҳрамононаи ӯро дар роҳи муҳофизати озо-

дию истиқлоли миллии худ, ба воситаи бузургию ҳашамати Восеъ (асри X1X) қаҳру ғазаби ӯро бар зидди истисморгарони дохилӣ ва ба воситаи ҷустуҷӯйҳои маънавии Аҳмади Дониш («Алломаи Адҳам ва дигарон») ҷидду ҷаҳди вайро ба сӯйи умри дубора, ба сӯйи вусъатободи олами нав нишон дода, бо қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» фаро расидани умри дубора ва субҳи содиқи онро тасвир кард» [33, 436 - 446].

Таҳлилу таҳқиқи насри таърихии Сотим Улуғзода, махсусан дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ба аҳамияти калони илмӣ ва адабӣ молик аст, зеро он мавқеи нависандаро дар ташаккулу такомули худшиносии миллӣ, ифтихор аз таъриху фарҳанг ва масъулияти ватандории шаҳрвандон бозгӯ менамояд ва бо ҳамин дар адабиётшиносии тоҷик ҳиссаи арзанда ҳамроҳ менамояд.

Эҷодиёти Сотим Улуғзода ҳанӯз то Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) мавриди таҳлилу таҳқиқ оғоз мегирад ва ҷолиб аст, ки аввалин мунаққидони эҷодиёти нависанда ба халқҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ мансуб буданд. С. Улуғзода то давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ чун намоишноманавис шинохта шуда буд ва соли 1941 ба муносибати Даҳаи санъати тоҷик, ки моҳи апрели соли 1941 дар Москва баргузор гардид, драмаи «Калтакдорони сурх» ба забони русӣ бо номи «Краснопалочники» тарҷума шуда дар Ленинград ба табъ расид ва мавриди муҳокимаи Д. Калм, К. Кулешов, М. Немченко ва А. Платонов барин мунаққидони соҳаи драматургияи рус қарор гирифт [164, 307-308].

Осори гуногунпаҳлуи Сотим Улуғзода, махсусан, баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқиадабиётшиносон қарор гирифтааст. Аввалин мақолаҳое, ки баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ оид ба эҷодиёти нависанда навишта шудаанд, ба қалами Ҷ. Икромӣ [108], М. Лановская [127], П. Лукнитский [130], М. Наҷмиддинов [157], Л. Н. Демидчик [93], И. С. Брагинский [75], С. Ш. Табаров [205], Ш. Ҳусейнзода [232], М. Муллоҷонов [145] тааллуқ доранд. Дар қисми II

«Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» [169] эҷодиёти нависанда то солҳои 50-уми садаи XX мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифта, дар драматургия ва насри бадеӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидани нависанда таъкид меёбад: «Вай (Сотим Улуғзода – С. Э.) чи дар драматургия ва чи дар наср дар даврахои гуногуни тараққиёти адабиёти советии тоҷик ба муҳимтарин масъалаҳои рӯз даст мезанад ва беҳтарин шаклҳои ҳалли мавзӯъро ҷустуҷӯ менамояд» [169, 403].

Дар байни асару мақолаҳое, ки солҳои 60-уми садаи XX ба эҷодиёти нависанда бахшида шудаанд, мақолаи М. Муллоҷонов «Нависандае, ки дӯсташ медорам» [145], китобҳои М. Шукуров бо номи «Сотим Улуғзода» [257] ва К. Юсуфов «Сотим Улуғзода ва повести тарҷумаиҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо» [261] бо фарогирӣ ва амиқияти таҳқиқ фарқ мекунанд. М. Муллоҷонов Сотим Улуғзодаро «ҳам носир, ҳам драматург, ҳам публитсисти оташинсухан ва ҳам адабиётшиносу мунаққид» ном бурда, таъкид мекунад, ки то ҳол муҳаққиқон ва мунаққидони адабиёт ба эҷодиёти адиб баҳои даркорӣ надодаанд: «Бо таассуф қайд кардан зарур аст, ки дар қисми дуюми «Очерк» ҳам («Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» дар назар аст – С. Э.), ки дар он ба Улуғзода монографияи махсус бахшида шудааст, ба эҷодиёти дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҷод кардаи нависанда рӯякӣ баҳо дода шудааст» [144, 58].

Қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» бошад, муаллифи худро дар муҳити адабии халқиятҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он басо шуҳратёр гардонд ва ин асар мавриди гуфтугӯи ҷиддии суханшиносоне чун А. Н. Марков, В. А. Смирнов, И. Л. Гранберг, М. Авезов, Г. Ломидзе, И. Бечка, М. Турсунзода, З. Г. Османова қарор гирифт [66, 4]. Махсусан, дар монографияи К. Юсуфов повести «Субҳи ҷавонии мо» аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва услуби баён басо ҷиддӣ ва амиқ таҳлилу таҳқиқ меёбад ва таъкид мешавад, ки: «Эҷодиёти С. Улуғзода дар Иттифоқи Советӣ ва хориҷи кишвар, аз ҷумла Чехословакия, Эрону

Афғонистон низ ба табъ расида, хонандагони зиёде пайдо кардааст» [261, 108].

Мавқеи С. Улуғзода дар адабиёти тоҷик то ибтидои солҳои 60-ум дар табрикномаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба муносибати ҷашни нимасраи адиб басо равшану дақиқ ёдовар мешавад: «Номи Шумо ҳамчун нависанда, драматург, кинодраматург, ходими намоёни ҷамъиятӣ на танҳо дар байни халқи тоҷик, балки берун аз ҳудудҳои республикаи мо ва дар як қатор мамлакатҳои хориҷӣ низ машҳур аст. Шумо дар насри реалистии тоҷик яке аз пайравони бевоситаи устод Айнӣ ҳисоб мешавед. Асарҳои Шумо, ки шарҳи дилҳои ҷӯшон, инъикоси ҳаёти пурҷӯши халқ аст, ба дили миллионҳо хонандагон роҳ ёфта даст ба даст мегардад» [156, 3].

Аз охирҳои солҳои 60-ум ба сабабҳои сиёсӣ дар зарфи 10-15 сол эҷодиёти нависанда мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор нагирифт. Дар ин муддат «Режими тоталитарӣ ба Сотим Улуғзода раҳму шафқат накард. Ба ҳамагон маълум аст, ки ӯ солиёни зиёд ба чопи асарҳояш имкон надошт, аз сафи ҳизби коммунист ронда шуд, ӯро ба ҷамъомадҳо даъват намекарданд, номашро ба рӯйхати мукофотгирандагон ворид намекарданд ва ғайра. Ин ҳама кӯшишҳои радди маърака намудани нависанда, драматург ва олими забардаст фақат як сабаб дошт – фирори писараш Азиз аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳарчанд ки Азиз дар он замон баркамол буду барои ҳар кирдораш худаш бояд ҷавоб мегуфт» [109, 3]

Соли 1980 монографияи М. Шукуров бо номи «Насри солҳои 1945-1974», ки ҷилди шашуми «Таърихи адабиёти советии тоҷик»-ро фаро мегирифт, ба табъ расид, ки дар он насри Сотим Улуғзода низ аз нигоҳи мундариҷа ва жанру услуб муфассал таҳлил ёфтааст. Муаллиф дар қатори «Ёрони боҳиммат», «Навобод», «Субҳи ҷавонии мо» оид ба романи «Восеъ» низ муҳокима ронда, равияи услубии С. Улуғзодаро ***реализми сирф*** муайян кардааст. «Дар ин сайри таърихии равияи услубии реализми сирф насри Сотим Улуғзода нақши

махсус дорад. Умдатарин хусусиятҳои поэтикии ин ҷараёни услубиро аз повесту романҳои С. Улуғзода дидан мумкин аст» [253, 325-326].

Дар замони бозсозӣ (1985-1990) ва истиқлолият аз соли 1991 ин ҷониб С. Улуғзода аз қайди мафкураи сиёсӣ озод мешавад ва таваҷҷуҳи мунаққидону адабиётшиносон ба эҷодиёти нависанда меафзояд [105; 142; 246; 191]. Махсусан, дар таҳқиқотҳои Раҳими Мусулмониён [151], Худойназар Асозода [52; 53; 54; 55; 56;], Маъруф Раҷабӣ [174; 175; 176], Маъруф Исоматов [115], Шамсиддин Солеҳов [199], Сайрам Бақоева [60], Алиҷон Чориев [235], Матлубаи Мирзоюнус [140], Ҷамилаи Мурувватиён [146] ва У. Ғаффоров [90] паҳлуҳои гуногуни осори фарогири нависанда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, мавқеи арзишманди адиб дар адабиёти давраи нави тоҷик таъкид меёбад.

Муаллифони номбурда, бештар ба насри таърихии С. Улуғзода мурочиат карда, фаъолияти нависандаро дар насри тоҷик аз ҳамин паҳлу муайян кардаанд: «С. Улуғзода, – гуфтааст профессор Х. Асозода, – дар байни адибони садаи бисти тоҷик баъд аз С. Айнӣ ягона фардест, ки ба офаридани симо ва шахсиятҳои фарҳангии таърихӣ ҷиддан камар баст» [54, 203].

Профессор Х. Асозода дар асарҳои ба С. Улуғзода бахшидааш – «Абулқосими Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода» (2000), «Устод Айнӣ дар шинохти С. Улуғзода» (2001) ва «Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ» (2005) бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихии таҳқиқ бурду бохти зиндагӣ, ҳунари образофаринӣ ва диди фарохи таҳлилии нависандаро нишон дода, собитқадамӣ ва майли беандозаи ӯро дар шинохти шахсиятҳои бузурги фарҳангии миллати азизаш – Абулқосими Фирдавсӣ ва Садриддин Айнӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Монографияи Маъруф Раҷабӣ – «Сотим Улуғзода – абармарди набард ва андеша» бошад, асосан ба таҳаввули сабки нависандагии С. Улуғзода бахшида шуда, муҳаққиқ тавассути ҷамъбастҳои амиқу дақиқи илмӣ арзишҳои эстетикӣ ва иҷти-

моию тарбиявии осори бадеии адибро равшану возеҳ нишон додааст. Ба гуфти М. Раҷабӣ, асарҳои С. Улуғзода аз осори дигар адибони насли комсомол «ҳам бо баррасии ҳиссиёту тарсу хандаву ишқ аслан дар вуқӯънигорӣ, дар муайян кардани алоқаи инсон бо муҳит ва тасвири мутақобилаи онҳо қадами ҷиддие ба пеш буданд» [174, 166].

Дар рисолаи номзадии Бақоева Сайрам диди таърихии нависанда ва маҳорати ӯ зимни корбурди воқеаҳои таърихӣ асосан дар асарҳои драмавӣ ва кинодрамавии нависанда ба таҳқиқ омада, таъкид мегардад, ки худи давраҳои зиндагии адиб таваҷҷуҳи ӯро ба таърихи халқи тоҷик афзудааст. Бинобар ин, «ба ягон нависандаи муосири тоҷик муяссар нагардидааст, ки мисли С. Улуғзода таърих ва тақдири шахсиятҳои таърихии асрҳои гузаштаро ба ин андоза амиқу муфассал ба тасвир гирифта бошад. Тафаккури ба худ хоси таърихӣ ба ӯ ин имкониятро дод, ки усули хосаи таърихии тасвирро ба вуҷуд оварда такмил диҳад» [60, 18].

Соли 2010 рисолаи Сайрам Бақозода низ зери унвони «Ҳикмати таърих ва шинохти бадеии он» нашр шуд, ки дар он ба нуқтаҳои умдатарини таърихияти осори С. Улуғзода изҳори назар шудааст. Адабиётшинос кӯшиш намудааст, ки давраҳои чӣ гуна фароҳам омадани асарҳои таърихии нависандаро таҳқиқ намояд [61, 106].

Асари таърихшинос М. Исоматов «Тоҷикон дар тасвири Сотим Улуғзода» ба таҳқиқи ҷанбаҳои таърихии повести «Ривояти суғдӣ» бахшида шудааст. Принсипи бо далелҳои таърихӣ асосёфтаи таҳқиқ ба муҳаққиқ имконият додааст, ки асосҳои таърихӣ ва воқеии повестро возеҳу равшан ошкор созад: «Дар тору пуди қисса факт, ривоятҳо, лавҳаю манзараи дақиқи таърихӣ, характеристикаҳо, санаднокии иҷтимоию сиёсӣ бештар вомехӯранд ва нависанда бисёр мавридҳо тафаккури бадеии таърихӣ ва тасаввури халқро дар тасвир нигоҳ доштааст» [115, 101].

Муҳаққиқ Ҷамилаи Мурувватиён дар таҳқиқоти хеш ба ҷанбаи филологии романи «Фирдавсӣ» таваҷҷуҳ намуда, бо

ҳамин дар адабиётшиносии тоҷик истилоҳи нав – романи филологӣ ё насри филологиро ворид менамояд. Номбурда бар он аст, ки: «Меъёри асосие, ки тавассути он мо романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзодаро ба романи филологӣ мутааллиқ донистем, ин аст: қаҳрамони асосӣ – филолог; асоси сужет – касби вай; ҷараёни эҷодиро нависанда, муҳаққиқи суханшинос дар алоқамандии эҷоди бадеӣ ва ҷустуҷӯҳои илмӣ ба таҳлилу таҳқиқ гирифтааст» [146, 26].

Аз «Драматургияи Сотим Улуғзода» ном асари Алиҷон Чориев бармеояд, ки нависанда фаъолияти эҷодии худро аз тарҷумаи бадеӣ оғоз намуда, адабиёти тоҷикро бо асарҳои драматургӣ, насрӣ ва публитсистии худ басо ғанӣ гардондааст. Вале мавқеи адиб дар адабиёти тоҷик, пеш аз ҳама, дар насри таърихӣ ба назар мерасад, ки он таҳлилу таҳқиқи комплексиро тақозо дошта, воситаи муҳимми ошкор сохтани аҳамияти эстетикӣ ва иҷтимоии асарҳои бадеӣ ба шумор меравад. Ҳамин самти фаъолияти эҷодии С. Улуғзода дар асари профессор Усмонҷон Ғаффоров низ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаррих таъкид мекунад, ки «Сотим Улуғзода дар офаридани асарҳои насрӣ шогирд ва пайрави С. Айнӣ буд ва баъди ӯ насри муосири тоҷикро ба қуллаҳои баланд баровард» [90,382].

Ҳаёт ва эҷодиёти Сотим Улуғзода минбаъд низ таваҷҷуҳи адабиётшиносони хориҷӣ , пеш аз ҳама, мутахассисони русро ба худ ҷалб намудааст. Баробари ба забони русӣ ба табъ расидани «Навобод» (бо номи «Обновленная земля» дар тарҷумаи А. Тихонова, А. Ефимов, соли 1953), «Ривояти суғдӣ» (бо номи «Согдийская легенда» дар тарҷумаи А. Борщаговский, соли 1987), «Восеъ» (бо номи «Восе» дар тарҷумаи П. Лукнитский, соли 1976) адабиётшиносон ва суханварони Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла В. Попов [173], А. Боршаговский [73] ва «Таърихи адабиёти сермиллати советӣ» [116] ба таҳлилу таҳқиқи осори С. Улуғзода пардохта, ба он баҳои баланд додаанд. Масалан, А. Боршаговский дар сарсухан ба чопи русии повести «Ривоя-

ти суғдӣ» гуфтааст: «Тамоми эҷодиёти С. Улуғзодаро дар давраи принсипи таърихият бояд баррасӣ кард… Ӯ бо роҳи норӯшану душвор равон гардида, ҳар чизи имконпазирро бо як тасвири ҷонбахшу воқеӣ ба қалам медиҳад, ки ин ҳама тасвирҳо ифодагари воқеият ва рӯҳу равони мардум буда, образҳои барҷастаро рӯйи кор овардааст» [73, 4].

Аз «Сотим Улуғзода» ном мақолаҳои И. С. Брагинский [74] ва ҷилди 44-уми китоби бисёрҷилдаи «Большая советская энциклопедия» [71] бармеояд, ки осори ғановатманди ин нависандаи тоҷик ба дигар забонҳои халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қисман тарҷума шуда, мавриди омӯзиш ва баррасии мутахассисону алоқамандон қарор гирифтааст.

Осори С. Улуғзода ҳамчунин ба чанде аз забонҳои халқҳои Аврупо, чун булғорӣ, чехӣ, руминӣ, лаҳистонӣ, олмонӣ, англисӣ, дар шакли китобҳои алоҳида ё порчаҳои интихобӣ ба табъ расидаанд [64].

Оид ба муаррифии зиндагинома ва осори С. Улуғзода дар хориҷи Тоҷикистон мулоҳиза ронда, махсусан хизмати бедареғи мусташриқи барҷастаи чех Иржи Бечкаро қайд кардан лозим мешавад. Номбурда ба китоби «Субҳи ҷавонии мо» тақриз навиштааст. Ҳамчунин, дар асари таҳқиқотии «Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон» [67] оид ба насри С. Улуғзода маълумоти муфид медиҳад. Ин китоб ба чандин забони аврупоӣ ва забони форсӣ тарҷума шудааст ва яке аз асарҳое мебошад, ки С. Улуғзодаро чун нависанда дар Ҷумҳурии Исломии Эрон муаррифӣ кардааст. Баъд аз ба даст омадани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон робитаҳои адабии ҷумҳурии мо ба ҷумҳуриҳои Эрон ва Афғонистон гусутурда гардид ва чи хеле ки аз китобҳои Алиасғари Шеърдӯст «Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон» [250], ҷилди якуми «Донишномаи адаби форсӣ» [97] ва мақолаи олим ва шоири Афғонистон Гулпоччои Улфат [115] бармеояд, эҷодиёти С. Улуғзода дар ин мамлакатҳо таваҷҷуҳи мутахассисон ва оммаи хонандагонро ба худ зиёда ҷалб намудааст.

Рисолаи мазкур таҳлилу таҳқиқи муфассали насри таърихии С. Улуғзода, махсусан омӯзиши комплексии се асари нависанда – «Ривояти суғдӣ» (1975), «Восеъ» (1967) ва «Фирдавсӣ» (1988)-ро фаро мегирад. Ба таҳқиқ гирифтани хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва услубии повест ва романҳои таърихии нависанда, муайян кардани муносибати принсипҳои таърихӣ ва бадеӣ дар офаридани симоҳои шахсиятҳои барҷастаи воқеӣ ва ба ин восита нишон додани мақоми волои адиб дар таҷассуми воқеаҳои таърихи халқи тоҷик дар асари бадеӣ аз вазифаҳои умдаи адабиётшиносии тоҷик дар замони истиқлолияти Тоҷикистон ба шумор меравад.

Сотим Улуғзода аз адибони навовару хушсалиқа ва соҳибсабки тоҷик аст, ки тайи ҳафт даҳсола хазинаи адабиёти миллиро боғановату шукӯҳманд гардонидааст. Фаъолияти С. Улуғзода асосан аз тарҷума маншаъ гирифта, тавассути офариниши осори бадеии таърихӣ ва саҳнавӣ мароҳили камолот паймудааст.

Дар аҳди шӯравӣ бо сабабҳои маълум асолати ҳунарию санъати эҷодии ин адиби забардаст баҳои воқеӣ гирифта натавонист. Мафкураи ҳоким бо ғаразҳои субъективӣ ва сиёсӣ адиберо, ки бо тамоми ҳастӣ идеологияи ҳукмронро дастгирӣ менамуд, аз сафи худ барканор кард.

Иттилооти комил аз сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва фарҳанги мардуми тоҷик, муҳаббату арҷгузорӣ ба забони адабии тоҷик ва иқтидори таърихии он ва истеъдоди фитрии ҳунари нигорандагӣ ба нависанда имконият доданд, ки дар андак муддат давраи ҷустуҷӯҳои эҷодиро паси сар карда, соҳиби услуби хоси эҷодӣ гардад.

Ҷустуҷӯҳои адабии Сотим Улуғзода, пеш аз ҳама, дар соҳаи насри адабӣ, ки дар адабиёти форсу тоҷик таърихи қадима ва навъҳои гуногун дорад, ба назар мерасад. Донишмандони назарияпардоз, аз ҷумла Ҳусайни Хатибӣ, Маликушшуаро Баҳор, Сируси Шамисо, Раҳим Мусулмонқулов, Худоӣ Шарифов, Носирҷон Салимов, Низомиддин Зоҳидов ва дигарон

навъҳои насрро ***насри мурсал ё сода ва ё мутлақ***, ***насри фаннӣ ё таълифӣ, насри мусаҷҷаъ*** ном бурда, насри адабии воҳидро ба қиматҳои насри адабӣ-илмӣ, насри адабӣ-таърихӣ, насри адабӣ-мазҳабӣ ва тасаввуфӣ-ирфонӣ, насри адабӣ-бадеӣ ё ҳунарӣ ҷудо намудаанд. Давраҳои таърихӣ ва масъалаҳои марзӣ низ боиси тағйироти овӣ ва услубии насри форсу тоҷик гардидаанд.

Ҳанӯз аз нимаи дувуми асри XIX ва махсусан аз ибтидои асри XX шароити нави таърихӣ муносибати насри адабии тоҷикро бо ҳаёти иҷтимоӣ қавӣ намуд, ки ин ҳолат боиси рушду нумуи насри таърихӣ гардида, усули воқеии таълиф -- методи реалистӣ дар он тасаллут пайдо кард. Дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бошад, таълифи насри таърихӣ, чун «Девори Хуросон» (1999)-и Муҳаммадзамони Солеҳ, «Ҳафт рӯъё» (2001)-и Юсуфҷон Аҳмадзода, «Достони писари Худо» (2000)-и Сорбон, «Куруши Кабир» (2006)-и Бароти Абдурраҳмон, «Васвасаи дунё» (2004)-и Аброри Зоҳир, ба маротиб зиёд шуд, ки ин падида аз равнақи масъалаҳои худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар насри тоҷик дарак медиҳад.

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941 – 1945) ва солҳои баъди Ҷанги Ватанӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, тағйироти муҳим ба вуқуъ пайваст. Ин тағйироти муҳити сиёсии мамлакат адибонро водор намуд, ки ба арзишҳои миллӣ рӯ оваранд. С. Улуғзода, ки ҳанӯз аз давраи дар Дорулмуаллимини Тошканд, мувофиқи таъкиди профессор М. С. Андреев ба омӯхтани таърихи халқи худ камар баста буд, аз солҳои 60-уми садаи XX ба таълифи асарҳои насрии таърихӣ шурӯъ мекунад ва таҷрибаи хуби зиндагӣ ба ӯ имконият доданд, ки дар насри тоҷик барҷастатарин асарҳои таърихӣ чун қиссаи «Ривояти суғдӣ», романҳои «Восеъ» ва «Фирдавсӣ»-ро офарад.

Ба таърихи халқ рӯ овардани С. Улуғзода сабабҳои айнӣ ва зеҳнӣ дошт. Таърихият, хоҳ миллӣ бошад ва хоҳ умумиба-

шарӣ, хазинаи зеҳнии инсон, ҳофизаи мустанади башар аст. Аз ин рӯ, таърихият масъулияти маърифатии инсонро таҳким бахшида, шахсиятро водор месозад, ки барои таҳқиқи қиёсии он сидқан омода бошад. Хосса коргирӣ аз таърихи миллӣ дар эҷоди бадеъ ба ҷанбаҳои таърих эҳдо намудани ҳунар аст ва ё дар мантиқи одии ифода, тасвири адабию ҳунарии таърих дар перояи музайяни каломи бадеъ аст, ки он на ба ҳар кас даст медиҳад. Адибе, ки ин тамоюлоти мавзӯиро баргузидааст, ғолибан ба раванди пайдарҳами асноду далоил, ҳуҷҷату бурҳон, ҳаводису воқеоти рӯзгори миллат тӯли қарнҳо ва масири таърих сару кор дорад. Онҳоро аз нигоҳи таърих, тартиби таърихӣ, тавъам бо ҳақиқати бадеӣ омезиш медиҳад, сипас таҳқиқи қиёсӣ сомон дода ба шахсияту симоҳо, арзишҳо ва образу типҳо рӯ меорад. Устод С. Улуғзода аз уҳдаи ин масъулият баромада, тавонист ба қалбҳо ва зеҳнияти инсонҳо роҳ ҷӯяд ва маҳбубияту мақбулияти нотакрор касб намояд.

С. Улуғзода дар адабиёти аҳди шӯравии тоҷик пас аз устод С. Айнӣ дуюмин адиби забардаст аст, ки ба таърихи миллати худ ҷиддан рӯ овардааст. Ӯ танҳо дар эҷоди «Ривояти суғдӣ» аз 10 сарчашмаи дараҷаи аввал, чун асарҳои Имом Табарӣ, Ал-Балозӯрӣ, Ибни Аъсами Кӯфӣ, Наршахӣ, Ал-Истахрӣ, Абӯрайҳони Берунӣ ва дигарон кор гирифтааст. Интихоби мавзӯъ, офариниши симоҳо, низоъсозӣ, бархӯрдҳо, баҳсу муҳоваракҳо, дифоъ ва ҳақиқат, офариниши портретҳои зоҳирӣ ва ифшои сурату симоҳо, тасвирҳои равонӣ ва ғайра дар «Ривояти суғдӣ» басо мӯшикофона ва ҷаззобу ҷолиб, бо забони фасеҳу балеғ рӯйи кор омада асарро дилчаспу хотирмон кардаанд. Ин аст, ки асар дар адабиётшиносии тоҷик дар як муддати кӯтоҳ истиқболи зиёд пайдо кард ва таваҷҷуҳи донишмандони ватанӣ М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Набиев, М. Исоматов, Қ. Восеъ, В. Асрорӣ, М. Зайниддинов ва С. А. Бақоеваро ҷалб намуд.

Аз баҳсҳои доир ба «Ривояти суғдӣ» суратгирифта хидмати нависанда тавъам бо донишу маҳорат, истеъдоду малака ва

табъу тавонаш пеши назар меояд. Хусусан, адиб симоҳои марказӣ ва шахсиятҳои сарсупурдаи миллиро дар иртибот ба ҷараёни таърих ва корномаи миллат басо хотирмону ҷолиб офарида тавонистааст. Аз сӯйи дигар, унвони асар («Ривояти суғдӣ») муҳтавои онро комилан мунъакис месозад, зеро онро метавон нақле аз рӯзгори миллат дар давраи муайяни таърих гуфт.

Чун мавзӯи асар таърихист, пас адиб бо сарчашмаҳои дараҷаи аввали таърихӣ рӯ овардааст ва аз онҳо тасвирҳои ҷолиби таърихӣ офарида, аз психологизми миллӣ низ хуб кор гирифтааст, ки ин ҳама ҷанбаҳои илмии асари бадеиро тавлид намудааст ва кашфи он ба фаъолияти адабиётшиносон ва илми адабиётшиносӣ мутааллиқ аст.

Таълифи қиссаи «Ривояти суғдӣ» дар адабиёти аҳди шӯравии тоҷик як бозёфти адабии нодир маҳсуб мешавад, ки ба нависандаи забардаст С. Улуғзода муяссар шудааст ва ин асар аз ҷониби хонандаи тоҷик бо хушнудӣ пазируфта шуда ва номи муаллифи онро маҳбубтару машҳуртар намуд.

Халқи тоҷик дар муддати дуру дарози таърихи мавҷудияти худ барои озодӣ, истиқлолият ба аҷнабиёни истилогар ва ғосибони дохилӣ муборизаи беамон бурда, саҳифаҳои дурахшони таърихиро ба вуҷуд овардааст. Кӯшиш ва муборизаҳои бошарафонаи аҷдоди баруманди тоҷик, аз ҷумла шӯриши кӯҳистониёни тоҷик дар адабиёти шифоҳиву хаттӣ басо возеҳу равшан инъикос ёфтаанд. Корномаи Восеъ агар дар адабиёти шифоҳӣ аз охирҳои асри XIX пайдо шуда бошад, пас дар адабиёти хаттӣ аз нимаи аввалҳои асри XX ба назар мерасад ва ҷолиб аст, ки аввалин маротиба дар драматургия мавқеъ пайдо мекунад. Баъдтар симои Восеъ дар шеърҳои алоҳида низ мавриди тасвир қарор мегирад.

Вале нақши Восеъ дар насри бадеӣ маҳз дар нимаи дувуми солҳои шастум ба вуқӯъ пайваст ва ин образ якбора мавзӯи жанри калони эпикӣ – роман қарор гирифт. Устод Улуғзода, ки то солҳои 60-ум дар офаридани асарҳои таърихӣ таҷрибаи зиёде андӯхта буд, ба офариниши симои муборизи Восеъ иқдом

намуд ва бо ҳамин костагии насри таърихии тоҷикро як андоза бартараф намуд.

Мутолиа кардан, омӯхтан ва ба таҳқиқ гирифтани нақши Восеи диловар, ки баҳри озодию истиқлолияти халқу Ватанаш ҷонбозиҳо кардааст, дар давраи Тоҷикистони соҳибистиқлол ниҳоят зарур аст ва он дорои аҳамияти калони эстетикӣ ва маърифатию тарбиявӣ мебошад. Махсусан зиндагӣ, муносибату муомила ва корномаи Восеи диловар барои ҷавонон, хонандагони синни калони мактабию донишҷӯён намунаи барҷастаи ибрат ва омӯзиш мебошад. Дар замони истиқлолияти Тоҷикистон, вақте ки ба ҷавонон дар хусуси таърихи бою қадима ва фарҳанги волои худ ҳарчи бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур мешавад, корномаи Восеъ намунаи барҷастаи сарбаландӣ, сарфарозӣ ва озодихоҳию адолатписандӣ мебошад.

Дар ин таҳқиқот вобаста ба корномаи ин симои таърихӣ ва арзишҳои таърихию иҷтимоии ин ҷунбиши халқӣ баҳс ба миён оварда шуд ва ин баҳс, пеш аз ҳама, сари масъалаи авзои таърихӣ-сиёсии рӯзгори халқи тоҷик дар охирҳои таназзули феоализм сурат гирифт. Хусусан рӯзгори мардуми тоҷик дар охирҳои асри Х1Х дар қисматҳои ҷанубу шарқии Бухоро ҳадафи пажӯҳиш то ба андозае қарор дошт. Зеро бе фикандани равшанӣ ба ин масъала баҳои воқеӣ додан ба ин ҷунбиши таърихии халқ дар он рӯзгорон номумкин аст. Аз тарафи дигар, тақозои таърих зуҳуроти хоси худи таърих аст ва падидаҳои пешомадаро метавон тақозои таърих ва дархости замон донист. Маҳз ҳамин қонунмандии таърихӣ симоҳо, шахсиятҳо, типҳо, образҳоро ба арсаи ҳаёт меорад, ки шинохтани онҳо, донистану омӯхтани онҳо, қадршиносии онҳо донистани таърих ва фарҳанги миллӣ низ ба шумор меравад.

Авзои таърихию сиёсии нимаи дуюми асри Х1Х дар ҳаёти халқи тоҷик саҳифаи тозаи дигареро боз намудааст. Аз нигоҳи таърих ин давра барои халқи тоҷик хеле муҳим ва сарнавиштсоз буд ва аз ин рӯ, ҷараёни ҷунбишҳои нави миллиро тавлид намуд. Ин ҷунбишҳо на танҳо дар марказҳои сиёсӣ, маъмурӣ,

дар шаҳрҳову тумани вилоятҳо, балки дар деҳоту қасабаҳо, қишлоқу рустоҳо низ тадриҷан мавҷ мезад. Ин мавҷ ва ин маҷроҳо туғён гирифта баъзан то ба андозае пеши роҳи ноадолатиҳо, нотавонбиниҳо, золимиҳову бедодгариҳо, бесарусомониҳову печидагиҳои зиндагиро гирифтаанд. Андаке бошад ҳам зимомдоронро ҳушёр сохтаанд, то ки нисбат ба мардуми меҳнатӣ заррае роҳи адолату шафқатро пеш бигиранд.

Яке аз чунин рӯйдодҳои таърихӣ ҷунбиши халқӣ дар қаламрави Хатлонзамин бо роҳбарии Восеъ буд. Ин ҷунбиши халқӣ дар як муддати кӯтоҳ пояи пӯсидаи аморати Бухороро дар он рӯзгор ба ларза овард. Ин муқовимати халқ ба шикаст мувоҷеҳ шуда бошад ҳам, барои беҳбудии рӯзгори мардумони одии заҳматқарину меҳнаткаш аз аҳамият холӣ набуд. Ин буд, ки корномаи Восеъ ва ҳамфикрону ҳамкорони ӯ дар таърихи миллат, барои халқ ҳамчун ёдномаи рӯзгорони тира боқӣ монд. Халқ он рӯйдоди дардолуди таърихиро дар захираи зеҳнии худ абадан ҳифз хоҳад кард. Корномаи Восеъ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ дар саҳифаҳои дурахшону ҷовидонаи таърихи миллат инъикос ёфт. Ҳамчун падидаи таърихӣ арзиш касб намуд. Яъне арзиши таърихии он ҳамчун зуҳуроти таърихӣ ва иҷтимоӣ ва таърихи халқу миллат ворид гардид.

Пас аз он ба тафаккури бадеии худи халқ раҳ ёфт. Халқ ҳамчун эҷодкори таърих муносибати худро ба ин падидаи сиёсӣ-иҷтимоӣ изҳор намуд. Хонанда аз фарҳанги миллат ҳангоми муаррифӣ бо он падида, ғизои маънавӣ мегирад, мутаассир мешавад ва ин мутаассиршавӣ боиси худшиносии ӯ низ мегардад.

Баъд аз он падидаи мазкур ба осори бадеии касбӣ гузашт, ки ниҳоят муҳим ва арзишманд мебошад. Зеро адибону олимон мафкурабардорони халқу миллати хешанд. Ин ҷунбиши мардумӣ ҳамчун зуҳуроти адолатхоҳӣ ва таҳкимбахши беҳбудиҳо ба рӯзгори халқ дар эҷоди сухангустарону адибон бо ду роҳ: яке дар осори драмавӣ ё худ асарҳои саҳнавӣ рӯйи кор омадааст, дигаре дар асрҳои бадеии назмӣ ва насрии адибони тоҷик роҳ ҷустааст, ки албатта, арзиши адабӣ-эстетикӣ касб намуда-

ни рӯйдодҳои таърихӣ ва симоҳои ҷудогонаи таърихӣ низ мебошад. Дар ин таҳқиқот оид ба инъикоси шӯриши Восеъ дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии тоҷик басо муфассал сухан рафта, моҳияти мундариҷавӣ ва бадеии осори ба ин шӯриш ва пешвои он бахшида таъкид ёфтааст. Дарки бадеӣ ва арзишҳои миллии ин осор барои хонандаи имрӯзи тоҷик, ки дар марҳалаи ҷаҳонишавии тамаддунҳо қарор доранд, ниҳоят зарур аст. Тасвири бадеии корномаи Восеъ ва ёрони ӯ дар драматургия ва назми тоҷик, ки аз солҳои 20-уми садаи XX ин ҷониб давом доранд, гувоҳ бар онанд, ки дар адабиёти давраи нави тоҷик ғояҳои истиқлолиятхоҳӣ, адолатталабӣ ва ҳимояи марзу буми миллӣ тақвият ёфтааст.

Саволе ба миён меояд, ки кадоме аз эҷодкорон дар тасвиру инъикоси ин ҷунбиши таърихӣ ва офаридани нақши пешвои шӯриш – Восеъ муваффақияти бештареро соҳиб шудаанд? Ҳангоми шиносоӣ бо осори бадеии манзум ва мансури ба мавзӯи мазкур бахшидашуда мо ба чунин натиҷа низ расидем, ки дар ин ҷода Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода гӯйи саодат аз пеши кулли адибон бурдааст. Асрори комёбӣ ва мояи муваффақияти ин адиби тавоно дар чист?! Ба назари мо, асрори эҷодӣ ва сабаби комёбиҳои Сотим Улуғзода дар таълифи романи «Восеъ», пеш аз ҳама, дар истеъдоди волои адиб, донишу маҳорат ва малакаи эҷодии адиб, таҷрибаи андӯхтаи ӯ то оғози солҳои 60-уми асри гузашта буд.

Аз тарафи дигар, донистани фарҳанги миллӣ, таърихи халқ, адабиёти пурғановату куҳанбунёд, дар ҳамин поя иттилооти комил аз сарчашмаҳои адабиии асримиёнагӣ, осори фаровони таърихнигорон низ мебошад. Ин омилҳо комилан имкон доданд, ки Сотим Улуғзода на танҳо дар қаламрави диёри хешу ҳаммиллатон, балки дар хориҷ аз он низ иштиҳори беҳудуд пайдо намояд. Аз ин рӯ, романи ӯ дар пояи баланди таълифи адабӣ-бадеӣ, мавзӯи таърихӣ ва санъату ҳунари эҷодӣ қарордошта, дар ҷодаи худшиносии миллӣ дар ҷойи аввал меистад.

Сотим Улуғзода баъди ба анҷом расонидани романи «Восеъ» таҳдқиқи бадеиро оид ба шӯриши Восеъ идома медиҳад ва соли 1971 асари саҳнавии «Восеъ»-ро пешкаши хонанда мегардонад. Ин ҳолат ба беш аз пеш тақвият ёфтани услуби эҷодии нависанда, ки ҳар мавзӯъро дар шаклҳои мақолаҳои илмӣ-публитсистӣ, осори насрӣ ва намоишномаҳо манзури хонанда мегардонад, ишора мекунад. Усули зина ба зина, дар шаклу ҷинсҳои барҷастаи таърихӣ дар мисоли Абулқосими Фирдавсӣ равшану возеҳ ба назар мерасад. Мақолаи дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) оид ба Фирдавсӣ навишта ва «Достонҳои «Шоҳнома» (1976, 1977) вазифаи тайёрӣ ба навиштани романи «Фирдавсӣ»-ро ба ҷо оварданд.

Масъулияти эҷодкории С. Улуғзода баланд аст, ки ин ҳолат, алалхусус, аз муқоисаи матнҳои маҷаллавӣ ва китобии романи «Фирдавсӣ» равшан мегардад. Махсусан, образҳои асосии асар – Фирдавсӣ, Абӯдулаф, Ҳамдуллоҳи Найсонӣ дар матни китобӣ хеле такмил ёфтаанд. Инчунин таҳрироти нависанда бандубаст ва сужети асарро низ такмил додааст.

Дар романи «Фирдавсӣ» тасвири муҳити оила, фарҳанги оиладорӣ ва масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд мавқеи алоҳида дорад ва муҳтавои ин тасвирро усули муколама барҷаста ифода мекунад. Фирдавсӣ дар ин муколамаҳо чун шавҳари меҳрубон нисбат ба Фотимабону ва падари ғамхору масъулиятшинос нисбат ба фарзандон – Ҳушанг ва Манижа ба назар мерасад. Аз тасвири нависанда муҳити оилавии Фирдавсӣ чун масъалаи муҳимми иҷтимоӣ дар ҳама давру замон ба назар мерасад.

Ҳар боби романи «Фирдавсӣ» як масъалаи муҳимми иҷтимоӣ ва фарҳангиро дарбар кардааст. Дар боби «Мубоҳиса» забони миллӣ ва таъмин намудани рушду нумуи он ба миён гузошта шудааст. Шоир, дар тасвири С. Улуғзода, бонии забони миллӣ аст, онро аз забони арабӣ кам намедонад ва чун ашъори Рӯдакиву Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ дар мисоли «Шоҳнома» кохе бунёд кардааст, ки забони миллиро дар дарозои таърих аз

аҷнабиёни истилогар чун сипар нигоҳдорӣ мекунад. Маҳз ҳамин асарҳои оламшумули бадеию илмӣ буд, ки забони тоҷикӣ бо ҳама назокату фасоҳаташ то замони мо омада расид.

Романи «Фирдавсӣ» аз шоҳкориҳои С. Улуғзода дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX мебошад. Бунёди конфликти воқеоти тасвиршаванда дар роман низои шоир ва шоҳ аст. Ин тарзи низоъсозӣ умуман дар адабиёт падидаи нав, иқдоми тоза буд, зеро чунин тарзи низоъсозӣ ҳатто тобеи асри Фирдавсӣ нест, балки паҳнои бемаҳдуд дорад. Аз тарафи дигар, бархӯрди сиёсат бо ҳунари воло, санъати асил низ мавқеи ба худ хос касб кардааст. Аз ин нуқтаи назар, маърифати ин масъалаи мураккаб ва басо печида, ки даҳ аср боз муаллақ истода буд, дар романи «Фирдавсӣ» роҳи ҳалли худро пайдо намуд ва беҳуда ҳам нест, ки ин асар дар мамлакате, ки сарзамини шеъру шоирхез, гаҳвораи адабиёти форсизабонони олам – Эрон китоби сол дониста шуд. Китоби сол донистани романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода эътироф ва пазироии санъати асил, донишу маҳорат, истеъдоду ҳунари адиби тоҷик аст, ки ин на танҳо шарафи худи адиб, беш аз он ифтихори халқ ва миллати ӯ низ мебошад.

С. Улуғзода тӯли фаъолияти хеш оид ба саргузашти чаҳор тан саромадони сухангустарӣ ва илм, ҳунар ва фарҳанги миллӣ, чаҳор фоҷеаи миллӣ таълиф намудааст, ки то кунун на дар кишвари мо ва на дар хориҷ аз диёри мо ҳамто ё худ ҳампанҷа пайдо накардаанд. Фоҷеаҳои Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Ибни Сино ва Аҳмади Донишро, ки ҳар кадом аз бузургтарин симоҳои миллӣ дар арсаи фарҳанг, илм, ҳунар ва шахсиятҳои баруманд ва симоҳои бемонанди таърихи халқи хешанд. Албатта, халқ, миллат чунин фарзандони баруманди хешро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад ва нахоҳад кард. Хидмати С. Улуғзода боз аз он иборат аст, ки ӯ бо тафаккури воло, истеъдоди фитрӣ ва бо коргирӣ аз ҳофизаи боғановати таърихӣ симоҳои фавқуззикри миллиро ба миллати худ ва ба ҷаҳониён шиносонида тавонист ва аз уҳдаи он комилан баромад.

Мо натиҷагирии худро аз фаслҳои офариниши чеҳраҳои таърихии қаҳрамонон, симоҳои фарҳангу илм ва то андозае дар хусуси фаъолияти мутарҷимии С. Улуғзода, ки соҳаи мазкур низ як бахши ниҳоят пурарзиши эҷодиёти адиб мебошад, изҳори назар намудем. Дар баробари ин гуфтан месазад, ки шахсият, камолоти эҷодӣ, маҳорати суханварӣ ва ҳунари образофарии адиби маъруф Сотим Улуғзода ҳанӯз ҳам омӯхтанӣ ва сазовори таҳқиқу баррасии амиқу густурда аст.

С. Улуғзода дар асарҳои таърихиаш, аз ҷумла дар романи «Фирдавсӣ», аз воқеаҳои таърихӣ дур нарафтааст. Ҳатто ҳангоми офаридани санаҳои тахайюлӣ низ бо далелҳо аз асарҳои таърихию бадеӣ истинод мекунад. Аз рӯйи ҳамин принсип ҳаҷвияи дар ҳаққи Султон Маҳмудро таълифи Фирдавсӣ шумурда муносибати шоирро ба ҷараёнҳои мазҳабии давр муайян менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлилу таҳқиқи комплексӣ ва густурдаи насри таърихии «Ривояти суғдӣ», «Восеъ» ва «Фирдавсӣ» собит менамояд, ки дар адабиёти давраи нави тоҷик адибе, ки баъди устод С. Айнӣ дар инъикоси бадеии ҳақиқати таърихӣ дар пояи Сотим Улуғзода қарор нагирифтааст. Андеша ва мулоҳизаҳои фарогир оид ба муҳимтарин рӯйдодҳои миллӣ ба нависанда имконият додаанд, ки аз усулҳои гуногуни тасвири реалистӣ бо маҳорат истифода карда, тавассути сужет ва образҳои асосӣ тақдири таърихӣ, зиндагии иҷтимоӣ ва фарҳанги волои халқи тоҷикро дар асрҳои миёна ба таври амиқу равшан ба намоиш гузорад ва бо ҳамин ҷомеаро дар шароити нави таърихӣ дар рӯҳи ифтихори миллӣ, масъулияти ватандорӣ ва пос доштани забону фарҳанги миллӣ тарбия намояд.

*Сироҷиддини Эмомалӣ,*
*доктори илмҳои филологӣ,*
*профессор*

# БОБИ АВВАЛ

Ду–се сол инҷониб андешаи рӯзу шаби Мирзоакрамбой ин буд, ки чи навъ карда мансаби аз даст рафтаашро ба худ бозгардонад. Бой дар деҳаи Бӯстони тобеи тумани Ғиждувон мезист. Ӯро Мирзои Қорӣ ҳам мегуфтанд, зеро дар ҷавонӣ камтар ба қоригӣ ҳам хонда буд.

Мардак дувоздаҳ сол ба навбат дар чандин тумани Бухоро амлокдорӣ карда омад. Дафъаи охир амлокдори Ғиждувон буд. Чун аз мансаб фуромад, якбора худро монанди мусофире, ки дуздон маркабашро ба ғорат бурда дар биёбон пиёдааш гузошта бошанд, ҳис кард. Ӯ бо ҳамроҳии мансаб дусад ҳазор тангаи накдашро ҳам аз даст дода, аз ин ваҷҳ аламаш боз ҳам дарднок ва тоқатфарсо гардида буд.

Воқеа чунин аст: аз ин се сол пеш Тӯраҷон – ҳокими Кармина Абдулаҳадхон ба мақсади муборакбодии императори нави рус Александри Сеюм азми сафари Русия карду барои баровардани хароҷоти ин сафар ба аҳолии қаламрави худ бо номи «мирона» андози иловагӣ андохт. Амлокдорони туманҳо мебоист ҳар кадоме дусад–сесад ҳазор танга ҷамъ карда ба хазинаи ҳоким месупурданд. Муҳлати ҷамъоварии андоз хеле кӯтоҳ буд, баъзе амлокдорон ба ин амр расидагӣ карданд ва баъзе натавонистанд. Амлокдори Ғиждувон ҳам натавонист, бинобар ин ӯ қарор дод, ки «мирона»–ро аз пули шахсии худ ба ҳоким расонаду баъд онро аз халқ ғундошта гирад. Ӯ ҳамин тавр ҳам кард.

Баъди ба сафар рафтани амирзода амлокдор ба пулчинӣ иқдом намуда буд, ки ғиждувониҳо ғурру писи худро сар карданд, зеро аз он пештар андозҳои давлатиро базӯр адо карда, «дастмояҳошон ба ғалтак баромада» монда буд. Ғиждувониҳо, ки аслан бе ин ҳам худашон мардуми саркашу инодкор ба шумор мерафтанд, аз дасти амлокдори бемурувваташон ба амир шикоят карданд.

Амир Музаффархон дид, ки муроди Тӯраҷон ҳосил шуда, яъне маблағи даркорӣ ба дасти ӯ даромадааст, бинобар ин агар вай, яъне амир арзи ғиждувониҳоро қонеъ ва як нафар амлокдорро қурбон кунад, на фақат ҳеҷ зараре намекашад, балки дар байни халқ шуҳрати «филкуши мушпарвар»–ии худро зиёдатар мегардонад. Ӯ Мирзоакрамбойро аз чандин андози иловагӣ манъ ва аз мансаби амлокдорӣ маъзул кард. Нақл мекарданд, ки Музаффархон ба атрофиёни худ гуфтааст: «Агар пули амлокдор ба тӯра рафта бошад, боке нест, аздусар амлокдор он пулро аз роҳи ғоратгариву порахӯрӣ пайдо кардааст».

Воқеан ҳам амир мансабдорони мамлакаташро нағз мешинохт...

Мирзоакрамбой барои назари илтифоти Абдулаҳадхонро ба худ ҷалб карда, дубора соҳиби мансаб шудан, ба ҳар коре лозим бошад тайёр буд.

Ӯ шавҳари се зани никоҳӣ буда, аз зани сеюмаш як духтари сездаҳсола дошт. Духтар номаш Зебӣ бошад ҳам, худаш безеб буд. Бой ду зани ҷавонтарашро бо ҳар баҳона дошта мезад. Як баҳонаи ӯ ин буд, ки мегуфт: «Шумоҳо зан шуда ба ман ягон духтар ё писари баафту андом ҳам зоида надодед, ки имрӯз ба дардам хӯрад! Шумо қанчиқҳоро зада кушам ҳам боз ҳаққам меравад!» Аз калтаку саркӯбиҳо фақат зани калонии бой Ибодатпошо озод буд, зеро ӯ бибихалифа–бо хатту савод, зани солхӯрда, бонуи хонавода ва модари як писари ноқисулақл ва ду духтари аз Зебӣ ҳам бенуртаре буд, писар оиладор ва хонааш ҷудо, духтарон ҳам шӯйдор буданд. Ҳар гоҳ ки Зебӣ модари худро аз шаттаву шаллоқи падари бадҷаҳлаш халос карданӣ мешуд, падараш: «Гум шав, башараи хунукат дар гӯр!» гуфта духтаракро дур меронд ё ки ӯро ҳам мезад.

Маънии «Ба дардам хӯрад» гуфтани бойро занҳо нағз медонистанд: агар ӯ писаре ё духтаре «баафту андом» медошт, онҳоро мисли баъзе амалдорон ба ҳоким ё амир пешкаш карда соҳиби ҷоҳу мансабе мегардид...

Аммо агарчи Зебӣ бенур бошад ҳам, Мирзои Қорӣ дар фикри ба тӯраи валиаҳд пешкаш кардани ӯ афтод. Кӣ медонад, ба тӯра ҷавонӣ, тару тозагии духтарак писанд омада монад ҳам аҷаб не. Бой бо зани калонии худ маслиҳат андохт. Ӯро шӯяш ҳурмат менамуд ва маслиҳати рӯзгори худро ҳамеша бо ӯ мекард. Ибодатпошо, ки палонҷҳои худро, хусусан палонҷи хурдаш ва духтари ӯ Зебиро албатта нағз намедид, фикри шавҳарашро писандид. «Тӯраи валиаҳд ҳокими мо, соҳиби молу ҷони мо, ҳам соҳиби нангу номуси мо мебошад, – гуфт ӯ, – писару духтари худро ба ғуломӣ ё канизакии тӯрем[1] тортуқ[2] кардан гуноҳ нест».

Матлабро ба Рисолат–модари Зебӣ фаҳмониданд. Фаҳмониданду ба бало монданд. Ин занаки ошпазу нонпаз, духтари як мисгари камбағал, чӯрии хонадон, мутеъ ва фармонбардор, чунон доду фиғон бардошт, чунон шӯру ғавғое андохт, шавҳараш ва пошохонашро нахустин бор бо як ҷасорати ҳайратангез чунон ҳам «аз лой гирифта ба лой зад», ки онҳо аз гуфтаашон сад бор пушаймон гаштанд. Бой ӯро бо қамчин мезад, аз мӯяш гирифта кашола мекард, аммо Рисолати сарсахт дам намешуд, балки фарёд мекашид, ки: «Куш маро! Ё зиндаву зор дар гӯрам тиққону баъд духтарамро бурда ба ҳокимат тортуқ кун! Шумо шармандаҳо, беномусҳо, мансаб гуфта бачаҳотонро мефурӯшед, ҳатто духтарҳои нобoлиғатонро ба фоҳишагӣ медиҳед!!»...

Бой ва Ибодатпошо диданд, ки Зебиро то модараш зинда аст, қурбони мақсади разилонаи худ карда наметавонанд. Падари мансабҷӯй бо вуҷуди дилсахтӣ, золимӣ ва инодкории хуконаи худ маҷбур шуд, ки аз фикри ба Тӯра пешкаш кардани духтараш даргузарад.

Аммо ӯ аз фикри ҷоҳу мансаб намегузашт. Меандешид,

---

1. Тӯрем – тӯраам (ба лаҳҷаи Бухоро).
2. Тортуқ – пешкаш (калимаи туркӣ).

ки боз бо чӣ роҳе, воситае, тадбире дили ҳокимро ёбад, назари илтифоти ӯро ба худ ҷалб намояд.

Тӯраи валиаҳд ғайр аз кӯпкоритозӣ ва шикори бо шоҳин, бедонабозиро ҳам дӯст медошт. Мирзоакрамбой инро медонист.

Вай Кали Ашӯр ном қиморбозу бедонабози ғиждувониро мешинохт. Боре шунид, ки яке аз бедонаҳои Ашӯр дар ҷанги бедонаҳо даҳ ҳарифи худро гурезондааст. Ин хабар дар сари савдоии Мирзои Қорӣ як фикри ғалатиро тавлид кард, яъне ин ки: агар ӯ ҳамон бедонаи тезҷанги ҳанҷарнулро ба даст оварда ба тӯра пешкаш кунад, чӣ мешуда бошад? Шояд, ки бад-ин восита вай ба илтифоти ҳокимонаи тӯра мушарраф гардад?

Бой ба Ғиждувон рафта Кали Ашӯрро дар чойхонаи калони бозор ёфт. Ашӯр як остини чакмани сурхаш пӯшида ва остини дуюмаш нопӯшида, дар даруни остини пӯшидааш бедонаеро нигоҳ дошта, дар кат нишаста буд ва аз дасти поякӣ чилим мекашид. Бой аспашро нигоҳ дошта ба ӯ салом дод, Ашӯр аз ҷо бархоста кафи дасташро чапанвор бар сари синааш гузошта:

– Канӣ, бойамак, марҳамат, як пиёла чой, – гуфта, амлокдори собиқро ба фуромадан аз асп таклиф кард.

Бой фуромада бар лаби кат нишаст, марди поякӣ даррав ҷилави аспи ӯро гирифта ба дарахт баст. Бой аввал чилимро кашида фаввораи дуди онро аз даҳонаш бароварда кайфашро баҷо оварду баъд пиёлаи чои сабзро аз дасти Ашӯр гирифта ба гап даромад:

– Шунидам, Ашӯрбой, бедонаат ҳамаи бедонаҳои Ғиждувонро гурезондааст, муборак бошад.

– Қуллуқ[1], бойамак.

– Вай ҳамин бедона буд ё дигараш?

– Худи ҳамин, бойамак, – даст боло карда бедонаи даруни остинашро нишон дод Ашӯр.

---

[1]. Қуллуқ – ташаккур, изҳори миннатдорӣ.

Мирзои Қорӣ бедонаро ба дасташ гирифта бо ангуштонаш почаҳо ва нули онро санҷид.

– Ҷонваре, паҳлавон будааст! Аммо барои чӣ бедонаат интухин[1] лоғар? – гуфт бой, зеро ӯ то алҳол бедонаҳоро фақат барои кабоб карда хӯрдан мехарид ва гумон мекард, ки бедонаи ҷангӣ ҳам бояд фарбеҳ бошад.

– Ҳамту, бойамак. – Кали Ашӯр лабханд карда ба дил гузаронд, ки: «Аблаҳ, худатро ба ман бедонашинос нишон медиҳию балоро намедонӣ!»

– Агар ман ба ҳамин бедонаат харидор шавам, мефурӯшӣ? – якбора пурсид бой.

Бедонабоз ҳайрон шуд:

– Фурӯшам? Шумо бедонабоз набудед–ку, бойамак?

– Дар Кармина як ошно дорам, – бардурӯғ гуфт бой, – худаш аз калоншавандаҳо. Хоҳиш карда буд, ки «ба ман аз Ғиждувон як бедонаи нағзро савғотӣ биёр».

– Хуб, ин тавр бошад, савдо кунед, бойамак. Ман ин бедонаи ҷангараамро сад тилло диҳанд ҳам, намефурӯхтам–ку, модом ки шумо даҳан андохтед, майлаш, садқаи саратон, мефурӯшам.

Савдо карданд, Ашӯр як–ду гузашт карду аз сесад танга паст нафуромад. Мирзои Қорӣ, ки ба ёфтани дили тӯра ҷазм карда буд, кӯр шуда сесад тангаро бароварда, шумурда дод.

Кали айёр ба ҳар эҳтимол, агарчи дар шаҳри дигар – дар Кармина ҳам бошад, пайдо шудани рақиберо ба дигар бедонаҳои ҷангии худ намехост, ба илова ӯ дар дили худ Мирзоакрамбойро аз ваҷҳи бедонаношиносиаш ва аммо худро бедонашинос ба қалам доданаш масхара мекард, бинобар ин, бо истеҳзои пинҳонӣ ба ӯ чунин маслиҳат дод:

– Бедонаро аввал ягон ҳафта парвариш кунед, ки фарбеҳ шавад, бойамак, баъд ба ошнои карминагиатон савғотӣ баред.

---

[1]. Интухин – ин тавр (ба лаҳҷаи мардуми Бухоро).

– Ҳоло, албатта, ҳамин тавр мекунам, – қабул намуд Мирзои Қорӣ.

Дар ҳақиқат ӯ бедонаро дар қафас андохта ҳафт рӯз обу дона дод ва рӯзи ҳаштум онро гирифта ба Кармина равон шуд.

* * *

Абдулаҳадхон-тӯра аз шароби ноб сархуш дар базмҳои ӯрда бо ҳамроҳии дастаи созандаву сарояндагон танбӯр навохта, дилхушӣ карда нишаста буд, маҳрам даромада ба арз расонд, ки Мирзоакрамбойи бӯстонӣ ба хизмат омада-аст ва мехоҳад ба дидори муборaки Тӯра мушарраф ша-вад. Тӯра фармуд, ки бойро ба базмхона ворид намуданд. Ӯ қафаси бедонаро ба замин гузошта, дуқад шуда таъзим баҷо оварду рафта дасти Тӯраро гирифта чалап–чалап бӯсид.

– Тасаддуқ шавам, ин бедона дар Ғиждувон ба даҳ бе-донаи ҷангара зафар ёфтааст, ғуломашон инро ба тӯраам муносиб дида, аз соҳибаш харида овардам, ки шояд анда-ке ҳам бошад мӯҷиби дилхушии тӯраам шавад.

Навкари дӯстдошта ва шарики базмҳои хоссаи ҳоким – Яхшибек удайчӣ бедонаро аз қафас бароварда ба дасти тӯра дод. Тӯра мисли як бедонабози ботаҷриба тану тӯши онро дид, панҷаву минқорашро санҷиду тааҷҷуб карда гуфт:

– Ибӣ, ин аз фарбегӣ чарбӯ бастааст–ку, читу меҷан-гад?

– Тасаддуқ шавам, – тавозӯъкорона ҷавоб дод Мирзо-акрамбой, – вай чарбӯ не, ҳамааш рагу пай. Як ҷанг ан-дохта бинанд, ҳамаи бедонаҳои хоссаро нагурезонад, ҳисоб не.

Аҳадхон ба Қорӣ як нигоҳи сард афканд, ки аз тарс ди-ли Қорӣ таҳ зад. Ӯ ба чӣ ваҷҳ ин тавр нигоҳ кардани ҳокимро нафаҳмид, аммо ваҷҳ ин буд, ки «чарбӯ не, рагу пай» гуфтани ӯ ба нафси Аҳмадхон расида буд: наход, ки ӯ, яъне тӯра рагу пайро аз чарбӯ фарқ карда натавонад?

Тӯра ба хизматгори худ фармуд:

– Ҳоҷиқул, аз бедонаҳо якта зӯрашро биёр, як ҷанг андохта бинем канӣ.

Ҳоҷиқул аз бедонаҳои хосса якеро овард. Надимони тӯра ва созандаву сарояндагон канора гирифта миёни хонаро холӣ карданд, Яхшибек удайчии босавлати ришкалон, ки дар синну сол ба тӯраи бисту ҳафтсола падар шуда метавонист, бедонаи хоссаро гирифта дар пойгаҳ ва худи тӯра бо бедонаи «савғотӣ» дар пешгаҳ нишаста ҷонваронро ба ҷанг сар доданд. Бедонаи хосса бол афшонда, гардани худро ёзонда, нулашро ба тарафи ҳариф найзавор рост карда ҳамла намуд, бедонаи таърифии Мирзоакрамбой гурехта гирд–гирди давра мехиромид ва паноҳ меҷуст. Ҳама диданд, ки вай ҳеҷ майли ҷангидан надорад ва сулҳ мехоҳад. Аввал тӯра ва баъд ҳамаи ҳозирон, ғайр аз Мирзоакрамбойи мулзами ба тарсу ҳарос афтода, қоҳ–қоҳ хандиданд. Қаҳ–қаҳа гӯё сангбороне буд, ки ба сари Мирзоакрамбойи бечора мерехт. Аз шиддати ханда чашмони тӯра ашк бароварданд, ӯ ашки чашмонашро пок карда, Мирзоакрамбойро масхаракунон мегуфт:

– Э намурӣ ту, Қорӣ! Э бедонаат рагу пояш катӣ аз сарат монад!...

Баъд ӯ барои дилхушӣ Қориро фармуд, ки бо Ҳоҷиқул дуяшон бедонавор ҷанг кунанд. Ҳоҷиқул, ки зоҳиран ба ин навъ шӯхиҳои ҳокими худ одат карда буд, фавран дастҳояшро мисли ду пойи пеши чорпоён ба замин ниҳода, риши зардашро, ки ба ханҷари зангзада монандӣ дошт ба пеш рост карда сӯйи Мирзоакрамбой гавак кашид. Ваҷоҳати ӯ ҳайбатнок буд, бой дар ҳавлу ҳарос афтода ба тӯра тавбаву тазаррӯъ сар кард:

– Хоки поятон шавам, тӯраҷон, саги даратон шавам, аз гуноҳам гузаред.

Тӯра дар ҳолати завқу ханда фармони худро такрор кард:

– Гапа дароз накун, бефаҳм, тезтар бедона шуда ба ҷанг даро, набошад саратро мегирам!

Мирзоакрами шӯрбахт хоҳу ноxоҳ хам шуда ҳамчунин ҳолати чорпо ба худ гирифту ба ҷойи бедонаи хоини худ ба ҷанг даромад. Ҳоҷиқул ва ӯ ба якдигарашон нул мезаданд, каллаҷанг мекарданд, якдигарро ба тагашон пахш менамуданд. Ҳоҷиқул мисли бедона бол меафшонд, питпилиқ мекард ва гоҳо бедона буданашро фаромӯш карда монанди хар ҷуфтак мезад. Ҳангомае, тамошое ба вуқӯъ пайваст, ки тамошобинон аз ханда ба дараҷаи дилкаф шудан мерасиданд. Тӯра шикамашро дошта, сарашро ба лӯлаболишти бахмал хам мекарду аспвор шиҳа кашида, шах шуда–шах шуда механдид.

Оқибат Мирзоакрамбойи фарбеҳу ғафс ба обу арақ ғӯтида нафасаш танг шуда ғалтида монд. Пешхизматони ҳоким ӯро ба пойгаҳ кашида ба сараш аз сатил оби хунук рехтанд. Бечора тамом аз ҳол рафта қариб буд, ки қолиб тиҳӣ кунад.

Аммо дар охир ин кулфату хории Мирзои Қорӣ, ҳар чӣ ҳам бошад, беҳуда нарафт.

Рӯзе аз рӯзҳо Яхшибек-удайчӣ, ки дар вақтҳои амлокдории Мирзоакрамбой аз ӯ ба тариқи туҳфаю бахшишҳо кам манфиат наёфта буд, аз рӯйи қадршиносӣ бойро ба хонаи худ даъват карда гуфт:

– Ноумед шуда гаштаӣ? Ноумед нашав. Ҳа, ту ба тӯраам ягон тортуқи арзанда кун, он тарафашро ман туғрӣ мекунам. Тӯра ба Масков рафта валиаҳд шуда омадан боз ҷаноби олӣ илтимосҳои тӯраро ба инобат мегирифтагӣ шуда монданд. Ҳа, тортуқат ба тӯраам маъқул шуда монад, ба қиблагоҳашон гуфта туро ба ягон амал таъин мекунонанд, албатта.

– Кошкӣ! – аз дили фигораш нидои пурҳасрате баровард Мирзоакрамбой. – Хоки поятон шавам, бек, илоҳӣ ба сад дароед. Шумо асил дӯсти ман, ғамхори ман ҳастед. Агар гуфтагетон шавад, ман шуморо хурсанд накарда намемонам, бек!

– Мешавад, Қорӣ. Ҳа. Ба шарте, ки ту дар вақти тортуқ оварданат маро ҳам аз хотир набарорӣ.

– Э, агар аз хотир мебароварда бошам, хотирамро аз дилам канда мепартоям–а, тақсир. Хотирам шумо барин дӯсти ғамхорамро нигоҳ надорад, ба ман интухин хотир асло даркор нест.

Бой пай бурд, ки ишора албатта аз тарафи худи тӯра шудааст, вагарна удайчӣ кай аз пеши худ ба бой ин гуна таклифро мекунад? Шодии ӯ туғён зада синаашро кафонда баромаданӣ мешуд. Оқибат офтоби толеи ӯ ҳам тулӯъ кард!

Баъд аз ду рӯз панҷсад тилло пули накд вориди хазинаи ҳоким гардид. Мирзоакрамбой барои ин пешкаш панҷ таноб боғи худро фурӯхт. Ӯ хасис бошад ҳам, дар ҷое, ки манфиати накд буд, пулашро дареғ намедошт. Яхшибек удайчӣ ҳам, албатта маҳрум намонд, ба ӯ панҷоҳ тилло расид.

Таги гап ин ки он рӯзҳо амир ба хотири писари валиаҳдаш Аҳадхон девонбегии ӯро беки Қубодиён таъин карда буд. Аҳадхон ба девонбегӣ фармуд, ки Мирзоакрамбойро ба худ ҳамроҳ карда ба Қубодиён барад ва дар ин ҷо ба вай амали закотчигиро диҳад. Албатта ба шарте, ки бой ба шукронаи ин амал ба ҳокимхонаи Кармина ягон пешкаши арзандае оварад...

Ба ҳамин тариқ Мирзоакрамбой ба муроду мақсади деринааш расида, закотчигии вилояти Қубодиёнро ба даст даровард.

## БОБИ ДУЮМ

Дар кӯҳистони Кӯлобу Балҷувон водиҳои хурд–хурди Хингоб, Сурхоб, Шӯроб, Оби мазор аҷаб ҷоҳои хушбоду ҳавое мебошанд. Бештаринашон тагоб, яъне обшор ва сердолу дарахтанд. Бару домани кӯҳҳои қабат ба қабат ва талу кӯталҳои ҷафс аз аввали баҳор то васати тирамоҳ сабзу хуррам, чашмасорони бешумор оби зулоли худро ба сойҳо, кишту боғу мевазорҳо ҷорӣ медоранд. Меваҳои ин сарзаминро намегӯед! Себу анор, тут, олу, гелос, зардолу

ва шафтолуи серshiраву хушмазаи Балҷувон, Ховалинг, Сарихосорро кӣ намедонад!

Кӯҳистон фақат аз замин камбағал аст. Қитъаҳои калони замини корам аҳён–аҳён вомехӯранд. Пора–пора киштзорони сабзгун монанди дарбеҳҳои ҷомаи камбағали кӯҳистонӣ дар адирҳо паҳну парешонанд. Гандум, ҷав, арзан, ҷувориро аксари деҳқонон дар тоқиҳо баркашида мекоранд. Фалонӣ имсол даҳ тоқӣ ғалла коштааст бисмадонӣ понздаҳ тоқӣ…

Ҷо-ҷо обраҳае, селхонае, сое, ки кӯҳистониён сангобаш меноманд, дили кӯҳу талу кӯталҳоро чок карда ба водӣ рахна мекушояд. Ҳар кадоми ин рахнаҳо дараи танге мебошад. Яке аз калонтарини ин дараҳои танг дар самти шарқии водии Оби Мазор Дараи Мухтор аст. Аз даҳани дара дар масофаи як чақрим ба даруntари он деҳе ҳамноми дара афтодааст, ки дар канори чапи сангоби хушк ҷой гирифта, қад–қадди он ёзида меравад. Вай банамуд аз деҳаҳои дигари кӯҳистон фарқе надорад – онро талу кӯталҳои питов, яъне росту баланд аз се ҷониб фишурда дар миёна нигоҳ медоранд. Ба миёнаҷойи деҳа қӯшачиноре ҳамчун ду бурҷи дидбонӣ сояандоз мебошад.

Ин қӯшачинор аз ҳавлии беруни Восеъ қад кашидааст. Дарвозаи фарсудаи роғ–роғи ҳавлӣ ба тангкӯчаи пушти масҷид боз мешавад.

Дар ҳавличаи дарун ба ду хонаи пешайвону долондор оилаи Восеъ зиндагӣ мекунад. Дар ҳавлии берун меҳмонхона, ҷувозхона, оғилу каҳдон ҷой гирифтаанд. Аз пушти ҳавлӣ кӯчаи калони деҳа мегузарад; дар он бари кӯча аз баландие, ки бар болояш як қисми хонаҳо ва боғчаҳои бошандагони деҳа ҷой гирифтааст, чашмаи сардобе сар мезанад; оби чашма бо як новаи борик ба ҳавлии беруни Восеъ меояд ва аз ҳавлӣ ба ҳаёт – рӯйдаричае, ки мардуми маҳаллӣ онро ҳота мегӯянд, ҷорӣ мешавад. Ҳота, иборат аз боғча ва андак замини юнучқаву сабзавоткорӣ, дар мобайни ҳавлӣ ва сангоб воқеъ шудааст.

Баҳор, баҳори хурраму хандон, сабзпӯш ва гулбасар дар айни ҷавлону худнамоӣ. Шуълаи офтоб намесӯзонад ва намегудозад, балки фақат ҳамчун меҳри падару модар ба фарзанди дилбанд гарм–гарм навозиш мекунад. Гунҷишкҳо, фароштурукҳо чаҳ–чаҳкунон дар осмони софи лоҷувардӣ парафшон ва дар ташвишу тараддуди ошёнсозӣ... Дар майдони лаби сангоб устои мӯйсафед назди устохонаи пастаки худ ҷувозкунда метарошад. Як марди миёнсоли сабзинаи ришсиёҳ ва бокитфубозу ба ин сӯ–он сӯйи ҷувозкунда гузашта онро ба чашми харидорӣ мебинад. Сартароши солхӯрда деҳқони ҷавонеро рӯйи санг шинонда мӯйи сарашро метарошад. Ӯ дар сари муштарии бечорааш ба чандин захми покуи кунди худ пунба[1] ниҳодааст. Резаворфурӯши чобук шона, дук, сӯзан, сақичу "даҳани фаранг" ва дигар молҳои майда–резаашро дар замин бар рӯйи шол паҳн карда мондаасту онҳоро ба марду занҳои гирдомада ҳай таъриф мекунад, ҳай таъриф мекунад. Дар як сӯ, зери садаи саҳни масҷид домуллои пири овозгирифта бар сари тӯдаи шогирдони чиркини хоколудаш чӯби дарози худро, монанди чӯпоне дар болои рама, бозӣ медорад. Шогирдон бо шӯру ғавғо сабақ мехонанд, дуоҳоро ёд мекунанд.

Дар лаби дигари сангоб ҷавони навраси борику ҷулдурпӯши побараҳнае, бо чашмони шӯхи пурҷило, аз болои тали Ҳазормана сарозер мешавад. Ин ҷавон Ризои сағир ва ба қавли кӯҳистониён сарҳуй[2] ва адирӣ[3] аст, аз деҳаи Сурсақова, – деҳае, ки аз Дараи Мухтор ним фарсанг болотар дар тори кӯҳи ҳамноми худ воқеъ аст. Ризо деҳ ба деҳ сарсарӣ мегардад. Чӣ мехӯрад, шаб дар куҷо мехобад, маълум нест. Ӯ як навъ қиёфаи айёронаи муғамбирнамое дорад, ки одамон бо дидани ӯ беихтиёр механданд. Хандаашон ваҷҳи дигаре ҳам дорад, онҳо

[1]. Пунба– пахта.
[2]. Сарҳуй – бесар, бепарастор.
[3]. Адирӣ – бехонумон, оворагард.

нағмаҳои ғалатии ӯро ба хотир меоранд. Ҳоло нигоҳ карда истед, ин бачаи шум, албатта, ягон шӯхӣ, ягон нағмаи наве бароварда мардумро механдонад. Воқеан ҳам, Ризо баъди як дам чӯби дарозе ба даст дар боми масҷид намудор гашт. Ба лаби бом хобида чӯбашро ба поён ба тарафи домуллои пир, ки шогирдонашро ба сабақхонӣ андохта худаш аз хастагӣ пинак рафта буд, дароз карда, бо нӯги чӯб оҳиста ришу бурути ӯро кофт, биниашро хорид. Домулло атса зада чашмони хастаи обравашро кушод. Бачагон Ризои шумро дар болои бом дида истода бошанд ҳам, дам намезаданд: тамошои ҳоли домуллояшон шавқангез ва хандаовар буд, ӯ дар ҳолати пинак ба рӯву манаҳи худ шаппотӣ зада, пашшаи хаёлиро куштанӣ мешуд... Фурсате баъд Ризои аз бом ғайбзада дар баландии сари чашма пайдо гардид. Занони ба об омада кӯзаву қумғонҳошонро як сӯ гузошта, мисли селаи ким–чӣ гуна мурғони калони даштӣ ғуч нишаста, саргарми чақчаку ғайбат буданд, ногаҳон аз боло санги калоне бо шиддат ба ҳавзи таги чашма ғалтида, обро ба болои занон пош дод. «Села» бо қий чув якбора пароканда гардиду занони таршуда Ризоро дар баландӣ дида, забон ба дашному нафрини ӯ кушоданд. Ризо даррав аз он ҷо ҳам ғайб зад...

* * *

Он марди ришсиёҳи бокитфубозу, ки назди устохонаи дуредгарӣ истода ҷувозкундаи наврo бо диққат аз назар мегузаронд, Восеъ буд. Ҷувозкундаи тайёрро ӯ бо ёрии ду марди дигар ғелонда–ғелонда бурд.

– Оҳистатар, оҳистатар биғелонед! Нозим, ту андак–андак бардошта биғелон, ки харош нахӯрад, ё мабодо ба санг хӯрда ягон ҷояш накафад! – ҳамроҳонашро огоҳ мекард Восеъ. Вале зоҳиран огоҳонидани ӯ суд намебахшид, , ҳамроҳон ҷувозкундаи вазнинро муддаои табъи вай намеғелонданд.

– Хайр, ҳуй кунед, – хоҳиш кард ӯ. – Як тараф истед!

Шарикон худро канора гирифтанд.Восеъ ҷувозкундаро бағал карду бардошта ба болои харсанге гузошт ва баъд онро ба пушташ гирифта, хам шуда, калавида–калавида равон шуд.

– Намурӣ, Восеъ! Ёдат бахайр!.. Қанд бизан!.. – қоил шуда таҳсин мекарданд шариконаш аз қафо.

Восеъ бори вазнини худро ба ҳавлиаш расонда, дар пеши дари ҷувозхона бо эҳтиёт ба замин гузошт. Занаш Аноргул дар таги нови чашма як тағора либоси шустаашро ба об чайқонда истода буд, бо дилсӯзӣ гуфт:

– Чаро худат бардошта овардӣ, отаи Ҳасан? Охир натарсидӣ, ки миёнат мешиканад? Як–ду касро ба ёрӣ гирифта, инро ғелонда меовардӣ, намешуд?

– Ғелондем, нашуд, – нафасашро рост карда гуфт Восеъ ва баъд ба ҷувозкунда даст зада, мамнунона илова намуд: – Соз! Аз тути пир тарошондамаш. Дар ин, иншоаллоҳ, бист–сӣ сол ҷувоз мекашам, занак.

* * *

Ҳасан ва Давлат – писарони хурдсоли Восеъ барои чидани алафҳои хӯрданӣ ба боғот рафта буданд. Ин алафҳо понздаҳ–бист навъ буда, номҳои зебои хушоҳанг доранд: ҷанбилак, шумак, сӯзанак, лолакаҳак... Ҳасан нав акнун шашсола ва Давлат чорсола шуда бошанд ҳам, алафҳоро хуб мешиносанд. Хушкӣ ва қаҳтии ду сол пай дар пай ба кӯҳистони Ҳисору Кӯлоб рӯйоварда ҳатто кӯдакони хурдсолро ҳам алафшинос кардааст. Онҳо нағз медонанд, ки ҷанбилак, шумак ва лолакаҳаки гулисурхдорро ба атола меандозанд ва сӯзанак, шулхаву қоқуро ҳам хӯрдан мумкин аст.

Ҳамин писарбача ва духтарбачагони ба шири модар сернашуда, баъзе нав забон бароварда, гурусна, почаборик, бадан пӯсту устухон, сарлучу пойлуч буданд, – ҳамин писарбача ва духтарбачагони хурдсол, ки дар қаҳтӣ, ҳамчун табибони ҳозиқи набототшиносе, ки барои

дору–даво рустаниҳои ба худашон маълумро мечинанд, дар кӯҳҳо ва адирҳо, ҷангалҳо ва боғҳо гиёҳчинӣ мекарданд, ё решаи гиёҳҳоро кофта мегирифтанд, то ки очаву апаҳошон ё боз худашон чукрӣ, ров, ҳолмун, пӯстлохи дарахти туғ ва боз чандин рустаниҳои дигарро ҷӯшонда, хушконда, орд карда атолае ё ноне пазанду гуруснагиро фиребанд. Оилаҳои хушбахте, ки камтарак орди гандум ё ҷав дастрасашон мегардид, он ордро ба орди гиёҳи хушконидаашон омехта ноне мепухтанд, ки андак ҳам бошад бӯй ва мазаи нони аслиро медод, вагарна нони холиси гиёҳӣ коҳу бемаза ва дилнокаш буд.

Восеъ дар адир ба як қитъа замине, ки дошт, гандуми баҳорӣ кошта буд. Ҳасан ва Давлат баъди чидани алафҳои хӯрданӣ ба адир баромада аз гандуми дунбулшудаи худашон якчанд хӯша сарак канда бурданӣ шуданд. Апаашон Гулъизор дар хона ин саракҳоро ба додараконаш дар хокистари гарм пухта медиҳад.

Гандуми дунбули дар хокистар пухта хеле бомаза мешавад, бачаҳо онро як каф–як каф хӯрда барвақт хоб мекунанд, то ки ба воситаи хоби кашол ранҷи гуруснагиро камтар кашанд.

Онҳо сарак мекananд, бехабар аз он ки Ҷобири доруға–дидбони киштҳои ғалла дар он ҷо ҳозиру нозир аст. Вай бо амри сардораш ва хоҷааш – амлокдори Ховалинг кишти ғаллаи деҳқононро дидбонӣ карда мегардад, то ки деҳқонон ҳосили ғаллаашонро пеш аз додани хироҷ сарф карда намонанд ё пинҳон накунанд. Доруға пайдо шуда, аввал якчанд дашноми ногуфтанӣ ба номи очаву ҳамшираи бачаҳо дод ва баъд омада аз гӯшҳошон гирифта, ҳар дуро аз гандумзор берун кашида, ду–се тарсакии дардноке ҳам ба рӯяшон фуровард. Саракҳои кандагиашонро аз дасташон рабуда бар замин афканда, бо қаҳр лагадкӯб кард.

Бачаҳо тубраи алафи худро пуштора карда гирёну нолон ва фиси бинӣ резон ҷониби деҳа раҳсипор шуданд.

Чун дар хона ҳозир шуданд, модарашон Аноргул аввал гумон кард, ки шояд онҳо дар кӯча бо бачагони дигар ҷанг карда шатта хӯрда бошанд, аммо чун аз нақли бачаҳо воқеаро фаҳмид, аз ҷувозхона шавҳарашро ҷеғ зад:

– Ҳой отаи Ҳасан! Ин ҷо баро, шунав сағираҳоят чӣ мегӯянд? Дод аз дасти манғит!

Ҷобири доруға агарчи ҳамдеҳаи Аноргул аст ва манғит нест, аммо дар назари ин занаки кӯҳистонӣ ҳар бедодгар ва ҳар амалдори хурду калон манғит аст. Даҳ–понздаҳ сол ин ҷониб, аз бозе ки амири Бухоро– Музаффархони манғит ба зӯри шамшер кӯҳистонро фатҳ ва кӯҳистониёни озодидӯстро асир гардонид, ин калима дар забони онҳо ҳамчун дашноми сахте ба кор бурда мешуд.

Восеъ китфи фарох ва тану тӯши пури худро аз дари ҷувозхонаи пастаки нимторик як қадар ба душворӣ берун карда, бо остини барзада ва дастҳои равғанолуди худ ҳозир гардид. Ӯ кӯдакони ҳанӯз аз гиря наёсудаи худро дида аз забони зани шӯридаву беқарораш воқеаро шунида буд, ки чашмҳои калон–калони сиёҳаш барқ зананд ва дар пешонии кушоди сиёҳтобаш ду чини ғафс дамид. Риши сиёҳи паҳну дарозашро қабза карда истода аз Ҳасан пурсид:

– Саракҳоро лагад кард? – Восеъро аз шатта хӯрдани бачагонаш ҳам зиёдтар, дар ин замони қаҳтӣ саракҳои гандумро хор ва убол кардани доруға оташин намуда буд.

Бача ҳиқ–ҳиққунон:

– Лой–да… партофт. Ана ита–ита[1] лагад кад, – гӯён почаҳои лойолудашро бар замин кӯфта чӣ гуна поймол карда шудани саракҳоро нишон дод.

Гулъизор бо алам доруғаро дуои бад мекард:

– Илоҳӣ, хонаат бисӯзад! Асло рӯзи нек набинӣ! – баъд духтар ба падараш рӯй оварда: –Ота, –гуфт, –ту Ҷобирро бигиру хуб бизан, ки аз кардааш пушаймон шавад!

---

[1]. Ита-ита – ин тавр.

Дар ҳамин вақт аз тарафи кӯча ғалоғула ва тапар–тапари суми асп баланд шуд. Гулъизор давида баромад, дид, ки Ҷобири савор қамчин дар даст як тӯда писарбача ва духтарбачагони аз алафчинӣ омада истодаро сур мекунад. Баъзе бачагон хӯшаҳои сараки сабзи гандум дар даст доштанд. Ҳама гурезон буданд, доруға аз асп фуромада ду духтарчаи хурдсолро дастгир карду бо алфози қабеҳ онҳоро дашном дода, ба рӯйҳошон ду–се шаппотӣ зад ва хӯшаҳоро аз дасташон гирифта, ба хок афканда бо мӯзаи чармихомии худ поймол карда партофт.

Ҷобир боз аспашро савор шуда ба роҳ афтода буд, ки Гулъизор тозон рафта аз ҷилави аспи ӯ маҳкам гирифт.

– Ота! – ба тарафи ҳавлиашон фарёд зад ӯ. – Биё, доруғаро қапидам.

Доруға аспашро қамчин зада пеш ронданӣ мешуд, аммо Гулъизор бо ду даст ба ҷилави он сахт часпида буд ва сар намедод.

Ғалоғуларо шунида ҳамсояҳо баромаданд: Восеъ ҳам баромад. Ӯ ҷилави аспро аз дасти духтараш гирифт.

– Чӣ меқапӣ, ҳуй кун! Гурез! –Ба сари Восеъ қамчин боло кард доруға.

– Сабр кун, ман ба ту гап дорам, – гуфт Восеъ. Овози ӯ хашмгинона ва омехта бо қатъияте буд, ки Ҷобир андак аз шасташ фуромад. – Бачаҳоро боз задӣ?

– Задам! Агар боз сарак кананд, боз мезанам! – дағдаға кард доруға.

Ғазаби Восеъ ба таркидан наздик буд. Башараи сагвор ва ришу бурути тунуки чиркини сурхтоби доруға ҳозир ба Восеъ беш аз пеш нафратангез менамуд. Ӯ ғазабашро базӯр фурӯ бурда ба одамони ҷамъшуда рӯй овард: – Шунидед? Ин саг аз газандагии худ ҳеҷ тавба намекунад!

Одамон аз ин гапи Восеъ ҳатто ба тарсу ҳарос афтоданд: охир, то алҳол ҳеҷ кас ҳад надошт, ки ба Ҷобир ягон «гапи беҷо» занад. Ва алалхусус, ӯро саг гӯяд! Ин шӯрапушти муштзан, косалеси амлокдор ҳар каси ба худаш

беҳурматӣ кардаро лат мекард ва бо ин ҳам қонеъ нашуда дар ҳаққи вай тухмате бофта, ба амлокдор хабар кашида хонаашро месӯзонд.

– Чӣ гуфтӣ? Ҳоло ту маро саг гуфтӣ?! – таҳдидомез шӯрид доруға.

– Саги газанда гуфтам. Саги газандаро санг мезананд, – ҷавоб дод Восеъ.

Ҷобир, чашмони тухми харбузамонандаш аз хуни ғазаб сурх гашта, як қамчини базарбае ба сари Восеъ фуровард, дар сари ӯ фавран варам ҷаста баромад.

Ӯ бехудона ба савор дарафтод ва ӯро аз болои зин кашида ғалтонда ба тагаш зер карда задан гирифт. То одамон онҳоро аз ҳам ҷудо карданд, ки Ҷобир аз зарби мушти гарони ҷувозкашонаи Восеъ тамом шалпар шуда буд.

* * *

Рӯзи дигар ду навкари амлокдор бо чӯбдастҳои дарозашон омада Восеъро ба амлокдорхонаи Ховалинг ҳай карда бурданд.

Амлокдорхона–қалъачае девораш аз гилу санг, ба баландии якуним қади одам, дар масофаи тақрибан ним фарсанг аз Дараи Мухтор ба канори шаҳраки Ховалинг, дар баландии соҳили чапи Обимазор воқеъ шудааст.

Восеъро вақте ба он ҷо даровfinанд, ки амлокдор, марди тануманди камриши парзадарӯ, аз мирзохона бо ҳамроҳии мирзои дарози қоқи худ баромада истода буд. Аз ким–куҷо Ҷобири доруға ҳам ҳозир гардид. Чашми рости ӯ варам карда, кабуд гашта буд. Амлокдор носи даҳонашро ба замин туф карду ба Восеъ нигариста, бе қаҳру итоб пурсид:

– Чӣ гап шуд, Восеъ, доруғаро барои чӣ задӣ? – ӯ худаш як нафар бойи ховалингӣ буда Восеи ҷувозкаш писари Шакар баҳодурро мешинохт.

– Аз худаш пурсед, – ба тарафи Ҷобир ишора карда ҷавоб дод Восеъ.

Ҷобир дар ҳолати нимтаъзими фармонбардорона:

– Тақсир, ман кишти ғаллаи… – гуфта даҳон кушода буд, ки амлокдор: – Хап! – гӯён ба сӯяш даст афшонда даҳони ӯро баст ва боз ба Восеъ рӯй овард: – Ман туро одами бамаънӣ, баобрӯ медонистам, наход, ки ту бо ҳамин навкари беақл баробар шавӣ, даст ба гиребон шавӣ? Магар айб нест? Ҳова, айб аст.

– Агар ин навкари шумо ақлдор мебуд, ман намезадамаш, – гуфт Восеъ, – айб ба шумост, ки беақлро навкар мегиред.

Амлокдор аз ин гап на ин ки қаҳраш наёмад, балки аз рӯйи одати худ бо як кушодгуфтории фиребанда ҷавоб дод:

– Чунки одами оқил ба навкарии мо намеояд. Ҳова! Масалан, ту ба навкарӣ, доруғагӣ розӣ мешудӣ магар? Не, албатта.

Восеъ ба доруға нигоҳ кард, дид ки ӯ аз гапи амлокдор на фақат мулзам ё озурда нашудааст, балки даҳан во карда табассум менамояд. Ӯ чашмаш ба чашми Восеъ ғалтида буд, ки боз даррав қиёфаи озурдагии кинаомез ба худ гирифта шикоят кард:

– Ӯ маро хорӣ кард, саг гуфт, тақсир.

– Ғалат кардӣ, саги газанда гуфтам, – нафратомез ҷавоб гардонд Восеъ.

– Ана, шунидед, тақсир, ӯ худаш иқрор шуд, – ба амлокдор гуфт доруға.

– Ту ӯро таъриф кардӣ, – лабханд карда Ҷобирро нишон дода ба Восеъ гуфт амлокдор. – Ҳова таъриф кардӣ. Доруға бояд, ки мисли саг газанда бошад, вагарна кадом амлокдор ӯро ба доруғагӣ мегирад? Ман ҳайронам, Восеъ, ту ворӣ як одами оқил аз доруға одамгарӣ талаб мекунӣ, охир доруға кораш посбонии киштҳо ва дастгир кардан, задан, кӯфтани ғалладуздон бошад, чӣ мегӯйӣ? Доруғаҳо боинсоф, раҳмдил бошанд, хироҷу закоти султониро Худо мезанад–ку. Ҳова, Худо мезанад. Ту Ҷобирро беҷо айбдор

мекунӣ, ӯ саъю кӯшиш дорад, хизматро ба ҷон мекунад. Аммо ту ба доруға, ки аз хизматгорони ҷаноби олӣ ҳисоб мешавад, дағдаға кардаӣ, ёғигӣ кардаӣ, ба кораш лат додаӣ – гуноҳи калон кардаӣ.

Ҳова, гуноҳи калон. Ман амлокдор, мушрифи хироҷу закоти султонӣ ки бошам, бояд туро аз барои ин гуноҳат ҷазо диҳам. Агар ҷазо надиҳам, фақирон далер мешаванд, минбаъд аз додани хироҷу закот сар метобанд, ҳамин тавр не? Ҳова, ҳамин тавр аст. Бе ин ҳам–ку ман хироҷу закотро бо сад машаққат ва ҳазор ҷанҷолу хархаша рӯёнда истодаам. Туро чӣ ҷазо диҳам, сазои ту чист? Не, ин тавр намекунам. Ҷаноби ҳоким туро албатта ба зиндон меандозанд, дар он вақт аёлу кӯдакони ту бепаноҳ мемонанд, хор мешаванд; боз хироҷу закот ҳам аз ту норӯйида намонад. Ҳова, хироҷу закот месӯзад. Ё фармоям, ки навкарон туро чил–панҷоҳ қамчин зананду сар диҳанд? Не, аз ин ҳам фоида нест. Ман падаратро мешинохтам, ӯ одами хуб буд, баҳодур буд, ба хотири падарат ман ин корро намекунам. Як одами обрӯмандро беобрӯ кардан чӣ лозим? Ман ин хел одами ноинсоф ва кӯтоҳандеш нестам. Беҳтар ки ман ба ту ҷарима андозам. Ҳова, ҷарима. Ин ҳам таъзири ту мешаваду ҳам фоидаи хазинаи султонӣ. Сад тангаи подшоҳӣ ҷарима медиҳӣ, Восеъ. Сад танга. Баъд, ту аз қӯшпулӣ, танобпулӣ, осиёпулӣ, ноҳақона, қарздорӣ, онҳоро ҳам ба болои маблағи ҷарима зам карда медиҳӣ. Муҳлаташ то рӯзи бозор. Ҳова, то рӯзи бозор. Имрӯз панҷшанбе, то рӯзи сешанбе аз куҷое ки хоҳӣ, ёфта оварда медиҳӣ. Агар дар вақташ оварда надиҳӣ, ман мувофиқи расму таомули мамлакат маблағи ҷаримаро зиёд мекунам. Дар ҳар панҷ рӯз ҷаримаат ним баробар зиёд шудан мегирад. Ҳова, ним баробар. Вассалом, гап тамом. Бирав, бандаи Худо, аз корат намон.

Восеъ аз амлокдорхона баромада ба додараш Қосим ва ошно–ҳамсояаш Нозим дучор шуд, ки барои аз вай хабар гирифтан омада буданд. Сеяшон бо ҳам ба роҳ дарома-

данд. Қосими наврӯзгор сари роҳ ба деҳаи Боғча, ки дар ҳамсоягии Дараи Мухтор воқеъ шуда ва аслан як ҷузъи он аст, тоб хӯрд, ӯ дар ҳамон ҷо зиндагӣ мекард. Восеъ ва Нозим дар гашти рӯз ба деҳаи худ расиданд.

Восеъ хастаҳол менамуд, ранги рӯяш паридагӣ буд, Аноргул ӯро дида бесаранҷом шуд, ба хавотир афтод. Пай бурд, ки хафагӣ ва ногувории калоне рӯй додааст.

– Чӣ гап шуд, амлокдор чӣ кард, чӣ гуфт?

– Ҷарима кард.

– Ҷарима?–қариб бо хушҳолӣ гуфт Аноргул, зеро агар шавҳараш бо андак ҷарима халос шуда омада бошад, ҳеҷ гап не. – Чӣ қадар ҷарима?

– Сад танга, «ба хотири падарам». Амлокдор арвоҳи падари маро бисёр ҳурмат мекардааст. Аз барои ҳамин ӯ гуфт, ки «қӯшпулӣ, танобпулӣ, ноҳақона, миронаро ҳам ба болои ҷарима зам карда, рӯзи бозор оварда медиҳӣ»… То рӯзи бозор ман камаш сесад танга бояд пайдо кунам. Вагарна қарзам дар ҳар панҷ рӯз ним баробар зиёд шудан мегирад. Сесад танга! Пули дувоздаҳ ман ғалла. Бо нархи пеш аз хушксолӣ пули бисту панҷ–сӣ ман гандум.

Аноргул ҳангаш канд. Косаи оши ярмаи қӯноқин, ки барои Восеъ аз дег кашида оварда буд, қариб буд аз дасташ афтад. Ба шавҳараш хеле дилаш сӯхт. Косаи ошро ба пешаш монда ӯро тасаллӣ дод:

– Хайр, ягон илоҷаш ёфт мешудагист, хафа нашав, худатро накоҳон.

Гулъизор дар паҳлуи падараш зону зада ӯро хомӯшона оғӯш кард. Давлат ва аз паси ӯ Ҳасан пайдо шуда омада ба зонуи падарашон нишастанд. Ҳайрон буданд, ки падарашон монанди ҳарвақта онҳоро намебӯсад, навозиш намекунад.

Ӯ «дилам намекашад» гуфта, ба ош даст нарасонд. Бачаҳоро аз зонуяш фуроварда беҳолона хесту ба ҳавлии берун равон шуд. Мехост соате танҳо бошад.

Ба меҳмонхона даромада дарро пӯшиду худро шикамнокӣ ба рӯйи намад партофт.

Гулъизор аз паси ӯ косаи оши қӯноқинро бо ҷурғот ва якто нони аз орди пӯстлохи дарахти туғ бо омехтаи андаке орди ҷав пухташударо оварда, дастархон паҳн карда ба пешаш монду боз оҳиста баромада рафт.

Чун Восеъ то дергоҳ аз меҳмонхона набаромад, Аноргул вақти шом дар аловгирак як пора лахчаи сурхро бо як қабза хаси хушк дар даст гирифта ба наздаш омад. Дар кӯҳистон бо нишастани офтоб якбора торикӣ мефарояд: меҳмонхона чун шаби тор торик буд, занак дар аловгирак хасро ба болои лахча гузошта пуф карда даргиронду аз оташи он пораи кунҷолаеро барфурӯзонд. (Кунҷола бо каме равғани зағер дар даруни сафолкосаи хурдтараки бесир андохта шуда ва дар токча истода буд.) Гӯгирд дар кӯҳистон чизи камёб ва гаронбаҳое буд. Зан дар рӯшноии шуълаи чароғаки кунҷоласӯз дид, ки Восеъ рӯ ба девор хобида, оши ярма хунук шуда ва нону ҷурғот ҳам дар рӯйи дастархон барҷо истодааст. Даст ба китфи вай расонда пурсид:

– Отаи Ҳасан, хобӣ ё бедор?

Восеъ нимхобу нимбедор буд, хеста нишаст.

– Чаро хӯрокатро нахӯрдаӣ? Ё магар бетоб шудӣ? – Аноргул ба пешонии ӯ даст расонда ҳарораташро санҷид.

– Бетоб нестам, – гуфт Восеъ.

– Хӯрокат хунук шудааст, ман гарм карда биёрам.

– Аввал об биёр, ман ташнаам.

– Чӣ хӯрдӣ, ки ташна шудӣ?

– Кас ҳеҷ чиз нахӯрда бошад ҳам, ташна мемондааст. Обро биёр.

Зан аз нова офтобаи сафолинро ба оби сарди чашма пур карда овард. Восеъ аз даҳони офтоба қариб ҳамаи оби онро нӯшид.

Аноргул аз ҳавлии дарун духтарашро ҷеғ зада ошро ба ӯ дод, ки зуд гарм карда биёрад. Худаш ба паҳлуи Восеъ нишаст.

– Ғамро ба дилат нагир, – боз шавҳарашро ба тасаллӣ

додан даромад зани меҳрубон. Баъд «манғитҳо»–ро дуои бад кард: – Худо ба сарашон сиёҳӣ бирезад! Илоҳӣ, орзуҳошон дар дилашон монаду дилашон дар тангӣ!

Сипас Аноргул чораи аз қарзу ҷарима соф шуданро, ки фикр карда омада буд, баён намуд: бигузор Восеъ рӯзи бозори Ховалинг ҷиҳози Гулъизорро бараду фурӯшад, ҷиҳози духтар ду куртаворӣ чити гулдор, як ҷомаворӣ қаламӣ, ду рӯймоли фарангӣ, як ҷуфт кафши бухорӣ ва ду кӯрпаворӣ газвори сурх аст, ки дар сандуқ хобидааст. Боз ду шадда муҳра (марҷон) ҳам ҳаст–якаш аз они Гулъизор, дигараш муҳраи арӯсии худи Аноргул. Илова бар ин, ӯ, Аноргул, аз баҳри кафшу масҳии шаҳрисабзӣ ҳам, ки перор сол Восеъ аз Ҳисор барои ӯ харида оварда буд, мегузарад, масҳӣ ҳанӯз нав аст. Аноргул онро фақат ду бор: дар тӯйи хатнаи писари Фотима хоҳари Восеъ ва дар тӯйи арӯсии Қосим пӯшидаасту бас. Майлаш, Восеъ онро ҳам фурӯшад.

Дар байни гапи Аноргул духтараш оши ярмаро гарм карда овард ва рафт. Восеъ ба хӯрдан шурӯъ кард. Аноргул баъд аз шумурдани сарвати дар сандуқ пинҳон карда мондааш пурсид.

– Пули ҳамин чизҳо ба қарзат мерасидагист?

Восеъ бо ҳисси миннатдорӣ ва меҳрубонӣ дасташро ба китфи занаш партофта гуфт:

– Хоҳ расад, хоҳ нарасад, мо ба ҷиҳози духтарамон даст намерасонем, ҷони ширин. Ҷиҳозро ба умеди хушбахтии духтар ғун мекунанд, на ин ки барои фурӯхтан дар рӯзи сахт. Кафшу масҳии нави ту ҳам аз они худат.

Аноргул сарашро ба зонуи шавҳараш монда бо овози ҳаяҷономез гуфт:

– Набошад ҷаримаат, қарзатро ба чӣ адо мекунӣ? Бидон, ки ман ғуноҷинамонро фурӯхтан намемонам.

Восеъ ҷавоб надод, сукут кард. Дасти ӯ дар китфи Аноргул ва сари Аноргул дар зонуи ӯ, – дар ҳамин ҳолат дуяшон чанд гоҳе хомӯш нишастанду баъд хеста ба

ҳавлии дарун рафтанд. Восеъ ҳис мекард, ки бори гарони ғамаш сабуктар гашт.Гапҳои содаи меҳрангези Аноргул, чақчақи ӯ барои Восеъ ҳамеша хуш асаре доштанд, дилнавоз буданд…

## БОБИ СЕЮМ

Аноргул ва Гулъизор бачаҳоро гирифта ба боғ рафтаанд, дар он ҷо онҳо ғуноҷин ва бузи оча–бачаро мепоянд, барои самбӯсапазӣ алаф мечинанд. Ҳавлӣ ором ва хилват. Восеъ ҷувоз мекашад. Дар чуқурии ҷувозхонаи нимторик гови чашмбаста соатест, ки давр мезанад. Ғиҷ–ғиҷи тиру кундаи ҷувоз оромӣ ва сукутро аёнтар месозад.

Дили Восеъро фикру хаёлҳои изтиробангез мехарошанд. Пули ҷаримаи сабилмондаро чӣ тавр, аз куҷо бояд пайдо кард? Бақияи қӯшпулӣ, танобпулӣ, мирона, ноҳақона ва ғайраро чӣ гуна бояд адо кард? Магар ин ки аспашро фурӯшад?.. Не, бе асп мондан хуб нест. Ё ҳамин гови ҷувозкашашро фурӯшад? Он гоҳ ҷувозхонаро – ин манбаи ризқу рӯзии оилааш, кӯдаконашро бастан лозим меояд. Ё боғро?.. Ё балки боғ, ё ҳавлӣ, ё замини худро ба гарав монда аз ягон бой, судхӯр, амалдор ба фоида пул қарз бигирад? Аммо ин навъ қарз аз ҷаримаи амлокдор ҳам сад бор бадтар аст, ки рафта–рафта қарздорро кафангадо мекунад... Лаънат, сад лаънат ба ин доруғаи шум! Оё зарур буд, ки ӯ, Восеъ, бо он нобакор даст ба гиребон шавад? «Шояд, ки зарур набуд, аммо аз тарафи дигар, даст ба гиребон нашудани ман мумкин ҳам набуд. Охир, он лаънатӣ ба ҷони ҳама расонд, ба ҳама, ба хурду калон сагворӣ меҷакад, ҳамаро мегазад!»...

Хаёлоти Восеъро ғиҷирроси дарвоза ва баъд шарфаи пойи касе қатъ кард. Восеъ гумон кард, ки Аноргул бо бачаҳо аз боғ омадагист, ё шояд Қосим, ки аспи бародарашро савор шуда ба осиё рафта буд, баргашта бошад. Аммо аз дари кушодаи ҷувозхона мардеро дид, ки ҳаргиз дар гӯшаи

хаёлаш ҳам набуд. Марде қоматбаланди шофбурут. Дар миёнаш қамчин. Оре, бешак ин Саидалии зувайрӣ аст.

Меҳмон рост омада ба ҷувозхона даромад.

– Гумон намекардӣ, ки ба пешат меоям?–баъд аз вохӯрдии дудаста хандида, қатори зичи дандонҳои сафедашро намоиш дода гуфт Саидалӣ. – Роҳам аз ин дара ғалтид, гуфтам як акаи Восеъро дида равам. Хуб, сиҳат–саломат ҳастӣ?

Восеъ хост ӯро бароварда ба суфаи таги чинор нишонад, аммо меҳмон қабул накард:

– Ташвиш накаш, ҳамин ҷо хилват аст, ҷойи хуб. Ман камтар шишта қатии ту чақчақ мекунаму меравам. Аспамро дар пушти дарвозаат баста даромадам.

«–Чаро ба ӯ ҷойи хилват лозим шудааст?» – ба дил гузаронд Восеъ ва ноилоҷ ӯро дар пӯстаки паҳлуи дар ҷой доду худаш ҳам дар рӯбарӯяш нишаст.

Дуяшон ошно набошанд ҳам, шинос буданд. Восеъ ин бузкаши номиро дар тӯю маъракаҳо бисёр медид, зеро худаш ҳам дар бузкашиҳо иштирок мекард ва ин бозиро дӯст медошт.

Аммо Саидалӣ баъд аз он ки Давлат-қаравулбегӣ бо ӯ чап шуда чорбоғи овозадорашро дар кӯҳи Чаган хароб кард, якбора ғайб зада як–ду моҳ боз худро нишон намедод.

– Чаро наменамоӣ, Саидалӣ?

– Ман аз Зувайр ба Боғи Зоғон кӯчидам.

– Медонам.

– Зувайр ба ман ҳаром шуд.

– Ватани кас ба кас ҳеҷ вақт ҳаром намешавад.

– Биллоҳи азим, ҷое, ки қадами Давлат – қаравулбегӣ расида бошад, ҳаром аст.

– Қаравулбегӣ ба осмон сутун намешавад, як рӯз мемирад, деҳаи ту дар ҷояш истодан мегирад.

– Ганда зуд намемирад, аввал сари чандин хубонро мехӯрад.

– Дар Боғи Зоғон чӣ кор мекунӣ?

– Дар тори кӯҳ санг чидам, як–ду таноб замин кушодам; деҳқонӣ мекунам. Баъд... ба худам панҷ–шашта ҷӯраи соз ёфтам, қатии онҳо... гоҳу бегоҳ... дар кӯҳу дараҳо мегардем...

Восеъ сарашро пойин андохта сукут кард.

Дар он қарибиҳо дар роҳи Ховалинг–Сарихосор– Тавилдара як ду бор мусофирон ба дуздони номаълум дучор шуда пул ва чизҳояшонро гиронда буданд. Як дафъа дуздон дар байни Ёхсу ва Сарихосор закотчии бекро ҳам зада пули аз деҳқонон чидаи ӯро бурда буданд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки роҳзан Саидалии Зувайрист. Восеъ, ки ӯро марди баномус ва баорият медонист, ба ин гап бовар накарда буд, аммо ҳозир дар шубҳа монд: наход ин гап рост бошад? Рӯйирост пурсид:

– Дар Ёхсу закотчиро ту задӣ?

– Напурс, Восеъ, – буруташро молида аз иқрор шудан сар тофт Саидалӣ. Аммо ин гапи ӯ барои Восеъ маънии «Ҷое, ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест»-ро ифода мекард. Ӯ дигар пурсуков карда нишастанро лозим надонист. Аммо дар баробари ҳамин якбора аз Саидалӣ ихлосаш гашта, сипас ба суханони ӯ хоҳам–нохоҳам ҷавоб медодагӣ шуд.

– Шунидам, амлокдор туро хафа кардааст? Чанд пул ҷарима андохт?

– Сад танга.

– Медиҳӣ?

– Надода чӣ илоҷ?

– Ҷанҷол аз чӣ сар шуд?

– Шунида бошӣ, худат медонӣ.

– Доруғаро задӣ?

– ...

– Хуб кардаӣ! Биллоҳи азим, манғитҳо ва косалесони онҳоро задан, куштан, қир кардан лозим. Сазои онҳо ҳамин!

– Ту ба ман ягон гап дорӣ?

– Ҳов, гап дорам... Ту биё, Восеъ, ба мо ҳамроҳ шав.

– Ба шумо ҳамроҳ шавам? – чашмонашро калонтар ку-шода ба ӯ нигарист Восеъ. – Худи шумо кистед?

– Мо, ба қавли манғитҳо, ёғиву тоғӣ ҳастем. Агар ту биёӣ, сардори мо мешавӣ, акаи Восеъ. Биё, ҳар чӣ бодо бод, аз дараҳо ҷавонони шердилро ғун мекунему сар ба кӯҳҳо мегирем. Ту сардори мо ки шудӣ, ҷавонон худашон омадан мегиранд, чунки номи ту ба баҳодурӣ баромадагӣ, халқ туро мешиносад, ҳурмат мекунад... Ҳарҷо амалдорро дидем, мезанем. Амлокдору закотчӣ, амалдор, доруғаҳоро мезанем. Биллоҳи азим, охир, то кай мо ҷафо мекашем? То кай монанди ана, ин гови ту чашмамон бастагӣ, юғи золимон ба гарданамон, хорию зорӣ кашида, мутеъу фар-монбардор шуда мегардем? Манғити гург ҳамаи моро гӯсфанд кард, биё, мо ҳам як бор гург шавем.

– Саидалӣ аз гуфтан бозистода, таъсири суханашро санҷиданӣ шуда ба Восеъ чашм дӯхт. Восеъ андешаман-дона худ ба худ ба аломати тасдиқ сар меҷунбонид.

– Биллоҳи азим, моро дар кӯҳҳо ҳеҷ кас қапида намета-вонад, – гуфт боз Саидалӣ.

– Дуздӣ, роҳзанӣ мекунем?

– Роҳзанӣ не, манғитзанӣ.

– Чанд вақт манғитзанӣ мекунӣ? То кай?

– То вақте ки ҷон дорему зада метавонем.

– Баъд чӣ?

– Баъд ҳарчи бодо бод. Одамизод ба дунё як бор меомадаасту як бор мемурдааст.

– Ҳоли фақирон чӣ мешавад?

– Фақирон? Фақиронро ба ин кор чӣ кор?

– Чӣ, магар ману ту ҳам аз фақирон нестем?

– Гапатро нафаҳмидам, чӣ гуфтан мехоҳӣ?

– Ту ки манғита мезанӣ, мекушӣ, ӯ магар нигоҳ карда меистад? Ниқори туро аз фақирони бегуноҳ намегирад? Падарат, бародаронат, аёлу кӯдаконатро толону тороҷ намекунад? Зиндон намекунад? Намекушад? Қишлоқҳоро

ҷазирбод намекунад?.. Ё ту хаёл мекунӣ, манғит он қадар беақл аст, ки ба ин чизҳо ақлаш намерасад?

Саидалӣ дармондавор оҳе кашиду ба сукут рафт.

Восеъ аз ҷо бархоста гапро тамом кард:

– Бирав, Саидалӣ. Ту аз роҳат намону ман ҳам аз корам намонам. Ҳамин гуфтаҳои маро фикр кун.

– Ба мо қатӣ намешавӣ? Не мегӯйӣ?

– Бача нестам, Саидалӣ, ёғӣ–тоғибозӣ намекунам.

– Ман туро марди баҳодур, боҳамият гуфта будам.

– Оҳани тафсонро бо мушт кӯфтан баҳодурӣ намешавад; ба ин кор чакуши оҳанин лозим.

Саидалӣ як даҳан «хайр» гуфту дигар дам назада бадар рафт.

* * *

Падари марҳуми Саидалӣ марди кордон ва ҳунарваре буд. Дуредгарӣ, мисгарӣ, иморатсозӣ, сангиосиётарошӣ ва боз чандин ҳунарҳои дигарро медонист. Чорбоғи дар ҷойи беоб дар нишебии кӯҳи Чаган сабзондашуда низ аз ҳунарҳои ӯ буд.

Аз ин понздаҳ сол пеш, ки Саидалӣ ҷавони навхате буд, падараш Ятим рӯзе аз рӯзҳои тирамоҳ ногаҳон коре сар кард, ки ҳеҷ кас надонист он кор барои чист ва пирамард чӣ мақсаде дорад. Вай ба Чаган рафта дар нишебии он кӯҳ чоҳеро кофтан гирифт. Писарашро ҳам ба ин кор гирифт. Марди панҷоҳсолаи лоғарандом, тамоми баданаш аз рагу пай зӯр каланд мезад. Куртаи дуруштнахи карбосии худро кашида партофта бо тани бараҳна кор мекард; на аз борон метарсид ва на аз шамолҳои сарди тирамоҳ парвое дошт. Каландаш ба сангҳо хӯрда шарораҳои сӯзон мепарронд. Ҳамқишлоқҳояш ҳайрон шуда аз ӯ: «Э марди Худо, чӣ мекобӣ?» гуфта пурсанд, Ятим: «Хазинаи ниҳон мекобам» мегуфту боз хоку шағалро гирифта ҳаво додан мегирифт. Баъд маълум шуд, ки вай хандақ мекобад.

То барфи нахустин хандақе ба дарозии сад қадам ва чуқурии ним қади одам пайдо гардид. Зувайриҳо ҳанӯз

ҳам сирри ин савдоро надониста, ба оқибаташ нигарон буданд.

Тирамоҳ рафт, зимистони хунуки сербарф омад. Сару бари кӯҳҳо, рӯйи киштзору боғҳоро барфи ғафсе пӯшонид. Он гоҳ Ятим, ба ҳайрати ҳамқишлоқиёни худ, дар як китфаш каланд ва дар китфи дигараш бел, бо Саидалӣ боз ба кӯҳ баромад. Падару писар барфро ғундошта–ғундошта ба даруни хандақ партофтан гирифтанд. Саидалӣ бо нишондоди падараш кор мекарду лекин ӯ ҳам мақсади пирамардро намедонист. Барфро ба хандақ як навбат мепартофтанду баъд онро бо пой ва пушти каландашон зер карда шибба месохтанд. Сипас боз барф мекашиданд ва боз шибба мекарданд. Як ду ҳафта ҳамин тарз кор карданд. Хандақ аз барф лаболаб пур шуда буд, ки рӯйи онро бо як қабат гилу хок пӯшонданд ва он гилу хокро ҳам боз бо пой ва пушти каландҳошон зада–зада сахт карданд.

Дар аввали баҳор Ятим, занаш, бачаҳои хурду калонашро бо худ ба Чаган бурда, ҳамаро дар нишебии поёни хандақ ба сангчинӣ андохт. Дар муддати се ҳафта бештар аз якуним таноб ҷой аз сангу сангреза покиза карда шуд. Сангу сангрезаҳоро ба гирди замин кашида тавора сохтанд. Баъд Ятим ва Саидалӣ он заминро аз як сар побел карда баромаданд. Побел тамом шуда, хок рӯгардон ва нарм гашта буд, ки аз Ховалинг ва аз боғҳои ҳамсояҳо ниҳоли себ, шафтолу, зардолу, гелос оварда, онҳоро дар замини навободи худ ба чандин қатор шинонданд.

Бештарини ниҳолҳо гирифтанд. Тамоми тобистон ниҳолҳои гирифта дар асари наме, ки аз барфанбор мезаҳид, шодоб ва сарсабз буданд.

Ҳамқишлоқиён ба доноӣ ва тадбири Ятим тан дода мепурсиданд, ки ӯ ин тариқа боғсабзонӣ ва обёрии каснодидаро аз кӣ ёд гирифт?

«Аз барф, хок, сабзаву шукуфаҳо ёд гирифтам» – мегуфт Ятим, ва нақл мекард, ки дар деҳаи Калтачинор

хонаи бародари ӯ дар лаби нишебӣ афтода, дар пушти хона баъди як бор барои андоваи бому девор лой хобонидан чуқурие пайдо шуда будааст, бародараш дар зимистон барфи боми хонаашро бел карда ба он чуқурӣ мепартояд ва бо ин тариқ барфи дар он чуқурӣ ғуншуда аз лагадкӯбии чорпоёни хонагӣ, ки дар пушти бом баста мешуданд ё аз он ҷо гузашта ба чаро мерафтанд, шибба мегардад. Ӯ, Ятим, ҳар боре, ки ба дидани бародараш меравад, мебинад: якто нимто гиёҳе, ки пештар дар нишебии поёни чуқурӣ мерӯид, одатан дар нимаи тобистон мехушкид, аммо акнун, баъд аз пайдо шудани чуқурӣ ва барфанбор, дар он нишебӣ алафу сабзаи анбӯҳе мерӯяд ва он алафу сабза тамоми тобистон на фақат хушк нашуда сарсабзу шукуфон меистад, балки авҷ карда то миёни одам мерасад. Ятим инро мушоҳида карда фаҳмид, ки ин сарсабзию шукуфонӣ аз нами барфанбори пушти бом аст. Инак, ӯ ба қиёси ҳамин чизи дидагиаш дар ин ҷо боғу мевазор месабзонад.

Барф дар хандақ ҳар сол анбор карда мешуд.

Дарахтони мевадори Ятим аз соли сеюм сар карда бо навбат бор овардан гирифтанд. Дар пираҳани хокистарранги Чаган дарбеҳи сабзгуне пайдо гардид, мардум онро «Боғи Ятим» ном ниҳоданд.

Ятим чор бор меваи боғашро хӯрду аз дунё гузашт. «Боғи Ятим» ба Саидалӣ мерос монд.

Хандақро ҳар сол таъмир карда аз барф пур намудан кори осоне набуд, бинобар ин Саидалӣ, барои он ки баъд аз сари падараш боғи ӯ хушк нагардад ва ҷазир нашавад, ба ҷустуҷӯи манбаи дигари об афтод.

Аз «Боғи Ятим» се чақрим дуртар дар худи ҳамон кӯҳи Чаган дар ҷойи баландӣ чашмае буд. Саидалӣ як сол зӯр зада аз он ҷо ба тарафи чорбоғаш ҷӯяке кашида оби чашмаро овард. Акнун тобистонҳо долу дарахт ва токзори ӯ муттасил аз оби ҷонбахш таъмин ва аз офати хушкӣ эмин гардида буд, то он ки дар як рӯзи наҳс қадами номубораки

Давлат қаровулбегӣ ба он тарафҳо расида, чашми балоангезаш ба он чорбоғи дилкушои пурсамар ғалтиду офатеро дар болои он қоим гардонид.

Асли воқеа аз балвои Муллохол оғоз ёфт.

Аз ин панҷ сол пеш, вақте ки мири Балҷувон Исҳоқбек қӯшпулӣ, мирона ва закоти чаканаро якбора ду баробар зиёд кард, деҳқонони шӯридаи Калтачинор бо сардории Муллохол ном бошандаи он деҳа барои арзу дод ба Балҷувон юриш карданд. Дар саросари роҳ ба онҳо аҳолии қишлоқҳои дигар ҳамроҳ шуданд. Ошӯб ба як ҷунбиши шӯришнамое мубаддал гардид. Мир ба муқобили ошӯбгарон Давлатро бо сад нафар сарбози савор равона кард. Давлат онҳоро дар дараи Раҷабфақир пешвоз гирифта, якбора ба болояшон тохта, теғу тозиёна кашида, чандеро кушта, даҳҳо нафарро захмдор карда, боқимондаашонро пароканда намуд. Ошӯби деҳқонон пахш карда шуд. Давлат, ки он вақтҳо ясовулбошӣ буд, барои ин хизматаш бо далолати ҳоким аз тарафи амир бо мартабаи қаравулбегигӣ сарфароз гардонида шуд. Ғайр аз ин ҳоким бо фармони амир ба Давлат панҷ деҳаи вилояти Балҷувонро танхоҳ карда дод. Танхоҳхӯр ҳақ дошт, ки ба болои ин панҷ деҳа ғайр аз хироҷҳои давлатӣ боз алоҳида аз ваҷҳи ғалла, чорпо, ему хошок, карбос, ҳезум ва ғайра ба фоидаи худаш хироҷ андозад. Ин хироҷро барои ӯ ё вакилони фиристодааш, ё ки амину арбобҳои деҳот ҷамъ карда медоданд ва деҳқонон инро бо маркаби (аспу улави) худашон ба ӯ мерасониданд.

Аз он панҷ деҳа яке Зувайр буд.

Давлат дар вақтҳои барои шикор ба кӯҳи Чаган баромаданаш дар Зувайр таваққуф менамуд. Сонитар ӯ дар «Боғи Ятим», таваққуф мекардагӣ шуд. Ин чорбоғи дилкушо дар нишебии баланди кӯҳсор бо сояи ҳаловатбахши беду садаҳояш, меваҳои дилкашу оби хушгувораш ба қаравулбегӣ бисёр хуш омада буд. Ҳар гоҳ ки ӯ баъд аз кӯфти кӯҳгардӣ ва шикор дар он ҷо бо одамони худ фу-

ромада дам мегирифт, Саидалӣ ба ӯ хизмат мекард ва то аз дасташ омадан меҳмоннавозӣ менамуд.

Саркардаи шуҷоъ дар вақти яке аз чунин дамгириҳояш пас аз сер шудан аз кабоби гӯшти оҳу, нохост аз меҳмондори худ пурсид:

– Саидалӣ, ҳамин чорбоғатро ба ман намефурӯшӣ?

Саидалӣ ин гапи ӯро ҳазл гумон карда гуфт:

– Фурӯхтан чӣ ҳоҷат, охир бе ин ҳам дари боғи ман барои шумо кушодагӣ–ку, тақсир. Биллоҳи азим, мисли боғи худатон.

– Агар боғ аз они ман мешуд, ман дар ин ҷо як иморати соз меандохтам, айвону шипангҳои нақшин меандохтам, чунон ҷое месохтам, ки аз «Боғи мир» ҳам беҳтару зеботар бошад.

Танхоҳхӯри бойгашта акнун дар дову даҳанаи сарватмандӣ ва карру фарри мансабдорӣ бо худи мир мусобиқа кардан мехост.

– Марҳамат, – гуфт Саидалӣ, – шумо ҳам дар ин ҷо ба паҳлуи ман як боғ созед, тақсир, оби чашма ба дуямон бемалол мерасад. Ана баъд ба даруни боғатон кӯшку айвонҳо андозед.

– Боғсозӣ вақти бисёр мехоҳад. Се–чор сол лозим, ки боғ боғ шавад. Ба ман тайёраш бошад.

Саидалӣ ба ин сухани Давлат ҷавоб надода хандиду монд, Давлат ҳам дигар дар ин хусус гап назад; гуфтугӯ бо ҳамин тамом шуд.

Дуруссташ, Саидалӣ онро тамомшуда ҳисоб мекард.

Аммо ба зудӣ маълум шуд, ки ҳисобаш хато будааст.

Як рӯз арбоби деҳаи Зувайр ӯро дар кӯча боздошта гуфт:

– Саидалӣ, қаравулбегӣ ба боғи чагании ту харидор шудааст.

– Ман фурӯшгор нашуда бошам, ӯ чӣ хел харидор мешавад? – гуфт Саидалӣ.

– Вай ба ман фармуд, ки «бо Саидалӣ гап зада ӯро ба фурӯши чорбоғаш розӣ кун». Ту худат мизоҷи қаравулбегиро нағз медонӣ–ку, агар ӯ ба ягон кор қасд кунад, он корро накарда намемонад. Беҳтар, ки ту розӣ шавӣ.

Саидалии тундмизоҷ ва баддаҳон қаҳраш омада як дашноми қабеҳ ба номи зани Давлат дод.

Суханчине аз ҷумлаи хушомадгӯёни қаравулбегӣ, ё шояд худи арбоб ба зудӣ дашноми ӯро «нарезонда ва начаконда», балки бо иловаю изофаҳо пурратар карда ба Давлат расонданд.

Баъд аз се ё чор рӯз Саидалӣ дар чорбоғаш танҳо (оилаи ӯ ҳоло аз Зувайр ба боғ накӯчида буд) токҳои ангурро хомток карда гашта буд, ки баногоҳ Давлат бо як даста сарбозу навкарони худ ҳозир гардид.

Ваҷоҳати тираи ӯ нагбатхез ва балоангез буд.

– Бандед ӯро! – фармуд ӯ ба сарбозон, Саидалиро нишон дода.

Мардакро зада–зада ба дарахт баста монданд.

– Буред! Шиканед! – ба боғ ишора намуда боз фармон дод саркардаи бадҳайбат.

Навкарони фармонбардор ва сарбозони шуҷоъ остин барзада ба кор даромаданд. Навкарон бо табару тешаву арра, сарбозон бо теғу шамшер. Фурсати нӯшидани як чойник чой ҳам нагузашта буд, ки лашкари себу ток, анор, нок, шафтолу, гелос торумор карда шуд.

Ба истиснои гелос, меваҳои дигар нав акнун ғӯра шуда, хӯшаҳои ангур ҳам ҳоло сабзу хом буданд. Шоху навдаҳои пурбор ҳамчун шаҳидони майдони ҷанг ба хок сарнагун гаштанд, танаҳои дарахтони каллакшуда ба мисоли падару модарони мусибатзадае, ки фарзандони дилбандашонро талаф дода бошанд, дастҳои худро боло намуда гӯё ба фалаки каҷрафтор лаънатҳо мефиристоданд.

Ин ҳама харобкории чингизона дар пеши чашми Саидалии бахтбаргашта ба амал пайваст ва анҷом ёфт. Фиғон

аз бехи ҷигари ӯ бархост. Бечора ба Давлат зорӣ мекард, ки:

– Бикуш маро! Ба ҳаққи Худо ва ҳурмати нону намаки дар ҳамин боғ хӯрдагиат, аввал маро бикуш ва баъд дарахтонамро бибур!

– Не, ман туро намекушам, аммо аз куштан бадтар мекунам! Ту ҳанӯз маро хуб нашинохта будаӣ, акнун бишинос! – қоҳ–қоҳ хандида тамасхур мекард саркардаи сарбозони мир.

Пас аз иҷрои фармони саркарда, сарбозон ва навкарон ҳамчун лашкари магаси ба наҷосати тар ҳамла оваранда ба дарахти буридаи гелос дарафтиданд. Онҳо дар талоши гелос шоху навдаҳои онҳоро шикаста мегирифтанд ва аз дасти якдигарашон мерабуданд.

Саркардаи шуҷоъ аз назораи боғи маҷруҳи мурдаистода завқ мебурд, мисли ин ки пас аз ҷанги фотеҳонае дар корзор лашкари ба хун оғуштаи душманро дида истода бошад.

– Дод аз дасти золим! – чун моргазида фарёд мезад Саидалӣ. – Ман ба ҳоким арз мекунам! Ба амир арз мекунам!

– Арз кун, – хандида мегуфт Давлат. – Э аблаҳ, магар намедонӣ, ки ман ба ҷаноби ҳоким ҳам, ба ҷаноби олӣ ҳам эрка мебошам, ҳарчи хоҳам мекунам, онҳо ба ман ҳеҷ чиз намегӯянд. Ту хаёл мекунӣ, ки аз барои ту барин як пойлучи шабушин ё аз боиси даҳ–понздаҳ бех дарахти ту ҳоким, амир монанди ман як сипоҳии дӯстдоштаашон, хизматгори содиқашонро хафа мекунанд? Ҷазо медиҳанд? Аблаҳ ту! Аҳмақ!

Фотеҳони ҳарбу зарби чорбоғ рафтанд, Саидалии фалакзада дар ҳолате, ки ба дарахти тут баста шуда буд, монд, то он ки даҳмардае ба фарёдаш расида ӯро аз банд раҳо кард.

* * *

Бақияи қарзи Восеъ аз қӯшпулӣ, танобпулӣ, мирона, ноҳақона ва ғайра саду бист танга баромад.

Дар ду соли хушкиву қаҳтӣ ҳукумат баъзе андозҳоро нисфӣ ва баъзеро сеяк гирифта буд. Боқимондаи андозҳо дар зиммаи деҳқонон қарз монда буд.

Чун аз рӯйи муқаррароти ҳукумати амир дар баҳор, вақти майса, аз деҳқонон нисфи ушрро мегирифтанд, амлокдор ин хироҷро ҳам ба болои «қарз»–и Восеъ зам кард. Ба ин тариқ ҷамъи қарзи вай аз андозҳо сесад танга шуд ва ба иловаи маблағи ҷарима ба чорсад танга расид.

Як ҷузъи муҳимми андозҳои ҳукуматиро ноҳақона ташкил мекард. Ин андози навро амир Музаффар аз ин ҳаждаҳ ё бист сол пеш дар вақти ҷанги Бухоро ва Русияи подшоҳӣ муқаррар карда буд, онро дар аввалҳо хироҷи ҷанг ё хироҷи ҷиҳод мегуфтанд, аммо халқ ба зудӣ номи онро ноҳақона гузошт. Ҷанг дар худи ҳамон соли 1868 тамом шуд, товони гарони ҷангро ҳам амири мағлуб кайҳо аз фуқарои мамлакаташ батамом ғундошта дода буд, аммо ситонидани андози мазкур аз фуқаро ҳанӯз давом мекард.

Воқеан ҳам ноҳақона, андози ноҳақ!

Восеъ аспи сиёҳмушкини худро дӯст медошт, аз он ҳаргиз ҷудо шудан намехост. Марди кӯҳистонӣ бе асп чӣ мардест! Ӯ мисоли мурғи беболупар асту бас.

Аз ноилоҷӣ хоҳу ноҳоҳ Аноргулро ба фурӯши ғуноҷин розӣ кардан лозим омад. Восеъ дар аввали баҳор модагови қисирмондаашро фурӯхта ба пули он ҳамин ғуноҷини сесоларо харида буд. Ният доштанд, ки ин баҳор онро бори аввал бордор кунонанд.

Аммо ғуноҷин зиёд равад ба саду панҷоҳ танга меравад, ба қарз намерасад. Чӣ бояд кард? Восеъ ноилоҷ барзагови тоқаашро ҳам ба бозор баровард. Ӯ онро одатан бо барзагови Нозим ҷуфт мекарду ба ин тариқ дуяшон

шарикона замин меронданд. Дар вақтҳои фориғ аз ҷуфтронӣ ва чигинакашӣ ҷонвар ҷувоз мекашид. Акнун минбаъд Восеъ арзану кунҷити мардумро дар ҷувозхонаи худаш бо барзагови худи онҳо кашида медиҳад.

Дар бозори Ховалинг ғуноҷин саду чил ва барзагов дусаду сӣ танга савдо шуд. Аз сесаду ҳафтод тангаи ба даст даромада сӣ танга закот ва бист танга аминона додан лозим омад. Панҷ танга ҳам ба даллоли шилқини бозор рафт.

Амин ва закотчии бозор Абдулкарим ном додари амлокдор буд. Додарон бо ҳамроҳии Алайкбахшбои балҷувонӣ закоти солонаи бозори Ховалингро аз ҳакимхона ба сад ҳазор танга харида гирифта буданд. Тамоми закоту аминонаи ҷамъшуда ба кисаи ҳамин се нафар бой медаромад.

Аз ҳар сари чорпойи ба фурӯш расида микдори закоти як вақтҳо «аз рӯйи шариат» ва аз тарафи ҳукумати амир муқарраршуда, кайҳо фаромӯш гардида, закот ва аминона – «ҳақ»–и амини бозорро соҳибони бозор худсарона чи қадаре ки тавонанд, мерӯёниданд.

Восеъ сесаду понздаҳ тангаи дар дасташ боқимонда ба адои андоз ва ҷаримааш дода, боз дар гарданаш ҳаштоду панҷ танга қарз монд.

Ва ҳол он ки аз ин қарзи ӯ панҷоҳ тангаи накд (закот ва аминона) аллакай ба кисаи амлокдор Абдуқайюмбой ва бародараш Абдулкаримбой даромада буд.

Амлокдор якбора ин қадар пули роҷеъулнақдро ба даст даровarda, магар дилаш нарм шуда буд, ки дар бобати бақияи қарзи Восеъ сахтгирӣ накард:

– Хайр, ҳеҷ гап не, мондагиашро то тирамоҳ диҳӣ мешавад, – «гузашт» кард ӯ. Абдуқайюмбой худро амлокдори боадолат ҳисоб мекард...

## БОБИ ЧОРУМ

Восеъ мебоист то як андоза хушҳол мебуд, зеро ки акнун агарчи ба сахтӣ ва ногуворӣ ҳам бошад то як муддат – то андозчинии ояндаи амлокдор гиребони худро аз чанги ӯ халос карда буд. Аммо Восеъ нафақат хушҳол набуд, балки як лоқайдӣ ва беҳавсалагӣ ба ӯ рӯй дод. Ӯ мисли каси роҳи дарозеро тайкарда магар хеле монда шуда буд, ки ба шуғли зарурии рӯзгораш ҳам маҷол надошт. Намуди ҷувозхонаи аз кор монда ва ҷувозкундаи нави чанг пахшкарда дилашро реш мекард. Ҳамқишлоқиён хобидани ҷувозхонаи ӯро дониста дигар ба вай пунбадона, кунҷид, зағир ҳам намеоварданд, равғанкашӣ намефармуданд. Рӯзи дароз ӯ гоҳ ба кӯча мебаромад, гоҳ боз ба ҳавлӣ баргашта дар болои суфаи таги чинор соатҳо зонувонашро оғӯш карда хомӯш менишаст. Ва гоҳе дар ҷувозхонаи сокиту ороми худ хилват ихтиёр мекард. Нигоҳубини асп, тараддуди обу ҳезуми хона ҳам ба уҳдаи зану духтараш монда буд.

Як ҳафта ба ҳамин минвол гузашт. Дар сари ҳафтаи дуюм Восеъ фикр кард, ки ҳарчи ҳам бошад гове пайдо намуда ҷувозро гардондан лозим аст.

Дар деҳаи Камолӣ хоҳар ва язнаи ӯ зиндагӣ мекарданд. Язнааш Сангалӣ деҳқони ба худаш тинҷ буд, ҷуфти гов дошт. Восеъ ба ӯ некиҳо карда, аз ҷумла оилаи ӯро дар ин ду соли қаҳтӣ аз равғани ҷувоз таъмин намуда омада буд. Ҳозир ҷуфтронию шудгори казоӣ нест, Говони Сангалӣ бекоранд, ӯ бояд не нагӯяд.

Восеъ як пагоҳ ба Камолӣ равон шуд. Аспи ӯро ҳамсояаш Нозим дина пагоҳӣ талабида бо коре ба Балҷувон рафта буд, Восеъ ба хонаи хоҳараш пиёда рафт.

Дар болои дарае, ки Камолӣ дар он воқеъ шудааст, Восеъ ба Сангалӣ вохӯрд, ки хари ҳезум боркардашудаашро ҳай карда рафта истодааст. Дуяшон ҳамроҳ ба деҳа даромаданд.

Дар кӯчаи деҳа диданд, ки Фотима хоҳари Восеъ – зани Сангалӣ ошуфтаҳол бо панҷ–шаш нафар бача гап зада истодааст. Сабаби моҷароро пурсиданд, маълум шуд, ки Фотима даҳ–дувоздаҳ дона қурутро барои хушконидан дар болои боми хонааш гузошта будааст, қурутҳоро дуздидаанд. Фотима аз бачаҳо пурсуков карда дуздро ёфтанӣ мешуд. Яке аз бачаҳо дигареро дузд гирифт. Сангалӣ бо қаҳру ситез қурутдузди гумониро, ки бачаи фақири ғарибнамое буд, қапида чанд шаппотии сахт ба рӯяш зад ва боз аз гӯшаш кашида қин карданӣ буд, ки ногаҳон аз хамгашти кӯча як ҷавони сарлучи борикандоми хушсимое тоқиашро дар даст гирифта пайдо гардид ва ба Сангалӣ хитоб кард:

– Ҳой мардак! Сағираро назан, ӯ гуноҳ надорад. Қурутатро ман гирифтам. Ма, бигир! – инро гуфта ӯ тоқии худро ба мардак дароз кард.

Восеъ ҷавонро шинохт – вай Ризо буд, ҳамон суламаи сарҳуй, ки гоҳ–гоҳ дар Дараи Мухтор ҳам пайдо шуда қиликҳо мекард. Дар тоқии ӯ якчанд дона қурут буд.

Ризо бо қиёфаи гунаҳкорона ба замин нигоҳ карда боз гуфт:

– Дутаашро хӯрдам.

Сангалӣ қурутҳоро ба занаш доду ба Ризо дарафтид:

– Падарлаънати адирӣ, қурутро чаро дуздидӣ?!

Агар Восеъ монеъ намешуд, мардак ӯро ҳам лат мекард.

– Биист, Сангалӣ, – аз китфи язнааш кашид Восеъ. – Сағира бачамард будааст, худаш иқрор шуда ба пешат омад. Маълум мешавад, ки аз дуздияш тавба кардааст. Ту бояд аз гуноҳи ӯ гузарӣ.

Сангалӣ аз ҳозир будани занаш ва дигар духтарбачагон ҳам ибо накарда Ризоро ду–се даҳан дашноми ногуфтанӣ дода, як лагади бадҷаҳлонае ба таги думи хар зада онро ба роҳ дароварду худаш ҳам равон гардид.

Дар ҳавлӣ Восеъ мақсади омаданашро баён карда буд,

ки Сангалӣ аввал говонашро хароб ва ба ҷувозкашӣ ношоям гуфт, баҳонаҷӯӣ кард, агарчи қабули Восеъ дар ҳар ҳол барояш фоида дошт – ӯро лоақал як ду ҳафта аз нигоҳубини як сар барзагови бекористода халос мекард. Аммо вай мехост, ки ғайр аз ин боз ба ивази кори говаш аз додарарӯси худ чизе рӯёнад. Дар охир ӯ розӣ шуд говашро ба кор диҳад ва аз Восеъ ба ҳар як рӯзи киро чор пайса равғани ҷувоз талаб кард, ҳол он ки ба худи Восеъ аз як кунҷола ҷувози касон ду–се пайса равған расад мерасид, нарасад не.

Восеъ аз носипосӣ, нокасии язнааш қаҳр карда, ҳатто бо хоҳараш ҳам, ки дар ҳавлии дарун буд, хайрбод накарда бадар рафт.

Фотима дар вақти гуфтугӯйи шавҳару бародараш оҳиста ба кӯча баромада он сағираи бечаҳ шаттахӯрдаро ёфта ба хона оварда бо чормағзу бодом зиёфат кард, дилҷӯйӣ намуд. Ӯ зани раҳмдил ва меҳрубоне буд. Бачаро боз номаълумак (аз шавҳараш пинҳонӣ, зеро Сангалии зихна агар фаҳмад, ки занаш ба бачаи бегона чизе додааст, ӯро ҷанг мекард) аз дари дигар бароварда узот кард.

Ба ҳавлии берун нигоҳ карда дид, ки шӯяш танҳо нишастааст, пурсид:

– Акаам куҷо шуд?

– Рафт, – гуфт шӯяш.

– Рафт? Барои чӣ? – безобита шуд занак. – Ту ягон чиз гуфта ӯро хафа кардагистӣ?

– Ӯ мехост барзагови моро муфт гирифта ба ҷувозаш бандад. Ман ки не гуфтам, хафа шуда баромада рафт.

Фотима бесаранҷом гашт, асабонӣ шуд.

– Чаро ту ӯро нигоҳ надоштӣ, мардаки дилозор? Охир, дастархонам тайёр шуда буд! Илоҳӣ newerговат аз сарат монад, медодӣ чӣ мешуд?! Ду соли расо равғани акаамро хӯрда меоӣ, акнун ки ӯ аз дасти амлокдори золим бе гов монд, як бор барои ҷувозаш гови туро талабад, намедиҳӣ? Ба некӣ бадӣ мекунӣ, шарм намедорӣ? Вой бар ман, акаам аз

ҳамин қадар роҳ пиёда омад, мани сиёҳпеча як пиёла чои алафинаш ҳам надодам!..

Занак ба дари берун давид, мехост аз қафои Восеъ расида ӯро гардонад, лекин аз афти кор дар дилаш шубҳае пайдо шуд, ки оё ӯро пас гардонда метавониста бошад ё не, зеро одами базардаву инодкор будани бародарашро медонист, аз дами дар баргашт, саросема ду чапотии калонро чорқат карда ба даруни остини дарозу фарохаш гирифту боз давид. Дар таги қир ба Восеъ расид.

– Ака, биист охӣ! Чӣ шуд, ки даррав қаҳр кардӣ, хайр нагуфта рафтӣ? Хок бикашад ин домоди дилозори туро! Биё биравем ба хона, ман барои ту қурутов пухта истода будам, қурутовамро хӯрда иқа дам мегирию меравӣ.

– Ман дигар ба остонаи ту пой намемонам! – гуфт Восеъ.

– Чаро ин тавр мегӯйӣ, ака, охир домодат ҳамин хел нокас бошад, гуноҳи ман чӣ?

– Гуноҳи ту нест, Фотима, аммо аз шӯят дилам монд, тоқати дидори он лаинро надорам. Ту ҳар вақт, ки маро дидан хостӣ, худат ба хона биё. – Восеъ боз ба роҳ даромад.

– Биист охӣ, ака, ман чапотӣ овардам, бихӯр; гушна будагистӣ охӣ!

Восеъ на он қадар аз асари гуруснагӣ, балки бештар барои хоҳари дӯстдоштаашро наранҷондан чапотиҳоро аз ӯ гирифт.

– Хайр, ту хафа нашав, ака. Ба янгаам, ба Гулъизор салом бигӯ, Ҳасанҷону Давлатҷонро аз барои ман мучӣ кун. Ман меравам, дар хона ба он дилозор, ба кӯдакон авқот доданам лозим. Хайр ака.

Фотима ба роҳи омадааш баргашт. Восеъ ҳам равон шуда дар сари аввалин чашмае, ки аз пешаш баромад, як чапотиро дар об тар карда хӯрду дигарашро қат карда ба миёнаш баста гирифт.

* * *

Ӯ ду даст ба пушт карда оҳиста–оҳиста қадам партофта мерафт. Баъди як дам ба адир – ҷойи ғаллакории камолиён расид, он ҷо дар болои адир як бех садаи калон ва дар таги сада нимвайрона ва барфу бороншуста, ба замин чӯкида хоначае буд, ки ҷуфтгарон, даравгарон ё чӯпонҳо ба вай аз борону жола паноҳ мебурданд. Аз сӯроххҳои бому девори хонача дуди нафисе мебаромад. Ин чӣ дудест, магар чӯпонҳо дар ин вайрона алов карда кӯмоч ё дунбулбирён пухта истода бошанд? – фикр кард Восеъ ва аз дари фарсудаи нимроғи хонача ба дарун назар андохт. Дид, ки воқеан ҳам дар он ҷо марди нимбараҳнае почакӣ сохта алов карда чизеро дар аланга тоб дода нишастааст. Восеъ дурусттар нигоҳ карда Ризоро шинохт.

– Ризо, ин туӣ? – ӯ дарро боз карда даромад.

Ҷавон як қабза сараки гандуми сабзро дунбулбирён мекард. Сару тани ҷиғда–ҷиғдааш, поҳояш олудаи хоку хокистар, дастҳояш сиёҳ буданд.

– Биё, акаи Восеъ, дунбулбирён бихӯр, – таоруф кард Ризо, мисли ин ки аз пайдоиши «меҳмони» ногаҳонӣ хурсанд шуда бошад.

– Боз гандуми киро дуздидӣ? – хандида гуфт «меҳмон». – Соҳибаш дониста монад, туро мекушад. Охир, ин кишти Сангалӣ–ку. Ин дафъа туро аз шаттаю шаллоқи ӯ кӣ халос мекунад?

– Ман аз шаттаву шаллоқ наметарсам, – гуфт Ризо.

– Охир, гандуми дунбули мардумро кандан, дуздидан хуб нест.

– Дуздӣ нест, акаи Восеъ, баҳор ман худам ҷуфти Сангалиро ронда ҳамин заминашро шудгор карда дода будам. Дар ин гандум ҳаққи ман ҳам ҳаст. Бишин, акаи Восеъ.

– Саракҳоро таҳловӣ[2] кунӣ, бомазатар мешуд, – рӯйи пахол нишаста гуфт Восеъ.

[2] Таҳловӣ – яъне тагиаловӣ, дар хокистари гарм пухтан.

– Ба ман рӯйловиаш[3] мефорад.

– Гушнаӣ?

– Аз ду бучаи[4] қурут одам магар сер мешавад?

– Ин тавр ки бошад, ту аз ин як қабза дунбулбирёнат ҳам сер намешавӣ, аммо агар онро бо нимта чапотӣ бихӯрӣ, сер мешавӣ. – Восеъ миёнбандашро дар пахол паҳн карду якто чапотии нахӯрдаашро пора намуда ба рӯйи он гузошт. – Бигир, бихӯр.

Дуяшон аввал чапотӣ ва баъд дунбулбирёнро тановул карданд.

Восеъ шунида буд, ки Ризо аз деҳаи Кулбагиён буда, дар хурдсолӣ аз падару модараш ятим монда, баъд аз он аз даргоҳи амаки бадҷаҳли муштзанаш ронда шуда, ду–се сол инҷониб «адирӣ» мебошад, сарсарӣ мегардад. Восеъ ба андоми барно, тарҳи рӯйи зебо ва чашму абрӯи сиёҳи ҷавон нигоҳ мекарду ба дилаш мегуфт, ки: ҳар падару модар ҳам бо ин гуна фарзанд фахр карда метавонистанд.

Боз ба болои ин вай далер, нотарс, чобук, оббоз ҳам ҳаст. Имрӯз дар Камолӣ барои аз шаллоқи Сангалӣ халос кардани он сағираи бегуноҳ қурутҳои duздидаро оварда доданаш ҳам шоҳиди он аст, ки ӯ аз номус ва мардонагӣ низ бегона намебошад. Ҳамин тавр як ҷавон бекасу кӯй монда, аз хорию зорӣ, гуруснагию ташнагӣ нимёбой шуда гардад! Э дунё!..

– Ризо! То кай ту сарҳуй мегардӣ?

– Чӣ кор кунам?

– Ман мегӯям, ба даргоҳи ягон каси боинсоф гардӣ, хизматгорӣ ё даҳмардагӣ кунӣ, намешавад?

– Безорам.

– Аз чӣ?

– Аз одамҳо, аз хӯҷаинҳо.

– Чаро?

---

[3] Рӯйловиаш – яъне рӯиаловӣ.

[4] Буча - кулӯла

– Миннаташонро намебардорам.

– Охир хизмат мекунӣ–ку, чӣ миннат дорад?

– Ман медонам, ту намедонӣ, акаи Восеъ.

Ногаҳон Ризо як каф хокистарро гирифта ба сари мӯйрасидааш пошид, ба дасту рӯяш молиду монанди гӯлахиён шуда боз гуфт:

– Ман ана ҳамин тавр шуда гаштан мегирам.

– Чӣ девонагӣ мекунӣ, Ризо! – Восеъ ҳам ҳайрон шуд ва ҳам қаҳраш омад. – Ин чӣ қилиқ?

– Мехоҳам, ки мардум маро чалфас[1] гӯянд, шайтон гӯянд, ғӯл гӯянду аз ман ҳазар кунанд!

– Чӣ магар ту одами ёбоӣ ҳастӣ, ки аз мардум мегурезӣ?

– Ёбоӣ ман не, дигарон.

– Киҳо?

– Ҳама.

– Сабаб?

– Сангалиро дидӣ, бо он сағира чӣ кард, бо ман чӣ кард? Ёбоӣ ӯст ё ман?

– Вай ҳақиқатан нокас аст, аммо ту ҳамаро бад мекунӣ.

– Ҳамаро не. Туро бад намегӯям.

Онҳо боз фурсате ҳамин навъ гуфтгузор карданд, баъд Восеъ гуфт:

– Ризо! Агар ту ҷиннигиат, қилиқҳои бемазаатро партоӣ, ман туро писархонди худ мекунам. Ту ба ин чӣ мегӯйӣ?

Ризо як навъ нобоварона ба чашми Восеъ нигоҳ карда истоду пурсид:

– Писархонд карда чӣ кор мекунӣ?

– Одам бо писари худ чӣ коре, ки кунад, ҳамонро мекунам.

– Мезанӣ?

– Агар гандагӣ кунӣ, гапамро нагирӣ, албатта мезанам.

[1] Чалфас – чиркин (дар шеваи кӯҳистон).

– Ман чӣ кор мекунам?

– Ҳар коре, ки ман фармоям, мекунӣ.

Ризо паҳлуи бараҳнаи чиркинашро хорида сукут кард, ба хаёл рафт.

Восеъ рӯмоли холишудаашро ғундошта, рафтанӣ шуда бархосту гуфт:

– Агар ту розӣ бошӣ писархонди ман шавӣ, пагоҳ дар ҳамин вақт ба Дараи Мухтор биёву маро бубин. Розӣ набошӣ – набиё. Хуб?

Ризо ба замин нигоҳ карда истода ба аломати қабул сар ҷунбонд...

* * *

Рӯзи дигар баъд аз пешин Ризо дар хонаи Восеъ ҳозир гардид.

– Омадӣ? Боракалло! – хушнуд шуд Восеъ. Новаи оби чашмаро нишон дода фармуд: – Дар ин ҷо дасту рӯят, поятро бишӯй.

Ризо пояш, дасту рӯяшро шуст.

– Ин ҷо биё, бишин. – Восеъ ӯро дар намади рӯйи суфа нишонда, аз ҳавлии дарун занашро ҷеғ зад, Аноргул омад, аз пояш Гулъизор ҳам пайдо гардид. – Ин сағираро мешиносӣ? – пурсид ӯ аз занаш.

Аноргул Ризои дар суфа ба паҳлуи шавҳараш боадабона нишастаро дида ҳайрон шуд, зеро Восеъ мулоқоти дирӯзаи худро бо Ризо, дар адири наздики Камолӣ, ба аҳли хонаводааш нагуфта буд.

– Ӯро кӣ намешиносад? – гуфт Аноргул.

– Аз ҳамин рӯз Ризо писархонди мо мешавад, – эълон кард Восеъ. – Ин ба ман қавл дод, ки аз гапам намебарояд, ҳар хел ҷиннигӣ, қилиқҳои нозебашро мепартояд. Ҳамин тавр не, Ризо?

Ҷавон изо кашидагӣ барин лабашро инҷ намуда ба замин нигоҳ кард.

Назари ба Восеъ духтаи Аноргул ва духтараш ифодаи

сарфаҳмнаравӣ ва савол буд; аён буд, ки онҳо аз ин қазия дар тааҷҷубанд ва онро намеписандиданд.

Гулъизор ҳатто ба аломати норозигӣ рӯяшро турш карда ақиб гашту дар паси дари ҳавлии дарун ғоиб гардид.

Восеъ ба ин кайфияти зану духтараш аҳамият надода Аноргулро фармуд:

– Ягон авқот биёр, ки аввал шиками писархондамонро сер кунем. – Ӯ хушҳол менамуд, зарбулмасали машҳурро ба таври худ такмил дода боз гуфт: – Мусулмонӣ ба шикамсерист, аммо, ман мегӯям, писархондӣ ҳам ба шикамсерист. Ҳамин тавр не, Ризо?

Аноргул дам назада рафт. Баъди як дам Гулъизор ду нони ҷавин ва як коса ҷурғот баровард.

Бихӯр, Ризо, баъд гап мезанем, – гуфта Восеъ хесту ба ҳавлии дарун даромад. Занаш ӯро бо саволӣ:

– Ин чӣ корест, ки ту мекунӣ, отаи Ҳасан? – истиқбол намуд.

Восеъ ба лаби айвон нишаста, воқеаи қурут ва баъд вохӯрии дирӯзаи худашро бо Ризо нақл карду гуфт:

– Аммо, ман мегӯям, ӯ бачаи хуб аст. Писархондаш кунем савоб мешавад. Фоидааш ба ӯ, савобаш ба мо. Ту ба шумии ӯ, ба қилиқҳои бемазааш нигоҳ накун, ҷони ширин, инҳо ҳама аз бесариву бенасибӣ аст. Ман донистам, ҷавҳари бача пок аст, тарбияташ кунем – одам мешавад, ба ман дастёри хуб мешавад.

– Охир, замон замони қаҳтӣ бошад, мо бачаҳои худамонро базӯр пойида истода бошему боз ту ба сари мо як нонхӯри ҷомадаронро биёрӣ, магар хуб мешавад?

– Ризо ба мо фоидааш мерасад, ки зарараш намерасад; нонашро худаш ёфта мехӯрад.

Аноргул дигар чӣ эътироз ҳам мекард! Ӯ фақат шакку шубҳаи худро изҳор карда метавонист, аммо қарордоди шавҳарашро бекор кардан аз дасташ намеомад ва ӯ худро ба ин ҳақдор ҳам намешумурд.

Модару духтар бо амри Восеъ дар ду рӯз барои Ризо як куртаю лозимии карбосин духтанд. Ғайр аз ин боз сару

либоси чиркину пора–पораи ӯро шуста, духта, дарбеҳи бисёре андохта, то як андоза пӯшиданибоб карда доданд.

Ризо дар ҳавлии берун мезист, ҷойи хобаш меҳмонхона буд.

Аноргул ба писархондии ӯ бо душворӣ одат мекард, ӯро қати аҳли хонаводааш ба сари дастархон намешинонд, балки хӯроки ӯро Ҳасан бароварда медод, зеро Аноргул аз Гулъизор андеша мекард ва мегуфт: ба хонае, ки духтари қадрас ҳаст, даро–баро кардани як ҷавони бегона (Ризо ба гуфти худаш ҳаждаҳсола буд) муносиб нест. Восеъ бошад мегуфт: Ризо писархонди мост, пас ӯ ва Гулъизор мисли бародару хоҳаранд, бояд ки дуяшон ҳам ба ин одат кунанд, – ӯ ин фикри худро ба ҷавон ва духтараш ҳам талқин менамуд, аммо бо вуҷуди ин вай лозим надонист дар бобати ҷойи хуфту хоб ва ҷудогона хӯрок хӯрдани Ризо ба раъйи занаш муқобил барояд. Аммо ӯ аксар вақт таомро дар ҳавлии берун бо ҳамроҳии Ризо мехӯрд.

Ризои чаққону чобук дастёриро аз хости соҳибхонаҳо ҳам зиёдтар баҷо меовард: ба асп бо майли тамом нигоҳубин мекард, аз обу ҳезуми хона бо саъю кӯшиш хабардорӣ менамуд ва инчунин дар боғ ҳам кор мекард.

Ҳамсояҳо Восеъро аз ваҷҳи Ризо мазаммат мекарданд: ту одами боандеша будӣ–ку, чаро он адирии шум ва дуздро ба хонаат гирифтӣ? Баъзеҳо ҳикмати машҳури шарқиро оварда мегуфтанд: магар нашунидаӣ, ки «оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад»? Ҳоло нигоҳ карда ист, ғӯли адирӣ туро боб мекунад: аспат ё чизи дигаратро дуздида ғоиб мешавад; ту аз кардаат пушаймон мешавӣ, аммо дар он вақт пушаймонӣ суд надорад. Вақте Восеъ ба онҳо мегуфт, ки Ризо бачаи қобил, гапдаро, корбудкун аст, хандида ҷавоб медоданд, ки инҳо ҳама ҳилаю найранг аст, – ӯ мехоҳад худашро ба ту хуш карда дар ғафлатат мононад. Ҳамин гуна гапҳоро Аноргул ҳам аз ҳамсоязанҳо мешунид. Мешуниду омада ба Восеъ мегуфт.

Восеъ аз ин гапҳо дилгир шуд, ба танг омад. Ӯ ба худ қарор дод, ки Ризоро озмояд. Як бегоҳ ӯ фармуд, Ризо ба деҳи Боғча рафта, аз Қосим додари Восеъ хари ӯро гирифта овард. (Ин хар ва асп дар байни бародарон шарикӣ буд.)

Саҳари барвақт Восеъ аз дигарон пинҳонӣ ду нони ҷав ва як миқдор талқонро ба миёни Ризо бандонда, ба хар савораш намуда ба Норинҷи дур равона кард:

– Аз болои Сурсақова, Зувайр, Боғи Зоғон мегузарӣ, ба Шаҳидон меравӣ; дар рӯ ба рӯйи Шаҳидон ба лаби оби Булуғрӣ деҳаи Афардӣ ҳаст, ба Афардӣ мегузарӣ, хонаи Давлат Назирро мепурсӣ, ӯро ёфта мегӯйӣ «Ба Норинҷ равонем, маро амаки Восеъ фиристод». Шаб дар хонаи ӯ мехобӣ, пагоҳи дигар боз раҳакӣ мешавӣ, ба Тавилдара мерасӣ, шаб мехобӣ, рӯзи дигар аз Хингов мегузарӣ, ба деҳаи Норинҷ меравӣ. Норинҷ дар мулки Қаротегин аст; дар он деҳа хонаи Бобошарифро мепурсӣ, Бобошариф тағоии ман мешавад. Ба ӯ мегӯйӣ «Маро акаи Восеъ аз барои гандум ё ҷав фиристод». Ӯ чоряк ман гандум ё ҷав медиҳад, ту онро ба харат бор карда боз бо ҳамон роҳ гирифта меорӣ.

Ризо номи манзилҳо ва одамҳоро гаштаю баргашта такрор намуда аз ёд кард.

Бобошариф дар аввали баҳор, вақте ки ба зиёрати мазори Хоҷа Балҷувон омада буд, ба хоҳарзодааш гуфта буд, ки «Агар муҳтоҷ шавӣ, биё, ман ба ту чоряк ман гандум ё ҷав қарз медиҳам».

Ризо равон шуд.

Вақти ношто Аноргул пурсид «Ризо куҷо шуд?», Восеъ гуфт «Ман ӯро бо як кор ба Тавилдара фиристодам».

Рӯзона Қосим барои хар омада буд, ки бародараш воқеаро ба ӯ баён карда хоҳиш намуд:

– Ту медонию ман. Ҳоли ҳозир ин гапро ба ҳеҷ кас нагӯй.

Қосим рӯй турш кард, чин ба ҷабин кашид:

– Кори бемаслиҳат кардаӣ, ака. Ана мебинӣ, Ризои ту гашта намеояд. Ту харро ҳам, ҷавро ҳам аз даст додӣ.

– Таваккал, – гуфт Восеъ. – Мард гоҳо бояд таваккал кунад. Ё бурдам, ё бохтам. Агар бурдам, якбора аз Ризо хотирҷамъ мешавам, дар ҳаққи ӯ даҳони мардумро ҳам мебандам; агар бохтам – албатта зарар мекашам, аммо ин зарар аз фоида ҳам холӣ нест: фоидааш ин ки якбора аз дузд халос мешавам ва балки пеши дуздии ояндаро мегирам, ки мумкин он дуздӣ аз ин дуздӣ калонтар шавад.

Восеъ ин гапҳоро мегуфту лекин ба дилаш боварӣ дошт, ки Ризо ҳамаи гуфтаҳои ӯро иҷро карда, гашта меояд.

Аммо «далелҳои» Восеъ додарашро ҳеҷ қонеъ накарданд, балки ба ӯ бемаънӣ ва сафсата барин намуданд. Ӯ ба дилаш гузаронд, ки «акаам ақлашро хӯрдааст».

Восеъ боз ба Қосим гуфт:

– Агар ба ту маркаб лозим бошад, аспро бубару кор фармой.

## БОБИ ПАНҶУМ

Ба назди Восеъ бошандаи деҳаи Бачкакон Юсуф омад. Ӯ порина дар аввали зимистон бо ҳамроҳии додархондаи Восеъ – Назир–паҳлавони сарихосорӣ барои мардикорӣ ба тарафҳои Самарқанд рафта буд.

Юсуф хабар овард, ки Назир дар Шаҳрисабз ба зиндон ғалтид: бои шаҳрисабзиро, ки Назир ба даргоҳи ӯ қарорӣ будааст, шабона қотилони номаълум кушта рафтаанд, миршаби шаҳр аз Назир гумонбар шуда, ӯро ба ҳабс гирифтааст.

Ин хабар Восеъро мушаввашхотир карда монд. Дар деҳаи Афардии амлокдории Сарихосор писари Назир – Давлат зиндагӣ мекард. Восеъ аз як нафар афардигии ба бозори Ховалинг омада таъин карда фиристод, ки Давлат зуд ба назди ӯ биёяд.

Давлат баъди ду рӯз омад. Ӯ як ҷавони заифмизоҷе буд, бо шунидани хабари ҳабси падараш ҳунгос зада гирист. Ба пойи Восеъ ғалтида зорӣ кард, ки:

– Амакҷон, умеди ман фақат аз шумост, гӯед чӣ кор кунам? Отаамро ба туҳмат мекушанд!..

Вай шаб дар меҳмонхонаи Восеъ хобида, то саҳар нолиш карда баромад. Восеъро ҳам хоб набурд, ҳавосаш парешон буд. Фикр мекард, ки чӣ бояд кард, ба Назири бахтбаргашта чӣ гуна бояд мадад расонд? Магар, Давлатро ба Шаҳрисабз фиристонад? Аммо аз ин чӣ фоида, аз дасти ӯ чӣ ҳам меомад? Ин ҷавони содадил, ки дар умраш аз Балҷувон он сӯтар нарафтааст, бедарак сарсон мешавад. Ӯ куҷову ба он шаҳри дур рафта роғу рахнаи халосии падарашро ёфтан куҷо! Илоҷ нест, бояд ки худи Восеъ равад, аз аҳволи Назир хабар бигирад. Магар ӯ бо Назир аҳду паймон накарда буданд, ки агар ба сари якеашон мушкиле афтид, дигарашон ба мадади ӯ мерасад?

Пагоҳӣ Восеъ ба оилааш қарори худро эълон кард. Давлат ҳам дар сари дастархон ҳозир буд, ӯ дар ғояти миннатдорӣ Восеъро оғӯш карда кӯдаквор гирист. Аноргул ва Гулъизорро ғами фироқи дар пеш истодаи шавҳару падар гирифт, дуяшон оби дида карданд. Ҳасан ва Давлати хурдсол ҳам агарчи ба маънии гап он қадар сарфаҳм намерафтанд, аз гиристани очаву апаашон ба кадом як кори хатарнок иқдом намудани падарашонро ҳис карда, ҳамчунин гиря бардоштанд.

Аммо зан ва духтари Восеъ ба қарору азми Восеъ эътироз накарданд: модом ки ӯ Шаҳрисабзравиро ихтиёр карда бошад, маълум мешавад, ки рафтанаш лозим будааст, ӯ худ беҳтар медонад...

Оила ва меҳмон ҳоло аз сари дастархон нахеста буданд, ки аз ҳавлии берун овози их–их шунида шуд. Ҳасан баромада дид, ки Ризо омадааст.

Сағира хиёнат накард, дар ҳаққи худаш бадгумониҳои мардумро якбора ботил карда баргашт. Ӯ ҳатто чоряк ман

ҷавро дар кадом як осиёи сари роҳ орд карда оварда буд.

Дар ҳамин саҳарӣ ба болои маслиҳати Шаҳрисабзравӣ баргаштани ӯро Восеъ фоли нек гирифт. «Андак мушкиле, ки бо ин сағира доштам, ба хубӣ ҳал шуд, иншоаллоҳ мушкили дигарам ҳам осон, сафарам бахайр мешавад» – ба дил гузаронд ӯ. Ҳарчи бошад ҳам ӯ мусулмон буд, ба мавҳумот эътиқоде дошт.

Ду рӯзи баъд ба тараддуди сафар гузашт. Аноргул ва Гулъизор тӯшаи роҳ тайёр карданд – кулчаҳои ҷавин бастанд, талқон кӯфтанд.

То пухтани гандуми баҳорӣ камобеш ду–се ҳафта монда буд, Восеъ гуфт, ки ҳаракат мекунад ба вақти дарав расида биёяд, аммо агар бо ягон сабаб дертар монад, бигузор Қосим бо ёрии Ризо даравӣ гандуми баҳории дар адир шарикона коштаашонро сар кардан гирад.

Аҳли хонавода, хешон ва ёру дӯстони Восеъ ӯро бо як ҳисси ғамангези ҷудоӣ ва «саломат бираву саломат биё»–ҳои бисёре ба роҳи дур гусел карданд.

Ӯ лингаи куҳнаеро, ки ба даруни он ғайр аз зоди сафараш мукии худро ҳам андохта гирифта буд, ба китфаш партофта побараҳнаву пиёда равон гардид.

* * *

Одати халқии «додари қиёматӣ» шудани ду марди ба ҳам бегона хусусан дар байни кӯҳистониён хеле маъмул аст.

Восеъ ва Назир ҳам «додарони қиёматӣ» буданд.

Ин воқеа бисту панҷ сол пеш рӯй дод.

Он вақт амирони манғития ҳанӯз «Бухорои шарқӣ»–ро ба худ тобеъ накарда буданд, миру шоҳони кӯҳистон ба худ истиқлолияте доштанд.

Бошандагони деҳаи Норинҷ як пагоҳ аз хоб бедор шуда хабар меёбанд, ки тобеи Қаротегин шуда мондаанд. Дирӯз онҳо фуқарои мири Балҷувон буданд, имрӯз фуқарои мири Қаротегин. Деҳа дар сарҳади ин ду вилоят ба канори

Хингоб воқеъ буд. Мири Балҷувон хоҳари мири Қаротегинро ба занӣ гирифта, ба ҷойи қалин Норинҷро ба язнаи худ бахшидааст. Ин хабарро ба норинҷиён амалдори қаротегинӣ, ки барои чидани хироҷ омада буд, расонд.

Ӯ бо даҳ нафар навкару мулозимони худ дар меҳмонхонаи арбоби деҳа ҷой гирифта, халқро ба ҳузураш талабид. Як сӣ нафар деҳқону чӯпон дар ҳавлии беруни арбоб ҳозир гардиданд. Мирзои қаротегинӣ онҳоро рӯйихат кард, амалдор миқдори хироҷи ҳар кадомашонро эълон намуд. Норинҷиён шӯру ғавғо бардоштанд, зеро хироҷи солро кайҳо ба мири пештараи худ дода адо карда буданд.

Вале андозчини қаротегинӣ доди онҳоро намешунид. Ӯ барои сиёсату ибрат ба навкарони мусаллаҳи худ фармуд, ду нафар побараҳнаи фарёдкашу ошӯбгарро гирифта хуб заданд. Амалдори калтаи шикамкалон ду пойи худро ба лаби суфа маҳкам зер карда истода мегуфт: «Донед, ки ман аз ин ҷо бе бист ман ғалла, сӣ сар гӯсфанду буз ва панҷоҳ газ карбос намеравам!». Аммо норинҷиён тан намедоданд, моҷаро мекарданд.

Баногоҳ дар кӯча тӯпаланге бархост. Ҳама гӯш ба қимор шуданд. Аз болои девор сари ҷавони сабзинаи навхате, ки савори асп буд, намоён гашт. Норинҷиён Восеъ писари Шакарро шинохтанд. Ҷавон саросемаву ошуфтаҳол фарёд зад:

– Раҷаб мерган меояд!!

Бо шунидани ин ном ҷамоат якбора безобита гардид. Гӯё ҳавлии арбоб лонаи мӯрчагон буду Восеъ обе ба он рехт. Нишастагон хестанд ва хестагон худро ба дарвоза заданд. Ранги амалдори қаротегинӣ канда чашмони тангаш васеъ шуданд. Мирзои қоқро ларза гирифта риши бузонааш ба ҷунбиш омад. Навкарон ба тарафи соботи дарозе, ки дар як тарафи ҳавлӣ буду дар он аспони онҳо истода буданд, саросема давиданд. Агар Восеъ хабар медод, ки деҳаро сели азиме пахш кард ё оташе дар он афтод, ошӯбу ҳаяҷони мардум аз ин зиёдтар намешуд. Аз ҷониби

сангоби хушк тапар–тапари асптозӣ ба гӯш мерасид. Барои аспҳоро зин кардан фурсат набуд, амалдор ва одамони ӯ аспҳои безину абзолро савор шуда рӯ ба гурез ниҳоданд. Вақти гурезогурез саллаи амалдор ба тоқи дарвоза дармонда аз сараш парид, вай сарбараҳна фирор кард. Зину абзолҳо дар буни девор, тӯрбаҳо дар замину соботу сари охурҳо паҳну парешон монданд, ҷавҳо рехта ба саргину пору омехтанд.

Ягона касе, ки дар даҳани кӯча бепарво истода он ҳама такопӯ ва гурезо–гурезро тамошо мекарду завқкунон механдид, Восеъ буд.

Андозчинҳо аз деҳа бадар рафта буданд, ки аз ҷониби дигар чор савор, – ҳамон савороне, ки садои суми аспҳошон мардумро ба изтироб ва қаротегиниҳоро ба тарсу ҳарос андохта буд, ба деҳа дохил шуданд. Инҳо ҷӯраҳои Восеъ – подабону чӯпонҳои деҳа буданд. Дар вақти кашмакаши амалдор бо аҳолӣ дар саҳни ҳавлии арбоб ин ҷавонон дар дара подаву рамаи худро мечаронидаанд; Восеъ дар он дам номаълумак баромада ба пеши онҳо рафта буд ва бо таълими ӯ ҷӯраҳояш саворӣ намуда ба болои деҳа тохта буданд.

Восеъ аз ҷӯраҳояш пештар ба деҳа омада, онҳоро саворони Раҷаб мерган гуфта андозчинҳоро тарсонида буд.

Раҷаб мерган он вақтҳо дар кӯҳистони Кӯлобу Дарвозу Қаротегин даҳшати боёну амалдорон гардида буд. Ӯ аслан як нафар шикорчии камбағале буда, боре дар вақти андозчинии мири Балҷувон дар деҳаи худаш – Яб андозчини бемурувватро кушта, гуреза шуда сар ба кӯҳу дараҳои ниҳон гирифта буд. Дар он ҷоҳо ӯ монанди худаш гурезаву ёғиҳоро гирд оварда дастае сохта, дуздӣ ва роҳзаниро пешаи худ карда буд.

Норинҷиён дар аввали кор ҳилаи Восеъ ва рафиқони ӯро писандиданд, қоил шуданд, завқ карданд, аммо баъд ба хавотир афтоданд: амалдори қаротегинӣ ба гурехтан–ку гурехт, аммо роҳи бозгашти ӯ баста нест. Ӯ боз меояд.

Биёяду аз фиреб огоҳ шавад, албатта, балое ба сари норинҷиён наёварда намемонад.

Хешони Восеъ, албатта, аз ҳама зиёдтар хавотир мекашиданд.

Ҳол он ки ба тобеияти мири Қаротегин гузаштани Норинҷ бе он ҳам хешони Восеъро хеле нотинҷ карда монда буд.

Ва ин ваҷҳ дошт.

Ваҷҳ ин ки: мирони Кӯлобу Балҷувон, Ҳисор, Масчоҳ, Қаротегин, шоҳони Дарвозу Бадахшон байни худҳошон доим ба ҷангу ҷидол буданд. Гоҳ мире бо мире танҳо меҷангид ва гоҳе ду–се мир як шуда ба болои мирону шоҳони дигар тохту тоз мекарданд. Мақсади асосии ин ҷангҳо ғорат буд: ғорати мол, чорпо, ғалла. Баъзан ҳам дар талоши чарогоҳе ё деҳае. Аҳёнан аз боиси зане ҳам меҷангиданд. Ба масал, мири Кӯлоб духтари соҳибҷамолеро ба занӣ гирифтааст, мири Ҳисор дар ҳоли мастӣ лоф мезанад, ки он духтарро бо зӯрӣ ба ҳарами худ хоҳад овард. Вассалом, баҳонаи ҷанг муҳайёст. Ҷафои ин ҷангу ҷидолҳоро фуқарои бечора мекашид.

Аз гардиши фалак деҳқони хокпоши норинҷӣ Шакар – падари Восеъ ҳам боре шарики кашмакаши мирон шуда монд. Дар як ҷанг сарбозони қаротегинӣ на танҳо кишти ғаллаи ӯро поймол карданд, балки асп ва ҷуфти говашро ҳам ба яғмо бурданд. Шакар бо дасти аламу ҳасрат ба сар задан қаноат накарда, бори дигар вақте ки мири Кӯлоб ба мири Қаротегин эълони ҷанг кард, таёқ дар даст рафта ба сафи сарбозони кӯлобӣ дохил шуд. Ҳарчанд ки аз ҷанг муроде ҳосил нагардид, зеро қаротегиниҳо дар сари вақт аз хатар огоҳӣ ёфта, ба пешвози душман баромада буданд ва аз ин рӯ мири Кӯлоб пас аз заду хурди яксоата дар ағбаи Лулхарвӣ тамбаи дари Қаротегинро шах дида, аз табу тоби ҷангҷӯӣ фуромаду ақиб гашт, аммо Шакар тавонист дар он задухурд ду нафар қаротегиниро бо таёқ

зада аз аспҳошон фурӯ ғалтонад. Як нафари онҳо аз зарби таёқ мурд. Баъд маълум шуд, ки ӯ додарзодаи мири Қаротегин будааст...

Пас аз ин воқеа Шакар дар байни мардум ном баровар-да, ӯро ҳама Шакар–баҳодур мегуфтагӣ шуданд.

Мана акнун ноомади кор Шакарро табааи мири Қаротегин карда монд. Мир кӣ будани кушандаи бародарзодаашро донад ҳам аҷаб нест; агар надонад, хушомадгӯёнаш, албатта, ба ӯ «медононанд». Ба болои ин акнун писараш ҳам бо шӯхии беақлонааш андозчинони қаротегиниро ба худ душман кард. Шакар чаро хавотир накашад?

Ҳар як одами беозортарин ҳам душмане ва бадхоҳе дорад. Хавотиркашии Шакар беасос набуд: яке аз бадхоҳони ӯ воқеан ҳам ба қаротегиниҳо хабар кашид, ки кушандаи хеши мир ҳамин Шакар аст ва андозчинони мирро ҳам бо ҳила гурезондагӣ писари ӯ Восеъ мебошад.

Шакар аз рӯйи эҳтиёт писарашро ба мулки Балҷувон – ба тарафи Сарихосор гурезонд.

Восеи ҷавон дар рӯзҳои гурезагии худ дар кӯҳ бо Назир–мерган ном шикорчӣ шиносо шуд. Ду–се рӯз дуяшон ҳамроҳ дар кӯҳҳо бо камони пилтагӣ шикор карда гаштанд, аммо шикорашон барор нагирифт. Рӯзи охирин Восеъ иттифоқо бо камони Назир як нахчирро тир зада сабук захмдор кард, вай лангон–лангон рӯ ба гурез ниҳод, Восеъ ҳарчанд мерган манъаш кунад ҳам қабул накарда аз пайи нахчири маҷруҳ афтод ва онро аз нисфи рӯз то бегоҳ таъқиб намуда, охир дар як камари кӯҳ зер карда гирифт. Ин ҷавони боғайрати қавибозу ба Назир хуш омад, ӯ шикорошнои худро ба хонааш бурда зиёфат кард.

Восеъ аввал сирри худро ба Назир накушод, андеша кард, зеро мири Қаротегин эълон намуда буд, ки ҳар кас агар Восеъ Шакарзодаро дастгир кунад, аз мир ду гӯсфанди бӯрдоқӣ мукофот хоҳад гирифт. Аммо дар охир

он ҳама одамгарӣ ва ғарибнавозии Назирро дида дар дилаш нисбат ба вай эътимоде пайдо шуд ва сирри худро ба ӯ ошкор кард. Назир донист, ки ҷавон бегуноҳ аст ва он шӯхии худро дар ҳаққи андозчинони мир аз рӯйи маҷбурият кардааст, ба ҳоли ӯ таассуф карду гуфт:

«Ғам нахӯр, додар, хонаи ман хонаи худат, чӣ қадар ки хоҳӣ, истодан гир». Восеъ дар хонаи Назир ду ҳафта пинҳон шуда зиндагӣ кард. Соҳиби хона ба вай на фақат паноҳ, балки нону ош ҳам дод. Зани Назир либоси ӯро шуст. Дуяшон боз ду бор ба шикор баромаданд. Мерган ба ҳамқишлоқиёни худ мегуфт, ки Восеъ хеши ӯст ва ба меҳмонӣ омадааст.

Як рӯз Назир дар маркази амлокдории Сарихосор – деҳаи Шаҳидон ба деҳқонони норинҷии ба бозор омада вохӯрд ва аз онҳо фаҳмид, ки падари Восеъ бо оилааш аз деҳаи худ ба Ховалинг кӯчида аст. Одамони мири Қаротегин дар талаби хунбаҳои бародарзодаи мир ва аз ваҷҳи Восеи гуреза Шакарро бисёр ба танг овардаанд ва ӯ ғайр аз тарки диёри худ чорае наёфтааст.

Мерган ин хабарро ба меҳмони гурезаи худ расонда буд, ки меҳмон барои некии мизбонаш изҳори миннатдорӣ намуда, бо ӯ хайрбод карда фавран ба роҳ даромад. Мехост ба ҷустуҷӯи падару модар, додар ва хоҳари сарсону саргардонаш равад. Дар даҳани дара, ки Назир то он ҷо гуселаш кард, Восеъ хайрбоди бағалкаш намуда гуфт: «ман туро додари қиёматӣ гирифтам, Назир. Минбаъд ту дар куҷое, ки бошӣ, ба сарат ҳар мушкиле, ки ояд ба ман хабар деҳ, ман ба наздат ҳозир мешавам ва барои мушкили туро осон кардан ҷонамро ҳам дареғ намедорам...»

Аммо пеш аз он ки Восеъ мушкилеро аз мушкилоти додархондааш осон созад, рӯзгор боз як бори дигар ӯро ниёзманди ёрии Назир гардонид. Хонандагон шарҳи ин воқеаро дар боби зерин хоҳанд ёфт.

## БОБИ ШАШУМ

Восеъ падару модари кулфатзадаи худро суроғ карда дар деҳаи Дараи Мухтори амлокдории Ховалинг ёфт.

Бошандагони Дараи Мухтор ба ғарибони хонабардӯш раҳмашон омада ба Шакар маслиҳат доданд, ки бо аёлу фарзандони хурдсолаш (Фотима ва Қосим дар он вақт хурдсол буданд) сарсон шуда нагардаду дар ҳамин деҳа манзил бигирад. Шакар қабул кард. Дар канори деҳа ӯ як ҳавлии харобаи партоверо обод намуда ба зиндагӣ шурӯъ кард. Вай марди панҷоҳсолаи боқувват ва коркуне буд. Сари баҳор бо ҳамроҳии писаронаш дар нишебии кӯҳ қитъаи заминеро аз сангу сангреза покиза карда, ба қарз тухмӣ гирифта гандуми баҳорӣ кошт. Зани ӯ дар хонаҳои мардум дӯғ мекашид, пахта мешапид, ҷомашӯӣ мекард. Сонитар Шакар писари калониаш Восеъро ба галабонии Хӯҷамурод-мирохӯри кангуртӣ дод. Восеъ дар дашту адирҳои Кангурт, Балҷувон ва Қизилмазор як сол галаи аспони мирохӯрро пойид.

Тобистони соли 1865 падару писар ба даравгарии ғаллаи Мӯминҷонбои балҷувонӣ киро шуданд. Баъд аз тамом шудани дарав бой Восеъро барои хирманкӯбӣ нигоҳ дошт.

Ҷавон таронаи хирманкӯбон «Майдаё»-ро бо овози баланд суруда, дар соҳили Сурхоби шӯхи пурғавғо галагов меронад. Вақти баъд аз пешин; офтоби тафсони асад ба сари кӯҳ сарозер меравад, – шуълаи вай сардтар шуда, насими фараҳбахши бегоҳрӯзӣ ҳам андак–андак ба давидан оғоз кардааст. Говон хастаҳолона қадам мебардоранд. «Майдаё»–хонии галабон ва зарби говрони ӯ ҳам акнун ба ҷонварон он қадар таъсир намекунад.

Бачагони хӯшачин бандчаҳои хӯшаашонро бардошта ба қишлоқҳои худ равон шуданд. Дар гандумпая ба наздики хирман танҳо ҳамон духтараки нозукаки зукка ҳанӯз хӯша мечинад.

Ӯ вақте ки хам мешавад, кокулҳои сиёҳаш ба рӯяш ғелида, гӯё ки он рӯйи зеборо аз чашми номаҳрамон пинҳон медорад.

Чанд рӯзи охир, ҳар гоҳ ки духтарак бо куртаи чити сурхи гулдораш дар гандумпая пайдо мегардад, ҷавон дасту по гум мекунад, дилаш ба тапидан медарояд.

Восеъ ин дафъа қарору оромро аз даст дода, говронаашро партофту ба наздики духтар рафт, хушҳолонаву шӯхона салом дод.

Духтар нигоҳе карду дар ҷавоби саломи ӯ:

– Аз корат намон, бача, – гуфт ва хӯша чидан гирифт.

– Ту духтари, кӣ мешавӣ?–боз бо овози ҳарчи нармтар пурсид Восеъ.

– Духтари отаву очаам.

– Номат чист?

– Ба номам чӣ кор дорӣ?

– Хӯша мечинӣ?

Духтар ба ин пурсиш ҷавоб надод. «Аҷаб саволи аҳмақонае додам»–мулзам шуда ба дил гузаронд Восеъ. Аммо азбаски ӯ ба ҳар навъе, ки бошад, духтаракро ба гап даровардани буд, боз пурсид:

– Гап задан намехоҳӣ?

– Бирав бо говонат гап зан.

Духтараки сипоҳ бо ин ҷавоби тунди худ қасди аввалини ҷавонро пуч карда бошад ҳам, дилашро сард карда натавонист. Фақат ин ки духтар ба тараддуди рафтан афтоду риштаи гуфтугузори дуяшон чору ночор бурида шуд.

Одатан духтар дастаҳои хӯшаи чидаашро дар наздикии хирман ба зери сада мегузошт ва чоштгоҳ онҳоро бо навдаи тут ё бед баста, ба сараш гирифта сӯйи деҳа равон мегардид.

Дар он деҳа падар ва модарандари ӯ дар хонаи як нафар ошнояшон истиқомат мекарданд. Онҳо дарвозӣ буданд, падараш аз Дарвоз ба Балҷувон барои даравгарӣ омада, занаш ва духтарашро ҳам бо худ оварда буд.

Восеъ худи ҳамон бегоҳ, чун аз хирманкӯбӣ фориғ гашт, ҳамчунин ба хӯшачинӣ даромад. То ғуруби офтоб шаш даста хӯша чида онҳоро дар таги коҳ пинҳон карда монд.

Рӯзи дигар духтарак боз омада хӯша чидан гирифт. Се даста хӯшаи чидаашро оварда ба зери сада гузошт ва боз аз пайи чидани саракҳои нав рафт.

Восеъ як дастаи калони хӯшаи худро номаълумак бурда ба болои дастаҳои духтарак гузошт. Духтар омада дид, ки се дастаи ӯ чорто шудааст, ҳайрон шуд, бо нимтабассуми нуктафаҳмона ба сӯйи ҷавон нигоҳе кард, ҷавон худро ба нодонӣ зад.

Бори дигар омад, дид, ки хӯшаҳояш боз дастаи нав «зоидаанд» аст.

Ин дафъа ба тарафи Восеъ бо табассуми кушод нигаристу гуфт:

– Ту ҳилагар будаӣ!

– Ба Худо, ки ман хабар надорам, – Восеъ муғамбирона рӯйи худро чаппа кард.

– Хӯшаатро намегирам, – духтарак бо як нозу истиғнои дилфиребона дастаи иловакардаи ҷавонро ба як тараф гирифта монд.

Ҷавон аз табассуми ӯ далер шуда, хӯшадастаҳои боқимондаи худро аз таги коҳ гирифта ба назди духтар рафт.

– Бигир, ана ин боз чор даста.

– Намегирам, бирав.

– Бигир, садқаат шавам, духтари ноошно. Охир, дуямон ҳам мусофирем, бачаи мусофирро як бор хурсанд кардӣ чӣ шуд?

Духтари ноошно дам назад, ба замин нигоҳ карда истодан гирифт.

– Номат чист?

– Аноргул, – оҳиста гуфт духтар.

– Дар номат садқа. Биё, биншин, камтар дам бигир. Талқон дорам, зиёфатат мекунам.

Аноргул нӯги остинашро ба манаҳаш гузошта сукут кард ва сукут, албатта, аломати ризо буд.

Дуяшон дар сояи таги ғарами гандум нишастанд. Духтар камонабрӯ буд, чеҳраи ӯ ба ранги нони гандуми баҳории навакак аз танӯр канда сафедтоби гулгун ва аз арақ тар, шарму ҳаёи диловези духтарона ба он чеҳраи софи дилкаш сояандоз, чашмони шаҳлояш ангиштвор сиёҳу дурахшандаву пурнур буданд. Читкуртаи сурхи куҳнаи гулдораш ба ҳаму қатҳои худ андоми латифу мутаносиб ва миёни борики ӯро аён месохт. Китфи курта андак чокаш кандагӣ буд, аз он ҷо як пора бадани сафеди симини ӯ ҷилва мекард, ки аз дидани он тоқати Восеъ тоқ мегардид. Ҳатто поҳои ғуборнишастаи духтар ҳам, дар даруни кафши куҳнаи даридаву ямоқин ба назари Восеъ ниҳоят зебо ва латиф менамуданд. Ҷавон ноаён–ноаён меларзиду бурида–бурида нафас мегирифт ва аз сару рӯяш арақ мешорид, мисли ин ки дар дами оташ нишаста бошад. Бо ин ҳама дилаш аз шодиву сурур ва ҳисси хушбахтӣ саршор буд. Ӯ миёнбанди карбосинашро ба болои дарзаи гандум паҳн карда, ба рӯйи он аз лингаи чиптагии худ талқони тут ва якто нони қоқ бароварда монд; нонро пора кард.

– Бигир шарм накун, насибат будааст.

Таоруфи ҷавон он қадар содаву самимона буд, ки духтарак ба зудӣ шармаш рафъ шуда ба хӯрдани зиёфати ғарибонаи ӯ шурӯъ кард.

– Ман ховалингӣ ҳастам, аз Дараи Мухторам, номам Восеъ, – ҷавон лозим донист худро шиносонад ва пурсид: – Ту духтари кӣ мешавӣ?

– Духтари Наимшоҳ.

– Шоҳдухтар будаӣ, – шӯхӣ кард Восеъ.

Вақте ки Аноргул донист Восеъ писари Шакари даравгар будааст, ба шӯхии ӯ ҷавоб гардонда гуфт:

– Шакарписар будаӣ.

Бо ҳамин як даҳан ҳазлу зарофати сода ҳисси бегонагӣ

дар байни Восеъ ва Аноргул камтар шуда, дуяшон ҳам ба якдигар қаробате пайдо карданд.

Баъди ин шиносоӣ онҳо ҳар рӯз бо ҳам вомехӯрданд, чақ–чақ мекарданд.

Восеъ, ки ҷойи хобаш дар хирман буд, шабҳо думбураи худро навохта таронаҳои ошиқӣ мехонд. Аноргул ба ӯ мегуфт, ки бо падар ва модарандараш дар бом мехобад ва шабҳо таронаи Восеъро мешунавад.

Як бегоҳии дер ӯ пинҳонӣ ба назди Восеъ омад. Дар рӯмолча якто нон ва каме талқон печонда овард.

– Ту он рӯз маро зиёфат кардӣ, биё акнун зиёфати маро бихӯр, – бо хандаи чун хониши кабк қаҳқаҳадори худ таоруф кард духтар.

Дуяшон дар болои кӯрпаи ғафси коҳ ба паҳлуи ҳам нишастанд. Гунбази осмон аз ситораҳо чароғон ва хурӯши мастонаи Сурхоб танинандоз буд, шаббодаи роҳатафзо ҳавои шабро аз бӯйи хуши дарзу коҳ ва боз ҳар гуна гиёҳҳои кӯҳиву даштӣ муаттар карда буд. Аз ҷониби кӯтал таронаи чӯпоне ва ё кадом хоркаши дар роҳ дермондае ба гӯш мерасид. Восеъ ва Аноргул он шаб лаззати ҷонбахши аввалин бӯсаҳои ошиқу маъшуқиро чашиданд. Хирманкӯбӣ ба охир расид, Восеъ бояд ба деҳаи худ бармегашт. Соати ҷудоӣ аз Аноргул наздик буд. Ҷавон аз нақли духтар медонист, ки ба ӯ дар ватанаш аз чандин ҷой хостгорон баромадаанд ва албатта, падару модарандараш дар ин қарибӣ ӯро ба ягонтои он хостгорон, оне ки бадавлаттар бошаду қалини зиёд диҳад, ба занӣ медиҳанд.

Аммо Аноргул ғайр аз Восеъ дигар касеро намехоҳад. Чӣ бояд кард? Восеъ гуфт, ки ӯ падари худро ба хостгорӣ мефиристад. Аммо агар фаразан падару модарандари Аноргул хостгории ӯро қабул накунанд, он гоҳ ӯ ягон тадбири дигаре хоҳад кард.

Вай музди хирманкӯбии худ – як ман гандумро ба аспаш бор карда вақти бомдод ба роҳ даромад. Аноргул мувофиқи ваъда ба сари роҳаш баромада ӯро дар хам-

гашти сангоб пешвоз гирифт. Восеъ маҳбубаи худро дар канор гирифта аз рухсора ва чашмони тараш бӯсиду гуфт:

– Ман туро меёбам, маро фаромӯш накун.

Ӯ ба хонаашон – ба Дараи Мухтор равон шуд.

Рӯзи дигар Наимшоҳ ҳам музди даравгарӣ ва ғаллаи хӯшаҳои духтараш ва занаш чидагиро ба хар бор карда, ҳамроҳи онон роҳи Дарвозро пеш гирифт.

Восеъ дар хона ба падару модараш қиссаи ишқи духтари дарвозиро нақл кард ва исрор намуд, ки Шакар ҳар чи зудтар ба Дарвоз барои хостгории Аноргул равона шавад.

– Ӯ ҳамин хел духтари зика[1] аст, ки ту ошиқи беқарораш шудӣ? – кунҷковӣ кард Шакар.

– Ту ӯро мешиносӣ ота, падараш Наимшоҳ қатии мо гандум дарав мекард, Аноргул хӯша мечид, – хотирасон кард Восеъ.

Шакар ҳарчанд фикр мекард, он духтарро ба хотир оварда наметавонист, зеро духтараконии хӯшачин бисёр буданд. Восеъ ҳайрон мешуд, ки падараш дар байни он хӯшачиндухтарон ба он тоқадухтари зебо ва дурри якто диққат накардааст ва ӯро ба ёд надорад.

– Ӯ дар чашми ту тоқа аст, бачам, аммо ба чашми ман ҳамаашон як хел менамуданд, – хандида гуфт Шакар.

Пирамард дар андеша монд. Аз чӣ сабаб бошад, ки ӯ дарвозиҳоро нағз намедид, бо онҳо хеш шуданро намехост. Ҳар ҷо дарвозиро бинад, тутпусхӯр гуфта масхарааш мекард, агарчи тутпус – қиёми тут ва як навъ ҳалвои тар буда, хӯрданаш айбе надошт. Дар ҷавоби ин, дарвозиҳо ӯро, чунонки лақаби ҳазломези кӯлобию балҷувониҳо буд, гавсавор гуфта ҳаҷв мекарданд.

Бо вуҷуди ин ӯ ба хотири писараш хостгориро ба гардан гирифт. Рӯзи якшанбе – бозори Ховалинг вай аз он ҷо баъзе савғотиҳо харида, харакӣ ба роҳи дури Дарвоз равона гардид.

---

[1] Зика – зебо, нозанин.

Вақти ғуруби офтоб ба Лангар расида дари Наимшоҳро кӯфт, Аноргул баромад. Шакар фаҳмид, ки чаро писараш ошиқи беқарори ин духтар шудааст: ӯ дар пеши назар пайкари рехтаи латифе, ҷамоли оламорое ва сиёҳчашмони пурҷилои фаттонеро дид.

Аноргул падари Восеъро, ки тобистон вақти дарав дида будаш, шинохт.

– Марҳамат, дароед, бобо.

– Бобот садқа, номи ту Аноргул аст?

Духтар ба чӣ кор омадани ӯро пай бурда худ ба худ сурх шуд, рӯяшро бо нӯги рӯмолаш нима пинҳон кард. Ӯ пирамардро бо хараш ба ҳавлии берунашон дароварда харро дар мех баст ва падарашро садо кард.

Наимшоҳ баромада, Шакар–баҳодури ховалингии шиносро хуш пазироӣ карда, ба меҳмонхонааш дароварда шинонд.

Зани ӯ дар ҳавлии дарун аз Аноргул пурсид.

– Кӣ омад?

– Хостгор, – истеҳзаомез ҷавоб дод Аноргул, зеро вай аз ваҷҳи ин ки он рӯз модарандараш барои сар шустани духтарак ҷурғот надода буд, аз ӯ қаҳрӣ буд.

– Дурӯғ нагӯй, – нобоварӣ изҳор кард зан.

Аноргул як дам бо ҳавоси парешон истоду баъд ба модарандараш рӯй оварда гуфт:

– Ман ба ясавулбошии ту намерасам. Ин меҳмони омадагӣ падари ҳамон бачаи ховалингӣ аст, ба хостгорӣ омадааст. Бирав, ба отаам гӯй, розӣ шавад.

– Рӯт сиёҳ, духтари бешарм!

Занак Аноргулро ба зании як нафар хеши худаш, ки дар хизмати шоҳи Дарвоз буд, ба болои зани ӯ доданӣ шуда, шавҳарашро ҳам ба ин «кори хайр» қариб розӣ карда буд.

– Ман ғайр аз ҳамон бачаи ховалингӣ дигар касро намехоҳам, – бо қатъияте, ки занакро дар ҳайрат андохт, гуфт Аноргул.

– Дилакат ба ҳамон гавсавор рафт? – таъна зад мода-

рандар. – Кучойи он гадобача ба ту маъқул шуд, беҳаё? Вай ба нохуни пойи ясавулбошӣ ҳам намеарзад!

Дар ин вақт дар меҳмонхона Шакар ба Наимшоҳ мегуфт:

– Ба умед аз роҳи дур омадам, ноумедам накун.

– Савдои хом, – мегуфт Наимшоҳ. – Намешавад. Мардум маро айб мекунанд, ки Наимшоҳ ба духтараш дар мулки Дарвоз шӯ наёфта, ӯро ба як балҷувонии гавсавор дода фиристод.

Наимшоҳ ба ясавулбошӣ ваъдагӣ будани Аноргулро нагуфт, пинҳон кард: ӯ шарм мекард ба ӯ гӯяд, ки духтарашро ба каси зандор доданист.

Восеъро гавсавор номидани Наимшоҳ, агарчи ин як ҳазли оддӣ шуда монда буд ва кӯлобӣ ё балҷувониҳо аз он намеранҷиданд, ба Шакар, ки пирамарди иззатманде буд, нафорид ва қаҳри ӯро овард, аммо ӯ худдорӣ намуд: охир коре, ки ӯ аз пайи он ба ин ҷо омадааст, вазнинӣ ва тамкинро талаб мекунад. Шакар умедвор буд, ки Наимшоҳ охиру охирон хостгории ӯро қабул хоҳад кард. Пирамард дарвозиҳоро масхара кардани худашро фаромӯш карда гуфт:

– Якдигарро масхара кардан кори беақлон аст, Наимшоҳ. Шукр ҳамаи мо, хоҳ балҷувонӣ бошем ва хоҳ дарвозӣ, аз як қавму як дин ҳастем. Чаро мардум айб мекардаанд, магар духтари туро кофир мегирад?

Ба болои ҳамин гап зани Наимшоҳ нону чой дар даст даромада омад. Ӯ аз пушти дар сухани охирини меҳмонро шунида буд, дастархонро паҳн карда истода ба шавҳараш гуфт:

– Отаи Ҳабиб, оё ту ба меҳмон гуфтӣ, ки духтари мо ба каси дигар фотиҳа шудагӣ аст, ё нагуфтӣ?

Наимшоҳ безобита шуд, ба занаш дуздида як нигоҳи ало карду:

– Ин ҳоло таъин нест, – гуфт ва рӯйи хиҷолатомезашро ба Шакар гардонда илова намуд: – Ҳамин тавр, бо як ҷо гапзанон шуда буд... Лекин ҳоло фотиҳа нашудааст...

– Чаро росташро намегӯйӣ? – занак қайсарӣ намуда шавҳари мулзамашро мулзамтар кард. – Кайҳо фотиҳа шудагӣ–ку...

– Ту бирав, занак! – қаҳр кард Наимшоҳ. – Ба гапи мардҳо қатӣ нашав!

– Кори шудагиро гуфтам охир, боборо беҳуда умедвор кардан чӣ лозим? – занак замбӯрвор ғурунгос зада аз дар берун шуд. Шакар албатта ба гапи занак бовар накард. Восеъ ба ӯ гуфта буд, ки ҳоло Аноргул ба хеши модарандараш расман фотиҳа нашудааст.

Наимшоҳ баъди рафтани занаш аз пиёлаи дар дасташ буда чойро баланд–баланд ҳӯрт кашиду бо ҳамин гӯё хомӯшии гарони ба миён омадаро рафъ карданӣ мешуд.

Ӯ одами нармдиле буд, ба Шакар гуфт:

– Ту хафа нашав, бародар: ман яктаву ягона духтар дорам намехоҳам, ки ба ҷойи дур ғалтад. Одами дасттанҳо ҳастам, ягон сағираро меёбаму хонадомод мекунам, ҳарчи дар кору борам ёрӣ медиҳад.

Шакар дигар гап назад, якбора омин карда хесту бо ранҷи хотир гуфт:

– Саломат бош. Хонадомод кун. Писари ман зан меёбад, ба тухми зан қаҳт назадааст. Як дари баста сад дари кушода.

Шаб ӯ дар ҳуҷраи осиёбони шинос хоб карда, саҳар ба роҳ баромад.

Вақте ки ӯ ба Дараи Мухтор расида гуфтугӯйи бо Наимшоҳ ба миён омадаро дар хонаводааш нақл кард ва барои Восеъро тасаллӣ додан ба ӯ ҳам масали «як дари баста ва сад дари кушода»–ро такрор намуд, Восеъ бесаброна аз ҷойи нишастааш ҷаҳида хесту гуфт:

– Дар сад дари кушодаи шумо зан садта, аммо дар дили ман якта! Дигараш ба ман даркор нест!

Аз мобайн як ҳафта ҳам нагузашта буд, ки Восеъ аспсавор дар Лангар ҳозир гардид.

Бегоҳирӯзӣ буд, ӯ аз пеши дари Наимшоҳ гузаштаравон як байти таронаеро, ки шабҳои тобистон дар хирман барои Аноргул мехонд, тараннум кард:

*...Ҷонона, дар ин диёр ҳастӣ ё не?*
*Бар қавли худат қарор ҳастӣ ё не?*

Ин овоз Аноргулро, агар мурда бошад, аз гӯр мехезонд. Ӯ бо дили тапону рухсораи алвон дар дами дари ҳавлӣ пайдо гардид.

– Аноргул, ассалому алейкум. Рӯз торик ки шуд, ба сангоб, ба таги тути калон биё, – Восеъ инро оҳиста гуфту равон шуд.

Ӯ ба пеши осиёбони ошно рафт. Аспашро аз зину афзор холӣ кард, об дод, тубраи ҷавро ба фуки он овехт, дар ҷӯй дасту рӯйи худро шуста аз ғубори роҳ покиза шуд.

Осиёбон кӯмоч пухта будааст, ҳамроҳи ӯ кӯмочи гарм ва чойи алафинро хӯрд ва баъд аз он ки офтоб дар пушти кӯҳи Қаротегин фурӯ нишаст, хеста ба сангоб шитофт. Дар он ҷо рӯйи санге нишаста итизорӣ кашид. Фурсате баъд аз баланд шудани овози муаззин, ки азони хуфтанро гуфта буд, Аноргул омад. Дар дасти ӯ кӯзае буд.

– Омад–омадта садқа. Ба Худо, ки туро бисёр пазмон шудам, Аноргул. Биё, ҷойи панаҳтар биравем, – Восеъ аз дасти духтар гирифта, бо ӯ ба пушти харсанги калон гузашт, ҷомаи алочаи абра–астарашро кашида дар таги харсанг паҳн карду Аноргулро ба рӯйи он шинонд.

– Ту маро интизор будӣ ё не, ҷони ширин! – аз паҳлуи духтар ҷой гирифта пурсид Восеъ.

– Росташро гӯям, он қадар интизор набудам. Падарат, ки ноумед рафт, хаёл кардам ту ҳам аз ман умедатро кандӣ, дигар намеойӣ.

Дар лабу чашмони Аноргул ҳамон табассуми малеҳи дилафрӯз, ки ба Восеъ асари сеҳру ҷодуеро дошт, бозӣ мекард. Аноргул шод ва масрур буд, дар айни ҳол чеҳрааш андак шитобу саросемагиро маълум мекард. «Умед аз ту кандан даст аз ҷон шустан аст, ба зиндагӣ видоъ гуфтан аст», – ба дилаш гузаронд Восеъ.

– Шояд, ки худи ту умедатро канда бошӣ? – гуфт ӯ.

– Охир, ман як оҷиза бошам... ихтиёрам ба дастам набошад... – Саросемагии Аноргул афзун гашт, ӯ ба по хеста, кӯзаашро ба даст гирифт. – Агар гап дорӣ, бигӯ, Восеъ, ман дер мемонам, меравам. Отаам ба намози хуфтан баромада буд, ки ман ба ин тараф омадам, ба очаам гуфтам «ба чашма меравам, об меорам».

– Хайр як дам биншин, охир, садқаат шавам, ду даҳан гап бизанем.

Духтарак нанишаст, он гоҳ Восеъ ҳам бархоста бо ҷиддият гуфт:

– Аноргул, ман пагоҳ пеш аз бомдод ба роҳ мебароям, дар даҳани дара ба ту нигарон мешавам. Ту биё, ҳамроҳ меравем.

– Ҳамроҳ? Ба куҷо? – ҳайрон шуд Аноргул.

– Ба Ховалинг. Ба хонаи мо.

– Мегурезем?

– Ту натарс, ба деҳаи мо расида никоҳ ки кардем, гап тамом мешавад, ҳеҷ кас ҳеҷ чиз гуфта наметавонад.

– Ҳу–у, ту бало будай, Восеъ! – Аноргул шитобкорона ба роҳ даромад, Восеъ аз қафои ӯ равон шуд: – Ин тавр... намешавад. Отаам аз паямон меафтад, дастгирамон мекунад.

– Намекунад, ман як роҳи дигарро медонам, бо ҳамон роҳ меравем.

– Ростӣ ки... намедонам... Метарсам... Хайр, то пагоҳ ягон гап мешудагист. – Аноргул қадамашро тезонд.

– Ман нигарон мешавам, Аноргул! – аз қафои ӯ гуфт Восеъ. – Агар ту бо ман ҳазлу мазоҳ накарда бошӣ, ҷазмӣ бошӣ, меойӣ!

Ӯ ба осиё баргашт. Осиёбони солхӯрда, аслаш норинҷӣ, ошнои дерина ва қадрдони Шакар, бегоҳӣ хӯрҷини Восеъро ба хонааш бурда дар он ду–серӯза тӯшаи роҳ – чапотӣ, гӯшти яхнӣ, пистаю чормағз андохта овард.

Восеъ наздики саҳар хеста дар торикӣ аспашро зин карду савор шуда ба роҳ баромад.

Роҳ дар хамгашти дара ба ду ҷудо шуда, яке ба тарафи ҷануби ғарбӣ – сӯйи Ховалинг, дигар қад–қади Хингоб ба тарафи ғарб: – сӯйи Тавилдара мерафт. Восеъ дар ҳамин ҷо пиёда шуда мунтазири Аноргул истод.

Хеле истод: аз деҳа азони муаззин шунида шуд, ба болои кӯҳи Дарвоз сапеда дамида, чашми рӯз во шудан гирифт; пардаи нимторикӣ аз болои деҳа бардошта шуд, аммо дар пайраҳа ҳеҷ касе пайдо нагардид.

Восеъ пиндошт, ки Аноргул ба омадан ҷуръат накард ва намеояд. Озурдахотир ва маъюс савор шуд, аммо ҷилави аспро ба ҳеҷ тарафе накашид, асп худаш ба роҳи қади дарё гашт, савор ба вай монеъ нашуд – акнун ӯ бе Аноргул ба кадом тарафе ки равад, барояш фарқе надошт.

Охирин бор ба ақибаш нигоҳ карду ба шодии бепоёни худ дар сари пайраҳа занеро дид, ки шитобон ба сӯяш қадам партофта меояд. Восеъ гӯё акнун дасташ ба мадор омаду ҷилави аспро ба канори роҳ тофта таваққуф кард.

Аноргул дар дасташ як буғчаи майда расида омад.

– Ёдат ба хайр, Аноргул! – нидо кард Восеъ. – Ман медонистам, ки ту духтари шердил ҳастӣ.

Ӯ буғчаи духтарро, ки зоҳиран сару либосаш буд, гирифта ба хӯрҷин андохт, ҷомаашро кашида таҳ карда ба пушти асп партофт ва духтаракро ба он шинонду худаш ҳам савор шуда ба роҳ даромад.

Аспи ҷирани шаб аз ҷав сершуда, бардамона қадам мепартофт. Восеъ ва Аноргул масофаи беш аз дуним фарсангро тай карда, қариби пешин ба Тавилдара расиданд ва ба он деҳа надаромада, дар лаби Хингоб соате дам гирифта наҳории гаштирӯзӣ хӯрданд ва аспро низ дам дода, чаронданду баъд ба тарафи ғарбӣ равон шуда, бегоҳрӯзӣ ба деҳаи Қароқӯтан расида, шаб дар хонаи чӯпоне хоб карданд. Вақти бомдод аз он ҷо баромада ба тарафи ҷануб саворӣ намуда, гашти рӯз дар дашти Ангора ба деҳае фуромаданд.

Роҳи пурпечу тоб ва пурфарозу нишеб ҳам асп ва ҳам саворони моро хеле монда карда буд. Хусусан Аноргул,

ки ҳама шаб бо хотири мушавваш дар хонаи чӯпони ношиноси қароқӯтанӣ бедорхобӣ кашида буд, худро кӯфтаву шалпар ҳис мекард. Онҳо қарор доданд боқимондаи рӯз ва шабро дар ҳамин деҳа гузаронида дам гиранд. Дар сояи тути пир аспро қантар карда, ба дамгирӣ нишастанд.

Пиразане бузи сафедро оварда дар лаби ҷӯй ба алаф баст. Аноргул ба наздаш рафта гуфтугӯ кард ва пас омада ба Восеъ хабар дод, ки оча розист онҳоро дар кулбаи худ манзил диҳад.

Дуяшон аспро етак карда аз пайи пиразан равон шуданду ба ҳавличаи танги нимвайронае, воқеъ дар буни як тали баланд, дохил гардиданд. Аз бақияи чапотӣ ва гӯшти яхнӣ ҳиссаеро бо кампир ва писару духтари хурдсоли ӯ ба ҳам диданд. Чун шаб даромад, Восеъ дар саҳни ҳавлӣ ба болои пӯстак, Аноргул бошад дар хонача паҳлуи бачагони кампир хоб карданд.

Кампир на фақат серманаҳ, балки кунҷков ҳам будааст: якзайл ҷоғ мезаду аз Аноргул кӣ будани ӯ ва Восеъро мепурсид. Овози онҳоро Восеъ дар берун бараъло шунида мехобид. Аноргул ба ҳамхобааш гуфт, ки ӯ «зани ҳамин ҷавон мешавад». Восеъ аз ин гапи маҳбубааш дилаш таҳ зада рафт.

– Дуятон танҳо дар кӯҳу даштҳо мегардед, наметарсед? – пурсид пиразан аз Аноргул.

– Аз чӣ метарсем?

– Охир, ту ҳамин қадар духтари зика ҳастӣ, бачам, мабодо ки чашми ягон амалдор ё сипоҳӣ ба ту афтад. Охир, онҳо одамони беномусанд, духтарони зикаро ба зӯрӣ мебаранд.

Восеъ ба худ ларзида аз дилаш гузаронд, ки: «Рост мегӯяд, эҳтиёт шудан лозим. Ба Аноргул мегӯям, аз мардони ношинос рӯяшро пинҳон кунад».

Аноргул мисли ин ки ин садои дили ошиқашро шунида бошад, ки баъди андак хомӯшӣ бо як тарзи содаву дилрабо ба пиразан гуфт. «Ман ба сарам ҷома дорам, ба бегона рӯямро нишон намедиҳам».

Восеъ ҷомаашро ба сараш кашида, завқ карда хуб хандид.

Сипас пиразан ҳиқ–ҳиқ гириста нақл кард, ки чи тавр баъд аз вафоти шавҳараш, ки куҳнадӯзе буд, духтари ӯ Назира боре дар адир алафҳои хӯрданӣ мечид, ногаҳон саркардаи мири Ҳисор бо сарбозонаш пайдо шуда ӯро мебинаду дуздида бурда ба мири худ пешкаш мекунад. Он сол мири Ҳисор бо мирони Кӯлобу Балҷувон ҷангида, сарбозони ӯ то ба Ховалингу Сарихосор расида буданд. Модари шӯрбахт пиёда ба Ҳисор меравад ва дараки духтарашро меёбад, аммо духтарро ба ӯ нишон намедиҳанд ва ясавулони мир ин зани побараҳнаи жӯлидамӯйиро девона пиндошта, зада–зада аз дарвозаи қалъа меронанд. Аз он вақт чаҳор сол гузашт. Назира ба чӣ ҳол аст, зинда аст ё мурда модари зораш намедонад. Занак касе ва мададгоре ҳам надорад, ки ба суроғи Назира рафта хабари ӯро биёрад.

Восеъ дилаш ба пиразан сӯхт ва дар баробари ҳамин фикр кард, ки ба ҳар эҳтимол аз ин ҷо барвақттар ҳаракат кардан лозим аст.

Шаби дигар онҳо дар деҳаи Афардӣ ба хонаи Назир–мерган меҳмон шуданд.

Мерган аз додархонди худ даҳ–дувоздаҳ сол калонтар ва оиладор буд, ӯ Восеъро шоду хуррам пазироӣ кард. Вақте ки Аноргулро зани Назир ба ҳавлии дарун бурд, Назир дар меҳмонхонааш Восеъро муборакбод кард, ки зан гирифтааст ва гиламанд шуд, ки чаро ӯ додархондашро ба тӯй хабар накард.

Восеъ маҷбур шуд ба ӯ ҳамаи воқеаро баён кунад.

Назир ба ҷойи таъриф кардани далерӣ ва мардонагии дӯсташ якбора ба хавотир афтода, хотири Восеъро ҳам мушавваш карда монд.

– Падари духтар, албатта, аз дунболи ту афтодааст, – тахмин кард Назир, – эҳтимол ӯ бо роҳи Ёхсу баромада кайҳо ба Дараи Мухтор расида бошад. Шуморо дар он ҷо наёфта, ба қозӣ ё миршаби Ховалинг арз карда бошад ҳам

аҷаб не. Агар арз карда бошад, қозию миршаб даррав ба кофтукови ту медароянд.

– Пас чӣ кор кардан лозим? – бесаришта шуд Восеъ.

– Ту ва духтар бояд, ки ҳар навъ карда барвақттар худатонро ба Дараи Мухтор расонеду даррав никоҳ кунед.

Чошнии субҳ гурезаҳоро дар роҳи Ховалинг ёфт. Чоштгоҳ дуяшон дар сари як чашмасори кӯҳӣ фуромада ношто карда, нони аз хонаи Назир гирифтаашонро дар оби чашма тар карда хӯрданд.

Ногаҳон аз ҷониби Ховалинг ду савор намоён шуд. Восеъ дилаш хавф бурда, ба по хесту ба ояндагон чашм дӯхт. Хавф бурдани Восеъ аз Аноргул пинҳон намонд, ӯ ҳам бесаришта шуда аз ҷо хест ва нигоҳ кард:

– Инҳо кӣ бошанд?

– Роҳгузарон будагианд, – гуфт Восеъ.

Саворон дар адир аз назар ғоиб гардида ва боз дар болои қир намудор шуда буданд, ки чашмони тезбини духтари дарвозӣ аз масофаи қариб як чақрим аз ояндагон якеро шинохта дар изтироб афтод:

– Отаам!

Восеъ аввал бовар накард, аммо дурусттар нигоҳ карда, ӯ ҳам Наимшоҳро шинохт.

Наимшоҳ савори аспи қашқа дар роҳи борики байни кӯтал ва сангоб пеш–пеш меомад ва шарикаш аз қафои ӯ.

Саворон ҳам инҳоро диданд. Наимшоҳ ба ҳамроҳаш рӯ гардонда чизе гуфт, баъд дуяшон аспҳошонро қамчин зада лӯкка давонданд.

Восеъ ҳар балое, ки ба сари худаш ояд, тайёр буд тан диҳад, вале ӯ аз барои Аноргул тарсид: Наимшоҳ мумкин аст духтарашро қин кунад. Дар ҳамин дам Аноргул чизе гуфт, ки ҷавон ба ӯ қоил монд ва дилаш қувват гирифт:

– Натарс, Восеъ. – гуфт духтар, – дам истодан гир, ҳар чӣ ки тақдирамон бошад, мебинем.

Духтар ҳозир буд бадтарин пешомади худро ҳам бе тарсу ҳарос истиқбол намояд.

Наимшоҳ тунду тез омаду аз асп пиёда шуда лаҷоми онро ба дасти шарикаш дода, қамчин дар даст, ошуфтаву ғазабнок ва даҳон пур аз дашномҳои қабеҳ, ба болои ҷавону духтар тохт.

– Охир ба дастам афтодӣ, ҳаромии дузд! – Ӯ бо зарбу шаст ба сари Восеъ қамчин зад. Восеъ дасташро боло карда буд, ки зарби қамчин ба оринҷи вай омад. Ду–се қамчини дигар ба пушти Аноргул фуроварда шуд. Восеъ ба занандаи пуркину ғазаб дарафтида, дасти қамчиндори ӯро маҳкам гирифт:

– Ба ӯ даст накобед, ӯ бегуноҳ аст! Заданӣ бошед, маро занед!

– Туро намезанам, балки мекушам! Хуни ту ба ман ҳалол шуд! – фарёд кашид Наимшоҳ ва дасташро аз чанги Восеъ халос карда, ӯро қамчин задан гирифт. Пешонӣ ва оринҷи Восеъ хуншор гашт.

Дар ин миён шарики Наимшоҳ мардаки салладори кулӯтариш ҳамчунин пиёда шуда, аспҳоро дар бехи буттае баста назди Наимшоҳ омаду ӯро аз Восеъ ҷудо кард.

– Бигузор ӯро, Наимшоҳ, ҷазояшро ҳоким медиҳад.

Восеъро даст ба пушт баста дар аспи худаш савор карданд, пойҳояшро ҳам ба рикоби асп бастанд, ӯ муқобилат накард. Наимшоҳ ҳам савор шуда Аноргулро дар қафои худ нишонд ва шарики ӯ аспи Восеъро етал карду ҳар чорашон роҳи Сарихосорро пеш гирифтанд.

Тахмини Назири зирак дуруст буд: Наимшоҳ баъди гурехтани Аноргул ва Восеъ фавран онҳоро таъқиб намуда ба Дараи Мухтор рафта буд. Чун онҳоро дар хонаи Шакар наёфт, ба Ховалинг рафта аз тарафи Восеъ писари Шакар дуздида шудани духтарашро ба миршаб арз кард. Миршаб тахмин кард, ки гурезаҳо, агар ба вилояти дигар паноҳ набаранд, шояд бо роҳи Тавилдараву Сарихосор омада истода бошанд, пас ба Наимшоҳ як нафар одами худро ҳамроҳ карда ҳар дуро ба ҷониби Сарихосор равона кард ва фармуд, ки гурезаҳоро агар дар қаламрави Ховалинг дастгир кунанд, ба назди ӯ биёранд ва агар дар қаламрави амлокдории Сарихосор ё Тавилдара дастгир кунанд–ба амлокдорхона ё миршабхонаи ҳамон ҷо баранд.

Восеъро гашта ба Шаҳидон–маркази амлокдории Сарихосор оварда ба миршаб супурданд. «Миршабхона» ҳавлии беруни худи миршаб буд, ӯ дар он ҷо «духтардузд»–ро ба сутун баст. Дар саҳни ҳавлӣ боз ду каси дигарро ҳам ба сутун баста монда буданд. Аспи Восеъро миршаб нигоҳ дошт: медонист, ки хешовандони Восеъ ба суроғи асп меоянд ва он гоҳ ӯ аз онҳо хароҷоти ҷаву бедаи аспро даҳчанд карда рӯёнда мегирад.

Дар деҳаи Шаҳидон ба Наимшоҳ ҳодисае рӯй дод, ки ӯро камтар аз фирори духтараш ба танг наёвард: одами миршаби Ховалинг, ки ҳамроҳи Наимшоҳ ба кофтукови гурезаҳо баромада буд, аз ӯ даҳ танга хизматона талаб кард:

– Ду рӯз боз бо ту саргардонам, духтардуздатро ҳам ёфта додам, ҳаққи хизмати маро бидеҳ!

Аммо камбағали дарвозӣ пулро аз куҷо ёбад? Кисаи ӯ моҳу сол ин қадар пулро намедид. Одами миршаб дар корвонсарой аспи Наимшоҳро бар гарав нигоҳ дошта гуфт, ки ӯ даҳ тангаро оварда медиҳаду баъд аспашро мебарад. Дунё ба чашми Наимшоҳ торик гашт. Ӯ чорае наёфт ба ҷуз ин ки бӯғчаи духтарашро кушода ба куртаи дока, рӯмол ва кафши нимдошти ӯ харидор ҷӯяд. Харидор дар байни сокинони худи корвонсарой пайдо гардид. Сару либоси Аноргул баъд аз кашокаши дуру дарози фурӯшгор ва харидор ба ҳашт танга савдо шуд. Чанде аз сокинони корвонсарой ба миёна даромада, аз ваҷҳи нодорӣ ва бечорагии Наимшоҳ талабгори хизматонаро ба ҳашт танга розӣ ва қонеъ гардонданд.

Наимшоҳ барои шабхобӣ дар корвонсарой монд, Аноргулро саройбон ба дарун – ба пеши аёли худ фиристод. Духтараки сиёҳбахт ба он ҷо даромадан замон худро ба кунҷаки хона кашида гиристан оғоз кард. На ба пурсишҳои зани саройбон ҷавобе медод ва на хӯроке мехӯрд; рӯ ба девор карда зор–зор мегиристу халос.

Баъд ӯ якбора аз гиря бозистода ба по хесту баромада ба тарафи дари берун равон шуд.

– Куҷо меравӣ?–бесаранҷом шуда аз қафои ӯ баромад зани саройбон.

– Лаби об меравам, дасту рӯй мешӯям, – ба пасаш нигоҳ накарда ҷавоб дод Аноргул.

Ӯ ба лаби оби Булуғрӣ, ки дар поёни деҳа ҷорист, рафт. Дар соҳили дигари Булуғрӣ деҳаи Афардӣ воқеъ аст. Об он қадар чуқур нест. Аноргул аз санг ба санг ҷаҳида аз об ба осонӣ гузашт. Ба шитобу ҷадал ба хонаи Назир, ки дар боло ба лаби ҷарӣ намудор буд, равон шуд.

– Аноргул?.. Чӣ гап?–аз камоли тааҷҷуби хавотиромез саломуалайкро ҳам фаромӯш карда пурсид Назир, вақте ки духтар ба ногоҳ аз дари ӯ намоён гашт.

– Акаи Назир, дар поятон бимирам, – гӯён Аноргул гириста ба гап даромада, фоҷиаи онрӯзаи худаш ва Восеъро баён кард.

– Э дареғ, э дареғ! – аз таҳи дил ғамгин шуда надомат кард Назир.

– Садқаи номатон шавам, акаи Назир, ба доди мо бирасед, ягон илоҷ ёбеду Восеъро халос кунед! – зорӣ мекард Аноргул. – Агар ӯ ба зиндон ғалтад, дигар аз он ҷо халос шуда баромада наметавонад, нобуд мешавад!

Соҳибхонаҳо–зану шӯй ҳар қадар, ки тавонистанд, духтаракро тасаллӣ дода каме ором карданд. Занак ба пеши ӯ нон ва ҷурғот гузошт, аммо ӯ ба нон даст ҳам нарасонд, ҳозир аз гулӯяш об ҳам намегузашт.

Назир фикр карда истода пурсид:

– Падарат дар корвонсарой аст?

– Ҳов, дар корвонсарой.

– Ту ҳозир ба хонаи саройбон баргард, – гуфт ӯ ба Аноргул. – Ман ҳам аз паси ту меравам, падаратро ёфта гап мезанам.

Назир вақти гандумдарав боре ба Балҷувон рафта додархондашро суроғ карда, ӯро ҳамроҳи падараш дар сари даради ғаллаи Муъминҷонбой ёфта буд; чун Наимшоҳ низ ҳамроҳи онон даравгарӣ мекард, мерган дар он ҷо бо вай ҳам шиносо шуда буд. Бинобар ин вай он бегоҳ Наим-

шоҳро дар корвонсарои Шаҳидон дида, бо ӯ ҳамчун шинос вохӯрӣ кард. Наимшоҳ сахт ғамгин ва парешонҳол дар кунҷе нишаста буд. Мерган чой фармуд, хизматгори саройбон як чойник чой ва нон овард. Назир худро ба нодонӣ зада аз дарвозии мусофир ҳолу аҳвол пурсид, Наимшоҳ мусибати ба сараш омадаро бо як дарду алам ҳикоя кард, ба Восеъ лаънатҳо хонд ва изҳори тааҷҷуб намуд, ки мерган бо ҳамин хел як «гарданшикастаи муттаҳам», «суламаи валади зино» аҳду паймони бародарӣ бастааст.

Назир кӯшиш кард ба ӯ фаҳмонад, ки зотан ҳеҷ қиссае нест, дар олами ишқу муҳаббати ҷавонӣ ин гуна воқеаҳо рӯй медиҳанд. Ӯ, яъне Назир медонад – Восеъ ба духтар ошиқи ҷазмӣ мебошад. Наимшоҳ хостгории Шакарро беҳуда рад кардааст. Акнун ғайр аз розигӣ додани ӯ ба домодии Восеъ чорае нест. Бигузор Наимшоҳ духтарашро ба Восеъ никоҳ карда диҳад: охир, духтар ду–се рӯзи охир бо Восеъ буд, акнун агар падари духтар дар сари қаҳру ғазаб ва орияту номуси беҷо онҳоро аз ҳам ҷудо кунад, – ҳоло ба зиндон ғалтидани ҷавони бегуноҳ як сӯ истад, духтар бадном мешавад. Баъд ин хел духтарро шояд ҳеҷ кас ба занӣ ҳам нагирад.

Аммо дарвозии гарданшаху инодкор ҷаҳли фитнаангезро ба панди маслиҳатомези дӯст муқобил гузошта, суханони ӯро шунидан ҳам намехост; ӯ «пӯстинро чаппа пӯшида» буд ва мегуфт, ки бигузор духтараш ҳатто бадном шавад ва аз дунё бешавҳар гузарад, – ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ «он ҳаромии дузд»-ро ба домодӣ қабул нахоҳад кард.

Назир маъюс шуд. Вақте ки ӯ ба Афардӣ баргашт, рӯз торик шуда буд. Дар хона занаш аз натиҷаи кор пурсон шуд, ӯ гуфт, ки Наимшоҳи қайсар ҳеҷ ба гап гӯш намекунад.

– Пас чӣ кор мекунӣ, хап мешинӣ? – бесаришта шуд Заррагул (номи зани Назир Заррагул буд), ки ба ҷавони сиёҳбахт, хусусан ба Аноргул дилаш бисёр месӯхт. – Охир, пагоҳ додархондатро ба Балҷувон мебаранд, зиндон мекунанд!

– Ҳайронам занак, чӣ кор кунам?

– Бирав охир, калонҳоро бубин, гап бизан. Духтар қадрас бошад, ҷавон гирими[1] ӯ бошад, боз чӣ? Падараш ӯро асло шӯ доданӣ нест чӣ? Ё бадномии духтарашро мехоҳад?

– Дар ин бевақтии шаб ман пеши кадом калоншаванда меравам? – навмедона гуфт Назир. – То ман боз ба Шаҳидон меравам, ки ҳамаашон хоб мекунанд.

Заррагул гуфт:

– Набошад, саҳар бирав, намози бомдодро дар Шаҳидон бихон. Калонҳо ба намоз ки омаданд, мебинишон.

Ин маслиҳат ба Назир маъқул афтод. Ӯ саҳари барвақт ба деҳаи Шаҳидон рафта намози бомдодро дар масҷиди калони воқеъ дар рӯ ба рӯйи амлокдорхона хонд. Дар масҷид амлокдор, қозӣ ва миршаб низ ҳозир буданд. Наимшоҳ ҳам буд. Баъди намоз Назир ҳамроҳи ҷамоат баромада дар саҳни масҷид ба калонҳо салом дода гап заданӣ буд, ки ба ногоҳ аз як хонаи пастаки назди амлокдорхона ду навкари чӯбдор (ба дасти ҳар кадомашон чӯби дароз) се марди хоколуди даст бар пушт баста, чашму рӯҳошон варамкарда ва сару либосашон даридаро баровopen варданд. Яке аз онҳо Восеъ буд.

Бандиҳоро Балҷувон мебурданд. Навкарон онҳоро пешандоз карда аз байни мардуми тамошобин ва ҷамоати аз намоз баромада мегузарониданд, ки ногаҳон як занаки ҷомабасар аз кадом ҷое пайдо шуда омада гирёну нолон худро ба Восеъ зад ва бо ду даст домани ӯро маҳкам гирифта фарёд кашид, ки:

– Илоҳӣ хонаи золим сӯзад! Мо бо ин ҷавон гиримем, ман худам ӯро хостам! Ӯ гуноҳ надорад, озодаш кунед!

Мардум дар ҳайрат монданд: онҳо чунин воқеаро ҳеҷ надида буданд. Навкарон ҳам даступо гум карда чӣ кор карданашонро намедонистанд.

---

[1]. Гирим – дар шеваи кӯҳистон – хостгори гирифтан ба занӣ.

Наимшоҳ духтари худро шинохта саросема ба назди вай омаду аз дасташ гирифт:

– Ҳой, ба ту чӣ шуд, Аноргул? Девона шудӣ чӣ?! Бихез, ин бача бандии зиндонӣ аст!

– Бандӣ нест! Ҳой мусулмонон, падарам ин ҷавонро аз боиси ман гунаҳгор кард, ӯ ҳеҷ айб надорад, ман худам ӯро хостам, гиримаш шудам! –Чашми Аноргул ба амлокдор ва қозӣ ғалтид: – Тақсирон! – гуфт, – агар Восеъ гунаҳгор бошад, ман ҳам гунаҳгорам, ҳамроҳи ӯ маро ҳам зиндон кунед!..

Ҷома аз сари Аноргул ба замин ва рӯймолаш ба гарданаш ғалтида, сару рӯяш бараҳна гардид. Дилҳо ҳама мафтуни рӯйи зебо гардиданд. Ин қадар нотарсӣ ва ҷасорате, ки аз ин духтараки барнову зебо ба ҳузур омад, дар назари мардум воқеан ҳайратангез буд.

Назир пеш баромада ба амлокдору қозӣ гуфт:

– Тақсирон, ман ин духтарро хуб мешиносам, падаршро ҳам мешиносам. Духтар меҳмони аёли ман шуда буд. Ман гувоҳӣ медиҳам, қасам мехурам, ки духтар ҳалол ва пок аст, ӯ ва ин ҷавон якдигарро сидқиву ҷазмӣ нағз дидаанд.

Ин гапи Назир–мерган, ки ҳама ӯро ҳурмат мекарданд, ҳусни таваҷҷуҳи ҷамоати дудила шуда истодаро якбора ба тарафи Аноргул ва Восеъ гардонд.

Аз ҷамоат боз садоҳо баланд шуданд:

– Ёдаш бахайр, духтарак ҳам зебо будаасту ҳам шердил!

– Ҷавонро озод кунед, тақсир! – ин муроҷиат ба амлокдор буд.

– Ҷаноби қозӣ духтарро ба ӯ никоҳ кунанд!

Амлокдор, марди ғафси серриши чорпаҳлу, ба қозии қадпастаки ғӯл рӯй оварда пурсид.

– Шумо чӣ мегӯед, шариатпаноҳ?

Ин қозӣ, ба номи Абдуррасул, ба порахӯрӣ, фосиқӣ ва қаллобӣ ном бароварда буд. Агар ба ихтиёри худаш мемонданд, ӯ албатта, аз ин моҷаро манфиате ҳосил намуда, баъд корро ба фоидаи тарафе, ки зиёдтар ришва диҳад,

ҳал мекард. Аммо ҳозир вазъият номусоид буд– халқ ҳама назари таваҷҷуҳ ба тарафи ҷавону духтар ва чашми додхоҳӣ ба ҷанобони амлокдору қозӣ дӯхта буданд.

Абдуррасул яқин кард, ки агар ҳозир дар худи ҳамон ҷо корро ба фоидаи Восеъ ва Аноргул яктарафа накунад, ин мардум метавонанд ба ягон муллои дигар ақди никоҳи онҳоро бандонанд ва он гоҳ ӯ нафратзада ва ангуштнамои мардум шуда мемонад. Қозӣ ҳамин мулоҳизаро ба дил гузаронида гуфт:

– Дарвоқеъ, духтар бо ҷавон бо ризояти худаш, бо мақсади зану шӯйи шаръӣ шудан гурехтагӣ... Никоҳашон ба шариат ҳалол...

– Ҳалол!.. Ҳалол!... Никоҳ кунед, тақсир!.. Ҳамаамон гувоҳ мешавем!.. – Ин овозҳои пурғалоғула сухани қозиро буриданд.

Бо амри амлокдор навкарон дасти Восеъро кушоданд. Назир зуд ҷомаашро кашида ба китфи ӯ партофт.

Қозӣ аз Наимшоҳ пурсид:

– Ба издивоҷи духтарат бо ин ҷавон розӣ ҳастӣ?

Наимшоҳ ки бо рӯйи хира, дармондаву хомӯш истода буд, ба замин нигоҳ кард. Аз афти кор, ӯ дар муқобили ин ҳама тарафдорӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи мардум нисбат ба Восеъ ва Аноргул ёрои сухан гуфтану эътироз кардан надошт.

– Розӣ шав!.. Розӣ шав!... – хитоб карданд мардум ба ӯ.

– Хуб, сукут аломати розист, – хулоса баровард қозӣ ва фармуд: – Як коса об биёред.

Шахсе аз хонае косаи сафолро об пур карда овард. Қозӣ рӯйи санге нишасту косаи обро пеши худ гузошта Восеъ ва Аноргулро ба наздики худ талабиду ба хондани хутбаи никоҳ сар кард...

Мардум гирди арӯсу домодро гирифта «Муборак бошад! Муборак бошад!» гӯён изҳори хушнудӣ менамуданд.

Занон пешонӣ, даст ва домани Аноргулро бӯсида, ба кушоиши бахти ӯ шодӣ мекарданд ва баъзе аз шодӣ мегиристанд.

# БОБИ ҲАФТУМ

Одамони мусофиратдида ва ҷаҳоншинохта, онҳое, ки дар пайи мардикорӣ ба шаҳру вилоятҳои дурдаст мерафтанду роҳҳои Фарғона, Бухорову Самарқандро на як бору ду бор чен карда баромада буданд, ба Восеъ якка ба сафар баромаданро маслиҳат намедоданд, зеро ки роҳҳо бехатар нестанд, кас мумкин аст ба дуздону роҳзанон ё гургу палангон дучор ояд, ё ки дар роҳ касал шуда монад. Дар ин ҳол ӯ агар ҳамсафарон надошта бошад, ҷонаш дар таҳлука мемонад. Восеъ бояд ҳамроҳи корвоне ё мусофирони дигаре ин роҳи дурро пеш гирад. Аммо Восеъи худбовару тезкор ба пайдо шудани ҳамсафарон нигоҳ карда наистода танҳо ба роҳ баромад.

Ӯ кӯҳу дараву дашт мепаймуд. Гоҳо як–нимто саворони роҳакӣ вохӯрда ҳамроҳаш ду–се манзил мерафтанд. Ӯ бо поҳои бақуввати кӯҳгардаш баробари аспҳо қадам мепартофт.

Дар ду рӯз Балҷувон, Кангурт ва Норак дар қафо мондаанд. Восеъ аз Пули Сангин гузашта буд, ки ҳавои интарафҳо, яъне канори рости Вахш, назар ба ҳавои вилояти кӯҳии ӯ гармтар намуд. Ҳар қадар, ки ба водии Ҳисор пеш мерафт, нисбатан гармтар будани боду ҳаворо ҳис мекард. Ҳоло тобистон надаромада бошад ҳам, рӯзона сангу хок метафсид, чангу ғубори роҳҳо торафт меафзуд, нафасгирӣ вазнинтар мегардид. Зуд–зуд дар лаби ҷӯйҳо ва сояи якто–нимто садаву чинорҳои қади роҳ нишаста дам гирифтан лозим меомад.

Рӯзи сеюм наздики пешин ӯ ба Янгибозор расид. Деҳаи калони амлокдорнишин ифлос, камдолу дарахт ва гарм, аммо лаби оби сарду софи Кофарниҳон, ки аз паҳлуи ғарбии деҳа ҷорист, – сабзазор, салқин, хушҳаво буд. Ин ҷо Восеъ дар сояи бед ба дамгирӣ нишаста дар оби форами дарёча дасту рӯй ва пой шуста аз лингааш нон бароварда дар об тар карда хӯрд.

Он ҷо як ҷавони чӯпоннамо рӯйи харсанге нишаста буду худ ба худ таронаеро замзама мекард. Дар наздикаш даҳ–дувоздаҳ сар аспи ишкел ба пой мечархид. Мусофири мо ба ҳамдамеву ҳамсуҳбате пазмон, ки шуда буд, ҷавони ношиносро ба нону талқон муроот кард, ҷавон ба зиёфати ӯ майл нанамуд, вале монеъ нашуд, ки Восеъ бо ӯ ҳамгап шавад.

– Дарвозӣ мешӣ, бача? – пурсид ӯ, зеро аз лаҳҷаи таронахонии ҷавон дарвозӣ буданаш маълум мегардид.

– Ёфтӣ, – ҷавоб дод ҷавон.

– Аспони киро мепойӣ?

– Аспони худамро не, албатта.

– Аз они хӯҷаинро?

– Наёфтӣ, ошно.

– Чаро?

– Аспҳо аз они меҳмони хӯҷаинум–ай.

– Меҳмони хӯҷаинат одами бадавлат будааст. Ӯ кист?

– Меҳмона пурсӣ, ошно, ай Қубодиёнай, бойи калонай, аспуш таллонай, Бухоро равонай, – ба ногоҳ ҷавоби қофиядор дода Восеъро ба завқ овард ҷавон.

Аз пурсу посухи баъдина маълум шуд, ки ин ҷавон саиси амини бозори Янгибозор ва меҳмони хӯҷаинаш як нафар амалдори қубодиёнӣ буда, аспҳояшро ба Бухоро бурда истода будааст. Бой дар Қубодиён чӯпонеро ба галабонии аспҳо дар роҳи сафари Бухоро киро карда бошад ҳам, чӯпон шабона дар мавзеи Лақайбегӣ як аспи нағзи хӯҷаинашро суздида ба тарафи номаълуме гурехта пинҳон шудааст. Акнун соҳиби аспҳо мехоҳад дар ин ҷо ба воситаи ошнояш амини Янгибозор ба худ ягон галабони дигари дилпур пайдо кунад.

– Маро ба галабонӣ мегирифта бошад? – пурсид Восеъ. – Ман ҳам ба тарафи Бухоро равонам.

– Ман чӣ донам, – гуфт саиси амин, – агар хоҳӣ бирав ба пеши хӯҷаини ман; бойро бубин, гап бизан.

Восеъ фикр кард, ки воқеан ҳам агар бои қубодиёнӣ

ӯро дар ин роҳи сафар ба галабонӣ қабул мекард, бад намешуд – ҳарчи роҳхарҷии ӯ мебаромад.

Саис ба ӯ хонаи хӯҷаинашро таъин кард. Восеъ ёфта рафт.

Амин, пирамарди қоқинаи касалнамо, бо меҳмони ғафси пуртану тӯши паҳнрӯйи шаҳкосачашми ҷоғвасеи худ дар айвони меҳмонхона чой нӯшида нишаста буданд. Ҷавони лоғари рангзарде, ки аз афташ ба қарибӣ аз варача сиҳат ёфта буд, дар пойгаҳ нишаста чой мекашид.

Меҳмони аминро Восеъ намешинохт, аммо хонанда ӯро аз боби аввали китоб мешиносад: ӯ ҳамон Мирзои Қорӣ ё худ Мирзоакрамбойи ғиждувонӣ буд.

Ӯ дар Қубодиён як сол зиёдтар закотчигӣ кард. Дар ин муддат ноиби қозӣ (ноиби қозикалони Бухоро дар Қубодиён), ки ҷосуси махсуси амир ҳам буд, ду бор ба амир навишт, ки Мирзоакрамбойи закотчӣ аз мардум ришваи бисёр мегирад. Амир тафтиши кори закотчии ришвахорро ба девонбегии худ ҳавола кард. Девонбегӣ бо ҳокими Қубодиён маслиҳат карда, дуяшон Мирзоакрамбойро бе тафтишу моҷаро, «ба нағзӣ» аз мансабаш гирифта ба Бухоро равона карданро муносиб диданд, зеро Мирзакрамбой он қадар гӯлу нодон набуд, ки ришваро худаш танҳо хӯрад: ӯ ришваҳои мегирифтагиашро доим бо ҳоким ва бо девонбегии амир, ба тариқи ҳадяву пешкашҳои мунтазам бо ҳам медид.

Мирзои Қорӣ баъди аз мансаб маъзул шуданаш ба як қисми пули аз хизмати закотчигӣ пасандоз кардааш дар Ёвону Кӯктош аз аспдорони муҳтоҷи пул понздаҳ сар аспи лақаиро ба нархи арзон харида буд, то ки онҳоро ба Бухоро бурда қиматтар фурӯшад, зеро дар он тарафҳо аспи лақаӣ ба хубӣ машҳур ва баҳояш баланд буд.

Восеъ салом дода, кӣ буданашро гуфт ва арзи муддао кард. Мирзои Қорӣ ба сар то пойи ӯ чашми харидорӣ давонда пурсид:

– Ба Шаҳрисабз барои чӣ меравӣ?

– Шунидам, ки, – гуфт Восеъ, – дар он ҷо бародари маро бо туҳмат зиндон карданд, мехоҳам биравам аз аҳволаш хабар бигирам.

Меҳмон ва мизбон ба якдигар нигоҳ карданд, ки баъд Восеъ маънои ин нигоҳро аз суханони зерини Мирзоакрамбой фаҳмид:

– Ҳар як дузд ё қотили зиндонӣ, албатта худашро ба туҳмат мондагӣ, бегуноҳ ҳисоб мекунад! – ришханд карда ба амин рӯй оварда гуфт закотчии собиқ. Ӯ худ дар вақтҳои амлокдорӣ ва закотчигиаш одамонро кам қайду банд накарда буд ва хуб медонист зиндониҳо дар бораи худашон ва зиндонбонҳояшон чӣ фикре мекунанд. Бой боз ба Восеъ нигоҳ карда пурсид:

– Бародаратро ба чӣ гуноҳ зиндон кардаанд?

– Бе ҳеҷ гуноҳ, – кӯтоҳакак ҷавоб дод Восеъ. Ӯ намехост ба ин одамон, ки ба худаш бо назари тамасхур нигоҳ мекунад, воқеаи Назирро баён кунад.

Лекин, аз афти кор, ин масъала барои Мирзои Қорӣ аҳамияте дошт, ки ӯ боз гуфт:

– Ту аз Шаҳрисабз ҳафтод фарсах дур, дар Ховалинги гумном истода аз куҷо медонӣ, ки бародарат бегуноҳ аст?

Восеъ чашм ба чашми бой дӯхта як лаҳза фикр карда истоду ҷавоб дод:

– Пас, оё шумо, тақсир, ӯро гунаҳгор ҳисоб мекунед?

– Набошад чӣ. Бегуноҳ бошад, барои чӣ ӯро зиндон карданд?

– Ана, ҳамин саволро ман ҳам мехоҳам, ки рафта ба ҳокимони Шаҳрисабз диҳам. Аммо, тақсир, ман бародари худамро шинохта, бо чӣ туҳмат ба зиндон ғалтиданашро дониста мегӯям, ки ӯ бегуноҳ аст. Шумо бошед ӯро нашинохта, ваҷҳи ба зиндон ғалтиданашаро надониста, ӯ гунаҳгор аст мегӯед. Ҳақиқат куҷост, тақсир?

Раиси собиқ дармонда гуфт:

– Ӯ–ӯ, ту бало будаӣ, гапдон будаӣ!

Амини дамнишаста, ки ҷунбишҳои бесаброна мекард,

зеро ин навъ гуфтугузори меҳмонашро бо Восеъ бедахл ва бемаврид медонист, ба гап ҳамроҳ шуд:

– Хайр, ин гапҳоро монему ба сари мақсад биёем. Мардакро ба галабонӣ мегиред ё намегиред? – муроҷиат кард ӯ ба Мирзои Қорӣ.

– Аз гирифтан пештар вайро санҷида диданам лозим. Охир, бародараш дар зиндон будааст, ман надонам ин худаш чӣ хела одам. Яктара насанҷида, тезбул карда гирифта будам, дузд баромад. Дигар ин ки ин одам ба Шаҳрисабз мерафтааст, аммо ба ман галабони то Бухоро мерафтагӣ даркор.

– Ба Бухоро аз болои Шаҳрисабз гузашта мераванд ё бо роҳи дигар? – пурсид Восеъ.

– Шаҳрисабз дар як тараф мемонад, – ҷавоб дод амин ва ба меҳмонаш ишора карда илова намуд: – Ин кас аз Ғузор он тараф, ба дасти чап – ба роҳи Қаршӣ меравад, роҳи Шаҳрисабз ба дасти рост меравад. Агар ту галабониро ба гардан мегирифта бошӣ, бояд, ки аспҳои ин касро то Бухоро расонда диҳӣ. Не агар ту Бухоро намеравам, аз нисфи роҳ ба Шаҳрисабз мегардам гӯӣ, галабонии ту ба ин кас даркор нест.

– Хуб, агар хӯҷаин маро галабон бигирад, майлаш ман то Бухоро меравам, – гуфт Восеъ. – Аспҳошонро ба Бухоро расонда медиҳаму худам ба Шаҳрисабз бармегардам.

– Ин тавр, ки бошад, – ба Мирзоакрамбой нигоҳ карда гуфт амин, – айни муддаост.

Бой сукут кард: зоҳиран, ӯ ҳанӯз ҳам аз Восеъ дилаш пур набуд. Баъди сукут ӯ аз афти кор, дину диёнати Восеъро санҷиданӣ шуда ба ногоҳ аз ӯ пурсид: – Фарзи ъайнро медонӣ?

Восеъ ин чизро пештар шунида бошад ҳам, ҳозир чӣ будани онро ба ёд надошт, ҳайрон монд.

– Дидед, – гуфт Мирзои Қорӣ ба амин, –ин мардум худашонро мусулмон мегӯянду лекин аз фароиз ҳеҷ балоро намедонанд. – Ӯ боз ба Восеъ рӯ оварда болои ҳам чанд саволи дигар дод: – Намоз мехонӣ? Рӯза медорӣ? Мусул-

монӣ бар чанд навъ аст, медонӣ? Калимаи шаҳодататро хон канӣ, бинам, медонӣ ё не.

– Тақсир, – андеша карда гуфт Восеъ, – ман намоз ҳам мехонам, рӯза ҳам медорам; ҷояш биёяд, калимаи шаҳодатамро ҳам мехонам, аммо ҳозир ман ба пеши шумо барои калима хондану мусулмонии худамро исбот кардан не, балки барои ба ғалабонии аспҳои шумо киро шудан омадам, тақсир...

Мо халқи авом ки ҳастем, агар якта–нимта фарзу суннатҳо, дуоҳоро надонем ҳам, лекин имон дорем, номус дорем. Дуздӣ намекунем, дилозорӣ намекунем, дурӯғ намегӯем, зино намекунем, ҳаққи мардум намехӯрем. Ҳалол кор мекунем, ҳалол мехӯрем. Агар шумо одамро нашинохта – надониста аз ӯ бадгумон мешуда бошед, ин ҳам кори мусулмонӣ не. – Инро гуфта Восеъ лингаи ба лаби айвон гузоштаашро бардошт ва бадар рафт.

– Шумо ӯро бесабаб ранҷондед, тақсир, – таънаомез гуфт амин ба Мирзои Қорӣ баъди рафтани Восеъ. – Мардак ростқавл, бодиёнат менамояд, боз бо шумо ҳамсафар ҳам будааст. Аз ин беҳтар ғалабонро шумо аз куҷо меёбед? Э, монед–е! Хез, баро аз қафояш, ҷеғ зан! – фармуд амин ба ҷавони чойкаш, ки хизматгори бой буд.

Ҷавон Восеъро аз кӯча гардонда овард.

– Хайр майлаш, – ин дафъа нармтар шуда гуфт Мирзои Қорӣ, – ман туро ба ғалабонӣ мегирам. Аммо як–ду нафар одам даркор, ки туро шиносанду кафил шаванд, – боз шарт монд бой.

Амин дар ғояти нохушнудӣ ба меҳмони бадгумонаш назари сарзанишкорона афканд. Восеъ бошад ришханде карду гуфт:

– Кафил надорам, тақсир.

– Оё дар ин ҷоҳо, ягон шинос–пинос ҳам надорӣ?

– Не, надорам.

– Хайр, дар Янгибозор надошта бошӣ, дар Душанбе ё Ҳисор ҳам надорӣ?

– Дар Душанбе дорам.

– Кӣ вай, шиносат?

– Як машкобии ховалингӣ.

Бой истеҳзои Восеъро нафаҳмида гуфт:

– Як машкобии бесару сомон чӣ касест, ки ба каси дигар кафил шуда тавонад? Боз ба худи вай кафил ёфтан лозим!

– Тақсир, модом, ки шумо ба ман боварӣ накунед, машкобиро одам ҳисоб накунед... дигар чӣ ҷойи гап!

Инро гуфта Восеъ боз ба тараддуди рафтан афтода буд, ки амин ӯро боздошта, ба меҳмонаш «кафил ман худам» гӯён ин дафъа худаш аз ҷониби бой бо Восеъ ба гуфтугӯ даромад. Ӯ ҳис кард, ки Восеъ шахси мардона ва ростқавлест. Ба илова ӯ мехост меҳмони серхархашаашро ба роҳ гусел карда худро аз вай ва аспҳои вай осуда намояд. Бой галабонии Восеъро қабул намуд, аммо дар сари музди хизмати ӯ боз кашокаш сар кард: музди галабонро ӯ ҳар рӯзе беш аз чор танга қабул надошт, аммо чор танга барои нигоҳубини понздаҳ сар асп воқеан ҳам ноинсофӣ буд, Восеъ розӣ нашуд: ӯ гарчанде муҳтоҷ бошад ҳам, худро ба ин бои хасис арзон фурӯхтан намехост. Баъди кашокаши бисёр амин базӯр бойро ҳар рӯзе ҳар сари асп ним тангагӣ ба ҳафтуним танга розӣ кард. Инчунин бо талаби Восеъ хӯҷаин ба ӯ дар Душанбе музди якрӯзаашро доданӣ шуд. Бақияи муздро галабон дар Бухоро хоҳад гирифт.

Саҳари дигар ба роҳ баромаданд. Хӯҷаин савори аспи «гулибодом»[1] ва пешхизматаш – хоҳарзодааш, Ниёз савори аспи сиёҳ пеш–пеш мерафтанд.

Восеъ бошад як аспи саманди бақуввати давандро худаш савор шуда ва аспони дигарро ҳай карда аз ақиби онҳо ҳаракат менамуд. Галабонӣ барояш чандон душвор набуд, зеро ӯ дар ҷавонӣ соле ба дари Хӯҷамурод – мирохӯри кангуртӣ ин хизматро карда таҷриба ҳосил намуда буд. Амлокдори Душанбе аз ошноҳои қадрдони Мирзо-

[1]. Гулибодом – аспи кабуд ё хокистарранге, ки холҳои сафед дорад.

акрамбой буд, бой дар амлокдорхона – қалъачаи воқеъ дар баландии соҳии чапи дарё манзил кард.

Восеъ шаб бо ҳамроҳии саиси амлокдор дар саисхона, наздики аспҳо, лингаашро болишт ва ҷомаашро болопӯш намуда, ба рӯйи бедаи хушк хоб кард. Бомдод ӯ аспҳоро ба лаби дарё фуроварда об дод. Машкобиҳо аз дарё ба машкҳояшон об мегирифтанд, Восеъ дар байни онҳо Каримча ном шиноси худро дида монд (ӯ порсол дар вақти ба Душанбе омаданаш Каримчаро ҳамроҳи Ашӯри ховалингӣ дида бо ӯ шинос шуда буд). Аз вай Ашӯрро пурсид, Каримча гуфт, ки Ашӯр се–чор рӯз боз ба дарё намеояд: ӯ шабҳо ба деҳаи Сариосиё рафта дар каҳдони як нафар деҳқони сариосиёӣ хуфтухоб карда мегашт, дина бегоҳӣ Каримча аз як бошандаи Сариосиё шунидааст, ки Ашӯр бетоб аст, имрӯз баъди пешин ӯ ба дидани рафиқи бемораш хоҳад рафт. Восеъ низ аз ҳамқишлоқии бемораш хабар гирифтанро лозим дониста аз Каримча хоҳиш кард, ки вақти ба Сариосиё рафтанаш ба амлокдорхона омада ӯро ҳамроҳи худ гирифта барад.

Ӯ аспҳоро ҳай карда оварда дар соботҳои амлокдорхона баст, ба охурҳошон беда андохт. Аз дари ҳавлии амлокдор Мирзоакрамбой пайдо шуда омада аспҳоро аз назар гузаронд; дид, ки аспҳо ҳамааш шустагӣ, шаб аз ҷав сер шудагӣ ва бардам. Таги пойҳошон рӯфта тоза кардагӣ, ба ҳамаи охурҳо беда андохтагӣ аст, хурсанд шуд:

– Боракаллоҳ! Аспҳоро ана ҳамин хел парво карда, то Бухоро расонда диҳӣ, иншоаллоҳ, ман туро аз хизмати кардагиат розӣ мекунам.

Хӯҷаин инро гуфта ба бағалаш даст халонд ва боз тааммул карда ин сӯ он сӯ нигарист. Аз дарвоза як марди салладори муллонамо мирзои амлокдор намудор гардид, бой ӯро садо кард:

– Мирзо, биёед, шумо гувоҳ шавед, ки ман ҳаққи галабонро додам. – Пас ӯ аз бағалаш ҳамёни сурхи куҳнаи худро баровард: – Мана, Восеъ, ҳаққи якрӯзаатро гир. – Ӯ тангаҳоро шумурда ба Восеъ дароз карду боз ба муллои

наздик омада гуфт: – Дидед, мирзо, ана ин ҳафтуним тангаи нақдро ман ба дасти саис додам, шумо гувоҳ шавед.

Мулло истеҳзоомез хандида гуфт:

– Гувоҳии ман ба шумо чӣ лозим?

– Охир, гуфта намешавад–дия, мабодо... Раваду дар Бухоро Восеъ дар вақти ҳаққи хизматашро баробар карданам аз ман пул гирифтагиашро фаромӯш кунад? Албатта вай дарвоқеъ одами бодиёнат аст, мункир нашаваду аммо...

– Хайр, фаразан мункир ҳам шавад, дар Бухоро ман нестам, чӣ шумо маро аз Душанбе ба гувоҳӣ ҷеғ мезанед магар?

– Ҷеғ намезанаму аммо, дарвоқеъ, корро аз сар пухта карда монем, нағз–дия, мирзо.

Баъди пешин Каримча омад. Восеъ ҳамроҳи ӯ ба Сариосиё, ки масофаи роҳаш каму беш ду чақрим буда, ба он деҳа бо кӯчабоғҳо рафта мешуд, равон гардид.

Девори каҳдон аз тарафи кӯча сӯрохи коҳрезие дошт. Восеъ аз он сӯрох ба дарун нигоҳ карда дар торикии каҳдон як чизи лундаеро дид, ки дар як чизи пора–пора печонда ба як гӯша партофта монда буданд. Он ҷо як машки об ҳам хобида буд. Чизи лунда саҳл–саҳл ҷунбида овози нолишмонанде мебаровард. Ӯ ва Каримча аз дохили ҳавлӣ даромада ба каҳдони пастаки лоин дохил шуданд.

Ашӯри нимбедор ё нимбеҳуш нолиш мекард. Восеъ дар назди ӯ сари ду по нишаста ба пешониаш даст ниҳода дид, ки табаш баланд аст. Дар пеши ӯ як косаи сафолин ордоби хунукшуда истода буд.

– Ашӯр ба ту чӣ шуд? Касал шудӣ? – хам шуда ҳолпурсӣ кард Восеъ. Чашмаш ба нимторикии каҳдон одат карда буд, ки дид бемор худро хело гиронда, ранги рӯяш заҳир гашта, риши сиёҳи хоколудаш ҳам як навъ ранги хокистарӣ ба худ гирифтааст. Бемор чашмони чукидаашро нимроғ кушода бо овози дардмандона чизе ғур–ғур кард, ӯ чӣ гуфт Восеъ нафаҳмид.

– Ашӯр, ин ман Восеъ ҳастам, маро шинохтӣ?

Бемор чашмонашро калонтар кушода бо садои нимшунаво гуфт:

– Шинохтам... акаи Восеъ... – ӯ тез–тез ва ба душворӣ нафас мегирифт.

– Чӣ шуд ба ту, додар? Кай боз хобидаӣ?

– Чум[1]... Як ҳафта шуда бошад?..

– Ягон кас аз ту хабардорӣ мекунад ё не?

– Бачаҳои соҳиби ҳавлӣ... гоҳ–гоҳ...

Восеъ аз ҳоли зори раҳмангези он ғариб дилаш вайрон шуда ба чашмонаш об омад.

Ҳамин вақт дар каҳдон як деҳотии лоғари бузриш, досу арғамчин дар китф, пайдо гардид. Ин мард соҳиби ҳамин каҳдон ва номаш Гадо буд. Аз Восеъ пурсид:

– Ту кистӣ?

– Ман ҳамқишлоқии Ашӯр мешавам.

– Ҳамита?[2] Аз ҳамқишлоқиат хабар гирифтан омадӣ?

– Ҳо, хайрият, ки хабар гирифтам, вагарна ин ғариб аз баракати «нигоҳу бин»–и ту мурда монад ҳам аҷаб набуд, – таънаомез гуфт:

Гадо ғамгиннамо ба остонаи каҳдон нишасту гуфт:

– Ту ҳар касе, ки бошӣ, маро таъна назан, додар. Ман як бечораи аёлмандам, даст ба даҳонам. Росташро гӯям, ба ин касал парво кардан ҳам аз дастам намеояд. Дар хона агар ягон атола ё гармаке пазанд, бачаҳо ба ин ғариб як коса – ним коса бароварда медиҳанд. Ин ғариб, агар насибааш бошад, сиҳат шуда меравад, не, агар насибааш набошад... боз ин ҳам аз тақдири худаш.

Каримча гуфт:

– Дар қишлоқат магар ягон табиб ҳам набуд, ки чеғ занӣ?

– Якто табиб ҳаст, аммо агар ӯро чеғ занем, хақашро додан лозим мешавад. Ман ба додани ҳақи табиб қодир набошам, чӣ кор кунам?

---

[1] Чум – чӣ донам.
[2] Ҳамита? – ҳамин тавр?

– Номусулмон будаӣ ту, мардак! – бо забони тунд гуфт боз Каримча. – Аз ҳамсояҳот қарз–парз карда нимча гӯшт мехаридӣ, ягон шӯрбои тунд пухта ба ин бечора мехӯрондӣ, мемурдӣ?! Сиҳат шавад, боз савобаш ба ту мерасид.

– Э, додар, – оҳ кашид Гадо, – қарз ба гуфтан осон. Ҳамсояҳо ҳам монанди худам бечораву бенавоянд.

Восеъ бо Гадо аз ин зиёд гуфтугӯро бефоида дониста суханро кӯтоҳ кард:

– Хуб, бирав, мардак, аз пайи корат бишав.

– Охир, шумоҳо меҳмон ҳастед, як чойнак чой фармоям...

– Лозим нест.

– Ҳамин қадар меҳмоннавоз будаӣ, меҳмоннавозиатро дар ҳаққи Ашӯр мекардӣ, мемурдӣ? – боз тундӣ кард Каримча.

Гадо бо сари хам ва қиёфаи мулзам баромада рафт. Бемор об пурсид, Каримча аз ҳавлии Гадо як коса об оварда, сари Ашӯрро бардошта ба даҳони ӯ дошт, ӯ ду–се қулт нӯшид.

Баъд машкоб ба Восеъ, ки пушт ба девор дода парешонҳол нишаста буд, – аз афти кор меандешид, ки бо ҳамватани бемораш чӣ бояд кард, – рӯй оварда якбора чунин таклифе кард:

– Акаи Восеъ, медонӣ чӣ, биё ҳозир инро ба ҷӯйи Ҳазора мебарему як бор ба оби хунук меғӯтонемаш. Баъд дар ҷомааш гарм печонда оварда мехобонемаш. Ба Худо ки даррав табаш мефурояд, пагоҳ мебинӣ сиҳат шудааст. Ман ҳар вақт ки табам гирифт, ҳамин тавр мекунам. Соле як–ду бор маро ҳам таб мегирад; ё ки баданам аз машки тар нам кашида касал мешавам; ман хоҳ тобистон бошад ва хоҳ зимистон, ба дарё меравам ва як бор дар оби хунук ғӯта мезанаму мехезам. Агар об ях карда бошад, яхро шикаста ба об медароям. Баъд мебароям ҷомаамро ба танам печонда, ягон ҷойи гармтари шамолнорасро ёфта мехобам. Пеш аз хобидан, агар ёбам, як коса шӯрбои гарму

тунд ё ки ордоби гарм мехӯрам, агар наёбам, як чойнак чойи гарм менӯшам.

– Ин «усули табобат» ба Восеъ маълум буд – дар кӯҳистон ҳам баъзе беморон ҳамин тавр мекарданд, баъд мемурданд ва ё сиҳат меёфтанд. Аммо ӯ ҳозир аҳволи Ашӯрро вазнинтар аз он ёфт, ки ба ғӯтондани дар оби хунук тоб оварда тавонад. Ғайр аз ин ӯ дар шубҳа монда буд, ки бемории Ашӯр табларза аст ё варачаи муқаррарист ё ки ягон касалии дигар. Аз нафаскашии вазнин ва тез–тези Ашӯр бемории ӯро шамолхӯрии сахт ва варами шуш гумон кардан мумкин буд.

– Намешавад, – гуфт ӯ ба Каримча, – қувваташ нест, намебардорад.

Аммо шӯрбои гарму тунд, ки Каримча аз он ёдовар шуд, ба фикри Восеъ ҳам омада буд. Ӯ аз ҷо бархоста ба ҳамроҳаш:

– Ту дар ҳамин ҷо бош, ман зуд меоям, – гуфту шитобон баромада рафт.

Дар кӯча вай аз як бача ҷойи қассобиро пурсид, бача ӯро ба осиёбе, ки дар миёнҷойи деҳа воқеъ шуда (на деҳа ба номи он) буд, бурд. Дар он ҷо қассобе гӯшти гӯсфанди навкуштаро мефурӯхт, Восеъ аз ӯ ба як мирӣ нимча гӯшт харида дар рӯмолаш печонда ба каҳдони Гадо баргашт.

– Инро бигиру ба дарун даро, – фармуд ӯ ба Каримча. – Ба занҳо бигӯ, даррав як коса шӯрбои тунди серпиёз бипазанд. Агар дошта бошанд, шалғаму сабзӣ ҳам андозанд.

Соате баъд шӯрбо тайёр шуда омад. Восеъ беморро хезонда ба девор такя дода шӯрборо бо қошуқи чӯбин гарм–гарм ба ӯ хӯронд. Якчанд пора гӯшт ва шалғаму сабзиро ҳам хӯронд. Сипас ӯро бар рӯйи пӯстак хобонда, аз ҳавлии Гадо кӯрпаи ғафсеро пурсида гирифта ба болояш пӯшонд.

Рӯз рафта ба нишастани офтоб андак монда буд, Восеъ мебоист ба назди аспони худ баргашта онҳоро обу ҷав медод; ӯ аз Каримча хоҳиш кард, ки боз соате дар он ҷо монда бемордорӣ кунад, аммо машкобӣ узр гуфт: ӯ муво-

фиқи ваъдааш он бегоҳ дар Душанбе ба ду–се ҳавлӣ оби дарё бурданаш лозим будааст. Он гоҳ Восеъ зани Гадоро чеғ заду аз пушти дари ҳавлии дарун истода аз ӯ илтимос кард:

– Хоҳар, шӯрбои соз пухтаӣ, раҳмат. Акнун ту ба ин бачаи ғариб боз як бор модарӣ кун, аз вай хабардор бош, ки пеш аз вақт нахезад ё болояш кушода нашавад. Бимон як араќи хуб кунад, иншоаллоҳ сабук шуда мемонад.

Занак қабул кард.

* * *

Шаб хизматгори амлокдор аз ҳавлии ӯ дар ду коса оши угрои бечурғот ва дуто нон овард, Восеъ ва Остона (номи саиси амлокдор Остона буд) баъд аз сарфи ин таом дуяшон дар сарои амлокдорхона ба кунчи собот хазида бар рӯйи хасу хошоки намадпӯш хоб карданд.

Оромии шаби торикро ғайр аз хишир–хишири бедаҳо ва гоҳо гуп–гупи пойкӯбии аспон чизе халалдор намекард, бӯйи саргини аспон ба димоғ мезад. Остона базудӣ хобаш бурда хуррок кашидан оғоз кард, Восеъ бошад хобаш намебурд, фикру хаёлҳои парешони ӯ гоҳ ба Дараи Мухтор, ба сӯйи зану фарзандонаш, гоҳ ба Шаҳрисабзи дури нодида ва Назири зиндонӣ парвоз мекарданд ва гоҳе ба каҳдони Ашӯри бемор мутаваччеҳ мешуд. Дилаш аз чигунагии аҳволи Назир бисёр хавотир мекашид, зеро ӯ даҳшатнокии зиндонҳои ҳокимон ва амирро борҳо шунида буд. Оё он бечораро дидан ва гап задан муяссар мешуда бошад? Халос карданаш мумкин бошад ё не? Ба Шаҳрисабз ҳарчи зудтар расидан лозим, аммо хӯҷаин назар ба гуфти худаш дар ҳар манзил як рӯз – ду рӯз истода, бе шитобу чадал ҳаракат карданист. Балки ба галабонӣ киро шудани ӯ лозим набуд, хато буд? Аммо, аз тарафи дигар, панҷоҳ–шаст танга музди галабонӣ дар он диёри ғарибӣ ба ӯ кор меояд ва зарур аст...

Саҳар пеш аз бомдод Восеъ хеста боз бо аспҳои худ машғул шуд. То аз хоб бедор шудани Остона аспҳои ху-

даш ва се аспи амлокдорро ба саҳни сарой бароварда дар яккамеххо баста худ дар собот ба тоза кардани таги аспҳо шурӯъ намуд. Баъд дуяшон аспҳоро барои об додан ва шустан ба дарё ҳай карданд.

Аз масҷидҳо овози муаззинҳо баланд гардид. Восеъ обдиҳии аспҳоро ба Остона вогузор карда, худ ба ҳайрати ӯ дар оби дарё таҳорат баҷо овард ва миёнбандашро бар рӯйи рег паҳн намуда, ба намозхонӣ сар кард. Вай аслан одами диндор бошад ҳам, ба намозҳои панҷвақта бепарво буд ва аксар вақт онҳоро қазо мекард, аммо ин пагоҳ аз таъсири ғамангези бемории Ашӯри ғариб ба дили ӯ як нармӣ ва ҳалимии худоҷӯёна ворид шуда, ӯро ба намозхонӣ моил гардонида буд. Сар ба зер афканда бо як қиёфаи малеҳи таслимкорона пичир–пичиркунон дуоҳои намозро мехонд.

Остона, як марди чашмаш олус, тамоми рӯяшро то таги чашмонаш риш зер кардагӣ, бо чашми ягонаи худ ҳайрон–ҳайрон ба ӯ менигарист. Ба назараш намози Восеъ хеле кашол ёфта буд, ки тоқат накарда ба тарафи ӯ тамасхуромез фарёд зад:

– Ӯй, ҳазрати халифа, то ту намоз мехонӣ, ки аспҳоят мегурезанд! Хез, онҳоро гардон! Ба саису галабон намозхониро кӣ мондааст?!

Восеъ аз халал расонидани Остона қаҳраш омада бошад ҳам, ба «ҳазрати халифа» гуфтани ӯ хандид. «ҷойнамоз»–и худро ғундошта ба миёнаш баста назди аспҳо омада буд, ки Остона боз бо ҳамон оҳанги истеҳзову тамасхур гуфт:

– Ҳар вақте ки намоз хондӣ, ба ҳаққи ман ҳам як дуо карда мон, ошно. Ба худат аз Худо чӣ ки хоҳӣ, ихтиёрат, аммо барои ман якта зани фарбеҳаки...калон хоҳ. Бева бошад ҳам майлаш.

– Чӣ магар ту зан надорӣ?

– Ба ман баринҳо зан куҷо! Чилу панҷ сол умр дидам, рӯйи занро надидам. Хато кардам, рӯяшро дидаму лекин... – Остона дар ин ҷо лафзи қабеҳро ба замон овард. – Зан-

гирӣ пул мехоҳад, ошно, чиз мехоҳад, ба ман пул куҷо, чиз куҷо! Дувоздаҳ сол боз аспҳои амлокдорро мепоям, амлокдор се бор нав шуд, аммо ҷомаи ман як бор ҳам нав нашуд. Ҳамон Остонаи порсолаю саиси перорсола. Хонаи ин хӯҷаинҳои хасис сӯзад, ҷойи ҳамаашон дӯзах аст.

Остона ҳамин тавр то дами дарвозаи амлокдорхона аз қисмати худ шикоят карда рафт. Дар он ҷо Восеъ аз ӯ хоҳиш кард, дар қатори аспонаш ба аспони вай ҳам ҷаву беда андозад, ва худаш шитобон ба Сариосиё равон шуд: мехост то аз сари ношто бархостани хӯҷаинаш аз Ашӯр хабар гирифта биёяд, – хеле майл дошт, ки бидонад шӯрбо ба бемор нафъ карда бошад ё не.

Ба дари ҳавлии Гадо расида аз сӯрохи каҳдони чун лаҳад торик оҳиста садо кард:

– Ашӯр! Ҳастӣ ё не?

Аз даруни каҳдон чун аз торикии лаҳад овози пасте баромад:

– Ҳо, ҳастам, акаи Восеъ, биё.

Овози Ашӯр як дараҷа тозаву бардамона буд, одами табу тобдор ин тавр овоз намебарорад, – маълум мешавад, ки Ашӯр сабук шудааст. Восеъ чун каси бори гарон аз дӯш фурӯафканда як нафаси чуқур кашид ва дар худ хушҳолие ҳис карда зуд ба дар ва аз он ҷо ба каҳдон даромад.

– Биё, биё, акаи Восеъ: – ларзонии овози машкоб аз шодӣ ва ҳаяҷони дили ӯ хабар медод.

Восеъ дасти сарду каммадори ӯро гирифта оҳиста фушурд ва дар наздаш нишаста кафи дасташро ба пешонии ӯ гузошт. Пешонии бемор сард буд.

– Табат фуромадааст–ку, Ашӯр:

– Фуромад, акаи Восеъ, сабук шудам. Хобам бурдааст, чӣ қадар хоб кардам намедонам, як вақт бедор шудам, ки куртаю эзорам тар, ба баданам часпидагӣ; маълум шуд, – хуб арақ кардаам.

– Эзорат аз арақ тар шуда буд ё аз чизи дигар? – Восеъ хушҳолии худро бо ҳамин ҳазли рафиқона изҳор кард.

Дуяшон хандиданд. – Хайрият, хайрият! – мегуфт Восеъ, мисли ин ки балоеву офате аз сари худаш дафъ шуда бошад.

Ӯ бо ҳамқишлоқиаш хайрухуш ва зудтар сиҳат ёфта хестани ӯро дархост намуда ба амлокдорхона баргашт.

Пагоҳии дигар корвон баромаданӣ шуд. Восеъ баъди ношто омодаи сафар шуда, саллаашро ба сараш печонида истода буд, ки дар даҳани дарвозаи сарой Каримча пайдо шуда Восеъро ҷеғ зад:

– Акаи Восеъ, ман аз Сариосиё омадам. Ашӯр мурда мондааст.

– Саллаи нима ба сар печонидаи Восеъ кушода шуда рафт; ӯ салларо аз нав печониданӣ шуд, он боз ба дурустӣ напечид...

Мирзоакрамбой ба рафтани Восеъ ба ҷанозаи Ашӯр иҷозат надод.

– Мо дар сафарем, – гуфт ӯ. – Якта гадо, ғарибі бекасу кӯй мурда бошад, мурдааст–дия, ба ту чӣ? Ӯро бе ту ҳам мегӯронанд.

Гапи хӯҷаин ба Восеъ сахт расид. «Ин калонҳо ғариби бекасу кӯй»–ро одам ҳисоб намекунанд, – ба дил гузаронд ӯ, – моён ҳама дар назди онҳо гадоем!... Ба инҳо мурдаи Ашӯр чию мурдаи саг чӣ!

– Андеша карда гап занед, хӯҷаин, – гуфт Восеъ, – Ашӯр одам аст, саг нест. Вай ҳамқишлоқӣ ва ошнои ман буд, ба ҷанозааш рафтанам шарт аст.

– Ба рафтанат рухсат нест, мо аз роҳ мемонем.

– Рухсат надиҳед, ихтиёратон, хӯҷаин. ба ҷойи ман галабони дигар меёбед. – Восеъ агар ба коре азм кунад, аз азмаш намегашт.

Аммо Мирзоакрамбой даррав галабони дигарро аз куҷо меёбад? Магар ин ки дар ҷустуҷӯйи галабон боз як ду рӯзи дигар дар ин ҷо истад.

Бой ноилоҷ сафарро як ду соат ақиб партофта, ба рафтани Восеъ розӣ шуд. Восеъ дар ин моҷарои аввалин ғолиб баромад.

Ӯ бо Каримча ба Сариосиё рафта, ҳамроҳи понздаҳ–бист нафар аҳли деҳа ва машкобҳои Душанбе ҷанозаи Ашӯрро хонда ӯро ба хок супурданд.

Аз даруни ҷомакуҳнаи Ашӯр ҳафтодто тангаи бухорӣ баромад. Бечора як сол боз нахӯрда ва напӯшида музди ночизи машкобии худро тин–тин ҷамъ карда, ба тангаҳои бухорӣ иваз намуда дар мағзи чабғути ҷомааш андохта медӯхтааст. Ба Гадо мегуфтааст, ки «Як ду сад танга пасандоз кунам, ба деҳаи худам бармегардам ва дар он ҷо зан мегирам».

Аз ин пасандози марҳум понздаҳ танга ба гӯру кафани ӯ сарф шуд, монд панҷоҳу панҷ танга. Чун меросхӯре ҳозир набуд, масъалае пеш омад, ки ин пулро ба модари Ашӯр, ки дар деҳаи Дараи Мухтори вилояти Балҷувон зиндагӣ мекунад, чи гуна ва ба воситаи кадом каси боэътимод мерасонанд. Бо далолати Каримча ва машкобиҳои дигар чунин каси боэътимод Восеъ шинохта шуд. Бигузор ӯ дар Душанбе ё агар дар ин ҷо нашавад, дар Ҳисор, ки роҳи сафараш аз он ҷо мегузарад, ягон ҳамватани дилпуршавандаи худро ёфта бо ӯ пулро ба модари Ашӯр дода фиристонад...

* * *

Корвони Мирзоакрамбой бо «айб»–и Восеъ дер монда дар соатҳои ёздаҳи рӯз ба роҳ баромад.

Офтоби оташтоб роҳро торафт мегудохт. Аз зери суми аспон чанги гарму ғализе фаввора зада мебаромад. Мирзоакрамбой, Восеъ, Ниёз ва аспони онҳо дар ду манзил истода дам гирифта бошанд ҳам, боз хеле монда шуда, баъди ғуруби офтоб ба Ҳисор расида дар корвонсарой ҷо гирифтанд.

Пагоҳи он рӯз чоршанбе – рӯзи бозори Ҳисор буд, Восеъ баромада балҷувониҳои ба бозор омадаро суроғ кард. Баззозе гуфт, ки Саидасрор – шайх ва мутаваллии мазори Хӯҷа Балҷувон дина омада буд ва дар мадраса ҳуҷрани-

шин аст. Барои пулфиристонӣ ба модари Ашӯр аз мутаваллӣ муътабартар боз кӣ ҳаст?

Қӯшмадрасаи шаҳр дар Регистон ба паҳлуи бозоргоҳ, рӯ ба рӯйи қалъаи ҳокимнишин воқеъ шудааст. Восеъ ба мадраса даромада манзилгоҳи Саидасрорро пурсида ёфт. Мутаваллӣ, марди миёнсоли фарбеҳи чорӯбриши лабғафсе дар ҳуҷраи нимторик ба муроқиба нишаста буду тасбеҳ мегардонд.

– Аз Дараи Мухтор ҳастӣ? Медонам, деҳаи хуб, бадавлат, мардумонаш ҳама диндори поканд, ба зиёрати мазори ҳазрати Хӯҷа Балҷувон бисёр меоянд.

Мусофири мо ба ин гапи шайх тааҷҷуб кард, зеро ӯ дар деҳаи худ танҳо ду мӯйсафедро медонист, ки ихлосманди мазори Хӯҷа Балҷувон буда, соле як бор ба зиёрати он мерафтанд ва назру ниёзе мебурданд.

Саидасрор воқеаи Ашӯри машкоб ва пули ӯро шунида, рафтори Восеъро тақдир ва таъриф кард:

– Боракалло, бисёр кори савоб кардӣ. Хуб, пулро ба тоқча гузор, ман ба он даст намерасонам – молу чизи дунё ба ман ҳаром аст. Ягон одами таъинро мефармоям, пулро ба волидаи марҳум бурда медиҳад... Ту Шаҳрисабз меравӣ? Ба чӣ кор?

Восеъ ба чӣ кор рафтанашро гуфта буд, ки мутаваллӣ ба ҳоли «бандаи Худо» Назир дилаш сӯхт:

– Ҳай–бечора! Бай–бай, афсӯс, афсӯс. Исто, ки ту азми ин сафари дурро карда, аз ягон бузургвор дуо гирифтӣ? Мазори ҳазрати Хӯҷа Балҷувони Валиро зиёрат кардӣ? Назру ниёз бурдӣ?

– Не–ку, тақсир, – росташро гуфту монд Восеъ, – дар байни ташвишу тараддуди сафар фурсат наёфтам.

Шайх бепарвоии ӯро дар ҳаққи авлиёҳои зиндаву мурда каме мазаммат карду гуфт, ки ҳоло ҳам дер нашудааст – бигузор ӯ ба нияти сафар дуо гирад ва назр кунад, то ки сафараш бехатар ва хайриятасар гардад. Мунтазир буд, ки албатта Восеъ дуоро ҳозир аз худи ӯ мегирад ва назрро ҳам ба ӯ медиҳад, аммо Восеъ бо ваҷҳе, ки хонанда ба он

дар бобҳои дигари китоб воқиф хоҳад шуд, мутаваллиро бад медид, бинобар ин худро ба муғамбирӣ зада чунин ҷавоб дод:

– Хуб, тақсир, дар роҳи сафарам, дар Бухорову Шаҳрисабз ҳам мазорҳо будагистанд. Аз ҳамон мазорҳо якеро зиёрат мекунам. Хайр. – Ӯ бархоста аз ҳуҷра берун шуд.

Дар берун, дар саҳни мадраса се чор нафар туфайлиёни дарвешнамои шайх – чалпакхӯрони сари мазори Хӯҷа Балҷувон, ки ба ҳуҷра даробаро мекарданду мусоҳибаи Восеъро бо шайх шунида буданд, ӯро миёнагир карда ҳамаашон якбора забон ба таънаву сарзаниши ӯ кушоданд: ту, беимон, чаро дуои шайхро нагирифтӣ? Чаро назр накардӣ? Бидон, ки агар ҳозир назре ба мо надиҳӣ ва дуое нагирӣ, сафарат сафари хайриятасар нахоҳад буд ва ту ба хатареву балое гирифтор хоҳӣ шуд ё ҳеҷ набошад нокому номурод хоҳӣ баргашт. Зудтар назратро барор!.. Бечора мусофири мо бо мақсади ду се тангаро «садақаи сар» карда аз дасти онҳо халос шудан нӯги миёнбандашро, ки дар он ҳафт танга боқимондаи музди галабониашро баста монда буд, кушод. Кушодани нӯги миёнбанд ҳамон буду бо ҳашт даст чанг андохтани дарвешон ва даррабудани тангаҳо ҳамон. То Восеъ аз саргарангии ин ғорати рӯзи равшан ба худ омад, ки ғоратгарони хирқапӯш морвор ҳар кадоме ба кунҷе хазида аз назар ғоиб гардиданд. Дуои хайр ҳам насия шуд. Мусофири мо ҳам ҳайрон ва ҳам оташин шуда паси сар хорида аз мадраса бадар рафт.

Дар Ҳисор ду рӯз таваққуф карданд, зеро Мирзоакрамбой зиёрати ҳокими вилоят ва сари бекҳои кӯҳистон – амирзода Муминтӯраро лозим донист. Ҳар амалдор, савдогар ё сайёҳе, ки гузораш ба Ҳисор меафтид, аз зиёрати тӯра ва бурдани пешкашҳои гаронбаҳо ба ӯ гурез надошт. Ҳоким дар Қаратоғ будааст, – вай дар он деҳи калони хушҳаво, обшору салқин, воқеъ дар яку ним фарсангии тарафи шимоли ғарбии Ҳисор чорбоғи дилкушое дошт, ки дар баҳору тобистон аз Ҳисори гарми бадҳавои

серхомӯшаки варақамакон гурехта ба он ҷо паноҳ мебурд, – бой ноилоҷ як аспи нағзи худро ба ёлу думаш шона зада ва бо зину абзори нуқракӯб зеб дода ба Қаратоғ бурда ба тӯра пешкаш карда омад.

Баъзе савдогарон, аспу гӯсфандҷаллобони роҳгузари ба тӯра пешкаш нобурда ё кам пешкаш бурдагиро албатта дар роҳ дуздон мезаданд, Мирзоакрамбой инро медонист...

Дар Ҳисор Акрам-Қорӣ ба Восеъ якто таппонча дод, то мабодо агар дуздон, роҳзанон қасди бурдани аспҳоро кунанд, ӯ бо ин таппонча аспҳоро ва худро муҳофизат намояд.

Ниҳоят корвони бой ба роҳи Деҳнав ҳаракат кард. Онҳо як манзил–ду манзил роҳ мепаймуданду дар ягон деҳа ё лаби ҷӯе фуромада дам мегирифтанд. Восеъ аспҳоро ишкел зада, соате ба чаро сар медод.

Ба Восеъ меҳнати серташвиши галабонӣ ва машаққатҳои роҳи сафарро Ниёзи аҳл ва хушчақчақ андак сабуктар мекард. Ин сағираи карминагии дар хурдсолӣ аз падару модар ҷудогашта ба мусофири мо унс гирифт. Нақлҳои Восеъ дар бораи кӯҳистон, хирсу палангони он, ҷангу ҷидолҳои мирони собиқи Балҷувону Кӯлоб, Дарвоз ва Қаротегин Ниёзро ба шавқ меоварданд. Дар манзилҳои шабхобӣ ҳамин, ки тағоияш ва хӯҷаинаш ба хоб ё ба меҳмонии ягон арбобу амалдори деҳаҳои сари роҳ мерафт, сағира аз нону мавизу гӯштҳои яхнии дастархони бой чизе ба Восеъ оварда бо ӯ менишаст; ҳезум чида оварда алов даргиронда барои ӯ дар чойҷӯшчаи ҷӯянӣ чой меҷӯшонид; ба нигоҳубини аспҳо ёрӣ медод. Бой дар хонааш ӯро аз бомдод то хуфтан кор фармуда соате ором намегузошт. Ниёз, об биёр! Ниёз, ҳезум шикан! саллаамро гир! ҷомаамро биёр! чилим деҳ! бозор рав! фалониро ҷеғ зан!... Дамбадам сағираро ҷавонмарг, ҳаромӣ, падарлаънат гуфта дашном медод, ҳатто мезад. Восеъ бошад ӯро «Ниёзҷон» ё «писари хуб» гуфта ном мегирифт.

Эҳтимол, ӯ гапи нағро аввалин бор аз Восеъ мешуниду меҳрубонии падаронаро ҳам аз ӯ медид.

Дар роҳи сафар Ниёз инчунин аспи тағоияш ва аспи худашро нигоҳубин мекард, зеро Восеъ ба галаи худ банд буд. Дар байни Деҳнав ва Бойсун корвониёни мо ба як деҳи сердолу дарахт фуромада дам гирифтанд. Ниёз аспи бой ва аспи худашро аз зин холӣ карда, аз деҳа ду банд беда ёфта оварда ба онҳо партофта, худ аз мондагӣ дар лаби ҳавз хобаш бурда будааст, аспон дар талоши беда бо ҳам ҷангида шиҳа кашанд ҳам бедор намешавад.

Бой ҳозир шуда Ниёзи хобрафтаро бо қаҳр як лагад мезанад, ӯ хоболудона якбора аз ҷояш ҷаҳида хеста ба ҳавз меғалтад. Ҳавз чуқур будааст ва Ниёз, ки шино карданро намедонист, аз тарс фарёдкашон ва дасту позанон қариб ба ғарқ шудан расида буд, ки аз як сӯ Восеъ пайдо шуда фавран худро ба ҳавз партофт ва бо як машаққат (зеро худаш ҳам шиновар набуд) сағираро аз об берун кашид. Ниёз аз лагади хӯҷаин миёнаш лат хӯрда будааст, миёнашро гирифта гирёну нолон ба буни девор хазид. Бой дар хонаи як нафар бошандаи деҳа шӯрбо фармуда буд, шӯрборо оварданд, аммо Ниёз ҳар қадар тағоияш ӯро ҷеғ занад ҳам наёмада ароз карда нишаст. Он гоҳ Восеъ дам назада аз дастархони бой косаи шӯрбо ва нонеро гирифта ба назди ӯ бурда монд:

– Бихӯр, Ниёзҷон. Гиряро бас кун.

Ниёз ба хӯрдани шӯрбо шурӯъ карда буд, ки Восеъ «куртаатро каш!» гуфта куртаи тари обшори ӯро аз танаш кашонда, ҷафида дар офтоб ба шохи дарахт овехт, ки хушк шавад. Баъди ин воқеа сағира Восеъро боз бештар дӯст дошт. Чун бой дар Бойсун ва Шеробод ду рӯзӣ таваққуф кард, Восеъ зиқ шуда аз галабонии худ изҳори пушаймонӣ менамуд, Ниёз ӯро тасаллӣ дода мегуфт, ки «Ғам нахӯред, акаи Восеъ, секин–секин шаҳрҳо, қалъаҳоро тамошо карда меравем. Ба Шаҳрисабз се–чор рӯз дертар расед ҳам ҳеҷ гап не; Худо хоҳад, ба ҳоким арз

карда бародаратонро сиҳат саломат аз зиндон халос карда ба ватанатон бармегардед».

Ниҳоят кӯҳу даштҳо ва боғистонҳои Ҳисор, Деҳнав, Бойсун ва Шеробод ҳам дар қафо монданду мусофирони мо баъди нуҳ рӯзи аз Душанбе баромаданашон ба Ғузор расиданд. Восеъ дар умраш аз Ҳисор он тарафтар нарафта буд, Ғузор баъд аз Балҷувон, Кӯлоб, Ҳисор, Бойсун ва Шеробод шашумин шаҳри қалъадори ҳокимнишине буд, ки ӯ медид. Аммо агар аз вай мепурсиданд, ки шаҳрҳо аз якдигар чӣ фарқе доранд, эҳтимол ӯ дар ҷавобаш дармемонд. Ба назари ӯ шаҳрҳо ҳама ба якдигар монанд буданд, ҷуз ин ки яке калонтар асту дигаре хурдтар ва Балҷувон дар байни кӯҳҳо воқеъ шудаасту дигарҳо дар ҷойи кушодтар. Ҳамон қалъаи баланд ё на он қадар баланди гилин ва сангини ҳоким, ҳамон гузару маҳаллаҳои зич–зич ва каҷу–килеб дар гирди қалъа. Ҳамон бозоргоҳ, қатори дӯконҳо ва дастаҳои тимдор ё бетим дар майдони пеши қалъаҳо...

* * *

Бой Восеъро бо аспҳо дар корвонсарой ҷойгир карда, худ бо Ниёз ба ҳавлии кадом як ошнояш рафт.

Корвонсарой дар ду тарафаш ду соботи дарозе бо охурҳои қатор барои бастани аспу харҳо, дар тарафи дигараш қатори ҳуҷраҳои якдара барои мусофирон ва дар тарафи чорумаш айвони дарозе барои галабону уштурбонҳо дошт. Азбаски ин айвон аз одам пур буд, Восеъ «рахти хоб»–и худро бар болои суфаи назди айвон партофт. Шаб дар чапу рости ӯ боз як даҳ нафар хизматгору чӯпону галабонҳои арақин ва хоколуд хоб карданд. Саройбон барои дафъи ӯрдуи бешумори хомӯшакҳо, ки агар монед дар як нафас бо нешҳои заҳрнокашон одамро саропо варам мекунонданд, дар миёнҷойи сарояш як тӯда коҳу саргинро дуд кунонда монда буд.

Ӯрдуи хомӯшак дар ҳаво беором мусиқии борику нозуки худро менавохт ва савти ин мусиқӣ ба савти давомдо-

ре, ки агар ба лаълии биринҷӣ ё қалъагӣ ангуштаке занед, аз он мебаромад, монанд буд. Шаббодаи ғуборолуд дуди ғализи машомсӯзро бо бӯйи саргину қумалоқҳо омехта гоҳ ин сӯ ва гоҳ он сӯ парешон мекард. Дар сурате, ки дигар ҳамманзилҳои Восеъ бепарво хуррок кашида хобро мезаданд, ӯ якзайл чашму бинии дудхӯрдаашро мемолид, сулфа мекард ва паҳлу мезаду бо як ҳасрати қалбӣ кӯҳистони хушҳавои бехомӯшаки худро ба ёд меовард: Ӯ ба ин гуна шабҳои дам ва ҳавои бадбӯй одат накарда буд. Бо ин ҳама, кӯфтагии роҳи дур ғалаба мекарду гоҳ–гоҳ ӯ ба хоб мерафт, аммо боз зуд бедор мешуд. Ҳамин тавр вай шабро нимхобу нимбедор саҳар кард.

Пагоҳӣ ӯ хӯрҷинашро ба мехи сутунчаи айвон овехта, аз се нафар марди харакии дар айвон ношто карда нишаста илтимос кард, ки аз хӯрҷини ӯ бохабар бошанд ва худ ба тарафи собот – ба назди аспонаш рафт. Аспҳоро барои дар ҷӯй об додан аз сарой бароварду фурсати як чойнак чой нӯшидан ҳам нагузашта буд, ки онҳоро гардонда оварда боз ба охурҳо баст. Ба айвон баргашта дид, ки хӯрҷин дар ҷойи овехтааш нест. Он се мусофире, ки аз қиёфаҳошон ба лақайҳо ё қунғуротҳо монанд буданд, ҳанӯз нишаста будаңду чой менӯшиданд, Восеъ аз онҳо хӯрҷинро пурсид, онҳо:

– Навакак буд–ку, куҷо шуда бошад? – гуфта изҳори тааҷҷуб намуданд.

Дили Восеъ ба такопӯ афтод. Бо ҳамроҳии хӯрҷин мӯккӣ, яктаҳу эзор, нону талқони худаш ва инчунин таппончаи хӯҷаин гум шуда буд.

– Хӯрҷинро ёфта диҳед! – таҳдидомез гуфт ӯ ба мусофирони лақайнамо. – Ман онро дар ин ҷо овехта ба шумо таъин карда будам, ғайр аз шумо ҳеҷ кас надида буд.

– Хӯрҷинатро мо намедонем, – гуфт яке. – Рост, дар ин ҷо овехтагӣ буд, аммо кӣ гирифт, мо надидем.

Мусофирон бархоста лингаҳошонро ба китфҳошон гирифта раҳакӣ шуданд.

Восеъ сахт ошуфтаҳол гашт. Гоҳ ба ин ва гоҳ ба он аҳли сарой бо назари шубҳа менигарист, намедонист чӣ кор кунад ва аз кӣ гумонбар шавад. Аз даст рафтани хӯрҷин, мӯккӣ, яктаҳу эзор худ барои як нафар мусофири кӯҳистонӣ талафоти калон бошад ҳам, барои вай ҳозир ин чизҳои худаш аҳамият надоштанд, вай аз ваҷҳи таппончаи хӯҷаин дар хавотир афтода буд. Хӯҷаин, албатта, товони таппончаашро талаб хоҳад кард.

Дар вақти гуфтугузори Восеъ бо мусофирони лақайнамо як марди сиёҳгунаи афғонмонанд барои саройбон дар ду хар ду ҷувол ангишт оварда, дар сарой мерехт, вай гуфтугузори онҳоро шунида буд, вақти рафтанаш ба Восеъ имо кард, ки «аз пасам биё», Восеъ ҳайрон шуда аз дунболи ӯ ба кӯча баромад. Дар кӯча ангишткаш ӯро онсӯтар бурда пурсид:

– Дар хӯрҷинат чиҳо буд?

– Ту ба ин чӣ кор дорӣ?

– Гӯй, баъд ман ба ту як роҳ нишон медиҳам: эҳтимол хӯрҷинатро ёбӣ.

– Сару либосам буд дар хӯрҷин; боз як чизи хӯҷаин ҳам буд.

– Чӣ буд? Чизи меарзидагӣ буд–мӣ?

– Чизи қиматбаҳо, ноёб.

– Ин тавр бошад, хӯҷаинатро гӯй, ба миршаби шаҳр арз кунад, «чизамро ёфта медиҳӣ» гуфта шах карда истад. Агар вай ба пора додан хасисӣ накунад, миршаб чизи гумшудаатонро ёфта медиҳад.

– Ёфта медиҳад? Миршаб?

– Ҳа, – гуфт ангишткаш ва овозашро пасттар карда илова намуд: – Дузд то гулӯи миршабро рӯған карда наистад, дуздӣ карда наметавонад. Дуяш шарик. Дузд ҳам аз берун не, аз худи ҳамин корвонсарой, ман медонам. Ин ҷо дуздӣ якум бор шуда истодагеш не. Лекин ту ин гапро аз даҳонат набарор! Ту як бечораи ғариб менамоӣ, ман инро ба ту дилам сӯхта гуфта истодаам. – Ангишткаш ба роҳаш рафтанӣ шуда хез зада ба хар савор шуду боз исто-

да гуфт: – Каси молу чиз duздондагӣ агар баобрӯ бошаду ба миршаб арз карда, «дуздро доред, чизамро ёфта диҳед» гуфта сахт истад, миршаб чизашро ёфта дода аз вай пора мегирад. Аммо агар одами ландаҳур бошаду аз пайи моли дуздондагиаш наафтад, он моли дуздиро саройбон қати миршаб обу лой мекунанд.

Аз гапи ӯ дар дили Восеъ равзанаи умед кушода шуда бошад ҳам, аламаш паст нашуда буд. Ӯ ба корвонсарой баргашта ба саройбони ғӯл ва дастёри ландаҳурнамои ӯ як–як теғ кашида нигоҳ кард. Баъд аз суханони ангиштқаш дилаш гувоҳӣ медод, ки дузд яке аз инҳост ё ки ҳар ду.

Нигоҳи шубҳаомез ва ғазаболуди ин галабони паҳлавонҷусса саройбонро андак бесаришта карда монд ва ба назар андак ранги рӯйи ӯ ҳам канд. Восеъ аз паси ӯ ба ҳуҷрааш даромада маҳкам аз гиребонаш гирифт.

– Дузд! Хӯрҷин куҷост? Хӯрҷинро ёфта деҳ!

Саройбон аз ваҷоҳати ӯ тарсид. Зӯр мезад, ки гиребонашро халос кунад, аммо наметавонист.

– Сар деҳ, хӯрҷинатро ман дидагем не, ман дузд нестам. Сар деҳ!

Восеъ ӯро раҳо карда баромаду парешонҳол, дилаш пур аз кину алам, бар лаби суфа нишаст.

Вақте ки Мирзоакрамбой ҳамроҳи Ниёз ба корвонсарой омаданд, ӯ бойро аз воқеа огоҳ ва гапи ангиштқашро нақл кард. Бой аввал саросемавор ба сӯйи аспонаш шитофта онҳоро шумурд, дид, ки аспҳо саршуморашон кам нашуда ҳама барҷо истодаанд, хотирҷамъ шуда баргашта дарҳол забон ба таъну коҳиши Восеъ боз кард. Ӯ аз овехта мондани Восеъ хӯрҷини худро дар корвонсарой гап кушод ва вогузор карданаш посбонии онро ба одамони бегонаи ношинос дар ҳайрат монд.

– Э, аҷаб! Ман намедонистам, ки ту ҳамин хел гӯли сода, ҳамин хел фандхӯр будаӣ. – Дарвоқеъ, бой аз куҷо медонист, ки Восеъ дар кӯҳистон, дар байни одамони содаи дилсофе калон шудааст, ки дуздӣ, қаллобӣ, муттаҳамиро намедонанд ва ба якдигарашон бовар мекунанд. – Содаги-

ат ба худат–ку, – боз гуфт хӯҷаин, – лекин ба ман зиёни калон расондаӣ: таппонча ба ман панҷсад танга фуромада буд.

Бо шунидани ин гап Ниёз:

– Ий, ана! – гуфта бо ду даст гиребонашро гирифт, зеро ӯ дар Қубодиён таппончаро аз як ошно ва меҳмони русаш ба ҳадя гирифтани бойро бо чашми худ дида буд. – Тағо, охир таппонча... – гуфта хизматгор боз сухане ба миён овардани буд, ки хӯҷаинаш «Дам шав!» гуфта даҳони ӯро баст.

– Дониста мон, ки агар таппонча ёфт нашавад, товонашро медиҳӣ! – огоҳонида монд бой Восеъро.

Амалдори собиқ бе «маслиҳат»–и ангишткаш ҳам воқеаи дуздиро ба раису миршаб ва ҳатто ба ҳокими Ғузор арз карда, барои ёбонда гирифтани чизи гумшудааш ҳаракат менамуд. Бой ба миршаб фаҳмонд, ки то моли дуздбурдааш ёфт нашавад, ӯ аз Ғузор нахоҳад рафт, ва агар миршаб дар кофтукови дузд ва таппонча мусоҳилакорӣ кунад, ӯ ба ҳоким ва ҳатто ба худи амир арз хоҳад кард...

Шабонгоҳ миршаб бойро ба наздаш талабида таппончаро ба ӯ дароз кард:

– Инро одамони ман дар деҳи Оқтерак аз хонаи як қунғурот ёфта оварданд, худи қунғуроти дузд гурехта будааст, ба даст наафтид. Аммо хӯрҷин ёфт нашуд. Акнун, шумо, ҷаноби бой, ба навкарон камтар хизматона доданатон лозим мешавад. Онҳо се нафаранд.

Мирзои Қорӣ суханони ангишткanро, ки Восеъ ба ӯ нақл карда буд, ба ёд овард ва албатта, ба гапи миршаб дар бораи деҳаи Оқтераку қунғуроти дузд бовар накард...

– Чӣ қадар диҳам? – пурсид ӯ.

– Ҳиммататон медонад, – тамаъкорона лабханд кард миршаб.

Бой ҳамёнашро бароварда понздаҳ танга ба худи миршаб ва панҷ тангагӣ понздаҳ танга ба се мулозими ӯ додани шуда буд, ки миршаб нагирифта:

– Ин пулатонро ба қаландарҳо садақа кунед шуморо дуо мекунанд; мо ҳамту холисона хизмат кардем. – гуфта Мирзои қориро шарм дороңданӣ шуд. Қорӣ кӯр шуда «хизматонаи» миршабро панҷ танга ва «ҳаққи» мулозимонашро дутангагӣ шаш танга зиёд кард.

Дар бозгашти ба хонаи ошнояш Мирзои Қорӣ ба корвонсарой даромад:

– Таппонча ёфт шуд, – хабар дод ӯ на хурсанду на хафа ба Восеъ ва Ниёз. Ва чи гуна ёфт шудани онро, тавре, ки аз миршаб шунида буд, нақл кард. – Ба миршаби чашмгушна ва одамони вай дарвоқеъ шаст танга хизматона додан лозим шуд, – бо таассуф илова намуд ӯ ва ҳол он ки фақат чилу як танга дода буд. Ба Восеъ гуфт: – Ҳайф, ки одамони миршаб хӯрҷин ва дигар чизҳои туро пайдо карда натавонистанд. Хайр садақаи сарат, хафа нашав. Дар Қаршӣ ман ба ту ҳаққи галабониатро медиҳам, хоҳӣ ба худат сару либоси нав мехарӣ.

– Ҳаққамро дар ҳамин ҷо бидиҳед, хӯҷаин, – табъи хирааш хиратар шуда гуфт Восеъ, – ман харидро дар ҳамин ҷо мекунам. Ин яктаҳу лозимии маро дидед, чиркин шуда даридааст, шустан, дӯхтан лозим, аммо ман пӯшоки дигар надорам, ки бипӯшам. Мӯкки рафт, поям ҳам луч монд. Ягон чоруқ–поруқ хариданам лозим.

Хӯҷаин баъди андак сукут кардан:

– Хайр, пагоҳ ягон кор мекунем, – гуфт. Боз каме сукут карда илова намуд: – Пагоҳ баъди ношто ба роҳ мебароем... Дигар ин ки ман дар ин ҷо фаҳмидам, ҷаноби олӣ ҳозир дар Қаршӣ будаанд, ба рикобашон чанд ҳазор лашкар, чандин сад амалдору сипоҳӣ. Сипоҳиён, дарвоқеъ, толиби аспҳои нағз мебошанд, агар қулай омада монад, ман аспҳоро ба онҳо мефурӯшам. Дар он вақт то Бухоро рафтани ту ҳам лозим намешавад, Восеъ.

Бой Ниёзро ҳамроҳ гирифта ба хонаи ошнояш рафт.

Пагоҳӣ Ниёз ба Восеъ як даст яктаҳу лозимии аз ҷомашӯӣ баромада ва як ҷуфт чоруқи нимдоштеро оварда гуфт, ки хӯҷаин дода фиристод.

– Хӯҷаин инҳоро аз куҷо ёфт? – пурсид Восеъ.

– Аз ошнояшон пурсида гирифтанд, – ҷавоб дод Ниёз. – Ошнояшон аз бойҳои Ғузор аст, чандин хизматгору саис дорад. Ин пӯшоку чоруқро вай аз як хизматгораш гирифта дод.

– Ба пул?

– Чия! – хандид Ниёз. – Шон ба галабонашон пӯшок харида медоданд–мӣ?! Як пула сарфи беҷо карда монанд, ҷонашон мебарояд. Ҳамту пурсида гирифтанд. Аммо ба ман таъин карданд, ки «ту рафта ба Восеъ ин яктаҳу эзор, чоруқро хӯҷаин ба пул хариданд гӯй».

Ба болои гуфтугӯйи инҳо хӯҷаин савора омада монд. Восеъ ҳам ба сафар тайёр шуда нишаста буд, ба зудӣ корвони онҳо корвонсаройро тарк карда таноби роҳро ба сӯйи Қаршӣ кашид.

* * *

Мирзоакрамбой дар Қаршӣ ба ҳавлии хеши дури гӯсфандҷаллобаш фуромад.

Гӯсфандҷаллоб ҳамроҳи ду писари «бӯзбала» ва домоди ҷавони миҷморуқаш аспҳои бойро хуб зеҳн монда аз назар гузаронд ва дандонҳошонро диду шаб дар меҳмонхонаи худ, дар сари дастархони ҳотамона аз соҳиби онҳо пурсид:

– Мирзо, аспҳо ба шумо чанд пул ғалтиданд?

Мирзои Қорӣ гумон кард, ки хешаш бе ҳеҷ ғараз, ҳамин тавр барои донистан пурсида истодааст, бинобар ин росташро гуфту монд:

– Понздаҳ сар асп андаряк ба бист ҳазор танга фуромад.

– Як аспатон ба тӯраи Ҳисор рафт?

– Рафт, – сари ҳасрат ҷунбонид бой.

– Дар роҳ ба ҷаву бедаи аспҳо чӣ қадар харҷ шуд?

Бой аз ин кунҷковии гӯсфандҷаллоб, ки гиройӣ ё ба лафзи қаршигиҳо олғурии ӯ ба ҳама маълум буд, хавфе бурда пурсид:

– Чӣ буд?

– Ҳамту, пурсидам–дия, – хандид мизбон.

– Агар ҳаққи галабонро ҳам ҳисоб кунем, ягон ҳазор танга шудагист, – гӯё, ки ба тахмин гуфт Мирзои Қорӣ, аммо ба ҳар эҳтимол дурӯғ гуфт, зеро хароҷоташ нисфи ин маблағ беш набуд ва ӯ ин хароҷотро тин ба тин ҳисоб карда монда буд.

Ба ин тариқ, маълумоти даркорӣ ҳосил карда буд, ки гӯсфандҷаллоб лӯлаболиштро ба болои суринҳои ғафси худ кашида ва бозувонашро ба он такя дода, ҷуссаи фарбеҳи пургӯшту чарбӯяшро пештар бароварда муддаои ниҳонии худро ошкор кард:

– Хуб, Мирзо, ба хизматгорон арз кунам, дар ин ҷо як маслиҳат баромад. – Ӯ ба писаронаш ва домодаш, ки дар сари дастархон ҳозир буданд, як назар андохт. – Шумо одами амалдор шуда омадагӣ, омили савдо–сотуқ нестед. Аспҳоро ба фурӯш мерасонам гуфта, ба саратон як олам ташвишу бархашаро харида мегиред. Хӯ–ӯ–ш, ба хизмататон арз кунам, шумо ба аспҳотон, гӯем, андаряк бисту ду ҳазор танга сарф кардаед. Ман сӣ ҳазор тангаи нақд ба шумо диҳам, шумо аспҳоро ба ман гузаронед. Ман онҳоро ба талабгору харидоронаш мефурӯшам. Хӯ–ӯ–ш, ман ҳам аспҳои шуморо албатта, фоида мекунам гуфта мехарам, ин пӯшида нест. Эҳтимол, дусад–сесад фоида кунам, лекин шумо якбора аз ҳазор пула ташвиши аспфурӯшӣ халос шуда хотирҷамъ рафтан мегиред. Ба ҳамин маслиҳат чӣ гуфтед?

Мирзои Қорӣ аз ногаҳон пайдо шуда мондани ин харидори серпул ва имкони халосии матлуб аз рондани аспҳо ба Бухорову фурӯши воқеан ҳам серташвиши онҳо хурсанд гардид ва дар баробари ҳамин аз ростгӯйии аввалаи худ дар ваҷҳи баҳои аспҳо пушаймон шуда ба дилаш надомат мекард, ки: «Ҳай дареғ! Қиматтар гӯям, мемурдам–мӣ?!».

– Маслиҳататон бад не, маъқул–ку, аммо... – гуфта ба сухан даромад бой ва ин «аммо» сари савдои пуркашока-

шеро боз кард. Оқибат ба болои сию панҷ ҳазор танга қарор гирифтанд. Ба шодии Мирзоакрамбой, пули аспи ба тӯраи Ҳисор пешкашшуда низ якуним баробар шуда ба дасти ӯ даромад.

Пагоҳӣ ӯ Восеъро ба назди худ талабид.

Вақте ки Восеъ ба меҳмонхона дохил шуд, дар он ҷо Мирзоакрамбой ва соҳиби хона бо кадом як нақли ғалатии муллобачаи миҷморуқ – домоди соҳиби хона қоҳ–қоҳ хандида, дар болои кӯрпачаҳои ғафс ба лӯлаболиштҳо такя карда нишаста буданд. Дар он ҷо хушнудӣ ва димоғчоқӣ ҳукмфармо буд. Муллобача чой мекашид. Ниёз дастархонро меғундошт.

– Шин, Восеъ, – илтифот кард хӯҷаин ба галабони худ. Восеъ дар пойгаҳ нишаст. – Акнун дарвоқеъ, ман ҳам, ту ҳам аз аспҳо халос шудем. Ту ҳаққи ҳалолатро аз ман гиру пайи кори худ шав. – Бой аз таги кӯрпачаи атлас коғазпораеро бароварду ба он нигоҳ карда суханашро давом дод: – Ман ҳаққи туро ҳисоб кардам, дигар хароҷоти шудагиро ҳам ҳисоб карда баромадам...

Аз рӯйи ҳисоби ӯ, музди галабон дар ду ҳафта бо чордаҳ сар асп, ҳар сари асп нимтангагӣ, ҷамъ наваду ҳашт танга мешавад. Аммо Восеъ таппончаро duздонд, баъди ёфт шудани таппонча бой ба миршаб ва одамони ӯ шаст танга хизматона дод. Сониян дар Ғузор ӯ аз ошнояш барои Восеъ ба понздаҳ танга яктаҳу лозимӣ ва чоруқ харид. Бой Восеъро бо розигии худаш ба галабонӣ киро кард, бояд, ки ҳисоби дуяшон пок бошаду ҳам соҳиби гала ва ҳам галабон коре кунанд, ки ҳаққи яктояшон ба дигарашон наравад, вагарна он ҳақ ҳалолу пок намешавад. Аз ҳамин ваҷҳ, мувофиқи расму таомули мамлакат, бой зиёни бо гуноҳи галабон ба худаш расидаро бояд, ки аз музди кори галабон барорад...

Хӯҷаин ба ҳамин мазмун варсоқӣ карда муқаддимаи дарозе намуд. Баъд аз баровардани маблағи «зиён» ба дасти Восеъ фақат бисту се танга мерасид. Мирзои Қорӣ аз ҳамёнаш як каф тангаро бароварда ба шумурдан сар

карду ногаҳон масъалаи аризаи Восеъ ба хотираш расид (ӯ пештар дар роҳ ба Восеъ ваъда дода буд, ки дар бобати бародараш Назир ба номи ҳокими Шаҳрисабз Остонақул–девонбегӣ ариза нависонда медиҳад).

– Аризаи туро ана ин кас навишта медиҳад, – гуфта Мирзои Қорӣ домоди гӯсфандҷаллобро нишон дод ва илова кард: – Остонақул бий–додхоҳ ҳозир дар ҳамин ҷо будаанд, ба ҳузури ҷаноби олӣ омада будаанд; ту дарвоқеъ, аризаатро ба ҳоким дар ҳамин ҷо супорӣ ҳам мешавад. Аммо ҳаққи қалами ин хел ариза аз даҳ танга кам намешавад. Аҳмадҷон бошад аз ту зиёд намегирад, панҷ танга диҳӣ кифоя. Ҳамту–мӣ, Аҳмадҷон? – гӯянда табассум карда ба муллобачаи миҷморуқ рӯй овард.

– Хайр, майлаш, – илтифоткорона розӣ шуд Аҳмадҷон.

– Мана, гир. – Мирзоакрамбой тангаҳоро ба Восеъ дароз кард, Восеъ даст наёзонда нигоҳи нафратборе ба чашмони танги бой дӯхт.

– Гир! – такрор кард бой.

– Сабр кунед, хӯҷаин, ба шумо гап дорам, – Восеъ боз ҳам пулро нагирифт.

– Боз чӣ гап?

– Оё таппончаи шуморо ман дониста дуздондам? Хӯрҷини худам, пӯшокамро ҳам дониста дуздондам?

– Ин чӣ дағдаға! – бой ҷаҳлаш хест.

Гӯсфандҷаллоб ба гап ҳамроҳ шуд:

– Ҳоло ҳам шукр кун, ки таппонча ёфт шудааст, вагарна товонашро як умр адо карда наметавонистӣ.

– Таппончаро шумо ба чанд харида будед? – ба гапи мизбон аҳамият надода, боз ба бой муроҷиат кард Восеъ.

– Ту ба ин чӣ кор дорӣ? Маро истинтоқ мекунӣ чӣ?

– Истинтоқаш чист, ман намедонам. Шумо тасбеҳ мегардонед хӯҷаин, панҷ вақт намозатон тарк не, аммо аз Худо натарсида ба ҳаққи ман ҷабр карда истодаед. Аз ҳамин сабаб ман ҳақ дорам бо шумо саволу ҷавоб кунам. Бигӯед, оё шумо таппончаро харида будед? – Восеъ инро гуфта бо қирраи чашмаш ба Ниёз, ки дар пеши тоқча худ-

ро ба коре андармон кард ба гуфтугӯйи онҳо гӯш андохта истода буд, назаре афканд, гӯё, ки ӯро ба гувоҳӣ даъват мекард.

Дар ин ҷо Ниёз, Ниёзи хомӯш, фармонбардори доим ҳақоратшунав ва шаттахӯр ногаҳон ҷасорате дар худ пайдо карда, бойро дар ҳайрат мононда чунин гуфт:

– Таппончаро аз ошнои урусатон силав[1] гирифта будед–ку, таго.

Бой якбора ғазабаш таркида ба дастёри худ фарёд зад:

– Ту ҳам забон баровардӣ?! Гум шав, падарлаънат! Ниёз ҳаросон аз меҳмонхона бадар рафт.

Лекин ғазаби Мирзоакрамбой Восеъро натарсонд:

– Якто дурӯғи шумо маълум шуд, хӯҷаин! – оромона, аммо бо тамасхури ниҳонӣ қайд кард ӯ ва риштаи гапашро наканда давом намуд: – Акнун боз бигӯед, ки шумо чорук, яктаҳу лозимии ба ман додагиатонро ҳам ба пул харида будед? – Магар аз ошнои ғузориатон ба муфт пурсида нагирифта будед? – Дар ин ҷо ба хотири Восеъ расид, ки ӯ бо ин гапи худ Ниёзро дар назди хӯҷаинаш «хабаркаш» карда нишон дода боз зиёдтар ба бало мемонад, бинобар ин ба тариқи «дурӯғи маслиҳатомез» илова кард: – Ман медонам, пӯшоку чорук ба шумо аз ошнои ғузориатон муфт расид, инро ба ман хизматгори ошноятон гуфт. Ана ин боз як дурӯғи шумост, хӯҷаин. Дуздии корвонсаройро гӯед, аз он дуздӣ шумо не, ман зарар кашидам.

Ман хизматгори шумо шуда дар корвонсарой хоб кардаму хӯрҷинамро дузд бурд: ман мегӯям ҳақиқаташ ин ки товони дуздиро шумо ба ман диҳед, на ин ки ман ба шумо диҳам...

Восеъ сари ду зону нишаста дастҳои калон–калони ҷувозкашонаашро ба зонувонаш паҳн карда бо шеваи кӯҳистонии худ сахт–сахт гап мезад.

Ӯ аламзада буд, ин фиребгарӣ, ноодамӣ, бедодгарии

[1]. Силав – ҳадя, инъом.

Мирзоакрамбой дили ӯро маҷрӯҳ карда буд.

Амалдори собиқ, ки аз зердастони худ, ҳатто аз деҳқонон ва сокинони бо ягон арз ба наздаш меомадагӣ доим тавозӯъ, забунӣ, илтиҷокорӣ медид ва ба ин одат карда буд, аз далерӣ ва бебокии ин марди кӯҳистонӣ дар ҳайрат монд. Восеъ на ин ки мисли як хизматгори мутеъ ва ниёзманд, балки ҳамчун муддаии ҷасуре гап мезад.

Аз тарафи ин галабони чоруқпӯш бо чунин густохӣ фош карда шудани дурӯғгӯӣ риёкории Мирзоакрамбой ӯро дар пеши гӯсфандҷаллоб ва домоду писари вай гарчанде онҳо хешони худаш бошанд ҳам, мулзам карда монд. Ӯ чорае наёфт ҷуз ин ки бо итобу таҳдид рӯйи шармсори худро пӯшонданӣ ва дами Восеъро паст карданӣ шавад:

– Аз ҳаддат нагузар, ки пушаймон мешавӣ, масчоӣ! Худи ту кистӣ, ки ба ман ин хел дағдаға мекунӣ, маро дурӯғгӯй меномӣ?! Дониста мон, ки ман ту барин шӯрапуштҳоро дарвоқеъ, бисёр аз ғалбер гузарондаам! Ман агар хоҳам, аз барои ин гапҳоят, аз барои ман барин як одами баобрӯ ва хизматгори ҷаноби олиро беҳурмат карданат, туро на ин ки аз музди корат маҳрум мекунам, балки ба раиси шаҳр гуфта туро зиндон кунондан ҳам аз дастам меояд. Ҳаққи туро ҳеҷ кас нахӯрдааст, ман дарвоқеъ, аз рӯйи расму таомули мамлакат рафтор карда истодаам. Беҳтар он ки ту ба нағзӣ ин бисту се танга ҳаққи худатро гиру равон шав!

Гӯсфандҷаллоб барои зудтар аз ин моҷарои дилгирона халос шудан онро ба мусолиҳа тамом карданӣ шуда ба бой гуфт:

– Хайр, галабон беадабӣ карда бошад ҳам, шумо гузашт кунед, мирзо. Биёед ба болои муздаш боз даҳ танга ҳамроҳ кунед, садқаи саратон. Ба як мусофири ғариб хайр кардагӣ барин гап. Агар шумо не гӯед, ман аз ҷониби худам медиҳам. – Ӯ ҳамёни Мирзоакрамбойро аз дасташ рабуда боз даҳ танга бароварда, тангаҳоро қариб бо зӯрӣ ба кафи Восеъ ниҳод.

Восеъ аз ҷояш хест.

– Ман гадо нестам, ба ман хайру садақа даркор нест. Бигир хӯҷаин! – Инро гуфта ӯ тангаҳоро ба пеши бой партофт. – Ман ҳаққи хизматамро ба ту бахшидам, ту сер шав, хӯҷаин!..

Ӯ баромада рафт.

## БОБИ ҲАШТУМ

Алам, қаҳру ситезаи ӯ нисбат ба Мирзоакрамбои худобехабар ҳоло фурсаташ намедод, ки фикре ба ҳолу кори худ кунад. Ду дасти холӣ бар пушт карда дар тангкӯчаҳои маҳаллоти шаҳри бегона бешитоб қадам мезаду воқеаҳои мусофирати дуҳафтагии худро ба ёд меовард. Машкобии ба дами марг хобида дар каҳдон ва ҷанозаи ғарибонаи ӯ... Муридони чашмгурусна ва яғмогари Саидасрор... Саройбони дузд ва шарики ниҳонии ӯ–миршаби ҳилагар... Ин хӯҷаини хушмуомилаи ғамхорнамо, ки дар оқибат, пас аз он ки «хараш аз лой» гузашт, дар ҳаққи ӯ чунин ноодамӣ ва лаънӣ кард... «Э дунё!..» – ба ҳасрат мегуфт Восеъ дар дили худ.

Фақат вақте ки дар бораи Ниёз фикр мекард, андак рӯшноие ба дилаш метофт. Сағира ба вай унс гирифт, вай ҳам сағираро дӯст дошт. Ба хотири ӯ Ниёз дурӯғи бешармонаи хӯҷаинашро фош кард, аз вай натарсид. Восеъ ба ҷудо шуданаш аз Ниёзи меҳрубон, ростқавл ва кушодадил афсӯс мехӯрд.

Дар сари бозоргоҳ дид, ки якчанд сорбони хоколуди зоҳиран аз дашту саҳро омада борҳошонро фуровардаанду ба лаби ҷӯй нишаста ношто мекунанд, нони чапотӣ ва талқон мехӯранд. Ин манзара фикри Восеъро ба ҳолу аҳволи худаш овард: вай куҷо меравад? Минбаъд чӣ кор мекунад? Тани танҳо, бе пул, бе макон, бекасу кӯй дар ин шаҳри мусофирӣ ҳолаш чӣ мешавад? Мақсади мусофираташ–ку Назир аст, ба он сиёҳбахти ноком чӣ гуна бояд

расид? Шаҳрисабз куҷост ва ҳокими он ки мегӯянд ҳоло дар ин шаҳр мебошад, кадом аст? Аризаро ба кӣ бояд нависонд ва чӣ тавр ба ҳоким расонд?

«Хайр, ягон илоҷаш ёфт мешудагист. Худам бошам марди тансиҳатам, бақувватам, наход, ки дар ин шаҳри калон ба худ кореву музде пайдо карда натавонам?» – боз фикр мекард Восеъ. Зотан вай одами дилпур ва худбоваре буд, дар ҳеҷ ҳолат навмед ва маъюс намешуд.

Ӯ ба майдони пеши қалъаи ҳоким баромад. Қалъа дар баландии канори дарё ҷой гирифта, асрорангез ва ҳавлнок менамуд. Дар майдон, ки бозоргоҳ низ он ҷо буд, дар байни мардуми бозорӣ сарбозон ва сипоҳиён бисёр вомехӯранд. Раставу бозорҳои дигар низ дар гирду пеш ва дуру наздики қалъа воқеъ шуда буданд. Мусофири моро тамошои он раставу бозорҳои сермолу серодам ба худ машғул дошт. Дар ду бари кӯча зич–зич дӯкону дӯкончаҳои пур аз меваи хушку тар, сабзавот, моҳии бирён, каллақанду наботу ҳавло. Инак, боз паҳлуи дигари бозор. Қанору лингаҳои гандум, ҷав, биринҷ, ҷуворӣ, кунҷид; пушта–пушта кунҷола! Ин кунҷолаҳо диққати ҷувозкаши моро махсусан ҷалб карданд... Боз бозори нон. Дар даҳҳо сабад қабат–қабат нону кулчаҳои сурху сафеди иштиҳоангез. Растаи баззозӣ. Тӯп–тӯп читҳои рангоранги мунаққаш ба гулҳои калон–калон ё майда–майда, шоҳию атлас, бахмал, адрасу беқасаб, дока, рӯмол ва сарпечҳои зебову хушранги занона. Э кош, ӯ пуле медошту аз ин рӯймолҳо харида ба Аноргул ва Гулъизор савғотӣ мебурд!.. Дар бозори каланд ӯ ба асбобҳои зироату боғдорӣ – бо он ҳама каланду белу досҳои оҳанину фӯлодин, корду табару тешаҳои соз бо чашми ҳавас менигарист. Қатори дегҳои каллапазӣ. Бӯйи хуши каллаву ҳасиби пухта ба димоғ мезанад. «Сабил монад, балки аз бой бисту се тангаро гирифтанам лозим буд? Аз қаҳру ситезаи ман фақат бои лаин фоида карду худам зиён кашидам!» Гӯштхӯре аз кат бархост ва ҳамон дам панҷ–шаш нафар гуруснагони нимбараҳна пайдо шуда ба косаи ӯ дарафтиданд: дар коса

каме шӯрбо ва ду–се пора устухони нимхоида боқӣ монда буд.

Дар байни ғалоғулаи бозор нолиши гадоёни марду зан шунида мешуд: «Хайр кунед!.. Илоҳӣ кам нашавед!..»

Дар сари кӯчаи пурчангу хок даҳ–дувоздаҳ нафар занони пиру ҷавон қатор нишаста косаҳои чӯбину сафолинро дар пешашон гузошта аз роҳгузарон хайру садақа металабанд. Рӯйи занҳо кушода, сари баъзе бараҳна, баъзе дар бағалу паҳлуи худ кӯдакони хурдсоли урёни хоколудро гирифта нишастаанд. Ду–се нафар зани ҷавон сар ба зер афканда, ё рӯйҳошонро бо нӯги рӯмолҳои чиркини худ нима пӯшонидаанд ва овози баланд намебароварданд. Инҳо кӣ бошанд ва чаро ба гадоӣ маҷбур шудаанд? Восеъ шунида буд, ки баъзе ҷавонзанони беваю бекас монанди гадоён ба сари кӯча баромада менишинанд, то шояд марде пайдо шавад, ки онҳоро ба занӣ бигирад. Воқеан ҳам, инак, марди чакмани сурхпӯше, аз афташ давлатманди аз саҳро омада, – назди яке аз он занҳои ҷавони кӯдакдор дикак нишаста ӯро ба гап гирифт. Ба пурсишҳои ӯ занак шармгинона ба паҳлу нигариста ҷавоб медиҳад. Пиразани муштипари дар паҳлуяш нишаста ба ӯ мегӯяд: «Шарм надор, духтарам, гап зан, шояд, ки Худо туро насиби ҳамин бойбача карда бошад».

– Канӣ рӯятро дурусттар кушо, бинам, – гуфта чакмани сурхпӯш худаш остини занро аз рӯяш дур кард. – Дастҳоятро нишон деҳ. Аз дастат чӣ кор меояд?

– Ҳама кор аз дасташ меояд, – ба ҷойи ҷавонзан модараш ҷавоб дод, – хотирҷамъ бошед, бойбача. Шукр, духтарам биноӣ, чаққон, ақлу ҳушаш баҷо. Як шӯи одамшаванда дошт, бечора умраш кӯтоҳ будааст, ба наздикӣ қазо кард...

– Пашм ресида метавонӣ? Қолин бофта метавонӣ? – боз донистанӣ шуд чакманисурхпӯш.

– Накардааст–ку, лекин як бор бинад, даррав ёд гирифта, карда рафтан мегирад, бойбача, хотирҷамъ бошед; шукр духтаракам ҳушёр, зирак...

– Хуб, ман туро гирифтам, – қарори худро эълон кард мард. – Хез, ҳозир бо ман меравӣ.

– Даррав гирифта меравед, бойбача? Аввал ба хона биёед, бо як коса об инро никоҳ кунеду баъд...

– Никоҳ сонӣ мешавад. Дар авул никоҳ мекунам. Хез, вақт рафт, ман тезтар ба роҳ баромаданам лозим аст. – Мард занакро аз дасташ гирифта кашид. – Бачаатро ба модарат деҳ.

– Ман ҳам бо духтарам рафтан лозим, бойбача, – нолиш кард кампири қоқи рӯяш ба ранги чарми кухна. – Охир, мани муштипар бе Гулсум чӣ кор мекунам, куҷо меравам?

– Куҷое, ки равӣ ихтиёрат, оча, – ҷавоб дод занталаб. – Ман туро нагирифтам, духтаратро гирифтам. Бо набераат дар хонаи худат шиштан мегирӣ. Ман ҳар вақт ба бозор биёям, аз ту хабар мегирам, орд–пορд оварда медиҳам.

Ҷавонзани шаҳлочашм зор–зор гирист, бачаашро ба синааш пахш карда бӯсида сару рӯю гардани вайро ба оби дидааш тар карду баъд бачаро ба бағали кампир партофта, худ ноилоҷ аз қафои чакмани сурхпӯш равон гардид...

Дар рӯзи равшан дар пеши чашми Восеъ коре шуд, ки зоҳиран дар ин ҷоҳо кори оддӣ ба шумор мерафт ва ҳар рӯзу ҳар соат воқеъ мегардид, аммо барои чи бошад, ки дили сангҳои шаҳр об намешуд, қалъаи ҳоким ба дарё фурӯ намеғалтид ва ин масҷиду мадрасаҳои боҳашамат ҳам барҷо истодан мегирифтанд... Фақат дар чашмони Восеъ ашк ҳалқа зад.

Аз шонздаҳ масҷиди шаҳр пайи ҳамдигар овози муаззинҳо баланд гардида мусулмононро ба намози пешин даъват кард. Баъд дӯконҳо, растаҳо, чойхонаву ошхонаҳо камодаму камтараддуд шуда монданд.

Восеъ гуруснагӣ ҳис кард. Дар кисааш як пул надошт. Афсӯс хӯрд, ки чаро ба тамошои шаҳр андармон шуда ба худ кореву музде наҷуст. Мумкин буд ҳаммолӣ кунад ё ба ошпазу чойхонадорон обу ҳезуме кашонда як танга– ним танга пайдо намояд. Ӯ ба ҷустҷӯи ҳамин гуна кору хизма-

ти тасодуфие афтод. Аммо кор ёфтан осон набуд: бозорҳо аз монанди ӯ ҷӯяндагони хизмате ва муҳтоҷони лаби ноне пур буданд.

Ӯ дар айни дармондагӣ ва тангии ҳол ногаҳон номи худро шунид – касе ӯро аз қафо чеғ мезад:

– Ака Восеъ! Ҳой, ака Восеъ!

Вай нигоҳ карда Ниёзро дид, ки ба сӯяш меояд. Хурсанд шуд.

– Ин туӣ, Ниёзҷон?

– Ман туро пагоҳ боз мекобам.

Дуяшон онсӯтар рафта дар сари ҳавзе нишастанд.

– Чаро монда рафтӣ, ака Восеъ? Аз тағоям пулатро ҳам нагирифтӣ?

– Тағоят маро хафа кард, беқадр кард. Ман мегӯям, ҳар кас маро хафа кунад, душмани ман аст, ман худамро ба душманам муҳтоҷ намекунам.

– Охир, ту дар ин шаҳр мусофирӣ, бекасӣ, бе пул чӣ кор мекунӣ?

– Танам сиҳат бошад, ризқамро меёбам, Ниёзҷон.

– Мардикорӣ мекунӣ?

– Не, савдогарӣ мекунам, – хандид Восеъ. Баъд пурсид: – Хӯш, ту маро аз барои чӣ кофтӣ?

– Туро диданам омад. Ту хайру манзурро ҳам нася карда рафтӣ, ана баъд... ман медонистам, ки ту пул надорӣ, ҷой надорӣ. Ака Восеъ, ман як даҳ тангаро руст карда монда будам, – Ниёз аз нифаи эзораш тангаҳоро баровард. – Инро гирифта мон, то мардикорӣ карда пул–мул ёфтанат ба ту даркор мешавад.

Восеъ миннатдоронаву дӯстдорона ба чашми ҷавон нигарист:

– Ту инро аз куҷо ёфтӣ?

– Худам пештар чор танга доштам, баъд тағоиям дар иди рамазон идӣ дода буданд, ана баъд боз дар Ғузор ҳалво–палво харида хӯр гуфта се танга доданд.

– Мон, ба худат даркор мешавад, Ниёзҷон.

– Ҳоли ҳозир ба ман даркор не, гирифта мон, ака Восеъ, ҳар вақте ки пул ёфтӣ, медиҳӣ.

– Ман кай пул меёбаму боз кай ба ту дучор мешавам?

– Иншоаллоҳ боз дучор мешавем. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад, гуфтаанд. – Ниёз тангаҳоро ба кафи Восеъ андохт.

Восеъ пурсид:

– Хӯҷаин дар бораи ман чӣ мегӯяд?

– Хӯҷаин–мӣ? Ман шунидам, ба почом мегуфтанд, ки «Восеъ пулашро нагирифт – ихтиёраш. Гушна монад, сарсон шавад, ана баъд пушаймон мешавад». Почом мегуфтанд, ки «Ин Восеъ камбағал бошад ҳам, назарбаланд будааст, базарда будааст. Ба гуфти худатон, вай дар роҳи сафаратон ба шумо нағз хизмат кардааст, аз барои ҳамин як бист танга – сӣ танга зиёдтар диҳед ҳам ҳақатон намерафт. Чордаҳ сар аспро нигоҳубин карда аз Ҳисор то Қаршӣ оварда расондан кори осон не!» Тағоиям боз мегуфтанд, ки «Охир, Восеъ маро беҳурмат кунад, ба рӯям тозад, ман боз ба вай нағзӣ кунам–мӣ?»

– Хӯҷаин туро барои чӣ сирри таппончаро кушодӣ гуфта ҷанг накард?

– Як таппонча ҳам не; «дар Ғузор аз Муҳаммадалибой яктаҳу, эзор, чоруқ пурсида гирифтанамро ҳам ба Восеъ ту гуфтагӣ» гуфта ду торсакӣ ба рӯям фуроварданд, боз: «Ин ҷо хонаи бегона аст, ба Бухоро расем, баъд ман адаби ту ҳаромзодаро медиҳам» гуфта тарсонда ҳам монданд.

– Ҳоло ту аз боиси ман шатта хӯрдӣ, Ниёзҷон?

– Ҳеҷ гап не, ака Восеъ. Аз боиси ту не. Худам забонам хорид, дурӯғ гуфтани хӯҷаинро шунавида тоқат карда натавонистам.

– Ту бачаи нотарс будаӣ, Ниёзҷон, ҳақгӯ будаӣ. Боракалло! Тарафи маро гирифта ба дилам қувват додӣ. Ин некии туро ман асло аз ёд намебарорам.

Ниёз гуфт, ки ӯ бо тағоияш пагоҳ ба Бухоро равон мешаванд. Дӯстон хайрухуш карданд.

Восеъ аз нонвой якто нон, аз каллапаз як пора гӯшт харида дар самоворхона бо як чойнак чой тановул карду баъд боз ба ҷустуҷӯи кореву хизмате гардиши худро дар кӯчаву бозорҳо давом дод. Аммо корёбӣ осон набуд. Ҳаммоле ба ӯ маслиҳат дод ба пушти мадрасаи Бикай равад, ки дар он ҷо бозори мардикор ҳаст ва ӯ шояд дар он бозор ба худ корфармое пайдо кунад. Дар «бозори мардикор» понздаҳ–бист нафар мардони ҷулҳундипӯш дар сояи садаи пир хастаҳолона бо каланду досу арғамчинҳои худ нишаста буданд. Восеъ ҳам дар як канор нишаст. Баъди ягон ду соат як марди шикамкалони серриш омада хостори як нафар мардикор шуд. Ҳамаи корҷӯён якбора хеста он мардро миёнагир карда «Ана ман! Ман! Маро гиред!» гӯён ба таваллову зорӣ даромаданд.Мардикоргир ба сар то пойи ҳар як кадоми онҳо бо чашми харидорӣ зеҳн монда якто бақувваттарашонро интихоб карду гирифта бурд.

Боз соате гузашт, рӯз ба бегоҳӣ наздик шуд, дигар мардикоргире пайдо нагардид. Корҷӯён якто–якто монда рафтанд...

Шаб Восеъ дар масҷиди яке аз маҳаллаҳо хобид.

Пагоҳии дигар ӯ ба як самоворхона об кашонда ва дар як ошхона ҳезум кафонда доду ду танга кор кард. Ӯ аз самоворчӣ пурсид, ки аҳли ҳоҷат агар ба калонҳо аризае доданӣ шаванд, аризаҳошонро дар куҷо ва чӣ гуна менависонанд. Самоворчӣ ӯро ба Чорсӯ равона кард, ки дар он ҷо муллои пир хатҳои мардумро навишта медодааст.

Восеъ ба Чорсӯ рафта муллоро ёфт: вай як пиракии бисёр лоғар ва рухсораҳояш чӯкидае буд, ки дар чашмаш айнаки ресмонбанд дошт, дар таги тоқи Чорсӯ ба курсичае нишаста, найқаламашро ба давоти дар замин истода халонда–халонда ба рӯйи коғази дар зонуш ниҳода меронд. Ӯ барои деҳқони дар наздаш дикак нишаста хате менавишт. Дар аснои хатнависии ӯ як мард ва як зани фаранҷидор омада мактуби аз ким–куҷо ба худашон расида-

ро хононда, ним танга музди хатхонии ӯро дода рафтанд. Чун пирамард аз хатнависӣ фориғ гашт, Восеъ аз вай аризае ба номи ҳокими Шаҳрисабз навишта доданро илтимос ва музди аризаро баён кард:

– Бинавис, ки Назир валади Хушмуҳаммад як бечораи кӯҳистонӣ, худаш одами пок, худотарс аст, одамкуш нест. Аз бечорагӣ ба Шаҳрисабз омада буд, барои мардикорӣ. Ба гардани ӯ тухмати одамкуширо зада, ноҳақ дар зиндонаш андохтаанд. Илтимос ин ки ҷаноби ҳоким адолат кунанд, Назири бегуноҳро озод кунанд...

Мулло аризаро навишта дода аз Восеъ ду танга «ҳаққи қалам» – онрӯза бозёфти бечорагии ӯро гирифт. Восеъ аз ӯ пурсид: Остонақули ҳоким, ки ҳозир дар ҳамин шаҳр будааст, дар куҷо меистад ва аризаро ба ӯ чӣ тавр бояд расонд? Пирамард ҷавоб дод: Қӯши Остонақул дар кадом як боғи беруни шаҳр, дар наздикии чорбоғи ҳокими Қаршӣ аст, аризаро ба ӯрда бурда ба дасти аризачӣ додан лозим аст, вай баъзе рӯзҳо дар пеши дарвозаи ӯрда аризаҳои аҳли ҳоҷатро қабул мекунад. Баъди ягон ҳафта аз ҳоким ҷавоби аризаҳо мебарояд...

Восеъ ҳамон дам ба тарафи ӯрда (қалъа) шитофт. Дарвозабонҳои ӯрда ба вай гуфтанд, ки аризачӣ имрӯз кайҳо аризаҳои мардумро ғундошта бурд...

* * *

Рӯзи дигар пагоҳӣ Восеъ боз дар он ҷо ҳозир шуд.

Дар Регистон – майдони пеши ӯрда мардуми бисёре ҷамъ шуда буданд. Сипоҳиёни шоҳию адрасу зарбофтпӯш сертараддуд; даста–даста сарбозони милтиқдор ба либосҳои низомӣ саф кашида меистоданд. Маълум шуд, ки онҳо мунтазири амир будаанд – амир ба чӣ муносибате аз чорбоғи беруни шаҳр, ки ӯ дар он ҷо меистод, ба ӯрда меомадааст.

Як маҳал дар кӯчаи калон як гурӯҳ саворони босавлату салобат, дар танашон ҷомаҳои рангоранги гаронбаҳо ва дар миёнҳошон шофу шамшери ба камарбандҳои

қуббадори зарнигору нуқракӯб ҳамоил пайдо гардиданд. Ду нафари онҳо (Восеъ аз гап–гапи онҳо донист, ки ин ду нафар удайчиҳо будаанд) пешопеш, саворони дигар асп ронда суханҳои ба мусофири мо нофаҳмо: «Ҳазрати амирнинг эсанликларига Худо тавфиқу адолат берсун!»–ро мад кашида гуфта бо овози баланд ҷор меандохтанд. Сарҳои сафеди салладори халқ бо садоҳои «Омин! Омин!» хам мегардиданд. Аз паси удайчиҳо марди саворе, ки аз гапи мардум номи вай шиғавул будааст, дар танаш ҷомаи адраси рах–рахи дар офтоб дурахшанда, пешопеши як савори дигари лоғари гарданборики хоболуднамо, ба росту чап таъзим карда «алайкумассалом! алайкумассалом!» гуфта меомад. Аз байни мардум пичир–кучури «амир! амир!» шунида шуд. Восеъ донист, ки амири Бухоро Музаффархон ҳамин мардаки лоғари хоболуднамо будааст. Амири бемор пири фартут барин менамуд, рухсорааш чӯкидагӣ, худаш камриш, ранги рӯяш заҳир буда, дар сараш саллаи сафеди ҷавоҳирнишон ва дар танаш ҷомаи шоҳии сиёҳтобе, ба намуд нисбат ба ҷомаҳои хушранги ҷилодори дарбориёнаш одитар, дар миёнаш шамшер дошт ва дар аспи сиёҳтӯруқе савор буд. Чашмонаш монанди одами масту хумор нимпӯш буд.

Восеъ дар канори роҳ истода «намоиш»–ро аз наздик тамошо мекард. Ӯ амирро дар хаёлаш марди ниҳоят босалобати паҳлавонҷуссаи рустамсаворе тасаввур мекард, аммо ин амир – «подшоҳи Бухоро» муллои нимҷоне беш набуд. Дардманд аст, чи бало? Мусофири мо аз амир «ихлосаш гашт». Наход, ки «Амир Саид Музаффархони Баҳодур», он ки Шаҳрисабзу Китоби Афросиёбро фатҳ кард, мирони Ҳисору Кӯлобу Балҷувону Қаротегин, шоҳони Дарвозу Шуғнонро бо зарби шамшер ба худ тобеъ ва вилоятҳошонро тасхир карда, дар Ҳисор бо як имои буруташ чорсад бандии аз куштан мондагиро дар байни намози дигару намози шом ба ҷаллоди худ фармуда кушонд, – наход ҳамон амири қоҳири пурдаҳшати хунрез

ҳамин пирамарди миҷморуқ бошад?.. Боз ин чӣ гап аст, ки саломи халқро ба ҷойи ӯ шиғавул алек мегирад, чӣ магар амир ҳамин қадар фартут шудааст, ки маҷоли «алайкумассалом» гуфтан ҳам надорад? Барои ба саломҳо алайк гирифтан алоҳида як амалдор нигоҳ медорад!..

Дар байни саркардаҳои калон, ҳокимҳо ва бийҳо, ки ҳама савора бо як ҳашамату дабдаба аз қафои амир меомаданду мардум ҳар кадоми онҳоро «Ана, фалонӣ! Ана, бисмадонӣ!» гуфта ном мегирифтанд, мусофири мо ҳокими Шаҳрисабз Остонақул девонбегӣ–бий–додхоҳро шинохт. Бий–додхоҳ синну солаш ба назар дар байни панҷоҳу шаст, дар қиёфа ба як тарзи тааҷҷубовар ба амир бисёр монанд, аммо нисбат ба вай хеле бардаму бақувват, марди қоматбаланди камриши гандумгуне буд.

Дар дасташ тасбеҳ гардонда, бо сари хам меомад, зоҳиран одами тақводор ва ҳалиму хоксор барин менамуд. Сару либосаш ҳам монанди дигарон он қадар бокарруфар набуд. Дар дили Восеъ умеде пайдо шуд, ки ин хел ҳоким бояд одами адолатпеша ва раҳмдиле бошад.

Амир ва ҳамрикобони ӯ дар байни наъраи карнайҳо, бак–баки нақораҳову дум–думи духул ба ӯрда даромада рафта буданд, ки мардумони тамошобин низ кам–кам парокanda гардиданд. Имрӯз, албатта, умеди супурдани ариза набуд, бинобар ин Восеъ ҳам монда рафт. Ариза ду рӯз боз дар қабати саллаи ӯ «хоб рафта» буд.

Ниҳоят рӯзи сеюм супурдани ариза ба дасти аризачии ҳоким муяссар гардид. Аризачӣ, ки марди шӯтқарӣ ва суханбозе будааст, ба Восеъ «Канӣ хизматонаро барор, дохунда, ҳа! Кори подшоҳӣ ҳазл не. Ариза бепул нест, мақбул. Иншоаллоҳ, ҳоҷатат раво, дардат даво, укдаи дилат во мешавад!», – гуфта, бо як шилқинии гадоёна аз вай панҷ танга рӯёнда гирифта бошад ҳам, Восеъ хафа нашуд – ӯ хурсанд буд, ки оқибат арзу доди ӯ худи ҳамин рӯз ба ҳоким мерасад.

Он рӯз дар бозори мардикор ҳам баногоҳ кори Восеъ барор гирифт ва «ҳоҷаташ раво» гардид: як марди рӯй-

паҳни бинипачақ омада, ӯро бо як нафар мардикори дигар ба деворзанӣ киро кард. Он мард дар беруни шаҳр як таноб заминро ба гирдаш девор кашида боғ карданӣ будааст.

Деворзанӣ камобеш ду ҳафта тӯл кашид. Аз ҳафтаи дуюм сар карда Восеъ ба сураоғи аризачии ҳоким ҳар рӯз ба таги дарвозаи ӯрда мерафт, аммо ӯро фақат як бор дида тавонисту халос. Аризачӣ гуфт, ки Восеъ набояд бетоқатӣ кунад, зеро «кори подшоҳӣ тезбӯл қатӣ намешавад».

Боре мусофири мо аз бомдод то гашти рӯз лойхобонӣ ва деворзанӣ карда монда шуда, бегоҳирӯзӣ бо шарикаш дар самоворхонаи сари кӯча чой нӯшида нишаста буд, ки баногоҳ худи Остонақули ҳоким бо як тӯда мулозимонаш савора аз он ҷо гузашт. Восеъ дар дилаш «ӯро ба ман Худо расонд» гуфту пиёлаи чояшро монда аз ҷо бархост.

Дар сурате, ки дигар чойнӯшҳо ва аҳли кӯчаву бозор ҳама ба по хеста даст ба пеш гирифта ба муқтадиртарин мансабдори аморат таъзим мекарданду аз тарси навкару ясовулҳои ярокдору чӯбдори ӯ касе маҷоли як қадам пеш рафтан надошт, Восеъ рост рафта сари роҳи ҳокимро гирифт. Навкарони бий–додхоҳ фавран ба ӯ дарафтиданд, ӯ таслим нашуда бо тамоми қувваташ муқобилат намуда, наъра кашид, ки «Ба ман зулм карданд! Ман ба ҳоким арз дорам!» Ҳоким саре ҷунбонида ба навкарон ишора кард, ки яъне бигузоред арзашро гӯяд. Охир, ҳар як ҳоким кӯшиш мекунад, ки худро дар чашми халқ ҳалим, одил, фуқаропарвар нишон диҳад. Остонақул низ ҳамин тавр.

– Арзатро гӯй, – вазнинона бо овози паст гуфт ӯ ба Восеъ.

– Ман аз Балҷувонам, тақсир, як деҳқони хокпош, ҷувозкаш ҳастам, – рост ба чашми бий–додхоҳ нигоҳ карда тез–тез ва бурро–бурро гап зада рафт Восеъ. – Бародари ман Назир барои мардикорӣ ба Шаҳрисабз омада буд, дар он ҷо ӯро бо туҳмати одамкушӣ ба зиндон андохтаанд. Ман дар Қаршӣ будани шуморо дониста ба ҳамин ҷо

омадам, ариза нависондам, аризаамро ба дасти аризачӣ додам; ду ҳафта зиёд шуд, ҷавоби ариза набаромад. Бародарам марди покдин, худотарс аст, одамкуш нест. Адолат кунед, тақсир...

Остонақул ба тарафи ӯ сар ҷунбонид, ки яъне фаҳмидам ва дигар ҳоҷати гап нест. Баъд бо ҳамон овози паст гуфт:

– Аризаатро дидам. Ба болояш навишта ба дорулҳукумати Шаҳрисабз фиристодам. Қозӣ, раису миршаб боз тафтиш карда мебинанд. Агар бародарат дар он ҳодиса воқеан бегуноҳ бошад, ӯро озод мекунанд.

Аз байни мардум як шахси салладори муллонамо ба Восеъ имою ишорат карда даст ба сина мегузошт ва ҳаму рост мешуд. Восеъ фаҳмид, ки он шахс ба ӯ «таъзим кун» мегӯяд. Воқеан мусофири кӯҳистонии ба таъзиму тавозӯъ одат нокарда бо як даст миёнбандашро қапида рост истода буд. Ӯ зуд ба як тарзи уҳданобароёна қоматашро хам карда, ду даст ба рӯйи шикам ниҳода ба тарафи ҳоким «қуллуқ, қуллуқ» гуфт.

Бий–додхоҳ аспашро ҳаракат дод, ки яъне арзпурсӣ тамом аст, аммо Восеъ боз савол дод:

– Тақсир, ман бародарамро дидан мехоҳам, агар Шаҳрисабз равам, ӯро ба ман нишон медода бошанд?

Ҳоким ба аломати тасдиқ сар ҷунбонда ҷавоби муҷмале дод:

– Агар бародарат бегуноҳ бошаду халос шуда барояд, ӯро мебинӣ, албатта.

Остонақул ва навкару ясавулонаш равон шуданд.

Мардум зуд Восеъро миёнагир карда забон ба таҳсину офарини ӯ кушоданд. Ӯ дар назари онҳо кори қаҳрамононае карда буд, ки «худи бий–додхоҳ»–ро нотарсона дар миёни кӯча боздошта бо вай саволу ҷавоб кард.

–Боракаллоҳ!.. Ёдат ба хайр, дохунда!.. Одами гурдадор будаӣ!..

* * *

Кори баъдина тез рафт. Восеъ аз корфармои худ панҷоҳ танга музди деворазаниро гирифта, пиёда ба Шаҳрисабз равон гардид. Ба шаҳр вай бегоҳрӯзӣ дохил шуд.

Ба кӯчаи калон рафта, аз паҳлуи гӯристони баланд, аз пеши якчанд масҷиду мадраса гузашта, вақти говгум ба тоқи Чорсӯ расид. Дар ин ҷо вай азони хуфтанро шунид, баъди як дам аз наздик овози нақора баромад. Баъзе шаҳриёни дар Чорсӯ буда шитобон ба тарафи овози нақора рафтанд. Як тӯда бачагон ҳам ҳамон сӯ давиданд.

Мусофири мо низ бо ҳисси кунҷковӣ пайи онҳоро гирифта равон шуда, ба майдони Регистон баромад. Дар майдон як гулхани калон даргирифта меистод, се–чор нафар мард ба оташи гулхан хасу хошок мепартофтанд. Дар болои боми қӯрбошихона, ки иборат аз бинои пастаки дарозе буд, ду марди сурхҷомаву сурхсалла дуҳул мезаданд. Восеъ донист, ки ҳозир миршаб омада қӯрбошиҳо – посбонони шабонаи шаҳрро таъин мекунад: ӯ ин маросими таъини қӯрбошиҳои шабро дар Ҳисор, Ғузор ва Қаршӣ дида буд. «Миршаб, ки омад, ман ҳозир дар худи ҳамин ҷо аз ӯ Назирро мепурсам»–ба дилаш ҷазм кард Восеъ.

Аз ҳар ҷониб одамони шалворпӯши пиёдаву савора, дар дасти ҳар кадомашон шашпар, табарзин, шоф ва бештар қӯрбош–найзаи дароз, омада дар сари гулхан ҷамъ шудан гирифтанд. Инҳо шабгардон–одамони миршаб буданд. Бомҳои хонаҳои атрофи Регистон дар як дам аз занҳои фаранҷипӯшу чодирпӯш ва писарбачаву духтарбачагон пур шуданд: онҳо маросими табдилу таъини қӯрбошиҳоро тамошо мекарданд. Ба пеши дӯконҳо, самоворхонаҳо, ки бар болои дарҳошон шамъ ва фанарҳо фурӯзон буданд, низ соҳибони онҳо барои тамошо баромаданд. Бачагони бо шӯру ғавғо ба наздики гулхан омадаро қӯрбошиҳо аз он ҷо пеш мекарданд. Алангаи гулхан торафт баландтар мешуд.

Инак, раис ва миршаб ҳам, ба танашон ҷомаҳои адраси банур ва дар сарҳошон салла, савора ҳамроҳи навкарони худ ҳозир гардиданд. Қӯрбошиҳо дарҳол даста–даста шуда дар се тарафи гулхан ба ҳар ҷо – ҳар ҷо саф кашиданд. Аз ҳар даста як нафарӣ нақорачӣ пеш баромад. Нақорачиҳо як понздаҳ нафар буданд. Духулҳои боми қӯрбошихона хомӯш гардида ба ҷойи онҳо ин нақорачиён ба нақоразанӣ сар карданд.

Дар ин дергоҳ майдони шаҳр бо гунбазу пештоқҳои баланди масҷиду мадрасаҳояш, бо қатори бомҳои пур аз зану бачагон, бо нақорачиёни дар сари гулхан даврагирифта ва ниҳоят бо марши низомии дастаҳои шабгардон, – ин ҳама манзара, ки ба он аз забонаҳои дарози оташи гулхан рӯшноии заррин метофт, воқеан тамошое дошт. Мусофири мо аз асари ин тамошо кӯфтагии роҳи дур ва гуруснагии шикамро ҳам фаромӯш карда, шарики шавқу хушҳолии шаҳриён гардид.

Дар ин кайфият ба ӯ сари роҳи раис ва миршаби аз майдон бозгаштнамударо гирифта ба онҳо муроҷиат кардан ҳам он қадар душвор набуд, хусусан аз он сабаб, ки ҳамин гуна рафтор дар Қаршӣ бо Остонақули ҳоким ба муваффақият анҷомида буд.

– Тақсирон! – бо овози баланд ба онҳо муроҷиат кард Восеъ дар хамгашти кӯча. – Як даҳан гап дорам, шунавед! – ва барои он ки тақсирон аз шунидани гапи ӯ сар тофта натавонанд, Восеъ боз қасдан илова намуд: – Агар ҳозир нагӯям, сонӣ дер мешавад!

Баъди чунин арз, албатта, ҳар як амлокдори мутакаббир ҳам бозистода ба шунидани он арз маҷбур мешавад: кӣ медонад, балки дарвоқеъ, ҳам ягон гапи муҳим ва таъхирнопазир дошта бошад. Саворон ҷилави аспҳошонро кашида ба сар то пойи ин марди густох, ки аз афту андомаш ва лаҳҷааш, бешубҳа, кӯҳистонӣ буд, зеҳн монданд.

– Чӣ гап? – абрӯвони худро чин кард раис.

– Ман аз Қаршӣ омадам, – гуфт Восеъ, – дар он ҷо ҳокимро дидам, арз кардам, ҳоким маро ба пеши шумо роҳӣ кард. Бародари ман Назири балҷувониро шумо гунаҳгор кардаед, ба туҳмат бовар карда дар зиндонаш андохтаед. Ҳоким маро гуфт:

– Бирав Шаҳрисабз, дар он ҷо ба ту бародаратро нишон медиҳанд, бубин.

– Ту додари Назир ҳастӣ?–миршаби ришкалон аспашро як қадам ба тарафи Восеъ пеш ронда пурсид, мисли ин ки аз дидани додари маҳбус шод шуда бошад.

– Ҳо, тақсир, додараш мешавам.

Миршаб нохост:

– Ана, худаки ту ба ман даркор будӣ! – гуфт ва ба навкаронаш амр кард: – Гиред ӯро!

Ду навкари чӯбдор фавран пиёда шуда ба Восеъ дарафтиданд. Восеи саросемаи дар ҳайрат монда: «Ин чӣ гап? Ба чӣ гуноҳ мегиред маро?»–гуфта муқобилат нишон дода буд, ки навкар бо чӯбдасти худаш якто ба китфи ӯ фуровард, Восеъ аз дард тоб хӯрд. Боз як навкари савор пиёда шуд, онҳо се каса Восеъро дошта дастҳояшро ба пушташ бастанд.

– Ба зиндон баред! – фармуд миршаб. – Гӯед, ба пояш кунда андозанд! То бародари қотилашро ёфта надиҳад, халос намешавад...

Бандиро зада–зада пешандоз карда бурданд. Ба вай фурсати ягон чиз пурсидан ҳам надоданд. Аз гапи охирини миршаб ӯ ҳамин қадар фаҳмид, ки Назир дар ин ҷо ба қайду банд набудааст. Балки гурехта бошад?..

## БОБИ НУҲУМ

Сабабгори ин ҳама сарсонӣ ва саргардонии Восеъ – деҳқон ва шикорчии овозадор Назир Хушмуҳаммадзода пеш аз ин воқеаҳо дар деҳаи худаш Афардӣ осуда ва хушу хуррам мезист. Рӯзҳои сиёҳ ба сари ӯ баъд аз вафоти занаш омаданд.

Ӯ Марзия ном беваеро ба занӣ гирифт. Марзия холабачаи амлокдори Сарихосор буд. Занаки чилупанҷсола бадрӯй ва мӯяш сафед бошад ҳам, мерган ба гирифтани ӯ розӣ шуд, зеро мехост бо ин восита хеши амлокдор шавад. Охир, хешии амлокдорро, ки сирриштаи тақдири деҳқонон ба дасти ӯст, кӣ намехоҳад?

Аммо Марзия на танҳо бадрӯй, балки хеле баддаҳон ва бадкирдор ҳам баромад. Дарвоқеъ, ҳусни ӯ ба хулқаш муносиб буд.

Аввалан занак ҳар чӣ шавҳараш бо меҳнату машаққат пайдо мекард, хоҳ аз хӯрокию пӯшокӣ бошад ва хоҳ аз асбобу анҷоми рӯзгор, нисфи онро пинҳонӣ ба хонаҳои духтарҳои шӯдораш мекашонд. Аз хонаи Назир хайру баракат болу пар бароварда парида рафтан гирифт. Дар ду сол хонаи ӯ кулбаи дарвеш ва худаш жандапӯш гардид. Писару келинаш, ки бо ӯ дар як ҳавлӣ мезистанд аз неши забони Марзияи зансурати морсират дилу ҷигарашон хунфишон гардида аз шарри ӯ ба худ ҷойи гурез намеёфтанд. Ёру ошно ва ягона духтари шавҳардори Назир тоқати дидани рӯйи турши занакро надоштанд, бинобар ин кам–кам аз даргоҳи ӯ қадамашонро канданд.

Мерган аз ғаму ғусса шикори рӯбоҳу харгӯшу гургу оҳуро ҳам партофт. Туфанги шохдор, дом ва қапқонҳояш занг заданд. Худи балои осмонӣ ва офати заминӣ ба сурати Марзия даромада дар хонаи Назири бахтбаргашта маскан гирифта буд. Назир гургон ва палангони даррандаро сайд мекард, аммо акнун худаш сайди доми ин зан шуда буд. Хешии амлокдор на танҳо мушкилкушои ӯ нагардид,

балки даҳчанд ба мушкилоташ афзуд. Бечора аз андешаи душманиву ғазаби амлокдор зани лаҷомгусехтаи худро сахтгирӣ кардан ҳам наметавонист.

Писари ҷавони ӯ Давлат ва келини барнояш Гулчеҳра духтарчае доштанд, Азиза ном, – духтарчаи дусолаи басе ширину дилкаш, ки бобояш аз ҷон дӯсттараш медошт. Худ думбура навохта набераашро ба рақс медаровард, дар кӯчаҳо ба китфаш бардошта мегашт; ҳар гоҳ агар ба бозори Шаҳидон, Ховалинг ё Балҷувон равад, ба Азизаҷон, албатта, шириниҳо харида меовард; барояш аз чӯб зочаҳо, ҳайкали хирсу гургу оҳу метарошид. Дар он ҳамхонагии талху ногувор бо зани бадфеълу бадкирдор, Азиза ягона тасаллои дили ғамзадаи Назир буд. Чаҳ–чаҳи ширини духтарча рӯҳи ӯро менавохт.

Аммо Марзия аз меҳрубонии бобо нисбат ба набераи дилбандаш ва аз «нағмаҳои кӯдакона»–и ӯ ғашаш меомад. Аз ин ваҷҳ Назир аз занаш пайваста коҳишу таънаҳои заҳрбор мешунид.

Рӯзе аз рӯзҳо, вақте ки Назир дар осиё ва Давлат дар саҳро буданду Гулчеҳра ҳам бо коре ба ҳавлии ҳамсоя баромада буд, Азиза ногаҳон аз ҷарӣ ғалтида ҳалок шуд.

Марзия ҷасади ба хун оғуштаи духтарчаро аз таги ҷар бардошта бароварда бо як бехудӣ ва бетоқатии ҳайратангез доду фиғон андохт. Ҳамсояҳо омаданд, Назир ва Давлат ҳам баргаштанд.

Хона мотамсаро гардид. Гулчеҳра рӯканону мӯканон сарашро ба деворҳо мезад. Давлат ранги рӯяш мурдавор канда ҳамчун сурати девор шах шуда монда буд ва милт–милт мижа мезаду халос. Назир пояш суст шуда ба замин нишаста монд. Ӯ ҳис кард, ки дар дилу ҷигараш торе канда шуд ва дигар ҳеҷ пайванд намеёбад.

Дар байни ҳамсоязанони ҷамъомада фақат Нодира – дугонаи ҷоноҷони Гулчеҳра набуд, аммо он рӯз касе ба ин аҳамият надод...

Азизаро ба хок супурданд. Баъди ду рӯз Нодира омаду Гулчеҳраи мусибатзадаро оғӯш карда гиристан гирифт.

Муддате гирист ва баъд рафтанӣ шуда аз хона баромад, лекин боз даромад, боз гирист; дар байни гиря мегуфт: «Дугонаҷон, дилакам мекафад, лекин забонам баста...» Зоҳиран ӯ сирре дар дил дошт, аммо аз чӣ сабаб бошад, ки ба гуфтан ҷуръат намекард. Ниҳоят он сирро ба дилаш гунҷонида натавониста ошкор кард:

– Азиза худаш нағалтида буд, дугона, ӯро... ӯро тела доданд... ба ҷарӣ партофтанд. Ман дар боми хонаамон будам, бо чашми худам дидам...

Модари шӯрбахт аз ин гап ларза дар андомаш афтода қариб ба дилкаф шудан расид. Ӯ пурсуков кард, аммо Нодира номи бачакушро ба забон наёварда: «Худат медонӣ, аммо зинҳор, дугонаҷон, номи маро нагир, ки балое ба сарам наёваранд» гуфту рафт. Дар дили Гулчеҳра дигар шубҳае намонд, кушандаи бачааш маълум буд. Ӯ бо доду фиғони бехудона худро ба хонаи падаршӯяш зад ва ба Марзия дарафтида ба сару рӯйи ӯ чанг андохт, мӯҳои сафедашро канд:

– Бачаамро ту куштӣ! Бачаамро ёфта деҳ!

Марзия ба даҳшат омад, инкор кард.

Гулчеҳра сирро ба шавҳар ва падаршӯяш, бе он ки аз кӣ шуниданашро гӯяд, маълум намуда буд, ки Назир ҳуш аз сараш парида аввалин бор ба занаш даст боло кард. Ӯ дар дами дар Марзияро зада ғалтонда ба гулӯяш корд монд:

– Манҷалақӣ, бачаро ту куштӣ! Иқрор шав, набошад ҳозир саратро мегирам!

Занак натарсид, инкор кард:

– Бигир сарамро! Ман бачакуш нестам, ба ман туҳмат мекунанд, туҳмат!

– Қасам бихӯр!

– Ба мазори Ҳазрати Султон қасам, бачаро ман накуштаам.

Назир занакро раҳо кард. Аммо ӯ медонист, ки ба Марзия барин «зани дӯзахӣ» қасам хӯрдан ҳеҷ гапе нест. Гумони ӯ барҳам нахӯрд, аммо далелу исботе ҳам надошт, –

охир, Гулчеҳра номи шоҳиди ҷиноятро нагуфта буд, вай намехост, ки дугонааш ба бало монад: Марзия метавонад ба воситаи «акаи амлокдораш» рӯзи Нодираро сиёҳ ва рӯзгорашро табоҳ гардонад.

Бегоҳии ҳамон рӯз Назир занро талоқ кард. Дигар ӯ аз амлокдор ҳам наметарсид. Корд ба устухон ки расид, на фақат амлокдорро, балки Худоро ҳам фаромӯш мекунӣ...

Марзия ба Шаҳидон, ба хонаи амлокдор шитофта назди ӯ Назирро то метавонист сиёҳ кард ва муттаҳам сохт. Гӯё Назир фалон адад пӯсти рӯбоҳро фурӯхта пули калоне даромад кардааст.

Гӯё Назир доим дар ҳаққи амлокдор бадгӯӣ мекардааст, ин даромадашро аз закотчӣ пинҳон дошта ба аминона надода бо фалонӣ ва фалониҳо, ки рақибон ва душманони амлокдор мебошанд, улфатӣ менамудааст.

Гӯё Назир ва писараш пеш аз он ки амлокдор хирмани онҳоро муҳр занад, шабона аз хирман нисфи ғаллаашонро кашонда пинҳон кардаанд. Ва ғайра ва ҳоказо.

Зан домодҳояшро бо худ ба деҳаи Афардӣ оварда лоқу пари хонаи Назирро бардоронда бурд. Мерган ба ин ҳам тоқат овард, зеро ҳеҷ гуна баҳое, ки вай ба он баҳо халосии худро аз дасти ин зани шаллоқӣ харида метавонист, ба назараш гарон наменамуд.

Аммо вақте ки амлокдори акнун на фақат бегонашуда, балки бадхоҳ ва ғазабнок гашта ба Назири бенаво хироҷе андохт, ки агар ӯ ҳамаи буду нобудашро фурӯхта ва ба илова худашро ба гарав мемонд ҳам, он хироҷро адо карда наметавонист, – вақте ки амлокдор ин хироҷи гаронро андохт, фиғон аз ҷигар ва дуд аз димори Назир баромад.

Агар ӯ ба зудӣ лоақал нисфи ин андозро намедод, бими он буд, ки замину боғ, хонаву ҷояшро мусодира кунанд ва баъд худашро ҳам ба зиндон андозанд. Бинобар ин ӯ хоҳу нохоҳ боғаш, хару говаш ва инчунин туфангашро фурӯхта базӯр нисфи андозро пардохт.

Аз он пас ӯ қаландарнамо, сархаму хомӯш, гоҳо худ бо худ гап мезадагӣ шуда монд. Восеъ ба додархондаш мас-

лиҳат дод, ки чанд гоҳе ҷилои ватан карда ба мардикорӣ биравад. Шояд ки мардак дар мусофират, дур аз амлокдору закотчӣ ва чини абрӯи онҳо, андак ба худ ояд ва панҷу шаш пасандоз ҳам карда тавонад...

Назир ба тарафҳои Самарқанду Бухоро равона шуда, дар Шаҳрисабз қарор гирифт. Дар он ҷо Иноятуллоҳ ном шахсе ӯро ба хизматгории даргоҳи худ қабул кард...

Иноятуллоҳ-бойбача марди чилсолаи қадпасти сергӯшту устухоне буда, чашмҳои калон–калони баромадагӣ ва риши майдаи тунуки зардчатоб дошт; поҳои кӯтоҳаш монанди пойи аспсаворони зотӣ каҷи камонак буданд. Ҳавлии корикалони давлатмандонаи ӯ дар пушти ӯрда воқеъ шуда, аз саҳни он ҳавлӣ харобаи азими Оқсарои темурӣ намуда меистод.

Бойбача дар Яккабоғ ва Тошкӯрғон обу замин дошт, дар ҳамаи заминҳояш чоряккору панҷяккорон корандагӣ мекарданд. Дар бозорҳои шаҳр самоворхона, нонвойхона ва ошхонааш буданд. Ба косибу савдогару деҳқонони қарзхоҳ пул қарз медод. Пулҳои қарздодааш ба вай се дар сад то чор дар сад фоида меоварданд, аммо агар ӯро судхӯр гӯянд, қаҳраш меомад ва гӯяндаро душмани худ медонист.

Вай одами тундхӯ ва сахтгап буд, бо занону духтарон ва канизаконаш тунду дурушт муомила мекард. Зани калонии ӯ Ҳурматой, модари ду духтари ба балоғат нарасида, занаки ба умр ҷавон – сиюпанҷсола, аммо ба қиёфа панҷоҳсоланамо, сӯфигиро ба гардан гирифта, аз шавҳараш шавҳарӣ талаб намекард ва ҳатто розӣ шуда буд, ки бойбача ба болои ӯ зани дуюм бигирад. Гуфтан мумкин, ба шӯяш духтари зебои як нафар баззози марҳум – Лутфияи аз шавҳари якумаш ҷудошударо ӯ гирифта дод.

Лутфияи соҳибҷамол ва танноз ба Иноятуллоҳ-бойбача ҳаждаҳсола расид. Аз ӯ ду фарзанд шуд, аммо ҳар ду фарзандаш наистода вафот карданд. Дар давоми панҷ соли заношӯйӣ Лутфия аз муҳаббати шавҳар муддаои табъаш баҳравар буд, аммо баъдҳо дили бойбача торафт ба ӯ сард

шуда, меҳрубонӣ ва навозишҳои муҳаббатомезаш ба як тарзи хавфангез костан гирифт.

Сабабгори ин ҳол Хайрӣ буд.

Хайрии ятим бо модари муштипараш канизакони даргоҳи Иноятуллоҳ-бойбача буданд. Вақте ки духтарак нахустин бор дар ҳавлии бойбача пайдо шуд, нав ёздаҳро пур карда буд, сиёҳаки лоғарандом, мӯяш ва сару либосаш доим чиркин, дастҳояш дароз–дароз, хулоса духтарчаи нозеб ва ҳатто дилнокаше буд. Аммо ба мурури моҳу сол ӯ дигаргун шудан гирифт. Дар чордаҳсолагӣ чунон шуд, ки кас ба дидан сер намегардид. Модараш ба сари вай фаранҷӣ пӯшонд ва бо ин ҳам қонеъ нашуда ба гарданаш аз чашми бад тӯмор овехт. Рӯяш ба ранги нони ширмол, чашмонаш сиёҳи ҷозибадор, баёзи гарданаш сафеду латиф ҳамчун гардани қоз, қоматаш росту расо, мутаносиб, – хулоса ӯ дар синни понздаҳ духтаре шуд, ки дар ҳаққи чунин духтарон мегӯянд «ба хироҷи як мамлакат меарзад».

Бо ин ҳама Хайрӣ ба канизакии худ давом намуда, ҳар рӯз бо модараш ба ҳавлии Иноятуллоҳ-бойбача меомад, ба рӯбучин ва пухтупази хона ёрӣ медод ва дар байни ин корҳо, агар фурсате ёбад, бо духтарони бойбача бозӣ мекард, ба Рафоҳату Назокатча лӯхтакҳо дӯхта медод. Ва албатта, аз хӯҷаин ҳаё дошт, агарчи рӯяшро аз вай он қадар пинҳон ҳам намекард, зеро аз хурдсолӣ ба диданаш одат карда буд.

Хӯҷаин ба ӯ duздида менигарист, оҳ мекашид. Нигоҳҳои дуздонаву ҳарисонаи ӯ аз занон пинҳон намемонд, онҳо ва хусусан Ризқихола – модари Хайрӣ дар хавотир монда буданд.

Ризқихола бо духтари нозанинаш дар ҳамон гузар ба кулбаи фақиронаи худ зиндагӣ мекарданд.

Як бегоҳ Иноятуллоҳ-бойбача якчанд даст либосвории атласу кимхоб, рӯмолҳои гаронбаҳо ва кафшу масҳии «амиркон»-ро дар рӯмоли шоҳӣ печонда, «пӯшт» нагуфта ба ҳавличаи танги онҳо даромада омад. Хайрӣ, ки аз сатил

ба рӯйи ҳавличаашон об зада истода буд, сатилро партофта, саросема ба хона гурехт.

– Чӣ мегурезӣ, Хайриҷон? Баро, ман ба ту савғотӣ овардам, – овози хӯҷаин ниҳоят лутфомез ва меҳрангез буд.

Ба ҷойи Хайрӣ аз хона модараш баромад.

– Вой ман мурам, амакаш худашон омадаанд–а! Офтоб аз куҷо баромад? Канӣ, гардам, ба ин тараф гузаранд. – Ризқихола аз духтараш ҳам зиёдтар саросема шуда, зуд кӯрпачаи чиркинашро афшонда дуқабат карда ба рӯйи намади куҳнаи суфа андохт. Ӯ дар умри панҷоҳсолаи худ ҳеҷ ба хотир надошт, ки боре дар кулбааш чунин меҳмони калон ва иззатмандро қабул карда бошад.

Хӯҷаин нишаста, ба кампир буғчаи овардаашро дароз кард:

– Ма, ба ту ва духтарат савғотӣ.

– Савғотӣ? Аз кӣ, амакаш? Аз куҷо?

– Аз ман.

Сукуте ба миён омад. Ризқихола нӯги остинашро газида, бо чашмони камнури ҳаросонаш гоҳ ба бӯғча ва гоҳ ба бойбача нигоҳ мекард.

– Ба Хайрӣ сару либоси арӯсӣ дӯзон, – бо садои нарм, вале ҷиддӣ гуфт меҳмон. Як лаҳза хомӯш монда, илова кард: – Духтари қадрасро то кай дар пешат нигоҳ медорӣ? Нағз не... Худат медонӣ, аз Лутфия фарзанд наистод... Зоро ки аз Хайрӣ писар ёбам... Хонаашро ҷудо мекунам, туро ҳам кӯчонда мебарам... Ҳа, чаро шах шуда мондӣ, кампир?

– Охир, гардам аз шумо, амакаш, наход, ки даррав... ҳамин хел...

– Гап тамом. Тараддудатро кардан гир. Ман рафтам. – Хӯҷаин ба дари кушодаи хонача, ки монанди даҳони ғори торике буд, назар андохта як дам истод, зоҳиран мехост, ки Хайрӣ намудор шаваду ӯ боз як бор бинадаш, аммо хонача монанди ғор сокиту ором буд.

Бойбача ақиб гашта, бо поҳои качи камонакаш калавида–калавида равон шуд.

Ба ҳамин тариқ, Иноятуллоҳ-бойбача, шояд бо мақсади зудтар анҷом додани ин «кори хайр» бошад, холаҳои хизматгузори шаҳрро, ки ризқашон аз қафои арӯсёбӣ ба домодҳо ва домодкобӣ ба арӯсҳо буд, хеле хафа карда, ба Хайрӣ хостгор нафиристоду худаш ӯро бевосита барои худаш хостгорӣ кард.

Вақте ки Ризқихола бо духтараш дар бораи ин хостгории ногаҳонӣ гап зад, шайтонча ба хилофи чашмдошти модараш нею нестон ҳам накард, лоақал ба хотири кампир ва расму таомул як ду қатра сиришки норизоӣ ҳам нарехт, балки атласу кимхоб ва кафшу масҳии «амирконӣ»-ро дида ба завқ омад. Аз афти кор, вай ҳанӯз маънои арӯсӣ ва заношӯиро нафаҳмида, онро як маъракаи дилхушӣ ва рақсу бозӣ мепиндошт.

Чун қабат–қабат сару либоси арӯсӣ дӯхта шуд, вай он куртаю камзӯлҳои зебои дар умраш напӯшидаро як–як пӯшида, дастпонаву ангуштарину марҷонҳои гаронбаҳоро овехта худро дар оина тамошо мекарду мерақсид, тарона мехонд ва ба дилаш мегуфт, ки: «Арӯс шудан чи кори хубе будааст!» Хусусан ин ки медонист ҳатто бойдухтарҳо–Рафоҳату Назокат ҳам ин хел либосҳои зебои рангбарангро надоранд, дилаш аз ғурур ва ифтихор меболид.

Домод барои арӯс ва модарарӯсаш дар гузари дигар ҳавлӣ харида, тӯяшро ҳам дар он ҷо кард.

Каниздухтари дирӯза якбора бону гардид. Соҳибаи ин ҳавлии корикалон, ин хонаи пурзебу зинат ӯст! Иноятулло бойбача барин одами калон, ки дирӯзакак Хайрӣ дарашро мерӯфту ҳадди сар боло карда ба рӯяш нигаристан надошт, имрӯз дар пеши Хайрӣ жӯлида дасту пояшро мебӯсад, ҳатто масҳии ӯро аз пояш кашида мемонад.

Бойбача рӯз ба рӯз оташи ишқу муҳаббаташ аланга гирифта, тамом волаву шайдои зани барнои худ мегардид. Ӯ хонаи пештараашро, Лутфияро, Ҳурматойро, духтаронашро қариб фаромӯш карда буд. Ба ҳавлии пушти ӯрда

агар ҳафтае як бор равад мерафту наравад не. Барои рӯзгори оилаи пештарааш ҳатто пули казоӣ ҳам намедод.

Ҳурматой ва духтарони ӯ, агарчи гоҳо ғур–ғур кунанд ҳам, ба ин аҳвол тоқат мекарданд, зеро бемеҳрии шавҳару падарашон барои онҳо чизи наве набуд. Аммо Лутфия тоқат намекард. Ӯ мисли мурғи посӯхта беқарор буд. Ҳар пагоҳ бо тарсу ҳарос ба оина нигоҳ карда медид, ки гули рӯяш торафт пажмурда шуда, дар пешонӣ ва гирди чашмонаш оҷингҳо пайдо шуда истодаанд. Дарду аламаш тоқатфарсо буд, ӯ мушташро газида бесадо мегирист. Агар Хайрӣ ба дасташ меафтид, чашмони ӯро канда гирад ҳам, аҷаб набуд, аммо Хайрӣ дастнорас буд: бойбача рафтуомади занҳои калонаш, духтаронаш, дигар хешу таборашро ба хонаи Хайрӣ қатъиян манъ карда буд ва Хайриро ҳам иҷозат намедод қадамашро аз дарвоза берун гузорад.

Ба ҳамин минвол як ду моҳ гузашт.

Рӯзе Лутфия барои кафшхарӣ ба бозор рафт. Кафшу масҳифурӯши хушбурут ва олуфта Иномҷон ӯро бо тавозӯъ ва такаллуфи хосе истиқбол кард, зеро барои дарёфтани он ки занак барно ва бадавлат аст, фаросати зиёд лозим ҳам набуд–фаранҷии бахмали олиҷаноб, дастҳои сафеди ҳиномолида ва ангуштарину дастпонаҳои гаронбаҳо худ ба ин гувоҳӣ медоданд.

Фурӯшгор дар аснои савдо бо қирраи чашм аз як канори чашмбанд нигоҳ карда дид, ки занак соҳибҷамол ҳам ҳаст. Такаллуфи хушомадомез дучанд гашт. Кафшҳои бисёре бо камоли одобу назокат ба пеши зан кашида шуданд:

– Кадомаш, ки маъқул шавад, гирифта рафтан гиред, апаҷон. Пул надиҳед ҳам майлаш. Шумо барин аёл омада аз камина кафш хариданатон худаш барои камина сад тилло, апаҷон. Ба фикрам ана ҳаминаш ба шумо ҷудо соз, ҷудо мезебад. – Иномҷон ҳар дам дасти тамаллуқ ба сина гузошта чунон ширин гап мезад, ки ба Лутфия форид; инчунин чеҳраи хуш ва бурути сиёҳи тӯтивори кафшфурӯш

ҳам қобили таваҷҷуҳ буданд. Лутфия кафшро дар рӯмол печонда ба даруни фаранҷиаш гирифт ва гӯё, ки беихтиёр як лаби чашмбандашро саҳл кашида, як чашми худро ба мардак нишон дода нимтабассуме кард. Фаранҷӣ, албатта, чизи хуб ва шариат ҳам беҷо нею лекин кадом зани зебо, агарчи андак ҳам бошад, як лаҳза ҳам бошад ҳусни ҷамоли худро ба мардҳои ҷавон нишон додан намехоҳад?

Иномҷон аз он ҷавонмардоне набуд, ки рамузу ишораро нафаҳмад ва ё инро бе аҳамият гузорад. Ӯ дӯконро ба ҷияни худ, ки дӯконнишинаш буд, ҳавола карда, худаш фавран аз дунболи занак афтод. Ӯ фаранҷиро мадди назар карда, дар байни худаш ва зан фосилаеро нигоҳ дошта рафтан гирифт. Лутфия дар ҷойҳои камодам ва дар кӯчабоғи худашон ду бор ба ақибаш нигоҳ карда монд, – ӯ бо ин гӯё ба Иномҷон гуфтанӣ мешуд, ки омадан гир. Дар дарунтари кӯчабоғи хилват Лутфия қадамашро сусттар кард, Иномҷон ба ӯ расида гирифт.

– Апаҷон, мебахшед, ман аввал надониста мондам, шумо ба камина хеш барин менамоед, – оҳиста гуфт ӯ.

– Ий, ана–ю, ин мардаки беҳаёро бинанд! Ман шумо барин хеш–пеш надорам! – қаҳр кард Лутфия, аммо дар овози ӯ тундӣ ё раддия набуд, Иномҷон инро ҳис кард.

– Не, апаҷон, акнун ба ёдам омад, дуямон хеш ҳастем. Ғуломатон, қатӣ шинос шавед, баъд медонед, ки хеш будаем.Дарду балотона гирам, апаҷон, на ин ки ғуломатон дурӯғ гӯяд.!

Инро гуфта Иномҷон пай бурд, ки занак дар таги чашмбандаш табассум мекунад. Баъд вай овози Лутфияро шунид:

– Хайр боз ин сафар ба кафшхарӣ равам, хеш будан ё набуданамро дониста мегирам. – Занак шиппас зада равон шуд ва ба тангкӯчаи Иноятуллоҳ-бойбача хамида аз назар ғоиб гардид.

«Э, ин зан зани Иноятуллоҳ-бойбача–Лутфияхон будааст–ку!»–ба фаросат дарёфт кафшфурӯш. – Шӯяш, албатта, ҳозир вай қатӣ соз не, чунки ба қарибӣ зани нав ги-

рифт. Тасаддуқаш шавам, ҳолӣ вай чӣ гуфт, боз ба кафшхарӣ меравам гуфт–а! О, ин ваъда не–мӣ? Ваъда! Вай боз ба дӯконам меояд! Дар ҷонам занад, кошкӣ тезтар меомад!

Занак Иномҷонро ба худаш дер интизор накарда, баъди ду рӯз дар пеши дӯкони ӯ пайдо гардид. Ин дафъа «барои Рафоҳатҷон» масҳӣ харидан лозим шудааст... Аз Лутфия бӯйи атр меомад. Иномҷон масҳиро ба ӯ нишон дода истода оҳиста пурсид: «Хеш–мӣ дуямо, ё не? Лутфия на тасдиқ кард ва на инкор. «Равам–мӣ, апаҷон?» – боз пичиррос зад масҳифрӯш, Лутфия боз ҳам ҷавоб надод. Иномҷон сукути ӯро аломати ризо дониста боз аз дунболаш афтод. Дар кӯчабоғи хилват занак боз қадамашро суст карду таъқибкунандаи худро аз паҳлуяш гузаронда истода оҳистекак гуфт: «Фардо баъд аз хуфтан, дар ҳамин ҷо...»

Дар бозгашт Иномҷон аз шодӣ то дами кӯчаи калон тӯппиашро дар дасташ гирифта рафт. Вай худро хушбахттарини ҷавони шаҳр медонист. «Ки сабр дар дили ошиқ чу об дар ғирбол». Ба назараш соатҳо шабонарӯз шуда буданду шабонарӯзҳо ҳафта. Чархи вақти сабилмонда ҳамин қадар сустгард буд.

Фардои он рӯз Иномҷон ҳаммом рафт, мӯйи сару ришашро ба сартарош покиза тарошонд, буруташро устувору қайчӣ занонда соз карду вақти говгум дар ҷойи ваъдагӣ ҳозир гардид.

Аз тангкӯча Лутфия фаранҷипеч баромаду ба тарафи боло нигоҳ карда рафтан гирифт. Иномҷон низ чун соя аз қафояш афтод.

Лутфия дар тангкӯчаи дигар, ки аслан обраҳае буд, ба як дари фарсуда даромад. Ин дар дари кулбаи бесоҳибмондаи Ризқихола буд. Соҳибони хонаҳо агар ба ҷое раванд, кафши чӯбин барин як лӯкидонро ба сӯрохии калони паҳлуи дар механониданду дасти кӯдак барин калиди чӯбини онро ба нифаашон андохта ё дар хиштаки эзорашон баста рафтан мегирифтанд. Барои бе калид кушо-

дани дар андаке хоҳишу камтарак ҳавсала басанда буд. Инро Лутфия ҳам медонист...

Дар шифти хоначаи торик калпесаҳо ва дар тоқчаҳояш мушҳо ба даводав буданд, аммо ошиқу маъшуқа кай аз ин чизҳо парвое доштанд. Аммо хонача на фақат рӯфта тоза кардагӣ, балки палосу кӯрпаҳо ҳам андохтагӣ буд. Маълум мешуд, ки Лутфия ба ин мулоқот тайёрӣ дида будааст. Иномҷон бо нахустин ҳамла занакро ба рӯйи кӯрпа ғалтонда ба худ таслим кард.

Ӯ Лутфияро беихтиёр бо зани худ муқоиса менамуд, аммо ин ду зан ҳеҷ ба муқоиса намеомаданд: Лутфияи ҷавон ба вай ниҳоят латиф, нозанин ва дилрабо намуд ва ба болои ин бисёр гарму ҳарис ҳам буд. Мардак ошиқ буду ошиқтар шуд.

Занак баъд аз таслим шудан дар бағали ӯ ба гиристан даромад. Вай аз бахти сиёҳ ва шавҳари ҷафокори худ шикоят мекард. Иномҷон ҳар қадар, ки тавонист ӯро тасаллӣ дод, ашки чашмонашро бо бӯсаҳои гарми худ хушконид. Баъд маслиҳат дод ва ҳатто қариб зорӣ кард, ки Лутфия аз шӯяш барояд. Агар барояд, Иномҷон ӯро даррав ба занӣ мегирад. Лутфия аз палонҷи ояндааш натарсад ҳам мешавад–Иномҷон зани ҳозираашро талоқ хоҳад кард.

Баъди ду рӯз, вақте ки Иноятуллоҳ-бойбача лутфан ба пеши занони аввалаи худ омада аз онҳо ҳолпурсӣ кард, Лутфия дар хонаи худаш зор–зор гириста забон ба ҳасрату шикоят боз намуд. Ӯ чӣ гуноҳ кард ё «аз он гадобача, аз он каниздухтар» чӣ камӣ дорад, ки бойбача ӯро ин қадар хор мекунад? Модари Хайрӣ – «он Ризқии албастӣ, он кампири ҷодугар» бойбачаро сеҳру ҷоду карда ба домани «духтари ҷавонимаргаш» баста мондааст, Лутфия ба ин ҳеҷ шакку шубҳае надорад. Ё ки бойбача оё аз Лутфия дилаш монд, ба ӯ хунук шуд? Агар ин тавр бошад, Лутфия ҳам аз бойбача дилхунук шудааст, пас бигузор ӯ Лутфияро талоқ диҳад, Лутфия дигар ба ин зиллату хорӣ, ба ин шӯдор–бевагӣ тоқат карда наметавонад.

Бойбачаи тундхӯ Лутфияро на ин ки тасаллӣ дод, балки ҳақорат кард, гапҳои талху тунд гуфт ва ҳатто, ки қариб заданӣ ҳам шуд. Зани маҳбубаш Хайриро паст зада дуои бад ва таҳқир кардани Лутфия ба ӯ сахт расида қаҳрашро оварда буд. Шавҳари баддаҳон: «Ту манҷалақӣ ба нохуни пойи Хайрӣ ҳам намеарзӣ!» гуфта зани як вақтҳо маҳбубаашро таҳқир кард, ки ин ба Лутфия аз сад шаттаю шаллоқ бадтар ва дарднoктар буд. Дили ӯ реш–реш гардид.

Марди ҷафокор дар охир:

– Чӣ ин қадар дод мегӯйӣ? Хӯрдагиат дар пешат, нахӯрдагиат дар пасат бошад, аз пӯшок, ҷиҳози хона камӣ надошта бошӣ, боз чӣ? Ношукрӣ накун, ки кӯр мешавӣ. Ана ҳамин хел шиштан мегирӣ! Ман хоҳам ба пешат меоям, нахоҳам не. Зани талоқ медодагӣ ҳам надорам! – гуфта, ба дилу ҷигари Лутфия ништарҳои заҳрнок зада бадар рафт.

Мардаки бедард, нодон! Вай гумон мекунад, ки зан хонаву ҷояш, хӯроку пӯшокаш муҳайё бошад, хушбахт аст. Намедонад, ки бе навозиши шавҳари дӯстдорандаву меҳрубон хӯроки зан заҳру зақум, пӯшокаш хори мағелон, хонааш зиндон аст.

Аз ҳамин рӯз сар карда Лутфия ҳақиқатан ҳам ба шавҳараш дилсард шуд, ӯро бад дид.

Аммо занак ба хорӣ ва забунии худ тан додан намехост. Вай ба фикру андеша рафт, тадбир ҷуст.

Алҳазар аз интиқоми зан, зани мағрури хоргашта ва аламзада! Алҳазар аз рашки ӯ! Ҳар касе, ки дар ин боб бепарвоӣ мекунад, ба сари худаш чӣ балоҳое намеоварад.

* * *

Дар ин ҷо шахси дигари ҳикояти мо ба майдон мебарояд. Ин шахс қарории Иноятуллоҳ бойбача, коргари боғи ӯ Амирқул аст.

Ӯ худ аз кадом як деҳаи наздики Тирмиз буда, ҳафт сол боз хизмати даргоҳи бойбачаро мекард. Марди ғӯли ҳузарбе буд, ки зарбулмасали «Каландаш сад ман хок ме-

бардорад»-ро дар ҳаққи чунин касон гуфтаанд. Вазнин, камгап, ландаҳурнамо буд. Умраш ба сиюпанҷ рафта бошад ҳам, муҷаррад буд. Модари муштипараш ӯро ҳафт сол аз ин муқаддам ба мардикории шаҳрҳои калон фиристода буд, ки бо қуввати бозуяш пул ёбаду ба ватанаш баргашта дар зиндагии кампир зан гирад.

«Ман то баргаштани ту аз нӯги сӯзану дук рӯзамро гузаронда меистам» гуфта буд кампир, аммо то бозгашти писараш сабр накарда аз дунё чашм пӯшиду орзуи келин ва набераҳоро ба хок бурд.

Қарорӣи ҳафтсола ба даргоҳи Иноятуллоҳ-бойбача якто ҷомаи Амирқулро дуто накард, аммо бо ин ҳама ӯ ҳанӯз аз дунё ва ба қавли худаш аз Худо умед дошт. Дар маҳалла монанди худаш қароригён ё камбағалони дигар кам набуданд, аммо Амирқул бо онҳо улфатӣ намекард, аз онҳо ягонто ёру ҷӯраи наздик ҳам надошт.

Фақат бо Назир, ки ӯро Иноятуллоҳ-бойбача дар ҳавлии навхариди худ ба дарбонӣ ва хизматгорӣ гирифта буд, дӯст шуд. Назир бо фармоиши хӯҷаин гоҳ–гоҳ ба боғи назди ҳавлии пушти ӯрда омада ҳамроҳи Амирқул кор мекард. Мусофири кӯҳистонӣ одами кордон ва ба боғдорӣ моҳир ки буд, Амирқул аз вай хеле чизҳо ёд гирифт. Дуяшон дар вақти кор ҳам, дар соатҳои дамгирӣ ва таомхӯрӣ ҳам чақчақ мекарданд. Албатта, гапро бисёртар Назир мезад, лекин Амирқул ҳам дар суҳбати ӯ як қадар забонаш кушода шуда, ҳатто баъзан агарчи бо душворӣ бошад ҳам якто–нимто ҳикояту латифаҳо мегуфт. Саргузашти аламноки дӯсташ ӯро хеле мутаассир карда, дар баробари ҳамин қадру манзалат ва одамияти Назирро дар чашми ӯ баланд гардонида буд.

Лутфия ҳамин Амирқулро силоҳи интиқоми худ қарор дод. Пештар занак аз вай мегурехт (рӯяшро пинҳон мекард), акнун фақат нима мегурехтагӣ шуд. Гоҳу бегоҳ бо баҳонае ба ҷойи кори ӯ ба боғ мерафт, ба ӯ худаш нону ош мебурд, аз ину он гапзанон ҳам мекард. «Шӯяш партофта рафтагӣ; аз афти кор занак зиқ мешавад», ба дил

мегузаронд хизматгор. Ҳамин тавр, Лутфия ӯро ба худ як дараҷа «ошнову намакхора» карда гирифт.

Сонитар баъзан аз таги рӯмол чашмони сиёҳи пурҷилояшро хумор карда ба мардак менигарист ва ҳатто табассумҳои асрорангез менамуд. Инҳо ҳама бозиҳои мори хушранге буданд, ки ҳатто Амирқули ландаҳур ва худотарсро ҳам ба худ ҷалб накарда намонданд. Табиӣ, оташи ҳирсу шаҳвати ӯ ба забона задан сар кард.

Як рӯзи тобистон Амирқул дар боғ алаф медаравид, ки Лутфия пайдо гардид. Вай ба танаш куртаи докаи нафисе пӯшида, аз барои чӣ бошад, ки пойлуч омада буд. Дар наздики ҳезумхонаи кунҷи боғ занак баногоҳ «вой!» гуфта ба рӯйи сабза ғалтид. Амирқул ба дилаш: «Чӣ шуда бошад, мор–пор газид магар?» гуфта, досро партофта ба сӯйи ӯ шитофт.

– Ба поям як хори калон халид ки! Дард карда истодааст, – нолид Лутфия. – Нигоҳ кун, Амирқул, кашида партой-чӣ! – маккора нимхез шуда бе ибо доманашро саҳл боло кашида банди пойи сафеди дар эзорпочаи гулобиранг печидаашро нишон дод.

Хуни гарми Амирқул ба сараш зад. Вай бехудона ва ларз–ларзон занакро бардошта ба ҳезумхона дароварда, ба болои хошок пахш кард.

Лутфия ҳеҷ таслим намешуд.

– Исто, Амирқул, ҳозир не, баъд! – мегуфт занак. Ӯ аз бағали Амирқул ҷаста дуртар нишаст ва ба гиристан сар кард. Гиряаш рост буд ё дурӯғ, вале мувофиқи зарбулмасали «Гиряи зан дар остинаш» дарвоқеъ, чашмони ӯ тар шуданд. – Ман туро нағз дидам, Амирқул, –суханашро давом дод Лутфия, – Аз шӯям дилам мондагӣ. Аммо ман ӯйноши[1] ту шудан намехоҳам... Мехоҳам, ки зани никоҳӣ... зани ҳалоли ту бошам...

[1]. Ӯйнош – маъшуқа (ӯзб).

Амирқул чашмони мешии худро калон кушода тез–тез мижа мезад, ки ин аломати ҳайрон монданаш буд. Баъд ӯ нахустин бор ва он ҳам ба душворӣ лаб ба сухан боз кард:

– Хӯҷаин чӣ?

Лутфия ба чунин пурсиши ӯ мунтазир буд. Акнун занак оҳиста–оҳиста парда аз рӯйи роз бардорад ҳам мешавад.

– Ана ҳама гап ба болои ҳамин. Агар хӯҷаин маро талоқ медод, кор осон буд, аммо вай гӯрсӯхта талоқ додан намехоҳад, – гуфт ӯ ва сукут кард.

– Нахоҳад, чаро омадед?.. Худатон омадед... боз не мегӯед. – Ҳамин чанд калима мебоист ҳайронӣ, норизоӣ, гумону шубҳа ва пурсукови Амирқулро ифода мекард, зеро як ҷумлаи дароз гуфтан ба вай аз даравидани алафи як боғи калон душвортар буд.

– Кошкӣ вай мемурд, нест мешуд! – ногаҳон мушташро ба зонуяш пахш карда гуфт Лутфия.

Амирқул ҷунбише карду чашмонашро калонтар кушода боз мижа зада рафт. Боз сукуте ба миён омад.

– Чӣ дам меистӣ, ягон чиз гӯй ё пурс, охир! – тоқат накарда гуфт Лутфия.

Лекин анбури махсусе лозим буд, ки аз Амирқул сухан кашад. Лутфия дигар ёрои давом додани он суҳбати мушкилро надошт. Қарор дод, ки муддаои худро рӯйирост гӯяду монад. Ҳар чи бодо бод.

– Ман рози диламро ба ту гуфтам. – Лутфия ба по хест. – Он тарафаш ба ихтиёри ту. Агар мард бошию маро хоҳӣ, илоҷашро худат меёбӣ. Шӯямро... яктарафа кун, ана баъд маро гир. Дуямон ба ягон ҷойи дур кӯчида меравем. Ман пул дорам, чиз дорам: хоҳӣ ягонта дӯкон мекушоӣ, ё замин–памин харида деҳқонӣ мекунӣ.

Лутфия баромада рафт.

Амирқул дар ҷойи нишастааш–дар кунҷаки ҳезумхона кунда барин шах шуду монд. Гӯё санге ба сараш заданду рафтанд. Бечора «аз бозе, ки рӯбоҳ шуда буд, ба ин хел сӯрох дарнамонда буд».

Наход, ки Лутфияхон барин зани шаҳрӣ, ҷавон, хушрӯй ӯро нағз дида бошад? Наход мумкин бошад, ки вай зани Амирқул шавад? Э кош, боре бахти солҳо хуфтаи Амирқул бедор мегардиду ин кори ношуданӣ шуда мемонд, дар он вақт ба ӯ дигар дар дунё ҳеҷ чизе даркор набуд.

Аммо Лутфияхон чиҳо гуфт? «Шӯям маро талоқ намедиҳад... Шӯямро яктарафа кун?..» Чӣ тавр «яктарафа»? Ин чӣ маънӣ дорад? Охир, ӯро фақат аҷал «яктарафа» карда метавонад!..

«Мард бошӣ, илоҷашро мeёбӣ». Лутфия бо ин гапаш чӣ гуфтанӣ мешуд? Чиро дар назар дошт?.. Наход, ки куштани хӯҷаинро дар назар дошта бошад?.. Худоё, тавба!..

Амирқул чанд рӯзе бо ҳамин гуна фикру хаёлҳои ҳам ширину ҳам мудҳиш савдоӣ шуда гашт. Лутфия дигар худро нишон намедод. Фақат рӯзи панҷум ё шашум ӯ боз бо чи коре дар боғ намудор гашт. Ба чӣ муносибате бошад, ки куртаи шоҳии сабз пӯшида, ба чашму абрӯвонаш сурмаю ӯсма кашида, ба гарданаш марҷонҳо овехта буд. Амирқул бандҳои алафи хушкидаро ба кунҷи боғ кашонда истода буд, саросема шуд, дасту по гум кард. Лутфия аз наздиктараш гузашта истода ногаҳон ба вай гап партофт:

– Ҳа, йигит?.. Ман туро мард гуфта будам, хато кардаам. Ту ба сарат ба ҷойи салла рӯймол бандӣ ҳам мешудааст. Боз ба миёнат корд ҳам овехтаӣ!..

Дасту пойи Амирқул суст шуд, чашмонашро сиёҳӣ пахш кард. Банди алаф аз бағалаш афтид. Ба худ омада нигоҳ кард, ки Лутфия нест–монда рафтааст.

* * *

Ба фаҳми як марди содаи саҳроӣ бадтар аз ин нангу номусе набуд, ки ӯро номард гӯянд. Аммо... Лутфия ба ҳамин тавр гуфтан ҳақ ҳам дорад, – фикр мекард Амирқул. Охир, ин бойзани ҷавони ҳурлиқо ба вай ошиқ шуда: «Ман аз они ту, маро гир!» гӯяду вай аз лавандӣ,

беаҳамиятӣ ё балки дар ҳақиқат аз номардии худ ҳеҷ коре карда натавонад?.. Ин чӣ бадномист!

«Мекушам! Шӯяшро мекушам! Ё худамро мекушам!» – ба дилаш ҷазм кард Амирқул. Шабона ӯ чӣ тавр ба гузари Ғозиён рафтагиашро худаш ҳам надониста монд. Хонаи Иноятуллоҳ-бойбача ба тангкӯча пушт гардонда меистод, тарафи дигари тангкӯча боғистон ва юнучқазор буд. Амирқул аз девори боғе ҷаҳида ба юнучқазор фуромад ва дар он ҷо соате пинҳон шуда хоб кард. Чун посе аз шаб гузашт ва кӯву кӯча тамоман сокиту ором гашт, ӯ бархоста боз ба тангкӯча дохил шуд ва ба қайрағоч часпида баромада худро ба боми хонаи бойбача гирифт. Моҳ ҳанӯз набаромада буд, ба пардаи сиёҳи шаб фақат рӯшноии ситораҳо андак сапедае мемолид. Амирқул гӯш андохт, нигоҳ кард – рӯйи ҳавлӣ сокиту ором буд, дар айвон ба болои кат соҳибони хона хоб карда буданд. Ӯ бом ба бом (хонаҳои ҳамсояҳо ба ҳам ҷафс буданд) хазида худро ба бомчаи ҳезумхонаи воқеъ дар канори дигари ҳавлӣ расонд. Дар байни ҳезумхона ва ҳоҷатхона ба қадри гунҷоиши тани одам фосилае мавҷуд ва дар он фосила кундае хобида буд, Амирқул оҳиста аз бомча ба болои кунда пой монда пойин фуромад ва дар пушти кунда камин гирифта нишаст. Мунтазир буд, ки шояд бойбача барои қазои ҳоҷат барояд. Ӯ надонист чӣ қадар вақт гузашт, аммо ногаҳон садои сулфа ва баъд шарфаи пой шунида шуд. Марде ҷома ба китф ва пойи ба кафш омада ба ҳоҷатхона даромад. Вай, бешубҳа, Иноятулло бойбача буд.

То омада расидани ӯ Амирқул худро ба паси ҳоҷатхона гирифта, дам ба дарун кашида истод. Аз ҳоҷатхона ба берун пой ниҳодани бойбача ҳамон буду ба паҳлуяш корд хӯрда ғалтиданаш ҳамон...

Амирқул боз худро аз болои кунда ба бомчаи ҳезумхона гирифту аз он ҷо бом ба бом хазида рафта ба тангкӯчаи пушти ҳавлӣ фуромад.

Дар субҳидам доду фарёди Хайрӣ ва модари ӯро шунида ҳамсояҳо ҷамъ шуданд. Баъд хешу табори мақтул ома-

данд. Дар болои мурдаи Иноятуллоҳ-бойбача он ки аз ҳама баландтар доду фиғон мекард, Лутфия буд.

Воқеаро ба раис ва миршаб хабар доданд, онҳо ҳозир шуда пурсуков карданд, нишони қотилро ҷустанд, аммо ҳеҷ нишоне аз ӯ наёфтанд.

Дар бозгашт раис ба миршаб мегуфт:

– Дар ин воқеа гуноҳи шумо ҳам ҳаст. Қӯрбошиҳоятон маҳаллоти шаҳрро дурустакак дидбонӣ карданашон лозим буд. Ман намедонам, акнун шумо ба ҷаноби ҳоким чӣ ҷавоб медода бошед. Бойбача аз муътабарони шаҳр ва аз муқаррабони ҷаноби ҳоким буд.

Раис кайҳо боз кӯшиши ниҳонӣ дошт, ки аз миршаб айбе ёфта, ба ҳоким арз карда, ӯро аз амалаш бекор ва ба ҷояш як нафар хеши худро таъин кунонад. Миршаб, ки инро медонист, ба хавфу ҳарос афтод. Ӯ барои ин ки: «Корро саҳл гирифт, қотилро ёфта натавонист» гуфта ба болояш айб монда натавонанд, рӯзи дигар бе ҳеҷ далелу исботи гуноҳ Назирро ба ҳабс гирифт. Назир шаб дар ҳавлии беруни бойбача, дар айвони меҳмонхонаи ӯ мехобид. Миршаб раису ҳокимро бовар кунонд, ки: назар ба гуфти хешовандони мақтул, «ин дохунда» дар чанд рӯзи охир чашмаш беҷо шудааст. Бешакку шубҳа вай ё худаш қотил ё шарики қотил аст!

Ба ҳамин тариқ гунаҳгории Назир аз рӯйи зарбулмасали: «Риши ӯ зард аст, ин ҳам як далел» исбот карда шуд...

Бо фармони Акрамхони ҳокими Ғузор, ки он рӯзҳо ба сабаби дар Қаршӣ ба ҳузури амир будани Остонақул ҳукумати Шаҳрисабз муваққатан ба уҳдаи ӯ буд, Назир ва боз як нафар ҷинояткори дигари ба куштан ҳукмшударо таҳтулҳифзи ду ясавули мусаллаҳ ба Бухоро равона карданд. Ин ҷинояткорон мебоист то ба пойтахти худ баргаштани амир дар зиндони Бухоро мехобиданд.

Ясавулон шаб дар роҳ ба кадом як корвонсарой фуромада, бандиҳои дасту пой бастаро дар ҳуҷрае ҳабс ва дари ҳуҷраро қуфл карда ба хоб рафтанд.

Саҳар хеста дари ҳуҷраро мекушоянд, ки як бандӣ хобидаасту дигараш нест. Назир ғоиб буд. Аз таги девори ҳуҷра ба тарафи беруни сарой сӯрохе ба қадри даҳони оташдон во шуда буд. Назир ба чӣ восита дасту пойи бастаашро кушод, ин нақбро чӣ гуна канд ва чӣ тавр гурехт, маълум набуд. Ясавулҳои ҳайрону ҳаросон бандии дуюмро ба тоб гирифтанд, аммо вай: «ман хоб будам, надидам, нашунидам, намедонам» гуфта истодан гирифт...

Мероси Иноятуллоҳ-бойбачаро авлодаш ва занҳояш тақсим карда гирифтанд. Ба духтарони вай амаки яккабоғиашон васӣ шуд. Ҳавлии гузари Ғозиён ба фурӯш рафт. Ба Хайрӣ ва Лутфия як қисми асбобу анҷоми рӯзгорашон вараса шуда, онҳоро аз ҳавлиҳо кӯчонданд. Хайрӣ бо модараш ба кулбаи пештараашон баргаштанд; Лутфия ба хонаи модараш кӯчид.

Дар рӯзҳои обу оши мурда ва тақсими мероси ӯ Лутфия, албатта, бо Амирқул вохӯрда натавонист. Баъди аз ҳавлии пушти ӯрда кӯчиданаш ҳам ду рӯз гузашт, ӯ ба Амирқул аз худ дарак надод.

Аммо Амирқул ҳам барои бо ӯ вохӯрдан ҳаракате намекард, чунки ӯро ҳабси Назир ғамгин ва парешонхотир карда монда буд. Ӯ бо Назир мисли додару бародар шуда монда буданд, Амирқул ӯро дӯсти ягонаи худ медонист, бинобар ин гирифтории Назири бегуноҳ ӯро сахт дар азоби рӯҳӣ андохт. Рӯз ба нишастан ҷой намеёфт, шаб хобҳои парешону воҳиманок медид. Дар дилаш як зайл ба худ, ба ишқи худ, ба Лутфия лаънатҳо хонда мегуфт: «аз боиси як зан одамкуш шудам, ба хуни дӯсти ғарибу мусофирам зомин ҳам шудам. Аз ин рӯз мурданам авлотар набуд?» Ӯ ташнаи дӯсте буд, ки ба вай рози дилашро гуфта тавонад, дарду ҳасрат кунад, маслиҳат пурсад, аммо чунин дӯсте надошт. Дӯсташ Назир ба касофати ӯ ва ба ҷойи ӯ зиндон шуд, акнун теғи ҷаллод дар гулӯи он бегуноҳ аст.

Ягона касе, ки Амирқул бо вай дар ин бора гап зада метавонист, Лутфия буд, аммо вай ҳам аз худ ҳеҷ дараке на-

медиҳад. Чаро дарак намедиҳад? Чаро ба назди Амирқул намеояд ё ӯро ба наздаш ҷеғ намезанад? Охир, Амирқул барои ӯ ҷонашро ба каф гирифта шавҳари номаҳбубашро «яктарафа» кард. Магар Лутфия ваъдаашро фаромӯш кард?.. Ё балки аз ваъдааш пушаймон шуд?... Ё ки ваъдааш аслан дурӯғ буд? Макру фиреб буд?

Амирқул аз ин гумони худ ба даҳшат омад. Ба ин гуна фиреб ғалтидан, бозичаи дасти он маккора шудан ба вай аз аҷали муаллақ мудҳиштар буд. Ӯ ин гумонро аз дилаш дур кард.

Лутфияро ҳар навъ карда зудтар дидан лозим, гап задан лозим, вагарна, ӯ, яъне Амирқул девона мешавад ё дилкаф шуда мемирад.

Аммо ӯро чӣ тавр дидан мумкин? Агар Амирқул худаш ба пеши Лутфия равад, аввалан дар он ҷо модари вай ҳаст, укоҳояш ҳастанд, Лутфия аз онҳо ибо карда бо марди номаҳрам танҳо ба танҳо гуфтугӯ нахоҳад кард. Чӣ бояд кард? Амирқул фикр карда чунин тадбире ёфт: ӯ рафта Лутфияро гӯё аз ҷониби духтарони Иноятуллоҳ-бойбача ба ҳавлии онҳо даъват мекунад. Дар ин ҳол агар Лутфия: «фалонӣ омада туро ҷеғ зада рафт» гӯянд, занак худаш мефаҳмад.

Амирқул ҳамин тавр ҳам кард. Ва баъд шабона даричаи боғро кушода монда мунтазир шуд. Даричаро барои гоҳу бегоҳ баромада аз ҷӯйи калон ба боғ об кушодан дар як кунҷи дури боғ сохта буданд. Лутфия агар ояд, албатта, ба ҳамон тараф меояд.

Лутфия, ки «хараш аз лой гузашта буд», агар имконияти минбаъд бо Амирқул дучор нашудан медошт, ҷон–ҷон мегуфт. Занак ба назди Амирқул омадан намехост, аммо наёмада наметавонист: охир, мардак сирри даҳшатангези ӯро медонад ва ягона шарики ҷинояташ ҳам ӯст.

Тахмини Амирқул дуруст баромад: Лутфия дар торикии шаб ба пушти боғ омад. Аввал аз болои девор ба боғ кулӯхе ҳаво дод ва худро ба пушти бед гирифта мунтазир

истод. Ӯ худро вақте ошкор кард, ки дид марди аз даричаи боғ намоёншуда Амирқул аст. Дуяшон бо нӯги пой қадам монда омада ба ҳезумхонаи торик даромаданд. Лутфия гумон карда буд, ки мардак аввал ба вай дармеафтаду коми дил ҳосил мекунад, аммо бо тааҷҷуби вай Амирқул тамоман беҳавсала буд, гӯё ки бо ӯ дар ин ҳезумхонаи торику хилват на ин ки зани ҷавон ва нозанин, балки мард пинҳон шуда бошад.

Агар ӯ тақозо мекард, Лутфия ба таслим шудан тайёр буд, зеро мехост бо ин восита якбора «музди хизмат»-и Амирқулро адо ва гарданашро нарм карда, ӯро минбаъд ба таъқиб накардани худаш розӣ намояд. Зеро ки Иномҷони масҳифурӯш сидқию ҷазмӣ ӯро ба занӣ гирифтанӣ буд.

– Худам ҳам туро диданӣ будам, аммо намедонистам дар кучо туро танҳо ёфта метавонам, – пичиррос зада гап сар кард Лутфия. Ӯ ки боре пояш дар гили дурӯғгӯйӣ дармонда буд, дигар гапи рост зада наметавонист. – Ёдат ба хайр, Амирқул, ту ҳақиқатан мард будаӣ!

– Назир... бегуноҳ... – овоз баровард Амирқули сиёҳбахт ва кӯдаквор гиря карда фиристод.

Аз гиряи ин марди қавии шерафкан ҳатто дили санги Лутфия ҳам об шуд.

– Хайр, ғусса нахӯр, Амирқул... Чӣ илоҷ, кори дунё ҳамин хел будааст... – Маккора ба Амирқул наздик нишаста дасташро ба китфи ӯ партофт. Рости гап, ӯ мехост ҳирси мардакро бедор кунаду ба ӯ таслим шавад. Ин ба ҳар ҳол дуяшонро як дам аз фикру хаёли вазнин дар бораи ҷинояти хунинашон фориғ ҳоҳад кард.

Баъди андак фурсат занак ба ин мақсади худ ноил ҳам шуд: ба Лутфия барин маккораи зебо ва танноз ин кор душвор набуд. Мардаки заннодидаву якбора нозанинеро дар бағал кашида он қадар тапид, он қадар саросемаву саргум гашт, ки Лутфияро беихтиёр ханда гирифт.

Пас аз он ки Амирқул, комрон ва мамнун фурсате ғаму андӯҳро фаромӯш карда осудахотир шуд, занак гуфт:

– Акнун бовар кардӣ, ки ман туро нағз дида будаам?.. Бовар кардӣ?

Амирқул ба аломати тасдиқ овозе баровард. Лутфия даме сукут карду баъд якбора фих–фих гирист. Амирқул кай медонист, ки ин гиря ҳам аз макрҳои занак аст.

– Гиря?.. Чӣ гап? – безобита шуд мардак.

– Мани шӯрбахт! Мани сарсахт!.. Модаракам маро барои ғаму кулфат зоида будааст, Амирқулҷон, – зор–зор ашк мерехт занак. – Як кафшу масҳифурӯш... худаш ба мо хеш... «Ба ман расӣ ҳам мерасӣ, нарасӣ ҳам мерасӣ!» гуфта, ду пояшро ба як мӯза қава карда истодааст. Бибем дигар хешу табор ҳам ба ман часпидаанд, ки: ҳошо–калло хуб гӯй! Ба Иномҷон рас!.. Он мардак, илоҳӣ, афташ дар гӯр пӯсад, «агар ба ман нарасӣ, туро мекушам!» мегӯяд.

Лутфия як нафас сукут кард, то ки фаҳмад гапаш ба Амирқул чи таъсире кард. Дар торикӣ рӯйи Амирқулро дидан мумкин набуд, ӯ хомӯш буд, фақат фиш–фишкунон нафасҳои бурида–бурида мекашиду халос. Аз афти кор ӯ дар хавотиру изтироб афтода, дар ин ҳолат аз худ сухане берун кашиданаш боз ҳам душвортар гардида буд. «Майлаш, дам истад боз беҳтар, – ба дил гузаронд Лутфия. – Агар норозӣ шуда чуну чаро сар кунад, ман боз ба аҳволи ногувор мемонам. Вай албатта дар бобати хостгории Иномҷон фикру раъйи худи маро донистан мехоҳад. Ман ҳозир ҳаминро мегӯяму меравам».

– Ту ба ман раҳм кун, Амирқулҷон, охир чӣ кор кунам? Илоҷам нест, акнун ман маҷбур, ки ба ҳамон гӯрсӯхта расам... Хайр, бевақт шуд, ман меравам. – Занак ба по хест.

– Не, истед, – аз домани ӯ кашид Амирқул. – Ба вай одам не гӯед. Вай не, ман худам. Ваъда додед–ку! Ман г... хӯр шавам? Не! Ман аз ҷонам гузаштам, охир!

– Ман, албатта, ҳаракат карда мебинам, – гуфт Лутфия. – Корам мушкил, Амирқулҷон. Ту хафа нашав. – Баъд занак чунин ваъдае дод: – Агар ҳамин кор шуда монад ҳам, ман туро аз ёдам намебарорам, гоҳ–гоҳ ба пешат омада меистам.

– Не! Ман... – аз афти кор Амирқул эътирози сахте баён карданӣ буд, аммо Лутфия сухани вайро шунидан нахоста:

– Хайр, ман рафтам; ҷудо дер монам, дар хона безобита мешаванд, – гуфта равон шуд.

Аз мобайн як моҳ гузашт. Амирқул ду–се бор ҳаракат кард, ки Лутфияро бинад, вале муваффақ нашуд. Занак зим–зиё ғоиб шуда рафт.

Хешони Иноятуллоҳ-бойбача чили ӯро гузарониданд. Баъди ду рӯз дар вақти ба пиёзу сабзӣ об монда гаштани Амирқул Рафоҳат дар боғ пайдо шуда, ба ӯ чунин хабаре расонд:

– Амак, шунавидед, Лутфия–апем шӯ карден, ба Иномҷони масҳифурӯш расиден. Ба тӯяшон моро хабар ҳам накарданд–а, ё тавба!

Бо шунидани ҳамин гап Амирқул як нафас дар даруни оби ҷӯяк карахт шуда истоду баъд каландашро монда, калавида–калавида ба тарафи даруни боғ равон шуд. Пойҳои калон–калони бараҳнааш пиёзи сабзро пахш мекарданд, баъд сабзиро ҳам пахш карданд. Рафоҳат ҳайрон шуд:

– Амак, пиёзро зер кардед–ку!

Амирқул рафтан гирифт, гӯё ки овози духтаракро намешунид. «Чӣ шуд ба вай? Маст–мӣ ё кӯкнор хӯрдагӣ–мӣ, ё тавба!» – дар дилаш мегуфт Рафоҳат.

Амирқул ба ҳезумхона даромада худро рӯйнокӣ ба болои хошок партофт. Чашмонаш кушод буданд, аммо ӯ ҳеҷ чизро намедид.

Ӯ вақтро ҳам ҳис намекард. Даромадани шабро ба ӯ сагҳо ва қурбоққаҳо хабар доданд.

Сагон бо ак–аки худ аз дуру наздик ба ӯ гӯё: «Аҳмақ ту, аҳмақ! Фанд хӯрдӣ! Мур ту, одамкуш!», –мегуфтанд. Қурбоққаҳои ҳавз қур–қур мекарданд, гӯё, ки ба вай қоҳ–қоҳ механдиданд. Оби ҷӯй шилдир–шилдир мекард, гӯё ки ба ҳоли Амирқул мегирист.

Пагоҳӣ вай хеста рост ба ҳавлии миршаб рафт.

Миршаб дар ҳавлии беруни худ ба рӯйи суфа нишаста,

ба се–чор нафар одамонаш ким–чӣ фармонҳо медод. Амирқул ба наздики суфа омада истод.

– Кистӣ ту? Чӣ кор дорӣ? – пурсид миршаб.

– Одам куштам ман, – гуфт Амирқул. – Хӯҷаинро куштам. Куштагӣ Назир не, ман. Ба дилам нагунҷид омадам... Чӣ коре, ки кунед...

Миршаб ва одамонаш дар ҳайрат монда ба якдигарашон нигоҳ карданд, баъд боз ба қотили бо пойи худ омада назар дӯхтанд. Чашмони ӯ сурохи варамкардаи кундnigоҳ, рӯяш ба ранги хок, пойҳои бараҳнааш лойолуд, як эзорпочааш чиркин ва олудаи хасу хошок буд.

– Пештар биё!

Амирқул се қадам пештар омад. Миршаб номаш, куҷоӣ ва чикора буданашро пурсид, Амирқул ҷавоб дод. Баъд миршаб гуфт:

– Ту девонаӣ магар? Ё хоб дидӣ? Васвосӣ шудӣ?

– Ман ҳушёр. Куштам.

– Аз барои чӣ куштӣ?

– Ҳамту... куштам. – Амирқул Лутфияро номбар кардан намехост, лекин ба куштанаш хӯҷаини худро ваҷҳи дигаре ҳам фикр накарда буд.

– Чӣ тавр куштӣ?

Кушанда бо як азоб воқеаро чи тавре, ки буд, нақл кард.

Миршаб:

– Бирав, ана дар он ҷо шин, – гуфта ӯро ба тарафи собот (бостурма) фиристоду худаш дар андеша монд. Ӯ гарчанде ба ростии сухани Амирқул шубҳа надошта бошад ҳам, намехост ки қотил аз ғайри Назир каси дигаре бошад, зеро дар ин сурат раис, албатта, аз ин хатои миршаб истифода бурда моддаи наве ба айбномаи ӯ хоҳад навишт.

Моддаи бисёр ҷиддӣ. Марди оқил набояд ба дасти рақиб баҳонае барои айбдор кардани худаш диҳад. Миршаб фикр карда қарор дод, ки аҳли хонаводаи собиқи Иноятуллоҳ-бойбачаро даъват карда, аз онҳо феълу атвори Амирқулро пурсад ва пас ба ягон нукта, ба ягон ҷойи

шаҳодати онҳо наққида Амирқулро ба чиннигӣ ва сафсатагӯйӣ барорад. Аз аҳли хонаводаи собиқи бойбача, агар зани калонии ӯро, ки бемор буд, ба назар нагирем, дигар калонсол ва болиғa танҳо Лутфия буд. Миршаб ба вай одам фиристод.

Ҷаноби раиси шаҳр аз иқрор шудани хизматгори бойбачаи кушташуда ба қатли хӯҷаинаш зуд ба воситаи касе огоҳӣ ёфта хурсанд шуд, ки боз як саҳви миршаб ошкор гардид. Дар номаи аъмоли рақиб боз як сатри нав –айби нав сабт шуд. Дили раис хор–хор мекард, ки зудтар миршабро дида ба рӯяш ришханде занад, бинобар ин, худаш хеста ба ҳавлии миршаб омад.

– Ман нагуфтам?–заҳрханда кард ӯ. – Хом шумо, ҳоҷӣ! (номи миршаб Ҳоҷӣ Раҳматуллоҳ буд) Коратон ҳамеш хом, ҳамеш чоқамбарака! Қотил ин ҷо гаштаасту шумо як мусулмони бегуноҳро ба куштан фиристодед; вай гурехта буд, ки як бегуноҳи дигарро, бародари мусофири вайро дастгир карда ба зиндон андохтед.

– Банда ҷоизулхатост, – хиҷолатомез ҷавоб дод миршаб. – Лекин мулоҳиза кунед, тақсир, ман бандаи азизи Худо будаам: Худо хатоямроислоҳ карда бегуноҳро гурезонду гунаҳгорро ба наздам ҳозир кард.

– Бедарак ба Худо туҳмат назанед, Ҳоҷӣ, он бегуноҳро Худо гурезондагеш не, навкарони даҳанялаи шумо гурезонданд! Хайрият ҳам навкарҳоятон даҳоняла баромаданд, набошад, вай бечора аз бетадбирии шумо аллакай сараш аз тан ҷудо шуда буд.

Лутфия дар фаранҷӣ печида бо ҳамроҳии шавҳараш омад. Зан аз дарвоза даромадан замон чашмаш ба Амирқул ғалтида, якбора беқарор шуд, ба тарсу ҳарос афтод ва фарёд зад, ки:

– Вай худаш кушт, худаш! Ман хабар надорам. Раҳм кунетон, ман бегуноҳам! Туҳмат, туҳмат!..

Ин навъ инкор худ беҳтарин иқроре бошад ҳам, корро боз чигилтар карда партофт.

Дар ин маърака шахсе, ки беш аз ҳама моту мабҳут

монд, Иномҷон буд. Чун миршаб хоҳу нохоҳ, раис бошад, бо камоли майл ба кушодани чигил шурӯъ карданд.

Иномҷон саропо гӯш гардид. Лутфия сари ду по нишаста ба пурсишҳо ҷавоб медод. Сарриштаи сухан акнун ба дасти раис буд.

– Оё шавҳари собиқи шумо Иноятуллоҳбойро Амирқул худаш кушт?

– Ҳа, тақсир худаш.

– Шумо хабар надоред?

– Не, тақсир, аз мурданам хабар дораму аз ин кор хабар надорам. Охир ман як заифаи муштипар...

– Хабар надошта бошед, куштани ӯро аз куҷо медонед? – раис ба тарафи Амирқул, ки сар ба зер афканда дар як тараф нишаста буд, ишора карда пурсид.

Ниҳоят ана, дар ҳамин ҷо ақлу ҳуши паридаи Лутфия ба лонаи худ баргашту вай ба дом ғалтиданашро фаҳмид. Ларзид, дармонд, сукут кард.

– Ҷавоб деҳ, – ин дафъа занаки ҷинояткорро «ту» гуфта амр кард раис, – ту аз куҷо медонӣ, ки бойбачаро Амирқул кушт?

Аз зери фаранҷӣ овози ғурмае баромад, ки маъноящро фаҳмидан душвор буд. Он гоҳ миршаб аз Амирқул пурсид:

– Иноятуллоҳбойро куштани туро ин аёл аз куҷо медонад?

– Намедонам, – сар боло накарда ҷавоб дод Амирқул.

– Ту одам куштанатро ба ягон кас гуфта будӣ ё не?

– Не... гуфтагем не.

– Ба ин аёл ҳам нагуфтӣ?

– Не, – Амирқул сарашро боз пойинтар фуровард.

Раис боз аз Лутфия пурсид:

– Ту ба куштани шӯйи собиқат қасд кардани Амирқулро пештар медонистӣ ё не?

– Ман намедонам, тақсир; аз ҷони ҷавонам ҷудо шавам, ки ман хабар надорам. – Лутфия дигар ба маънои пурсишҳо ҳам дуруст сарфаҳм намерафт.

– Оё баъд аз куштанаш хабардор шудӣ? – савол дод миршаб.

– Охир, ман чӣ донам, тақсир, баъд аз куштанаш будагист–дия.

– Чӣ тавр донистӣ, ки кушанда Амирқул аст?

Занак ба ин савол ҷавоб надод; ҳунгос зада мегирист.

– Амирқул ба ту гуфт–мӣ? – пурсид раис.

Аъзои бадани Лутфия арақшор гашт, нафасаш танг шуд. Забони ӯ дигар аз гуфтор монда буд. Ҳис мекард, ки ба ин азобу шиканҷа дер тоб оварда наметавонад ва аз ҳуш меравад.

Раис ва миршаб ҳам, дигар ҳозирон ҳам акнун шубҳа надоштанд, ки куштор бо иштироки Лутфия ё худ бо фармоиши ӯ ба вуқӯъ омадааст. Аммо дар ин ҷо боз як масъалаи нав–масъалаи чигунагии муносибати Лутфия ва Амирқул ба миён меомад. Наход, ки занак бо ин хизматгори собиқи худ алоқаи пинҳонӣ дошта бошад? Агар ин исбот шавад, як худи ҳамин барои сангсор кардани Лутфия басандааст.

Раис қарор дод, ки гапро «пӯст канда» гӯяду монад:

– Акнун сукут ва инкор суд надорад. Гуноҳи дуятон ҳам собит шуд. Ту, – раис ба тарафи Лутфия ангушти ишораташро рост кард, – ту бешакку шубҳа шарики қотил ҳастӣ, занак. Шавҳари собиқатро фармуда кушондаӣ.

Раис ва миршаб, ба тавре, ки фақат дуяшон мешуниданд, дар чӣ бораe ба гуфтугӯ даромаданд. Дар ин асно Иномҷон, ки ҳамчунин ба ҷинояткор будани занаш яқин карда, дар изтироб афтода буд, фикр мекард, ки: «Лутфия бо ин қотил алоқа доштааст, ҳатто бо вай зино карда бошад ҳам, аҷаб не. Ӯ маро ҳам фиреб дод. Ӯро, албатта, ба дор мекашанд ё сангсор мекунанд. Дар ин сурат ман ангуштнамои мардум нашуда намемонам».

Мардак ногаҳон аз ҷояш ҷаҳида хеста, кордашро аз ғилоф кашида, ба назди Лутфия омад ва бо шасту садама кордро ба шиками ӯ зад. Лутфия овозе набароварда ба як паҳлу ғалтид.

...Амирқулро банд карда ба Бухоро бурданд. Ӯ дар Регистон ба қатл расонида шуд...

# БОБИ ДАҲУМ

Рӯзе аз рӯзҳои гарми тобистон дар Шаҳрисабз ҷамоати яке аз масҷидҳои канори шаҳр намози пешинро хонда бар-омада дар буни девори масҷид марди дарвешнамоеро диданд, ки сар ба зону хам карда дар ҳолати муроқиба нишастааст. Ӯ бисёр лоғар, мӯй ва риши расидааш жӯлида, сару танаш ниҳоят чиркин ва пора–пора буданд. Мардум аввал гумон карданд, ки гадое бошад, аммо гадоён одатан бо тубраву асо мегарданд, ин мард бошад, на тубра дораду на асо. Дар баҳри фикру хаёле ё шояд дар гирдоби ғаму андуҳе ғарқ шудаасту ба касе ҳам нигоҳ намекунад.

Аз ҷамоат яке ба сари ӯ рафта савол кард:

– Бандаи Худо, ту кистӣ? Чикораӣ?

Дарвеш хастаҳолона сар боло карду гуфт:

– Ба ман кордор набошед. Ман як мусофирам. Камтар дам мегираму меравам.

– Охир, бигӯ, аз куҷо меоӣ ва куҷо меравӣ?

Мусофир як дам сукут карду гуфт:

– Имрӯз аз зиндон баромадам.

Ба сари ӯ саволҳо бориданд:

– Аз зиндон?.. Ба чӣ гуноҳ зиндон шуда будӣ?.. Магар бегуноҳ баромадӣ, ки озодат карданд?..

Хонандагон, албатта, пай бурдаанд, ки ин марди дарвешнамо Восеъ буд. Ӯ хоҳу ноxоҳ саргузашташро ба пурсандагон нақл кард. Миршаб ӯро ин пагоҳ аз зиндон баровaрда гуфтааст: «Ба толеи ту гунаҳгор ёфт шуд, акнун ту озодӣ. Ба куҷое, ки хоҳӣ, рафтан гир, чор тарафат қибла!» Вақти ҳабсаш панҷ–шаш танга пуле, ки дошт, ҳамаро зиндонбонҳо аз ӯ кашида гирифта буданд, гардонда надоданд. Назири фирорӣ дар куҷо бошад, ӯ намедонад. Эҳтимол сар ба кӯҳу биёбон гирифта, пинҳон шуда гаштагист.

Ин ҷамоати иборат аз косибу ҳунарманд, деҳқон,

дӯкондор аз воқеаи овозагаштаи Лутфия ва Амирқул хабардор, ки буданд, нақли Восеъро бо шавқу мароқ шунида, ба ҳоли ғарибони туҳматзада афсӯс хӯрданд ва аз халосии онҳо изҳори хушнудӣ намуданд:

– Бай–бай! Хайрият, ки ҳақиқат ошкор шуд!

– Ҳаминро гӯед–а! Набошад ин бечораи бегуноҳ дар зиндон мепӯсид.

– Бародараш ҳам як умр гуреза шуда мегашт.

– Охиру охирон боз ба даст меғалтид–дия! Ин бечора дар зиндон мепӯсиду бародараш ба даст афтад, вай ҳам бегуноҳ кушта мешуд.

– Аз касофати як зани ганда ҷони ҳамин қадар одам дар азоб монд!

– Дар азоб гуфтеду мондед? Як зани ганда як шаҳра вайрон мекунад–а!

– Иномҷони масҳифурӯша намегӯед!..

– Ҳа–я, бечора аз боиси ин манҷалоқӣ аввал занталоқ шуду баъд...

– Баъд бо манҷалоқӣ ду рӯз–се рӯз зиндагӣ карду вайро кушт, нағз кард.

– Астағфируллоҳ!..

– Тавба, тавба!..

– Иномҷонатон ҳам лекин йигити баномус будааст. Ман ҳам бошам мекуштам.

Баъди ин музокираву муҳокима ҷамоат боз ба Восеъ рӯй овард.

– Акнун ту чӣ кор карданӣ ҳастӣ, бандаи Худо?

– Ба ватанам меравам.

– Ту бисёр абгор шудай–ку... бо ин аҳвол чӣ тавр меравӣ?

– Аз зиндон зинда баромадам, акнун ин тарафаш осон. – гуфт Восеъ. Пурдилӣ ва худбоварии ӯро зиндон ҳам кам карда натавониста буд.

Домуллоимом ба ҷамоати худ гуфт:

– Ғариб будааст, риёзат кашидааст, оё дар байни шу-

моҳо ягон савобҷӯ нест, ки инро ба хонааш бурда ду–се рӯз парво кунад, то ки ин бечора андак ба худ ояд?

Ҷаноби домулло аз чӣ сабаб бошад, ки худашон аз баҳри савоб гузашта онро ба дигарон вогузор карданд...

– Ташвиш накашед, тақсир, – лоқайдона гуфт Восеъ. – Ман андак дамамро гирам, баъд худам роҳамро ёфта меравам.

– Гадоӣ мекунӣ магар? Хайр, гадоӣ кун, ин дар ғарибӣ айб нест, – «фатво» дод имом.

Восеъ бо ин ҳама абгорӣ ва табоҳии аҳволаш гадоиро фикр намекард; маҳбусии понздаҳрӯза дар зиндон ғурури зотии ӯро шикаста натавониста буд. Ӯ аз «маслиҳати» домуллоимом ранҷид. Мехост ба вай гапи сахт занад, аммо худдорӣ карда ҷавоб дод:

– Тақсир, ман ғариб бошам, азобу кулфат кашида бошам ҳам, он қадарҳо нотавон нестам, ки гадоӣ кунам. Шукр аз дастам кор меояд, як бурда нони ҳалоламро ёфта хӯрда метавонам. Агар аз ин бародарон касе маро бурда кор фармояду ҳақ диҳад, майлаш меравам. Роҳхарҷии ман барояд бас аст.

Вай аз чеҳраҳои одамон медид, ки ҷавобаш ба онҳо писанд омад.

Як марди деҳқоннамо пурсид:

– Ту чӣ ҳунар дорӣ?

– Ман як деҳқони хокпошам, додар. Ҷуфтронӣ, даравгарӣ, хирманкӯбӣ кори ман аст Ҷувоз ҳам мекашам. Боркашӣ, гилкорӣ, аспбонӣ ҳам аз дастам меояд.

– Боракаллоҳ, – таҳсин кард як мӯйсафед. – одами баорият будаӣ. Ҳамин хел дилатро бақувват дорӣ, иншоаллоҳ, хор намешавӣ.

Марди солхӯрдае, ки аз чеҳраи гӯё дар оташ тобхӯрда ва ангуштони сиёҳаш ӯро оҳангар гумон кардан мумкин буд, гуфт:

– Биё, бо ман. Ман ба дарвозахонаам як ҳуҷра дорам, ту аввал дар ҳамон ҷо ду–се рӯз хоб карда даматро гиру ба худат биё, сонӣ як гап мешавад.

Восеъ дар ҳуҷраи он мард, ки оҳангар набуда, балки хумдончӣ–хиштпаз будааст, ҷойгир шуд. Аз аҳли гузар яке ба ӯ ҷомаи алочаи нимдошт, яке яктаҳ, дигаре лозимии карбосин, чаҳорумӣ якто тоқӣ, панҷумӣ рӯмоли миёнбанд оварда доданд. Сартароши гузар мӯйи ӯро тарошид. Ҳамсояҳои дуру наздик ба вай ҳар рӯз нону чой ё ҷурғот, як коса – нимкоса ош меоварданд.

Аз рӯзи дуюм сар карда Восеъ дар ҳуҷра бекор нишаста натавонист, баромада дар хумдон, ки дар берунтари шаҳр буд, ба кори хиштпазу хиштрезҳо ёрӣ дода гашт.

Баъди як ҳафта ӯ як дараҷа ба худ омада, ба ғалладаравӣ киро шуд. Хиштҳо барои як нафар бое, ки дар байни Шаҳрисабзу Китоб заминҳои ғаллакорӣ дошт, аз барои кадом як иморати ӯ рехта мешуданд, Восеъ дар ҳамон заминҳо даравгарӣ кард. Бо ҳамроҳии се нафар мардикори дигар дарави як қитъаи калони ғалларо баҳо карда гирифта, ба кор шурӯъ намуданд.

Даравгарон дар сари замин каппае сохта, дар ҳамон ҷо истиқомат мекарданд; бой барои онҳо ҳар пагоҳӣ нону ҷурғот, нисфирӯзӣ як косагӣ хӯроки гарм мефиристод, бегоҳӣ бошад, худи даравгарон барои худашон оши ярма ё кӯмоч мепухтанд.

Кор дар ҳавои кушод, оби софи чашма, ки даравгарон аз он менӯшиданд, таъсири неки худро расониданд. Саломатии Восеъ рӯ ба беҳбудӣ оварда, қувваташ бо тезӣ барқарор шудан гирифт. Дарав дар даҳ рӯз тамом шуд. Вақте ки ӯ ба музди кораш ба ҷойи ғалла аз бой бист танга гирифта ба шаҳр баргашт, худро тамоман тандуруст ҳис мекард.

Акнун ба кӯҳистон баргаштан ҳам мумкин. Назири гуреза агар дастгир шудани қотили ҳақиқиро шунавад, албатта, худаш ба Балҷувон гашта меравад.

Восеъ ватанаш ва оилаашро бисёр пазмон шуда буд. Диёри падарии ӯ, кӯҳҳо, дараҳои обшор ва ҳавои беғубори Балҷувон барояш ҳеҷ гоҳ чунин азизу дилрабо набуданд. Дар шаҳр ӯ ба мардикорони ҳисорӣ, кӯлобӣ,

балчувонӣ вохӯрда, онҳоро як–як оғӯш кард, гӯё, ки бародарони ҳамтани худро дида буд; беихтиёр ба чашмонаш об меомад. Аммо ин мардикорон хабари нохуше оварда буданд: дар кӯҳистон гандуми баҳориро малах хӯрдааст, гандуми тирамоҳӣ бошад дар бисёр ҷоҳо аз хушкӣ сӯхта рафтааст, зеро имсол ҳам баҳору тобистон хушк омада, борон ниҳоят кам боридааст.Аз ин мебарояд, ки боз қаҳтӣ мешавад. Восеъ дар хавотир афтод, агар кишти ғаллаи ӯ нобуд шуда бошад, аҳволи оилааш чӣ мешавад? Наход, ки боз гуруснагӣ ё нимгуруснагӣ, боз алафу кунҷорахӯрӣ мешуда бошад?

Ҳамватанон маслиҳат доданд, ки Восеъ ҳозир барои баргаштан ба кӯҳистон шитоб накунад. Боз муддате дар ин диёр мардикорӣ карда, панҷу шаш музде ёфта баргаштан беҳтар аст.

Ин маслиҳат ба Восеъ писанд афтод. Ӯ ба воситаи шиносон ва дӯстони дар хиштрезӣ ва даравгарӣ пайдо кардааш барои зудтар кор ёфтани ҳамватанонаш ёрӣ дод. Аз онҳо дастае ба даравгарӣ, дигарҳо ба хирманкӯбӣ, ҳаммолӣ, ҳезумкашӣ ва корҳои дигар банд шуданд. Худи Восеъ ҳам боз ба даравгарӣ киро шуданӣ буд, аммо дар ин миён ба ӯ як кори нави ғайри оддӣ баромада монд. Чанде пеш аз Тошканду Самарқанд ба вилояти Шаҳрисабз барои мубориза бо малах як гурӯҳ русҳо омада буданд, ки ба роҳи урдуи малах ё бевосита ба болои худи малахҳо кимчӣ гуна заҳри сабзранг, хокаи маргимуш ва дигар чизҳоро пошида онҳоро мекуштанд. Дастаи малахкуш дар бозгашт барои маркабҳо ва борҳояшонро то Самарқанд расонда додан ду–се нафар одам киро карданӣ шуданд. Ошнои хумдончии Восеъ аз ин кор хабардор шуда, Восеъро ба назди онҳо бурд ва ба хизмат қабул кунонд. Онҳо ба ҳар кадом одами кирошуда ғайр аз тӯшаи сафар боз панҷсумӣ пули русӣ ҳам доданӣ шуданд. Ин пули калоне буд, ки барои хизмати ду–се шабонарӯзӣ дода мешуд.

Восеъ бо ҳамватанонаш хайрбод кард. Даста пагоҳӣ пеш аз тулӯи офтоб ба роҳ баромад.

* * *

Малахкушҳо чор нафар буданд, чорумашон як нафар тотори қадпасти миёнсоле буд, ки хизмати тарҷумонии дастаро адо мекард. Ӯ ғайр аз забони ӯзбекӣ камтар тоҷикиро ҳам медонист. Калони даста як руси нисбатан ҷавони борики чамшкабуди малламӯе буда, ба танаш либоси низомӣ дошт, вай савора пеш–пеши даста, аз тобеони худ як сӣ–панҷоҳ қадам пештар мерафт. Хеле камгап ва доим ғарқи кадом як фикру хаёле буд. Ба хизматгорони киро кардааш коре надошт ва ҳатто аз будани онҳо гӯё ки бехабар буд. Танҳо як воқеаи хурд диққати ӯро ба онҳо ҷалб кард. Воқеа ин аст, ки дар қарибии деҳаи Ҷом кӯтале аз пеш баромад. Восеъ дар вақти ба кӯтал баромадан аз аспи кабуди савории худ пиёда шуда, онро етал карда баромад.

Асп бори казоӣ ҳам надошт ва ҳоло он қадар монда ҳам нашуда буд. Магар ҳамин чиз шарики Восеъ– мардаки сиёҳгунаи қадбаланди шаҳрисабзиро, ки савори аспи дигаре буд, ҳайрон кард, ки ӯ ба Восеъ гуфт:

– Аспат камбор, бардам–ку, чаро пиёда шудӣ?

– Ту ҳам пиёда шавӣ, бад намешуд, – ҷавоб дод Восеъ.

– Барои чӣ ман пиёда мешудаам? Асп маро ба кӯтал набарорад, вай ба ман чӣ даркор? – гуфт мардак.

– Ба ҷонвар зӯр овардан хуб нест.

– Э, савор шуда гир, нодон! Асп аспи урус–ку, зӯр биёяд ба ману ту чӣ?

– Нодон худи ту будаӣ, ки ба ман ҳамин гапро мегӯйӣ! – ҷаҳлаш омада гуфт Восеъ. – Ба ҷонвар раҳм намекунӣ! Магар аспи урус асп нест? Ё асп ҳам кофиру мусулмон дорад?!

Ин гуфтугӯйро тотор шунида, ба калони даста чизе гуфт–аз афти кор тарҷума карда дод. Руси малламӯй истода хандиду ба Восеъ нигарист. Кӯҳистонии кӯҳу кӯталгард зери офтоби сӯзон дар роҳи санглох аспашро етал карда пиёдаву пойлуч, чусту чобук баробари саворони

дигар ба кӯтал мебаромад. Дар болои кӯтал роҳ ҳамвортар мерафт, Восеъ боз ба асп савор шуда гирифт. Калони даста аз паҳлуи Восеъ ва тотори тарҷумон аз паҳлуи дигар ӯ асп ронданд. Калони даста ногаҳон ба забон омада ба гап пурсидан аз Восеъ шурӯъ кард. Пурсишҳои ӯ ва ҷавобҳои Восеъро тотор ба якдигарашон тарҷума карда медод.

– Аспдӯст будаӣ, маркабро дареғ медоштаӣ, офарин! – Восеъро таъриф карда монд калони даста.

– Асп рафиқи роҳ, дӯсти одам аст, – гуфт Восеъ, – ба дӯст ҷабр кардан гуноҳ аст.

Ин гап тарҷума шуда буд, ки калони даста сари тасдиқ ҷунбонида ба гӯянда бо назари диққат нигоҳе карду боз гуфт:

– Ба кӯтал баромаданатро дидам. Зӯр будаӣ. Бисёр одамон дар роҳи ҳамвор ҳам ин хел қадам намепартоянд. Кӯҳистонӣ буданат аён.

– Ҳамин ҳам кӯтал шуд, тӯра? – хандид Восеъ (чун мардаки шаҳрисабзӣ ба калони даста «тӯра» хитоб мекард, Восеъ ҳам аз ӯ ёд гирифта буд). – Дар кӯҳистон мардуми мо пиёда бо як ман бор ба чандин ағба мебароянд. Асп монда мешавад, ки кӯҳистонӣ монда намешавад.

Дар байни гуфтугӯ калони даста ногаҳон пурсид:

– Амир хуб аст? Фуқарояшро дӯст медорад?

– Восеъ тааммул карда ҷавоб дод:

– Амирро ман фақат як бор дар Қаршӣ дидам, тӯра. Ба вай корам наафтидааст. Аммо агар ҳокиму раису қозию амлокдорони амирро пурсед, фуқаро аз онҳо безоранд.

– Безор? – гашта пурсид руси малламӯй.

– Ҳазор маротиба безор, – гуфт Восеъ. – Онҳо одам не, ҳама гургу палангони гуруснаанд, тӯра. Фуқароро гӯсфандвор медаранд... Ман хаёл карда будам, ки амалдорони бад, бераҳм, дузд, порахӯр ба кӯҳистони мо меравандy амалдорони ин тарафҳо боинсофтаранд, чунки ба чашми амир наздиканд, аз амир метарсанд. Аммо дидам, ки зоти ҳамаашон як будааст. Яке аз дигараш бадтар.

Восеъ атвору кирдори амлокдорони Ховалингу Сарихосорро мисол овард, воқеаи ҷаримакашии худаш ва ҳабси Назирро нақл кард. Ӯ Назирро ба худ бародари қиёматӣ, «дудунёӣ» номида буд, ки рус ҳам, тотор ҳам ба ин нукта мароқи хосе зоҳир карданд. Наход, ки Восеъ маҳз аз пайи халосии Назир ин ҳама сарсонӣ ва машаққати мусофиратро ба гардан гирифта бошад?

Восеъ дид, ки ҳамсуҳбатонаш як қадар дар тааҷҷуб мондаанд. Рус ба рӯйи Восеъ, мисли ин ки ӯро пеш аз ин дар куҷо дидани худро ба ёд меоварда бошад, бо диққати бештаре нигоҳ мекард. Ӯ боз нохост пурсид: агар аз халқи кӯҳистон пурсанд, ки оё фуқарои подшоҳи рус шудан мехоҳед ё не, фуқаро чӣ мегуфта бошанд? Худи Восеъ ба ин чӣ мегӯяд?

– Ман урусро бори аввал дида истодаам, – ҷавоб дод Восеъ, –чӣ хел будани онҳоро намедонам. Дар кӯҳистони мо якто–нимто одамони ҷаҳонгашта мегӯянд, ки урус закун[1] гуфтанӣ як чиз доранд, он закунро подшоҳашон дар хазина андохта мондагӣ; подшоҳ ҳар касеро, ки амалдор таъин кунад, ба вай ҳамон чизро бароварда нишон медиҳад. Дар закун чӣ хел фуқародорӣ кардан, чӣ қадар хироҷу закот гирифтан, мардумро беваҷҳ зиндон накардан, ҷарима накардан, азоб надодан, ҳамааш гуфта шудагӣ, амалдор аз ҳамон закун берун баромада наметавонистааст, агар берун барояд, подшоҳ дарҳол он амалдорро аз амал мефуровардааст... Ҳамин рост бошад ё дурӯғ?

– Агар рост бошад–чӣ?

– Рост бошад, кори нағз, соз будааст.

– Агар рост бошад, фуқарои подшоҳи рус шудан мехоҳед?

– Подшоҳи одилро кӣ намехоҳад? Ҳама мехоҳанд!

– Кофир бошад ҳам майлаш?

[1]. Закун – закон, қонун.

– Подшоҳи кофири одил аз подшоҳи мусулмони золим сад бор беҳ.

Руси малламӯй як дам ба андеша рафта, ба ёли аспаш чашм дӯхта роҳ паймуд ва баъд боз ба сухан даромад. Гуфт, ки Восеъ марди оқил, далер, ҳақгӯй менамояд, аммо ӯ, яъне калони даста, боре то Ҳисору Кӯлоб рафта буд, тоҷикон ба назараш мардуми дарундор, муғамбир, ҳилагар намуданд... Сабаби ин чӣ бошад?

Акнун ин дафъа Восеъ дар андеша монд. Бори аввал буд, ки вай дар бораи халқи худаш чунин ақидаеро мешунид.

– Агар ту амалдорон, сипоҳиёнро гӯӣ, гапат ҳақ, тӯра, – гуфт ӯ, – дар байни онҳо ягонто одами дилсоф нест. Ҳамаашон қаҷдиланд, ҳаромхӯранд. Давлатманд бошӣ, хушомадат мегӯянд, фақир бошӣ, сангат мезананд. Мо мардуми беозорем, тӯра, ба ҳеҷ кас бадӣ намекунем. Ҳар касе, ки ба кӯҳистони мо меояд, агар одами хуб бошад, сагворӣ газандаву гургворӣ даранда набошад, мо иззаташ мекунем. Ҳар як тоҷики фақир чизе, ки дар бисоташ бошад, хоҳ якто нонаш ва хоҳ як каф талқонаш бошад, ба пеши ӯ меоварад... Эҳтимол, тоҷиконро ба ту ҳамон амалдору сипоҳиён бад карда бошанд, тӯра.

Дар ин ҷо ба ёди Восеъ ҳикояте, ки як вақтҳо дар Норинҷ аз бобояш Белак шунида буд, омад. Ӯ ба рост будани ин ҳикоят ҳеҷ шакку шубҳае надошт. – Мардуми мо нақле доранд, гӯш кун, тӯра, ман ба ту бигӯям:

–Бобоҳои мо, тоҷикон, дар замонҳои қадим аз Балх омада дар кӯҳистон ҷойгир шуда будаанд. Баҳодур будаанд онҳо, ҳунарманд будаанд, ҳар кадомашон чандин ҳунар медонистаанд. Кӯҳистон ҳама гургхонаву шағолхона будааст, онҳо ободаш кардаанд; сангҳоро чида, замин кушода деҳқонӣ кардаанд. Боғу бӯстонҳо кардаанд. Дар кӯҳҳои баланд шаҳру қалъаҳо сохтаанд. Баъд ҳамаашон даст ба каланду досу поза шуда, шамшерзаниро кам–кам аз ёд баровардаанд.

Шамшерҳошонро ба шифту девори хонаҳо овехта монда будаанд, ҳамааш занг задааст; ҷойи чақар–чақари шамшерзанӣ, тақар–тақари суми аспон, ғулғули ҷангро нағмаю наю созу думбра гирифтааст. Аспони бодпойи майдонтоз ҳама корзада, зоташон вайрон шудаасту ба яккамеххҳои онҳо бобоёни мо гову хар мебастагӣ шудаанд. Як вақт аз тарафи Чину Мочин душман пайдо шудааст, лашкараш мисоли мӯру малах. Бобоёни мо аз барои ҷанг шамшерҳоро кашиданӣ шаванд, шамшерҳо аз ғилоф намебароянд: ҳама занг зада ба ғилофҳо часпида мондаанд. Душман мамлакатро зер кард, гирифт, гурехтагӣ гурехт, мондагӣ монд. Қалъаҳо вайрон, шаҳру қишлоқҳо хароб, кишту боғу бӯстонҳо поймол шудаанд. Сипоҳи душман даст ба ғорату яғмо зад, занону духтарони зеборо асир кард, бурд. Гурезаҳо тору камари кӯҳҳоро ба худ макон сохта зиндагӣ карданд, боз зиёд шуданд. Ҳозира тоҷикони кӯҳистонии мо авлоди ҳамон халқи гурехтагӣ будаанд. Аз ҳамон вақт ин ҷониб тоҷикон ҳар одами бегонаро бинанд, метарсидагӣ шудаанд; дарундору кинадор шудаанд; сиррашонро ба бегона намегуфтагӣ шудаанд. Душман ба сари онҳо аз худаш миру ҳоким, раису қозӣ, амлокдору закотчӣ монд, ҷабру зулмро аз ҳад гузаронд. Чандин моҳу сол гузашт, аз миёни халқ Фароз ном як марди доно баромад, ба халқ гуфт: «Ман Мадина меравам, арзу доди халқро ба халифа мерасонам». Ҳоким тобеи Умар-халифа будааст. Фароз аз биёбонҳои беоб, аз дарёҳои шӯр, аз ҷангали Мозандарон гузашт, бо чӣ қадар азобу машаққат ба Мадина расид. Дид як пирамарди нуронӣ дар пеши хонааш лой андохта хишти хом рехта истодааст, Фароз пурсид:

–Бобо, хонаи халифа куҷо бошад, намедонӣ?

Пирамард гуфт:

– Ба халифа чӣ кор дорӣ?

Фароз гуфт:

–Аз Машриқзамин омадам, аз болои миру ҳокимони золим арз дорам.

–Миру ҳоким чӣ зулм карданд, ки ту аз Машриқзамини дур азобу машаққат кашида ба арз омадаӣ?

Фароз гуфт:

–Маро бин, бобо, ман ҳоло сӣ солро ҳам пур накардаам, лекин монанди пири шастсола менамоям. Аз ҷабру зулми ҳоким, раису қозӣ, амлокдору закотчӣ ҳамин хел шудам; тамоми халқ монанди ман аст.

Пирамард ғамгин шуд, аз ҳокиму амалдорон дар ғазаб шуд, гуфт:

–Халифа худи ман ҳастам. Дидӣ, ман халифа бошам ҳам, худам лой меандозам, хишт мерезам; дар бисотам ғайр аз ҳамин яктаҳу ҷомаи куҳна дигар пӯшок надорам. Ман арзи туро шунидам, ғами фақирони тоҷикро донистам, акнун ман як фармон навишта ба ҳоким мефиристонам, ҳоким ва амалдорон минбаъд ба фуқаро ҷабру зулм намекунанд.

Ба Фароз фармуд:

–Хам шав, писар!

Фароз хам шуд, халифа як хишти тарро ба пушти ӯ монда бо ангушташ ба рӯйи он хишт хат навишт, муҳри худро ба хат пахш карду гуфт:

–Равон шав, писар, ҳамин хиштро бибару ба ҳоким нишон бидеҳ!

Фароз гашта омада хиштро ба ҳоким нишон дод, ҳоким фармони халифаро хонда тарсид, баъд даррав хироҷу закотро кам кард. Тоҷикони фақир сабукбор шуданд, шодӣ карданд, халифаро дуо карданд. Чандин сол осуда зистанд. Умар-халифа аз олам гузашт, ҷойи ӯро халифаҳои дигар гирифтанд; амиру ҳокимон дигар шуданд. Онҳо хишти халифаро гум карданд ё шикастанд, аз пайи молу дунё шуданд, халқонро ба тоб гирифтанд: пул бидеҳ, ғалла бидеҳ, чорво бидеҳ, аспу улав бидеҳ, карбосу алоча бидеҳ, пӯсти савсор бидеҳ, ғулому каниз бидеҳ, хаси чаптора бидеҳ, мардикори муфта бидеҳ, симу зар бидеҳ, хушку тар бидеҳ, ҳар чӣ дорӣ, бидеҳ!! Оташи ҷабру зулм боло гирифт, забона зад. Халқон сӯхтанд...

Тотор сухани Восеъро пора–пора тарҷума мекард, руси малламӯй мешуниду гоҳ ба ризоят, гоҳ ба тааҷҷуб ва гоҳе ба таассуф сар меҷунбонид; баъзан бо тарҷумон ким–чӣ саволу ҷавобе мекард.

Дар охир ӯ боз аз Восеъ пурсид:

– Пештар, вақте ки амири Бухоро кӯҳистонро ҳанӯз ба худ тобеъ накарда буд, аҳволи фуқаро чӣ гуна буд? Магар мирон, ҳокимон аз фуқаро хироҷу закот намегирифтанд?

– Мегирифтанд, албатта, – ҷавоб дод Восеъ, – аммо гирифтан то гирифтан фарқ дорад, тӯра. Он вақт агар аз шӯрбои каллапочаи фуқаро каллаашро мебардоштанд, лоақал почааш мемонд. Акнун амалдорони амир каллашӯрборо бо дегаш мебардоранд ва баъд аз он омада пӯсти ҳайвони каллашӯрбо шудагиро талаб мекунанд. «Дузд бошӣ ҳам, баинсоф бош» гуфтаанд. Мирон ба ҳар ҳол тагҷойӣ, ки буданд, ба халқ он қадар бегона набуданд, «дуздони баинсофтар» буданд. Амалдорони амир бошанд, дуздони беинсофанд, балки ҳаргиз аз кӯчаи инсофу адолат нагузаштаанд.

– Сарихон, мири пештараи Кӯлобу Балҷувон, мири одил буд мегӯянд, рост аст?

– Рост. Шумо онро Сарихон мегӯед, мо Мири Зард мегӯем; асли номаш СарибекВаламӣ аст. Марди худотарс буд, адолат мекард... Дар Балҷувон як фолбин фол дидааст, фолаш баргаштани Мири Зардро нишон додааст. Мӯсафедони мо мегӯянд, ки ӯ албатта, ягон рӯз гашта омада мулку давлаташро аз амир зада мегирад...

Корвончаи малахкушон ба деҳаи Ҷом расида шаб дар он ҷо монд. Пагоҳӣ дар вақти ношто калони даста Восеъро ба наздаш ҷеғ зада, бо қалам ӯро кашиданӣ шуд. Вале «мусулмони боимон» намехост, ки сурати ӯро кашанд, ӯ дар дили худ аз ин кор як навъ тарси мавҳуме ҳис мекард. Тарҷумон ӯро базӯр розӣ кард:

– Аз чӣ метарсӣ? Ин ҳеҷ зарар надорад. Ту ба тӯра маъқул шудаӣ, ӯ туро марди баҳодурнамо, кӯҳистонии асил мегӯяд. Сурати туро барои ёдгорӣ кашидан мехоҳад.

Восеъ бо исрори тарҷумон як дам дар рӯ ба рӯйи сураткаш ором нишасту баъд боз бо чӣ хаёле аз ҷо бархост:

– Садқаат бишавам, тӯра, маро ҳуй кун. Ман намехоҳам.

– Шуд, тамом шуд, – хандид калони даста.

Восеъ ба варақи дафтари ӯ нигоҳ карду дар сурат худро шинохта ба ҳайрат монд: тарҳи рӯйи ӯ бо ришу саллааш айнан кашида шуда буд.

– Урус ҳунараш бисёр аст мегуфтанд, як ҳунарашро акнун худам бо чашмам дидам, – завқ карда хандида гуфт Восеъ.

Ба Самарқанд рӯзи сеюм вақти пешин расиданд. Ба рӯйи ҳавлии як бинои сафед даромаданду дар он ҷо хизматгоронро ҷавоб доданд.

Восеъ панҷсумаи коғазиро дар нӯги миёнбанди карбосии худ маҳкам баста бо ҳамроҳии Йӯлдошбой (шарикхизмати ӯ–мардаки шаҳрисабзӣ номаш Йӯлдошбой буд) равон шуд. Дуяшон ба ҳаммоми маҳаллӣ даромада бо кайфу ҳузури тамом як ду соат оббозӣ карданд.

Восеъ дар Шаҳрисабз ҳам, дар он ҷо ҳам аз ҳарчи зиёдтар ҳаммомро хуш кард. Гармобаҳои сангини гунбазшакл, тоқу равоқдор, дарун ба дарун, гармхонаву сардобадори ин шаҳрҳо, хусусан аз они Самарқанд, ба ҳаммомҳои одии Балҷувону Кӯлоб ҳеҷ ба муқоиса намеомаданд, чунонки масҷиду мадрасаҳои он тарафҳо низ ба масҷиду мадрасаҳои кошинкорӣ, зебо ва бошукӯҳи ин шаҳрҳо баробар шуда наметавонистанд.

Роҳбалад Юлдошбой буд, ки пеш аз ин ҳам чандин бор ба Самарқанд омада буд ва шаҳрро нағз медонист. Дуяшон баъди ҳаммом ба ошхона даромада, бо нонҳои ширину хушгувори сармарқандӣ шикамашонро сер карданду аз он ҷо баромада, дар самоворхона нишаста се–чор чойнак чойи кабуд нӯшиданд. Самоворхона дар паҳлуи мадрасаи Бибихоним воқеъ шуда буд. Бинои боазамати мадраса бо гунбазҳо, манораҳо, тоқу равоқҳои кошинкории

дурахшонаш ба ёди Восеъ кӯҳи Чилдухтаронро меовард, ки аз саҳни ҳавлии дараи мухтории ӯ дар тарафи офтоббаро намудор буд.

Шаб ҳар ду мусофир бо рухсати самоворчӣ ба кунҷаки ториктари самоворхона хазида хоб карданд...

## БОБИ ЁЗДАҲУМ

Пагоҳӣ баъди ношто Юлдошбой ба дидани ким–кадом ошнои самарқандии худ ба гузари Хоҷа Аҳрор рафт. Восеъ баромада раставу бозорҳоро чарх зад.

Дар бозори ангишт ӯ ба ду нафар ҳаммоли кӯлобӣ дучор шуд. Се ҳамватан ба самоворхонаи сари кадом ҳавзе рафта, дар болои кат чой нӯшида, пурсупос карда нишастанд. Дар байни гап яке аз ҳаммолон гуфт:

– Ман шунидам, дар Шоҳи Зинда як нафар кӯлобӣ ё балҷувонӣ ду–се ҳафта боз ба чилла шишта будааст.

Баъд ӯ нақл кард, ки дина ангишти харидаи як нафар самарқандиро бардошта ба тарафи Шоҳи Зинда рафтааст, вақти бозгаштанаш дар пеши дарвозаи Шоҳи Зинда як шайхи мазор ӯро чеғ зада, куҷойӣ буданашро мепурсад; чун кӯлобӣ будани ӯро мефаҳмад, мегӯяд: «Кӯлобӣ бошӣ, чаро аз ҳамватанат хабар намегирӣ, ки бечора як моҳ боз дар ин ҷо чилла нишаста қариб ба ҷон кандан расидааст?». Кӯлобӣ мепурсад: «Ӯ кист, номаш чист?» Шайх мегӯяд: «Кӣ буданашро намедонам, номашро ҳам фаромӯш кардам, аммо худаш аз тарафҳои Кӯлоб аст, ғариб аст, дар ин ҷойҳо ягон ёру ошнояш ҳам набудааст, ки аз аҳволаш хабар гирад».

– Ту хабар нагирифтӣ? – пурсид Восеъ.

– Ҳоло не. Имрӯз ин гапро ба Шариф гуфтам, – ҳаммол шарикашро нишон дод, – бегоҳтар дуямон меравем, мефаҳмем.

Восеъ ҳайрон шуда фикр кард: он кадом кӯлобӣ будааст, ки ба Самарқанд омада чилла менишастааст? Чилла-

нишинии мусофири кӯҳистониро ӯ дар умраш нашунида буд.

Баъди пешин ҳар се мусофир ба дидани ҳамватани ношиноси худ рафтанд.

Восеъ Шоҳи Зиндаро ба қиёси мазорҳои кӯҳистони худаш як мазори муқаррарӣ гумон мекард, яъне нимвайрона бинои хиштин ё сангинест, ки ба тораш ду–се гунбази хурду калон, ба паҳлуяш панҷ–шаш дар ҳуҷраву хонақоҳ дорад ва чор–панҷ бех садаи пир ҳам ба болояш ва саҳнаш сояандоз. Аммо ӯ дар он ҷо қатори кӯшку айвонҳои муҳташами шоҳонаро дида дар ҳайрат монд. Кошини осмониранги тоқҳо, равоқҳо, гунбазҳо, манорҳо дар офтоб дурахшида чашми бинандаро хира мекарданд. Катибаҳо – хатҳои сафеди панҷарамонанди печ дар печи дар он тоқҳову равоқҳо ва манорҳои нилгун ва бар рӯйи қабрҳои мармарӣ нақшёфта мисли кадом як тилисмоти пиндоштиву хаёлӣ ба назар менамуданд. Мусофири мо ин навъ санъатҳо, ин гуна шукӯҳу зебоиро дар умраш надида буд. Ӯ чашмонаш ғарқи тамошо, бо зинапояҳои баланди хиштин боло мерафту гумон менамуд, ки гӯё дар даруни кадом як қасри афсонавӣ гардиш карда истода бошад. Яке аз шайхҳо ба якчанд нафар зиёратчиёни мазор қабрҳои мармарини дар даруни айвонҳои нақшин ҷойгирифтаро нишон дода мегуфт: Ин оромгоҳи фалон лашкаркаши Темури Ланг ё фалон набераи ӯ, инаш қабри фалон бузургвор, фалон амир аст ва ҳоказо...

Ҳамватанон аз мутаваллии мазор чилланишини кӯлобиро пурсон шуданд.

– Ҳаст, – гуфт мутаваллии солхӯрда, – се ҳафта шуд, ки дар чилла нишастааст. Ба мазор як чиз садақа кунетон, баъд ман шуморо ба чиллахона даровварда ҳамшаҳриятонро нишон медиҳам. Ҳаммолон пул надоштаанд. Восеъ аз ҷониби сеяшон нимтангагӣ якуним танга бароварда ба мутаваллӣ дод. Мутаваллӣ шамъ дар даст онҳоро аз роҳравҳои борику торики зинапоядор гузаронда ба ким–

кадом таҳхонаҳои заҳ ва хунуки лаҳадмонанд даровард.

Мусофирони мо дар нимторикӣ хам шуда аз паси мутаваллӣ мерафтанд, дар чандин ҷой сарашон ба сақфу шифтҳои паст ва деворҳои хиштӣ хӯрд.

Дари чӯбини як таҳхона монанди хир–хири ҷонкании кампирҳо садое бароварда кушода шуд, мусофирон аз қафои мутаваллӣ ба як ҳуҷраи гунбазшакли зеризаминӣ даромаданд, ин ҷо яке аз чиллахонаҳо буд. Дар девори дарунии он ба ҷойи дар пардаи сафеде овехта шуда буд.

Мутаваллӣ пардаро бардошт, кӯҳистониён аз он чи дар пушти парда ба назарашон ғалтид, беихтиёр ҳаросида қадам нигоҳ доштанд. Рӯшноии шамъи мутаввалӣ ба рӯйи сап–сафеди мурдамонанди марде тофт, ки ниҳоят лоғару нимҷон ва ришу мӯйи сараш расида, дар миёни чиллахона карахт нишаста буд. Бо даромадани инҳо он мард ягон ҷунбише накарда, дар ҳолате ки чорзону зада сар ба зер афканда, дастҳояшро бар рӯйи зонувонаш гузошта буд, нишастан гирифт. Дар пешаш як обдастаи сафолин ва як косаи сафолин истода буд.

Мутаввалӣ ба он марди мурдамонанд гуфт:

– Нигоҳ кун, бандаи Худо, ҳамватанонат ба дидани ту омадаанд.

“Бандаи Худо” оҳиста сар боло карда ба даромадагон нигарист. Чашмонаш ва рухсораҳояш фурӯ рафта, биниаш борик гашта буд. Ба саломи омадагон базӯр сар ҷунбонида бо лабони бехуни парсинбастааш пичиррос зада алек гирифт. Чангаки нигоҳаш як лаҳза ба рӯйи Восеъ андармон шуд, чашмонаш калонтар кушода шуданд; ӯ бесаранҷом шуда, ҷунбида, овози хазине баровард:

– Восеъ!... Ин туӣ?...

Восеъ дурусттар зеҳн монда Назирро шинохт... Аз ҳайрат даҳонаш во шуда монд. Забонаш ба зудӣ ба гуфтор ҳам наёмад.

– Назир!... Бародарҷонам!... – ӯ ба зону ғалтида Назирро бағал карду кӯдаквор гирист.

Бинед, аз он Назири чорпаҳлу, аз Назири шикорчии кӯҳгарди паҳлавон чӣ мондааст! Сояе мондаасту халос.

Ба чашми ҳаммолон ҳам об омад, онҳо бо остинҳои дарида ашки худро пок карданд. Мутаваллӣ бо як даст шамъро нигоҳ дошта ва бо дасти дигар ришашро гирифта бо камоли тааҷҷуб ба Восеъ ва Назир менигарист.

– Магар ӯ бародари туст?

– Ҳо, тақсир, – гуфт Восеъ. – Ман аз Балҷувон ба суроғи ӯ омада будам, якуним моҳ боз ӯро меҷӯям. Аз ёфтанаш ноумед шуда ба ватанам баргаштанӣ будам, шукр имрӯз аз шарофати ин ҳамватанон, – ӯ ба ҳаммолон ишора кард, – бародарамро ёфтам.

Назир сари худро ба китфи Восеъ гузошта, чашмони хушкашро пӯшида орому хомӯш менишаст. Зоҳиран ӯ на ёрои гап задан дошт ва на маҷоли гиристан.

– Бародари бечораам, ғарибам... Ин чӣ кулфате буд, ки ба сари ту омад?.. Ту чӣ тавр ба ин зиндон, ба ин лаҳад ғалтидӣ?..

– Тақдир... тақдир... – пичиррос мезад Назир.

– Ту зиндону лаҳад нагӯй, ки кофир мешавӣ, – Восеъро насиҳатомез огоҳ карда монд мутаваллӣ. – Астағфируллоҳ гӯй, бандаи Худо, ин ҷо чиллахонаи ҳазрати Шоҳи Зинда аст. Дар ин ҷо бандагони осӣ ба даргоҳи Худо тавба мекунанд, аз гуноҳ пок мешаванд. Ин мард намедонам чӣ гуноҳе карда будааст, як нафар ҳамшаҳрии муллояш вайро ба ин ҷо оварда монд. То чил шабу чил рӯз дар ин чиллахона нишаста, рӯзе ба дуто нон ва як коса об қаноат карда ба даргоҳи Ҳақ тавба кунад.

– Ин бечора гуноҳе накардааст, ки тавба кунад, тақсир, – гуфт Восеъ. Акнун боз овози ӯ монанди пештара батамкин ва ҷиддӣ гашта буд. – Гуноҳаш ҳамин, ки ғариб аст, бекасу кӯй аст. Гунаҳгор он ноинсофоне ҳастанд, ки ба ӯ туҳмат зада дар ин балоҳо андохтаандаш. Ба чилла онҳо шинанд!

– Тавба кун, э муъмин, тавба кун! Банда бегуноҳ намешавад. Ҳамаи мо ба даргоҳаш гунаҳгорем, осием.

– Ӯ мурда мемонад, тақсир; бинед, маҷоли ҷунбиданаш ҳам намондааст. Ман имрӯз дарак карда ягон ҷой меёбаму пагоҳ ӯро гирифта мебарам; то тавонистанам як ду ҳафта парвояш мекунам, ки ба худ ояд.

Назир боз бо овози хастаи нимшунаво гуфт:

– Мадрасаи Тиллокорӣ бирав. Мулло Сафар дар он ҷост. Ӯро пурс. Мадрасаи Тиллокорӣ... Ӯ маро ба ин ҷо овард...

* * *

Ҳаммолон Восеъро аз Шоҳи Зинда рост ба Регистон бурда мадрасаи Тиллокориро нишон доданд.

Ӯ аз муллоҳои дар таги пештоқи мадраса нишаста Мулло Сафарро пурсид, онҳо ҳуҷраи муллоро нишон доданд ва гуфтанд, ки ӯ ду–се–рӯза ба кадом ҷое баромада рафта буд, бояд ҳамин рӯз ё пагоҳ омада монад. Дари ҳуҷраи мулло қуфл буд.

Восеъ боз ба Шоҳи Зинда рафт. Дар қарибии мазор бозорчае буд, ӯ дар он бозор як коса шир, дуто кулчаи ширмол хариду мутаваллиро ёфта ба дасташ дод, хоҳиш кард, ки ба Назир расонад. Худаш то шаб ду бор ба мадрасаи Тиллокорӣ рафта хабар гирифт, аммо дари ҳуҷраи Мулло Сафар ҳамоно қуфл буд. Мулло фақат бегоҳии рӯзи дигар пайдо гардид. Восеъ ба қабати дуюми бинои мадраса баромада ба ҳуҷраи тангу тор ва бетирезаву равзанае дохил шуда, пирамарди харобаки гарданборик ва рангзардеро дид, ки дар паси хонтахтаи пастак нишаста, китоберо бо ду даст ба чашмони айнакдораш наздик бурда мутолиа мекард.

Дар фарши хиштини ҳуҷра намади дарида, як кӯрпачаи куҳна ва як лӯлаболишти чиркин, бар рӯйи хонтахта давоту қалам ва чанд нусха китоби дигари фарсуда паҳну парешон хобида буданд. Дар кунҷи поёнии ҳуҷра ба паҳлуи дар оташдоне ва дар болои оташдон дегчае ба назар мерасид. Аз покизагии даруни оташдон ва набудани ҳезум маълум шуда меистод, ки дар таги дегча дербоз оташ дарнагирифтааст.

Дар ҷавоби саломи Восеъ пирамард сар боло карда аз паси айнаки ресмонбандаш хира нигариста бо як оҳанги мардумбезорона гуфт:

– Ҳа, боз ин кист?

Восеъ аз ин муомила дар тааҷҷуб монд ва андак тааммул карда гуфт:

– Ман аз Балҷувонам, домулло, додари Назирам. Ба суроғи бародарам омада будам.

Башараи Мулло Сафар кареҳ шуд:

– Назир? Боз вай кадом Назир?

– Ҳамон Назире, ки шумо ӯро дар Шоҳи Зинда пинҳон кардаед.

Мулло Сафар ба саропойи Восеъ бо назари шубҳаву санҷиш нигоҳ карда, ӯро ба нишастан таклиф намуд:

– Бишин охир, чаро рост меистӣ, пеши рӯшноиро гирифта?–гуфт ӯ. Таоруфи мулло ҳам тунди ситезаомез буд.

Восеъ дар пойгаҳ зону зад.

– Балҷувонӣ ҳастӣ?

– Ховалингӣ ҳастам.

– Кӣ мешавӣ?

– Дар он ҷо деҳқон, ҷувозкаш будам, дар ин ҷо мусофир. Назир додархондам мешавад.

Мулло Сафар ба саҳифаи китоби дар дасташ буда хатчинак гузошта онро пӯшонду хастаҳолона пушт ба девор дода, айнакашро гирифта чашмони хастаи камнурашро бо ангуштонаш сахт–сахт молид. Ӯ акнун дар ҳаққи Восеъ аз шубҳа баромада, омодаи бо ӯ пурсупос кардан шуда буд.

– Ба ту кӣ гуфт, ки Назир дар Шоҳи Зинда аст?

– Дар бозор ба ду мардикори кӯлобӣ дучор шудам, ҳамонҳо гуфтанд. Онҳо ба хонаи як шайхи Шоҳи Зинда ангишт бурда будаанд, шайх ба онҳо гуфтааст, ки ҳамватани шумо дар ин ҷо чилла нишастааст, биравед, хабараш бигиред. Дина ҳамроҳи кӯлобиҳо рафтем, хабар гирифтем.

– Ӯро дидӣ?

– Дидам. Дар таҳи мазор нимзиндаву ниммурда шиштааст.

Пас аз ин Восеъ аз саргузашти худ гап зад, воқеаҳои Шаҳри сабзро гуфт, ёфт шудани кушандаи ҳақиқии Инятуллоҳбой ва акнун бегуноҳ баромада аз хатар раҳо ёфтани Назирро нақл кард. Мулло Сафар чашмонашро нима пӯшида дар ҳолати муроқиба, гӯё ки пинак рафта, ҳикояти Восеъро як навъ бе диққату эътино гӯш кард. Баъд мисли ин ки худаш барои худаш воқеаи гузаштаеро ба хотир меоварда бошад, чунин гап сар кард:

– Худи ман ҳам сарихосорӣ ҳастам. Аз Шаҳидонам. Назир аз Афардӣ. Якдигарро аз хурдӣ мешиносем, як вақтҳо қати ӯ дар пеши домулло Ҳакими сарихосорӣ сабақ ҳам хонда будем, Назир дар Самарқанд будани маро, дар ҳамин ҳуҷра нишастанамро медонист: вақте ки муфтии самарқандӣ – соҳиби ҳамин ҳуҷра бо ман дар Бухоро шинос шуда, «ба ман якчанд нусха китобат карда медиҳӣ» гуфта, маро бо худаш ба Самарқанд меовард, ман дар роҳ – дар Шаҳрисабз Назирро дида будам (вай дар он вақт ба дари ҳамон бойбачаи кушта шудагӣ хизмат мекард; бо вай ман ба Самарқанд расида дар куҷо истоданамро гуфта будам... Як шаб дари ҳуҷра тақ–тақ шуд, хеста шамъро даргиронда дарро кушодам, бинам ки як марди мӯйсару ришаш расидагӣ, сару танаш пора–пора, пойлуч истодааст. Аввал ӯро нашинохтам, баъд гап зада буд, ки шинохтам – Назир будааст. Аз Шаҳри сабз гурехта, монанди дуздон дар кӯҳу даштҳо пинҳон шуда, шаб роҳ гашта, охир ба Самарқанд расидааст. Маро пурсуков карда ёфтааст. Кулфатҳои кашидаашро нақл кард, ки агар ба санг мегуфт, санг об мешуд. Донистам, ки бало ба сараш қоим аст ва ҷонаш дар хатар. Гуфт «ҳамватанам ҳастӣ, мадад хоста омадам». Андешидам, ки ӯро чи кор кунам. Гуфтам «Ба Шоҳи Зинда мебарамат. Садқаи сар, чор–панҷ танга ёфта ба дасти мутаваллӣ медиҳам, ӯ туро дар чиллахонаи мазор пинҳон мекунад. Ягон моҳ чилла менишинӣ, баъд... паноҳат ба Худо».

Восеъ гуфт:

– Домулло, ман бояд, ки Назирро ба Балҷувон гирифта барам, аммо ӯ беқувват аст, дармонаш нест. Ӯро як ду ҳафта парвариш кардан лозим, ки андак ба мадору қувват биёяд. Шумо, домулло, ба Назир ҳамин қадар некӣ кардаед, раҳмат, некиатон аз Назир ё аз ман нагардад, аз Худо гардад. Акнун аз шумо илтимос ҳамин, ки домулло, боз як некиро дареғ надореду ягон ҷойи муносиб ёфта диҳед, ман Назирро ба ҳамон ҷо кӯчонам. Ҷойи ба иҷора бошад ҳам майлаш, лекин он қадар қимат набошад. Ман камтар пул дорам, боз мардикорӣ, ҳаммолӣ карда як танга – ду танга меёбам. Агар Назир боз аз ин зиёд дар он лаҳад шинад, ҷазир мешавад, домулло, мурда мемонад.

– Аҷалаш нарасида бошад, намемурад, – гуфт Мулло Сафар. – Чил сол вабо шавад ҳам, аҷалаш расидагӣ мемурад. Ту ғалатӣ гап мезанӣ, додар: ман ки худам дар ин шаҳр мусофирам, бехонумонам барои Назири ту ҷойро аз куҷо меёбам?

– Охир, шумо, ки мулло бошед, домулло, мардум шуморо иззат мекунанд, гапатонро мегиранд. Магар аз ёру дӯстони мусулмони шумо касе ёфт намешавад, ки як ғарибі бечораву дардмандро як ду ҳафта паноҳ диҳад?

– Якта шиносам базӯр ба худам дар ҳамин ҳуҷра паноҳ дод.

Восеъро ғам гирифт. Сарашро пойин андохта фикр мекард, ки чӣ бояд кард. Мулло ҳам ба сукут рафт. Баъд гуфт:

– Хайр, Назирро ба ҳамин ҷо биёр. То ягон ҷойи муносиб ёфтанат вай се–чор рӯз дар ҳамин ҳуҷраи ман хоб карда истад ҳам мешавад.

Восеъ Назирро аз чиллахона бароварда ба ҳаммом бурд; ба сартарош мӯйи ӯро тарошонд. Бо илтимоси вай ҳаммомчӣ барои Назир яктаҳу лозимии нимдошти карбосин ва як ҷомаи алочаи абрастари куҳна оварда дода, аз Восеъ дувоздаҳ танга гирифт.

Сипас мусофирон ба ҳуҷраи Мулло Сафар равон шуданд.

## БОБИ ДУВОЗДАҲУМ

Восеъ каме гӯшту равған харида овард, соҳиби ҳуҷра хомшӯрбо пухт. Ба Назир ним коса оби шӯрборо бо як бурда нон хӯрониданд; ӯ сер нашуда бошад ҳам, барои дафъаи аввал аз ин зиёд хӯрок надоданд, то ки меъдаи аз гуруснагӣ фушурда шудааш ба ҳазми таом оҳиста–оҳиста одат кунад. Бечора аз ин хӯроки гарм, ки дар чор ҳафтаи охир аввалин бор хӯрда буд ва аз шодии дидори додархондааш маҷолу қуввате ёфта, ҳатто дар суҳбати баъдина ҳамроҳӣ кард. Албатта, дар беҳбудии аҳволи Назир хабари аз таъқибу кофтукови ӯ даст кашидани раису миршаби Шаҳрисабз низ бетаъсир набуд.

Пурсуков ва суҳбат то гашти рӯз давом кард. Мулло Сафар намози пешинро хонда омада буд, ки суҳбат боз авҷ гирифта то шом тӯл кашид. Ҳамватанони мусофир ба якдигар саргузаштҳои аламноки худро нақл карда дарду ҳасрат менамуданд. Баъд аз намози хуфтан хизматгори муфтӣ аз хонаи хӯҷаинаш як коса ош ва дуто нон овард, ҳарифон ин хӯрокро ҳам ба ҳам диданд ва баъд чой нӯшида боз сари суҳбатро во карданд. Восеъ аз бозе ки ба сафар баромада буд, имрӯз якумин бор, мисли ин ки бори гаронеро аз дӯшаш фурӯ афканда бошад, дар худ сабукӣ ва хушҳолие ҳис мекард. Ӯ ва Мулло Сафар нишаста, Назир бошад баъд аз сарфи ду пиёла чойи гарм бар болои намад дароз кашида буд. Пиёлаи балғамии қадоқин дар байни ӯ ва меҳмонаш беист радду бадал мешуд.

Восеъ воқеоти сафарашро аз Балҷувон то Самарқанд бо шеваи кӯҳистонии худ басо рангину обдор нақл мекард. Он шаб гӯшҳои Мирзоакрамбой, Саидасрори мутаваллии мазори Хоҷа Балҷувон, ҳоким ва раису миршаби Шаҳрисабз ва бисёр шахсони дигар бояд хеле тафсида бошад...

Мулло Сафар дар ҳаққи закотчии собиқи Қубодиён гуфт:

– Бешак, ӯ боз тараққӣ мекунад, ба мансаби калонтар мерасад.

– Кӣ? Ҳамин Мирзои Қорӣ? – таааҷҷуб кард Восеъ.

– Бале, – тасдиқ кард Мулло Сафар – ҳамин Мирзои қории ту.

Сухани мулло муаммоӣ буд, тааҷҷуби Восеъ ва Назир кам нашуд, зиёд шуд. Онҳо ба маънии «каромат»–и мулло дар ҳаққи Мирзоакрамбой сарфаҳм нарафтанд.

Мулло Сафар маънии суханашро возеҳ кард:

– Ба ҳавлии Эшони Махдум, – гуфт ӯ, – то муттаҳамӣ ва дайюсӣ накунӣ, к... налесӣ, зердастонро зери по накунӣ ва пӯст наканӣ, ба болои дину диёнат баромада на р..., дар мулки Бухор ба мансабу мартабае намерасӣ. Қории туро ман мешиносам, вай аз ҳамон харк... онест, ки ҳамаи ин корҳоро карда омадаанд ва агар бӯйи нафъеву мансаберо шунаванд, боз зиёдтар мекунанд. Амир ҳамин хел одамонро дӯст медорад, чунки онҳо аз ҷинсу зоти худаш мебошанд.

Восеъро аз афти кор ин гап барояш бисёр ғалатӣ ва шавқовар омада буд, ки як ҷунбида ба мулло наздиктар нишаста гирифт. Охир, ин бори аввал буд, ки ӯ аз забони як нафар мулло ин навъ суханҳоро мешунид. Муллоҳои шиноси Восеъ дар ҳаққи амиру амалдоронаш дар ғайбашон ҳам «шумо» гуфта бо таъзиму такбир гап мезаданд.

– Эшони Махдум кист? – пурсид ӯ.

Мулло Сафар ҷавоб надода, чароғаки сиёҳи нефтиро аз тоқча гирифта онро аз шуълаи шамъ даргиронду шамъро хомӯш карда ба кунҷаки тоқча гузошт. Шамъро ӯ барои шуғли китобаташ сарфа мекард. Рӯшноии ҳуҷра хиратар шуда, аз шуълаи чароғаки сиёҳ дар девори ҳуҷра сояҳои калони ришдори ду мард ба ҷунбиш омаданд.

Баъд мулло боз дар ҷояш нишаста:

– Он кас пири ман, ҳодии мананд, – гуфту дигар дам назад. Аз афти кор, ӯ дар бораи пираш ва ҳодияш ба меҳмонони омии худ аз ин зиёд гап задан намехост.

Дар байни суҳбат Мулло Сафар аз Восеъ пурсид, ки ӯ аз кӯҳистон чӣ хабари хуше овард? Дар он ҷо зиндагӣ чӣ тавр, нарху наво чӣ гуна аст?

Восеъ ба ӯ аз ватанаш чӣ хабари хуше расонда метавонист? Ду сол боз хушксолӣ ва қаҳтист. Нархи як ман гандум то ба сию ду тангаи подшоҳӣ баромад. Ин баҳор ғалла нағз рӯйида дунбул шуда буд, аммо назар ба гуфтаи мардикорони балҷувонӣ ва кӯлобӣ, ки Восеъ бо онҳо дар Шаҳрисабз дучор шуд, ба қарибӣ он тарафҳоро малах пахш карда, киштҳои ғалларо хӯрда рафтааст...

– Мондагиашро малахи манғит мехӯрад, – аз ҷояш нимхез шуда гуфт Назир. – Деҳқони худозадагӣ боз ҳам гушна, боз ҳам алафхӯр.

– Сазои шумо мардум ҳамин, – ба ногоҳ таънаомез гуфт Мулло Сафар. – То вақте ки шумо ҳама ба ҳокиму амалдорон фармонбардореду онҳо ҳар номаъқулие ки кунанд, дам назада гарданатонро хам карда меистед, аз гушнагию алафхӯрӣ халос намешавед.

Ин гап боз ҳам ғалатӣ ва аз ғайри чашмдошти кӯҳистониёни мо буд.

– Чӣ тавр фармонбардор набошем, – ҳайрон шуд Назир, – охир мо фуқаро бошем, онҳо ҳоким бошанд, ҳукмашон ба фақирон раво бошад...

– Ҳукми ҳоким ба шарте равост, ки аз шариат берун набарояд. Аммо бисёрии ҳукму фармонҳои амир ва амалдоронаш номашрӯъ, ботил аст. – Мулло Сафар як қулт чойро фурӯ дода, бо овози паст гӯё, ки барои худаш гап мезада бошад, суханашро давом дод: – Гуфтаҳои Эшони Махдум ҳақ асту рост... Худои таоло аз ин амирони ҷоҳил, вазирони коҳил, сипоҳиёни гумроҳи ғофил кайҳо рӯй гардондааст.

Агар рӯй намегардонд, насоро сеяки мамлакаташонро зер карда намегирифт. Амиру амалдоронаш медонанд, ки давлаташон дер намепояд, Русия пагоҳ–фардо боқимондаи мулки амирро ҳам бо ҳамроҳии пойтахташ

Бухоро зер карда мегирад, бинобар ин амир, ҳокимони қалъаҳо, амалдору сипоҳиён ҳар кадоме дар ғами худ мебошанд, «баъд аз сари ман офтоб набарояд» гуфта раиятро ғорат карда молу дунё зиёд мекунанд, то ки баъди аз даст рафтани ҷою мансабашон боз ҳам бо давлату неъмат зиндагӣ ба сар баранд. Мулк вайрон, шариат хор, дину диёнат зери по... Уламои ҳақношинос чокари амиру вазир шуда, манфиати ҳозираи худро мадди назар карда, «молу мулки фуқаро ҳамагӣ аз они ҷаноби олӣ аст, раиятро ҳаққи моликият нест; агар амир ҳар чиз аз фуқарои худ ситонда гирад, ҷабру зулм накардааст, балки аз молу мулки худ гирифтагӣ ҳисоб мешавад», – гуфта фатвоҳои номашрӯъ медиҳанд. Амир фосиқ ва ғофил, вазир ноомил, раису қозӣ ришватхор, мушриф молимардумхӯр, миршаб шарики дузд, амини бозор ҳаромхӯр, ноиб обфурӯш... Аз рӯйи шариати муҳаммадӣ ҳеҷ кадоми инҳо ҳаққи фармонравоӣ кардан надоранд; агар касе ба ҳукму фармонҳои онон итоат накунад, гунаҳгору ёғӣ намешавад... Ҳар чизе, ки онҳо ба номи хироҷу ушру закоти савоим аз фуқаро меситонанд, ҳама ноҳақ, ҳама яғмогарист...

Восеъ ба даҳони гӯянда чашм дӯхта карахт шуда монд. Мулло гӯё, ки дили Восеъро кафонда нигоҳ карда, дарду алами ӯ, рози ниҳонии ӯ, хаёлу андешаҳои ӯро дарёфта тафсир мекард. Назир ҳам дам ба дам нимхез шуда гӯши росташро ба тарафи мулло карда, (зеро гӯши чапи ӯ андак вазнин буд) кӯшиш менамуд, ки ягон калимаи ӯро нашунида намонад.

– Давлати амир дер намепояд, – такрор кард, Мулло Сафар. – Ман дар китоби Алломаи Дамирӣ хондам, он бузургвор мефармоянд, ки ҳар як подшоҳи шашум аз тахташ меғалтад, сарнагун мешавад. Музаффархон ба шумор амири манғития, аммо аслан амири шашум аст: амакҳои вай Ҳусайнхон ва Умархон ҳар кадоме як моҳ–ду моҳ дар тахт нишаста бошанд ҳам, зотан подшоҳӣ накардаанд, кушта шудаанд; инҳо ҳисоб не. Писари калонии амир –

каттатӯра Абдулмаликро дар Ҳиндустон аз англис ва аз амири Афғонистон Абдурраҳмонхон мадад гирифта, лашкар гирд оварда гаштааст, ба ин тараф лашкар кашида бо падараш нияти ҷаҳод кардан дорад мегӯянд. Абдурраҳмонхон душмани Музаффархон аст, зеро вақте ки Абдурраҳмонхон як вақте гуреза шуда ба Бухоро паноҳ оварда буд, Музаффари номард он меҳмони паноҳҷӯйи худро бисёр беҳурмат карда, озор дода буд. Мири Зард ҳам бо каттатӯра ҳамроҳ будааст... Ба қарибӣ дар Бухоро овоза шуд, ки дар Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин мардум шӯрида гӯё чандин амлокдору закотчиро куштаанд, ҳатто Худойназар аталиқи Қаротегинро ҳам куштаанд; гӯё ҳисориён аз ҳоким Абдумуъмин-тӯра талаб карда бошанд, ки «Кӯҳистонро аз Бухоро ҷудо карда гир; агар ҷудо карда нагирӣ, мо ба Тошканд вакилони худро фиристода аз ҳокими рус хоҳиш мекунем, омада Ҳисорро гирифта ба хоки Русия ҳамроҳ кунад, мо ҳама табааи Русия мешавем». Оё ту хабар надорӣ, ҳамин гапҳо рост бошанд ё не?–аз Восеъ пурсид Мулло Сафар.

– Худатон медонед, – ҷавоб дод Восеъ, – дар ҳар як овоза росташ ҳам ҳасту дурӯғаш ҳам. Кушта шудани аталиқи Қаротегин дурӯғ аст. Лекин дар Ғарм як рӯзи бозор мардум амини бозорро шапидаанд[1], сабабаш– аминонаро ӯ ду баробар–се баробар мечидаасту сеякашро ба кисаи худаш меандохтааст, сеякашро ба аталиқ медодаасту сеяки дигар ба хазина. Ду–сета навкару сарбозро ҳам зада маиб кардаанд. Инаш рост. Ман зимистон аз барои ғалла харидан ба Қаротегин рафта будам, дар ҳамон ҷо ин гапро аз одамони дидагӣ шунидам. Аз Ҳисор агар пурсед, онҳо ба ҳоким: «Ҳисорро аз Бухоро ҷудо кун, мо фуқарои Русия мешавем» гуфта ғавғо карда бошанд ё не, инашро лекин нашунидам, намедонам; аммо як ду бор аз забони ҳисориёни ба бозори Балҷувон омадагӣ ба гӯши худам

[1]. Шапидаанд – задаанд.

шунидам, ки мегуфтанд: «Ҳоким адолат намекунад, амалдору сипоҳӣ ба сони гургу шағоли гушна худашонро ба молу ҷони фуқаро мезананд, занону духтарони мардумро беномус мекунанд, аз дасти онҳо доди мо ба ҳеҷ ҷо намерасад, аз ин хел ҳокиму амалдор ба мо фуқарои урус шудан авлотар аст». Боз агар аз кӯҳистон бипурсед, дар кӯҳистон ҳар ҳафта, балки ҳар рӯзи Худо гоҳ ин ҷо, гоҳ он ҷо аз боиси хироҷу закот ҷанҷол, занозанӣ, шӯру ғавғо сар мезанад.

Мулло Сафар ва меҳмонони ӯ бо ҳамин навъ суҳбат шабро қариб ба субҳ расонида, наздики бомдод хоб карданд. Мулло Сафар ягон ним соат ғанаб карду бархоста ба намози бомдод рафт. Восеъ бошад то соате хобаш набурда дар болои суханони Мулло Сафар фикр мекард ва ба худ савол медод, ки мулло ин ҳама сирру асрори амирон, ҳокимон, амалдорон, сипоҳиёнро аз куҷо медонад ва пири ӯ – Эшони Махдум кӣ бошад?...

* * *

Мулло Сафар зиндагии пурмашаққате ба сар бурда буд. Дар синни дувоздаҳсолагӣ бо падари бенавояш дар пайи ризқу рӯзӣ аз Балҷувон ба Марғелони Фарғона омада, падараш дар ғурбат мурда, худаш ятими дари як нафар домуллои мактабдор шуда аз вай хатту саводи тоҷикӣ ва арабӣ омӯхт.

Бача зирак ва хушзеҳн буд; чун ба туфайли дастёрии домуллояш ва ҷӯрагии шогирдони ӯ – писарони косибу ҳунармандони шаҳр ба ҳавлиҳо ва устохонаҳои падарони онҳо рафтуомад дошт, ба кори он устоҳо зеҳн монда–зеҳн монда, худ ба худ заргарӣ, наққошӣ, муҳрканиро ёд гирифт. Аз олами суду зиён бехабар ва дар тариқи касби маош ноомил, ки буд, ба илова дастмоя ҳам надошт, баъдҳо натавонист устохонае кушода мустақилан ба яке аз ҳунарҳои худ машғулӣ кунад.

Аз ҳарчӣ зиёдтар ба хаттотӣ–хушнависӣ моил ва

шавқманд буда, ба андак муддат дар ин санъат ҳам баҳра ва маҳорати лозима ҳосил намуда хушнависи номӣ гардид, ба ҳадде, ки овозаи хушнависии ӯ ба гӯши хони Хуқанд Муҳаммадалихон ҳам расид ва хон ӯро ба ӯрдаи худ хонда, ба зумраи мирзоҳояш даровард. Мулло Сафар дар баробари шуғли мирзоии худ, дар пеши Абдурраҳмонхоҷаи охунд–аълами Хуқанд муддати панҷ сол таҳсили илм намуда «Кофия», «Шарҳи Мулло», «Мухтасар-ул-вақоеъ» ва «Ҳидоя»-ро хатм кард.

Худи Муҳаммадалихон ҳам хушнавис ва марди фозиле буд, аммо хони сонӣ Худоёр, ки саводро сават ва ҳунармандро урарман[1] мегуфт, аҳли фазлу ҳунарро қадр накард.

Мулло Сафар аз фитнаи рақибони бахил ва фасоди бадхоҳони разили худ гурехта ба Бухоро рафт. Дар он шаҳр ӯ ба мадрасаи Ғарбия ҳуҷранишин шуда дарсхонии худро давом дод. Ваҷҳи маошаш рӯзе ба якто нон ва як чойнак чой базӯр мерасид, муллои ҷавон ноилоҷ санги қаноат ба шикам баста, бисёр рӯзҳоро ба гуруснагӣ шаб ва шабҳоро рӯз мекард.

Соле, ки дар Бухоро вабо хест, ӯ ба касалии вабо мубтало шуда аз асари он муддати се сол бистарӣ гардид. Дар шаҳр одамони ғарибнавоз кам набуданд, шиносон ва ошноёни Мулло Сафар аз ҷумла котибу хаттот, заргару наққошони бухорӣ беморро ба хонаҳои худашон бурда парасторӣ мекарданд. Якто–нимто ҳамватанони ҳисорӣ ё кӯлобиаш ҳам аз вай хабар гирифта меистоданд. Ӯ марди риёзаткашида ва ҷонсахте, ки буд, намурд, сиҳат ёфт.

Рӯзе аз рӯзҳо ӯ дар дасти як нафар ошнои мадрасагии худ «Наводир–ул вақоеъ»–и Аҳмади Донишро дида, хостгори мутолиаи он китоб шуд. Майли ӯ ба хондани асари Аҳмади Калла аз рӯйи кунҷковӣ буд, ки яъне бубинам ин кофир ва зиндиқ чиҳо навишта бошад. Охир, домуллоҳои

---

[1]. Урарман – маънии ин калима ба ӯзбекӣ «мезанам» мебошад.

калон, ки Мулло Сафар ҳатто кафшбардори онҳо шуданро барои худ шараф медонист, Аҳмад махдумро кофири бесалоту такбир, бидъаткор ва шогирди шайтон меномиданд; мегуфтанд, ки ӯ дар вақтҳои ба «Маскову Фитирбурх» рафтанаш дар он шаҳрҳои Русия бо кофирон тарҳи дӯстӣ андохта, аз онҳо нақшаи замину осмон ва тарҳи гардиши моҳу офтобу ситораҳоро, ки ҳама бешакку шубҳа макри шайтон аст, гирифта оварда, дар девори меҳмонхонааш овехта мондааст ва инчунин бо талқини ҷину париҳо сӯхтани моҳу офтобро пешакӣ дониста хабар медодааст. Боз мегуфтанд, ки ӯ домуллои калон, шайху эшонҳои соҳибкароматро ҳурмат намекунад ва назараш намегирад, ки ин ҳам як аломати кофирии ӯст. Мулло Сафар ҳар боре, ки аз забони домуллоҳо ин навъ суханҳоро мешунид, «ба он дӯзахӣ»–ба Аҳмади Калла ғоибона лаънатҳо мефиристод.

Аммо, инак, «Наводир–ул–вақоеъ»–китоби калони Аҳмади Калла. Ошнои Мулло Сафар онро лутфан ду–серӯза барои мутолиа ба ӯ дод. Мулло хоби се–чоршабаро вақфи ин китоб намуда, онро дар рӯшноии шамъ хонда баромад. Хондаравон фикраш дар бораи муаллифи китоб дигар шудан гирифт. Аз саҳифаҳои китоб кам–кам дар назари ӯ як донишманди алломае, нависандаи забардасти ҳақиқатнигоре арзи вуҷуд мекард.

Аз воқеаҳои баён карда истодаамон андак пештар рафта, бояд гӯем, ки Мулло Сафар дертар, баъди шахсан шиносо шуданаш бо Аҳмади Дониш, рисолаи дигари ӯро ҳам, роҷеъ ба ҳукмронии амирони манғития, аз худи муаллиф гирифта хонда баромад.

«Наводир–ул–вақоеъ» ва «Рисола» ба муллои мо чунон таъсире карданд, ки аз он баъд ӯ ба ҳама чиз бо чашми Аҳмад Махдуми Дониш нигоҳ мекардагӣ шуд. Ӯро хусусан ҳақгӯӣ ва нотарсии Махдум дар танқиди амирон ва ҳокимони ситамгар, сипоҳиёни ғаддор, мударрисони ҷоҳил, раису қозиҳои коҳил ва ғайра ва ғайра ба ҳайрат

андохт, мафтун кард. Ҳамаи «назму насақ»-и аморат, феълу атвори «ҳукамо ва уламо»-и Бухоро ба назараш ниҳоят расво, паст, нолоиқ намудан гирифт. Ӯ фаҳмид ва қонеъ шуд, ки салтанати амирони охирини манғития «аз ғайри ҳақ ва аъмолашон хилофи шариат» аст.

Сонитар ӯ бо Махдум шахсан шиносо шуд.

Боре ӯ дар аввали баҳор баъд аз сиҳат ёфтанаш аз касалии вабо, пиёда ба тарафи Кармина саёҳат карда, як ҳафта деҳа ба деҳа ва манзил ба манзил гашта ба мазори Қосимшайх расид ва шаш моҳ дар сари он мазор шарики назру ниёзи шайхон ва дарвешон шуда истиқомат кард.

Аз рӯзҳо як рӯз се–чор нафар муллои роҳгузар дар он ҷо ба зиёрати мазор таваққуф намуданд. Яке аз онҳо марди қоматбаланд ва каллакалоне буд, ки дигар ҳамроҳонаш бисёр иззату ҳурмат менамуданд. Он мард андак забонаш гирифта сахт–сахт гап мезад, аммо фақат оҳанги гуфтораш сахт буд, вагарна суханҳояш ҳама духӯра, тагдор, бозарофат ва ба ҳазлу мутоибаҳои ширин омехта буданд. Каллаи калонаш андак ба як сӯ хам буд.

Аз рӯйи ин нишонаҳо Мулло Сафар донист, ки он шахс Аҳмади Дониш аст. Муллои мазорнишини мо, ки дербоз таманнои дидор ва дастбӯсии «он азиз»-ро дар дил дошт, бе ҳеҷ муқаддима якбора ба пойи ӯ ғалтида кафши хоколудашро бӯсид ва гирист. Дар ҳолате, ки рӯяш ба замин буд, овози қаҳролуди Махдумро шунид, ки бо забони лакнатдор сахт–сахт мегуфт:

– Ин чӣ зиллат, чӣ з–забунист? Шумо кистед, чаро х–худатонро ин қадар хор медоред? Ман худ к–кистам, ки ба поям меғалтед? Хезед!

Мулло Сафар ҳайрон шуд, саросема гардид. Ӯ дар умраш ба пойи бисёр «азизони соҳибкаромат» ҷабҳасоӣ карда буд, ҳамаи онҳо таъзиму тавозӯи ӯро ҳамчун як нишонаи одии ихлосмандӣ ва савобҷӯӣ пазируфта дар ҳаққаш дуо мекарданд. Бинобарин, он чи ки ҳоло муллои мо аз ин “Эшон” шунид, тамоман аз ғайри чашмдошти ӯ буд.

– Банда Мулло Сафари котиб ва наққошам, – бархоста ду дасти адаб ба пеш гирифта гуфт Мулло Сафар. – Банда дербоз муштоқи дидори файзбор ва шарафосори ҳазратам будам, шукр ки имрӯз ба карами раббонӣ ва инояти субҳонӣ ба дидорашон мушарраф шудам.

«Ҳазрат» каллаи калони ба як сӯ хамашро хамтар карда нохушнудона чизе ғур–ғур карду ба суфаи зери садаи пире, ки дар он ҷо ходимони мазор ҷой таҳия карда буданд, рафта нишаст. Ҳамроҳонаш дар гирду пеши ӯ ҷой гирифтанд.

– Биёед, шинед, – Махдум «мушаррафи дидор»-и худро ба наздаш хонд.

Мулло Сафар бо тавозӯъ пеш омада дар пойгаҳи суфа зону зад.

– Ман номи ш–шуморо шунида будам, – ин дафъа бо забони нармтар гуфт Махдум, хаттатон ва б–баъзе тавсияҳоятонро дидаам. Мулло Раҳмат, – Махдум ба яке аз ҳамроҳони ҷавонтараш ишора кард, – дар кадом нусхае ба ашъори ш–шумо бархӯрда, ду–се қитъаро п–пеши ман хонда буд. Афсӯс, ки х–худатон ягон бор ба п–пеши мо наёмадед. Ман шуморо як м–марди сарбаланд ва муфтахир г–гумон карда будам, лекин шумо б–ба пойи ман афтода худатонро х–хору забун гирифта, маро х–хиҷолат додед. Чӣ ман вазирам, қ–қозикалонам, раисам магар? Ман як нафар ҳамкасабаи ш–шумоям, вассалом. Ба Худо, ки «д–дидори файзбор» ҳам надорам.

Махдум дар ин ҷо як табассуми кушоду фарох намуда суханашро давом дод:

– Агар ин ришу ин саллаи маро «ф–файзбор ва ш–шарафсор» гӯед, онро ш–шумо ҳам доред. Ё агар муроди ш–шумо ин каҷкаллаи калони ман бошад, ман то алҳол аз ин к–калла ғайр аз ғаму ғ–ғусса дигар ҳеҷ ч–чизе ҳосил накардаам. – Давоми суханашро Махдум боз бо ҷиддият гуфт: – Таъзиму т–тавозӯъ дар пеши як нафар монанди худӣ хуб нест, хилофаш ш–шарофати одамист.

Таърифи ҳунарҳои Мулло Сафар аз забони донишманде ҳамчун Аҳмад Махдум ӯро ниҳоят шод ва хушнуд гардонида бошад, танқиди Махдум шармсор ва мулзамаш сохт.

– Ин шикастанафасӣ аз некии зоти ҳазратам аст, ки бузургии ҳазратамро дар чашми банда, дуболо мекунад, – худро гум накарда муаддабона гуфт Мулло Сафар, – аммо таманно дорам, ки ҳазратам ба карами худ гуноҳи бандаро афв фармоянд, зеро, ки «гадо агар тавозӯъ кунад, хӯйи ӯст».

– Ҳеҷ гап не, ҳеҷ гап не, – неши танқидашро кунд карданӣ шуд Махдум, зеро ба Мулло Сафари хаттот ва наққош ғоибона иродате дошт. – Аз г–гапи ман наранҷед, ман ҳурмати ш–шуморо медонам. Касеро, ки ман ҳ–ҳурмат намекунам, ҳаргиз ба рӯяш ин навъ с–суханҳо намегӯям... Ҳар гоҳ ки б–ба Бухоро рафтед, ба п–пеши мо биёед, чақ–чақ мекунем...

Мулло Сафар ин даъвати лутфомези Аҳмади Донишро ба ҷон пазируфта, баъдҳо дар Бухоро чандин бор ба наздаш рафт, бо ӯ мусоҳиб шуд. Дар дилаш Донишро шахси фарзонӣ ва муаллими сонӣ хонда, мухлиси дилбохтаи ӯ гашт.

Ҳоло хонанда бояд пай бурда бошад, ки ҳар он чи Мулло Сафар дар бораи аҳволу атвори аморат ва афъоли соҳибмансабони вай ба Восеъ ва Назир гуфт, бо забони Аҳмади Дониш ва китобҳои ӯ гуфт...

* * *

Восеъ ва Назир дар ҳуҷраи Мулло Сафар камобеш ду моҳ зистанд.

Ду ҳафтаи аввал Восеъ ҳар рӯз ба бозорҳо баромада ҳаммолӣ мекард ё дар маҳаллот ва боғоти шаҳр мардикорӣ менамуд. Ба бозёфти муздурии худ чизе аз озуқа ва нон харида меовард, бадин ваҷҳ деги Мулло Сафар низ ҳар бегоҳ ҷӯшида меистод.

Назир як дараҷа ба худ омада қуввате пайдо карда буд, ки вай ҳам аз ҳафтаи сеюм сар карда ба ҳаммолӣ ва мардикории ҳаррӯзаи Восеъ ҳамроҳӣ намуд. Онҳо баъзан, агар дар ҷое ба кори кашолтаре банд шуда монанд, ду рӯз–се рӯз муллоро дар ҳуҷрааш танҳо гузошта, ғоиб шуда мерафтанд.

Дар шаҳр ва боғоти он чӣ бисёр – ангур бисёр аст, мусофирони мо рӯзи дароз ба нону ангури фаровон ва арзон қаноат карда, фақат шабҳо гармаке мехӯрданд. Навъ ба навъ ангури сершираву ширини Самарқанд ба Назир бисёр нафъ кард – вай баъди як моҳ сиҳату қуввати танашро барқарор намуда, қариб ба ҳолати пештарааш баргашта, баробари Восеъ кор мекардагӣ шуд. Дар охири моҳи дуюм вай боз ҳамон Назир–паҳлавони пештара гардида буд.

Дар арзи ду моҳ дуяшон панҷу шаш пасандоз карда тавонистанд.

Дар охири тобистон Мулло Сафар китобаташро тамом карда ба Бухоро баргаштанӣ шуд. Мусофирони мо ҳам ёди ватан карданд. Онҳо Мулло Сафарро ҳамроҳи худашон ба кӯҳистон, ба зиёрати ёру диёр ва хешу табораш таклиф намуданд, зеро ӯ гуфта буд, ки дар Сарихосор хоҳару ҷиянҳо ва амакбачаҳо дорад. Мулло–Сафар гуфт, ки имсол ба кӯҳистон рафта наметавонад, аммо баҳори соли оянда, «агар Худо насиб кунад», ба он тарафҳо сафар карда, ватани аз ин чилу панҷ сол пеш монда омадааш ва хешу таборашро дида меояд.

Восеъ ва Назир азимати кӯҳистон намуданд.

## БОБИ СЕНЗДАҲУМ

Дар тирамоҳи соли 1885 милодӣ амир Музаффар дар қасри тобистонии худ Ширбадан бар бистари беморӣ охирин рӯзҳои умри худро мегузаронид.

Баҳор ва нисфи тобистони он сол амир дар Қаршӣ зист. Агар ӯ дар он вилояти гарми бадҳаво дер таваққуф намекарду монанди ҳарсола барвақттар ба Шаҳрисабзи хушобу ҳаво рафта меистод, шояд, ки бемор нашуда боз чанд соли дигар умр медид. Табибони хоси ӯ ҳамин тавр мегуфтанд, ки «ин ҳам хости Худост, бандаро аз қазову қадар гурез нест».

Дар Қаршӣ пай дар пай се сол боз варачаи машҳури қаршигӣ рӯй медод. Бештарини мардум ва бачагон ба ин офат гирифтор мешуданд. Варача ҳатто ҷаноби олиро ҳам рӯйихотир накарда аз пой ғалтонд. Амир тарсид, ки мурда мемонад, – фармуд ӯро зудтар ба Бухоро расонанд. Ӯ мехост дар пойтахти худ бимирад.

Сабаби дар Қаршӣ дер мондани амирро ҳеҷ кас аниқ намедонист. Атрофиёнаш ба пурсидан аз худи ӯ ҷуръат намекарданд: Музаффархони бадҷаҳл дар пиронсолагӣ боз бадҷаҳлтару бадгумонтар шуда монда буд, пурсуковкунандагонро нағз намедид ва ҳатто аз рӯйи пиндошти худ онҳоро ба суханчинӣ ва ҷосусӣ гунаҳкор карда, итобу сиёсат менамуд.

Аммо одамони зирак кайҳо ба ваҷҳи дермонии ӯ дар Қаршӣ пай бурда буданд: ҷосусони ҷаноби олӣ рост ё дурӯғ ба ӯ расонида буданд, ки дар Шаҳрисабз кенагасҳои[1] мағрур ва дигар тарафдорони беки собиқи он вилоят Ҳаким-бий ва беки собиқи Китоби Афросиёб Ҷӯрабек-бий, ки онҳоро Музаффархон понздаҳ сол пеш бо ёрии лашкари подшоҳии рус мағлуб ва вилоятошонро ба

[1]. Кенагасҳо – авлоди бекҳои Шаҳрисабз пеш аз фатҳ карда шудани он вилоят аз тарафи амири Бухоро.

аморат мулҳақ гардонида буд ва инчунин ҳавохоҳони каттатӯра Абдумалики исёнкор қасди ҷони амир доранд ва бо ҳар воситае ки бошад, ӯро аз миён бардошта байрақи исёну истиқлолро барафроштан мехоҳанд ва одамони онҳо ҳатто дар Қаршии нисбатан бехавф низ кам нестанд. Аз ин рӯ амир ба тарсу ҳарос афтода, сафари Шаҳрисабзро торафт қафо мепартофт ва дар Қаршӣ доим хилват гузида, ғайр аз ду се нафар маҳрамони озмудаву содиқаш дигаронро ба ҳузури худ камтар роҳ медод. Аз захри ниҳонӣ тарсида хӯрокашро аввал ба ошпазҳо мечашониду баъд худаш мехӯрд.

Дар ҳавои тозаву серуни чорбоғи дилкушои Ширбадан амир аввал зуд сиҳат ёфт, аммо пас аз ду моҳ, дар ёздаҳуми моҳи муҳаррам варача аз нав бо шиддати дучанд ба ӯ бозгашт. Акнун доруву дармони табибони ҳозиқи дарбор ба тани фарсудаи ӯ нафъ намебахшид, онҳо аз муоличаи ин марди пеш аз вақт пири фартутгашта оҷиз монда буданд.

Ба сари болини вай аҳли дарбор, мансабдорони калони давлат ҷамъ омада буданд. Дар муддати бемории амир фармонфармо Шоҳмуҳаммад қушбегӣ буд, аммо вақте ки рақиби ӯ–ҳокими Шаҳрисабз Остонақул-бий–додхоҳи ғаюр ва омир ба пойтахт омад, қушбегӣ ба ҷойи дуюм фуромада монд. Бий–додхоҳ бародари ғайрирасмии амир ва мансабдори дӯстдоштаи ӯ буд. Акнун ҳукмҳоро бештар Остонақул меронд ва фармонҳоро ӯ медод.

Аҳли дарбор азбаски чандин рӯзу шаб бо ҳам буданд, мавзуъҳои гуфтугузорашон кайҳо кӯтоҳ шуда, дигар нишасту бархост, даро–баро ва гардишҳошон дар чорбоғ аксар ба хомӯшӣ мегузашт. Амир дар хобгоҳи хосса гоҳ ҳушёру гоҳе нимбеҳуш хобида буд ва дина боз касеро ба наздаш қабул намекард. Дарбориён аз табиби кӯҳансол, ки дар назди бемор акнун фақат ӯ нишаста буду дар ҳар ним соат як чойнаки чойи сабзро холӣ карда зуд–зуд ба қазои ҳоҷат баромада меистод, аҳволи беморро мепурси-

данд, табиб гулӯяшро афшонда бо овози хастаи пирона як даҳан «беҳбудӣ нест» мегуфту сӯйи ҳоҷатхона мешитофт.

Дар сари болини амири ҷонкандаистода бисёрии «аркони давлат» ҳозир, аммо фарзандони худи ӯ ғоиб буданд. Каттатӯра Абдулмалики «оқипадар», пас аз шикаст хӯрданаш аз зарбаи муттаҳидонаи генерал Кауфман ва лашкари амир, аз ин чордаҳ сол муқаддам сар ба ғурбат гирифта дар Пешавари Ҳиндустон мезист, Абдумуъминтӯра ҳокими Ҳисори Шодмон, валиаҳд Абдулаҳадхон–ҳокими Кармина, Акрамхон–ҳокими Ғузор ва Ҳакимхон – ҳокими Чорҷӯй дар вилоятҳои худашон нишаста буданд, онҳо бе рухсати падар ҳақ надоштанд қалъаҳошонро тарк кунанд.

Аммо Акрамхон, писари дӯстдоштаи амир, бо ихтиёри худаш аз Чорҷӯй омада буд, ки падарашро бинад ва бо ӯ видоъ кунад. Бий–додхоҳ ва қушбегӣ ӯро ба ҳузури падараш роҳ надоданд. Онҳо метарсиданд, ки мабодо амири ақлкоста дар дами маргаш ин писари худро ба ҷойи Аҳадхон, ки падараш ӯро дӯст намедошт, валиаҳд карда намонад. Дар ин ҳол, албатта, ҷангу ҷидоле сар мезад ва ба лашкаркашии генерал–губернатори руси Туркистон ба болои Бухоро, зоҳиран барои муҳофизати ҳуқуқи Аҳадхон, баҳона пайдо мегардид. Охир, ба валиаҳдии Аҳадхон худи императори Русия раъй додааст, ин ҳазл не.

Ҳакимхон гирёну нолон ба «аёдати қиблагоҳ»–и худ иҷозат мепурсид, як нафар аз хӯҷаҳо–хонадомодҳои амир ба додарарӯсаш раҳмаш омада, илтимос кард, ки бий–додхоҳ худаш амирзодаро як бор ба Ширбадан барад, Остонақул дар ғазаб шуда ба хӯҷа: «Валлоҳ, ки ҳозир саратро мегирам» гуфта як дӯғ зада буд, ки хӯҷа тавба карда бадар рафт.

Дигар ҳафт писари худсоли амир дар пойтахт назарбанд (ҳабси хонагӣ) карда шуда буданд. Аммо агар онҳо озод мебуданд ҳам, аз тарси бародари валиаҳдашон ҷуръати ба Ширбадан рафтан намекарданд, зеро Абду-

лаҳадхон ҳар як мулоқоти бародаронашро бо падар фитнае ва иғвое ба муқобили худ медонист.

«Аркони давлат» ҳама дар айвони калони ойинакории қасри Ширбадан нишаста буданд, Шоҳмуҳаммад қушбегӣ ҳар дам ба ҳасрат сару риши сафедашро ҷунбонида, оҳ кашида «э дареғ!» гуфта мемонд. Бо ҳамин вай дар назари аҳли дарбор худро аз бемории амир ниҳоят ғамгин нишон медод.

Аммо дар ҳақиқати ҳол ин ғуломи корчаллони Насруллохон ва баъд Музаффархон, ки дар аҳди ҳар ду амир соҳиби ҷоҳу ҷалол гардида буд, ва инчунин писараш – вакили молиёт ё худ закотчии калон Муҳаммадшариф девонбегӣ дар дилҳошон аз Худо мехостанд, ки амир тезтар мурад, зеро аз ғосибӣ ва ғаддории ӯ доим дар тарсу ҳарос буданд. Музаффархон аз рӯйи одати худ вақт–вақт мансабдорони бойшудаашро ба ваҷҳе гунаҳгор карда, ба қатл расонида, молу мулкашонро ғасб мекард. Ӯ ба садоқати ин вазиронаш он қадар боварӣ надошт, ба онҳо бо назари шубҳа менигарист ва ин бесабаб ҳам набуд: овозае паҳн шуда буд, ки девонбегии дурандеш пинҳонӣ бо ҳукуматдорони русии Туркистон аҳду паймоне баста, худро ва хешу таборашро ба ҳимояи онҳо супурда, ҳатто аз онҳо ким–чӣ гуна ҳуҷҷате ҳам гирифтааст, ки яъне агар аз тарафи амир хатаре ба молу ҷонашон содир шавад, ҳукуматдорони мазкур онҳоро муҳофизат хоҳанд кард. Амир фармон дода буд, ки ин овоза тафтиш карда шавад. Инак, агар дар натиҷаи тафтиш сирри вазирони хоин ошкор мегардид, аз сад ҷон як ҷонашон халосӣ намеёфт, то чӣ расад ба молу сарвати беҳисоби онҳо, ки солҳои сол гирд оварда буданд ва амир, албатта, ҳамаи онро зер карда мегирифт. Пас чаро онҳо марги амирро нахоҳанд?

Падару писари соҳибҷоҳ дар андешаи он буданд, ки чи навъ карда худашонро ба амири оянда хуш кунанд, дилашро ёбанд, ӯро «ба даст бигиранд». Бо ин мақсад онҳо пеш аз омадани Остонақул нақшаи баъд аз вафоти амир аз

Кармина бо дабдабаву асъаса оварда ба тахт нишондани Абдулаҳад ва ба пойи ӯ афкандани пешкашҳои гаронбаҳоро ҳам кашида монда буданд. Аз он пас қушбегӣ аз амири нав ҳокимии Ҳисори Шодмонро барои писари худ дархост карданӣ буд. Ҳокими Ҳисор ноиби якуми амир ҳисоб меёбад ва ҳамаи бекҳои Бухорои Шарқӣ ва Кӯҳистон тобеи вай мебошанд. Вақте ки ин мақсад ҳосил гардид, хонадони Шоҳмуҳаммад қушбегӣ соҳиби ҳақиқии мамлакат хоҳад шуд. Ҳозир ҳам ӯ, писараш ва набераи ҷавонаш, ки беки Қаршӣ мебошад, ҳокимони муқтадиранд, аммо ин барояшон кам аст. Онҳо мехоҳанд, ки ба ҷоҳу сарвату дороӣ бо худи амир баробар шаванд ё ҳатто аз вай гузаронанд. Воқеан ҳам, чашми танги дунёдорро «ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр», аммо он чи ки дар бисоти ин хонадон ҳаргиз вуҷуд надошт, ҳамин қаноат буд.

Оре, Шоҳмуҳаммад қушбегӣ ва Муҳаммадшариф девонбегӣ мехостанд худашонро ба амири оянда кушояндагони роҳи вай ба сӯйи тахт, бартарафкунандагони рақибон ва бадхоҳони вай карда нишон диҳанду бо ин тариқ лутфу марҳамати ӯро ҷалб карда ноили мақсадҳои ниҳонии худ шаванд.

Аммо ногаҳон аз Шаҳрисабз омада мондани Остонақул нақшаҳои ононро дар зери хатар гузошт. Остонақул сариштаи корҳоро ба дасти худ гирифта, садде дар байни онҳо ва амири оянда гардид.

Рақиб чӣ мехоҳад, муддаояш чист? Ӯ чӣ нақшае ба худ кашидааст? Қушбегӣ ана ҳаминро намедонист. Дар айвони ойинакории қаср вай ба Остонақул бо қирраи чашм назар меандохт, кӯшиш мекард, ки хаёлу андешаи ӯро дарёбад. Аммо ба асрори ин марди дарундор пай бурдан осон набуд. Вай ором ва хеле камгап буд.

Қушбегӣ ба гумонҳои мухталиф мерафт. Бий–додхоҳ, албатта, ҷойи маро гирифтанист, – фикр мекард ӯ. Ва боз хавотир мекашид, ки мабодо вай баъди вафоти амир тахти амoратро зер карда гирифтанӣ бошад? Оё аз Шаҳрисабз

якбора бо сесад нафар сарбози яккачин омадани вай ба ҳамин далолат намекунад? Ба ростӣ, ки аз дасти ин марди бебок ҳар чиз меояд. Охир, вай бо эътибори нахустфарзанди амир Насруллоҳ ва бародари калонии Музаффархон буданаш ба амир шудан ҳақ ҳам дорад. Ба илова, дар байни аъёну ашрофи мамлакат тарафдоронаш ҳам кам нестанд. Боз Остонақул дар қиёфа ба амир Музаффархон хеле монанд аст: ҳамон симои хуросонии хушсохт, ҳамон чашмҳои мешии на хурду на калон, ҳамон риши хурдтараки сиёҳу сафед. Бий–додхоҳ ба зоҳир на ин ки ба дарбории олинасаб ва ҳокими муқтадир, балки мисли Музаффархон бештар ба муллои қоматбаланди қоқинае шабоҳат дошт. Ин шабоҳатро тасбеҳи ёқутии вай, ки доим дар кафаш гирдгардон буд, боз ҳам қувват медод. Ба амир монанд будани Остонақул дар мавриди даркорӣ ба фоидаи ӯ хизмат карда метавонад. Қушбегӣ ба ҳамин навъ фикру хаёлҳо мерафт.

Пӯшида намонад, ки Остонақул аз зани эронии амир Насруллоҳ таваллуд ёфта ва бародари ғайрирасмии Музаффархон ҳисоб меёфт. Насруллохон модари ӯро дар вақти ҳомила буданаш талоқ карда, ба амалдори худ Аббос-бий дода буд. Зан пас аз ҳафт моҳ зоид. Гуфтанд, ки бача пеш аз вақт таваллуд ёфт, аммо дар ҳақиқати ҳол вай дар нуҳ моҳи расо таваллуд ёфта буд. Падараш лозим донист, ки бача фарзанди Аббос–бий ҳисоб шавад, вале бо вуҷуди ин кӯдакро ба даргоҳи худ гирифта калон кард. Чун Насруллоҳхон фарзанди худаш будани Остонақули кӯдакро ба расмият эътироф намекард, дигар воқифони асрор ҳам дар ин бобат ба лабҳошон муҳри хомӯшӣ зада буданд. Шояд амир Насруллоҳ аз эронинажод будани ин нахустфарзанди худ андеша мекард: охир, бухориёни суннии муассиб валиаҳдии писари аз зани шиъамазҳаб таваллудёфтаро ҳаргиз қабул нахоҳанд кард... Чун бача ақлашро шинохт, модараш ба вай кӣ будани падарашро маълум кард, аммо савганд дод, ки ҳаргиз ин сирро назди

касе ифшо нанамояд, то вақте ки худи падараш ба ин иқрор нашавад. Модари бечора ба ҷони фарзандаш меларзид, зеро аҳли хонадони амир метавонистанд кӯдакро бо як ду қатра заҳр аз миён бардоранд, то ки аз ин даъвагарии ояндаи тахту тоҷ халос шаванд. Сирри дигари Остонақул мансуб ба тасбеҳи ёқутии ӯ буд. Дар овони бачагӣ падараш пиреро ба устодӣ ва мураббигии ӯ гумошта буд, ки мардум ба валояти (валӣ будани) вай эътиқод доштанд. Дар соли 1868, вақте ки Музаффархон дар Ҷиззах ба як тарзи нангин аз лашкари подшоҳи рус шикаст хӯрда, Самарқандро таслим намуда ба Кармина гурехт, устоди номбурда фурсатро барои шогирди олинасаби худ мусоид донист. Ӯ амирзода ва каттатӯра будани Остонақулро нахустин бор ба худаш гуфта, вайро ба исён ва ишғоли тахти амир ташвиқ кард.

Остонақул дид ки устодаш аз сирри ӯ бохабар будааст, модом ки сирро ду кас медонанд, он сир махфӣ намемонад. Пас ҳамон дам ханҷари дудамаашро кашида ба шиками пирамард зад. Тасбеҳи аз дасти беҷони устод афтидаро гирифта аз худ кард, зеро эътиқод дошт бар ин ки тасбеҳи марди соҳибвалоят бахосият ва мушкилкушо мешавад. Инак, бий–додхоҳ аз ҳамон вақт то ин дам, яъне дар арзи ҳафтдаҳ сол он тасбеҳи ёқутиро аз даст намегузорад...

Остонақули зоҳиран ҳалим ва тақводор, аммо ғаюр, сахтгир, оқилу ботадбирро ҳам Насруллоҳхон ва ҳам Музаффархон дӯст медоштанд. Ӯ ба ин амирон содиқона хизмат карда, дар аҳди онҳо ба мансабу мартабаҳои олӣ расида, шахси бонуфузтарине гардида буд. Дар солҳои ҳокимии худ дар Шаҳрисабз вай авлоди кенагасҳо ва дигар душманони амирро бо дасти оҳанини худ пахш карда, баъзеяшонро кушта, дигарҳошонро ба итоат оварда буд. Хироҷу закот бошад, чи дар солҳои ҳосилхезӣ ва чи беҳосилӣ, ҳамавақт бекаму кост рӯёнида мешуд. мардум аз амир он қадар наметарсиданд, ки аз Остонақул метар-

сиданд. Садҳо хонаводаҳои деҳқону косиб аз яғмогарии амалдорони Остонақул кафангадо мешуданд, аз гуруснагӣ мурда мерафтанд. Ҳокими худоҷӯй бошад, ба шайху эшонҳо, хонақоҳу мазорҳо садҳо ҳазор танга садақа мекард, барои ҳоҷиён дар Макка, Мадина, Истанбул такяҳо месозонд.

* * *

Шоҳмуҳаммад қушбегӣ дар даруни арк мезист. Меҳмонхонаи гаҷкории нақшини ӯ вазифаи боргоҳ, яъне хонаи қабулро адо мекард. Дару тирезаҳои он ба айвони дарози қабзафурӯмондор боз мешуданд. Дар токчаи калони меҳмонхона даҳ–дувоздаҳ адад соати хурду калонро қатор чида монда буданд, соатҳо гӯё бо ҳам мусобиқакунон тиқ–тиқ мекарданд.

Онҳо ба соҳиби хона тухфаи ҳар гуна меҳмонони аҷнабӣ буданд.

Қушбегӣ имрӯз дар Ширбадан Остонақулро: «Биёед, бий–додхоҳ, оқибати корҳоро як фикр карда бинем» гуфта, ба арки Бухоро оварда, ба ҳамин меҳмонхонаи худ даровард. Мехост аз вай гап гирад.

Дар баробари даромадани онон соатҳо занги дувоздаҳро заданд. Немиси соатсоз, ки аз гардиши фалак боре ба Бухоро ғалтида монда буд, бо амри қушбегӣ соати ӯро тавре тоб дода созу рост карда монда буд, ки онҳо пайи ҳам занг мезаданд, занги яктояш тамом, ки шуд, дигараш сар мекард. Қушбегӣ аз ҷиринг–ҷирингги онҳо лаззате мебурд. Остонақул, ки пеш аз ин ҳам ба ин ҷо якчанд бор омада буд, ин соатбозиро як нағмаи бачагонаи қушбегӣ медонист ва дар дилаш ба вай механдид.

Соҳиби хона меҳмонашро дар пешгаҳ нишонд, хизматгоронаш зуд дастархон паҳн карда дар зарфҳои нуқрагину заррин хӯришҳо оварданд. Вай чойники чойро ба пеши худ кашид, хизматгорон ва мулозимонаш аз ин кори хоҷаашон медонистанд, ки ӯ бо меҳмони худ танҳо мондан мехоҳад, пас ҳамаашон баромада ғоиб гардиданд.

Аморатпаноҳ меҳмонашро ба хӯрдану нӯшидан таоруф карду худаш оромона ба сухан даромад. Ба одати пирон ва хирадмандони шарқӣ вай аз фонӣ будани дунё, аз он ки марди оқил набояд ба давлати бебақо ва ҷоҳу мансаби бевафо дил бандад, гап сар кард. Лаб ба мадҳи Музаффархон кушода гуфт: Гарчанде муллоҳо ва дигар мардуми «бебасирати кӯтоҳандеш» амирро маломат мекунанд, ки вай гӯё аз уҳданобарой ва белаёқатии худ дар Зирабулоқ ва Чӯпонатои Самарқанд аз лашкари насоро шикаст хӯрда, «сайқали рӯйи замин»– Самарқандро аз даст дод ва аз он пас гӯё фармонбардори кофирон шуда ба кашидани сими телеграф дар қаламрави аморат ва кушодани вакολатхонаи тиҷоратии Русия дар пойтахти худ розӣ шуд, аммо ба ҳар ҳол вай амири бузург, қоҳир, одил ва фуқаропарвар буд.

Қушбегӣ дар бораи Музаффархон тавре гап мезад, ки гӯё вай мурда бошад. Баъд гӯянда Абдулаҳадхонро вориси арзандаи падар номид. Иншоаллоҳ, – гуфт ӯ– дар аҳди ин амири ҷавонбахт давлати шарифаи Бухоро қувват ва шавкати пештараи худро барқарор хоҳад кард.

Вай гап зада истода аз таги чашм ба ҳарифаш менигарист – ҳамоно мехост дар чашму рӯйи вай андешаҳои ниҳониашро бихонад, ӯро ба сухан дарорад. Остонақул инро ҳис мекард, вай ҳолату қиёфаашро дигаргун накарда, бо як даст чой нӯшида ва бо дасти дигараш тасбеҳ гардонда менишаст, ки ба асрораш пай бурдан мумкин набуд.

– Аммо тӯра ҳоло ҷавонанд, – баъди андак сукут суханашро давом дод қушбегӣ.Вай тӯра гуфта, Аҳадхонро дар назар дошт ва тавре гап мезад, ки ба мурдани амир ва тахтнишини наздики тӯра шакку шубҳае надошт. – Дар паҳлуи амири ҷавон зотҳои пурдидаву корозмуда, аз ҷумлаи ғуломони содиқи ин даргоҳ, албатта, ба хизмат камар баста истоданашон лозим. Шумо, бий–додхоҳ, аз аркони давлат, пушту паноҳи аморат ҳастед. Ин ғулом андеша

кардам, ки шумо ба давлатхона омада, аз умури давлатӣ кадомашро ки худатон ихтиёр кунед, хоҳ сарлашкарӣ бошад ва хоҳ дигар, мутасаддӣ шуда, дар қурби ҷаноби олӣ истед, беҳтар мешудагист...

Пирамард хомӯш шуда, навбати суханро ба меҳмонаш вогузор кард.

Бий–додхоҳ ӯро як дам интизор карду баъд гапи аморат ва «умурӣ»[1] онро ба як тараф монда, ба ҳамсуҳбаташ якбора чунин саволе дод:

– Аморатпаноҳ, шумо имсол ба чанд даромадед?

Қушбегӣ аз ин саволи ногаҳонӣ ҳайрон монд.

– Худо хоҳад, дар сари чиллаи зимистон ҳафтоду ҳаштро пур мекунам, – ҷавоб дод ӯ ва баъд фикр кард, ки шояд бий–додхоҳ ӯро пири фартут ва аз ин рӯ ба мансаби қушбегигӣ нолоиқ шуморад, бинобар ин боз илова кард: – Аммо, Худоро шукр, худам ҳоло бардам, бақувват ҳастам.

Ҳоло он ки сару гардани ларзон, се–чорто дандони ягон–ягон ба нафаскашии хир–хираки аморатпаноҳ асло ба дурустии суханаш далолат намекарданд.

– Умри дароз давлати худодод аст, – гуфт Остонақул, – ва аммо умри дароз бо сиҳатии тан–дучанд давлат... Ин фақир, –Остонақул одатан дар бораи худаш «ин фақир» гуфта гап мезад, – дар овони ҷавонӣ дар як баёз қитъае хонда будам, гӯянда он қитъаро ба ёд оварда хонд:

*Нишоти умр бошад то ба сӣ сол,*
*Ба чил ояд – таназзул боядат кор.*
*Ба панҷоҳ гар равӣ ёбӣ ту сустӣ,*
*Ба шаст ойӣ – наёбӣ тандурустӣ.*
*Ба ҳафтод аст марги мард зебо,*
*Ба ҳаштод омадӣ – афтодӣ аз по.*
*Навад навмедии умр аст, эй ёр,*
*Ба сад ойӣ – шавӣ аз умр безор.*

[1]. Умур – корҳо.

– Аммо агар нек мулоҳиза кунем, – суханашро давом дод Остонақул, – маълум мешавад, ки фикри шоир саҳеҳ нест, худи тимсоли аморатпаноҳ даъвои шоирро рад мекунад. Ҷаноби аморатпаноҳ баъди сисолагӣ ҳам нишоти умрро дидаанд, дар чилсолагӣ корашон на ин ки таназзул надида, балки дар айни равнақу ривоҷ будааст, дар панҷоҳ ҳеҷ сустӣ наёфтаанд, дар шаст билкул тандуруст будаанд, аз ҳафтод ҳам сиҳат саломат гузаштаанд, акнун боз бардаму бақувват рӯ ба ҳаштод рафта истодаанд.

Илоҳӣ, ба сад дароед, аморатпаноҳ, шумо иншоаллоҳ, дар навад ва сад ҳам асло навмед ё аз умр безор намешавед, албатта. Алалхусус, агар ин умри дароз мисли умри шумо ҷоҳи олӣ ва бо ин давлату комронӣ гузарад. Ҳамин тавр не, аморатпаноҳ?

«–Маккор! Гапро гурезонда, маро газида истодааст, – маънии киноягҳои рақибашро фаҳмида ба дил гузаронд қушбегӣ. – Гуфтан мехоҳад, ки дар маснади қушбегигӣ дер нишастӣ, пир ҳам шудаӣ, акнун ҷойро холӣ кун. Ба ман таҳдид ҳам мекунад. Не бародар, ман пир шуда бошам ҳам, ҳоло камони қоматам монанди ту садҳо «тир»–ро дар хок пинҳон мекунад».

Вай дар ҷавоби кинояҳои ҳарифаш гуфт:

– Умри дарози ман агар ба дигарон гаронӣ карда бошад ҳам, ба худам гаронӣ намекунад, бий–додхоҳ. Агар Худои таоло ба карами худ ба ин ғулом боз ҳамин қадар умр ато кунад, ҳамаашро вақфи сайидам, мавлоям, валинеъматам мекунам.

– Ин фақир ҳам ҳамин гапро гуфтанӣ будам, аморатпаноҳ, – ҳозирҷавобӣ кард Остонақул, – яъне ки ба ҷаноби шумо на бори умр ва на бори гарони вазорат ҳеҷ вақт гаронӣ намекунад, шумо дарвоқеъ, пири пилтан ҳастед.

Хомӯшии дарозе ба миён омад, ки дар давоми он Остонақул донаҳои ёқутии тасбеҳашро ду бор шумурда баромад.

«–Гап задан нахоҳад ҳам, мақсадаш маълум шуд, – ба дили худ мегуфт қушбегӣ. – Вай ҷойи маро гирифтан мехоҳад. Амирзодаҳоро назарбанд карданаш ҳам бо нияти он аст, ки аз Аҳадхон дилҷӯйӣ ва ба вай худашро нағз карда, сонӣ аз вай мансаби маро тамаъ намояд». Дар ин маврид нохост ба хотири қушбегӣ гузашт, ки агар Остонақул барои ишғоли тахти амир ҳаракате мекард, хеле кори нағз мешуд.

Пирамард аввал аз эҳтимоли содир шудани ин навъ қасду ҳаракат аз ҷониби Остонақул хавф мебурд, метарсид, аммо ҳозир вай инро бо ҷону дил мехост. Охир, дар ин ҳол Аҳадхон бо ёрии мусаллаҳонаи генерал–губернатори Туркистон фитнаи Остонақулро ба осонӣ пахш ва худи ӯро нест хоҳад кард. Ана, дар он вақт ӯ, яъне Шоҳмуҳаммад қушбегӣ ҳам якбора аз рақиби хавфнокаш халос хоҳад шуд.

Вай ба мақсади ҷунбонидани раги номҷӯӣ ва ҷоҳпарастии Остонақул бо эҳтиёти макромез чунин гуфт:

– Шумо, бий–додхоҳ, алҳақ одами наҷибулхислат ва бошарофате ҳастед.

Остонақул ба вай бо назари савол нигарист.

– Шумо ба доруламорат[1] бо ин қадар лашкари ҷаррор, ки омадед, дар Ширбадан баъзе одамони беандеша хавотир кашида мегуфтанд, ки магар бий–додхоҳ барои тахти салтанатро забт кардан омада бошанд?.. Охир, амирзода ва каттатӯра будани шумо, бий–додхоҳ, ба ин ғулом ҳам, ба дигарон ҳам маълум аст...

Остонақул аз тасбеҳгардонӣ бозистода, як навъ хавотиркашона ба чашми қушбегӣ нигоҳ кард.

– Бале, ин маълум аст, – такрор кард қушбегӣ. – Ба ин ваҷҳ агар, фаразан, аз ҷониби шумо ягон ҳаракате, ки одамони беандеша гумон мебурданд, сар мезад ҳам, ҳеҷ кас тааҷҷуб намекард. Валекин ҳазми нафс ва шарофати шумо

---

[1]. Доруламорат – маркази аморат, яъне Бухоро.

ба дараҷаест, ки шумо на фақат ин андешаҳоро ҳаргиз ба хотиратон роҳ намедиҳед, балки ҳамеша салоти давлат ва осоиши фуқароро дар мадди назар гирифта имрӯзҳо, чӣ ҷаноби олӣ – ҷаҳонбони мо сарири ҷаҳонбонӣ ва ин ҷаҳони фониро падруд карданианд, валиаҳди ҷавонбахташонро ҳавохоҳӣ ва ҷонибдорӣ карда истодаед...

Аммо ин гардиши шоҳмотии қушбегӣ ҳам, зоҳиран ба бий–додхоҳ таъсире накард. Ба ҷойи ягон ҷавоби дахлдор ва «пардакушо», ки гӯянда аз ҳарифи худ чашм дошт. Остонақул баногоҳ лабханди истеҳзоомезе карда ба оҳанги нимҳазлу нимҷиддӣ гуфт:

– Аморатпаноҳ, меҳмонхонаи дигарон фақат меҳмонхона бошад аз они шумо ҳам меҳмонхона ва ҳам тамошохона аст. Аммо ин фақир ҳамин қадарашро нафаҳмидам, ки чаро дар ин ҷо аз мани пир асбоби тамошо месозанд.

Қушбегӣ мулзам шуд, сараш тез–тез ҷунбида рафт.

Гап ин аст, ки дар таги шифти меҳмонхона, ба болои дари дуюме, ки бо он ба ҳавлии дарунии қушбегӣ даромада мешуд, як равзани нимторике ба назар мерасад. Остонақул дар вақти сухани қушбегӣ дар паси шишаи равзана ҷунбиши сояеро пайхас кард ва баъд хира–хира сару рӯйи занеро дида монд, ки гоҳ пайдо мешуд ва гоҳ ғоиб мегардид. Қушбегӣ пушташ ба пойгаҳи хона буда, равзанаро намедид. Меҳмон аз мушоҳидаи ин қазия ҳайрон шуд ва баъд гапи як вақт шунидаашро ба хотир овард, ки қушбегӣ дар шифти меҳмонхонааш он равзанаро махсусан сохта будааст, то ки дар вақти сафирони хориҷӣ ё дигар меҳмонони калонро қабул кардани вай занон ва духтаронаш пинҳонӣ аз он равзана нигариста меҳмононро тамошо карда тавонанд. Ин ҳам яке аз аҷоиботи пирамард буд. Аммо имрӯз нигоҳи зани ношинос аз равзана сабаби дигаре дошт. Дар вақте ки қушбегӣ Остонақулро аз Ширбадан ба шаҳр гирифта меовард, Муҳаммадшариф девонбегии ҳилагар ва кунҷков, чун медонист, ки падараш бо меҳмон дар меҳмонхонаи худ маҷлиси дукаса хоҳад

орост, ба як нафар маҳрами худ фармуда буд, ки ба ҳавлии қушбегӣ равад ва ба духтари вай– хоҳари девонбегӣ гӯяд, ки дар вақти бо Остонақул гуфтугӯ карда нишастани падарашон оҳиста аз пушти равзана гӯш андозад ва ҳар чи ки шунавад, дар ёдаш нигоҳ дорад. Духтари калонии қушбегӣ бо бародараш ҳамзабон ва ҳамроз буда, гоҳ–гоҳ ҳамин навъ супоришҳои ӯро иҷро мекард. Девонбегӣ ба падараш ҳам он қадар боварӣ надошт, ӯро аз ҳад зиёд эҳтиёткор, камтадбир медонист ва ният дошт, ки агар падараш дар мубориза бо Остонақул мусоҳилакорӣ кунад, он гоҳ худаш ба майдон мебарояд...

Қушбегӣ қазияи паси равзанаро як чизи беаҳамият ба қалам доданӣ шуда, ба меҳмонаш гуфт:

– Ҳеҷ воқеа не, бий–додхоҳ, ман ба аҳли ҳарамам аз равзан нигоҳ карданро кайҳо манъ кардаам, аммо онҳо дар рӯйи ҳавлӣ гарданд ҳам гоҳо сояашон ба равзан меафтад. Ҳеҷ воқеа не.

Вале ин ваҷҳи соҳиби хона як дараҷа гаронӣ ва хунукии аз ин қазия ба миён омадаро барҳам надод. Суҳбаташон бе ин ҳам гарм набуд, акнун тамоман барор нагирифта монд.

Остонақул лозим будани зиёрати эшонбибӣ (зани амир ва модари Аҳадхон)-ро баҳона карда аз ҷо бархост. Вақти хайрбод кардан бо соҳиби хона дар дами дар вай гӯё, ки ин гап нав ба хотираш омада бошад, гуфт:

– Гап байни худамон монад, аморатпаноҳ, ба шунидани ман губурнотур гӯё ба тӯраи валиаҳд хатти махфӣ фиристода хотирнишон карда бошад, ки баъди амир шуданат баъзе мансабдорони калонро маъзул кун ва ба ҷояшон аз қавми худат одамони бофазлу ҳунарро ёфта мон. Оё шумо аз ин гап хабар доред?

Бий–додхоҳ ин гапро дар худи ҳамин ҷо бофт ва бардурӯғ гуфт, то ки дили рақибашро ба такопӯ андозад. Ранги қушбегӣ канд. Хусусан аз «одамони бофазлу ҳунар» ёдоварӣ кардани Остонақул ӯро мушаввашхотир карда

монд, зеро, ки фазлу ҳунар ҳоло як сӯ истад, ҷаноби қушбегӣ бехатту савод буданд.

Сухани Остонақул ба ҳақиқат монанд буд: он рӯзҳо сардори сохтмони роҳи оҳани шарқии баҳри Хазар (Закаспий) генерал– лейтенант Анненков аз Тошканд озими Чорҷӯй шуда, дар сари роҳаш ба Кармина фуромада, Аҳадхонро дида, бо ӯ якка ба якка суҳбате карда буд. «Балки, дарвоқеъ, ба валиаҳд аз генерал–губернатор Розенбах мактубе оварда бошад? – фикр кард қушбегӣ – Остонақули мудаббиру маккор дар Кармина ҳам ҷосусҳо дорад, аз воқеаҳои қалъаи ҳокими он ҷо бохабар аст». Бо ин мулоҳиза вай ба бий–додхоҳ саволи зиёдатии: “чун донистӣ ва аз кӣ шунидӣ?”-ро надод. Ва барои он ки бий–додхоҳ ҳарифашро гӯли аз олам бехабар напиндорад, хавотирӣ ва бесариштагии худро пинҳон дошта гуфт:

– Ман аз ин гап хабар дорам... Ба фикратон, губурнотур кадом «мансабдорони калон»–ро дар назар дошта бошад?

– Ман чӣ донам, – муғамбирона ҷавоб дод Остонақул. – Мову шумо барин мансабдорони пиршударо дар назар доштагист–дия.

Ба ҳамин тариқ, вай мизбонашро дар парешонӣ ва такопӯи ботинӣ гузошта бадар рафт.

* * *

Баъди чоряк соат дар меҳмонхона Муҳаммадшариф девонбегӣ пайдо гардид.

– Гапзанон кардетон? Вай бетавфиқ чӣ мегӯяд? – пурсид вай аз падараш. «Вай бетавфиқ» Остонақул буд.

Пирамард кинояҳои хавфомез ва истеҳзоҳои заҳрбези Остонақулро нақл карда буд, ки девонбегӣ барошуфт, беқарор гардид.

– Масъала маълум, – хулоса баровард ӯ. – Вай бо губурнотур ва балки бо худи тӯра ҳам бар зидди мою шумо забон як кардагӣ. Губурнотур ошнояш–ку! Ҳоло, ки дер нашудааст, нақшаи ӯро барбод додан лозим.

– Чӣ тавр барбод медиҳӣ?

– Бо ягон тадбир Аҳадхонро аз худамон розӣ ва Остонақулро дар чашми вай бад карданамон лозим. Агар ҳамин корро карда тавонистем – бурдем, натавонистем – бохтем.

– Хӯш, ба фикри ту, вайро ба тӯра чӣ тавр бад кардан мумкин?

– Ман худи ҳамин рӯз, ҳозир ба Кармина равон мешавам. Тӯраро дида мегӯям, ки Остонақул чашмаш беҷо, нияташ беҷост,, вай ҳамин ки амир мурд, аз афти кор, аркро пахш карда, худаш ба тахт нишастанист.

– Фикрат хом, бачем. Аздусар, ба Кармина рафтани туро пинҳон доштан мумкин нест, Остонақул рафтани туро, ки донист, гумони бад мебарад; мумкин, ки худаш ҳам ба пеши тӯра равон шавад. Агар мабодо фаҳмида монад, ки ту рафта аз вай ба тӯра ғайбат кардаӣ, тӯпаланг мехезонад, бачем. Амир ҳам ҳоло зинда аст, мурданаш маълум нест.

– Амир мемурад. Пагоҳ–бегоҳ мемурад.

– Агар намурад чӣ?

– Ҳеҷ мумкин нест, ки намурад. Табиб аллакай аз вай умедашро кандааст.

– Дард дигар асту аҷал дигар, гуфтаанд.

– Хайр, набошад, чӣ кор мекунем? Остонақул тортанак барин шабу рӯз тори душманӣ танад, мо нигоҳ карда мешинем–мӣ?

Қушбегӣ ба дари нимроғ нигариста фармуд:

– Дарро маҳкам кун.

Девонбегӣ хесту дарро оҳиста маҳкам кард.

– Ман як нақша дорам, –пичиррос зада гуфт қушбегӣ. – Агар амир нохост мурда монад, ман ҳамон дам маҳрам–даҳбоширо ба шаҳр медавонам, вай мурдани амирро аз ҳама аввал ба сарбозони Остонақул хабар медиҳад, ба онҳо мегӯяд ки «мамлакат бе подшоҳ аст ва хазина бесоҳиб, ҳар кас ҳар чӣ гирифт – аз они худаш!» Сарбозони

Остонақул албатта худҳошонро даррав ба арк мезананд. Ман пешакӣ ба тӯпчибошӣ фармуда мемонам, ки лашкарро ҳозиру омода нигоҳ дорад, шаҳрисабзиҳо ба арк ҳуҷум, ки карданд, даррав онҳоро пахш карда фурӯ нишонад. Баъд мо воқеаро ба тӯра хабар дода мегӯем, ки шаҳрисабзиҳо бо фармони Остонақул аркро зер карда гирифта ҳокими худашонро ба тахт нишонданӣ буданд, мо хабардор шуда, зуд фитнаи онҳоро фурӯ нишондем... Чӣ тӯр ин нақшаи ман, маъқул–мӣ?

Девонбегӣ хушҳолона табассум намуда, дасти қушбегиро гирифта бӯсид:

– Ёдатон бахайр, дада! Ба Худо, ки агар дар мамлакат ду одами ботадбир бошад, яктеш шумо! Мо ин «тир»-и шуморо якбора ба ду нишон мезанем: ҳам Остонақулро аз миён мебардорему ҳам амири навро як умр аз худамон розӣ ва миннатдор мекунем.

Падару писари олиҷоҳ баъди пешин аз арк баромада ба тарафи Ширбадан саворӣ намуданд.

Дар беруни дарвозаи Қаршӣ онҳо ба як дастаи хурди сарбозоне дучор шуданд, ки дар дарахтзори сари роҳ истода буданд.

Аз чӣ сабаб бошад, ки дили қушбегӣ хавфе бурд: инҳо кадом сарбозонанд ва чаро сари роҳро гирифта истодаанд? Ду нафари онон аз тарафе гӯсфандеро кашола карда меоварданд, ду–се нафарашон дар кунҷи дарахтзор заминро кофта оташдон месохтанд, дигарҳошон бар рӯйи сабзаи лаби ҷӯй чой нӯшида нишаста буданд.

Қушбегӣ аз даҳбошии гӯли туркмансимо кӣ ва чикора буданашонро пурсид, даҳбошӣ ҷавоб дод, ки онҳо ҷилавмерганҳои ҳокими Шаҳрисабз мебошанд, ки навакак ҳокими худро ба Ширбадан гусел карданд ва акнун дар ин ҷо камтар дам гирифта наҳории чоштгоҳӣ мехӯранду баъд ба қароргоҳи худ бармегарданд.

Ин ҷавоброба сарбозон Остонақул фармуда буд, ки яъне ҳар кас, кӣ ва чикора будани онҳоро пурсад, ҳамин

тавр гӯянд. Сонӣ пойидани роҳи ҳокимашонро аз ҷониби Ширбадан баҳона кунанд.

Дар ҳақиқати амр онҳо аз ҳокими худ фармони дигаре гирифта буданд.

Қушбегӣ ва девонбегӣ аз ҷавоби даҳбошӣ қонеъ ва хотирҷамъ шуда ба роҳашон рафтанд.

Амир Музаффархон он рӯз, чоруми сафари соли 1303 ҳиҷрӣ, пагоҳӣ аз забон монда буд ва шаби панҷуми сафар (30 октябри соли 1885 милодӣ) мурд.

Ҳамон соат Ҷаббор ном маҳрам–даҳбошии қушбегӣ бо фармони махфии ӯ ба сӯйи шаҳр, ба қароргоҳи сарбозони шаҳрисабзӣ асп давонд. Он сарбозон чодирҳошонро дар беруни дарвозаи Самарқанд задаанд, ҳама дуздон, авбошон, каллабурони зархариданд. Қушбегӣ дар бобати қатлу ғорат аз онҳо дилаш пур буд.

Чанде аз маҳрамони хоси амир ба марги ӯ доду фиғон бардошта буданд, ки Остонақул онҳоро ба навкарони худ фармуда дар таҳхонаи қаср ҳабс кунонд. Ӯ мехост, то аз Кармина ба Бухоро омада бар тахти аморат нишастани Аҳадхон ҳар навъ карда вафоти амирро аз халқ пинҳон дорад, то ки дар пойтахт фитнае рӯй надиҳад ва аҳли фитна даст ба ғорату яғмои хазинаи амир назананд.

Эҳтиёткории бий–додхоҳ беваҷҳ набуд. Ҳамон бегоҳ, ҳанӯз пеш аз вафоти амир, Исмоилбои закотчӣ аз шаҳр ҳаросон омада ба арз расонд, ки дар вақти ба муллоҳо пули вақфро тақсим карда дода истодани ӯ дар бозорчаи пеши арк як дарвеш омада аз вай панҷоҳ танга талаб кард, закотчӣ ваҷҳ пурсид, дарвеш гуфт, ки «амир нест, ҳама чиз аз они мост». Чашмҳои дигар мардуми дар пеши арк ҷамъомада ҳам беҷо буд. Исмоилбой тарсида, ба дарвеш ду танга дода, худаш гурехта ба арк даромад. Дар он ҷо ӯ хазинадорро наёфта, бақияи пули авқофро оварда ба Муҳаммадшариф-девонбегӣ супурд. Қушбегӣ бо маслиҳати Остонақул ба сарбозони дар пойтахт буда фармон фиристод, ки фавран ҳамаи майдонҳоро ишғол кунад.

Аммо бе ин ҳам сарбозон кайҳо дар гирду пеши арк ҳозир истода буданд, фақат бо мақсади дигар, – бо мақсаде, ки онро қушбегӣ ба саркардаи онҳо Алимадад тӯпчибошӣ фаҳмонда буд...

Саидкаримхони ҳокими Чорҷӯй бо чӣ воситае аз мурдани падараш огоҳӣ ёфта, бо ихтиёри худ боз ба Ширбадан омад, Остонақул ӯро аз он ҷо дур карда, таҳтулҳифзи даҳ нафар сарбозаш ба хонаи дар шаҳр будаи худи амирзода равона кард.

Баъд вай мунширо талабид, муншӣ бо давоту қалам омад ва ба навиштани он чи ки бий–додхоҳ хоҳад фармуд, омода гардид, аммо бий–додхоҳ ӯро аз сари миз хезонда худаш нишаст ва ба навиштани мактуб ба номи Абдулаҳадхон шурӯъ кард. Дар мактуб валиаҳдро аз вафоти падараш огоҳонида, таъкид кард, ки вай агар нишаста бошад, бархезад ва хеста бошад, савор шаваду ҳарчӣ зудтар худро ба доруссалтанат[1] расонад.

Мактубро навишта тамом кард, муҳри худ ва муҳри қушбегиро зада, кулӯла печонда ба даруни аризачӯб – қуттичаи нафиси қаламдонмонанд ҷо карда, ҳалқачаҳои нуқрагини аризачӯбро андохта маҳкам карда ба дасти қаровулбегии худ дод, қаровулбегӣ онро дар бағалаш халонда бо даҳ нафар сарбоз ба тарафи Кармина раҳсипор гардид.

Пагоҳии барвақт Остонақул фармон дод, ки мурдаро бароварда дар аробаи хоссаи амир бор кунанд.

Вақте ки мурда дар аробаи соябондори ороста бо пардаи ҳарир ва қолину кӯрпачаҳои атлас бор карда шуд, бий–додхоҳ аз қаср ҷомаи кимхоби зардӯзии Музаффархонро пӯшида, дастори сафеди шоли кашмирии ӯро ба сараш гузошта баромад. Ӯро дида аҳли дарбор лаҳзаи аввал беихтиёр дар изтироб афтоданд ва дилҳошон бозӣ карда рафт, зеро Остонақул бо ин ҷомаву дастор айнан худи

[1]. Доруссалтанат – маркази аморат, яъне Бухоро.

Музаффархон буд. Ба ростӣ, ки агар худашон навакак ҷасади амирро бардошта бароварда, дар ароба нахобонда буданд, гумон карданашон мумкин буд, ки ӯ зинда шуда аз қаср берун омад.

Чун аз изтиробу тапиши дил фориғ гаштанд, ҳайрон монданд, ки ин чӣ корест ва бий–додхоҳ чӣ мехоҳад. Вай ба ароба баромада дар пешгоҳи он нишаст ва фармон ба ҳаракат кардан дод. Ҳама аз дарвоза баромада, шотиру удайчиҳо пеш–пеш, ароба дар миёна ва қушбегию девонбегӣ бо тӯдаи дарбориён аз ақиб, ба тарафи шаҳр ҳаракат карданд.

Остонақул як тарафи пардаи пеши аробаро андак кушода монда, худро намоён карда менишаст. Роҳгузарон ӯро амир Музаффар пиндошта ба сӯяш таъзим мекарданд, вай бо виқору тамкини подшоҳона саре ҷунбонида таъзими онҳоро пазирой менамуд.

«Сабр кун, – дар дили худ мегуфт Шоҳмуҳаммад қушбегӣ ба тарафи рақибаш, – боз камтар монд. Иншоаллоҳ ба домам меғалтӣ. Он гоҳ ман туро сарбараҳнаву даст ба пушт баста ба зиндон хоҳам фиристод».

Муҳаммадшариф-девонбегӣ ҳам дар иштиёқи ба ин ҳол дидани Остонақул дилаш беқарор буд. Падару писар якзайл ба роҳ менигаристанд. Онҳо аз сӯйи шаҳр мунтазири чопаранд, чопар бояд ба онҳо хабари ба арк ҳуҷум карда даст ба қатлу ғорат задани сарбозони ҳокими Шаҳрисабз ва аз тарафи Алимадад-тӯпчибошӣ фурӯ нишонда бандӣ карда шудани ғоратгаронро оварад.

Дуяшон якзайл ба роҳ менигаристанд. Аммо аз ҷониби шаҳр ҳеҷ саворе намудор намешуд. Дар чеҳраҳои вазирон торафт бештар осори парешонӣ ва бесариштагӣ зоҳир мегардид. Ниҳоят, вақте ки корвони мурдакаш ба наздикии шаҳр, ба дарахтзоре, ки сарбозони Остонақул дина боз дар он истода буданд, расид, ба қушбегӣ сирри падидор нашудани чопар ошкор гардид.

Даҳбошии туркмансимо тозон ба пеши ароба омада,

ҳокими худро шинохта ба арз расонд, ки дастаи ӯ як нафар савори ба шаҳр асп давонда истодаро дастгир кард. Остонақул фармуд, он марди дастгиршудаWhile аз дарахтзор оварда дар пешгоҳи ӯ ҳозир сохтанд. Вай ҳамон маҳрам–даҳбошии қушбегӣ буд.

– Ту? – дар ҳайрат монд қушбегӣ.

Маҳрам–даҳбошии аз тарс ларзону рангпарида рикоби хоҷаашро мебӯсид.

Қушбегӣ ба Остонақул теғ кашида нигоҳ кард:

– Худаш чӣ гап, бий–додхоҳ?

– Ҳеҷ гап не, аморатпаноҳ, сарбозон мувофиқи фармони ин фақир амал кардаанд, – даст ба манаҳаш бурда ришхандашро пинҳон карда гуфт Остонақул.

Вай пештар мисли ин ки ба нақшаи қушбегӣ пай бурда бошад, дар дами ҷонкании амир фавран як навкари худро ба назди ин дастаи сарбозонаш фиристода буд бо чунин фармон, ки онҳо ҳар касеро, ки аз ҷониби Ширбадан омада ба шаҳр рафтанӣ шавад, дастгир кунанд ва нигоҳ доранд.

Қушбегӣ чеҳрааш хира гашт, сар ба зер афканда ба замин нигоҳ кард. Девонбегӣ, магар аз ғазаб ё аз тарс бошад, ки манаҳаш ларзида ришу бурути сиёҳаш меҷунбид. Онҳо фаҳмиданд, ки бозиро бохтаанд. Ин гурги борондида ва дар айни ҳол рӯбоҳи маккор – Остонақул пешдастӣ карда нақшаи онҳоро барбод дод...

## БОБИ ЧОРДАҲУМ

Акнун мо бояд, ки боре ба Кармина равему бо тӯраи валиаҳд шиносо шавем, ба ҳолу кори ӯ мулоҳиза намоем.

Чордевори баланди дандонадори ӯрда ё худ қалъа қариб нисфи Карминаро печонда гирифтааст.Нисфи дигари он дар берун монда, ба гирдогирди ӯрда ҷойгир. Арки ҳокимнишин дар даруни ӯрда (қалъа) ба болои тали рӯйпаҳне воқеъ буда, аз он ҷо гӯё ин шаҳри хурдтаракро дидбонӣ мекунад. Хонаҳои пастаки шаҳр гӯё аз тарси ин дидбони қоҳиру хашмгин ҷафс–ҷафс ба ҳам омада, домани якдигарро гирифта, ғуч–ғуч ба даруни дарахтон паноҳ бурдаанд. Дар дами дарвозаи қалъа рамзи ҳукмдорӣ – шашпари ниҳоят калони чӯбинеро овехта мондаанд. Дар даруни қалъа, дар паси ду дарвозаи оҳанкӯби дарун ба дарун, Абдулаҳадхон тӯра рӯзҳо ва шабҳоро бо камоли бесабрӣ дар интизории марги падараш ба сар меовард.

Вай ҳамаи шуғли ҳокимии худро ба як сӯ ғундошта мондааст. Аз соҳибмансабони худ ӯ ғайр аз Усмонбеки девонбегӣ ва Яхшибеки удайчӣ касеро ба ҳузураш қабул намекунад. Инҳо содиқтарин ғуломони ваянд, ки бо як назар майлу хоҳиши ҳокими худро дарёфта, дар пайи иҷрои он майлу хоҳиш ба ҷон мекӯшанд.

Валиаҳд ба хабари вафоти амир нигарон аст. Ин хабар ӯро якбора соҳиби тахти аморат, молики риқоби сеюним миллион фуқарои мамлакат хоҳад кард. Ба назари тӯра вақт хеле ба оҳистагӣ мегузарад. Ӯ хавотир кашида фикр мекунад, ки мабодо мисли ду моҳ пеш падараш боз сиҳат ёбад! Инро фикр мекунаду ба худ ларзида дар дилаш мегӯяд: “Не, не, ҳеҷ мумкин нест, ки вай намирад! Бояд бимирад!”

Тӯраи интизор гоҳ–гоҳ сабру қарорро аз даст дода мехезаду рӯ–рӯйи боргоҳи худ–хонаи калони сафед гардиш мекунад, ҳар дам аз дарича ба рӯйи ҳавлии берун назар

меандозад: оё қосиди қушбегӣ бо он хабари дилхоҳ наёмада бошад? Аз бетоқатӣ гоҳе нишста худро ба шеърнависӣ машғул медорад, гоҳ бедонаҳои дар ҳавлии дарун ба қафасҳо овехта шударо оваронда, Яхшибекро чеғ зада бо вай бедонабозӣ мекунад. Аммо ба зудӣ аз ин шуғл ҳам дилгир мешаваду бархоста ба ҳарамсарои худ даромада бо Нозгули зебо дилхушӣ мекунад. Нозгулро дар он қарибӣ амлокдори Шофирком аз падари қарздораш харида ба ҳоким пешкаш карда буд. Духтар ба Аҳадхон ҳеҷ сар намефурорад, аз вай чун ғизоли рамида фирор карда дар тоқча ё пушти таҳмон ҷогаҳ мешавад. Тӯраҷон «аҷаб кайфияте дорад ба мақсад норасиданҳо» гуфта, аз рамиданҳои духтарак завқ мебарад. Девонбегӣ баъзан аз фитнаю фасоди эҳтимолии бародарони тӯра хавотир кашида ба ӯ маслиҳат медод, ки хотирҷамъ нанишинад, балки ба пойтахт ҷосусҳои худро фиристонад, дар он ҷо фалонӣ бий, фалонӣ додхоҳ, фалонӣ иноқро бо ваъдаҳо ва туҳфаҳо ба худ ёр созад, ё ки ба вай, яъне ба девонбегӣ Усмонбек иҷозат диҳад, ки Бухоро рафта аҳволро дониста биёяд. Аммо тӯра ин маслиҳати хизматгори содиқашро рад карда мегуфт, ки дар бобати ишғоли тахти падар хотири ӯ ҷамъ аст, зеро ба ҳамин қарибӣ генерал Анненков ба ӯ ваъдаи ҳимояти генерал–губернаторро расонд. Ҳамин, ки хабари вафоти амир расид, хоҳ рӯз бошад ва хоҳ шаб, тӯра фавран ба Бухоро саворӣ хоҳад кард. Девонбегӣ тамоми асбоби сафари валиаҳдро таҳия намуда, ҳатто, ки аз сипоҳу навкару амалдору савдогарон қариб ҳазор нафарро дар Кармина гирд оварда, ба рикоби ӯ тайёр карда мондааст.

Пагоҳии 31 октябр Абдулаҳад дар меҳмонхонаи худ бо ҳамроҳии Усмонбек ва Яхшибек хушу хуррам сабуҳӣ карда нишаста буд. Аз даричаи кушодаи меҳмонхона гунбази нилгуни масҷиди ҷомеи шаҳр метофт, ки дар офтоби пагоҳонӣ медурахшид; дар болои гунбаз ошёни лаклак намудор буд, ки ба баландӣ қариб якуним қади одам

меомад, зеро лаклакҳо ҳар сол ошёни навашонро бар болои ошёни кухна месохтанд.

– Девонбегӣ, чиба имсол лаклакҳо барвақт парида рафтанд? – хавотир кашида мепурсид тӯра. – Боз ин фоли бад набошад?

– Не, тасаддуқ шавам, асло фоли бад не, баръакс, фоли нек аст, – валиаҳдро тасаллӣ медод девонбегӣ. – Лаклакҳо барвақт парида рафтанд, ошёнашон холӣ монд, яъне ин ки тахти подшоҳӣ ҳам, иншоаллоҳ, ба тезӣ холӣ мешаваду тӯра ҳам ба он менишинанд.

Баъд тӯра ба ҳамнишинонаш ғазалеро, ки шаб навишта буд, хонда дод. Дар ғазал шоири оҷизи (тахаллуси Аҳадхон дар шеър Оҷиз буд) дилбохта ба маъшуқаи худ зорӣ мекард, ки дар базми висол ба рақибон нанигарад ва илтифоте накунад; маъшуқа розӣ мешуд, аммо боз дар айни нозу ишва хато карда, ба рақибон назари илтифот меафканд, ошиқ музтарибҳол мегардид. Дар як мисраъ хитобан ба маъшуқа гуфта мешуд: «Ошиқи ту з–ин хато сад бор мегардад хитой».

Девонбегӣ ва удайчӣ аз таги забонашон забон бароварда ба таърифи шеър даромаданд:

– Ҳай–ҳай, чӣ ҳунаре, чӣ истеъдоде! Хоҷа Ҳофиз агар ин масраъро мешунид, дасти тӯраҷонро мебӯсид, «Тасаддуқ шавам, лутф кардед, лутф!»–бо шавқи бениҳоят санохонӣ менамуд девонбегӣ. «Тӯра ҳам хато карданро бо хитой шудан ҳамчунон мос овардаанд, ки бай–бай! тапатахт часпидаасту мондааст–а!» – шеършиносии худро изҳор мекард удайчӣ...

Тӯраи шоир аз ин мадҳу санохо болида қабат–қабат гӯшт гирифта истода буд, ки дар даҳлези меҳмонхона қосиди аз Бухоро омада – қаровулбегии саропо чанголуд пайдо гардид. Аз пайдоиши ногаҳонии ӯ ҳайрон нашуданд, зеро ба дарбонҳо амр шуда буд, ки ҳар гоҳ қосид биёяд, фавран ба назди тӯра дароранддаш.

Қаровулбегӣ қуттичаро бароварда бӯсида, дар чашмонаш молида ба тӯра дод. Вақте ки Аҳадхон онро мекушод

дастҳояш меларзиданд ва дар лабонаш табассуми ноаёне бозӣ мекард. Вай ба хат як чашм давонду якбора кӯдаквор ҳунгас зада гирист, рӯймолчаи шоҳии гулобирангашро бароварда ба чашмонаш гузошт ва фарёд мекашид, ки: «Во қиблагоҳам! Во пушту паноҳам! Во султонам! Фарзанди бадбахтатонро ба кӣ партофта рафтед?!» Девонбегӣ ва удайчӣ, инчунин қаровулбегӣ ҳам бо аломати гиря фаши саллаҳошонро ба чашмҳошон кашиданд. Ҳар чорашон ҳамин тарз ду–се дақиқа азодорӣ карданд. Яхшибек оҳиста ангушт ба даҳон тар карда ба чашмаш молид.

Ниҳоят тӯраи оромшуда ба ҳар се ҳозирон пушт гардонда истода:

– Ба қаровулбегӣ сарупо дода шавад, – гуфт ва дасти рӯмолчадорашро дар чашмонаш нигоҳ дошта, дасти дигарашро ба тарафи қосид дароз кард, қосид дарров дуқад шуда дасти панҷаҳояш ғафс–ғафси сермӯйи ӯро гирифта бӯсиду пуштнокӣ рафта аз дар берун шуд.

– Тезтар лавозимоти сафарро тахт кунетон, – фармуд Аҳадхон ба амалдоронаш.

Девонбегӣ таъзимкунон баромада рафт. Ӯ кӯшиш мекард ба рӯйи тӯра нигоҳ накунад, зеро чашмонаш хушк буданд. Удайчӣ дид, ки чашмони тӯра ҳам хушканд...

* * *

Расо дар соати яки рӯз ба роҳ баромаданд. Тӯра дар сари чанд сад нафар савор бо шитобу ҷадал асп меронд. Ба вай аз маснади бекӣ то тахти амирӣ фақат ёздаҳ фарсанг масофа мондааст, ки онро ҳарчӣ зудтар бояд тай кард.

Тирамоҳ кайҳо аз нисф гузашта бошад ҳам, ҳаво хушк, дами офтоб ҳанӯз гарм, рӯз тафсон буд, аз зери суми аспон чанги ғализе фаввора зада чеҳраи софи фазоро ғуборолуд мекард. Баъди ду фарсанг роҳ паймудан дар деҳаи Малик таваққуф намуда, аспони арақшорро дам доданд, намози пешинро хонданд. Рӯз ба бегоҳӣ моил шуда салқинӣ фуромада буд, ки боз саворӣ намуданд.

Тӯра ва ҳамрикобонаш ҳама шаб беист роҳ паймуда, соате пеш аз бомдод ба чорраҳае, воқеъ дар якуним фарсанги Бухоро расиданд. Дар ин ҷо валиаҳдро чандин даста сарбоз, дастаи муллоён ва амалдорони пойтахт пешвоз гирифтанд. Дар байни ғалоғулаи табрику таҳният, дуою таъзим, хушомаду рикоббӯсии намояндагони пойтахт тӯра худро дар арши аъло медид ва Фиръавнро камтарин навкари худ медонист.

Машаққати ёздаҳ фарсанг роҳи пурпечу хам ӯро гӯё, ки ҳеҷ хаста накарда буд. Ин ҷавони бистуҳафтсолаи шоиртабиат, айёш, бедонабоз ва кӯпкоритоз дасти рост дар миён, дасти чап дар қабзи шамшери ғилофаш зарнигори ҷавоҳирнишон, дар болои аспи сафед бо як карру фарри хисравӣ нишаста мерафт.

Ба шукронаи тахтнишинӣ зиёрати мазори ҳазрати Баҳоваддини Нақшбанд лозим дониста шуд. Шотирони тӯра ҷилави аспи ӯро ба роҳе, ки аз чорраҳа ба ҷониби мазори Баҳоваддин мерафт, кашиданд. Бештарини истиқболкунандагони бухорой низ ба вай ҳамроҳ гардиданд. Тӯра бо се ҳазор ҳамрикоб дар субҳидам ба мазор расида, намози бомдодро дар масҷиди он ҷо хонд.

Бедории шаби гузашта ва кӯфтагии роҳи дур ба тӯраи ҷавон он қадар таъсир накарда бошад ҳам, ҳамроҳони солхӯрдаи ӯро беҳол карда буд, онҳо дар вақти намоз бо сурину миёнҳои дардманд, сарҳои гарон ва чашмҳои хоболуд базӯр хаму рост мешуданд.

Баъд аз намоз ҳамаашон ба сари қабри Баҳоваддин рафта, фотиҳа хонда, дастҳошонро ба "Санги мурод"– тахтасанги сиёҳи поёни қабр, ки аз дастсойиҳо сайқал гирифта буд, расонида ба чашму рӯйҳошон молиданд.

Аммо он чи ки пас аз ин маросим ба вуқӯъ пайваст, карминагиҳоро даҳчанд зиёда аз бехобию машаққати роҳ коҳиш дод. Аввалан сию ду шайхи мазор ба даҳ ҳазор танга назре, ки аз валиаҳд гирифтанд, қонеъ нашуда, аз ҳар кадоми зиёраткунандагон ба қурбу ҳимматаш нигоҳ

карда чору панҷ то дусад–сесад тангагӣ рӯёнданд. Мусофирон бо мақсади давом додани сафари худ ба тарафи дарвозаи берун равон шуда буданд, ки издиҳоми дарвешон ва гадоёни сари мазор ба онҳо дарафтиданд. Аз масҷиди даруни хонақоҳ ба тарафи дарвозаи берун бо роҳрави дарозе омада мешуд, дар ду тарафи роҳрав қатори хоначаҳои пастаки лоин – зистгоҳи гадоёни хоси сари мазор воқеъ шуда буд, хоначаҳо ба ҷойи дар сӯрохе монанди даҳони ғор ё танӯр доштанд. Ҳамин, ки аҳли корвони тӯра ба тарафи дарвоза қадам заданд, аз он сӯроххо гала–гала маъюб ва маслуқҳо хазида баромадан гирифтанд. Дар як дам роҳрави дарозу фарох аз онҳо пур шуд. Калу кӯрҳои ҷулдурпӯш, шалҳо, кампирҳои аҷуза, ким–чӣ гуна махлуқҳои одамшакли чашмковок, биниҳошон мисли гӯри фурӯрафта ва даҳанҳошон ҳамчун лонаҳои деворӣи гунҷишкон во, дасту по ва рӯю гарданҳошон мисли тапакҳои рӯйи бому девор пур аз захмҳои чиркбаставу бадбӯй, ба гирди мусофирон печиданд. Онҳо ба домани тӯра низ дарафтида, ҳамаашон баробар бо як шӯру валвалае, ки навҳаи аҳли мурдахонаро ба хотир меовард: «Тӯраҷон, хайр кунед, илоҳӣ зиёрататон қабул шавад! Илоҳӣ Ҳазрати Баҳоваддин дастгири шумо шаванд! Илоҳӣ ҷаҳонгир шавед!» гӯён кафи дастҳои чиркини пурзахми худро қариб ба риши ӯ мерасониданд, аз бару остинаш мекашиданд. Тӯра дар ин дам ба кисааш пуле надошт, ки садақа кунад, дар байни издиҳоми гадоён саросемаву парешонҳол монда, на роҳи пас дошт ва на роҳи пеш. Аз тарафе навкару сарбозони вай ҳозир гашта, гадоёнро бо қамчину қундоқи туфангҳошон бераҳмона зада пароканда карданӣ мешуданд, бо вуҷуди ин гадоён аз сари роҳи тӯра дур намегардиданд. Оқибат яке аз маҳрамони ӯ: «Мана, гиреду тӯраамро дуо кунед!» гуфта, як ҳамён тангаро бароварда ба болои гадоён пошида буд, ки онҳо ба тангачинӣ андармон шуда домани тӯраро раҳо карданд. Вай савлату салобати подшоҳонаро фаромӯш карда, саро-

семаву саргум аз байни онҳо бадар рафт. Афту дарафт, занозанӣ, часпочаспии гадоён дар сари ҳар як танга ба назарҳо манзараи устухонталошии сагонро ҷилва дод. Боқувваттар беқувватро пахш карда тангаро аз кафи ӯ зада мегирифт. Шали барҷомонда тангаеро дар айни талош аз хок бардошта ба даҳонаш андохт, гадои дигар ӯро зер карда бо зӯри панҷа даҳонашро кушода тангаро берун кашид. Як гадои дигар мушти вайро газида яла карда ғаниматашро даррабуд. Ҳамроҳони валиаҳд дар анбуҳи издиҳоми пуршӯру ғавғои гадоён моломол шуда, бо ранҷу заҳмати зиёд ба худашон роҳи баромад мекушоданд.

Шотиру саисҳо аспҳои бо зину абзолро дар пушти хонақоҳ нигоҳ дошта истода буданд. То хоҷагони онҳо худҳошонро аз дасти гадоёни шилқину шариру авбош халос карда, бару доманҳошонро афшонда дар берун ҷамъ омаданд, ки як ним соат гузашт. Ҳамаашон фавран савор шуда аз пушти тӯра ба роҳ даромаданд.

Пешопеши ҷамоати як тӯда шотирҳои салласафед бо ҷомаҳои рангоранг ва камарбандҳои фаррохи бахмал, дар дастҳошон чӯбдастҳои дароз, давон–давон мерафтанд. Аз паси онҳо тӯра дар танаш ҷомаи нилобиранги зардӯзии мурассаъ ба ҷавоҳирот ва дар сараш дастори сафеди ҳамчунин мурассаъ ба дурру гавҳар, дар миёнаш шофи қабзааш лаълкӯби зумурраднақш ба ғилофи тиллокории ҷавоҳирнишон, савора дар аспи сафеди ороста бо зину абзоли заррин, бо як виқору савлати искандарӣ роҳ мепаймуд. Ду шотири ҷомаҳои шоҳии нуқраранг бар тан аз ду тараф ҷилави аспи ӯро дошта мерафтанд.

Бо ҳамин ҳашамату дабдаба тӯра вориди пойтахт шуда, бо хиёбони Чорсӯ ба тарафи арк равон гардид. Ба халқи тамошобин ва муллову сипоҳиёне, ки саросар ду тарафи хиёбонро гирифта буданд, назаре нанамуда, рост ба пеш нигоҳ карда мерафт. Карру фараш чунон буд, ки гӯё даҳ кишварро кушода омада бошад. Издиҳом ғавғо ва ҳаёҳу меандохт, нидоҳо ва фарёдҳои ғулғуланок баланд мешу-

данд; маълум набуд соҳибони ин фарёду нидоҳо чӣ мегӯянд, тӯраро муборакбод мегӯянд ё дашном медиҳанд, таҳният мекунанд ё лаънат мехонанд. Дар баъзе ҷойҳо ясавулон мардумро бо чӯбдасту қамчинҳо саркӯбӣ намуда ба канор меронданд. Ҳолату ҳангома шабеҳи он буд, ки гӯё ба шаҳр фотеҳи бегонае бо ӯрдуи ҷаррори худ дохил шуда бошад.

Ба арк даромадан замон нахустин фармони фармонфармои нав ин буд, ки мурдаи падарашро зудтар гӯронанд. Дар давлатхона будани ҳатто мурдаи амири собиқ ҳам барои худро ҳокими мутлақ ҳис кардани Сайид Абдулаҳад Баҳодурхон халал мерасонд.

Фармон ҳамон соат ба ҷо оварда шуд. Мурдаро бо шитобу ҷадал ба мазори ҳазрати Имло бурда ба хок супурданд. Аз пушти тобути ӯ на вориси тахташ рафт ва на ягон писари дигараш.

Аҳадхон дар арк се рӯзро ба истироҳат ва айшу ишрат гузаронд. Рӯзи чорум – даҳуми моҳи сафар ӯ баъд аз базми шароб ва рақсу суруди амрадҳо аз хоб дер хеста, соати ёздаҳи рӯз бо сари аз нашъаи шароби дишаба гарон ва чашмҳои хумори мастона ба айвони сарое, ки дар он ҷо тахти амир истода буд, баромад.

Дар сарой як чорсад нафар саркардаву мансабдор, сарони қавму қабилаҳои ӯзбек, калонҳои рӯҳониёни Бухоро ҷамъ шуда, дар интизори баромадани валиаҳд истода буданд. Тахти амир–санги мармари хокистарранги кабудтоб, қадаш ду газ ва бараш ҳам ду газ–бо ҳафт қабат дебои ҳиндиву бухорӣ пӯшонида шуд. Ба пеши тахт намади чун барф сафедеро паҳн карданд.

Аҳадхон дар ҷавоби таъзиму тавозӯъи ҷамоат коҳилона саре ҷунбонида ба рӯйи намад нишаст. Ҳамин, ки нишаст, мансабдорони калон, сарони қабилаҳо ва калонҳои рӯҳониён намадро якбора аз чор тарафаш гирифта, тӯраро бардошта ба болои тахт нишонданд. Аз онҳо яке Остонақул буд.

Ҷамоат ҳама якбора дастҳоро боло карда, ӯро дуо намуданд, муборакбод гуфтанд. Баъд маросими дастбайъат, яъне дастбӯсии амири нав, ки ин дар айни ҳол қасами садоқатмандӣ ва фармонбардорӣ ҳисоб меёфт, сар шуд. Аввал хоҷаи калон – сари рӯҳониён, баъд нақиб – ин ҳам аз ҷумлаи сарони рӯҳониён, аз паси ӯ қушбегӣ Шоҳмуҳаммади пир, Остонақул бий–додхоҳ, Муҳаммадшариф-девонбегӣ, сониян саркардагони лашкар–парвоначиҳо, иноқҳо, бийҳо, аз он пас мансабдорони пасттар дуқат шуда рафта, аз се палла зинапоя баромада, як–як дасти амири навро гирифта бӯсиданд.

Амир бо қиёфаи дилгиронае менишаст, аз кашол ёфтани дастбайъат зиқ шудани ӯ аён буд; зоҳиран ба дилаш мегуфт: ҳамаатон тезтар ин дастбайъати сабилмондаатонро тамом кунеду аз ин ҷо дафъ шавед, ки сарам дард гирифт, ман мехоҳам то намози пешин соате хоб карда дамамро гираму ба худ оям...

## БОБИ ПОНЗДАҲУМ

Бегоҳии рӯзи тахтнишинӣ, вақте ки Остонақул ба саломхонаи арк даромад, амири ҷавон ба истиқболаш ҳатто аз ҷо бархоста то пойгаҳи хона омада, дар пеши назари бузургони мамлакат бо вай вохӯрдии бағалкаш кард. Аҳадхон аз вай миннатдор буд, – охир, бий–додхоҳ рақибони амири нав – бародарони ӯро «саришта» карда аз фитнаи эҳтимолии онҳо пешгирӣ намуд, ба илова, то аз Кармина ба Бухоро расида омадани валиаҳд вафоти амири собиқро ба як тарзи мудаббирона аз халқ пинҳон дошта тавонист. Ба ҳамин тариқ, ӯ барои осудаву хотирҷамъ бар тахт нишастани амири нав мадад расонд. Илтифоти хоси Аҳадхон нисбат ба Остонақул аломати он буд, ки вай аз ин хизмати содиқонаи амакаш розӣ аст ва аз ӯ қадршиносӣ мекунад.

Вақти он расид, ки парда аз рози ниҳонии Остонақул бардорем ва бигӯем, ки вай ҳам монанди Шоҳмуҳаммад-қушбегӣ ва Муҳаммадшариф-девонбегӣ мақсадаш Ҳисори Шодмон буд. Ҳисор аз доруламорат дур аст, амиру вазир ба кори ҳокими он вилоят камтар дахолат мекунанд, бий–додхоҳ метавонад дар он ҷо мустақилона қариб ба нисфи мамлакат ҳукмронӣ намояд. Ин буд андеша ва нияти Остонақул. Вай бовар дошт, ки амири нав бародарони аз худаш калонсолро (амирзодаҳои ҳокими вилоятҳо аз Аҳадхон калонсолтар буданд) ва албатта, дар навбати якум бародари аз ҳама калонаш–ҳокими Ҳисор Муъминтӯраро аз мансабҳояшон бекор хоҳад кард, зеро ки онҳо дилозурда мебошанд, ворисӣ тахти падар шудани додарашонро ноҳақ ҳисоб мекунанд ва бадхоҳони ваянд. Маснади ҳокимии Ҳисор ба ин зудӣ холӣ хоҳад шуд. Остонақул ба мукофоти хизматаш он маснадро аз амири нав дархост хоҳад кард.

Тамаъи ҳокимии Ҳисор дар дили Остонақули аҳвомпараст баъди як хоби дидагиаш мустаҳкам гардид. Шабе аз шабҳо дар Шаҳрисабз ӯ хоб дид, ки шамоли тӯфоние хестаасту вай дар болои харсанге истода харобкории онро тамошо мекунад – тӯфон иморатҳоро ғалтонда рӯфта мебурд, дарахтонро мешикаст. Остонақул пагоҳӣ мунаҷҷимро талабида аз вай таъбири хобашро пурсид. Мунаҷҷим аввал донистанӣ шуд, ки аз тӯфон ба шахси Остонақул осебе расид ё не. Остонақул ҷавоб дод, ки не, нарасид, тӯфон вайро ҳатто аз ҷояш наҷунбонид. Он гоҳ мунаҷҷим китобҳояшро дида, хоби ҳокимро чунин таъбир кард: дар мамлакат фитнаву ошӯбе хоҳад бархост, ҳокимон ва дигар бузургони мамлакат аз маснаду мансабашон ҷудо гашта ба ҳар тараф пароканда хоҳанд шуд, аммо Остонақул дар маснадаш барқарор хоҳад монд ва чун ӯ дар хобаш ҳангоми тӯфон бар болои харсанге истода буд, гумони ғолиб бар он меравад, ки пойгоҳи мақому маснади мазкур дар ҷойи кӯҳистон бошад... Остонақул ба таъбири хобаш бовар кард. Вай «фитнаю ошӯб»–ро тасаллути

наздики Русияи подшоҳӣ дар аморати Бухоро донист. Он вақтҳо дар байни аксари амалдорон сипоҳиён ва як қисми аҳолии мамлакат чунин гумоне ва эътиқоде паҳн шуда буд, ки дар вақтҳои наздик подшоҳи Русия аморати Бухороро монанди хонии Хуқанд, зер карда гирифта ба Русия ҳамроҳ менамояд. Онҳо Аҳадхони бо раъйи оқподшоҳ валиаҳдшударо дастнишондаи русҳо пиндошта, бар тахт нишастани ӯро ибтидои тасаллути Русия медонистанд. Остонақул низ ба ҳамин ақида буд. Аммо вай аз чӣ сабаб бошад чунин мепиндошт, ки ҳаройина оқподшоҳ барои пешгирӣ ва низоъ бо давлати Инглис, – зеро агар ҳудуди Русия то ба наздикии сарҳадди Ҳиндустон расад, сабаби низоъ мешавад! – ё Бухорои Шарқиро дар тасарруфи аморат хоҳад гузошт, ё ки ҳеҷ набошад, онро ниммустақил нигоҳ хоҳад дошт. Бий–додхоҳ умед дошт, ки агар вай то он вақт ҳукумати Ҳисори Шодмонро ба даст дарорад, аз рӯйи ҳусни таваҷҷуҳе, ки русҳо нисбат ба худаш доранд, вай ба қавли мунаҷҷим «дар маснади худ барқарор» хоҳад монд. Амир бошад, дар он вақт эҳтимол монанди Худоёрхони хуқандӣ ва бекҳои собиқи Шаҳрисабзу Китоб нафақахӯри ҳукумати подшоҳӣ шуда умр ба сар барад...

Вақте ки Остонақул дар рӯзи дуюми тахтнишинии Аҳадхон баногоҳ дарди суринаш гирифта бистарӣ гардид (ӯ ҳангоми лашкаркашии Музаффархон бар зидди бекҳои Шаҳрисабзу Китоб аз асп ғалтида, устухони паҳлуи рости аз миён поёнтараш маиб шуда буд ва гоҳ–гоҳ сахт дард мегирифт), амири ҷавон ҳар рӯз як бор марҳами худро фиристода аҳволи беморро мепурсид. Рӯзи даҳум худаш ба беморбинӣ омад. Остонақул дардаш сабуктар шуда буд ва хеста менишаст.

Сарбозон, навкару маҳрамони амир кӯю кӯчаҳои атрофи ҳавлиро ишғол карда дар берун монданд, худаш дарун даромада дар хонаи васеи кӯшки аз Аббосбой меросгирифтаи бий–додхоҳ воқеъ дар наздикии Манори Калон, бо ӯ хилват орост.

– Шумо омада–омада ҳамин рӯзҳо касал шавед–а, бий–додхоҳ! Ҳамин ҳам кор шуд? – шӯхӣ кард Аҳадхон. – Ба Худо, ки агар гувоҳии табибатонро нашунида будам, гумон мекардам, ки шумо қасдан аз мо гурехта худатонро ба касалӣ задед.

– Ин фақир ҳамин қадар фикр мекунам, ки чӣ гуноҳи калон карда будаам, ки Худо дар ин айёми саид – дар аввалин рӯзҳои салтанати амири ҷавонбахтам, валинеъматам, мавлоям дарди куҳнаи маро нав карда, ғуломашонро аз саодати хизмат дар пояи тахти искандарӣ маҳрум сохт, – ба зӯр хеста, таъзим баҷо оварда гуфт Остонақул. – Аммо маълум мешавад, акнун гуноҳам нафақат маоф шуда, балки боз Парвардигор маро ба ин шарафи воло ва ба ин саодати аъло сазовор дидааст, ки аълоҳазратам ба кулбаи ҳақири ин фақир қадами муборак ранҷа фармудаанд.

Амир нишаста сари суҳбати дарозеро боз кард. Аввал аз бисёрии ташвишҳои салтанатии худ сабук шикояте намуд, афсӯс хӯрд, ки дар ин муддат марди мудаббире ва хирадманде ҳамчун бий–додхоҳ назди ӯ ҳозир набуд. Сипас чигунагии он ташвишҳоро баён кард. Бо фармонҳои нав ва «дигаргуниҳо»-и ҷорӣ кардааш худписандӣ намуда гуфт, ки аз амири марҳум саду панҷоҳ нафар занҳои «манкуҳа ва ғайри манкуҳа»[1] монда будаанд, ӯ «як олам хархашаву арбада»-ро таҳаммул карда, ҳамаи он занҳоро бо додани анҷоми рӯзгорашон ба худашон, аз ҳавлиҳои арк берун намуд. Хӯҷаҳои хонадомод, ки амири марҳум аз арк берун баромадани онҳоро ҳамешагӣ манъ карда буд, аз ваҳҳи ин ки метарсид мабодо ба воситаи онҳо сирру асрори дарборӣ ба даҳони мардум наафтад, низ аз даргоҳ ронда шуданд. Сониян, ӯ ба салоҳи дину шариат ва некии ахлоқи мусулмонон амре содир кард, ки аз ин баъд рақсондани амрадҳо ва бачаҳо дар кӯчаву майдонҳои шаҳр, фурӯши машрубот, истеъмоли алфози қабеҳ дар бозорҳо мамнӯъ аст. Одамони раису миршабҳо ба хилофи

---

[1]. Манкуҳа ва ғайриманкуҳа – никоҳӣ ва ғайри никоҳӣ.

ин амр рафторкунандагонро дар ҳама ҷо дастгир намуда, дурра зада, ё ҷарима карда, ё ки ба зиндон андохта истодаанд. Вай ин пагоҳ фармон дод, ки се–чор нафари дастгиршудагонро ба майдони Регистон бароварда, сар бизананд, то ки ибрати мардум шавад. «Дарди сар»-и дигар кори бандиҳои зиндон буд: дар зиндон чандсад нафар бандӣ аз як сол кашида то биступанҷ–сӣ сол боз зинда–зинда пӯсида хоб карда будаанд, маъмурони зиндон дар бораи онҳо аз тарс ба амири марҳум арздоште намекардаанд, аз ин сабаб дар давоми аморати биступанҷсолаи қиблагоҳии марҳум чандин ҳазор бандӣ дар зиндон мурдаанд; ӯ фармон дод, ки тақдири зиндамондагон зудтар ҳал ва зиндон барои бандиҳои нав холӣ карда шавад. Инак, имрӯзҳо ҳар рӯзе ҷаллодон бандиҳоро сенафарӣ–чорнафарӣ ба Регистон бароварда сар бурида, якто–нимто бандиҳои гуноҳашон сабуктарро чӯбу дарра зада раҳо карда истодаанд.

Баъд Аҳадхон аз «мудохалаи намояндагони Русия» ба корҳои дохилии аморат шикоят кард.

– Ба ин ҷо аз кадом гӯре як нафар одами губурнотӯри Туркистон омада будааст, Кари Юсуф[1] ном, – гуфт амир, – вай ҳар рӯз Ҷалолиддини тарҷумонро ҷеғ зада, аз номи губурнотӯр «амир ин тавр кунад, он тавр кунад» гуфта, дастурҳо медиҳад. Барои таҳнияти мо як ҳайати сафорати Урусия меомадааст, то омадани ин сафорат ман аз барои хушнудии импротур зиндонҳоро, обхонаю канахонаро нест кунам, ба мисоли турмаҳои Русия ҳабсхонаҳои нав созонам будааст. Аз Чоруқуф[2] ҳам ба ҳамин мазмун мактуб омад... Шумо чӣ маслиҳат мебинед, бий–додхоҳ, ман ба онҳо чӣ хел ҷавоб диҳам дуруст мешавад?

– Ҷаноби олӣ худ беҳтар медонанд, – гуфт Остонақул, – аммо маслиҳати ин фақир ин аст, ки ба пешниҳоди ваки-

[1]. Кари Юсуф–Карсев, капитани штаби генералии Русияи подшоҳӣ, аз маъмурони сохтмони роҳи оҳан дар Осиёи Миёна.
[2]. Чоруқуф –Чариков намояндаи дипломатии вақти Русия дар Бухоро.

лони Русия не нагӯянд, хуб гӯянд, аммо корро бо ҳар хел баҳона файсал диҳанд, ақиб партоянд. Қушбегӣ ва девонбегӣ ваҷҳ гӯянд, ки агар мо ҳозир зиндон, обхонаву канахонаро нест кунем, душманони ҷаноби олӣ, қотилон, дуздон далер мешаванд. Охир, султоне, ки зиндон, дурраю кундаву занҷир надошта бошад, чӣ султонест? Аз вай кӣ метарсад?

Аҳадхон, ки ба суханони Остонақул сари ризоият меҷунбонид, бо хандаи истеҳзо гуфт:

– Чоруқуф боз илтимос кардааст, ки маҳбусони сиёсӣ аз обхонаю канахона ба ҳабсхонаи дигар, аз қабили турмаҳои русию фарангӣ кӯчонда шаванд, муҳлати ҳабсашон, хӯроку пӯшокашон муқаррар шавад.

Остонақул ҳам хандид.

– Ба Шаҳрисабз як нафар сайёҳи рус омада буд, – нақл кард вай, – худаш гиёҳшинос будааст, илтимос карда буд, ки фақир ба вай бор диҳам.[1] Бор додам, омад. Дар байни гапаш гуфт, ки ҷаридаҳои Фарангистон аз ваҷҳи Бухорою Хева дар ҳимояти давлати Урусия бошанд ҳам, дар он хониҳо маҳбусонро ваҳшиёна азоб медиҳанд, заҷр мекунанд, дар зиндонҳои торик зинда–зинда мепӯсонанд ва Урусия худашро давлати мутамаддин[2] мешумораду лекин дар хониҳои ба ҳимояташ будагӣ зиндонҳоро нест намекунонад. Аз ваҷҳи зиндонҳо ба ҷаноби олӣ нома навиштани Чорӯқуф ба мулоҳизаи ҳамин айбмонии фарангистониҳост, набошад, Урусияро ба зиндонҳои мо чӣ кор? Фаранг шариати муҳаммадии моро чӣ медонад? Боз худи ҷаноби олӣ беҳтар медонанд–ку, лекин ба ақли кӯтоҳи ин фақир мерасад, ки дар ин бора ба Чорӯқуф: «обхонаю канахона гапи хушкухолӣ аст, инҳо ҳабсхонаи даруни Арк мебошанд, ки аз хонаҳои муқаррарии мусулмонон фарқ надоранд ва ҳам ин ки аз ваҷҳи хӯроку пӯшоки маҳбусон ҳеҷ кӯтоҳӣ карда намешавад» гуфта ҷавоб гардонанд беҳтар мешудагист.

---

1. Бор додан – ба маънои қабул кардан.
2. Мутамаддин – ботамаддун, маданӣ.

Аз каллаҷунбонии андешамандонаи амир маълум мегардид, ки ин маслиҳат ҳам ба вай маъқул аст.

Сухан ба болои радду бадали мансабдорон ва ҳокимони вилоятҳо омад. Аҳадхон гуфт, ки ӯ мехоҳад ба ҷойи бародарони ҳокимаш дар вилоятҳо касони дигарро ҳоким кунад, инчунин ғуломи бобову падараш Шоҳмуҳаммад-қушбегиро ҳам аз кор холӣ намояд ва писари вай Муҳаммадшариф-девонбегиро ба яке аз вилоятҳо ҳоким карда фиристода, ба ҷояш девонбегии собиқи карминагии худ Усмонбекро таъин намояд. Аммо ба ҷойи қушбегӣ вай аз бий–додхоҳ муносибтар номзадеро намебинад. Дар ин хусусҳо ӯ фикри бий–додхоҳро пурсид.

Остонақул аз ин нияту нақшаҳои шитобкоронаи амири ҷавон дар хавотир монд, зеро ин навъ рафтори амир бо бародаронаш ва бо ду вазири бонуфузи падараш бехатар намебошад. Мумкин аст, ки бародаронаш ё як–ду нафари онҳо исён кунанд ва инчунин вазирони ҳозира ҳам даст ба душманӣ зада фитнае хезонанду кор рафта–рафта ба мудохилаи мусаллаҳонаи генерал–губернатори Туркистон кашад.

Он гоҳ бо ҳамроҳии осоиштагии аморат нақшаҳои ӯ, яъне Остонақул ҳам мумкин аст барбод равад. Назар ба гуфти амир, вазирони ҳозирааш–қушбегӣ ва девонбегӣ ӯро ба зудтар маъзул кардани бародарони ҳокимаш ташвиқ мекардаанд, зеро он бародарони калонӣ агарчи се нафарашон, бо истиснои Муъмин-тӯраи ҳокими Ҳисор, арзи итоат карда бошанд ҳам, дар дилҳошон ба тахти падар нишастани додарашонро ноҳақ ҳисоб мекунанд, норозӣ ва озурда мебошанд. Мақсади қушбегӣ, албатта, ба ҷойи он ҳокимони маъзулшуда зудтар писару набераҳои худро нишондан аст.

Остонақули дурандеш ва муғамбир манфиати худро дар назар дошта, бешитоб ба чунин муҳокимаронӣ шурӯъ кард:

– Он чи ҷаноби олӣ фармуданд, айни хирадмандӣ ва тадбири хисравист. Аммо маслиҳат ин аст, ки дар умури

ҷаҳондорӣ ҳаргиз шитобкориро раво надоранд. Бародарони дилозурдаро дар ҳукумати қалъаҳо дер нигоҳ доштан, албатта, салоҳ нест, аммо онҳоро ба тадриҷ, якта–якта маъзул кардан лозим. Ҳоли ҳозир дили онҳоро ба лутфу навозиш нарм карда истодан беҳтар аст. Тӯраи Ҳисор агар то алвақт арзи итоат накарда бошад, аз ин ҳам хотири муборак набояд парешон шавад. Аълоҳазратам аз муътабарони даргоҳ якеро ба номаи лутфомез ва бо туҳфаю ҳадоёи[1] муносиб ба Ҳисор фиристанд, дар нома ба бародари киромӣ нависанд, ки: ба итоат ой, вагарна Урусияи баҳонаҷӯй мамлакатро забт мекунад, он гоҳ ман ҳам, ту ҳам аз ҷоҳу ҷалол маҳрум мешавем. Фақир аминам, ки ин хел нома, ба иловаи туҳфаю ҳадоёи арзанда ва лутфомез, ба тӯра таъсир накарда намемонад. Сонитар тӯраро ба мулоимат, бо ягон ваҷҳи шаръӣ оҳистекак аз сари кор дур мекунанд, зеро то ки тӯра ҳокими қалъаест, хотири муборак аз вай осуда нахоҳад буд... Бо ҳамин мулоҳиза ба қушбегӣ ва девонбегӣ ҳам ҳоли ҳозир даст накобанд, беҳтар аст. Дуруст аст, ки ба садоқати ин ҷанобон эътимоди том нест, худораҳматӣ қиблагоҳатон ҳам аз инҳо дилашон он қадар пур набуд, ки ваҷҳашро худи ҷаноби олӣ нағз медонанд. – Инро гуфта Остонақул ба амир нигоҳи маънидоре кард, амир фаҳмид вай чиро дар назар дорад: гап ба болои овозаи оид ба аҳду паймони махфии девонбегӣ бо ҳукуматдорони русии Туркистон буд. – Аммо онҳо, – суханашро давом дод Остонақул, – сарват доранд, нуфуз доранд, тарафдорони бисёре доранд, метавонанд бо душманони ҷаноби олӣ пайваста, даст ба фитнаю фасоде зананд. Тадбир ин аст, ки аввал тарафдорон ва ҳавохоҳонашонро оҳиста–оҳиста аз онҳо ҷудо бояд кард. Сонитар, вақте ки ҷаноби олӣ аз бародарони киромӣ хотирҷамъ шуданд, кори қушбегию девонбегиро баррасӣ хоҳанд кард...

[1]. Ҳадоё – ҳадяҳо, инъомҳо.

– Баъд шуморо қушбегӣ кунем, розӣ мешавед? – пурсид амир.

Остонақул даст ба сина гузошта нимтаъзиме карду гуфт:

– Аз банданавозии амирам сарфарозам. Аммо... бо иҷозати олӣ, ин фақир як савол дорам.

– Фармоед, бий–додхоҳ.

– Оё аълоҳазратам ба хазина мулоҳиза фармуданд, хазинаи давлат ба чӣ ҳол аст?

– Мазеш не, – содавор гуфт амир.

– Хироҷи имсола пурра рӯёнда шуда бошад ё не?

– Не. Дар чандин вилоят фақат нисфи хироҷи ҳарсола ё андаке зиёдтар аз нисф рӯйида асту халос. Алалхусус аз вилоятҳое, ки ҳокимҳошон бародарони киромии мо мебошанд, даромади хазина хеле кам шудааст, ана инаш аҷиб. Аз афти кор, тӯраҳо қисми зиёди хироҷ, закоти савоим, аминонаи бозорҳо ва ғайраро барои худҳошон даст гирифта истодаанду ба давлатхона хушксолӣ, ё камҳосилӣ, ё малах, ё муромурии чорворо баҳона мекунанд. Агар кӯҳистонро пурсед, чунончи, вилоятҳои Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегин, Дарвоз дар се соли охир хироҷро ё ҳеҷ надодаанд, ё ки хеле кам додаанд, чунки назар ба арздошти ҳокимон дар он тарафҳо се соли охир хушк омада, ғалла нарӯйидааст, ё онро малах хӯрдааст... Хӯш, шумо ин саволро барои чӣ додед, бий–додхоҳ?

– Ҳозир арз мекунам. Ин фақир аминам, ки нуқсон дар рӯёнидани хироҷи султонӣ ё натиҷаи бетадбири амалдорони ҷаноби олист, ё ки хиёнат. Сол хоҳ хушк ояд ва хоҳ тар, ҳуқуқи султонӣ бояд, ки бекаму кост рӯёнда шавад. Ҳокимон, амлокдорон агар дар хизмат кӯшо бошанд, уҳдабаро бошанд, камомади як хироҷро аз дигараш, ба масал, камомади хироҷи обиро аз лалмӣ, лалмиро аз чорво, чорворо гӯем, аз касаба мебароранд. Аз афти кор, дар ин боб девори хироҷ ҳам, ҳокимон ҳам корро саҳл гирифта истоданд. Акнун ин фақир ба саволе, ки фармуданд:

«қушбегӣ мешавӣ ё не?», ҷавоб медиҳам. Мавлои ман ба ғуломашон ҳар хизмате, ки фармоянд, соҳибихтиёранд, ин фақир ба ҷон хизмат мекунам. Аммо агар ба карами хисравона раъйи ин ғуломашонро пурсанд, ин фақир аз соҳибдавлатам Ҳисори Шодмонро тамаъ дорам. Фақир ба соҳибдавлатам қавл медиҳам, ки хироҷи султонӣ ҳамасола аз тамоми вилоятҳои кӯҳистон бо бақяҳояш пурра чида ба давлатхона расонида хоҳад шуд.

Дар лабони амир табассуми хушнудӣ падидор шуд.

– Бе ин қавлу ваъда ҳам, – гуфт ӯ, – мо ҳар мансаберо ки худатон хоҳиш кунед, ба шумо арзонӣ медорем, бий–додхоҳ. Мо қадри шуморо медонем.

...Баъди шаш моҳи ин гуфтугӯ Остонақул аз тарафи амир бо мартабаи қушбегӣ сарфароз ва ба ҷойи Муъминтӯраи маъзулшуда ҳокими Ҳисори Шодмон таъин карда шуд.

## БОБИ ШОНЗДАҲУМ

Вақти он аст, ки аз Мирзоакрамбои бӯстонӣ ёдовар шавем.

Чун Музаффархон бойро бад дида монда буд, ӯ дар зиндагии ин амир ба амалу мансаби наве умедворӣ надошт, магар ин ки боз мисли воқеаи таъини беки нави Қубодиён як омади кор шуда монад. Аҳадхон ҳам дар зиндагии падараш аз додани амале ба вай на танҳо худдорӣ мекард, балки ӯро умуман фаромӯш карда буд. Бинобар ин Мирзои Қорӣ муваққатан худро ба кунҷи хомӯшӣ кашида, пешаи судхӯриро ихтиёр карда, пулҳои аз закотчии Қубодиён ва фурӯши аспҳо пасандоз кардаашро ба деҳқонон, савдогарон ва косибони қарзхоҳ бо фоидаи ду дар саду се дар сад қарз дода, ба фароғати ҳол дар деҳаи худ мезист. Ӯ барои аз нав ба зини мансаб савор шуда гирифтан фурсати мусоид ва мавриди муносиберо пойида гашт.

Оқибат Музаффархон мурда буд, ки Қорӣ инро барои худ ҳамин гуна фурсати мусоид донист. Акнун Абдулаҳадхон соҳибихтиёр аст, агар бо ваҷҳе назари илтифоти амири нав ба Қорӣ ғалтида монад, аҷаб нест, ки ӯ боз соҳиби мансаб шавад.

Шабе аз шабҳо вай фикру андешаҳояшро дар хонаи хилват ба зани калонии худ баён намуда, бо ӯ машварат кард.

– Шумо ҳама вақт ба ман ҳолдон будед, ҷонсӯз будед, пошохон, гӯед, чӣ кор кунам?

– Илоҷи ин кор Зебӣ–дия, – гуфт Ибодатпошо. – Он дафъа шумо бедарак аз доду фарёди Рисолат тарсидед. Дод гуфта куҷо ҳам мерафт? Як ду рӯз доду бедод мекарду баъд хап мешуду мемонд. Вай як умраш аз сари танӯру оташдон онсӯтар наомада бошад, чиро медонад? Агар ҷаноби олӣ духтарашро назарашон гирад, ҷон–ҷон ҳам гӯяд! Шумо ба зан асло гузашт накунед, дадеш; мард бояд, ки ба мардияш истад.

– Бо шумо ман, дарвоқеъ, ҳар вақт гузашт карда омадаам–ку, пошохон, – хотиррасон кард Мирзои Қорӣ.

– Ибӣ, мана Рисолат катӣ баробар кардед–мӣ?– ранҷид зани калонӣ. – Ана–ю! Ман кию вай кӣ? Худоба шукр, мана духтари Қамариддини мударрис мегӯн, бибихалифа мегӯн! Рисолати шумо кӣ? Зоту насабаш чӣ?

– Вайро худатон ба ман гирифта дода будед–ку. Шумо гир намегуфтед, ман намегирифтам.

– Ҳа, охир, ба ман нонпазу ошпаз даркор буд–дия. Шумо вая ба хонетон зан карда оварда бошед ҳам, ман чӯрӣ карда овардам.

– Хуб, ҳар чӣ буд гузашт пошохон, акнун ин тарафашро дидан лозим. Тӯра амир шуданд, агар ман дарвоқеъ, боз як бор аз пешашон гузарам, зоро, ки боз маро амалдор кунанд... Шумо Зебӣ мегӯед, аммо ин Рисолати доманбасар мабодо боз мағал бардошта, ба кӯю кӯча давида, маро шарманда накунад?

– Агар аз вай тарсед, духтаратона ягон баҳона катӣ Бухороба гирифта баред, дар он ҷо кора худамо бе Рисолат буд мекунем. Ман рӯзи сешанбе Бухоро меравам, рафта дар хонаи хоҳарам ду–се рӯз меҳмон мешавам. Баъд шумо Зебия гирифта мебиёред, хайр–мӣ?

Қорӣ фикр карда, маслиҳати занашро маъқул донист.

Вақте ки Қорӣ модари Зебиро дар понздаҳсолагиаш ба занӣ гирифт, ӯ духтари зебое буд, монанди ҳозирааш набуд. Акнун занак дар сисолагӣ монанди кампирҳои панҷоҳсола рӯяш пурожанг, пӯсти баданаш холӣ шудааст. Дар он вақтҳо Мирзоакрамбой ба Рисолат муҳаббате дошт, ӯро меҳрубонӣ ва навозиш менамуд. Зани ҷавон ба ин муҳаббату меҳрубонии шавҳар болида, ҳавобаланд шуда, Ибодатпошои ба ҳолати зани сӯфӣ афтида мондаро назараш намегирифт, ӯро паст мезад, гапашро мегардонд. Алами он рӯзҳо дар дили Ибодатпошо ҷамъ шуда–ҷамъ шуда ба кинаи сахте нисбат ба Рисолат табдил ёфта буд. Коҳишҳо, таънаҳои нешдори заҳрбор, ниқорҳои майда–майдаи ҳаррӯзаву ҳарсоата, ки Ибодатпошо онҳоро чандин сол боз дар ҳаққи палонҷаш ба кор мебурд, ҳанӯз ҳам теғи кинаашро кунд накарда буданд, вай аз Рисолати сарсахт интиқоми кушандае гирифтан мехост. Дар дили вай ташнагии ин интиқом назар ба хоҳиши ин ки шавҳараш соҳиби мансаб шавад, зӯртар буд.

Баъди ду рӯз аробаи соябондори бой бибихалифаро ба Бухоро бурда дар хонаи хоҳараш монда омад.

Аз байн боз чор рӯз гузашт. Ибодатпошоро аз шаҳр гирифта овардан лозим буд. Мирзоакрамбой дар ин гуна мавридҳо одатан яке аз хизматгоронашро мефиристод, аммо ин дафъа худаш рафтанӣ шуд. Вай бар хилофи одаташ он пагоҳ бо Рисолат ва Зебӣ хушгап, хушмуомила буд. Бо онҳо дар хонаи Рисолат сари як дастархон нишаста ношто хӯрд. Зебиро ҳатто навозиш кард:

– Зебиҷон, биё туро ба шаҳр бурда як тамошо кунонам, хайр–мӣ? – сару китфи духтарашро сила карда гуфт ӯ.

Зебӣ аз бозе, ки ақлашро шинохта буд, ҳеҷ ба хотир надошт, ки аз падараш ин навъ меҳрубонӣ дида бошад. Духтарак аз шодии пурзавқу хандае, ки фақат бачагон қобили он гуна шодӣ мебошанд, ба куртааш намегунҷид. Рисолат бошад, дар чашмонаш ашки хурсандӣ ва миннатдорӣ ҳалқа зад. Занак ба дилаш мегуфт: «Худоё, наход, ки феъли шӯям дигар шуда бошад? Наход он замони хушбахтии кайҳо фаромӯшшуда, рӯзҳое, ки вай ба ман меҳру муҳаббате дошт ва ба рӯям хандида нигоҳ мекард, боз бармегашта бошад?»

– Кошки ҳамту кунед, дадеш, – ашки чашмонашро бо остинаш пок карда гуфт зан, – духтаракам чордаҳба даромаду то ин вақт шаҳра надидааст. Хез, Зебиҷон, дадета оғӯш кун, мучӣ

мучча кун. Дадаҷонам гӯй, мана аробаи соябондорба савор карда шаҳр баред, сайру тамошо кунонед гӯй.

Духтарак дастҳои нозуки худро ба гардани падараш ҳалқа карда, аз рӯйи пурпашми вай бӯсида, хушбахтона шодӣ мекарду гул–гул мешукуфт.

Модараш даррав дар қумғон об гарм карда сари Зебиро бо ҷурғот шуст, мӯяшро шона карда майда–майда бофт, куртаи сафеди шоҳӣ, камзӯлчаи сабзи бахмал ва тоқии тоси зардӯзии духтарро аз сандуқ бароварда ба вай пӯшонд. Ба сараш фаранҷии нави духтаронаро партофт ва баъд дар ароба паҳлуи падараш шинонда гуселаш кард.

Агар Рисолати сарсахт медонист, ки ҷигарбандаш, ягона тасаллои дили ғамзадаашро бо чӣ мақсаде ба шаҳр гирифта бурданд, шояд ба марги муфоҷои худаш ва духтараш розӣ мешуд.

Хоҳари хурдии Ибодатпошо зани имоми яке сесаду шаст масҷиди Бухорои шариф буд. Онҳо дар маҳаллаи Пойи Остона ҳавличаи озодаи хиштфарше доштанд. Хоҳарон Зебиро бо як хуррамии пурҳаёҳу, ки аз ғайри чашмдошти духтарак буда ва ӯ аз мушоҳидаи он дар тааҷҷуб монд, пазирой карданд. Зебӣ нахустин бор аз за-

бони онҳо таърифи ҷамол ва ҳусну ахлоқи худро шунида ва донист, ки ӯ ҳам хушрӯй, ҳам баодоб, ҳам ширинзабон, хулоса, як духтари арзандаву аълое будааст. Бибиҷон ва холаҷонаш вайро бо наботу ҳалвоҳои ширини Бухоро зиёфат мекарданд.

Зебӣ холаҷонашро бисёр нағз дид, вай зани олуфтаи шӯхе буд, дутор менавохт. Гапҳои ғалатӣ мезад, ҳар дам паҳлу, рон ва ё синаи Зебиро мепучид. Гоҳо нохост гиребони духтаракро яла карда, ё ки дасташро гирифта остинашро боло намуда медиду: «баданакот шафтолуи пӯстканда барин, худакат ҳабби набот барин ту, Зебиҷон!» гуфта мемонд.

Мирзоакрамбой рӯзи дигар ба Регистон рафта соате дар наздикии даврозаи арк гашт. Ӯ пеш аз он ки «туҳфа»–и худро назди амир барад, мехост ягон амалдори шиносро дида, аз ӯ вазъияти даруни арк ва кайфияти амири навро фаҳмад. Мабодо, ки Аҳадхон баъди амир шудан мизоҷаш тағйир ёфта бошаду пешкаши зиндаи Мирзои қориро написандад ва қабул накунад, дар ин сурат мумкин аст Қорӣ боз монанди оне, ки дар воқеаи бедона рӯй дода буд, шарманда шуда монад.

Дар пеши дарвозаи арк як тӯда мансабдорон, боён, савдогарон, бозургонон, ҷаллобон истода буданд, ки барои таҳнияти амири нав омада буданд. Ҷомаҳои гаронбаҳои адрасу кимхоб, дасторҳои сафеду сабзу кабуд дар шуълаи офтоби пагоҳонӣ медурахшиданд. Саисҳо, навкару хизматгорҳо дар ҳар кунҷу канор аспҳои бардами базину абзол, хӯрҷинҳову лингаҳои пур аз ашё ва симу зарро нигоҳ дошта меистоданд. Ин чизҳо ҳама туҳфаю пешкашҳое буданд, ки соҳибмансабон ва давлатмандон ба амир оварда буданд. Дар Регистон чунин манзараро дар давоми як моҳи аввали амирии Абдулаҳадхон ҳар рӯз мушоҳида кардан мумкин буд.

Баногоҳ Мирзоакрамбой як нафар маҳрами карминагии Аҳадхонро, ки шинос буд, дида монд. Бой ба ӯ бо тавозӯъ

салом дода гуфт, ки ду даҳан гап дорад, агар ҷаноби маҳрам гӯш мекарданд, «ин ғулом»–ро аз худ миннатдор менамуданд. Маҳрам қабул кард, дуяшон ба канортар рафта гуфтугӯ карданд. Мирзои Қорӣ аввал аз саломатии ҳазрати амир пурсон шуд, маҳрамро боварӣ дод, ки шабу рӯз дар ҳаққи ҷаноби олӣ даст ба дуо мебошад, баъд аз ин савол кард, ки Яхшибеки удайчиро дидан чӣ гуна муяссар мешуда бошад ва манзили он ҷаноб кучост.

– Биёед, ман нишон медиҳам, – таклиф кард маҳрам.

Ӯ Қориро ба маҳаллае аз маҳаллоти тарафи шимолии арк бурд. Аҳадхон бисёрии мансабдорон ва маҳрамони карминагияшро бо худ ба пойтахт оварда буд, ҳар кадоми онҳо дар шаҳр ба ҳавлиҳои иҷора ё зархарид истиқомат менамуданд. Маҳрам ба Мирзоакрамбой ҳавлии удайчиро нишон доду кафи даст кушода гуфт:

– Канӣ хизматонаро бароред.

Бой аз ҳамёнаш се танга баровардa дароз кард, маҳрам бо анфу итоб:

– Ҳиммататон ҳамин–мӣ?–гуфт. – Боз шуморо фалонӣ бой мегӯянд! Ин пулатонро ана, ба он пояки диҳеду аз чилимаш як қуллоб кашида рафтан гиред!

Мирзои Қорӣ як тангаи дигар изофа кард, маҳрам боз ҳам қабул нанамуд, оқибат панҷ танга дода аз дасташ халос шуд.

Дарбони Яхшибек бойро ба назди хоҷааш даровард. Удайчӣ дар меҳмонхонаи худ тани ба яктаҳ, сари синаи пурпашмаш бараҳна, ба лӯлаболишт такя карда чилим кашида нишаста буд, магар бо дидани Мирзои Қорӣ воқеаи бедона ба ёдаш омада буд, ки хандид.

– Ҳа Қорӣ? Чӣ гап?

– Тақсир, – дар пойгаҳ зону зада гап сар кард бой, – шумо ҳамеша дар ҳаққи ин ғулом лутфу марҳамататонро дареғ надошта банданавозӣ мекардед, аз барои ҳамин камина боз ба ҳузури шумо омадам.

– Хӯш?

– Камина, дарвоқеъ, аз ҷониби шумо ҳеҷ як гапи ҷогаҳӣ надорам...Камина як оҷиза дорам, ба канизакии ҷаноби олӣ меарзида бошанд–мӣ гуфта, умед карда омада будам. Аммо хостам, ки аввал ҷаноби шуморо дида маслиҳататонро гирам.

Яхшибек поҳояшро ғундошта, чорзону нишаста, ба тарафи гӯянда хам шуд:

– Оҷизаат чандсола?

– Чордаҳро пур карда ба понздаҳ қадам монд, тақсир.

– Хушрӯй–мӣ?–ибо накарда рӯйрост пурсид амалдори амир.

– Агар бо назари илтифот нигаранд, дуруст... ҳуснаш ба худаш муносиб... – ба замин нигоҳ карда ҷавоб дод Қории мансабҷӯй.

– Хӯш. Боз чиҳо пешкаш кардан мехоҳӣ?

Бой ба маънии савол сарфаҳм нарафта, дар ҷавобаш тааммул кард.

– Ҷаноби олӣ канизашон бисёр, – фаҳмонд удайчӣ, – ба каниз муҳтоҷ нестанд. Оҷизаи ту, майлаш, рӯйкаши пешкаш шавад, аммо худи пешкаш чист?

Бой фаҳмид, ки аз вай чизи калонтаре тамаъ доранд. Ғайр аз тан додан чорае набуд.

– Ҳарчӣ ки шумо маслиҳат бинед, – нимтаъзим кард ӯ.

– Ман чӣ донам, ҳиммати худат медонад, – ҷавоб дод тамаъкор.

– Хуб, ман ягон пешкаши арзанда тахт мекунам.

– Мақсадат чист, Қорӣ? Аз ҷаноби олӣ ярлиғ мехоҳӣ?

– Аз худатон гап намемонад, тақсир, – ҷунбида боз нимтаъзим кард Мирзоакрамбой. – Амирам банданавозанд, агар хоҳанд, дарвоқеъ, бо як назари илтифот сари ғуломашонро ба осмон мерасонанд.

– Ярлиғ гирифта диҳам, ба ман чӣ медиҳӣ?

– Чӣ ки хоҳед, тақсир.

Удайчӣ каме сукут карду гуфт:

– Ишик–оғо–бошигӣ сад тилло, мирохӯрӣ саду панҷоҳ тилло.

Мирзои Қорӣ сар хам карда даст ба ришаш бурд. Дарбории беинсоф ришваи аз ҳад зиёд талаб мекард.

– Миёнам мешиканад, андак кам кунед, балотона гирам. Боз барои пешкаши ҷаноби олӣ ҳам, дарвоқеъ, як хӯрҷин пул лозим.

– Ман бо ту мол хариду фурӯш карда истодаам магар?– абрӯвонашро чин кард удайчӣ. – Хоҳӣ ҳамин, нахоҳӣ – худат ба ҳузури ҷаноби олӣ даромада ярлиғ гир.

Ғайр аз розӣ шудан илоҷе набуд.

Яхшибек гуфт:

– Духтаратро ба хона оварда мон, аввал занҳо ду–се рӯз ба вай одоби шишту хези даргоҳи ҷаноби олиро ёд медиҳанд. Баъд аз он ба арк узот мекунем.

Мирзоакрамбой шитобон ба ҳавлии боҷааш баргашта, гуфтугӯйи бо Яхшибек кардаашро нақл кард ва фармуд, ки Зебиро ба рафтани ба хонаи удайчӣ тайёр кунанд.

Бо маслиҳати занҳо вай худи ҳамон рӯз барои Зебӣ либосворӣ харида овард. Ду зани дӯзандаро даъват карданд, занҳо чор касу ҳашт даст дар ду рӯзу ду шаб сару либоси лозимаро дӯхта тайёр намуданд.

Хоҳарон духтаракро пеш аз бомдод хезонда оббозӣ кунонданд, бо собуни ироқии хушбӯй хуб шустанд ва баъд ҳариру атлас пӯшонда, бо падараш ба ҳавлии удайчӣ гусел карданд.

Зани удайчӣ се рӯз ба вай «одоби шишту хез»–и ҳузури ҷаноби олиро ёд дод. Ӯ ин корро пеш аз ин ҳам на як бору ду бор карда омада буд ва таҷрибаи калон дошт. Баъд вай бо ёрии хизматгорзанаки хонааш Зебиро дар пеши дарича шинонда мӯяшро шона карда бофт, зулфу печаку каҷакҳо баровард, абрӯвонашро бо мӯчинак чида соз кард, ба чашмонаш сурма кашид, ба рӯяш ғоза молид, дар ду бари рӯ ва занахдонаш аз нил холҳои сунъӣ андохт. Сонӣ ба ангуштонаш ангуштаринҳои гаронбаҳои падараш харидаро гузаронида, ба гӯшҳояш овезаҳои заррини марворидкорӣ, ба гарданаш гарданбандҳои ҷавоҳирнишон

овехтанд, ба пешонааш аз болои тоқии тос пешонабанди зардӯзӣ бастанд. Ин ҳама пероявy зинати шарқӣ намуди Зебиро воқеан ҳам дигаргун сохт. Ӯ монанди як тасвири мусаввир ё нақши наққоше гардида буд. Ин духтараки аслан бенур акнун ба чашми бинанда мисли як дилбари нозанине арзи ҷамол мекард. Ӯ худро дар оина гаштаю баргашта тамошо мекарду аз қиёфаи дигаргуншудааш дар ҳайрат мемонд, ба шавқ меомад, мерақсид. Ба ростӣ, ки худро зубдаи соҳибҷамолон ва маликаи хубон ҳис мекард.

Зани удайчӣ, ки ба ҳарамсарои амир рафтуомад дошт, духтаракро бо худ гирифта ба арк равон шуд. Дар он ҷо ӯро ба ҳавличаи миёна, ки дар он занҳои ҷавони ғайринико̣ҳӣ истиқомат доштанд, даровaрда ба дасти кадбону супурд.

Яхшибек аз қафои занаш омада ба ясавули дар пеши дарвозаи арк истода фармуд, ки агар Мирзоакрамбой биёяд, зуд ба ҷаноби олӣ хабар диҳад.

Худаш даромада дар саломхона ҳозир шуд.

Амир дар саломхона дар байни болиштҳои пари қу нишаста ким–чӣ гуна коғазҳоеро аз назар мегузаронид. Яхшибек, ки ҳам навкари маҳрам, ҳам улфат ва ҳазлкаши Аҳадхон буд, ба пеши вай ҳар вақте ки хоҳад, даромадан мегирифт.

– Тақсир, Мирзои Қорӣ омадааст, – хандида ба арз расонд ӯ.

– Боз бедона овардааст–мӣ? – ҳамчунин хандида гуфт амир.

– Не, ин дафъа ба ҷаноби олӣ як савғотии дигар овардааст.

– Хӯш?

– Савғотии вай ба ҳавлии миёна фиристода шуд.

Аҳадхон аз коғаз сар боло карда ба удайчӣ нигарист. Вай аз «ҳавлии миёна» гуфтани Яхшибек ба чӣ будани савғотӣ зуд пай бурда буд.

– Чӣ хела?

– Майдекак, зоча барин – фосиқона китфу гардан ҷунбонда, чашмонашро хумор карда гуфт удайчӣ.

Амир ҳам ба шавқ омада ҷунбише кард, коғазро ба рӯйи болишти пар партофт.

– Аз куҷо ёфтааст?

– Оҷизаи худаш. Ба канизакии ҷаноби олӣ бахшидам мегӯяд. Худи Қорӣ ҳамин ҳозир барои таҳнияти амирам омада мемонад. То омадани вай шумо баромада «савғотӣ»–ро як медидед.

Аҳадхон хеста аз дарича берун шуд. Ӯ бо роҳрави борик, ки ҳавлиҳои дарунро бо саломхона мепайваст, рафта кӯбаки қалъагии дари хурдтараки кандакориеро се бор оҳиста кӯфт. Дарро зане кушод. Дар саҳни ин ҳавличаи озода хиштҳои мураббаъ фарш шуда, дару даричаҳои шаш ҳуҷраи он ба айвони гаҷкории нақшин, ки сутунҳои кандакорӣ дошт, боз мешуданд. Чор зани ҷавони зеботалъати хушлибос, ки дар саҳни ҳавлӣ буданд, дастҳошонро пеш гирифта таъзими саҷданамо карданд.

Кадбонуи солхӯрда барои чӣ дар ин вақти пагоҳӣ бемаҳал ташриф овардани ҷаноби олиро ба фаросат дарёфта, таъзимкунон:

– Ана ба ин хона марҳамат фармоянд, – гуфта ҳуҷраи охирини тарафи ростро нишон дод.

Амир ба он сӯ рафту дари хонаро кушода як нафас хомӯшона ба даруни он нигоҳ карда истод. Зебӣ дар миёнҷойи хона рӯйи гилем нишаста буд, ҳаросон аз ҷо бархоста аз рӯйи таълими зани удайчӣ хам шуда ба тарафи дар саломе карду зуд худро ба кунҷи хона гирифт ва рӯяшро бо рӯмоли нафиси осмониранги худ нима пинҳон карда истод. Қомати нозуки ӯ аз тоқча саҳл баланд буду халос, аз зери домани дарози куртаи ҳарири лоларангаш пойҳои хурдтараки бачагонаи масҳипӯши ӯ намуда меистоданд. Аҳадхон фақат як рӯйи холдори ӯ, як чашми сурмасо ва абрӯйи сиёҳи дарозу борикашро медид, ки ба назараш ниҳоят латиф ва зебо намуд. Ӯ ба дили худ:

«Бай–бай, ҳурлиқо–ку! Ҳақиқатан зочабоз! Ёдат бахайр, Қорӣ!» гуфт ва пас дарро оҳиста пӯшида ақиб гашта аз ҳавлӣ бадар рафт.

Ӯ табассуми хушнудиро дар ришу бурути сиёҳи худ пинҳон карда ба саломхона баргашт.

Яхшибек мунтазири ӯ буд, дарҳол пурсид:

– Читӯ, тақсир?

– Аҷоиб! – ҷавоб дод Аҳадхон ва ба ҷойи худ гузашта нишаст.

– Ба Қорӣ чӣ амал медиҳед, тақсир? – боз савол дод удайчӣ.

– Ярлиғи қаровулбегӣ диҳем магар? Ё ишик–оғобошигӣ? – гуфт амир.

– Ярлиғи мирохӯрӣ диҳеду монед, – маслиҳат дод удайчӣ. – Аз ҷаноби олӣ чӣ рафт? Акнун ба як ҳисоб, Қориро падарарӯси шумо гӯем ҳам мешавад.

– Падарарӯс не, падарканиз, – хандид амир.

– Хайр падарканиз бошад, – розӣ шуд Яхшибек. – Худораҳматӣ қиблагоҳатон вайро бегуноҳ аз амалаш бекор карда буданд, акнун шумо ба вай як меҳрубонӣ кунед меарзад.

Аз ин навъ далолати удайчӣ ба нафъи Мирзоакрамбой дар дили амир шубҳае пайдо шуд. Ӯ рост ба чашми удайчӣ нигоҳ карда истода пурсид:

– Ту аз вай ришва гирифтӣ, кали айёр? Росташро гӯй!

Яхшибек мунтазири ин пурсиш набуд, ногаҳон ба даст афтидани худро ҳис кард. Пинҳон кардан хавфнок буд, зеро амир аздусар ҳақиқатро ошкор карда метавонист.

– Рост, як чиз ваъда кард, – рӯяшро ба як сӯ гардонда гуфт дарбории ришватхор. – Ман тамаъ накарда будам, худаш ваъда кард.

– Чанд?

– Казоӣ не, тақсир.

– Чанд? – такрор кард амир бо овози баландтар.

– Ишик–оғо–бошигӣ сад тилло, мирохӯрӣ саду панҷоҳ

тилло, – маҷбур шуда росташро гуфт удайчӣ. Тарси вай аз ришвахӯрӣ набуд, балки аз он буд, ки амир он ришваро аз дасташ мерабояд. Дарвоқеъ, ҳамин тавр ҳам шуд:

– Гиру ба хазина супор! – амр кард Аҳадхон.

– Хӯш, тақсир, – ноилоҷ қабул кард удайчӣ.

Мулозим даромада хабар дод, ки Мирзоакрамбои бӯстонӣ ба хизмат омада ва як аспи ҷиранро бо зини тиллокориву абзоли нуқрагин пешкаш овардааст.

Амир фармуд, ки аспро аз вай гирифта ба саисҳои даргоҳ супоранд. Ба Яхшибек амр дод, ки аз мирзои муншӣ ба номи Мирзоакрамбой ярлиғи мирохӯрӣ нависонда биёрад ва аз хазинадор ду қабат сарупо гирифта ба бой пӯшонад.

Бой ба даруни арк дар ҷое, ки ба саломи амир омадагон ва дигар аҳли ҳоҷат нишаста интизорӣ мекашиданд, ҳозир буд. Ду ҷома, яке шоҳӣ ва дигар кимхоб, оварда шоҳиро аз таг ва кимхобро аз рӯй ба ӯ пӯшониданд, ба сараш дастори дока бастанд. Яхшибек «муборакнома»–ярлиғи мирохӯриро оварда ба қабати дастори ӯ халонда монд. Пас аз он удайчӣ ва шиғавули ҷомапӯшонда аз ду тараф аз дарichae, ки амир дар даруни саломхона ба дами он дарича нишаста буд, дуртар қарор гирифтанд. Удайчӣ мад кашида калимаҳои ӯзбекиро ҳиҷҷа карда ба арз расонд, ки:

– Ҳазратлинг саломатликларига Ғиждувоннинг муътабарларидин қуллари Мирзоакрамбой валади Мирзораҳимбой ҳазратиминг марҳаматларидин Бухорои шариф салтанати дарборининг мирохӯрлик амали ҷалиласи бирла сарфароз этилгандан сӯнг, индиликда ҳазратимни дуо қилиб ӯз ватанига қайтмоқчидур[1]!

Аз паси ӯ шиғавул мад кашид:

– Ҳазратимга Худо тавфиқ ва адолат берсун!

[1].Ба саломатии ҳазратам, аз муътабарони Ғиждувон ғуломашон Мирзоакрамбой валади Мирзораҳимбой аз марҳамати ҳазратам бо амали ҷалилаи мирохӯрии дарбори салтанатии Бухорои шариф сарфароз гардида, акнун ҳазратамро дуо намуда, дар садади бозгаштан ба ватани худ мебошад.

Мирзоакрамбой бар кундаи зону нишаста, мувофиқи таълими пешакии удайчӣ, аввал пешониашро ба замин расонда ба тарафи амир саҷда намуд ва баъд дастҳояшро бардошта дуо кард. Амир аз дарича ба сӯяш даст ёзонд. Мирзои Қорӣ ҷаста ба по хест ва дуқат шуда, ду даст дар пеш гирифта, дар ҳар қадам таъзим намуда ба тарафи амир ҳаракат кард. Ба дами дарича расид ва саросемавор дасти амирро гирифта ба чашмонаш молид ва чалап–чалап бӯсид...

## БОБИ ҲАБДАҲУМ

Он рӯз аз ҳавлии Восеъ садои гуп–гуп, тап–тап баланд буд. Гулъизор дар рӯйи ҳавлӣ бо софи[2] вазнин ғалла мекӯфт, Аноргул дар айвон бо ду чӯби шопа, ки дар кӯҳистон савачӯбро чунин меноманд, пахта сава мекард ё, бо лафзи кӯҳистониён гӯем, мешапид. Ҳасан ва Давлат дар таги айвон донакбозӣ мекарданд. Ризо набуд, вай як ҳафта боз бедарак шуда рафта буд.

Вақте ки дар ҳавлии берун баногоҳ дарвоза ғичиррос зад, модару духтар гӯш андохтанд. Садои пой шунида шуд. Аноргул ба худ ларзид – гӯё овозе аз ғайб ба гӯши ӯ мегуфт, ки одами ба ҳавлӣ даромада Восеъ аст. Вай савачӯбро партофта ба по хеста, бо изтироби хотир берун давид. Дар он ҷо Восеъ, лингае бар дӯш, бо ҳамроҳии Назир истода буду бо табассуми шодӣ ба занаш менигарист.

Дуяшон ҳам майлу хоҳиши зӯре ҳис мекарданд, ки бо ҳам вохӯрдии гарми бағалкаш кунанд ва бӯсаҳои пазмонӣ аз лабу рӯйи якдигар ситонанд, аммо расму одат дар ҳузури каси бегона ба ин иҷозат намедод, ноилоҷ фақат бо забони нигоҳи меҳру муҳаббат бо ҳам пурсупос мекарданд.

---

2. Соф – чӯби ғаллакӯбӣ.

Гулъизор, Ҳасан ва Давлат паррон омада ба падарашон овехтанд. Восеъ ҳар сеи онҳоро ба синааш пахш карда аз сару рӯяшон бӯсид. Дар чашмонаш ашк ҳалқа зад.

Он бегоҳ ва шаб шодии гӯё дербоз роҳи хонаи Восеъро гумкарда боз ба меҳмонии онҳо омад. Восеъ дар сари роҳаш аз Ховалинг биринҷ ва гӯшту равған харида оварда буд, Аноргул палав пухт. Аз лингаҳои Восеъ ва Назир қанду наботи савғотӣ ба рӯйи дастархон чида шуд. Чақ–чақи дилафрӯз, хандаҳои хушҳолӣ то дили шаб дар хона танинандоз буд. Хушнудии расидани ба ватан ва шодии дидори аёлу фарзандро ҳатто нақли воқеаҳои ғамангези сафари Восеъ ва саргузашти аламноки Назир ҳам халалдор карда наметавонист. Акнун он саргузаштҳо саргузаште буданду бас, онҳо бе ҳасрату надомат ҳамчун афсонае нақл карда мешуданд.

Аноргул ва бачагонаш дар рӯшноии хираи чароғаки сиёҳ медиданд, ки Восеъ як қадар худро гиронда, дар пешонӣ ва кунҷи чашмонаш чинҳои наве падидор гашта чеҳраи офтобхӯрда ва шамоллесидааш ранги сиёҳгунтаре гирифтааст. Меҳмонашон Назир ҳам ҷуссаи пештараи паҳлавонвораш хеле коста аст. Сафари пиёдаи duҳафтаина дар роҳҳои дашту кӯҳу дара осон набуд. Аммо дуяшон ҳам шахшӯл, бардаму бақувват менамуданд.

Восеъ Ризоро пурсид: вай куҷост, чаро наменамояд? Аноргул лабашро газида ба замин нигарист. Гуфт, ки Ризо баромада рафта буд, як ҳафта боз бедарак аст. Гулъизор дар аснои ин гап зуд бархоста худро ба чойнику пиёла андармон кард. Ин ҳаракати ӯ ва инчунин лаб газидани Аноргул аз Восеъ пинҳон намонд, вай ҳис кард, ки як гап ҳаст, аммо аз дидори зану фарзандонаш он қадар шоду хуррам буд, ки дигар ба ин нукта аҳамият надод ва пурсуков карда нанишаст.

* * *

Бегоҳии рӯзи дуюм аз тарафи ҳамқишлоқиҳо, ошноҳои дуру наздик зиёрати аз сафар омадагон оғоз ёфт.

Чун бародархондаҳо ба онон саргузашти худро ҳикоя карданд, қисса дар чанд рӯз ба кӯҳу дараҳо печид. Ёру дӯстони Восеъ ва ҳатто одамони ношинос аз деҳоти дигар омадан гирифтанд. Зоҳиран, аз рӯйи расму таомул онҳо барои зиёрати ӯ ба муносибати бозгаштанаш аз сафари дур, аммо аслан барои аз забони худаш шунидани қиссаи кофтану ёфтани Назир меомаданд.

Шабҳо меҳмонхонаи вай аз одам пур мешуд. Ба расми кӯҳистониён ҳар кас дар бағалаш, қабати миёнбандаш чизе аз хӯрданиҳо меовард. Нон, чормағзу писта, тухми пухта, гӯшти яхнӣ ба дастархони умумӣ афканда мешуд. Меҳмонон зич нишаста аз забони бародархондаҳо – ва чун Назир пас аз ду рӯз ба Сарихосор рафт, аз он баъд танҳо аз забони Восеъ ҳикояҳои аҷибу ғариби ӯро мешуниданд. Дар ҷустуҷӯйи бародархондаи нокомаш он ҳама сарсонӣ ва машаққатҳоро таҳаммул кардани Восеъ ҳамсуҳбатонашро ба ҳайрат меандохт. Онҳо дар нақли Восеъ худписандие ҳис намекарданд, балки баръакс, вай гоҳо аз содагӣ, гоҳо аз одамшиносӣ ва гоҳе ҳам аз зудбоварӣ ё бетаҷрибагии худ фиреб хӯрда ба балоҳо гирифтор шуданашро ҳикоя мекард, аммо дар зимни ин ҳикояҳо мардонагӣ, пуртоқатии вай аз шунавандагон пинҳон намемонд.

* * *

Вақте ки Восеъ рӯзи дуюми омаданаш бори дигар аз Ризо пурсон шуд, Аноргул гуфт:

– Ӯ як рӯз дар боғ қатии Гулъизор чормағз чида буд, дуяшон чӣ шӯхие кардаанд, бадеҳа гуфтаанд; Қосим инро дида монда, Ризоро ҷанг кардааст. Аз ҳамон рӯз инҷониб Ризо бедарак шуда рафт, намедонам, куҷо рафта бошад...

Тафсили воқеа ин аст, ки вақтҳои аввал Гулъизор бо Ризо муомилаи нағз надошт, тундӣ мекард. Монанди би-

сёр касон ӯро бачаи бесар ва шум медонист, аз гаштани ӯ ба дари худашон норозӣ буд. Аммо Ризо аз тундии духтарак намеранҷид, балки гоҳо худаш бо ягон қилиқ қаҳри Гулъизорро оварда, ӯро ба беқарор шудан ва гапҳои талх задан водор мекард. Вай ҳамин навъ як хулқи аҷибе дошт, ки дарвоқеъ, хоси бачагони шумтабиат мебошад.

Аслан, таги гап ин буд, ки вай Гулъизорро дӯст медошт. Духтар дар нахустин бор дидан дили ӯро бурда буд. Қӯрсӣ ва зарангии Гулъизор, ғайрати писарбачавор ва забони тезу тунди вай ба Ризо маъқул буд. Бо ин хислатҳояш вай дар байни духтарони дигар ҷудо шуда меистод.

Аз рӯзҳо як рӯз дар саҳни масҷид бачаи авбоше қумғони[1] Гулъизорро гирифта ба ҳавз партофт ва гурехт. Ҳавз калон ва чуқур аст; духтар ночор шуд. Ризо пайдо шуда, воқеаро фаҳмиду дам назада, либосашро кашида, худро ба ҳавз ҳаво дод ва як дам дар об ғоиб гашта, қумғонро ёфта баровард. Он гоҳ Гулъизор аввалин бор ба рӯйи ӯ бо табассуми хушнудӣ ва миннатдорӣ нигоҳ кард, аммо мисли ин ки аз табассумаш пушаймон шуда бошад, боз даррав ниқоби тундхӯйӣ ба рӯй кашида:

– Ин бачаи худписандро бинанд! – гуфт. – Хост, ки ба ман обдон буданашро нишон диҳад! Худписандӣ накун, ман худам бе ту ҳам қумғонамро ёфта мегирифтам!

Аммо ин фақат ниқоб буд; аслашро пурсед, Гулъизор аз рафтори Ризо хушнуд ва ба обдониаш қоил шуда буд.

Гоҳе мешавад, ки корҳои калонтар ба назар наменамоянд, аммо ягон кори хурду ночиз ба ёд мемонад. Ҳамин воқеаи оддӣ – баровардани қумғон аз ҳавз – муносибати духтаракро ба Ризо ботинан дигаргун кард. Охир, дар сурате, ки ҳозирони сари ҳавз – хурду калон қоҳ–қоҳ зада ба ҳоли ночори Гулъизор механдиданд, Ризо хомӯшонаву бедаранг ба мадади ӯ расид. Ин гуна рафтор фақат аз бародар ё одами хеле наздик сар зада метавонист.

---

[1]. Қумғон – навъе аз зарф, чойҷӯш.

Аз он баъд Гулъизор ба Ризо рӯяшро турш намекардагӣ шуд. Ҳатто баъзан аз ҳавлии дарун хӯроки Ризоро ба ҷойи Ҳасану Давлат худаш баровoctарда медод. Ҳатто либоси Ризоро худаш мешуст. Ҳатто бегоҳрӯзиҳо баъзан ба ҳавлии берун – ба пеши Ризо баромада бо вай «гунҷишк парид»–бозӣ ё чистонгӯӣ мекард.

Аноргул Ризоро аз барои чаққонӣ ва корбудкуниаш дӯст медошт ва то тавонистанаш бо вай муомилаи нағз мекард; дар дилаш аз шавҳараш мамнун буд, ки вай ин дастёри нағзро ба дари худ овард. Вай инчунин аз дигаргун шудани муомилаи духтараш бо Ризо хурсанд буд. Аммо Қосим, ки аз оилаи бародараш каму беш хабардорӣ карда меистод, дар дилаш зиндагӣ кардани мисли Ризо ҷавони бегонаеро дар оилае, ки ҳамчун Гулъизор духтари қадрасе дорад, намеписандид, аз муносибати нави дар байни бародарзодааш ва Ризо пайдошуда норозӣ буд. Вай ин норозигии худро ба Аноргул ҳам изҳор карду ба Ризо ҳам фаҳмонд.

Қосим як бегоҳ ҷавон ва духтарро дар суфаи таги чинор машғули чистонгӯӣ дида, чини нохушнудӣ бар ҷабин кашиду Гулъизорро ба ҳавлии дарун ронд ва ба Ризо бо таҳдиду наҳиб гуфт:

– Чӣ бо ӯ хандаву бозӣ мекунӣ? Гулъизор ба ту кӣ мешавад? Ҷоятро дон, бача!

Ризо аз он пас дарвоқеъ, «ҷояшро донист». Ҳарчанд Гулъизор баъзан майли вохӯрӣ ва чақчаққои ӯ кунад ҳам, Ризо худдорӣ ва канорагирӣ менамуд. Вай дар дилаш мудохилаи Қосимро ҳаққонӣ медонист ва ба худ мегуфт: «Ман бояд эҳтиёт бошам, ки мабодо мардум гап накунанд ва ба номи Гулъизор доғе наафтад».

Ҷавонони деҳа низ монанди Гулъизор дар аввал ба «адирӣ» бо чашми нохайрхоҳӣ нигоҳ мекарданд, ӯро ба давраи худашон роҳ намедоданд, аммо хушбозигӣ ва гапдонии Ризо онҳоро кам–кам ба худ ҷалб кард. Онҳо ҷӯёи дӯстӣ ва рафоқати вай гаштанд. Ризо латифаҳо, ма-

салу мақолҳои бисёре медонист. Бесавод бошад ҳам, “Қиссаи Абӯмуслим”, китоби “Аҷоиб-ул-махлуқот” ва “Тӯтинома”-ро азбар карда буд. Назар ба гуфти худаш, вай ду зимистон дар аловхонаи деҳаи Бачкакон зиста будааст, дар он аловхона домуллои мактабдори деҳа шабҳои зимистон ба деҳотиёни ғуншуда аз китоб қиссаҳо мехондааст. Қиссаҳои номбурда ба Ризо дар ҳамон вақт ёд шуда будаанд.

Дар Дараи Мухтор вай бегоҳирӯзиҳо чун аз кору бори оилаи Восеъ фориғ мегашт, ҷӯраҳои наваш дар суфаи таги чинор ё лаби сангоб ба наздаш ҷамъ мешуданд, ӯ ба онон қиссаҳои ёдакӣ мехонд, латифаҳо мегуфт. Думбураи Восеъро машқ карда–машқ карда ёд гирифта буд, менавохт. Ба мақоми думбураи ӯ ҷавонон тарона мехонданд. Аҳёнан духтарон ҳам меомаданд, онҳо одатан ба давраи писарбачагон ҳамроҳ нашуда, дар як канор ғуч нишаста, ба дилхушиҳои онон шармгин–шармгин ҳамроҳӣ мекарданд. Гулъизор ҳам бо духтарон меомад. Агар наояд, аз пушти дари ҳавлии дарун ё аз болои бом ба нақлҳои шавқовари Ризо гӯш меандохт.

Вай надида наметавонист, ки Ризо бо ҳунарҳои худ, инчунин ба ҳусни сурат ва қаду баст ҳам аз ҷӯраҳояш ҷудо шуда меистад ва чунонки гуфта мешавад, шамъи давра, зеби маҳфили ҷавонон аст. Духтарак дар дилаш ба узви оилаи худашон будани Ризо фахр мекард. Вақте пай мебурд, ки духтарони дигар ба Ризо бо чашми ҳавас менигаранд, ё ҳар гоҳ агар бинад, ки Ризо бо духтаре гапҳои шӯхона мепартояд, рашкаш меомад.

Боре Ризо аз рӯйи одати куҳнаи «дайдугии» худ се рӯз аз деҳа ғайб зад. Гулъизор дар ин се рӯз ҳис кард, ки то чӣ андоза ба ҳар рӯзу ҳар соат дидани Ризо ва шунидани овози вай одат карда будааст. Ба худ ҷойи нишастан намеёфт, беихтиёр чашму гӯшаш ба дар буд. Чун Ризо боз пайдо шуд, духтарак шодии худро пинҳон карда натавониста, ба сӯяш давида, булбулвор хониш карда гуфт:

– Ризоҷон! Ту дар куҷо будӣ?.. Куртаат чиркин шудааст, бикаш, ман шуста диҳам. Гушна мондагистӣ? Мо чапотӣ пухтем, бишин, ман ба ту чапотии гарм меорам.

Зарбулмасал рост мегӯяд, ки «ишқ мушк аст, пинҳон натавон кард».

Ризо ин навъ меҳрубонӣ ва ғамхориро аз ҷониби Гулъизор бори якум буд, ки медид. Ба назараш духтарак ҳеҷ гоҳ чунин зебо, чунин дилрабо нанамуда буд. Вай ҳам хеле майл дошт, ки ба Гулъизор суханони ширини меҳрангез гӯяд, аммо боз худдорӣ кард.

Баъди ду рӯз Гулъизор пагоҳӣ аз ҳавлии дарун андаке лангида баромад. Кафи пойи чапаш бо латта бастагӣ буд.

– Ризоҷон, биё, ба боғ равем–чӣ? Ту чормағз афшонда медиҳӣ, мо мечинем, – Гулъизор «мо» гуфта ба Ҳасан ва Давлат, ки ҳамчунин аз ҳавлии дарун баромаданд, ишора кард. – Ба таги пойи ман як чиз баромадааст, дард мекунад, ман имрӯз ба дарахт баромада наметавонам.

Дар боғ Ризо дар байни шохҳои дарахт истода чормағз меафшонд, дид, ки Гулъизор ҳам ба дарахт часпида баромаданист.

– Поят захмӣ–ку, чаро мебароӣ? – аз боло гуфт Ризо.

– Майлаш, – ҷавоб дод Гулъизор. – Дардаш монд. Ман ҳам меафшонам, бачаҳо мечинанд.

Ӯ дигар дар кафи пояш латта дида намешуд, гурбавор ба дарахт часпида мебаромад. Ризо яқин кард, ки захми пой макри духтаронае будааст, то ки Ризо таклифи боғравии ӯро рад накунад. Макри ӯро ба дилаш хуш кард, меҳраш ба ӯ зиёда гашт. Гулъизор чормағзҳоро канда, шӯхона ба тарафи Ризо ҳаво медод. Ризо дошта мегирифт. Хоҳиш мекард, ки Ризо ҳам ба вай чормағз партояд.

Дар поёни ин бозӣ Гулъизор баногоҳ пурсид:

– Ризо, чаро ту аз ман канора мегирӣ? Маро бад мебинӣ чӣ?

Ризо ба зудӣ ҷавоб надод. Баъди як сукути дароз гуфт:

– Бад мебинам ё не, худат медонӣ... Агар падару мода-

ратро рӯйихотир намекардам... Агар нону намак дар миён намебуд... Боз агар аз гап кардани мардум наметарсидам... – ӯ ҷумлаашро тамом накарда боз ба сукут рафт.

– Ин қадар агару магари ту бисёр будааст! – хандид Гулъизор. – Хуб, ин агару магар набошад, чӣ мекардӣ? – кунҷковӣ намуд вай.

– Дар он вақт... ман дар он вақт ба ту чунон гапҳое мегуфтам, ки... худат ҳайрон мешудӣ, – ҷавоб дод Ризо.

– Қавл медиҳам, ки ҳайрон намешавам, – боз хандид Гулъизор. – Чиҳо мегуфтӣ Ризоҷон?

– Мегуфтам, ки... ман дар он вақт... ба қавли ту, бе ин агару магар... мегуфтам, ки Гулъизор духтари аз ҳама нағз, аз ҳама зебо, аз ҳама ширин аст. Гулъизор ақлу ҳуши маро тамом суздида, диламро ҳам бурдааст. Дар номакаш бимирам, садқаи қадакои раънояш, рӯякои зебояш, чашмакои шаҳлояш шавам. Ана ҳамин тавр мегуфтам.

Дили Гулъизор тапид, чеҳрааш сурх шуд, қариб буд, ки дасту пояш аз дарахт канда шуда ба замин фурӯ ғалтад. Ба Ризо пушт гардонда ба чормағзи дар дасташ буда дуру дароз назар дӯхт. То ин вақт ҳеҷ касе ба вай чунин суханҳо нагуфта буд. Суханони Ризо ба гӯшаш чун савти руҳфазое садо медоданд.

Ризо боз гуфт:

– Аз гапам хафа шудӣ, Гулъизор?

Духтар сари инкор ҷунбонд.

Хомӯшие ба миён омада хеле тӯл кашид. Сипас Гулъизор худ ба худ дубайтии зеринро бо овози паст замзама кард:

*Ситора дар ҳаво кабки зарин аст,*
*Худам ангуштару ёрам нигин аст.*
*Илоҳо, ту нигинамро нигаҳ дор,*
*Ки ёри аввалу охир ҳамин аст.*

Ризо ҳам, гӯё дар ҷавоби вай, ин дубайтиро ба ҳамоҳанг тараннум кард:

*Нигори нозанин, ман аҳли дардам,*
*Сарамро гар буранд, аз ту нагардам.*
*Сарамро гар буранд бо ханҷари тез,*
*Ба хун ҷавлон кунам, гирди ту гардам.*

– Ту байти бисёр медонӣ, Ризо? – пурсид Гулъизор.

– Бисёр не, –гуфт Ризо, – эҳтимол, ту аз ман бисёртар донӣ.

– Медонам, ки ба ту бой медиҳам. Хайр, майлаш, ту сар кун.

Байтбараки онҳо иборат буд аз ин ки байтро, кӣ бисёртар медонад. Гулъизор фикр карда истода ин мисраъҳоро хонд:

*Себарга бигуфт: Дар замин сабза манам,*
*Бунафша бигуфт: Ҷавони пурғамза манам.*
*Садбарг бигуфт: Ту лофи беҳуда мазан,*
*Тоҷи сари ошиқони саргашта манам.*

Ризо дар ҷавоб ин дубайтиро ба хотир овард:

*Рӯзгорамро сияҳ кардию мегӯйӣ: шаб аст,*
*Ларзае бар ҷонам афкандию мегӯйӣ: таб аст.*
*Устухонам сӯхтӣ, хокистарам додӣ ба бод,*
*Хоки олам бар сарам резад ту мегӯйӣ: кам аст.*

Гулъизор:

*Эй қаландарбача, ин ҷо аз куҷо афтодаӣ?*
*Ё магар саргаштаӣ, дар мулки мо афтодаӣ?*
*Булбули бехонумони ошён гумкардаӣ?*
*Андалеби бенаво, ин ҷо чаро афтодаӣ?*

Ризо:

*Ҳеҷ кас дар ошиқӣ монанди ман бемор нест,*
*Сӯзише дар сина дорам, тоқати гуфтор нест.*
*Мардумон гӯянд: «Он гул хайма дар саҳро задаст»,*
*Он гулеро дӯст медорам, ки дар кӯҳсор нест.*

– Ту байти бисёр медонистаӣ, ман шаҳрамро ба ту додам. – гӯён Гулъизор хушҳолона хандида, бозиро бас карда фуромаданӣ шуд.

Ризо бошад, худро аз шохи дарахт ба рӯйи сабза партофт. Гулъизор бо танаи дарози дарахт ғеҷида фуромаданаш лозим буд, ҷавон:

– Ист, нағеҷ, куртаатро медаронӣ, – гуфта ӯро бо такя кунондани пояш ба ду кафи дасти худ, ба замин фуровард.

Баъди ду рӯз мулоқоти танҳо ба танҳо, бадеҳагӯйӣ, изҳори муҳаббати дилдодагон дар чормағзи дигар такрор ёфт. Ризо маҳбубаи худро вақти аз дарахт фуровардан дар оғӯш гирифта аз рухсорааш бӯсид, бехабар аз он ки Қосим дар боғ пайдо шуда буд ва онҳоро медид.

– Ҳой беномусҳо, ин чӣ нағма? – мардак аз таги ток ба сӯйи инҳо қадам зада фарёд кашид.

Гулъизор бо шунидани овози амакаш гурехта аз боғ бадар рафт. Ризо истод.

– Падарлаънати шум, валадзино! – Қосим дос дар даст ба вай ҳамла кард. Ӯ чунон дашномҳои қабеҳе ба забон ронд, ки бо мақоли халқ «подшоҳро аз асп пиёда мекарданд». Ризоро ба задани бо дос ҷуръат накард, аммо як ду мушт ба сараш фуровард. Ризо дам назад, муқобилат накард; хомӯшонаву сархам аз боғ баромада рафт.

Вай ба болои тали Шунг, ки боғи Восеъ дар пойи он воқеъ шуда буд, баромада соате нишаст. Озурдахотир ва ғамгин буд. Қосим, албатта, ба модари Гулъизор хабар хоҳад кашид, баъд аз он Восеъ ҳам аз сафар баргашта аз воқеа огоҳ хоҳад шуд. Ризо инро фикр мекарду аз хиҷолат

аъзои баданаш араќи сард мебаровард. Чун аз худаш ранљидани Восеъ ва Аноргулро, ба вай лаънат хондани онҳоро ба пеши назараш меовард, нафас дар гулӯяш мепечид. Охир, аз рӯйи аќидаву ахлоќи мардум, ишќ варзидан, «чашм ало кардан» ба духтари касе, ки туро ба даргоҳаш гирифта ҳамчун писари худаш тарбият менамояд, нокасӣ ва кӯрнамакӣ ҳисоб меёбад. Ба хонаи Гулъизорино баргаштанро Ризо тамоман номумкин дониста, ба хаёлаш ҳам намеовард, аммо хаёле, ки дили ӯро аз ҳама дардноктар мехарошид, ин буд, ки аз боиси ӯ Гулъизорро дар хона коҳиш хоҳанд кард.

Вай бо тани гарону сари тафсон бархоста, оҳиста–оҳиста ќадам партофта равон шуд. Ба куљо меравад, худаш ҳам намедонист...

Ќосим худи ҳамон бегоҳ воќеаи таги чормағзро бо муҳобот ва кинояҳои талх ба Аноргул наќл кард.

– Духтарат аз ту пинҳонӣ ошиќу маъшуќӣ, ќинғолабозӣ карда гаштааст–ку–таъна зад мардак. – Ё балки худат ба ќинғолабозии ӯ рухсат дода бошӣ? Он адирии шумро домод мегирӣ магар?

Ин гуфтугӯ дар айвон мегузашт. Гулъизор дар даруни хона гирён нишаста буд, суханони амакашро мешунид. Худро мисли касе, ки ба сараш як сатил оби хунук рехта бошанд, ҳис мекард.

Аноргул ба дилаш аз Гулъизор хафа шуд, аммо ба ҳар ҳол духтараш барояш азизтар аз он буд, ки вайро дар пеши амаки бетамизаш коҳиш кунад, хиљолат диҳад.

– Ба ту гап ёфт шуд, хурсанд шав! – гуфта Аноргул дами Ќосимро гардонд. – Ба бом баромада карнай мон, љор зан! Чӣ шудааст, охир? Инҳо ҳоло бачаанд, эҳтимол, шӯхию бозӣ карда бошанд. Ту даррав айб гирифтӣ? Шарм намедорӣ, ки дар шаъни бародарзодаат ҳамин хел гапҳои бемаза мезанӣ? Ман духтарамро аз ту беҳтар мешиносам, вай аз он духтароне нест, ки ту гумон кардаӣ. Кори айб чӣ, ноайб чӣ, худаш нағз медонад. Ман худам бо вай гап

мезанам, ту ба ин кор қатӣ нашав. Нахӯдаки пеши қошуқ шудан ба ту намезебад!

...Аноргул ба пурсиши шавҳараш ҷавоб дода, боз илова кард, ки:

– Ман пештар ҳам пай бурда будам, ки Ризо ба духтарамон... маъқул аст, Гулъизор ӯро бинад, сурху сафед мешуд, дасту по гум мекард. Охир, духтари қадрас бо Ризо барин ҷавони ба назар намоён дар як ҳавлӣ бошанд, ҳар рӯз бо ҳам вохӯранд, оқибаташ чӣ мешуд? Ман намедонистам, чӣ кор кунам. Росташро гӯям, ман аз рафтани Ризо хафа нашудам, ҳарчанд, ки вай бачаи коркун, бағайрат, дастёри хуб буд. Ҳар тавре, ки бошад, набуданаш беҳтар аст. Даҳони мардумро баста намешавад, онҳо гап мекунанд.

Восеъ ба андеша рафту дам назад.

## БОБИ ҲАЖДАҲУМ

Вай пули Ашӯри машкобии марҳумро ба ёд оварда аз занаш пурсид: оё ӯ хабар надорад, панҷоҳу панҷ тангаи бухорӣ ба модари Ашӯр аз шайх Саидасрор расида бошад ё не? Аноргул гуфт, ки хабар надорад.

Восеъ худаш ба пеши модари Ашӯр рафт, – кампир дар канораи деҳа ба хоначае ҳамчун гиёҳи бом ғарибу танҳо зиндагӣ мекард. Вай бо дидани Восеъ писарашро ёд карда гирист. Восеъ аз тақдиру насиба ва набудани ҷойи гурези «бандаи Худо» аз қазову қадар гап зада, кампирро каме тасаллӣ дод ва пурсид, ки оё Саидасрор, мутаваллии мазори Хоҷа Балҷувон, ба вай панҷоҳу панҷ тангаи пасандози писари раҳматиашро расонд ё не?

Маълум шуд, ки нарасондааст.

Восеъ аввал ба тааҷҷуб монд, баъд оташин шуд ва ниҳоят беқарор гардида ҷазм кард, ки худи пагоҳ ба Балҷувон рафта Саидасрорро бинад.

Воқеан ҳам ӯ пагоҳии дигар аспашро савор шуда ба Балҷувон равон шуд.

Саидасрор аз намози пешин баргашта, дар мазор, зери садаи пир тасбеҳ гардонда нишаста буд. Восеъ номашро гуфт, шайх ӯро нашинохт, дурусташ худро ба ношиносӣ зад. Аз зери абрӯвони дарози ба болои чашм фуромадааш хира нигариста пурсид:

– Восеъ? Кадом Восеъ? Аз кадом деҳа?

– Аз Дараи Мухтор. Ман ҳамон Восеъ ҳастам, ки баҳор дар Ҳисор, дар ҳуҷраи мадраса ба шумо панҷоҳу панҷ танга дода, илтимос карда будам, ки онро бо ягон одами худатон ба модари Ашӯри машкоб дода фиристонед, шумо қабул карда будед, – хотиррасон кард Восеъ.

– Пул? Ба ман дода будӣ? – тааҷҷуб кард шайх. – Ин чӣ туҳмат аст? Кадом Ашӯри машкобӣ? Ту девонаӣ магар?

Восеъ дар ҷойи истодааш шах шуда монд, забонаш лол гашт; ӯ ҳатто дар шубҳа монд, ки ин ҳамон Саидасрор – мутаваллии мазор аст ё каси дигар? Аммо дар ин ҷо ҳеҷ имкони саҳв кардан набуд, – ҳарифи вай худаки мутаваллӣ буд.

– Тақсир, шумо ҳазл мекунед магар? – ниҳоят боз ба забон омад Восеъ.

– Ҳазл мекунӣ? – Саидасрор ҷаҳлаш омад. – Ту худ чӣ касе ҳастӣ, ки ман бо ту ҳазл кунам?

– Астағфируллоҳ! – гиребонашро гирифт Восеъ. – Тақсир, дониста мункир шуда истодаед ё аз ёдатон баромад? «Пулро ба тоқча мон, ман ба вай даст намерасонам, чунки молу чизи дунё ба ман ҳаром аст, пулатро бо одами худам ба модари он машкоби раҳматӣ дода мефиристам» гуфтагӣ кӣ буд? Шумо боз аз ман мепурсед, ки: «Ба сафар баромада бошӣ, аз бузургон дуо гирифтӣ ё не, ба мазори Хоҷа Балҷувон назру ниёз кардӣ ё не?» Наход, ки фаромӯш карда бошед?

– Ту якто гапи рост задӣ: ман дар ҳақиқат як бандаи тарки дунё кардагӣ мебошам, ба молу чизи дунё наменигарам.

Аммо агар, фаразан, гапи дигари ту ҳам рост бошад, ки яъне ту маро дар Ҳисор дида пулро ба тоқчаи ҳуҷра гузоштаӣ, пас он пул дар ҳамон тоқча мондааст. Ман на туро мешиносам ва на аз ту пул гирифтанамро медонам. Акнун бирав, бандаи Худо, маро дарди сар надеҳ.

«Мункир шуд, мункир! Худоё, тавба!» – дар ҳайрат монда, аз ин муттаҳамии ошкори ҷаноби шайх моту мабҳут шуда, ба дилаш мегуфт Восеъ. Умуман вай дар воқеаи духтараки мироншоҳӣ аз Саидасрор хеле ихлосаш гашта бошад ҳам, гумон намекард, ки шайх то ҳамин дараҷа нокас ва разил бошад. Худро таъна мезад, ки чаро ин воқеаро дониста истода, боз ба шайх бовар кард – пули Ашӯрро ба вай супурд. Ӯ беихтиёр ин байти вирди забони мардум гашта: «Нест ҷуз аблаҳфиребӣ кори шайхони ҷаҳон, сирри ҳақ дар синаи эшон надидам заррае»–ро ба хотир овард.

Воқеаи духтараки мироншоҳӣ ин аст, ки Саидасрор худро зоҳид ва тарки дунё карда ба қалам диҳад ҳам, аз ин ду сол пеш сағираи сенздаҳ–чордаҳсолаеро аз деҳаи Мироншоҳӣ ба занӣ гирифта буд. Мардум ҳайрон монданд, намедонистанд кампир – модаркалони он сағира чӣ тавр розӣ шуд набераи ноболиғашро ба зании пирамарде диҳад. Чӣ тавре, ки Восеъ ва дигар бошандагони Дараи Мухтор шунида буданд, кампири номбурда қазияро ба мардум чунин шарҳ медодааст: ман шабҳо бо набераам дар даруни кулбаамон мехобидам, баъзе шабҳо аз пушти дар ва ё аз бом овози пиреро мешунидам, ки номамро гирифта мегуфт: «Ҳой, Хадича, ман арвоҳи шавҳари ту Фаёз мебошам, ба суханам гӯш кун. Калиди бахти ту ва набераамон Сурма дар дасти ҳазрати Саидасрор шайхи мазори Хоҷа Балҷувон аст! Сурмаро ба ҳарами муборади шайх бисупор, дуои он ҳазратро бигир! Аз дуо ва даму нафаси он ҳазрат ҳар мушкили ту осон, ҳоҷатат раво ва бахти набераамон кушода мешавад!» Ман, ки чандин шаб ин овозро мешунидам, бовар кардам ва набераамро ба хонаи

шайх бурда «бо ду дасти адаб» ба вай супурдам. Шайх шод шуд, маро дуо карда пул ва чизи бисёре дод...

Баъдҳо баъзе одамони нуктасанҷ кампири мавҳумотпарастро масхара карда мегуфтанд, ки: «эй мӯдарози ақлкӯтоҳ, фиреб хӯрдаӣ! Соҳиби овозе, ки ту шабҳо аз пушти дарат ё бомат мешунидӣ, худи Саидасрор буд!» Нақли кампир рост буд ё дурӯғ, ба ҳар ҳол Сурма завҷаи Саидасрор шуд ва то алвақт дар ҳарами ӯ мебошад.

Аз ҳамон вақт ин ҷониб бисёр мардуми атрофу акноф аз шайх рӯй гардонида, ӯро бад медидагӣ шуда монданд. Аз ҳамин ваҷҳ Восеъ ҳам ӯро бад медид. Бо вуҷуди ин, аз рӯйи содагии деҳотиёнааш амонати Ашӯри марҳумро ба шайх супурда буд.

Вай ба шайхи фиребгар:

– Ба ҳарчӣ мункир шавед ҳам, ба ин чиз мункир нашавед, тақсир, аз Худо тарсед, охир одам ҳаққи як пиразани бекаси муштипарро хӯрда равад, магар аз ин ҳам сахттар гуноҳ мешавад? – гуфта, кӯшиш кард ӯро ба тавфиқ ва виҷдонашро ба ҷунбиш орад, аммо кӯшиши ӯ суде набахшид.

Шайх ба муридонаш – ҳамон муридоне, ки дар мадрасаи Ҳисор тангаҳои муздурии Восеъро ба яғмо бурда буданд, – фармуд, онҳо даъвогари мотгаштаи ҳуш аз сар паридаро зада–зада аз мазор берун карданд.

Восеи аламзадаи парешонҳол дар кӯю кӯчаҳои Балҷувон саргардон гашта он рӯзро ба шаб овард. Фикр мекард, ки куҷо равад, чӣ кунад, дарди худ киро гӯяд. Агарчи ба худаш ҳеҷ хавфи даъвое аз ҷониби модари Ашӯр набуд, аммо ӯ ба ин ноинсофии дар ҳаққи кампири бенаво содиршуда ҳаргиз тан дода наметавонист. Ба худ қарор дод, ки аз қозӣ то ба ҳоким, нашавад – то ба худи амир равад ва доди кампирро аз бедодгар ситонад.

Шаб аспашро дар оғили равғангари шиносаш баста, худ дар меҳмонхонаи ӯ хоб кард ва пагоҳӣ дар қозихона ҳозир шуд.

Маҳаллаҳои шаҳри Балҷувон қишлоқчаҳои ҷудогонаи ҷафс–ҷафсеро мемонад, ки дар баландиҳо, рӯйи талҳо воқеъ шудаанд. Аз лаби Сурхоб ба пойи қалъа ва аз пойи қалъа ба тарафи шимол, шаҳрро миёнбур карда, кӯчаи асосӣ меравад; тарафи рости кӯча баландист, тарафи чапаш пастӣ буда, ба дараи Талхак фуромада меравад. Дар баландиҳои тарафи рост маҳаллаҳои Ғарибакон, Намозгоҳ, Гӯрдара ҷой гирифта, бар рӯйи талҳои тарафи чап ё дар пойи онҳо маҳаллаҳои Туркон, Ӯзбакон, Ҳамродиён воқеъ мебошанд. Намозгоҳ бо масҷиди калони сафеди сангинаш майдони васеи болои ҷариро ишғол менамояд. Қозихона ҳам воқеъ дар як тарафи Намозгоҳ ва иборат аз хонаи калони айвондорест, ки ба саҳнаи якчанд бех тути пиру ҷавон сояандоз мебошад.

Қозӣ–марди бухории хомфарбеҳ ва сурхгунаю сурхбинӣ аз дари ҳавлии худ, ки дар он наздикӣ буд, баромада омад. Дар таги тутҳо се–чор нафар аҳли ҳоҷат – мардон ва занон мунтазир нишаста буданд, бо намоён шудани қозӣ ҳамаашон якбора аз ҷо бархоста хоҳам–нохоҳам алек гирифта, ба айвон даромада нишаст. Фаррош айвонро тоза рӯфта, об зада, ба рӯйи намад як қабат кӯрпача андохта монда буд, қозӣ дар кӯрпача чорзону зада мурофаа сар кард.

Восеъ, ки аз ҳама аввал омада буд, дар рӯ ба рӯйи ӯ ба бӯрё зону зад.

– Кистӣ ту? Чӣ арз дорӣ? – пурсид қозӣ.

Вақте Восеъ гуфт, ки аз мутаваллии мазори Хоҷа Балҷувон даъвои пул дорад, одамҳо ҷунбише карданду беш аз пеш ором шуда саропо гӯш гардиданд. Эшони қозӣ чашмони бодомиаш калонтар кушода шуда, ин дафъа ба гӯянда назари мароқнок ва тааҷҷубомезе афканд.

Даъвогар қазияи панҷоҳу панҷ тангаро бо сӯзи дил нақл кард. Аз ҳозирон паст–паст нидоҳои ҳайрат баланд мешуд. Онҳо Саидасрорро нағз мешинохтанд ва ҳозир кӯшиш мекарданд ягон калимаи Восеъро нашунида намо-

нанд. Нақли Восеъ барояшон аз воқеаи зангирии ҳазрати шайх ҳам ғалатитар буд.

Қозӣ ба Саидасрор одам фиристод.

То баргаштани вай арзи дигар аҳли ҳоҷат баррасӣ ва мурофаа карда шуд. Восеъ «бӯрёи шариат»–ро барои он ҷо холӣ намуда, худ дар кунҷе интизор нишаст.

Саидасрор савора бо ду нафар мурид ё ки мулозими худ ҳозир гардид. Теғи нигоҳашро ба сӯйи Восеъ ҷилое доду бо ёрии ҳамроҳонаш аз асп пиёда шуда, тасбеҳ дар даст ва саллаи калони сафед бар сар, бо виқору тамкин аз болои намад ҷой гирифт. Ба хилофи интизори ҳозирон, қозӣ ба шайх чандон илтифоте ҳам намекард.

Бо фармони ӯ Восеъ суханонашро такрор кард. Нафрати вай нисбат ба Саидасрор дар ҳузури шайх боз ҳам аёнтар шуда, аз ҳар як калимааш садо медод. Ҳозирони кӯҳистонӣ–аҳли шаҳру деҳот, ки акнун шумораашон ба даҳ–дувоздаҳ нафар расида буд, ҳаргиз надида ва нашунида буданд, ки касе Саидасрорро ё монанди ӯ шахсони тақводор ва соҳибнафасро ба рӯяшон бо чунин далерӣ айбдор карда бошад.

– Тақсир, – мурoҷиат кард Восеъ дар охири суханони аламнок ва шӯрангезаш ба қозӣ, – агар ин одам ҳақи худи маро мехӯрд, ман ба шумо арз карда намеомадам, чунки ҳақи мо фақиронро бе ин ҳам бисёр мехӯранд, аммо ин шайх аз Худо натарсида бозёфти як машкобии дар ғарибӣ ҷондода, ҳақи як пиразани бекасу кӯйро хӯрда рафт. Охир, кас ба ин ноинсофӣ, ба ин ноодамӣ чӣ тавр тоқат мекунад?!

Аммо ин хитобаи ӯ, зоҳиран, ба қозӣ ҳеҷ таъсире накард. Қозӣ бо ҳамон расмияти хушки аз ҳиссиёт холӣ ба шайх, ки дар аснои сухани Восеъ ба худ ҳолати муроқаба гирифта, муҳраҳои сиёҳи тасбеҳашро шумурда пичирроскунон дуо мехонд, мурoҷиат намуд:

– Шумо чӣ мегӯед?

Саидасрор дуояшро тамом карда дар ғояти ҳилму фурӯтанӣ дасте ба рӯяш кашиду гуфт:

– Банда аз ноҷинсон ва хабисон бори аввал нест, ки туҳмат мешунавам, тақсир. Ин мард ё девона аст, ё ки хоб дидааст, ё ҳар ду.

– Гувоҳ дорӣ? – аз даъвогар пурсид қозӣ.

– Ана ҳамин муридонаш медонанд, – ҳамроҳони шайхро нишон дода гуфт Восеъ. – Боз ду нафари дигарашон ҳам буданд, дар пушти дари ҳуҷра истода гапи мову шайхро мешуниданд, баъд дар берун аз ман назру ниёз ҳам талаб карданд. Аммо инҳо магар иқрор мешаванд? Инҳо, ба домани шайхашон гард шинад, он гардро бо забонашон мелесанд, тақсир.

Қозӣ ба муридон нигоҳи саволомез кард.

– Туҳмат, тақсир, ҳақорат, буҳтон! – ғуррид яке аз онҳо. – Мо дар умрамон ин одамро дина якум бор дидем ва имрӯз бори дуюм дида истодаем.

– Мо даъвои ҳақорат мекунем, тақсир! – дод зад шарики вай.

Мардуми дар қозихона ҷамъшуда ҳусни таваҷҷуҳ ва хайрхоҳии худро, ки нисбат ба Восеъ доштанд, пинҳон ҳам намекарданд, балки инро бо нидоҳои ҷудогона, пичир–пичир ва ҷунбишҳои худ ифода менамуданд.

Қозӣ мисли одами хасташуда чашмонашро пӯшида каме фикр карду ба тарафи Восеъ гуфт:

– Шоҳид надорӣ, даъвоят ботил.

Восеъ ба танг омад, дармонд. Монанди каси тоқаташ тоқшуда яке ба по хест ва бо қаҳру ғазаб ба Саидасрор хитоб кард:

– Ҳой амак, ту як зарра номусу виҷдон дорӣ ё не? Наход, ки динат, имонатро ба панҷоҳу панҷ танга фурӯшӣ?! Э садқаи он саллаю он тасбеҳ шав!

Саидасрор лабашро газид, рангаш канд. Ба қозӣ рӯй оварда гуфт:

– Тақсир, ин хабис ба ман на ин ки фақат буҳтон зад, балки–худатон шунидед – маро таҳқир ҳам кард. Ман ба вай даъвои ҳақорат дорам. Шумо қозии шариат, ки бошед, сазои ҳақораткунандаро диҳед.

– Э, монед равад, – даст афшонд қозӣ. – Даъвояшро ботил кардам, шумо сафед шудед–ку, боз чӣ? – Ба Восеъ гуфт: –Рав. Мурофаа тамом.

Аммо баъд маълум шуд, ки мурофиа тамом нашуда будааст. Восеъ манзилаш – хонаи равғангари ошноро ба қозӣ гуфта буд, аз ақибаш ба он ҷо мулозим омада аз номи қозӣ ба вай гуфт, ки бегоҳӣ вақти намози дигар ба Намозгоҳ биёяд.

Қозӣ пас аз мурофиа Саидасрорро ба хонааш талабида дар меҳмонхонаи худ қабул кард.

– Ҳаринагӣ накарда пулро бароред, – якбора бе муқаддима гуфт ба шайх. – Яқин дорам, ки шумо аз Восеъ пулро гирифтаед. Вай бедарак даъво намекунад. Вазифаи ман буд, ки шуморо дар пеши мардум шармсор накунам, обрӯятонро нигоҳ дорам. Ин мақсад ҳосил шуд, ба шумо ҳамин қадараш бас. Панҷоҳу панҷ тангаро бароред!

– Э, тақсир, охир ман аз вай пул нагирифтаам, наход ки ман...

– Гапа кӯтаҳ кунед, бароред! – кафи дасташро кушода, сухани шайхро бурид қозӣ. – Ман пулро ба Восеъ медиҳам. Бо ҳамин тамом – вассалом, ҳақ ба ҳақдор мерасаду обрӯйи шумо ҳам намерезад. Ба Восеъ таъин мекунам, ки ин сирро пӯшида дорад, ба ҳеҷ кас нагӯяд. – Чун дуяшон ошно буданд, қозӣ бо забони улфатӣ илова кард: – Шайх нашуда мурed шумо! Духтари мироншоҳиро фиреб карда гирифтагетон кам буд, ки акнун ҳаққи беваро мехӯред? Аз барои панҷоҳу панҷ тангаи ҳаром ҳамин қадар хархаша? Бе пул мондед, зор шудед–чӣ?

Саидасрор мулзам шуда узр хост ва гуфт, ки ҳозир дар кисааш пул надорад, аз хона дода мефиристонад.

Баъди пешин хизматгори шайх ба қозӣ пулро оварда дод.

Бегоҳрӯзӣ Восеъ ба Намозгоҳ омада буд, ки мулозим ӯро ба назди қозӣ бурд.

– Ма, гир пулатро, – гуфта қозӣ ҳамёни тангаро ба тарафи вай ҳаво дод.

– Аз куҷо? – ҳайрон шуд Восеъ. – Наход, ки шайх ба инсоф омада бошад?

– Вай ин пулро ба он бевазане, ки ту аз ҷонибаш додхоҳӣ кардӣ, садақа гӯён дода фиристодааст. Дигар тагашро накоб, ба кампир бурда расону дам гаштан гир. Шукр кун, ки пулро рӯёндӣ.

Ба ростӣ, ки ин қозӣ ба хилофи ҳамкасабаҳои дигараш, аз инсофу ҳақиқат холӣ набуд...

## БОБИ НУЗДАҲУМ

Аҳадхон аз беки Балҷувон Ҳоҷибӯрон норозӣ буд: бек бо баҳонаи хушксолӣ ва ҳуҷуми малах се сол боз ба хазина даромади казоӣ намедод. Ба болои ин вай ба амири нав ҳам пешкаши арзандае наёвард. Ҳокиму бекҳои дигар ҳар кадоме панҷоҳ ҳазор то сад ҳазор танга пул, аспҳои нағз, ғулому канизакони зебо пешкаш оварданд, беки Балҷувон бошад баҳои пешкашаш аз нақдию молӣ бист ҳазор танга беш набуд.

Шоҳмуҳаммад-қушбегӣ ва Муҳаммадшариф-девонбегӣ ба муқобили Ҳоҷибӯрон иғво сар карданд. Қушбегӣ мехост ба ҷойи ӯ хоҳарзодаашро, ки яке аз саркардагони лашкар буд, бек таъин кунад. Аммо Аҳадхон номзади саркардаро рад карда, ярлиғи бекиро ба Мирзоакрамбойи мирохӯр дод.

Инак, боз ба сари Мирзои Қорӣ бози давлат нишаст.

Он рӯзҳо аз як гурӯҳ аҳолии қабилаи марқа ба номи амир аризае омада буд, ба ин мазмун, ки вақте онҳо кӯч карда ба вилояти Балҷувон гузашта буданд, лақайҳои дузд рамаи гӯсфандони онҳоро ба яғмо бурданд, чӯпонҳошонро баста, зада, чандеро маиб карданд ва ҳатто як нафарро куштанд; марқаҳо ба беки Балҷувон арз карданд, аммо вай барои дуздонро дастгир кардан ҳеҷ чорае надид. Амир тафтиши ин аризаро ва дастгир кардани дуздонро ба беки нав Мирзоакрами мирохӯр ҳавола намуд.

Мирохӯр, дар рикобаш сӣ нафар навкару хизматгор, бо карру фари тамом озими кӯҳистон гардид.

Дар сари роҳ ба Ҳисори Шодмон таваққуф намуда, як шабонарӯза меҳмони Остонақул қушбегӣ шуд. Ҳокими Ҳисор, ки мушаррафи марҳамати хоси амир гардидани Мирзои Қориро медонист, ӯро хуш қабул кард.

Остонақул барои он ки ба беки нави Балҷувон нишон диҳад, ки соҳиби чи гуна ҳокимият ва давлате мебошад, ба вай қалъаи худ ва он чиро, ки дар қалъа буд, тамошо дод. Мирзоакрамбой аз таърихи дуру дарози пурошӯб ва хунини ин қалъа хеле чиз шунида бошад ҳам, пештар ба он ҳеҷ надаромада буд, бинобар ин онро бо майли калон тамошо кард. Зиндон ва чоҳи торику бадбӯй, бандиҳои ниммурдаи кунда ба по ва занҷиру завлона ба гардан, ки дар он зиндон ва чоҳ хобида буданд, ба Мирзоакрамбой он қадар таъсире набахшид, зеро вай ин нишонаҳои салтанати амиру ҳокимонро, ҳатто аз ин даҳшатноктарашро на як бору ду бор дида, одат карда монда буд. Таваҷҷуҳи ӯро аз ҳама зиёдтар хазинаи аҷоиби Остонақул ба худ ҷалб кард. Ин хазина дар қасри ҳоким як хонаи ниҳоят калонеро ишғол карда буд, ки ба анбори бузурге монандӣ дошт: дар вай сандуқҳои тангаю ҷавоҳирот, зарфҳои гуногуни тиллою нуқра, соатҳои хел ба хел, мизҳо, курсӣ ва креслоҳои мулоими кандакорӣ ва зарҳалкорӣ, ҷомаҳои гаронбаҳои ранг ба ранг, корду ханҷарҳои зумурраднишон ва боз сад гуна чизу ашёи антиқаи хурду калон, ки Мирзои Қорӣ чӣ будани онҳоро намедонист, боло–болои ҳам бе тартибу низом истода буданд. Мирзои Қорӣ ба ин ҳама сарвати ҳоким бо чашми ҳирсу ҳасад менигарист, онҳоро даст–даст карда медид.

Шаб Остонақул бо меҳмони худ хилват орост. Ба таги меҳмон се қабат кӯрпачаи шоҳию атлас андозонда, худаш дар дами даричаи меҳмонхона ба намад нишаст. Вай зинату таҷаммули зоҳириро нағз намедид, аз рӯйи одати худ дар намад ё гилем менишаст. Аслан бар боргоҳ – меҳмон-

хонаи гаҷкории ӯ ҳам ғайр аз ду намади калони нимдошт, ду лӯлаболишт ва як мизи паст бо давоту қалам, чизи дигаре дида намешуд.

Қушбегӣ ба беки нав дар бобати идораи вилоят ва фуқародорӣ дастур, маслиҳатҳои муфид медод:

– Кӯҳистониён ҷоҳиланд, саркашанд, – мегуфт ӯ, – дар ҳаққи ин мардум сахтгир будан лозим. Охир, ин мулк ва ин халқро мо бо зарби шамшер ба фармон овардаем, ин мардум ғуломони моянд. Мо ҳар чи фармоем, онҳо бояд ки лаббай гуфта истанд; ҳар чи талаб кунем, беқилу қол диҳанд. Ин халқи нимёбоӣ, ҷоҳилу ғофил, ба як ҳисоб, аз дину шариат бехабар буданд, гӯем ҳам мешавад, фақат мо намояндагони қуббатулисломи Бухоро, дар сояи давлати амирони саиди вай, ба ин халқ дину шариати муҳаммадиро ёд дода истодаем.

Мирзоакрамбой суханони Остонақулро мешуниду хаёлаш ба ҷойи дигар буд. Вай дусад ҳазор тангаи дар вақташ ба ҳокими Кармина Аҳадхон инъомшуда, аспи фалонсумаи бо зини тиллокорӣ ва абзоли нуқрагин боз ҳам ба ҳамин Аҳадхон пешкашшуда, пулҳои ба сару либос ва зебу зевари Зебӣ сарф гардида, саду панҷоҳ тиллои нақди ба бадали ярлиғи мирохӯрӣ ба удайчии амир додашударо фикр мекард. Ба дилаш мегуфт, ки: «Акнун вақти он расид, ки ман зудтар ҷойи ин харҷҳоямро пур кунам».

Дар Балҷувон ӯро тӯдаи сипоҳиён, амалдорон ва муллоёни шаҳр пешвоз гирифтанд. Бек дар ҷавоби салому таъзимҳои тамаллуққоронаи онҳо ҳар дам бо кибру виқор саре ҷунбонида, бо навкарон ва мулозимонаш ба қалъа боло рафт.

Дар даруни қалъа аз асп пиёда шуда, ба девонхона ва ҳавлиҳои истиқоматӣ надаромада, аввал дар се–чор ҷо ба болои девори қалъа баромада ба атроф назар андохт. Гӯё мехост, ба як бор ҳамаи вилояти кӯҳии ба зери фармони худаш даромадаро бинад. Қалъаи қадимаи Балҷувон дар тори кӯҳ, ё дурусттараш дар шахи баланде, дар болои

ҷаррии лаби Сурхоб чун ошёни уқоб ҷойгир, дараи дарозу фарохе бо санглохҳояш, долу дарахтонаш ва хатти нуқрагини обҳояш дар пойи қалъа ҳамчун пояндози авлоне густурда, шаҳри сангину кулӯхини Балҷувон ба ду соҳили дарё дар фарозу нишеб ва бағали талҳо паҳну парешон аст. Шаҳру қалъаро аз ҳар ҷониб кӯҳҳо ва сангобҳо иҳота намудаанд. «Дорулҳукумати ман! – бо фахру ғурур ба дилаш мегуфт Мирзоакрами мирохӯр. – Қалъаи ман аз қалъаи Ҳисор хурдтар бошад ҳам, аз вай баландтар, маҳкамтар аст».

Фармони аввалини беки нав ин буд, ки калонҳои қабилаи марқаро ба ҳузураш даъват кард. Онҳо ба зудӣ ҳозир шуданд. Аз гӯсфандони дузд бурда пурсишу посух ба миён омад. Маълум шуд, ки сардори дуздон Туғай Юлчии кӯлобӣ ҳар як дастбурди дуздии худро бо Ҳоҷибӯрони ҳоким ба ҳам медидааст. Аз ҳамин сабаб Ҳоҷибӯрон арзи соҳибони рамаи ба яғмо рафтаро намешунида ё шунавад ҳам, расидагӣ намекардааст. «У–у бало–е! – бо ҳасади ниҳонӣ дар ҳаққи беки собиқ мегуфт Мирзои Қорӣ ба дили худ. – Тавонистааст! Бояд аз Туғай бисёр чизу мол рӯёнда бошад!»

Вай Давлат-қаравулбегиро талабида, бо ӯ якка ба якка суҳбат кард. Пурсид, ки агар вай, яъне бек, фармон диҳад, Давлат дуздонро ёфта метавонад ё не?

– Фармон аз шумо, фармонбарӣ аз мо, – кафи даст бар сина зада, ба хизмат ҳозир буданашро изҳор кард қаравулбегии шуҷоъ.

Фармон дар худи ҳамон ҷо содир шуд: Давлат бояд, ки шабона чарогоҳи лақайҳоро тохта, қӯтанҳошонро пахш карда, гӯсфандонро ба ин тараф ҳай кунад.

Аз ин «кор» шахсан ба худи қаравулбегӣ ҳам бӯйи нафъи калоне меомад, бинобар ин вай бе таъхиру мусоҳила ба иҷрои фармон камар баст.

Шабона вай бо бист сарбоз номаълумак ба тарафи сарҳади вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппаи ҳамсоя ҳаракат

кард. Қӯтанҳои даркориро ёфтан душвор набуд. Чӯпонҳои лақай ҳам, албатта бо сарбозони яроқдори қаравулбегӣ қудрати сарпанҷа задан надоштанд. Онҳо ба осонӣ баста шуданд. Шаби дигар камобеш се ҳазор сар гӯсфанд ба қаламрави беки Балҷувон гузаронида ва дар кӯҳ пинҳон карда шуд. Ба ин тариқ, товони дуздии даҳ–дувоздаҳ нафар ҳамқабилаи роҳзанашонро лақайҳои бечораи бегуноҳ кашиданд.

Бо амри бек ҳазор сар гӯсфанд ба марқаҳои тороҷдида таслим карда шуд, ду ҳазор сар дар байни бек ва саркардаи ӯ тақсим ёфт: бек ҳазору ҳаштсад сар гирифт, боқӣ дусад сар «музди хизмати» бек гардид. Гӯсфандонро ба шимол – ба сарҳади Қаротегин бурда, ба рамаҳои Давлат ҳамроҳ карда монданд.

Лақайҳои ғоратшудаи Кӯлоб дод гуфта то Бухоро рафта бошанд ҳам, додашон ба ҷое нарасид, зеро бек дар номаи худ ба амир ҳамаи он лақайҳоро дузди ғоратгар ба қалам дода, саршумори гӯсфандони «содиршуда»–ро ҳам ҳазор сар нишон дода, ба соҳибонашон – ба марқаҳо гардонда дода шудани онҳоро «арзи бандагӣ» намуда буд. «Тасаддуқи сари мубораки аълоҳазратам, сайидам, мавлоям шавам, – навишта буд ӯ ба амир, – аз давлати ҳумоюнӣ ин ғуломи ризоҷӯй ба болои лақайҳои дузд баромада гӯсфанду чизҳои дуздидаашонро бо иҷозати олӣ гирифта ба соҳибонашон дода, фуқаро ва раоёро дилдорӣ карда, ба умри давлати олӣ дуо гирифта, ваҷҳашро арзи бандагӣ менамоям». Ба илова, бек илтимос мекард, ки амир лақайҳои ба арз рафтагиро танбеҳ кунад ва ҷазо диҳад, зеро онҳо ҳама «иғвопеша ва каззоб ва бадҳаракат ва руздони роҳзан» мебошанд, ки агар мабодо амир ба арзу додашон гӯш диҳад, хешу ақрабояшон «ҷасур мешаванд ва боз зиёдатар дуздӣ ва роҳзанӣ мекунанд».

Аз рӯйи таомул, амлокдорон ва дигар амалдорони вилоят ҳар рӯзе ба беки нав туҳфаю бахшишҳо меоварданд.

Дар сари ҳафтаи дуюм вакили молиёти бек ба арз расонд, ки дар хазинаи шахсии вай дусаду чил ҳазор тангаи нақд ҷамъ шудааст. Гӯсфандон ба ин ҳисоб намедаромаданд.

Ба ин тариқ, Мирзои Қорӣ дар якчанд рӯзи бекии худ ҳамаи пулҳои дар талаби мансаб харҷ кардаашро дучанду сечанд бароварда гирифт.

Аммо ин ҳоло фақат «фатир аз нӯги хамир» буд...

## БОБИ БИСТУМ

Аз назораи даштҳо, адирҳо, доманаҳои кӯҳсорон, чашм ҳаловат мебарад, дил меболад. Онҳо дар ин фасли гандумпазӣ ҳама зарнигор шудаанд. Дар ҳама ҷониб ғаллазорҳои тиллоранг дар шуълаи офтоби гармтоб медурахшанд. Гандуми расида гӯё аз гармии офтоб шалпар шуда, пинак рафта, саракҳои вазнини худро хам намудааст. Гоҳ–гоҳ насими сабукпарвози кӯҳистонӣ бол афшонда, бо замзамаи латифи худ селаҳои гандумро аз пинаки ширин бедор мекунад ва нозук–нозук алвонҷ дода мерақсонад, бӯйи диловези онро парешон намуда, ба димоғи даравгарон ва хирманкӯбон мерасонад. Дар ин фасли пурфайз суруди обшорон, чашмасорон, наҳру сойҳои шӯхи кӯҳӣ, ки дар дараҳо танинандоз аст ва хониши пурқаҳқаҳаи кабкҳои дарӣ, ки гоҳ аз ин ҷо ва гоҳ аз он ҷо баланд мегардад, аҷаб нашъае дорад. Ба ин савтҳои тарабангез ва руҳнавоз таронаи «майда»–хонии хирманкӯбон ҷӯр мегардад.

Гандуми Балҷувон ба хубӣ машҳур, нонаш бисёр бомаза ва хушгувор аст. Дар байни кӯҳистониён чунин масале ҳаст: «Вақте ки Одаму Ҳаво аз биҳишт ронда шуданд, бисёр азоб кашиданд; саросари ҷаҳонро гашта макони хушобу ҳаво ва ҳосилхезеро барои зистан ҷустуҷӯ намуданд, аммо наёфтанд. Ба ҳар тараф, ки нигоҳ мекарданд,

рег буду биёбон ё ҷангал буду ботлоқ. Оқибат аз пеши онҳо Ому баромад, аз Ому гузаштанд, ба Вахш омаданд; аз Вахш гузаштанд – ба Балҷувон расиданд. Диданд маъвое бас хушу дилкаш, ҳама ҷо обшор, сабзу хуррам, ҳавояш салқин ва форам. Гуфтанд – биҳишт ин ҷост. Худо моро аз ҳашт биҳишт ронд, мо дар ин ҷо биҳишти нуҳум ёфтем. Аммо он вақтҳо дар Балҷувон ғаллакорӣ расм набудааст, хӯрокворӣ камчин будааст. Одаму Ҳаво бисёр сахтӣ кашиданд, решаву пӯстлохи дарахтонро хӯрда зиндагӣ карданд Дар охир Худо ба онҳо раҳмаш омаду барояшон аз биҳишт ҷуфти гов ва гандуми тухмӣ фиристод. Дуяшон замин ронданд, гандум коштанд, ба деҳқонӣ сар карданд. Тобистон аз гандум ҳосили фаровон бардоштанд. Аз ҳамон вақт инҷониб гандуми Балҷувон ба хубӣ ва хушмазагӣ машҳур шуд, зеро ки тухмаш аз биҳишт омада буд. Одаму Ҳаво нони гандумро хӯрда дар ин диёр ҳазор соли дигар зистанд»...

Дар дашти Ҳазормана дарав дар авҷ. Якто–нимто деҳқонони Дараи Мухтор бо галагову чапарҳо хирман мекӯбанд ё хирмани кӯфтаро бод медиҳанд. Дар як ҷо бар рӯйи хирмани тайёр пора–пора гил пахш карда шуда, дар қарибии хирман ба сояи ғарами дарза марди қоқинаи побараҳнае зонувонашро бағал карда менишинад. Ин мард Нозим аст. Ӯ ғаллаи худро аз ҳама пеш кӯфта тамом кардааст, бинобар ин мебоист хушнуд мебуд, аммо ғамгин ва парешонҳол менамояд. Дар канортари хирман ба сояи дӯлонаи калон як марди ғӯли гӯсфандрӯй, дар πояш мӯзаи чармихомии пошнабаланд ва дар миёнаш қамчин, ҳамроҳи ду деҳотии ҷавон нишаста чапотӣ мехӯрад. Ин мард Ҷобири доруға аст. Хирмани ғаллаи Нозимро ӯ бо гил «муҳр» задааст, хирмани муҳрзада ду рӯз боз мунтазири амлокдор мебошад, аммо аз амлокдор дарак нест – аз афти кор вай дар қишлоқҳои дигар хироҷ ғундошта гаштааст. Шарикони Ҷобир ҳар ду хешони худаш – дастёрҳои ӯ мебошанд.

Панҷ–шаш писарбача ва духтарбачагон дар ҷое аз назари доруға пинҳон хӯша чида, акнун бандҳои хӯшаашонро пуштора карда бо пайраҳаи пастхамӣ рӯ ба деҳа мерафтанд. Ҷобир аз баландӣ чашмаш ба онҳо ғалтида, дастёрҳояшро фармуд:

– Бидавед!

Ҷавонон фавран бархоста ба пастхамӣ сарозер шуданд; бачагон рӯ ба гурез оварданд, аммо дастёрҳо аз дунболашон расида бандҳои хӯшаи онҳоро як–як рабуда ба назди доруға оварданд. Бачаҳо гирёну нолон аз паси онҳо омаданд.

– Падарлаънатҳо, ман ба шумо нагуфтам, ки то отаву акаҳотон хироҷи ин ғалларо дода соф накунанд, ба хӯша чидан рухсат нест?! – Ҷобир қамчинро аз миёнаш кашида ба бачагон ҳайбат кард, онҳо гурехта пароканда шуданд.

Баъди як нафас зане дар хирман пайдо шуд, дар дасташ кӯдаки гирён ва аз пасаш боз ду тифл – писарбача ва духтарбачаи хурдсол, худаш бисёр лоғар, побараҳна, рӯяш зард ва пуроҷинг. Вай зани Нозим буд. Дар як ҳолати шӯридагӣ ба шавҳараш фарёд зад, ки:

– Ҳой мардак, ман ин сағираҳои гушнаро бо чӣ сер кунам? Дар хона як каф орд нест; пагоҳӣ ман таги суфраро афшонда аз орди чукрӣ дуто чапотӣ пухта инҳоро хӯрондам, дигар инҳо пагоҳ боз ҳеҷ чиз нахӯрдаанд, «оча, нон бидеҳ!» гуфта фарёд доранд. Наход, ки ту аз хирмани ҳалоли худат як тоқӣ гандум гирифта натавонӣ? Гирифта деҳ, ман лоақал ба сағираҳоят гандумҷӯшак пухта диҳам, охир!

Нозим бархоста ба тарафи доруға:

– Ҳой ноинсоф! – гуфт. – Муҳратро аз хирманам бардор, ман як ду тоқӣ ғалла гирифта ба занам диҳам! Охир, то кай ман ба амлокдори ту нигоҳ карда мешинам?!

– Муҳр муҳри подшоҳӣ аст, то амлокдор рухсат надиҳад, кандан мумкин нест, – гуфт доруға.

– Рӯт сиёҳ! – Нозим бо қаҳру ситеза як ду «муҳр»–ро аз

болои хирманаш канда ҳаво дода, гандумро ба линга андохтан гирифт.

Одамони доруға давон омада ба ӯ дарафтиданд. Дастбагиребонӣ, занозанӣ ба амал омад. Нозим мушт мекӯфт ва калла мезад, ҳеҷ таслим намешуд, доруға хеста ба мадади хизматгоронаш омад. Секаса Нозимро кашон–кашон бурда ба сутуни галаговбандии хирманҷой баста монданд.

– Камтар офтоб хӯрад, ақлаш медарояд, – ӯро масхара карда гуфт Ҷобир.

Зани Нозим доду фарёд бардошта, доруғаро дуои бад намуда, аз даравгарони дуру наздик мадад хост. Якчанд нафар даравгарон ҳозир гардиданд.

– Мо гуноҳи ӯро аз ту мепурсем, акаи Ҷобир, – илтимос кард яке. – Ин дафъа аз гуноҳаш гузар, дигар намекунад.

Деҳқонони дигар ин илтимосро қувват доданд.

Дар ҳамин вақт ба назди онҳо Восеъ омад. Вай аз ин ҷо дуртар – дар қитъаи замини худ ҳамроҳи додараш Қосим гандум медаравид.

Восеъ аз нолишҳои пурсӯзу гудози занак воқеаро фаҳмида, чеҳраи арақини офтобхӯрдааш хира гашт.

– Кушо дасти ӯро! – Нозими дар офтоб сӯзандаро нишон дода, оромона гуфт ӯ ба доруға.

– Намекушоям! – дағдағаомез гуфт Ҷобир. – Ӯ муҳри хирманро канд.

– Кушо мегӯям!

– Ту қатӣ нашав, Восеъ. Ҷаримаро фаромӯш кардӣ магар? – «ҷазои накдии» порсоларо хотиррасон кард Ҷобир.

Восеъ бо қатъият ба назди Нозим рафта, чилбурро, ки вай бо он чилбур ба сутун баста шуда буд, кушодан гирифт.

Ҷобир аз пасаш рафта банди дасти ӯро қапид.

– Восеъ, қаҳрамро наёр!

– Дафъ шав! – таҳдид кард Восеъ.

– Қаҳрамро наёр, мегӯям!

Восеъ «астағфируллоҳ» гуфта ҷӯши ғазабашро фурӯ нишонданӣ мешуд, аммо Ҷобир ба як тарзи ҷангталабона банди дасти ӯро маҳкам гирифта буд ва сар намедод.

Дар ҳамин вақт Нозим нохост ба пойи Ҷобир як лагади сахт зад, Ҷобир оринҷи Восеъро раҳо карда, ба сари Нозим қамчин кашида буд, ки ин дафъа Восеъ аз дасти ӯ дошт. Агар намедошт, яқинан косаи сари Нозим мекафид. Доруға Нозимро гузошта бо Восеъ даст ба гиребон шуд. Занозанами шадиде ба вуқӯъ пайваст; дуяшон ба болои коҳ ғелиданд. Гоҳ Ҷобир ҳарифро ба тагаш зер мекард ва гоҳ Восеъ ӯро. Дар як дам ҷомаҳои дуяшон ҳам пора–пора шуд. Дандони Ҷобир шикаста аз даҳонаш хун баромад, бинии Восеъ ҳам хуншор гашт. Даравгарон онҳоро аз ҳам ҷудо карданӣ мешуданд, аммо ҳарифони ғазабҷӯшгашта ва ҷунун ғалабакардаро ҷудо намудан осон набуд. Як даравгари ҷавон дасти Нозимро кушода партофт, он гоҳ Нозим ҳам бар сари доруға мушт кашид. Ҳамон дам дастёрҳои доруға ба Восеъ ва Нозим дарафтиданд, он гоҳ даравгарони ҷавон ва ду шарики вай ҳам тоқат карда натавониста ба мададгорони доруға ҳамлаовар шуданд. Занозании тарафматараф авҷ гирифта рафт.

Агар дар ин вақт аз ҷониби деҳа як гурӯҳ саворон ҳозир намешуданд ва ҳозирони сари хирман дар байни он саворон амлокдорро шинохта аз занозанӣ боз намеистоданд, маълум набуд ин занозанӣ ба чӣ меанҷомид.

Амлокдор бо шаш навкари туфангдор ва боз якчанд ҳамроҳони дигараш омада буд. Ҳамроҳонаш Алайкбахшбои балҷувонӣ, амин ва арбоби деҳа буданд. Аз паси онҳо имом ва сӯфии масҷиди Дараи Мухтор, усто Муродалӣ – ҳам оҳангар, ҳам мисгар, ҳам дуредгару қадоқчии деҳа – барои кафсангирӣ харакӣ омада ҳозир гардиданд.

Доруға назди амлокдор сабаби ҷанҷолро баён ва Нозиму Восеъро айбдор кард.

– Ту боз нофармонӣ кардӣ? – ба Восеъ гуфт амлокдор. – Порсол ҳам доруғаи маро зада будӣ, аммо ман раҳм

карда ҷазо надода будамат. Ҳова, раҳм кардам, падаратро рӯйихотир кардам, ки одами баобрӯ буд. Акнун ин дафъа ҳам агар туро ҷазои басазо надиҳам, беинсофӣ мешавад.

Ӯ фармуд, навкаронаш Восеъро гирифта ба ҳамон сутуни галаговбандӣ баста монданд. Гуфт, ки ӯро баъд аз саранҷоми хирмани Нозим ба Ховалинг бурда, аз он ҷо ба Балҷувон – ба ихтиёри ҳоким хоҳанд фиристод. Далолати пурғавғои деҳқонон ба бегуноҳии Восеъ суде набахшид.

Дар ҳаққи Нозим бошад, ҳукме содир нашуд, чунки ҳоло аз вай хироҷи султониро рӯёндан лозим буд.

Деҳқонон мехостанд зудтар дар мисоли Нозим бинанд ва донанд, ки хироҷи давлати имсол чӣ гуна ва чӣ қадар гирифта хоҳад шуд. Дар бораи хироҷи имсола ҳар хел овозаҳо буд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки амири нав ва ҳокими нав хироҷи се соли қаҳтиро ҳам ба имсол зам карда мегирифтаанд, баъзеҳо мегуфтанд, ки не, хироҷи солҳои пеш гирифта намешавад, ҳатто амир як қисми андозҳо, масалан, ноҳақонаро нест кардааст. Аҳолӣ агарчи аз таҷрибаи худ медонистанд, ки бо нав шудани ҳоким хироҷу закот ҳам зиёд мешавад ва ҳатто ин маъниро: «ҳокими нав – балои нав, бар фуқаро ҷафои нав» гуфта ба зарбулмасал ҳам даровapда буданд, аммо боз умеде доштанд, ки зоро амиру ҳоким боре ба тавфиқ оянду қадаме дар роҳи инсоф гузоранд. Бо ин умед бисёрии деҳқонон то маълум шудани қарордоди амири нав ва ҳокими нав ба кӯфтани ғаллаашон шитоб намекарданд. Фақат монанди Нозим якто–нимто деҳқонони бесабр ғаллаашонро кӯфта хирман карда буданд...

Омадани амлокдор бо навкарони яроқдор деҳқононро сахт ба хавотир андохт. Ва ба зудӣ бадтарин гумони онҳо рост баромад: амлокдор ба фармони нави амиру ҳоким такя намуда, аз Нозим ба болои хироҷи имсола қарзи се соли гузаштаро ҳам талаб кард.

Ин ҳам кам буд, ки назар ба гуфти амлокдор «давлатхонаи олӣ», андози ушрро бо пул, ки мегирифт, дар вило-

ятҳои Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон ва ғайра нархи давлатии ғалларо як ман чордаҳ танга муқаррар намудааст ва ҳол он ки дар бозор нархи ғалла як ман ҳаждаҳ – бист танга буд.

Ҳуш аз сари деҳқонон парид ва ғиреве ҳам аз ҷигарашон бархост.

Нозими фалакзада бошад якбора поҳояш суст шуда ба замин нишаста монд.

Восеъ дар ҳолате, ки ба сутун баста шуда буд, ба деҳқонон фарёд зад:

– Ҳой халқ, тан надеҳ! Чашматро кушо! Инҳо ҳамаи моро аз гушнагӣ мекушанд!

Дар ҷавоби ин фарёд, вай аз навкарон якчанд қамчин ба пушташ хӯрд. Онҳо ба дигар деҳқонони ғавғокунанда ҳам дарафтида, қисмеро пароканда ва гурӯҳеро бо зарби қамчину қундоқи туфангҳо «ором» карданд.

Амлокдор, баъд аз он ки кафсани доруға, имом, сӯфӣ ва оҳангару дуредгар дода шуд, бақияи ғаллаи Нозимро бо «тарозуи» чашм аз будаш камтар карда, дар худи ҳамон ҷо ба Алайкбахшбои ғаллаҷаллоб ва судхӯр ҳар ман чордаҳ тангагӣ фурӯшонда, пулашро аз бой накд гирифта ба қарзи соҳиби хирман шикаст.

Пул, албатта ба қарзи ӯ нарасид. Нозим боз саду ҳафтоду чанд танга қарздор шуда монд...

* * *

... Дар Ховалинг Восеъро дар бандихона ҳабс карда, ба пояш кунда андохтанд.

Бандихона дар даруни қалъачаи амлокдорнишин ба таги анбори ғалла воқеъ ва аз таҳхонаҳои заҳу торике иборат буд.

Одатан бандиҳо дар ин ҷо аз як рӯз–ду рӯз зиёд намеистоданд, Восеъ фардо ё пасфардо ба Балҷувон – ба ихтиёри ҳоким фиристода хоҳад шуд. Ҳоким ӯро ҳар чӣ кунад, хоҳ дар зиндон пӯсонад ва хоҳ ба Ҳисор фиристода

кушонад – ихтиёраш. Агар бисёр адолат кунад, чӯбу дарра занонда сар медиҳад.

Инак, Восеъ боз ба дасти Мирзоакрамбой гирифтор шуд, риштаи ҳаёту мамоташ дар қабзаи ихтиёри ӯст. «Бой, албатта, моҷарои Қарширо фаромӯш накардааст. – фикр мекард Восеъ, – вай албатта, гумон дорад, ки ман дар байни мардум номашро сиёҳ карда гаштаам. Маро нест карда фиристонад ҳам, аҷаб не».

Пагоҳии дигар бо фармони амлокдор ду навкар, яке милтиқдор ва дигараш шофдор, ӯро пешандоз карда ба Балҷувон ронданд. Як навкар аз пеш, дигараш аз қафо, бандиро дар миёна гирифта мерафтанд. Навкари қафо ҳар дам ӯро қамчин зада, давонда–давонда мебурд.

Масофаи роҳ аз Ховалинг то Балҷувон камобеш чор фарсанг аст. Навкарон дар ду манзил – дар қишлоқи Олуча ва Саталмуш фуромада дам гирифта, аз аҳолӣ нону ҷурғот талабида хӯрданд. Дар ҳар ду деҳа шиносони Восеъ пайдо шуда, бо вуҷуди манъ кардани навкарон, ӯро ҳам бо нону ҷурғот зиёфат карданд.

Деҳотиён чун донистанд, ки Восеъ бо доруға ва амлокдор ҷангида гунаҳгор шудааст, ҳисси хайрхоҳӣ ва эҳтиромашон нисбат ба вай зиёдтар гардид. Доруға ва амлокдор дар назари мардум ситамгортарин ва ғаддортарини навкарони амиру бекҳо буданд. Деҳотиён бо қиёфаҳои андуҳнок ба Восеъ: «Ғам нахӯр, додар, бар сари фарзанди одам ҳар чи ояд бигзарад, иншоаллоҳ ба зудӣ халос шуда мебароӣ» гуфта ӯро тасаллӣ доданӣ мешуданд, агарчи нағз медонистанд, ки бандии ба чанги мансабдорон афтода осон–осон халос нахоҳад шуд ва балки ҷон ба саломат нахоҳад бурд.

Дар Саталмуш барои он ки Восеъ аз зиёфати фақиронаи деҳотиён баҳра бурда тавонад, дасти ӯро кушодан лозим буд, онҳо аз навкарон кушодани дасти ӯро талаб карданд, навкарон розӣ нашуданд, аммо баъд бо исрори мардум дасти ӯро кушоданд, фақат ин ки дар аснои нону

ҷурғотхӯрии Восеъ аз рӯйи эҳтиёт вайро аз миёнаш ба дарахт баста монданд ва аз навкарон яке бо шофи бараҳна дар болои сараш истод.

Деҳқоне дар тоқии худ чормағзи шикаста ва писта оварда ба пеши Восеъ гузошт, навкарон чормағзу пистаро гирифта ба кисаҳои худашон андохтанд. Дар Чорбоғ зане дар остини куртааш ду тухми пухта ба Восеъ дода буд, ки навкар: «бандӣ шикамаш сер аст» гуфта, тухмҳоро бо шарикаш ба ҳам дид.

Навкарон ба Восеъ дар гашти рӯз ба дараи Сурхоб, ки Балҷувон дар он воқеъ шудааст, расиданд. Дар он ҷо аз Сурхоб гузаштан лозим. Дарё чуқур набошад ҳам, обаш хеле тез аст, ба ғайр аз якто–нимто одамони ҷасур дигар пиёдаҳо аз он гузашта наметавонанд. Навкар аз асп фуромада арғамчини дарозеро ба миёни Восеъ баст, нӯги дигари арғамчинро ба зини аспаш андармон карду баъд савор шуда бандиро ба даруни об кашид. Восеъ ба шиддати ҷараёни об базӯр муқобилат карда, пояшро ба регу сангҳои зери об фушурда–фушурда рафтан гирифт.

Дар соҳили рости Сурхоб ба гирду пеши чойхонаи таги қалъа тӯда–тӯда мардум ба ҷунбиш буданд. Якчанд нафар саворони сипоҳу амалдорнамо ба назар мерасиданд. Восеъ дар байни саворон Мирзоакрами ҳокимро шинохт.

Он рӯз оқсақоли лақайҳо Оллоёр писарашро тӯй карда буд, бек ва ҳамроҳони вай аз тӯйи хатнаи писари оқсақол баргашта, дар таги қалъа саргарми ҳангомае буданд, – ҳангома аз он иборат буд, ки аспи нимёбоии ба бек бахшидаи Оллоёрро ром мекарданд.

Ҳам мансабдорони савор ва ҳам издиҳоми халқ чандон машғули тамошо буданд, ки ба бандӣ ва навкарони аз об гузаранда аҳамият надоданд. Навкарон бо бандии худ аз об баромада, наздиктар рафта, ҳамчунин дар болои як дунгӣ тамошобин шуда истоданд.

Восеъ дар ҳолате, ки то гиребонаш шип–шилта буд ва аз бару доманаш об мешорид, соҳибони ҳангома – ҳоки-

му ҳамрикобонаш ва манзараи аспромкуниро ба хубӣ медид. Бек Мирзоакрами мирохӯр дар танаш ҷомаи бароқи абра–астар ва дар сараш дасторчаи мисқолӣ, чашму рӯяш монанди мастҳо сурху сӯзон, бар аспи «гули бодом» савор буд, дар паҳлуяш Давлат қаравулбегии гардандарози басавлат ва дар паҳлуи дигараш Оллоёри ғафси шикамкалон сари зин нишаста, сипоҳиён ва амалдорони дигари савора аз ақибтари онҳо истода буданд. Ҳамаашон сари кайфу ҳол, димоғҳошон чоқ менамуд, – маълум шуда меистод, ки оқсақол ин меҳмонони олиқадри худро бо қимиз хуб зиёфат кардааст: вай дар ҷайлов бист сар байтал дошт, аксари байталҳо зоида буданд, галабонҳо ҳар бегоҳ ба хонаи ӯ саноч–саноч қимиз меоварданд. Бояд дар асари мастӣ бошад, ки ҳоким ва ҳамроҳонаш сипоҳигариро ҳам аз даст дода дар пеши чашми фуқарои худ бо овози баланд ҳазлу мутоиба менамуданд, аскияҳои бепарда мегуфтанд ва ба аскияҳошон аз ҳама аввал худашон қоҳ–қоҳ механдиданд.

Дар майдон як сарбози ғӯл тойи кабуди ёлдарози рамандаи беқарореро аз ҷилаваш маҳкам гирифта мегардонд ва ҷор мезад, ки: «Барои той ром кардан гурда даркор, гурда! Канӣ, ҳаст–мӣ боз йигити гурдадор? Ҳар кӣ ром кунад, аз бек сару по мегирад!»

Ҷавони даҳмарданамое хостор шуд, иҷозаташ доданд, ӯ яке ҷаҳида бар пушти той нишаст, той бо тундӣ ҷуфтак зада ҷавонро аз болояш ғалтонд. Дафъаи дигар як марди ланг пеш баромад.

– Ту? Бо ҳамин пойи ланг? – писханд зад ҳоким. – Хайр, озмой!

Мардак ланг бошад ҳам, чустучобук будааст, сабук савор шуд, аммо тойи бадхӯ пас аз дақиқае ӯро ҳам фурӯ ғалтонд. Издиҳом ҳаёҳу ва қий–чув мекард.

– Хӯш, боз, кӣ ҳаст? Ҳарки ром кунад, ғайр аз сарупо пул ҳам медиҳам! Панҷоҳ танга медиҳам! – гуфт ин дафъа

худи бек бо овози баланд. Зоҳиран, вай имрӯз аз асари қимиз сахӣ гашта буд.

Дар ҳамин лаҳза чашми вай ба навкарони ховалингӣ ва бандии дар болои дунгӣ истода ғалтид. Чангаки нигоҳаш як нафас ба Восеъ андармон шуд. Дар шубҳа монд: ҳамон Восеъ бошад ё не? Тааҷҷуби вай аз чеҳрааш аён буд. Навкарон чун диданд, ки ҳоким ба сӯяшон нигоҳ мекунад, якешон зуд наздаш рафта ба арз расонд:

– Ҷаноби бек, мо ин бандиро бо фармони амлокдори Ховалинг овардем. Ӯ дар сари хирман доруғаро зад, бо ҷаноби амлокдор моҷаро кард. Мана ин хати ҷаноби амлокдор.

Навкар хатро ба бек дароз кард, бек онро нахонда ба мулозимаш дод ва имо кард, ки навкарон бандиро ба назди ӯ биёранд.

Онҳо Восеъро ба назди ӯ ҳозир карданд. Восеъ ба яқин пай бурд, ки бек ӯро шинохт, аммо бек худро ба нодонӣ мезад. Аз афти кор намехост атрофиёнаш донанд, ки ин бандии дастбастаи саропо шилта ва либосаш пора–пора шиноси ӯст. Мекӯшид, ки чашмаш ба чашми Восеъ нағалтад. Бо овози паст ба тарафи мулозимаш гуфт:

– Аспро ром кунад, аз гуноҳаш мегузарам.

Вай напурсид ва ба мулозимаш ҳам нафармуд, ки пурсад – оё Восеъ аспро ром кардан мехоҳад ва метавонад? Зеро аспсавории галабони собиқи роҳи Қаршии худро дида буд ва медонист.

– Агар ту ҳамин тойро ром карда тавонӣ, ҷаноби бек гуноҳатро мебахшанд, туро озод мекунанд, – эълон кард мулозим ба Восеъ.

Восеъ тааммуле карду розӣ шуд ва гуфт:

– Хайр. Мешавад.

Дасти ӯро кушоданд. Аз издиҳоми халқ ғалоғулаи ҳайрату шавқмандӣ бархост. Мардум ҳама саропо чашм шуданду ба Восеъ дӯхта гардиданд.

Восеъ ба сӯйи аспаки ваҳшии бадхӯ қадам бардошта, зери лаб пичиррос мезад, ки «Худоё, мадад кун, шармандаам накун!». Вай мӯкии танашро аз пояш кашида партофт, ба болои харсанге баромад. Вақте ки сарбози ғӯл тойро гардонда аз пеши харсанг мегузаронд, Восеъ яке ҷаҳида ба пушти он савор шуда гирифт. Аспаки ғофил рамида як хез заду бо тундии беш аз пеш ҷуфтак задан, хаму рост шудан ва ду пойи пешашро боло намуда бо шиддат бар замин кӯфтан оғоз кард, мисли ин ки ягон нозукашро хармагас газида истода бошад. Восеъ хам шуда бо ду даст ба ёли асп маҳкам часпида, ду пояшро мисли ду лаби анбур ба шиками он сахт фишурда нишастан гирифт. Тамошобинон ба ғояти шавқ ҳаёҳу мекарданд, гӯё, ки тойро ба нофармонӣ бармеангехтанд.

Аз афти кор, той ҳис кард, ки ба савори мисли худаш гарданшахе ва инодкоре дучор шудааст, ки ин ҳама бардорузанаш ба вай кор намекунад, пас якбора ба тохтан даромад. Вай бо роҳе, ки қад–қади дарахтзори лаби Сурхоб ба ҷануб мерафт, чорхез давид. Восеъ ҳамоно аз ёли асп маҳкам гирифта буд, аммо лаҷоми онро холӣ нигоҳ медошт. Дар якчанд дақиқа асп се–чор чақрим масофаро тай карда, ба хамгашти роҳ расида, дар паси пуштаҳо ва талҳо аз назари тамошобинон ғоиб гардид. Фақат чанги аз суми асп бархоста боз чанд гоҳе намудор буд.

Аз байни халқ касе бо овози баланд:

– Гурехт! Ёдаш бахайр! – гуфта монд.

Ҳамроҳони бек, дигар тамошобинон бо назари савол ба бек нигоҳ мекарданд. Худи вай дар дилаш ба гурехтани Восеъ бовар намекард («озод шуданашро медонад, чаро гурезад?»), аммо бо вуҷуди ин дар шубҳа монда буд: наход, ки гурехта бошад? Ба миршаб фармуд:

– Навкаронро фиристонед, ба дунболаш афтанд.

Миршаб навкарони ховалингиро аз пайи Восеъ давонд.

Аммо онҳо як чақрим ҳам нарафта буданд, ки Восеъ аз паси тал намоён гардид.

Дар таги ӯ той якзайл калла ҷунбонида, тез–тез қадам партофта меомад. Вай акнун ба савори худ таслим шуда буд.

Дар пойи қалъа издиҳоми халқ ромкунандаи тойи вахширо бо нидоҳои пурғавғои таҳсину офарин истиқбол кард. Асп араќи гарм бароварда, рӯю гардану сари синаи пурпашми Восеъ ҳам арақшор буд. Вай мисли пештара қиёфааш ҷиддӣ буд, ғалоғулаи таҳсинкоронаи мардумро гӯё, ки намешунид ва ба он эътиное намекард.

Ба наздики соҳибмансабони савор расида аз асп пиёда шуда, лаҷоми онро ба дасти сарбози ғӯл дод.

Бек ба мулозимаш чизе гуфта буд, ки мулозим ба наздики Восеъ омада:

– Боракаллоҳ, ту дарвоқеъ, марди диловар будаӣ, – гуфт, – ҷаноби бек гуноҳи туро бахшиданд, ту акнун озодӣ.

Восеъ мебоист ба ҳоким ташаккур мегуфт, таъзим мекард, аммо вай дам назада ба канортар баромаду мӯкии соқдарози дар болои харсанг хобидаашро гирифта поҳояшро ба он халонид ва рост шуда футаи миёнашро маҳкамтар баст.

Бек рӯяш кареҳ шуд, чин бар ҷабин кашид. Ҳама хомӯш ва мунтазир буданд, ки акнун чӣ мешавад. Охир, рафтори Восеъ ошкоро ношукрӣ ва беҳурматӣ нисбат ба ҳоким буд.

– Тақсир! – Восеъ ба забон омада муроҷиат кард ба ҳоким. – Акнун ман озод ки шуда бошам, ба шумо як арз дорам.

Вай андак сукут кард, ҳоким пурсид:

– Чӣ арз?

– Арзам ҳамин, ки тақсир, шумо гуноҳи маро бахшидед, аммо ман ҳеҷ гуноҳ надоштам. Гуноҳ ба амлокдор

аст. Шумо амлокдорон, амалдорони худатонро таҳқиқ кунед, тақсир.

Дар издиҳоми хомӯш истода ҷунбиш ва овозҳои ғивир–шивир пайдо шуд. Восеъ нохост кадом як тори таранги дили мардумро нохун зада ба садо оварда буд. Ҳоким бошад, дарунакӣ хашмгин шуд. «Шайтон» ба гӯши ӯ мегуфт, ки: «Ҳозир ба навкаронат фармой, ин кӯрнамаки густохро гирифта, зада–зада баранду ба зиндон андозанд!», аммо вай ба чи сабаб бошад, ки худдорӣ менамуд. Эҳтимол, аз ваҷҳи он ки дар Қаршӣ музди галабонии Восеъро надода буд, дар худ як навъ забонкӯтоҳӣ ҳис мекард. Ба илова, шояд чунин мулоҳизае ҳам ҳис мекард, ки агар вай ҳозир ба Восеъ итобу сиёсат кунад, мардум таънааш хоҳанд зад, ки ҳокими золим аввал гуноҳи фалониро бахшиду сонӣ аз барои як даҳан арзи вай ба зиндонаш андохт.

– Хӯш, амлокдор чӣ гуноҳ кард? – бо тамкину оромии ҳар чӣ тамомтар пурсид вай.

Восеъ ҷавоб дод:

– Гуноҳаш бисёр аст, тақсир. Агар дар хирман даҳ ман ғаллаи деҳқонро панҷ ман навишта, ба пулдорҳо фурӯшонда, ушрро ба пул рӯёндан гуноҳ бошад, амлокдор гунаҳгор аст. Агар фақиронро одам ҳисоб накардан, задан, ғорат кардан, хонабардӯш кардан, аёлу фарзандони онҳоро аз гушнагӣ куштан гуноҳ бошад, амлокдор гунаҳгор аст. Аммо агар ин корҳо гуноҳ набошад, шаръӣ бошад дар он вақт гунаҳгор мо фақиронем, ки аз дасти амлокдорон дод мегӯем, ҳамаи моро ҷазо додан, зиндон кардан лозим.

Амлокдор мегӯяд, ки «ман ба фармони ҳоким амал мекунам, ҳоким ба фармони амир». Ҳамин гап рост аст ё дурӯғ, тақсир? Ман мегӯям, наход, ки амиру ҳоким аз гушнагӣ мурдани халқонро мехоста бошанд? Наход, ки ба онҳо фуқаро даркор набошад? Аммо, агар ҳамин тавр бошад, ман мепурсам – халқон аз аҷалашон пештар мурда

раванд, сонӣ амиру ҳоким хироҷро аз кӣ мечинанд? Ушр, закот, қӯшпулӣ, танобпулӣ, коҳпулӣ, осиёпулӣ, мирона, амиронаро аз кӣ мегиранд? Ана, тақсир, арзи ман ҳамин аст.

Дар вақти саволу ҷавоби Восеъ бо ҳоким даҳ–дувоздаҳ нафар аспакӣ ва харакиҳо аз Сурхоб гузашта омада ба издиҳоми назди чойхона ҳамроҳ шуданд. Инҳо Нозим, Назир, Муллосафар, Қосим ва боз панҷ–шаш нафар дараимухториён буданд. Муллосафар он рӯзҳо ба ватанаш Сарихосор омада буд. Вай ва Назир ба воситаи Қосим аз ҳабси Восеъ хабардор шуда бо ҳамроҳии дӯстони дараимухтории Восеъ барои аз вай хабар гирифтан ва агар мумкин шавад, вайро ба кафолати худашон аз зиндон халос карда баровардан омада буданд... Онҳо Восеъро аз банд озод ва бо ҳоким дар сари гуфтугӯ дида ҳам шод шуданд ва ҳам ҳайрон монданд. Як нафар дараимухторӣ, ки аз аввал дар он ҷо ҳозир ва аспромкунии Восеъро дида буд, ба омадагон воқеаро нақл кард.

Гапи охирини Восеъ шӯре ва ҳаяҷоне дар дили издиҳоми халқ падид овард.

Нозим фарёд кашид ки:

– Рост мегӯйӣ! Ёдат бахайр, акаи Восеъ!

Назир бо овози ғулғуланоки худ наъра кашид:

– Дар забонат садқа, Восеи ҳақгӯй!

– Аз забони ҳамаи фақирон гап задӣ, Восеъ! – бонг зад як деҳқони ношинос.

Аз издиҳом боз ҳамин навъ хитобҳо, нидоҳои ҳаяҷономез ва шӯрангез баланд шудан гирифтанд. Мардуми аламзада гиреҳи дилҳои сӯзони худро во мекарданд, ғавғо менамуданд ва ҳатто баъзеҳо «Дод аз дасти золимон!» гуфта фарёд ҳам мезаданд.

Ҳоким аз болои асп бо чашмони нимпӯши хашмомез гоҳ ба ин ва гоҳ ба он соҳиби овоз нигоҳ мекард, гӯё мехост симоҳои ононро дар ёдаш нигоҳ дорад. Аспи гулибодомии ӯ ҷунбишҳои бесаброна карда пой бар замин

мекӯфт – зоҳиран ҳолати руҳии соҳибашро, изтироби ботинии ӯро ҳис мекард. Ҳамроҳони ҳоким бо қиёфаҳои мушавваш ба якдигарашон пичиррос зада ким–чиҳо мегуфтанду ба сардори худ менигаристанд – мунтазир буданд, ки ӯ чӣ хоҳад гуфт ва чӣ фармоне хоҳад дод.

Бек чизе нагуфта ногаҳон ҷилави аспашро ба тундӣ сӯйи қалъа тофт. Чанде аз ҳамроҳонаш аз паси ӯ равон шуданд, дигарон монданд.

Аз мондагон яке дӯсти қадрдони бек – Ҳоҷӣ Яъқуби мударрис буд. Мирзоакрам ва ӯ дар ҷавонӣ дар мадрасаи Кӯкалтоши Бухоро шарикдарс ва муддате ҳамҳуҷра буданд. Ҳуҷра ба Мирзоакрам бойбача тааллуқ дошт, Мулло Яъқуби кӯҳистонии камбағал, аммо хушзеҳн ба музди ҳуҷранишинӣ дарсҳои бойбачаи кундфаҳмро муколима карда медод. Акнун бек ин ошнои дерини мадрасагиашро ба худ наздик ва ҳамдами хос гардонида буд.

Боре дар бозори Балҷувон ҷанҷоле рӯй дода, кор ба ҳокимхона кашида буд, бек ҷанҷолчиёнро гӯшмол дод. Ҳоҷӣ Яъқуб бошад онҳоро панду насиҳат хонда ором карда аз қалъа баровард фиристод. Бек ин кори мударрисро писандида: «аз мо итобу сиёсат, аз шумо панду насиҳат» гуфта монда буд. Ҳозир ин «тақсими вазифа» боз амалӣ шуду ҳоҷидомулло лаб ба панду насиҳат во кард. Пандаш омехта бо танбеҳу мазаммат буд;

– Ҳай, афсӯс, афсӯс, – ба тарафи Восеъ сари салладорашро сарзанишкорона ҷунбонид мударрис. – Ҷаноби бек ба ту адолат карданд, аз гуноҳат гузаштанд, ту бошӣ ба ҷойи шукрона гуфтан забондарозӣ карда, хотири ҷаноби бекро ранҷондӣ. Шайтонро аз кифтат гирифта парто, мусулмон. Шумоён ҳам, – ба мардум рӯй оварда суханашро давом дод ҳоҷидомулло, – шумоён ҳам ба сафсатаи як беадаб бовар карда даррав шӯру ғавғо бардоштед! Охир, чӣ шудааст? Олам дар ҷояш истодааст–ку, осмон фурӯ ғалтида ба замин начаспидааст–ку! Агар аз амлокдор ё мансабдори дигар ягон ноинсофӣ содир шуда бошад, одам-

шавандагон омада инро бе дағдаға, бе ин шӯру валвала ба ҷаноби бек маълум мекарданд, ҷаноби бек таҳқиқ карда, ҳақро ба ҳақдор мерасонданд.

Ҳарчанд, ки мардум ҳоҷидомуллоро иззат мекарданд, бо вуҷуди ин деҳқони солхӯрдае ба вай ҷавоб гардонд:

– Шумо гап мезанед–дия! – гуфт. – Мо сад бор омада арз кунем ҳам, ҳеҷ кас ба арзи мо гӯш намеандозад! Боз гапи амлокдору закотчӣ маъқул!...

* * *

Мардум Восеъро миёнагир карда табрик менамуданд, бо ҳоким далерона гап заданашро писандида офарин мехонданд. Ҷувозкаши дараимухторӣ имрӯз қаҳрамони ин халқ шуда буд. Чойхоначӣ, ки одатан оби дарёро ҳам ба касе бепул намедод, ҳозир дар болои кат дастархони ҳотамонае аз чою нону худ ороста, Восеъ ва ёрони ӯро меҳмондорӣ кард. Чун дар поёни ин зиёфат Назир аз ҳамёнаш чанд танга бароварда пули нону чойро доданӣ шуд, чойхоначӣ ҳатто нею нестон кард. Баъд ду–се нафар балҷувониҳои ношинос ҳам: «лозим нест, додарон, пули нону чойро худамон додем» гуфта пули Назирро гардонданд. Восеъ ва шариконаш ба тараддуди бозгашт афтода буданд, ки чойхоначӣ: «шаб дар ҳамин ҷо ба ҳамаатон ҷогаҳ андохта медиҳам, хоб карда пагоҳ меравед» гуфта, онҳоро мононданӣ шуд; дигар балҷувониҳои ношинос бошанд, онҳоро барои шабхобӣ ба ҳавлиҳои худашон таклиф менамуданд. Аммо меҳмонон ба онҳо ташаккур намуда, вақти ғуруби офтоб бошад ҳам, бархоста роҳи Ховалингро пеш гирифтанд. Намехостанд, ки дар деҳа аёлу фарзандонашон аз онҳо хавотир кашанд.

Қосим аспро ба Восеъ дода, худаш ба паси Нозим савор шуд.

Восеъ дар паҳлуи Муллосафар асп ронда, ба вай мегуфт:

– Домулло, шумо каромат карда будаед. Гапи дар Са-

марқанд гуфтагиатонро ба ёд доред? Гуфта будед, ки Мирзоакрамбой ба мансаби калон мерасад. Ҳақиқатан гуфтаи шумо шуд. Намедонам, боз аз барои чӣ Худо ба мо мардуми бечора ғазаб кард, ки ин нокасро ба сари мо ҳоким карда фиристод.

– Худо не, амир, – гуфт Муллосафар. – Ба амирон бояд инсоф диҳем, ки ҳақиқатан одамшинос ҳастанд, ба киҳо мансабу мартаба доданашонро медонанд.

Хабари ром кардани Восеъ аспи ба ҳоким пешкаш кардаи Оллоёри лақайро ва бадин восита халос кардани ӯ худро аз банду зиндон, нотарсона гап задани ӯ бо ҳокими Балҷувон дар бораи ҷабру зулми амалдорон, бо як тезии ҳайратангез дар кӯҳистони Балҷувон, Кӯлоб ва ҳатто дар вилоятҳои ҳамсоя – Қаротегин, Дарвоз, Ҳисор, паҳн шуд. Гӯё, ки ин хабарро шамолҳои кӯҳистон ва оби дарёчаҳои тезҷараёни он ба ҳар ҷониб мебурданд. Дар як–ду ҳафта достоне ба вуҷуд омад, ки он дар бозорҳо, роҳҳо, чойхонаҳо, сари хирманҳо вирди забони халқ гардид. Достон то аз забон ба забоне нақл меёфт, ба худ ҷомаҳои нав ба нав мепӯшид ва ба рангҳои тоза ба тоза ҷилва менамуд. Хаёлот ва қувваи эҷодии ҳар як ноқилу ровӣ ба достон ҳар навъ банду басте медод, фаслҳои наве ба он илова мекард. Баъзе ноқилони хуштабъ ҳатто Хизри афсонавиро ҳам дар воқеа иштирок кунонда буданд: гӯё вақте ки аспи саркаш Восеъро гирифта мегурезад, дар наздики деҳаи Хуроб ҷарие аз пеш мебарояд ва дар дами ҳалокати ногузир ба ногоҳ як пирамарди нуронӣ асо ба даст пайдо шуда аз ҷилави асп мегираду онро дар лаби ҷарӣ нигоҳ медорад ва ба Восеъ мегӯяд: «Бачам, бирав, ҳар дарде, ки дар дил дорӣ, ба ҳоким бигӯ ва натарс, ӯ туро ҳеҷ кор карда наметавонад». Гӯё пирамард инро гуфта, боз ғоиб гашта бошад ва он гоҳ Восеъ фаҳмида бошад, ки наҷотдиҳандаи ӯ Хоҷаи Хизр будааст...

# БОБИ БИСТУ ЯКУМ

Андозчинӣ дар авҷ буд.

Ин кор торафт ба худ ранги як ҷавлони ғоратгарӣ ва гирудори оммавиро мегирифт. Ба сари мардум рӯзҳое омаданд, ки он рӯзҳоро фақат ба замони фатҳи кӯҳистон аз тарафи Музаффархони хунхор монанд кардан мумкин буд.

Амлокдорон, закотчиён ба қишлоқҳо бо дастаҳои сарбозон ва навкарони мусаллаҳ мебаромаданд. Сарбозон, навкарон ба унвони рӯёнидани бақияи андози солҳои пеш на фақат ғаллаи деҳқононро, балки чорпо, меваҷот, коҳу хошоки ононро ҳам гирифта мебурданд.

Аммо бек Мирзоакрами мирохӯр бо ин ҳам қаноат намекард. Вай ба амлокдорон фармуд, ки аз деҳотиёни бебизоат духтарон ва писарони ҷавони онҳоро ба адои қарзашон баҳо карда бигиранд. Ин духтару писарҳои ҷавон барои канизакӣ ва ғуломии даргоҳи беки нав, мансабдорони нави ӯ ва инчунин барои пешкаш кардан ба амири нав ва қушбегии нави Ҳисор лозим буданд. Дараҳоро нолаю фарёд гирифт, фазои кӯҳистон аз дуди оҳи ситамкашон тира гашт. Бисёр касон зану бачаҳошонро гирифта ё ки партофта ба кӯҳҳо мегурехтанд. Дар қишлоқҳо ҳар рӯз ҷанҷол кашмакаш, занозании аҳолӣ бо андозчинон рӯй медод.

Дар Дараи Мухтор аҳолии кулфатзада, марду занҳои аз ҷон сергашта ба назди Восеъ меомаданд, зеро ӯ баъд аз воқеаи таги қалъачаи Балҷувон ном бароварда, сарвари интихобнашудаи онҳо гардида буд. Аз вай мепурсиданд, ки чи кор кунанд, куҷо раванд? Оё аз ин бадбахтӣ ва мусибатҳо ягон роҳи халосӣ ҳаст ё не?

Аммо дар аввалҳо худи Восеъ ҳам дармонда буд, чи кор карданаш ва ба он мардуми бахтбаргашта чи ҷавоб доданашро намедонист.

Рӯзе аз рӯзҳо вай Нозим ва боз шаш нафар дараимухториёни тороҷдидаро ба худ ҳамроҳ карда ба Са-

рихосор, ба пеши Назир равон гардид. Сари роҳ ба деҳаи Боғи Зоғон даромада, Саидалии зувайриро ҳам бо худ гирифта бурд.

Вай бо ҳамроҳонаш якчанд рӯз ғоиб шуда рафтанд.

Мардум надонистанд онҳо дар куҷо ва ба чи коре машғуланд.

Дар ин мобайн овозае паҳн шуд, ки аз Бухоро ба Балҷувон закотчии амир омадааст. Гӯё аҳолии фалон ва фалон қишлоқҳо ба амир аз болои бек ва амлокдорон ариза фиристода будаанд, амир барои тафтиши кори ҳокиму амалдорон дар бобати ҷамъоварии хироҷу закот ҳамин одами худро фиристодааст. Одами амир панҷшанбе – рӯзи бозор ба Ховалинг омада арзи деҳқононро мепурсидааст...

Закотчиёни махсуси амир ба вилоятҳо пештар ҳам меомаданд. Вазифаи онҳо ин буд, ки андозчиниро тезонда, «ҳуқуқи султонӣ»–ро дар сари вақт ва бе каму кост рӯёнда ба Бухоро фиристонанд. Бо омадани онҳо бори гарони андозҳои давлатӣ гаронтар мешуд, ки сабук намешуд. Аммо ин дафъа, чун беки нав бақияи андозҳои пешинаро ба имсола зам карда, бо камоли саъю кӯшиш рӯёнда истода буд ва аз ин рӯ ба омадани вакили махсуси амир гӯё ҳеҷ эҳтиёҷе набуд, бисёр касон омадани ӯро ба некӣ нисбат медоданд. Охир онҳо умедвори ягон дигаргунӣ, ягон сабукие буданд ва умед бофандаи хаёлу орзуҳост.

Дар ин панҷшанбе дар бозори Ховалинг аз ҳар вақта зиёдтар одам ғун шуда буд. Барои закотчии аз Бухоро омадаро дидан ва сухани ӯро шунидан ҳатто аз қишлоқҳои дурдаст ҳам деҳқонон омада буданд. Ба зери чинорҳои сари ҳавзи воқеъ дар паҳлуи амлокдорхона як дусад нафар одам гирд омада, аз қалъача баромадани закотчиро интизорӣ мекашиданд.

Як маҳал посбонон дарвозаи қалъачаро кушоданд. Аз он ҷо бек Мирзоакрами мирохӯр бо ҳамроҳии як марди қадпасти пуррӯйи тунукриш берун омаданд, баъд амлок-

дори Ховалинг ва якчанд мансабдори дигар намудор шуданд, аз қафои онҳо чор сарбози милтиқдор баромаданд. Мардум донистанд, ки закотчии амир ҳамин марди қадпаст мебошад.

Мансабдорон бо савлату салобат омада дар болои суфаи баланди таги чинор, ки ба рӯйи он пешакӣ гилему кӯрпачаҳо андохта шуда буд, нишастанд. Чор сарбоз дар паси сари онҳо истоданд.

Аз бозоргоҳи дар сангоб ба паҳлуи чинорзор воқеъшуда тӯда–тӯда мардуми бозорӣ омада ба издиҳоми сари ҳавз ҳамроҳ мешуданд. Ҳама ба ҳокиму закотчии бухороӣ чашм дӯхта, гӯш ба қимор гардиданд.

Аммо дар ин дам ногаҳон назари диққати мардумро чизи дигаре ба худ ҷалб кард. Чор сарбози дигари шофу шашпар ба даст аз дарвозаи қалъача ду нафар бандии дастҳошон ба пеш басташуда ва сарупо бараҳнаро бароварда, ҳай карда меоварданд.

Аз издиҳом ғивир–шивир, ғалоғула бархост. Сарбозон бандиҳоро ба лаби ҳавз оварда нигоҳ доштанд. Онҳоро аз издиҳоми халқ ҳамин ҳавзи калон ҷудо мекард.

Ҳоло мардум ба бандиҳо дурустакак нигариста, кӣ будани онҳоро муайян накарда буданд, ки аз ҷониби қалъа шахси ба ҳама шинос – зиндонбони Балҷувон Умари мулаққаб ба Буз намудор гашт. Умари Буз марди тануманди каландрише буд, шалвори сурх дошт, ба дасташ як теғ ва як болғача, остини ҷомааш барзадагӣ, оҳиста–оҳиста қадам партофта меомад.

Мардум акнун фаҳмиданд, ки дар ин ҷо одам мекуштаанд. Фаҳмиданду ба даҳшат омаданд, саросема шуда монданд. Диданд, ки аз лаби ҳавз онсӯтар як чуқурӣ ҳам кофта шудааст, онҳо то алҳол он чуқуриро пайхас накарда, ё пайхас карда бошанд ҳам, ба он аҳамият надода буданд.

Миршаби Ховалинг пеш баромада, ба бандиҳо ишора намуда ҷор зад ки:

– Бо фармони ҷаноби бек ин ду ёғии кӯрнамак, ки дар Деҳи Ашӯр доруғаро зада кушта буданд, тасаддуқи сари ҷаноби олӣ карда мешаванд!

Ғалоғула ва ҷунбишҳои беқарорӣ дар байни издиҳоми халқ зиёдтар шуд. Аҳолии ин тарафҳо кайҳо боз ин навъ қатли гунаҳкоронро надида буданд, ҳайрон монданд, зеро гунаҳкорони калонро одатан ба Ҳисор бурда, бо ҳукми ҳокими Ҳисор баъзан ҳам ба Бухоро фиристода бо ҳукми амир ба қатл мерасониданд.

Гап ин ки дар он қарибӣ Мирзоакрами мирохӯр дар шикоргоҳи Чормағзак бо Остонақул қушбегии ба шикор баромада тасодуфан дучор шуда, ба вай аз низоъ ва кашмакаши дар мавриди чидани хироҷ рӯй додаистода гап зада буд. Қушбегӣ маслиҳат дода буд, ки барои «ибрати ом» ва «тарсонда мондани чашми фуқаро» як ду нафар саркашу ошӯбгарро бо ҳукми худаш қатл кунад. Инак, бек ҳозир ба ҳамон маслиҳати қушбегӣ амал мекард.

Баъд аз эъломияи миршаб закотчии амир, ки аз қиёфааш мансабдори мутакаббир ва бадҷаҳле менамуд, бо лаҳҷаи бухороии худ ба сухан даромад. Гуфтори вай саросар танбеҳу таҳдид буд.

– Бинеду ибрат гиред, фуқаро! – бонг зад ӯ. – Хироҷу закоти султониро надоданба ҳаракат карда, бадкирдорӣ ва ёғигӣ мекардагиҳоро мо ана ҳаминтӯр сазоӣ мекунем. Кори подшоҳӣ қатӣ ҳазл карда намешавад. Шаҳр бедарвозаю мулк бесоҳиб не, мамлакат подшоҳ дорад, подшоҳ, амалдорони подшоҳ чӣ ҳукме, ки бароранд, ба фуқаро раво мебошад. Аз барои саркашҳо, ёғиҳоба таъзир додан зиндон ҳаст, дор ҳаст, чӯбу дарра ҳаст! Аз ин баъд ҳар яки шумо корашро дониста кунад, қадамашро дониста монад. Ҳар кас амлокдорҳо, закотчиҳо, амину ақсақолҳо қатӣ моҷаро накарда, лому мим нагуфта, хироҷу закоти ба худаш андохта шудагиро пурра дода адо кунад. Мулк мулки ҷаноби олӣ, раиятҳо ғуломони ҷаноби олӣ ҳастанд, ҷаноби олӣ ҳар чизе, ки аз раияти худ гирад, чизи худашонро гирифтагӣ мебошанд!..

Кӯҳистониён фаҳмиданд, ки дар вачҳи омадани вакили амир чи умеди пуч ва хаёли хоме карда буаанд. Онҳо фиреби ниҳоят аламнок ва дардноке хӯрданд. Закотчии амир ана барои чӣ омада будааст! Яғмогарӣ, зӯроварии роҳзанона, даррандагии гургонаи бек ва амалдорони вай кам будааст, ки амир боз ба мадади онҳо ин вакили худро ҳам фиристодааст.

Пеш аз он ки ҳукми қатли бандиҳо бачо оварда шавад, бек ҳам ба тақлиди закотчӣ ва ба оҳанги хитобати вай суханронӣ карданро лозим донист.

– Дарвоқеъ, шумо ачаб мардуми ношукр, ҳақношинос будаед! –гуфт ӯ. – Пештарҳо, вақте ки амирони одил ва фуқаропарвари Бухорои шариф ҳанӯз мамлакати шуморо тасарруф накарда буданд, шумоҳо кӣ будед? Халқи ёбоӣ будед, дину шариати муҳаммадиро шунавида бошед ҳам, чӣ буданашро намедонистед, дарвоқеъ, ба куфру бидъат ғӯтида монда будед. Монанди гову хар хӯрдану риданро медонистеду халос. Шукр, акнун дар сояи давлати чаноби олӣ ва аз шарофати Қуббатулисломи Бухоро шумо аз файзи дину шариат баҳравар шудед, ба қатори одам даромадед. Боз шумоҳо ба чойи шукр кардан, чаноби олиро дуо кардан, ба ғуломони чаноби олӣ нофармонӣ мекунед, дағдаға мекунед. О, ин кӯрнамакӣ нест? Ношукрӣ, ҳақношиносӣ нест? Сазои кӯрнамакҳо, саркашҳо, ёғиҳо ана ҳамин! – гуфта, бек ба тарафи бандиҳо ишора кард. – Теғи адолати чаноби олӣ кунд нашудааст! Ана, бинеду ибрат гиред! Тавба кунед!..

Фақирон ин суханҳоро хомӯшона, аммо бо дили пурошӯб мешуниданд. Ҳолати рӯҳии онҳо монанди касе буд, ки баногоҳ дар рӯзи равшан duzдон ва қотилон ба хонааш зада даромадаанду вай намедонад дод гуфта ҳамсояҳоро ба мадад чеғ занад, ё ки тан ба қазо дода таслим шавад.

Бек ба ҳамин мазмун боз чанд сухан ронд.

Аммо сухани ӯ нохост бурида шуд: Дар бозор талотӯбе бархост, аз чониби шаҳрча тапар–тапари суми аспон ба

гӯш расид. Аз байни мардуми бозорӣ садоҳои: «Восеъ! Восеъ!» баланд гардид. Як маҳал аз пушти дарахтони сари кӯча як гурӯҳ саворон пайдо шуданд, ки асп давонда, чанг хезонда, мурғон ва сагони дар воҳима мондаро ба гӯшаю канорҳо гурезонда, таёқҳои дарозро дар болои сарҳошон чарх занонда, ҳаёҳу андохта рост ба тарафи чинорзор меомаданд. Дар сари саворон мардум Восеъро шинохтанд. Назир, Саидалӣ, Нозим ҳамроҳи ӯ буданд. Восеъ дар дасташ милтиқ дошт, ки онро дар ҳамон рӯз дар Дараи Мухтор аз Ҷобири доруға зада гирифта буд, вай пайҳам ду тир паронд, дигар напаронд, зеро, ки дигар тир надошт. Назир ва Саидалӣ ба шоф ҳамла карда меомаданд. Ғулғула, ҳаёҳу, шавқуну сурун ба ҳаво печид; бозор пароканда шуд; бек, закотчӣ ва амалдорони дигар тарсону ҳаросон бархоста ба сӯйи қалъача давиданд. Сарбозони саросема бандиҳоро партофта, бетартиб якчанд тир холӣ карда, ҳамчунин ба қалъача гурехтанд. Як қисми мардуми ба изтироб афтода низ бо ҳамроҳии саворони Восеъ ба гурезаҳо ҳамлавар шуда, аз қафои онҳо сангпаронӣ карданд. Яке аз мансабдорон санге ба сараш хӯрда дар дами дарвозаи қалъача ғалтида монд, – вай закотчии амир буд, сарбозон ӯро бардошта кашон–кашон ба дарун бурданд. Баъд дарвоза маҳкам шуд. Аз паси дарвоза қасар–қасар овози милтиқ ба ҳаво тир мепаронданд. Мардум зуд дасту пойи бандиҳоро кушода раҳо карданд. Умари Бузро кофтанд, вай дар вақти тӯпаланаг ба кадом кунҷе хазида пинҳон шуда буд.

Саворон яроқи оташфишон ки надоштанд, ночор аз ҳуҷуми ба амлокдорхона даст кашида, аз он дур шуданд.

Дар сари бозор Восеъ аз болои асп ба издиҳоми халқ чунин хитоб кард:

– Бародарон! Фақирон! Бихезед, ғазот кунед! Ҷавру зулм аз ҳад гузашт, мулк ҷазирбод шуд, халқон хору зор. Манғит моро одам ҳисоб намекунад. Ӯ моро дар диёри худамон ғариб кард, бехонумон кард. Ҳоким, амалдор, сипоҳӣ халқонро гургворӣ медаранд. Корашон – бигиру

бибар, бизану бидар аст, тамом. Худи онҳо кистанд, аз куҷо омадаанд? Чӣ ҳақ доранд, ки фақиронро тороҷ кунанд, кӯдакони моро аз гушнагӣ бикушанд? То кай мо ҷафо мекашем? Дигар тоқат намонд. Ман ба золимон теғ кашидам. Фуқаро, бихез, ғазот бикун! Агар номус дорӣ, ҳамият дорӣ бихез ба ғазот! Теғ ба даст бигир. Теғ наёбӣ – таёқ бигир. Табару теша бигир. Аз золим қасос бигир. Аз мурдан дар хорию зорӣ, беҳтар, ки дар ҷанги золим бимирем. Золим гург бошад – ту шер бош. Золим оташ бошад – ту сел бош. Ман мегӯям, фақирон шумо шунавед. Аз ин бад ҳар шаб ба Сурсақова нигоҳ кунед. Як шаб дар тори Сурсақова аломат пайдо мешавад. Аломатро, ки дидед тайёр шавед. Хоб бошед – бедор шавед. Бедор бошед – савор шавед. Ба ғазот бархезед!..

* * *

Акнун «об аз сар гузашта» буд. Хаёлоти хоми кӯҳистониён дар бораи ба инсоф омадани амиру ҳоким ба як бор аз байн рафт. Дигар ҳеҷ ҷойи сулҳу салоҳ намонд. Маънии «ё марг ё наҷот» дар дили фақирон ҷойгир шуд.

Шӯришгарони Дараи Мухтор ва деҳаҳои дигари ба Ховалингу Балҷувон наздик зуд оилаҳошонро ба кӯҳу дараҳои дурдаст кӯчонданд. Бек, албатта барои дастгир кардани ошӯбгарон пагоҳ–фардо сарбозони худро хоҳад фиристод, ба ин ҳеҷ шакку шубҳае набуд. Дар бозгашт аз Ховалинг Восеъ ба боғча ба ҳавлии додараш фуромад. Имрӯз пагоҳӣ, вақте ӯ ва ёронаш ба Ховалинг мерафтанд, Қосим ҳамроҳи онҳо буд, аммо дар сари роҳ бе иҷозати Восеъ ба боғча хамида дар хонааш монда буд. Восеъ мехост сабаби гурехтани ӯро фаҳмад.

Зану шӯйи ҷавон дар айвончаи хонаашон баҳузур нишаста гандумшӯрак мехӯрданд.

– Чаро гурехтӣ? – бо қаҳри ниҳонӣ пурсид Восеъ.

– Хостам аз хона хабар гирам; охир, зану кӯдакам танҳо монда буданд, – ваҷҳ гуфт Қосим.

– Занону кӯдакони дигарон ҳам танҳо намонда буданд?

– Ба дигарон чӣ кор дорам, ман ғами худамро мехӯрам.

– Ҳа–а, ғами худатро мехӯрӣ? Беномус! Номард! – Восеъ дар ғояти ғазаб ба гардани додараш як мушт фуровард, Қосим ғалтид. – Ҳозир бо ман меравӣ! – амр кард Восеъ.

Аз ин баъд ҳарчи ки ман гӯям ва фармоям, ҳамонро мекунӣ! – вай ба келинаш рӯй оварда фармуд: – Ҳозир лоқу пари даркориатро бигиру ба хонаи мо бирав, зуд бош. Ҳамроҳи Аноргул ва бачаҳо ба Баландсар мекӯчӣ.

Дар ҳавлии вай Аноргул ва Гулъизор шомгоҳ чизу чораи даркориашонро ғундошта ба кӯчидан тайёр шуданд. Аноргул бачагонашро ба сари хӯроки пеш аз кӯч нишонда, худаш ба меҳмонхона ба назди Восеъ даромад. Мехост бо шавҳараш хайрбод кунад. Дуяшон дар торикии меҳмонхона паҳлу ба паҳлу нишастанд. Аноргул аз гардани шавҳараш оғӯш карда гирист.

– Гиря накун, – занашро бағал карда гуфт Восеъ. – Далер бош, ҷони ширин. Ман ба ту гап дорам. Одамизод пешомадашро намедонад, аз ҳамин сабаб беҳтар ин ки гапамро ҳозир гуфта гирам. Аз ту чӣ пинҳон кунам, ин коре, ки ман пеш гирифтаам, кори хундор аст. Агар шаҳид шудам, ту аз тақдир бидону зиёд ғусса нахӯр. Ба Гулъизор ягон сағираро хонадомод бигир. Писарҳоямонро калон бикун, онҳо ба ту такягоҳ мешаванд. Ба писаронам ва агар насиб бошаду набераҳоямонро бинӣ – ба набераҳоям ҳам саргузашти маро, корҳои маро бигӯ, падару бобояшонро фаромӯш накунанд. Насиҳати ман ин ки онҳо ҳамеша мард бошанд, баномус бошанд; ба ҷавру зулм, беҳақиқатӣ асло тан надиҳанд. То аз дасташон меояд, ба мардум некӣ кунанд... Ман бист сол аст, ки бо ту ба як болишт сар мондам, ба ту меҳр бастам – меҳрубонӣ дидам; ғаматро хӯрдам – ғамгусорӣ дидам. Муҳаббати ту баъди мурдан ҳам аз дилам намеравад, ёри азиз. Ман аз ту розиям, ту ҳам аз ман розӣ бош. Аммо, агар насиб бошаду ба душман

зафар ёбам, зинда баргардам, боз мою ту анису муънисем, ба меҳру муҳаббат умр мегузаронем, ба орзую ҳаваси фарзандони азизамон мерасем. Дунё ба умед аст, ман мегӯям – як вақте ба мо фақирон ҳам озодӣ, рӯзи хуш меомадагист, ба рӯямон рӯшноӣ метофтагист. Наход, ки умрбод ҷавру зулм бикашем? Охир, рӯз нисфаш сиёҳ бошад, нисфаш сафед аст!...

– Доғ кардӣ маро, Восеъ, диламро об кардӣ, – гуфт Аноргул. – Илоҳӣ, сиҳат–саломат, хушу хуррам гашта биёӣ. Хонаи манғит бисӯзад, ки ба сари мо ин аламу кулфат, ин зиндаҷудоиро овард. Аммо ту хаёл накун, ки ман аз ту гиламандам, Восеъ. Не, ман агар мард мебудам, дар ҷойи ту ман ҳам ба манғит теғ мекашидам. Ман туро аз барои шердилӣ, мардонагӣ, ростқавлиат дӯст доштам. Ҳозир аз пештара ҳам зиёдтар дӯст медорам. Дар куҷое ки бошӣ, ба сарат ҳар чи ки биёяд, хоҳ ғам бошад ва хоҳ шодӣ, ту маро ҳамроҳи худат бидон. Тани зори ман дар ин ҷо ё дар Баландсар мемонад, аммо дилам, ҷонам бо туст. Ман аз ту розиям, Восеъ, сад бор розӣ...

Вақти хуфтан Восеъ оилаашро бо ҳамроҳии зану кӯдаки Қосим ба деҳаи дури Қарамушак, воқеъ дар пойи кӯҳи Баландсар гусел кард. Дар он деҳа ӯ як нафар хеши падарӣ дошт, занон ва кӯдакон бояд дар хонаи ҳамон хешаш рафта манзил мегирифтанд.

Чизу чораи онҳо ба хар бор карда шуда, Ҳасан ва Давлат дар болои бор нишаста буданд. Даме ки Восеъ дар беруни дарвоза духтараш ва писаронашро як–як оғӯш карда мебӯсид, худдорӣ карда натавониста гирист. Ӯ намедонист, ки аёлу фарзандони дилбандашро боз медида бошад ё не. Занон бо бачагон модагови гӯсоладор ва бузу бузғолаҳоро пешандоз карда ба роҳ даромаданд. Бо фармоиши Восеъ додараш барои занон ва бачагонро то Қарамушак гусел каран бо ҳамроҳии онҳо рафт.

## БОБИ БИСТУ ДУЮМ

Санге, ки закотчии амир ба сараш хӯрд, кушанда омад. Дар қалъачаи амлокдори Ховалинг вай баъд аз соате ҷон дод.

Бек бе ин ҳам аз фирори тарсувор ва нангини худ дар воқеаи Ховалинг хиҷил буд, акнун марги закотчӣ ӯро тамом бесаришта карда монд. Вай аз ҳуҷуми ногаҳонии Восеъ он қадар натарсида буд, ки аз кушта шудани закотчӣ тарсид: амир сабаби қатли ӯро хоҳад пурсид, ба вай чӣ ҷавоб бояд дод? Ин савол майнаи Мирзоакрамбойро пармавор мешикофт, дилашро мефушурд. Баъд аз гӯронидани закотчӣ бек ба амлокдори Ховалинг дарафтода:

– Ту айбдор, ту! Ту маро аз будани duздон, қотилон хабардор накардӣ! – гуфта, бехудона ба гулӯи ӯ чанг андохт. Агар амалдорони дигар ӯро боз намедоштанд, яқинан амлокдорро хафа карда мекушт.

Вай бегоҳии дер саворӣ намуда, роҳи чорсоатаро беист тай карда, нисфишабӣ ба Балҷувон расид. Дар тамоми роҳ хомӯш буд, бо ҳамроҳонаш як даҳан ҳам гап назад.

Дар Балҷувон ба қалъа надаромада; аз мазор гузашта, ҷилави аспашро ба чап тофт. Дар болои мазор бар рӯйи кӯтали баланди Баймуш мирони Балҷувон чорбоғ ва кӯшки тобистонӣ доштанд, бек ба ҳамон ҷо баромад. Дар ин фасли сол оилаи ӯ дар ҳамон кӯшк мезист... Ҳамроҳонаш ӯро то дарвозаи чорбоғ гусел карданд, аммо чун дар он ҷо ҳокими ҳамоно хомӯш онҳоро ба даромадан таклиф накард, ақиб гашта, ба шаҳр фуромада хона ба хонаҳояшон пароканда гардиданд.

Бек ба ҳарамсарои худ надаромада, дар меҳмонхонааш таваққуф кард. Ниёз чароғ ба даст пайдо шуда салом кард, бек дар ҷавоби саломаш «гум шав!» гуфта наҳиб карда буд, ки вай чароғро саросема дар токча гузошта бадар рафт. Чун бедимоғии хоҷа ба хизматгорон ва қаровулон маълум гардид, дигар ҳеҷ кас ҷуръати ба назди ӯ дарома-

дан накард. Онҳо бадқаҳрӣ ва бадфеълии хоҷаро на як бору ду бор дар сару дӯшу гардани худашон озмуда буданд, метарсиданд.

Ӯ дар меҳмонхона ҷомаашро ҳам накашида, пушт бар девор дода ва сар ба зону хам карда соате танҳо нишаст. Оқибат гуруснагӣ ҳис кард, бархоста берун баромада, ба хизматгор таом овардан фармуд ва баъд Ниёзро ҷеғ зада амр кард, ки фавран ба шаҳр фарояд ва Ҳоҷӣ Яъқуби мударрисро ёфта, агар хоб бошад, бедор карда, дар наздаш ҳозир созад. Ниёз дар торикӣ савора ба шаҳр шитофт.

Мударрис наздики субҳидам ҳозир шуд.

Домулло аз даъват кардани бек ӯро дар ин бевақтии шаб ба хавотир монда буд, ҳоло бекро ниҳоят ошуфтаҳол дида, боз бештар дар хавотир афтод.

– Хӯш, тақсир, тинҷӣ? Офият? Чӣ воқеа рӯй дод?

– Шинед, – хастаҳолона гуфт бек.

Ҳоҷӣ рӯ ба рӯйи ӯ сари дастархон нишаст.

– Восеъ ба ёдатон ҳаст–мӣ? – пурсид бек.

– Восеъ? Кадом Восеъ? – Ҳоҷӣ ба зудӣ соҳиби ин номро ба ёд оварда натавонист.

– Дар тӯйи Оллоёр аспро ром карда буд–ку.

– Ҳа, ҳа, ӯро банд карда оварда буданд, шумо гуноҳашро афв карда...

– Ҳа, афв карда г... хӯрда будаам, – сухани мударрисро бурида надомат кард Мирзои Қорӣ. Ӯ чунон аламзада буд, ки дар ҳаққи худаш аз истеъмоли калимаи нагуфтанӣ ҳам ибо накард. – Воқеаи галабонии вайро дар роҳи Қаршӣ, ман ба шумо гуфта будам. Вақто ки лаънатӣ дар Қаршӣ ба ман дағдаға карда буд, ман дарвоқеъ, вайро дар ҳамон ҷо ба миршаб гӯёнда зиндон кунонданам лозим буд. Ман ин тавр накардам. Гуноҳ карда, бандӣ шуда омад, ман боз ҳам вайро озод кардам, аз даст бароварда фиристодам. Марг ба раҳмдилии ман! Ҳез аз раҳмдилӣ к... шуда будааст. Ана акнун вай ба сари ман бало шуд, офат шуд, ҳоҷӣ, офат! домана! Вай дузд, роҳзан, каллабур

шуда будаасту ман бехабар! Дина дар Ховалинг нохост Бозорро зад, ба болои ман тохт, закотчии амирро кушт! Санг зад, кушт! – Бек дар ин ҷойи суханаш чун дардгирифта ба худ печид, лабонаш ва рӯяш каҷу килеб гашт. Ӯ тафсили воқеаро гуфт, сангандозии халқи шӯридаро нақл кард. Аз ҳар суханаш аламу ҳасрат садо медод...

– Ҷаноби олӣ кушта шудани закотчиашонро шунаванд, албатта, ба ман ғазаб мекунанд. Хонаам месӯзад, ҳоҷӣ, гӯед чӣ кор кунам? Ба амир чӣ нависам? Ба шӯру балвои фуқаро чӣ ваҷҳ гӯям? Ба Остонақул қушбегӣ чӣ хел арздошт кунам?..

Ҳоҷидомулло ангушт ба дандон газида, сари таҳайюр ва таассуф меҷунбонид. Баъд вай бо суханони пандомезе, – аз қабили ин ки дар мамлакатдорӣ ин хел ҳодисаҳо мешаванд ва ҳокимро дар ин хел вақтҳо саросема шудан, сари калоба гум кардан нашояд, балки ӯ бояд бо тадбири ақл илоҷи ҳаводисро карда осоиши вилоятро барқарор намояд, – бекро таскин доданӣ шуд.

– Дар номае, ки ба доруламора мефиристед, ҳама айбро ба гардани се–чор нафар дузду авбошу қотил мезанед, – дӯстона маслиҳат дод мударрис. – Шӯру балвои фуқароро นанависед, ки мабодо ҷаноби олӣ муфаттиш фиристода бозпурс ва таҳқиқ нафармоянд, зеро агар таҳқиқ фармоянд, бими он ҳаст, ки ба шӯру балвои фуқаро шуморо айбдор кунанд. Восеъро дастгир мекардагистед, албатта?

– Набошад–чӣ! Давлат–қаравулбегиро мефармоям, худи ҳамин рӯз баромада он ёғиҳои баттолро таъқиб кунаду аз таги замин ҳам бошад, онҳоро ёфта оварад. Ман то Восеъро бо ҳамаи ёронаш ба даст афтонда, рӯзи бозор дар пеши чашми халқ мусла[1] кунонда, чашмҳошонро кобонда ба дор накашонам, намемонам!

– Иншоаллоҳ, он duздон ва қотилон дастгир шуда ба ҷазои сазовор мерасанд, аммо маслиҳат ин ки шумо ҳоли

[1] Мусла – буридани гӯш ва бинӣ.

ҳозир барои таъқиб ва банду зачри онҳо ба ҷойи Давлат–қаравулбегӣ ягон одами номаълумтарро бароред, тақсир.

– Чаро?

– Қаравулбегии шумо саркардаи лашкариён аст, агар вай бо лашкариён ба болои ёғиҳо бароядд, ҷаноби олӣ ва дигар аҳли доруламора гумон карданашон мумкин, ки дар қаламрави шумо фитна ва шӯриши калоне рӯй додааст. Оқибаташ барои шумо хуб намешавад. Шумо ин корро ба ягон ғуломи даргоҳатон ё ба ягон арбобу оқсақоли шуҷоъ фармоед, балвогаронро оҳистакак, бе шӯру ғавғо дастгир кунанд, ки «бӯяш набарояд». Бо ҳамин, фитнаю балво ҳам худ ба худӣ фурӯ нишаста, фуқаро ором мешаванд. Дар он вақт номаи ба Бухоро ва Ҳисор мефиристодагиатон ҳам рост мебарояд, ки шумо дар он нома ҳамаи воқеаро ба фитнаи чор–панҷ нафар ҳаромиёни бебок ҳамл карда, «қотилони закотчиро дастгир кардам» гуфта менависед. Вассалом, ҷон халос. Агар амри олӣ содир шавад, ки он қотилонро ба Бухоро фиристед, мефиристед, вагарна дар худи ҳамин ҷо онҳоро хоҳ мусла кунед, хоҳ сар буред, овезед, ихтиёратон.

Аз ин суханони Ҳоҷидомулло дили ошуфтаи Мирзои Қорӣ дар ҳақиқат андаке таскин ёфт. Маслиҳати ӯ ба бек хеле оқилона намуд. «Нағз кардам, ки ӯро ҷеғ задам» – мамнунона ба дилаш гузаронд бек.

Дуяшон дар бораи номзади шахсе, ки бояд Восеъро таъқиб ва дастгир намояд, хеле фикр ронданд, номҳои чандин оқсақол, тӯқсабо, қаравулбегиҳоро баршумурданд, ниҳоят интихобашон ба номзади Саидқул мингбошии мулаққаб ба Кесак қарор гирифт. Чун ба мингбошӣ навкару хизматгоронаш ҳама гаранг ва лаванд менамуданд, вай онҳоро одатан «Ҳой, кесак!», яъне кулӯх гуфта ҷеғ мезад, бинобар ин мардум лақабашро ба ҳамин калима насб карда буданд. Тоҷикон ин лақабро ба забони худ тарҷима карда Кулӯх мегуфтанд, чунонки чандин исм ва лақабҳои дигарро, масалан лақаби мири собиқи Кӯлоб

Сариғхон (Сарихон)–ро ҳам тарҷима карда Мири зард номида буданд. Кулӯх мингбошӣ оқсақоли тоифаи марқа буд, дар Қизилмазор мезист, бо фармони бекҳои Балҷувон, Кӯлоб, Қубодиён якчанд бор ба болои дастаҳои дуздону роҳзанон баромада, онҳоро дастгир ва торумор карда ном бароварда буд. Ба илова, ӯ бо марқаҳояш аз ваҷҳи ин ки Мирзоакрами ҳоким ба ҷойи рамаҳои ғоратшудаи марқаҳо ҳазор сар гӯсфанди лақайҳоро ба онон гирифта дода буд, аз вай розӣ ва хушнуд буданд, бинобар ин бек меандешид, ки мингбошӣ бояд хизмати ӯро бо ҷону дил баҷо оварад.

Баъди ду рӯз мингбошии «дуздгир» бо даъвати бек аз Қизилмазор дар сари бист нафар йигити савори худ ҳозир гардид. Бек ба вай боз даҳ сарбоз ва ароқ дод. Мингбошӣ бо сӣ навкару сарбози яккачин ба тарафи Ховалинг, Сарихосор, Ёхсу ба болои «душманони ҷаноби олӣ» саворӣ намуд...

Восеъ бо дастаи саворони худ, ки дар байни онҳо Назир, Саидалӣ ва Нозим ҳам буданд, деҳа ба деҳа мегашт. Вай шабу рӯз беист ҳаракат карда, ҳар рӯзе дар панҷ–шаш деҳа фуромада халқро ба қиём ва ғазот даъват менамуд.

Фақирони шӯрида ғалла ва чорпойи бойҳо, амину арбобҳоро мусодира карда, дар байни худашон тақсим менамуданд.

Ҳар гоҳ, ки дар ягон деҳа Кулӯх мингбошӣ пайдо мегардид, фақирон ба кӯҳҳо гурехта пинҳон мешуданд.

Мингбошӣ ҳам Восеъро беист таъқиб мекард. Аммо ӯро дастгир кардан басе душвор ва ҳатто номумкин буд, зеро мингбошӣ аз аҳолӣ Восеъро пурсуков, ки мекард, деҳқонҳо, чӯпонҳо, ҳезумкашҳо ӯро бар дурӯғ ба тарафе равона мекарданду худашон фавран Восеъро огоҳ менамуданд.

Ҳамин тарз, Восеъ ба воситаи онҳо таъқибкунандагони худро ба осонӣ чапғалат дода, дастаи худро ба дарае, кӯҳе, адире мекашид, ки Кулӯх мингбошӣ агар пару бол

баровarda парвоз ҳам мекард, ба вай расида наметавонист.

Дар байни аҳолӣ дар бораи Восеъ таронаҳо, достонҳо пайдо шуданд. Худи ӯ дар деҳоти кӯҳистон ин таронаҳоро шунида ҳайрон мешуд. Гӯянда ва сарояндагон ӯро Восеи баҳодур ном ниҳода, корномаҳояшро ба риштаи назм кашида буданд. Дар ҷумлаи ин корномаҳо: гурезондани Восеъ дар овони ҷавонӣ андозчинони мири Қаротегинро аз Норинҷ, қиссаи ба занӣ гирифтани ӯ духтари Наимшоҳи дарвозиро, панҷа андохтанаш ба доруғаи шӯрапушти муштзан, халос карда оварданаш бародархондаи худ Назир–паҳлавонро аз асорати ғарибӣ низ ёдоварӣ карда мешуд. Ром кардани Восеъ «бо мадади Хоҷаи Хизр» аспи ёбоии лақаиро, банд кардани вай ҳокимро бо сухани далерона дар таги қалъаи Балҷувон ва ниҳоят ҳуҷуми баҳодуронааш ба болои ҳокиму закотчии амир дар Ховалинг, – ҳамаи инро гӯяндагон ва ҳофизон бо як илҳому ифтихори ҷӯшоне тараннум менамуданд.

Дар деҳаи Леҷан, баъд аз хитобати Восеъ ба халқ ҳофизе думбурааашро навохта суруде оғоз кард, мазмуни суруди ӯ ин буд: як вақтҳо дар кӯҳистон баҳодуроне буданд, ки дар сахтӣ ва мусибатҳо ба майдон баромада, халқи худро аз ғосибон, зӯроварон, ғоратгарон муҳофизат мекарданд, аммо баъд аз истилои манғит он баҳодурон мурда, ё пир шуда, ба гӯшаю канорҳо хазида, кам–кам аз байн рафтанд, аммо акнун боз баҳодурони нав баромаданд, ки сарвари онҳо – баҳодури баҳодурон Восеъ аст...

Суруди ҳофиз нақароти дилошӯб ва шуҷоатбахше дошт, ки ин буд:

*Восеъ, ғазост имрӯз,*
*Ҷон мубталост имрӯз.*
*Ғавғои рӯзи машҳар,*
*Бар фуқарост имрӯз.*

Дар ин давраи тайёрии шӯриши халқӣ Восеъ намехост, ки лашкараш зиёд бошад, зеро бо гурӯҳи калони саворон деҳа ба деҳа гаштан гаронӣ мекард ва инчунин аз ваҷҳи озуқа, ҷаву беда ҳам нобоб буд, аммо бо вуҷуди ин лашкари вай рӯз то рӯз зиёд мегардид: дар ҳар қишлоқ ба вай саворони нав ҳамроҳ шуда, бо ихтиёри худашон аз ақиби вай рафтан мегирифтанд. Бо ин тариқ, саворони ӯ дар якчанд рӯз ба зиёда аз саду панҷоҳ нафар расид.

Он гоҳ Восеъ саворонашро ба се даста тақсим кард. Аз ин тақсимот мақсади аввал дастаҳоро хурдтар ва чобуктар кардан бошад, мақсади дигар – шӯришро васеъ карда ба миқёси калонтар паҳн намудан буд. Сардорони дастаҳо худаш, Назир–паҳлавон ва Саидалӣ буданд. Дастаи худаш дар деҳоти атрофи Ховалинг, Назир дар Сарихосор ва Ёхсу, Саидалӣ дар шимолтари Балҷувон – дар деҳоти қади Сурхоб, наҳри Хоҷа Маҳшар ва кӯҳи Чаган амал мекарданд.

Ин ҳол кори Кулӯх мингбоширо душвортар гардонид. Дар шароите, ки аҳолӣ ба ӯ душман, дараҳо хавфнок буданд, ӯ намедонист аз пайи кадом дастаи шӯришгарон гардад. Душмании кӯҳистониёнро мингбошӣ рӯз то рӯз зиёдтар ҳис мекард: онҳо ӯро на фақат дар таъқиби дастаҳои саворони Восеъ чапғалат медоданд, ба гумроҳӣ меандохтанд, балки инчунин дар тангноҳо ва газаҳо (гузаргоҳҳои кӯҳӣ) деҳқонони гуреза ё чӯпонҳо нохост аз боло ба сари сарбозони ӯ санг мерехтанд. Ин навъ сангрезиҳо якчанд нафар сарбози мингбоширо маиб карда аз кор бароварда буданд.

Бек умедвор буд, ки Кулӯх мингбошӣ Восеъро ба зудӣ зинда ё мурда дастгир хоҳад кард, аммо як ҳафта боз кори мингбошӣ рангу рӯе намегирифт, Восеъ ба даст намеафтид ва шӯру балвои деҳқонон фурӯ наменишаст. Бек қарору оромро аз даст дода, ҳар рӯз ба назди мингбошӣ чопар фиристода ӯро ба шитоб меандохт, мепурсид – чаро вай то ҳанӯз ёғиҳоро нест карда наметавонад.

Мингбошӣ барои таскини бек гоҳу бегоҳ дар қишлоқҳои тороҷ ва харобкардааш чанде аз деҳқонон ё чӯпонҳои ба тарафдории Восеъ гумонбаршударо даст гирифта, баста ба Балҷувон равона мекард.

Ба дарунтари кӯҳистон рафтан хатарнок буд, бинобар ин вай дар деҳоту дараҳои наздики Балҷувон тохтутоз менамуд.

Восеъ фикр мекард, ки чӣ тавр ба Кулӯх мингбошӣ зарбае занад.

Вай ба воситаи аҳолӣ донист, ки мингбошӣ рӯзҳоро дар такопӯи душманкобӣ ба шаб меоварад ва шабҳо ба деҳаи Чорбоғ рафта хоб мекунад.

Шаб Восеъ бо саворони худ аз Мазори Султон ба Сурсақова рафта хоб кард. Вай дар сараш нақшаеро пазонда, саворонашро пеш аз бомдод ба по хезонд. Чилу се нафар савор бо сардории ӯ ба тарафи Сурхоб – ба назди Саидалӣ равона шуданд.

* * *

Дар яке аз адирҳои сари роҳ Восеъ ба чӯпонҳо ва подабонҳо вохӯрд. Онҳо дар сари чашма нишаста нону талқон тановул мекарданд. Саворон барои дам гирифтан аз аспҳо пиёда шуданд. Восеъ ба ногоҳ дар байни чӯпонҳо Ризоро дида монд. Ризо вайро дидан замон рӯяшро бо кафи дастҳояш пинҳон кард. Восеъ фаҳмид, ки ӯ аз шарм ин тавр мекунад.

– Ризо, ин туӣ? – тааҷҷуб кард Восеъ.

Ризо ба ҷойи ҷавоб додан сари хамашро боз хамтар кард.

Чӯпонҳо ва одамони Восеъ ҳайрон шуданд.

– Ҳеҷ гап не, Ризо, – ҷиддиёна гуфт Восеъ.

Шояд ӯ дар ин лаҳза чӣ гуна ба Аноргул ошиқ шудани худашро ба ёд оварда буд...

– Дар ҷавонӣ ин хел корҳо мешавад, – боз илова кард ӯ ва дасташро ба Ризо дароз карда гуфт: – Магар бо ман вохӯрдӣ кардан намехоҳӣ? Дастатро деҳ!

Ризо ҳамоно ҷуръати ба рӯйи Восеъ нигаристан накарда, бо ҳар ду дасташ дасти ӯро гирифт.

Яке аз ёрони Восеъ пурсид:

– Чӣ гап гузашта буд, акаи Восеъ? Чаро ин бача аз ту шарм карда рӯяшро мепӯшонад?

Восеъ ба тарафи Қосим як нигоҳ карду гуфт:

– Ман инро писархонди худ карда будам, ин дар набудани ман бо Қосим ҷанг карда, аз хонаи ман баромада рафтааст.

Ризо назар ба вақте ки ба хонаи Восеъ омада буд, боз рушд карда, дар лабу рӯяш майсаи балоғат дамида буд, солиму бардам менамуд, аз зери куртаи чиркинаш тани бақувват, китфу бозуи сиёҳчатоби неруманди вай аён шуда меистод. Аз пурсишу посух маълум шуд, ки вай бо чӯпону подабонҳо ошно ва намакхора шуда, ҳамроҳашон мегаштааст.

– Бо ман меравӣ? – пурсид Восеъ аз ӯ.

Ризо даррав ба аломати розигӣ сар ҷунбонид. Чашмони сиёҳаш барқ заданд. Намоён буд, ки вай аз ин таклифи Восеъ хурсанд аст.

Қосим қавоқашро андохта дар канортар нишаста буд ва ба Восеъ нигоҳҳои нохушнудонаву сарзанишомез меафканд. Маълум буд, ки вай муомилаи хуши бародарашро бо Ризо намеписандад. Восеъ ӯро ҷеғ зад:

– Қосим ин ҷо биё!

Вай хоҳам–нохоҳам хеста омад.

– Дуятон оштӣ кунед, – Ризоро нишон дода фармуд Восеъ. – Даст диҳед ба якдигар.

– Ман намехоҳам, ӯро бад мебинам, – гуфта, Қосим рӯяшро чаппа кард.

– Ман аз ту напурсидам, ки ӯро нағз мебинӣ ё бад, – гуфт Восеъ ва амр кард: – Ман мегӯям, оштӣ кун. Даст деҳ ба вай!

Қосим ноилоҷ ба Ризо даст дод, дуяшон ба якдигар нигоҳ накарда дилсардона дастфишорӣ намуданд.

Чӯпонҳо бо Ризо дареғу афсӯс гӯён хайрбод карданд. Онҳо ба вай унс гирифта ба рафоқату улфатиаш одат карда буданд, намехостанд аз вай ҷудо шаванд.

Ризо ба паси яке аз ёрони Восеъ савор шуда, ҳамроҳи онон равон гардид.

## БОБИ БИСТУ СЕЮМ

Онҳо Саидалиро дар қарибии деҳи Ҳорма, воқеъ дар дуюним фарсангии шимоли Балҷувон ба соҳили рости Сурхоб пайдо карданд. Вақти пешин буд, дастаи Саидалӣ дар як адири ниҳон ба тутзоре ҷой гирифта истироҳат мекард. Дар баландиҳо дидбонон истода буданд. Дар алангаи гулханҳо гӯшти гӯсфандони кушташуда кабоб карда мешуд, ки бӯйи иштиҳокушои он ба димоғҳо мезад.

Салом–алеки пурҳаёҳу, вохӯрдани бағалкаш, пурсупосҳои гарм ба вуқӯъ пайваст. Аспонро ба дарахту буттаҳо қантар карданд, мизбонон ба обу алафи онҳо мутасаддӣ шуданд. Сардори даста Восеъро ба чодири худ бурд, чодири вай аз палос ва намади ба шохи тут овехташуда иборат буда, ба заминаш барои нишастан намадпораи дигареро андохта буданд. Барои дуяшон якто сони гӯсфанди кабобшударо оварданд. Саидалӣ саллаашро дастархон сохта гӯштро пора кард. Одамони онҳо дар сояҳо ва рӯйи сангҳо секасӣ–чоркасӣ нишаста гӯштхӯрӣ мекарданд. Ҳазлу шӯхӣ, хандаҳои қох–қоҳи онҳо дар «чодир» шунида мешуд.

– Корҳо чӣ тавр? – пурсид Восеъ.

– Соз, – гуфт Саидалӣ. – Ҳамаи қишлоқҳои қади Сурхоб, атрофи Чаган, Судараи хурд, Судараи калон, дараи Раҷабфақирро гаштам, аз ҳар қишлоқ дуборӣ–себорӣ гузаштам. Халқон ба шӯриш тайёранд, ҳама: «аломати Восеъ чӣ бошад, кай пайдо мешуда бошад?» гуфта, шабҳо аз Сурсақова чашм намекананд.

– Аз Балҷувон чӣ хабар?

– Чӣ хабаре, ки бошад, худат медонӣ, акаи Восеъ.

– Ту ба Балҷувон аз ману Назир наздиктарӣ, ҳар хабари нав ба ту барвақттар мерасад. Ту дар он ҷо одам надорӣ?

– Чӣ хел одам?

– Хабаркаш.

– Хабаркаш чӣ лозим? Деҳқононе, ки аз бозори Балҷувон бармегарданд, ба ман хабарҳои даркориро расонда меистанд.

– Хӯш, онҳо ба ту чӣ хабарҳо расонданд?

– Ҳоким сарбозонашро дар сарбозхона ғун карда нигоҳ медоштааст, ҳеҷ якашро аз сарбозхона дур шудан намемондааст; Давлат қаравулбегӣ ҳар рӯз онҳоро дар пойи қалъа машқ медодааст.

– Боз?

– Ҳоким имрӯзҳо ба боғаш набаромада, доим дар қалъа меистодааст. Оллоёр, дигар калонони лақайҳо ба қалъа бисёр даро–баро мекардаанд. Эҳтимол, ҳоким бо ваъдаи амалу мансаб онҳоро ба болои мо андохтанӣ бошад.

– «Эҳтимол» мегӯйӣ, аниқашро намедонӣ?

– Чӣ хел донам, акаи Восеъ? Донистан мушкил.

– Аз Кулӯх мингбошӣ чӣ хабар?

– Мингбошӣ парерӯз ба ин тараф баромада буд, як даҳмардаи чорбоғӣ ба ман пешакӣ хабар дод, ман ба тарафи Дошмандӣ рафтам; ҳормагиҳо ба ӯ гуфтаанд, ки «Саидалӣ ба тарафи Арзаниён гурехт». Мингбошӣ то Арзаниён рафта, сарсон шуда, шаб ба Чорбоғ баргаштааст.

– Вай ҳар шаб ба Чорбоғ омада хоб мекунад?

– Ҳамин тавр мегӯянд.

– Шаб ба Чорбоғ чӣ вақтӣ бармегардад?

– Бегоҳӣ.

– Бегоҳӣ – яъне чӣ вақтӣ? Вақти паропари офтоб? Ё пештар? Ё ки дертар?

– Гоҳ пештар, гоҳ дертар.

– Дар Чорбоғ одами таъин дорӣ?

– Не. Лозим шавад, аз чӯпонҳо, подабонҳо ё дигар одамони раҳакӣ мепурсам.

– Аз онҳо чиро пурсида фаҳмидӣ? Оё ту ба ман гуфта метавонӣ, ки парершаб ва дина шаб мингбошӣ дар кадом вақт ба Чорбоғ баргашт? Вақти намози дигар? Намози шом? Ё вақти хуфтан?

– Чӣ фарқ дорад, акаи Восеъ, дар намози шом бошад ё хуфтан?

– Фарқашро ҳозир мефаҳмӣ. – Восеъ баъд аз таом дасташро ба мӯкиаш пок карда, об нӯшида, суханашро давом дод: – Ҳоким, албатта, аз Кулӯх мингбошӣ норозӣ аст, чунки мингбошӣ аз уҳдаи кор набаромада истодааст – вай то ин вақт на маро дастгир карда тавонист, на ту ва на Назирро. Чӣ хел ҳам дастгир мекард? Фақирон ҳама бадхоҳи ӯ, дар ҳар ҷо агар тавонанд сангаш мезананд. Ҳоким дер нигоҳ карда намеистад, ё Давлат, ё Оллоёр, ё ки якбора ҳар дуи инҳоро ба болои мо мебарорад. Модом, ки ҳамин тавр бошад, мо ҳозир чӣ кор карданамон лозим? Ту чӣ мегӯйӣ?

– Аз ҳуҷуми онҳо пештар худи мо ба Балҷувон ҳуҷум кунем магар?

– Дуруст. Аммо аввал Кулӯх мингбоширо яктарафа кардан лозим. Ӯ ба пойи мо ишкел шуда истодааст.

– Ин гапат маъқул, акаи Восеъ.

– Ба фикри ту, мо ӯро чӣ тавр шикаст дода метавонем?

– Шикаст додан... чӣ хел мешуд? Магар ин ки ба Чорбоғ шабохун занем?

– Мингбошӣ шаб ба атрофи Чорбоғ қаровулҳо мемо-

над. Агар аз қаровулҳо ҳеҷ набошад яктояш хабардор шуда, тир паронда шариконашро хабардор кунад, мо ҳеҷ коре карда наметавонем: сарбозон туфанг доранд, мо надорем.

– Пас чӣ кор кунем? Мингбоширо бо ҳила ба ягон тангно бикашем, дар «қапқон» андозем магар?

– Ин гурги борондида ба «қапқон» меғалтида бошад ё не, кас намедонад. Ғайр аз ин, ин кор вақти зиёд мехоҳад: то ба тангно бикашӣ ва дар «қапқон» андозӣ, чандин рӯз мегузарад, дар ин муддат мумкин ки Давлату Оллоёр ба болои мо тозанд. Ман гумон мекунам, ки онҳоро ҳоким пагоҳ–фардо мебарорад. Фурсат кам аст. Тезтар Балҷувонро лагад кардан лозим. Ман як нақша дорам, гӯш андоз ба ту гӯям. Мо худи ҳамин бегоҳ аз Сурхоб мегузарем, шаб пинҳонӣ рафта аз болои Чорбоғ ба дараи Мазори Додарак мебароем. Дар Мазори Додарак ба ду–се ҷой шинак мегирем. Мингбошӣ вақти ба Чорбоғ баргаштанаш аз он дара мегузарад. Ҳамин, ки ӯ дар байни деҳаи Саталмуш ва Мазори Додарак ба камари талҳо даромад ё аз камари талҳо баромада ба дара қадам монд, мо якбора аз шинакҳо хеста ӯро лагад мекунем.

– Мо бегоҳӣ, ки бароем, ба Мазори Додарак шабона дар торикӣ мерасем. Аммо агар то расидани мо мингбошӣ аз он ҷо гузашта равад чӣ?

– Коре кардан лозим, ки гузашта наравад.

– Чӣ хел мекунем? Мумкин ки мингбошӣ ба Чорбоғ вақти намози дигар ё шом баргардад.

– Коре кардан лозим, ки ӯ дар роҳ дертар монда, ба Мазори Додарак лоақал баъд аз хуфтан бирасад.

– Чӣ тавр?

– Инро ту ба уҳда мегирӣ. Ту ҳозир бо даҳ–понздаҳ нафар одами худат баромада рост ба тарафи Тути Қозӣ меравӣ. Агар тез роҳ гардӣ, ба он ҷо аз намози дигар барвақттар мерасӣ. Дар Тути Қозӣ пинҳон шуда роҳи мингбоширо мепоӣ. Мингбошӣ дар бозгашт аз ҷониби

Ховалинг ба он ҷо ки расид, ту аз дуртар худатро ошкор мекунӣ. Мингбошӣ туро сур мекунад, ту ба тарафи Чагар мегурезӣ, ӯ аз дунболат афтода, камаш як–ду соат бо ту андармон мешавад. Дар ин миён ман бемалол ба Мазори Додарак шинак мегирам. Чӣ тавр, маъқул?

– Қанд бизан, акаи Восеъ, хуб фикр кардаӣ. Локин, агар ту рухсат диҳӣ, ман ба ҷойи худам ба Тути Қозӣ Абдуқодирро мефиристонам. Ӯ худаш аз ҳамон тарафҳо – аз деҳаи Яб аст, марди уҳдабаро, шердил. Худам бо ту меравам.

Восеъ фармуд Абдуқодирро ҷеғ зада ба наздаш овარданд. Ӯ марди чилсолаи қоматрасо ва бокитфу бозуе буд, чашмони зираки дурахшандае дошт. Ӯро ҳамчун як аспсавори чобук ва бузкаши тардасте мешинохтанд.

Восеъ ба Абдуқодир вазифаашро фаҳмонда буд, ки ӯ гуфт:

– Хотирҷамъ бош, акаи Восеъ, мингбоширо ман аз бинияш гирифта то Чаган кашола мекунам, сагворӣ хуб сарсонаш мекунам.

Восеъ ба вай Ризоро ҳамроҳ карда фиристод.

Абдуқодир ҳамон соат дар сари понздаҳ шӯришгари савор ба роҳ афтода дар як дам дар қабати теппаҳо ва шаххҳои соҳили чапи Сурхоб аз назар ғоиб гардид. Вақте ки офтоб дар пушти ағбаи Чавгонӣ пинҳон гардид, дигар шӯришгарон ҳам ба аспҳои кӯҳгарди почаборики худ савор шуданд. Восеъ онҳоро аз дарё гузаронда, бо шитобу ҷадал ба дараи Мазори Додарак гирифта бурд.

* * *

Мавзеи Тути Қозӣ иборат аз баландӣ ё ба лафзи аҳолии ин ҷоҳо банди дарозу ҳамворест дар миёнаи Балҷувону Ховалинг. Аз деҳаи Ҳормаи лаби Сурхоб то ин ҷо масофаи рост қариб ду фарсанг меояд, ки аз таги ҷариҳо, дараҳои танг ва рӯйи қаторталҳо мегузарад. Дастаи Абдуқодир бо суръати тез, ҷое луккаву йӯрға ва ҷое чорхез асп

ронда, ин масофаро дар камтар аз якуним соат тай кард.

Саворон дар пушти тале аз талҳои қади роҳ, аз роҳ як чорсад–панҷсад қадам канортар, пиёда шуда, аз оби зулоли чашмасор ташнагиашонро шикаста, каме дам гирифтанд.

Аммо одамон ва аспҳо ҳанӯз кӯфти роҳро набароварда буданд, ки дидбони дар баландӣ гузоштаашон – Ризо дар роҳ намудор шудани як даста саворонро хабар дод.

Абдуқодир тозон ба назди Ризо баромада нигоҳ кард. Саворони омадаистода, бешубҳа, дастаи Кулӯх мингбошӣ буданд. Онҳо бешитоб, оҳиста–оҳиста асп ронда меомаданд. Аён буд, ки аспҳошон аз душманкобиҳои рӯзона монда шудаанд.

Бо фармони Абдуқодир одамони вай зуд ба аспҳо савор шуда дар пушти тал истоданд.

Аз сарбозони мингбошӣ аввал чор нафари пешгардашон гузаштанд. Онҳо бо ҳам гапзанон карда, хотирҷамъ асп меронданд, ба гирду атрофашон назаре ҳам намеандохтанд – аз афти кор ба бехатарии ин роҳ боварии том доштанд. Аз онҳо як дусад қадам ақибтар худи мингбошии қоқинаи бузриш дар сари дастаи асосии саворонаш бар аспи сафед нишаста меомад. Аз ин дастаи асосӣ як сесад қадам ақибтар чор–панҷ савори дигар ҳаракат мекарданд.

Абдуқодир сабр карда мингбоширо гузаронда фиристод. Саворони вай дар хамгашти роҳ аз назар ғоиб гашта буданд, ки панҷ нафари ақибгард омада ба камингоҳи Абдуқодир баробар шуданд. Он гоҳ Абдуқодир бо саворони калтакдораш якбора ба болои ҳамин панҷ сарбоз тохт. Сарбозон худро гум накарда, рӯ ба қафо гардонда, аз туфангҳошон ба тарафи ҳуҷумкунандагон чанд қатор тир холӣ карданд. Ҳамон дам ду шӯришгар тир хӯрда аз аспҳошон фурӯ ғалтиданд. Дигарҳошон ба паҳлу – ба даруни теппаҳо хамида рӯ ба гурез ниҳоданд.

Овози тирпарониро шунида, аз пеш – аз дастаи минг-

бошӣ як гурӯҳ саворон асп тозонда омаданд. Онҳо бо ҳамроҳии ин панҷ нафар шарикони худ гурезаҳоро сур карданд. Мингбошӣ пайдо шуда, ба болои банди Тути Қозӣ баромада, таъқибро назора карда истод. Дастаи шӯришгарон ба дара сарозер шуд, аз болои деҳи Яб гузашт, ба тарафи кӯҳи Чаган фирор кард. Сарбозон онҳоро то панҷ–шаш чақрим – то наздикии деҳи Бачкакон сур карда рафтанд, аммо чун аспҳошон рӯзона монда шуда буданд, ба гурезаҳо расида натавонистанд. Тирҳои парондаашон ҳам дигар ба нишон нарасид. Аз Бачканон овози муаззин баланд шуд, ки азони шомро мегуфт. Таъқибкунандагон дар нимторикӣ ақиб гаштанд.

Онҳо бо фармони мингбошӣ сари он ду шӯришгари захмдоршударо қассобвор бурида, ба нӯги чӯбҳои дароз халонда бурданд. Аз қурбонҳо яке худи Абдуқодир буд, дигаре як деҳқони камбағали бачкаконӣ. Ду аспи онҳо ба сарбозон ғанимат афтод.

Восеъ ба Абдуқодир фармуда буд, ки ҳар гоҳ ки сарбозони Кулӯх мингбошӣ пайдо шуданд, ӯ ба тарафи онҳо фақат аз ягона милтиқи шикорӣ тире холӣ карда худро ошкор созаду гурезад, бо онҳо заду хӯрд накунад. Абдуқодир бошад ба таври худ рафтор намуд. Ӯ шаҳид шуд. Аммо дастаи ӯ бо баҳои қурбонии сардори худ ва боз як қурбонии дигар ҳам бошад, вазифаро иҷро кард: мингбоширо қариб ду соат ба худ андармон карда дар роҳ нигоҳ дошт.

Дар ин миён Восеъ бемалол ба Мазори Додарак ҳаракат мекард.

Вай ба ин дараи танг фақат соате пеш аз мингбошӣ расида, дар торикии баъд аз хуфтан саворонашро дар камингоҳҳо нишонд. Дараро аз Саталмуш қатори талҳои паст ҷудо мекунад ва роҳ аз байни ду тал, ҳамчун аз ғуломгардиши дарвозахонае убур менамояд. Дар қарибии даҳани «ғуломгардиш» Восеъ дастаи Саидалиро шинак дод, ба тавре, ки мингбошӣ баъди баромадан аз бағали

талҳо ба Саидалӣ пушт гардонда ба сӯйи мазор мерафт. Ду мерганро ӯ бо ду милтиқ, яке Бердан ва дигар шикорӣ, дар болои дунгӣ ҷойгир намуда фармуд, ки дар баробари ба дара дохил шудани мингбошӣ ба тарафи ӯ якчанд тир холӣ кунанд. Восеъ мехост бо ин тирандозии ногаҳонӣ душманро саросема намояд.

Ба Саидалӣ вай таъин кард, ки садои тирпаронии мерганҳо барои ӯ бонги ҳуҷум мешавад: бо шунидани ин садо ӯ бояд аз шинаки худ ҷаста ба сарбозон аз ақиб ҳамла оварад ва бо онҳо омехта шуда, ҷанги тан ба танро пайвандад.

Худи Восеъ бо саворонаш аз даҳани «ғуломгардиш»–и мазкур як чорсад қадам онсӯтар – ба даруни дарахтзори анбуҳи сари мазор камин гирифт. Вай баъди ҷанги тан ба танро пайвастани Саидалӣ, ҳангоме, ки сарбозон бо вай андармон ва аз имконияти ба кор бурдани яроқи оташфишони худ маҳрум мебошанд, баромада ба онҳо ҳуҷум хоҳад кард.

Аз рӯйи нақшаи Восеъ, мингбошӣ ногаҳон дар байни ду дастаи ҳуҷумовари шӯришгарон монда, саросемаву саргум гашта, мебоист шикаст мехӯрд.

Шароити пурхатар, вазъияти таҳлукаомез, муборизаи хунини бар гардан афтода, худ ба ин ҷувозкаши кӯҳистонӣ илми ҳарбро ёд медоданд. Вай бо он ақл ва фаросати зотие, ки дошт, ба таври худ тадбирҳо меҷуст, ҳилаҳо ихтироъ мекард.

Шаб он қадар торик набуд, ситоратоб буд, роҳ, дарахтон, харсангҳои дара, теппаҳо хира–хира намудор буданд. Шӯришгарон дар камингоҳҳои худ футаҳоро маҳкам баста ва чашмҳоро ҳушёрона ба роҳи мингбошӣ дӯхта, таёқҳошонро ба ҳамлаи тезу тунд омода сохта истоданд.

Ҳоло посе ҳам аз шаб нагузашта буд, ки шаббодаи кӯҳӣ аз ҷониби Саталмуш садои суми аспонро ба гӯшҳо расонд.

Баъди якчанд дақиқа чор савори пешгарди Кулӯх мингбошӣ аз роҳи байни талҳо баромада ба дара дохил гардиданд.

Саидалӣ аз шинаки худ онҳоро дида меистод.

Онҳо гузашта рафтанд.

Фурсате баъд ба дара дастаи асосии сарбозон ворид шуд. Пешопеши сафи онҳо, дар қафои мингбошӣ, ду савор сарҳои ба нӯги чӯбҳо халондашудаи ду шӯришгари шаҳидро бардошта меомаданд. Саидалӣ ва одамони ӯ донистанд, ки инҳо сари буридаи қурбонҳои навбатии мингбошӣ мебошанд, лекин ҳоло аз они кӣ будани он сарҳоро намедонистанд.

Саидалӣ гӯш ба қимор шуда, бо дили тапон мунтазири садои тир гардид. Аммо мерганҳои Восеъ хомӯш буданд. Мингбошӣ бо дастаи худ пеш рафт, як дусад қадам дур шуд, аммо ҳанӯз «бонги ҳуҷум» шунида намешуд. Саидалӣ бетоқат гардид, намедонист чӣ кор кунад. Душман сония ба сония аз вай дур мерафт.

Дар ҳамин вақт ногаҳон яке аз аспҳои дастаи Саидалӣ хоинона шиҳа кашида, пардаи асрори шабро пора кард. Дар ҷавоби вай аз камингоҳи Восеъ – аз дарахтзори сари мазор ҳам шиҳаи баланди аспе ҷарангос зад.

Сарбозон якбора ба хавотир афтода аз роҳ бозистоданд. Гӯш андохтанд. Дар ин дам онҳо ба наздикии мазор расида буданд, онҳоро аз камингоҳи Восеъ ягон сад қадам масофа ҷудо мекарду халос.

Восеъ аз хомӯшии мерганҳои сари дунгӣ ва аз беҳаракатии Саидалӣ ниҳоят ошуфтахотир ва музтарибҳол буд. Бо як навъ хавфу ҳароси қалбӣ фикр мекард, ки мабодо мерганҳо ва Саидалӣ тарсида ё ҳатто гурехта бошанд! Ва инчунин хаёли хурофотие ба сараш меомад, ки: боз Кулӯх мингбошӣ одамони вайро сеҳру ҷоду накарда бошад?..

Мингбошӣ зуд панҷ–шаш нафар сарбози худро дар паси пуштаи қади роҳ ҷой кард. Сипас гурӯҳи асосии савоeронашро ду қатор ба бар саф кашонда, шофу шамшерҳо-

шонро бараҳна кунонда, онҳоро бо эҳтиёт ба тарафи дарахтзор ҳаракат дод. Худаш ҳам шамшер ба даст пешопеши сарбозонаш асп меронд.

Дар болои дастаи Восеъ хатари ҳалокатангезе қоим гардид, ин ба Восеъ аён буд. Инчунин ӯ ҳис кард, ки тарсу ҳаросе чун мори сиёҳ ба байни одамонаш хазида истодааст. Ӯ донист, чораи ягона – ба ҳар чӣ бодо бод аз камин ҷаҳидан, худро ба болои душмани ҳамлаовар афкандан аст.

Сарбозон ба шакли нимҳалқа пеш омада, бо печонда гирифтани дарахтзор таҳдид намуда, як чил–панҷоҳ қадам наздик омада буданд, ки Восеи савор аз ҷой ҷаста ба одамонаш фарёд зад:

– Ғазот, ёрон! Хуни манғит ба мо ҳалол!

Чил савори таёқдор бо ҳаёҳу аз дарахтзори торик зада баромаданд, ҳама дар як он бо сарбозон омехтанд. Зонозании тан ба тан ба вуқӯъ пайваст. Чакочаки таёқҳои дароз ва шофу шамшерҳои кӯтоҳ, тапар–тапар ва шиҳаи асабонии аспон хомӯшии дараро тарконда партофт. Дар як дам аз ҳар ду тараф чандин савор аз зинҳо чаппа шуданд.

Саидалӣ бо шунидани нидои Восеъ фавран бо саворонаш аз шинак ҷаҳида чорхез ба сӯйи мазор шитофт.

Дар миёнҷойи дара сарбозони дар паси пушта гузоштаи мингбошӣ ба онҳо аз туфангҳои худ рӯ ба рӯ оташ кушоданд. Чанде аз шӯришгарон тир хӯрда аз сари зинҳо париданд, бо вуҷуди ин Саидалӣ наистода ба болои тирандозон тохта, онҳоро пахш карда, ду–се нафарашонро бо шамшер ва таёқҳо зада ғалтонда пеш рафт.

Одамони Восеъ ва сарбозони Кулӯх мингбошӣ тӯда–тӯда дар чандин ҷой саргарми задухӯрд буданд. Худи Восеъ бо мингбошӣ шамшерзанӣ мекард.

Бо расидани дастаи Саидалӣ шӯришгарон қувват гирифта ба душман аз нав ҳуҷуми тезу тунд карданд, ҳатто сарбозонро ба танг оварданд, аммо мингбошӣ аз Восеъ

ҷудо шуда, майдонро дартоз давр зада бо нидоҳои «Суст набиёед! Зер кунед! Кӯбед!» ҷанговаронашро далер намуда, худро аз нав бо шиддату ҳайбат ба болои тӯдаи шӯришгарон афканда буд, ки ҷанговарони ӯ боз бо тамоми қувват ҳамлаовар шуданд. Аз фишори онҳо шӯришгарони ҷангнокардаву машқнодида кам–кам бо гурӯҳҳои парешон ақиб менишастанд.

Дар ҳамин вақт ба ногоҳ дар пушти сари сарбозон ҳаёҳуе баланд гардид, баъд як гурӯҳ саворони таёқдор пайдо шуда ба сарбозон аз ақиб ҳамлаи шадиде намуданд. Инҳо саворони Абдуқодири шаҳид буданд, ки онҳоро Ризо аз ҷониби Чаган ба Мазори Додарак оварда буд.

Аз ақиб зарбаи ногаҳонӣ задани онҳо сарбозонро саросема карда монд. Саворони Восеъ ва Саидалӣ боз далер шуда ба ҳуҷум гузаштанд.

Дар ин асно воқеае рӯй дод, ки ҳам барои сарбозон ва ҳам барои шӯришгарон тамоман ғайри чашмдошт буд. Нохост дар болои як харсанги калон марди пиёдае пайдо шуда, бо қундоқи милтиқ кашидаву кушода ба сари як нафар савор зад. Савор чаппа шуда аз асп ғалтид. Марди пиёда Юсуфи мерган буд ва савори зарб хӯрда – Кулӯх мингбошӣ. Юсуф яке аз он ду мергане буд, ки Восеъ онҳоро дар шинаки болои дунгӣ нишонда, дар вақти ба дара дохил шудани сарбозон ба болои онҳо тирандозӣ карданро фармуда буд.

Чунонки Юсуф ва шарики ӯ баъди ҷанг ба Восеъ нақл карданд, онҳо дар вақти муайянӣ ҳар қадар кӯшиш кунанд ҳам, на борути туфанги шикорӣ оташ гирифтааст ва на тири милтиқи Бердан: аз афти кор, ба мили туфангҳо регу хок рехта ва ё борут тар шуда будааст. Баъд мерганҳо аз дунгӣ фуромада дар паси пуштаҳо ва харсангҳо пинҳон шуда – пинҳон шуда (то ки дар таги пойи аспҳо намонанд!), худашонро ба наздики мазор – ба ҷойи ҷанг мерасонанд. Чун фурсати мусоиде даст медиҳад, Юсуф аз болои харсанг ба мингбошӣ зарбаи ҳалокатовар мезанад.

Сарбозон баъди ҳалок шудани саркардаашон ба ҳамлаи тунди шӯришгарон, ки ба шумора ду баробар зиёд буданд, тоб наёварда ҳазимат карданд. Кушташудагон ва захмдорони онҳо дар болои сангу пуштаҳои дара монданд. Саворони Восеъ ва Саидалӣ душмани ҳазиматкардаро то поёни деҳаи Чорбоғ таъқиб намуда ақиб гаштанд. Онҳо дар майдони ҷанг аслиҳа ва аспҳои шонздаҳ нафар сарбози захмӣ ва кушташударо, аз он ҷумла аспи мингбоширо ғанимат гирифтанд.

Қурбонҳои худро шумурданд, маълум шуд, ки сенздаҳ нафар шӯришгар ҳалок ва понздаҳ нафар захмдор шуда будаанд...

## БОБИ БИСТУ ЧОРУМ

Амирони Бухоро дар кишвари маҳкуми худ турфа қоидаҳое муқаррар карда буданд. Аз ин қоидаҳо яке он буд, ки ҳокимони вилоятҳо бе рухсати амир ҳақ надоштанд, аз қаламрави худ берун бароянд. Ҳокиме бо ҳокими ҳамсоя дар мавриди зарурӣ ҳам мулоқот карда наметавонист. Амир бо ин тариқ аз эҳтимоли забон як кардан ва иттифоқ бастани ҳокимон бар зидди худаш пешгирӣ карданӣ мешуд. Аз ин қоида ҳокими Ҳисор Остонақул қушбегӣ ҳам мустасно набуд, агарчи вай сари мирон ё худ бекҳои Бухорои Шарқӣ ҳисоб меёфт.

Ва ҳол он ки боздид кардани ӯ бо мири Балҷувон Мирзоакрами мирохӯр ниҳоят зарур буд. Ин заруратро воқеаҳои дар қаламрави худи қушбегӣ рӯй додаистода пеш оварда буданд. Хабари шӯриши фуқарои Балҷувон дар атрофу акноф овоза ва номи Восеъ вирди забонҳо мегардид.

«Дар Ховалинг деҳқонон закотчии амирро куштаанд, хироҷу закот намедиҳем гуфта, қиём кардаанд, сардорашон Восеъ ном як марди баҳодур будааст, ҳоким бо

вай ҳеҷ коре карда наметавонистааст». Ин овозаҳо дар байни аҳолии деҳоти Ҳисор низ ҳаяҷоне падид оварда буданд. Ҷанҷолу мунокиша, занозании аҳолӣ бо омилони хироҷу закот то рафт қувват мегирифт, ҳатто дар баъзе кӯҳу дараҳо дастаҳои «роҳзан»–и деҳқонон пайдо шуда буданд.

Остонақули сахтгир ба деҳу деҳкадаҳо сарбоз баровард, чандин саркашу ёғиҳоро дастгир карда оварда ба зиндон андохт, чӯбу дарра занонд, чандеро дар Регистони Ҳисор кушонд, ба дор кашонд, аммо бо ин ҳама ғалаёни аҳолӣ паст намешуд. Остонақул агарчи марди сангин ва ботамкине буд, ки ба ҳар бод аз ҷой намеҷунбид ва шӯру балвоҳои фуқаро ҳам барои ҳокими собиқи Шаҳрисабз чизи наве набуданд, аммо бо вуҷуди ин як воқеа хотири ӯро парешон карда монд. Воқеа ин ки миршаби Ҳисор дарвешеро ба ҳабс гирифт: дарвеш дар бозорҳо гашта ба мардум чунин хитоб мекардааст: «Ҳой халқ, тарсу набошед! Мардонагӣ кунед! Ба зулм тан надиҳед! Оё дар байни шумо мисли Восеъ ягон баҳодуре нест, ки қиём карда, ба фақирон сардор шуда манғитҳои золимро бизанад?!» Вақте ки одамони миршаб дар бозори Ҳисор ин дарвешро боздошт мекунанд, издиҳом ғавғо бардошта вайро халос карданӣ мешавад.

Мирзоакрами мирохӯр дар номаҳои ба Бухоро ва Ҳисор фиристодааш Восеъ ва ёрони ӯро «як мушт дуздон, фитнаангезон, иғвопешагон» ба қалам дода, ба зудӣ дастгир ва несту нобуд карда шудани онҳоро ваъда карда, ҳукумати амир ва қушбегиро осудахотир намуда буд. Чун бек, бо вуҷуди шӯру ошӯби дар байни аҳолии вилояташ бархоста, дар ҷамъоварии андозҳо кӯтоҳӣ накарда, онро ба миқдори лозима ба хазинаи давлат супорида меистод ва ба замми он дар сари ҳар моҳ ба амир ва қушбегӣ пешкашҳои гаронбаҳо мефиристод, онҳо ваҷҳи балвои аҳолиро аз вай он қадар бозпурс ҳам намекарданд. Аммо акнун хатари ба вилоятҳои дигар ҳам паҳн шудани шӯру балво

пайдо шуда буд. Остонақул инро медид ва ҳис мекард. Ғайр аз ин баъзе аломатҳо гувоҳӣ медоданд, ки рақибони бухороии Остонақул ҳам ба ҷунбиш омадаанд, онҳо ҳаракат доранд, ки шӯру балвоҳои дар Бухорои Шарқӣ рӯй додаистодаро ба ноуҳдабароии ҳокими Ҳисор ҳамл намуда, вайро дар чашми амир бад кунанд. Ҷосусони махфии Шоҳмуҳаммад қушбегӣ ва Муҳаммадшариф девонбегӣ аз шӯру балвоҳои деҳқонон, аз рафтору кирдорҳои ҳокими Ҳисор хабаркашӣ мекарданд. Остонақул ба воситаи одамони худ мактуби махфии ба номи Шоҳмуҳаммад қушбегӣ навиштаи яке аз ҷосусони номаълуми вайро ба даст афтонда буд, дар он мактуб гуфта мешуд, ки ҳоким аз мири Балҷувон ришваҳои калон гирифта, айбҳои мирро рӯпӯш менамояд...

Бинобар ҳамаи инҳо, Остонақул қарор дод, ки ҳарчӣ зудтар, аз ғайри иҷозати амир, – зеро барои гирифтани «иҷозати олӣ» камаш ду ҳафта вақт лозим буд, – Мирзоакрами мирохӯрро шахсан дида, аз номи амир ва аз ҷониби худаш вайро аз ваҷҳи то алҳол зер карда нашудани шӯриши Восеъ бозпурс намояд.

Вай аз маҳрамони худ якеро ба Балҷувон фиристода таъин кард, ки бек фалон рӯз дар вақти намози пешин бо баҳонаи шикор дар Норак ҳозир шавад. Деҳи Норак дар соҳили Вахш – сарҳади ду вилоят воқеъ шудааст: агар ҳокимон дар ин ҷо мулоқот кунанд, ҳеҷ кадомашон аз ҳудуди вилояти худ таҷовуз накардааст ва агар ҷосусони махфии амир ё вазир аз ин мулоқот ба доруссалтана хабар кашанд ва амир эзоҳ пурсад, Остонақул ба вай хоҳад навишт ки мулоқоти ӯ бо амир тасодуфан дар вақти шикор иттифоқ афтод ва дуяшон бо ҳам дар Норак намози пешин хонданд вассалом.

Қушбегӣ бо сӣ нафар навкару ҷилавмерганҳои худ, бо туфангҳо ва бозҳои шикорӣ ба роҳ баромад. Барои намуд ду рӯз дар дашту теппаҳои байни Кофарниҳон ва Вахш ба шикори рӯбоҳ, кабк ва мурғони даштӣ машғул гардид ва

рӯзи сеюм ба Норак расида, дар соҳили баландии Вахш хайма зад.

Наздики пешин дар соҳили чап Мирзоакрами мирохӯр ҳам бо даҳ–дувоздаҳ нафар ҳамрикоби савори худ пайдо шуда, аз пули сангини Норак гузашта омад. Аз навкарони мир яке духтараки чордаҳ–понздаҳсолаеро, дигаре писарбачаи аз вай хурдтареро ба ақибаш савор карда оварда буд. Онҳоро аз хаймаи қушбегӣ дуртар пиёда карданд. Чун қушбегӣ дар вақти вохӯрдӣ карданаш бо мир ба тарафи бачаҳо назари саволомезе афканд, Мирзоакрамбой дасти адаб ба пеш гирифта гуфт:

– Ғуломашон инҳоро ба ҳазратам як савғотии оҷизона овардам. Инҳоро дар як деҳа падарашон ба ушр ва закот баҳо карда дода буд.

Ба болои ин «савғотӣ» вай ба қушбегӣ боз як аспи сиёҳтуруқ бо зину абзоли гаронбаҳо оварда буд. Бек аз ногаҳон даъват кардани худаш ба назди Остонақул тарсида буд, медонист, ки ноиби ҷаноби олӣ ӯро аз боиси кушта шудани закотчии амир, ошӯби фуқаро ва қиёми Восеъ ба тоб хоҳад гирифт, бинобар ин мехост ба воситаи ин пешкашҳои зинда дами ғазаби эҳтимолии мавлояшро кунд кунад.

Остонақул ба пешкашҳои зиндаи бек эътино накард, нагуфт, ки оё онҳоро қабул мекунад ё намекунад. Дам назада офтобаи биринҷиро, ки пешхизмат об пур карда оварда буд, гирифта ба пушти харсанг гузошта таҳорат ба ҷо овард. Аён буд, ки вай аз Мирзоакрамбой хафа ва малол аст. Бек ҳайрон шуд, ҳаросида монд. Вай ҳам аз соҳили баланд бо обраҳаи хушк ба лаби об фуромада таҳорат кард ва пас зуд дар паҳлуи хайма ба ақиби Остонақул истода, футаи худро ба ҷойи ҷойнамоз паҳн карда бо ҳамроҳии мулозимони дигараш ҳамчунин ба хондани намози пешин шурӯъ кард.

Бӯйи иштиҳоангези кабоб ба димоғҳо мезад – навкарони қушбегӣ дар оташи гулханҳо гӯшти оҳу, кабк, мурғони

даштиро кабоб мекарданд. Духтару писари ғарибро дар канортар, ҷое, ки як тӯда зини аспҳо гузошта шуда буд, шинонда монданд, навкаре ба дасти ҳар якешон яктоӣ ду-то нон дод.

Дар хаймаи калон ҳокимҳо ду ба ду нишаста сари гуфтугузорро боз карданд.

– Гап занед, мирохӯр, сабаб чист, ки то ба ҳол қотилони закотчиро дастгир накардаед?

Остонақул дар ҳолате, ки дар пешгоҳи хайма чорзону нишаста буд ва тасбеҳи ёқутии худро мегардонд, нигоҳи чашмони аз чанги роҳ сурхшудаи худро ҳамчун ду дурафши тез ба чашмони Мирзоакрамбой халонд. Бек сархаму фармонбардор, дар тарафи рости вай зону зада менишаст. Вай бе шитоб ба сухан даромада он чиро ки пештар дар номаи ба амир ва қушбегӣ фиристодааш «арзи бандагӣ» намуда буд, такрор кард. Яъне марде «шарир, бебок, роҳзан», Абдувосеъ ном, як даста мисли худаш duздон ва одамкушонро ба гирдаш ғун карда қишлоқҳоро тохта гаштааст. Кулӯх мингбошӣ вайро дар кӯҳу дараҳо даме дар як ҷо қарор гирифтан намонда, таъқиб менамояд. Мингбошӣ аз шарикон ва тарафдорони Восеъ аллакай бисту чанд нафарашонро дастгир кардааст, ки онҳо дар зиндони Балҷувон мебошанд. Агар фармони олӣ содир шавад, ё ҷаноби қушбегӣ фармоянд, бандиҳо ба Бухоро ё ки ба Ҳисор фиристода хоҳанд шуд. Аммо ба ақидаи бек, беҳтар он аст, ки барои дар худи Балҷувон онҳоро «тасаддуқи сари муборакп ҷаноби олӣ» кардан иҷозат дода шавад. «Ин ғуломи ризоҷӯй» – Мирзоакрами мирохӯр камари бандагии ҷаноби олӣ ва ҷаноби қушбегиро маҳкам ба миён баста, шабу рӯз дар адои хизмат кӯшо ва соъӣ[1] мебошад. Ба худи ҷаноби қушбегӣ маълум аст, ки бо вуҷуди фасоду фитнаи Восеъ ва амсоли вай ба ками илоҳӣ ва лутфу меҳрубонии ҷаноби олӣ ва ҷаноби қушбегӣ, дар

[1] Соъй – саъйкунанда.

ҷамъоварии хироҷу закот то алвақт нуқсоне рӯй надодааст. Бигузор хотири муборакии ҷаноби олӣ ва ҷаноби қушбегӣ осуда бошад: иншоаллоҳ ғуломашон Кулӯх мингбошӣ пагоҳ–фардо Восеъ ва ёронашро дастгир карда ё кушта, оташи фитнаю фасодро ба куллӣ хомӯш хоҳад кард.

– Ин Восеъ худаш кист, аз куҷо? – пурсид Остонақул.

– Одами тагҷой, тақсир. – Бек андак сукут карда, рӯмоли ба миён бастаашро кушода, арақи рӯй ва гарданашро пок кард, зеро хайма агарчи дар сояи дарахт истода бошад ҳам, ҳаво ниҳоят гарм ва дам ки буд, ҳам вай ва ҳам ҳарифаш арақшор гашта буданд. – Як нафар ҷувозкаш будааст. Аз деҳаи Дараи Мухтор. Бадбахтро ман мешинохтам: порсол, вақте ки ман аз Қубодиён ба Бухоро мерафтам, вай ҳам ба коре ба Шаҳрисабз сафарӣ будааст, ман вайро ба саисӣ киро карда будам.

– Ба Шаҳрисабз бо чӣ коре мерафт?

– Бародараш дар он ҷо бо чӣ гуноҳе ба зиндон ғалтида будааст, лаънатӣ барои аз вай хабар гирифтан рафта истода будааст.

Остонақул як лаҳза аз тасбеҳгардонӣ боз истода ба пойгаҳ чашм дӯхт. Вай чизеро ба хотир меоварД.

– Он кадом вақт буд? Баҳор буд?

– Бале, тақсир, порина дар охири баҳор.

«Оё ин ҳамон кӯҳистонии мӯкипӯше нест, ки дар Қаршӣ бо он ҷасорату густохӣ маро аз роҳ боздошта аз ҳабси бародараш шикоят карда буд?» – ба дил гузаронд Остонақул. Вай боз ба Мирзоакрамбой рӯй овард:

– Бо шумо то куҷо рафта буд?

– То Қаршӣ, тақсир. Дар он ҷо ман вайро ҷавоб дода будам. Дар ин вақт шумо ҳам ба хизмати ҷаноби олӣ аз Шаҳрисабз ба Қаршӣ ташриф фармуда будаед, ин Восеъ хабардор шуда, шуморо дида, аз ваҷҳи бародари зиндониаш арз карданӣ буд.

Акнун Остонақул яқин кард, ки ин ҳамон кӯҳистонист. Хира–хира афту андоми ӯро ҳам ба ёд овард. Марди тануманде, бо китфу бозуе, ришсиёҳе, чашмкалоне, барқнигоҳе... «Вай чӣ тавр ҷасурона ба миёни роҳ баромад, чӣ тавр ба навкарон муқовамат кард, ки чанд нафари онҳо вайро боздошта натавонистанд–а! Бо ман далерона, бе таъзиму тавозӯъ гап зада буд... Ана акнун вай пешвои шӯриш, сари саркашҳо, ёғию тоғиҳо, душмани хавфнок! Чӣ ҷойи тааҷҷуб! Бек як дастаи дуздон, қотилон мегӯяд, дурӯғ мегӯяд. Ва медонад, ки дурӯғ гуфтанаш ба ман маълум аст. Ҷосусонам ба ман: Восеъ дар саросари дараҳо ҷамъи фуқаро ва тамоми авомунносро ба шӯришу исён хезондааст, гуфта менависанд. Мингбошӣ бо панҷоҳ сарбози мусаллаҳ ин қадар вақт аз дунболи як дастаи дуздону қотилон намегардад! Воқеа калонтар ва хавфноктар аз он аст, ки бек ба қалам медиҳад». Аммо Остонақул ин андешаҳои худро ба ҳарифаш изҳор накард. Ҷавоби Мирзоакрамбой ба саволи баъдинаи ӯ: «Чаро ба таъқиб ва боздошти Восеъ сарбозони худат, саркардаат Давлат қаравулбегиро набаровардӣ?» – ҷавоби бек ба ин савол фикри Остонақулро дар бораи вусъати шӯриш тасдиқ карданд:

– Қалъа ва шаҳри Балҷувонро бе сарбоз мондан, дарвоқеъ, бехатар набуд, тақсир, – гуфт бек. – Гирду атроф аз мардуми балвогар, дузд, қотил, роҳзан холӣ нест. Андешамандам, ки мабодо онҳо «хонаро хилват ёфта» ҳуҷум оваранд, даст ба қатлу ғорат зананд.

Пешхизматон ба хайма кабоб ва нон оварданд. Дақиқае чанд дар сари таом ба хомӯшӣ гузашт. Баъд Мирзоакрамбой риштаи буридашудаи суханро пайванд карда, бо лабханди тамасхуромез нақл намуд, ки Восеъ аз мингбошӣ гурехта дара ба дара ва деҳа ба деҳа гашта, ба мардум мегуфтааст, ки таёқҳои дарозу маҳкам таҳия кунанд ва шабҳо ба кӯҳи Сурсақова чашм дӯзанд: ҳар гоҳ, ки дар

тори он кӯҳ гулхан диданд, таёқҳоро бардошта, баромада дар он ҷо ҳозир шаванд, вай онҳоро ба болои Балҷувон мебарад, Балҷувонро мегирад.

– Во аҷабо! – хандид бек. – Дағдағаи ин дузд, ин қотилро бинед, ки мехоҳад ба таёқ қалъаи Балҷувонро зада гирад!

Бек боз изҳори умедворӣ карда ва ба қушбегӣ боварӣ дод, ки Худо хоҳад вай ба зудӣ оташи фитнаю фасодро бо дами шамшери Кулӯх мингбошии далер фурӯ хоҳад нишод...

Дар ин дам маҳрами қушбегӣ даромада сухани бекро қатъ кард:

– Аз Балҷувон чопар омадааст, ба ҷаноби бек гап дорам мегӯям.

Ба хайма як нафар даҳбошии лаванди шоффбурути сурхчашми чанголуд дохил шуд. Вай ба Мирзоакрамбой шинос буд, як ҳафта пеш вайро бо шаш сарбоз ба дастаи Кулӯх мингбошӣ ҳамроҳ карда фиристода буд.

– Ҷаноби бек, мо дина шаб дар болои Чорбоғ қати Восеъ ҷанг хӯрдем, – дар пойгаҳ истода бо ҷуссаи калонаш рӯшноиро панаҳ карда ба арз расонд даҳбошӣ, – шӯришгарон бисёр буданд, мо кам. Мингбошӣ кушта шуданд... Маро Давлат қаравулбегӣ фиристонданд, «ҷаноби бекро дар Норак меёбӣ» гуфтанд.

Бек аз гӯянда чашм наканда дасташро ба дастархон беихтиёрона молида пок кард – хӯрок дигар аз гулӯи ӯ намегузашт. Дар ҷойи нишастааш шах шуда монд.

– Восеъ чӣ, Восеъ? Вайро даст гирифтед, нест кардед ё не? – боз ба забон омада қариб фарёд кашид мирохӯри ҳоким.

– Мо... кам будем, душман бисёр... – бо забони гирифта такрор кард чопар. – Аз мо даҳ–понздаҳ кас маиб шуд ё кушта шуд... Шаб торик буд.

– Ман аз ту Восеъро мепурсам, лаънатӣ, Восеъ чӣ шуд? Гурехт? Халос шуд?

– Ман... намедонам, ҷаноби бек, шаб торик буд, – чопар ба замин нигоҳ кард.

«Надонистан»–и вай ба бек ва қушбегӣ он чиро, ки донистанашон лозим буд, донond: бешак, мингбошӣ на фақат кушта, балки дастааш ҳам торумор шудааст.

«Омад ба сарам аз он чи метарсидам» – ба дил гузаронд бек.

Қушбегӣ ба вай бо як навъ ришханди заҳролуд нигоҳ мекард. Ин нигоҳ ба бек асари теғи ба гулӯ мондашудаеро дошт. Остонақул ришхандро ба кароҳати назар бадал карда аз қосид пурсид: – Тарсидед? Гурехтед? Майдон ба Восеъ монд?

Даҳбошӣ аз тарс ва шарм баданаш арақи сард бароварd, забонаш лол гашт. Ҳамин қадар гуфта тавонист, ки:

– Онҳо... душман... аз мо як даҳ маротиб зиёд буданд... Остонақул ба вай бо тасбеҳаш ишора кард, ки: бирав! дур шав!

Даҳбошӣ саросемавор таъзим карда пуштнокӣ аз хайма баромад. Дар хомӯшие, ки баъд аз баромадани вай ба миён омад, Мирзоакрамбой худро ҳамчун маҳкуми қатл ҳис мекард. Чиқ–чиқи муҳраҳои тасбеҳи Остонақул ба гӯшаш ҳамчун кордкайроқкунии ҷаллод мерасид.

– Тақсир, ман ин пешомади шумро ҳаргиз чашм надоштам, – ниҳоят боз ба забон омада, бо овози шафқатталабона гуфт вай. – Дар назди ҷаноби олӣ ва шумо рӯсиёҳ шудам. Муқассирам, мустаҳиқи итобам. Ҳар уқубате, ки дар ҳаққи ин ғуломи бахтбаргашта раво бинанд, мепазирам. Аммо агар ба карами банданавозӣ ин дафъа аз гуноҳам гузаранд, – сари дастархонатон нишастам, ба ҳамин нону намакатон қасам, ки аз ин ҷо ки баргаштам, худам биззот ба болои он малъунҳо баромада, то ҳамаашонро аз дами теғ нагузаронам, сардорҳошонро даст баста ба даргоҳи шумо нафиристонам, ба қалъа барнагардам.

Остонақул ба сукути дуру дарозе рафт. Аз ҳодисаи рӯйдода кудурате ба дилаш ворид шуда бошад ҳам, вай ба ин воқеа бекро чандон гунаҳгор намедонист. Фақат ҳамин қадар дорад, ки бек чи андоза саркаш, ғаюр ва густох будани кӯҳистониҳоро ҳанӯз ба таври бояду шояд нафаҳмидааст. Шояд акнун чашмаш кушода шуда бошад ва аз ин баъд тадбирҳои пухтаву оқилона андешад.

Мирохӯр мунтазир буд, ки қушбегӣ чӣ мегӯяд, чӣ ҳукме мекунад.

– Маълум мешавад, ки дар маъракаи мингбошии шумо Восеъ зафар ёфт? – пурсид Остонақул.

– Зафар? Гумон намекунам, тақсир. Восеъ ин дафъа ҳам ҷангу гурез карда, ҷон ба саломат бурдааст, вассалом.

– Не, мирохӯр, шаҳид шудани мингбошӣ алҳақ зафари шӯришгарон аст. Акнун онҳо далертар шуданд. Ба Восеъ боз балвогарони бисёре мепайванданд. Дар ҷанг ҳар як ғалабаи хурд ҳам ғурур ва дағдағаи ғолибро зиёд мекунад, вайро ба васваса меандозад. Акнун Восеъ ба ин зудӣ дар Сурсақова гулхани ваъдагиашро даргиронда, қасди ҳуҷум ба Балҷувон кунад ҳам аҷаб не. Аммо... майлаш, монед ҳуҷум кунанд.

– Ҳуҷум кунад? – гашта пурсид бек. – Ин яъне чӣ, тақсир?

Остонақул аз афти кор ба худ қарор дод, ки муддаояшро бо мисол нағзтар фаҳмонда метавонад. Вай чунин нақле сар кард.

– Амири марҳум дар санаи ҳазору дусаду ҳаштоду ҳафт[1], баъд аз фатҳи Шаҳрисабз ва Китоби Афросиёб, ба тарафи Шеробод ва Ҳисори Шодмон лашкар кашиданд. Фақир ҳам дар рикоби олӣ будам. Ҳисор ба тасарруф даромада буд, аммо дар ақиб – дар атрофи Бойсун ва Деҳи

[1] Соли 1870 милодӣ.

Нав фуқароҳо шӯрида, аз сарбозони шикастхӯрдаи шерободӣ ва ҳисорӣ ҷамъе ба шӯришгарон пайваста, бо нияти қатлу ғорат якзайл ба Бойсун ҳуҷум мекарданд. Ҷаноби олӣ ба фақир амр карданд, ки: бирав, шӯришгаронро ба сазову ясо бирасон. Фақир бо ҳазор нафар сарбоз ба он ҷониб юруш карда, дар қалъаи Бойсун ӯрду зада, дар садади дастгир ва парешон кардани шӯришгарон шудам. Чандин бор ба атрофу акноф баромада, аҳолии қишлоқҳои шӯридаро қатли ом ва тороҷ кардем, лекин шӯриш паст нашуд, шӯришгарон даста–даста дар камари кӯҳу дараҳо такопӯ карда, ҳеҷ дум ба даст намедоданд. Фақир дидам, ки аз таъқибу думболагирии онҳо суде нест, зеро он ҷоҳо барои шӯришгарон ҳукми хонаи худиро дорад, онҳо ба завоёву хабоёи[2] хонаашон баладанд ва мо нобалад, бинобар ин ба Бойсун баргашта таваққуф кардам ва як пагоҳ лашкарро аз қалъа бароварда ба тарафи Ҳисор равон шудам, барои муҳофизати шаҳр фақат сӣ нафар сарбоз гузоштам. Медонистам, ки ҷосусҳои шӯришгарон онҳоро аз қазия огоҳ хоҳанд кард. Фақир аз шаҳр ду фарсах ба роҳи Ҳисор рафта, дар кӯҳсор бозистодам. Дар Бойсун ва деҳоти атрофи он ҷосусҳо монда будам, онҳо шаб ба фақир хабар оварда буданд, ки шӯришгарон дар бомдод шаҳрро пахш карданианд. Филфавр лашкарро ба се даста тақсим карда, шабона сиррӣ ақиб гашта дар нимфарсахии шаҳр дар боғот ва сойҳо ба камин нишастам. Дар бомдод издиҳоми шӯришгарон пайдо шуда, дар ҳақиқат шаҳрро ба муҳосира андохтанд ва дар ду–се ҷой рахна карда ба он даромаданд. Он гоҳ ба дастаҳо фармон дода шуд – аз се тараф ба шаҳр ҳамла оварданд. Роҳҳои гурези шӯришгарон баста шуда буд ва агар гурезанд ҳам, дур гурехта наметавонистанд. Дар як–ду соат чорсад–

[2] Завоёву хабоё – кунҷакҳо ва дигар ҷоҳои пинҳонӣ.

панҷсад нафари онҳо дар кӯю кӯчаҳои шаҳр кушта ё маҷруҳ шуданд, боқимондаашон амон хостанд. Бо ҳамин, шӯришу балво ба як бор хотима ёфт... – Остонақул ҳикояташро қатъ карда ба ҳариф андаке фурсат дод, ки ин ҳикояро «ҳазм» намояд, баъд аз он гуфт: – Ҷое, ки кори душман ба силоҳ саранҷом намеёбад, ҳилаву тадбир лозим... Гап ҳамин, мирохӯр. Омин Аллоҳу акбар. – Қушбегӣ ба аломати тамом шудани машварат даст ба рӯй кашид. – Аз рафти кор фақирро хабардор карда истед. Агар лозим шавад, фақир ягон саркардаро бо як даста сарбоз ба мадади шумо мефиристонам.

Бек баромада бо шитоб ба тарафи Балҷувон саворӣ намуд. Аз паси вай ҳамроҳонаш ба роҳ афтоданд. Духтару писари «савғотӣ» ва аспи сиёҳтуруқ монданд.

Маҳрамбошии ришкалон ба хайма даромада аз Остонақул пурсид:

– Дар ваҷҳи тортуқи[1] бек чӣ мефармуда бошанд..?

– Худат медонӣ, – ҷавоб дод ҳоким.

Маънии «худат медонӣ» ин буд ки: «тортуқҳоро» – эҳтиёт карда ба қароргоҳи ҳоким бирасон. Қароргоҳи тобистонии худро вай дар Қаратоғи шодоби хушҳаво сохта буд...

[1] Тортуқ – пешкаш.

## БОБИ БИСТУ ПАНҶУМ

Он рӯзро халқи кӯҳистони Балҷувон рӯзи ғазот номид. Баъдҳо мардум солиёни дароз вақтро аз ҳамон рӯз шумор гирифта, санаи воқеаҳои ҳаёташонро муайян хоҳанд кард...

Субҳи содиқ дамида буд. Дар дуродур кӯҳи Чилдухтарон – кӯҳи қалъамонанди қасрнаво, кунгурадор, бурҷу борадор, ҳамчун тавораи баланду сиёҳе, як пораи калони уфуқро панаҳ мекунад. Офтоб ҳанӯз аз пушти он тавораи табиӣ рухи сӯзони худро нанамуда, фақат домани ховарии фалакро андаке рангин кардааст. Чеҳраи осмон хира, қаҳролуд. Кӯҳҳои дури атроф ба назар мисли сояҳои ким–кадом ҳайвонҳои бузургпайкаре менамоянд, ки бар рӯйи қулзуми рахшони уфуқ афтода бошанд. Қабат–қабат талҳои ба ҳам часпида галаи зичи филон, уштурон, говони хобидаро мемонанд, ки инак ҳамин замон бо тулӯи офтоб ба по хеста, ҳамаро пахшу помол карда ба сӯйи обхӯраву чарогоҳҳои худ ҳаракат менамоянд. Сукути саҳаргоҳӣ гӯё омехтаи ким–чӣ гуна қаҳру ситезест ва дар ин сукут ғавғои якзайлии наҳру шаршараҳои кӯҳистон ҳамчун садои шӯру ғазабе ба гӯш мерасад. Ин пагоҳ дар ҳавои тирагун фароштурукҳо, гунҷишкҳои саҳархез ҳам гӯё бо шитобу ҷадали бештаре парафшонӣ мекунад ва чаҳ–чаҳи онҳо як навъ хатаромез ба гӯш мерасад.

Дар тори Сурсақова тарошаҳои гулхани шабона ҳанӯз месӯзанд. Дигар гулханҳои хурд–хурди тамоми шаб даргирифтаи шӯришгарон ҳам дар бару домани кӯҳ, гирду пеши деҳа ва дар бағали дараи зери деҳа ҳанӯз дуд мекунанд...

Издиҳоми шӯришгарон аз фарозу нишеб ба дара сарозер мешавад. Онҳо аз қафои саркардаи савори худ бо шитобу ҷадал мераванд. Саркарда саллаи сурх бар сар, чакмани сафед дар тан, шамшер дар миён, пешопеши дастаи саворон асп меронад.

Аз саворон ақибтар – як дастаи хурди пиёдаҳои бо туфангҳои пилтагӣ мусаллаҳшуда ва аз паси инҳо пиёдаҳои дигар – беш аз ҳазор нафар деҳқону чӯпонҳо, таёқу шоҳиҳо ва сиёҳкамонҳои бобоӣ дар даст, роҳ мепаймоянд. Пайраҳа ва обраҳаҳо, сангобҳо, кӯталҳо пури одам. Дар санглоххо тақар–тақари суми аспон ба ҳаво мепечад. Балҷувон дур аст, аммо ин мардум, ин лашкари ғазабҷӯши сафнаороста ва бе либосу нишонҳои низомӣ масофа намешуморад, вай тайёр аст аз паси саркардаи худ то «Кӯҳи Қоф» равад.

Восеъ ба роҳи нимдавраи Хам – Устосафарӣ – Дашти Ёвон – Чорбоғ равон шуд. Дар ин тараф деҳу деҳаки бисёре ҳаст, халқи онҳоро ба шӯриш хезондан лозим. Воқеан ҳам дар саросари роҳ ба Восеъ шӯришгарони нав ба нав ҳамроҳ мешуданд. Дар қишлоқе агар якто–нимто мардони солим набароянду аз шӯриш канораҷӯӣ кунанд, дигар ҳамқишлоқиҳошон онҳоро бо зӯрӣ бароварда пешандоз карда мебурданд. Овози суруди шӯришгарон аз кӯҳу кутал акси садо ёфта ба дараҳо ғулғула меандохт:

*Восеъ, ғазост имрӯз,*
*Ҷон мубталост имрӯз.*
*Ғавғои рӯзи машҳар,*
*Бар фуқарост имрӯз.*

Онҳо дар деҳи Устосафарӣ, ки дар баландии барҳавое воқеъ шуда боғу мевазор ва токзорҳои хушсамар дошт, истода як ду соат дам гирифтанд. Восеъ бо Саидалӣ ва Нозим дар сояи тути калони сари чашма нишаста буд, ба ногоҳ чор деҳотӣ як марди побараҳнаро пешандоз карда ба назди вай оварданд.

Восеъ, ина Сангалира овардем. Дар камари кӯҳ ёфта қапидемаш.

Мардак ҳақиқатан язнаи Восеъ – Сангалӣ буд. Дирӯз бегоҳӣ аз деҳаи Камолӣ ба Сурсақова ба назди Восеъ

хоҳараш Фотима омада шикоят карда буд, ки шавҳараш аз хона ғоиб шуд. «Язнаат метарсид, ки одамони ту ӯро бо зӯрӣ ба ғазо мебаранд, номард гурехт, пинҳон шуд. Маро дар пеши мардум шарманда кард, рӯсиёҳ кард. Занон: шӯҳои мо ба ғазо мераванд, шӯйи ту куҷост? Эҳтимол, худи ту ӯро пинҳон карда бошӣ! – гуфта ба ман таъна зада истодаанд. Ту фармой, ӯро кофта ёбанд». Восеъ ба деҳқонон фармуда буд, ки Сангалиро, агар дар ягон ҷо дида монанд, ба наздаш биёранд.

Ҳозир шӯришгарон ба Восеъ ва Сангалӣ назари кунҷковӣ дӯхта буданд – мехостанд бубинанд, ки саркардаашон, мирашон бо язнаи худ чӣ муомилае мекарда бошад.

Восеъ ба вай нафратомез нигоҳ карда истода пурсид:

– Тарсидӣ?

– Ҳо, тарсидам, – бо рӯйнатании ситезаомез гуфт Сангалӣ. – Чаро натарсам, ки сари ту ҳавои мирӣ гирифтааст, хуни фақирон ба ту арзон шудааст. Охир, ту ғазо гуфта, халқонро ба мурдан бурда истодаӣ! Ҳокиму амир лашкар доранд, тӯпу туфанг доранд, ту чӣ дорӣ? Таёқ! Лашкарат ку? Лашкарат ҳамин бечораҳои сарлучу пойлучанд? Аз дасти инҳо чӣ меояд? Ба Худо, ки ту сари инҳоро ҳам, сари худатро ҳам барбод медиҳӣ!..

Восеъ офтобаи сафолинро, ки дар он Ризо барояш оби чашма оварда буд, дар дасташ нигоҳ медошт, ки об нӯшад, баъди шунидани суханони фитнаангези язнааш офтобаро ба замин гузошт. Дар пешонааш ду чини ғафс ҷаста баромад.

– Ман ба ту ҷавоб мегӯям, шунав! – гуфт ӯ бо овози баландтар, то ки дигарон ҳам шунаванд. – Гапҳои хом задӣ, Сангалӣ, бефаҳмита нишон додӣ! Ман мегӯям, аввал ин ки мақсади ман мир шудан нест. Фақирон маро мири ғазот, мири ҷанг хостанд. Агар Худо хоҳаду мо Балҷувонро бигирем, мири зардро аз Афғонистон фарёд мекунем, ки биёяд, дар қалъаи худаш шинад, халқонро сардорӣ

карда манғитро аз ин диёр ронад. Ӯ аз халқи худамон буд, мири одил, худотарс буд. Аммо агар халқон мири зардро нахоҳанд, каси худашон хостагиро мир мекунанд. Дигар ин ки, Сангалӣ, ту гуфтӣ – аз дасти ин фақирони таёқ ба даст чӣ меояд? Ман мегӯям, агар халқи таёқдор дар ғазо нотарс бошанд, пурдил бошанд, таёқ ҳам кори тӯпу туфангро мекунад! Ҷанги Мазори Додаракро нашунидӣ? Мингбоширо кӣ зад? Сарбозони туфангдор, шофу шамшердорро кӣ лагад кард, кушт, гурезонд? Ҳамин таёқдорон, ҳамин фақирони сарлучу пойлуч лагад карданд, куштанд, гурезонданд, аслиҳа ва аспҳои онҳоро ғанимат гирифтанд! Иншоаллоҳ, манғит шикаст мехӯрад. Аз ӯ як худи мо тоҷикон безор не, фақирони лақай, марқа, қунғурот ҳам безоранд. Ба гап не, ки Туғаи кӯлобӣ ба пеши мо омад, ваъда дод, ки «қатии шумо ман ҳам Балҷувонро лагад мекунам, ба шумо ёрӣ медиҳам». Ман мегӯям, манғит ба мисоли дузд аст, дузд аслаш тарсу мешавад; ӯ то вақте шердил аст, ки соҳиби хона бехабар бошад; соҳиби хона хабардор ки шуд, таёқро бардошта баромада нотарсона ба сари дузд ки тохт, фарёд зада ҳамсояҳоро бедор ки кард, дузд тоб намеоварад, мегурезад, ё дастгир мешавад. Ҳамин тавр не? – гуфта Восеъ ба ҳама муроҷиат кард.

Овозҳо баланд шуданд:

– Ҳамин тавр!.. Рост мегӯйӣ, Восеъ!..

– Ман мегӯям, бародарон, – бо ҳамон овози баланд хитобаташро давом дод Восеъ, – манғит дузди муттаҳами ғоратгари хунхор, ки ҳаст, номард аст, беномус аст! Бо мардони баномус рӯбарӯ ки шуд, тоб намеоварад, расво мешавад, шикаст мехӯрад!

Шӯришгарон бо ғалоғулаи ҳаяҷонангез ва хитобу нидоҳои пурғавғо сухани саркардаашонро қувват доданд:

– Шикаст мехӯрад!..

– Ҳақ гуфтӣ!..

– Дар забонат садқа!..

– Аз дили мо гап задӣ, Восеъ!..

– Ҳар чӣ гуфтӣ, аз забони мо гуфтӣ!..

– Ба Восеъ Хизр назар кардагӣ!..

– Миёнашро Ҳазрати Султон бастагӣ!..

– Қатии Хоҷа Айюби Ансор, Сайид Амири Афғонӣ, ҳазрати Хоҷа Балҷувони валӣ бастагӣ!..

Восеъ ба дилаш хандид: вай ба ёд надошт, ки боре мазорҳои ин «валӣ»–ҳоро зиёрат карда ё назру ниёзе бурда бошад (мазорҳои се «валӣ»–и аввалӣ дар наздикии Ховалинг мебошанд. Ба ростӣ арвоҳи ин «авлиёҳо» агар аз Восеъ қаҳрӣ набошанд, ба бастани миёни вай ҳам ҳеҷ ваҷҳеву асосе надоштанд).

Вай обдастаро бардошта қариб ҳамаи оби онро нӯшид ва бо фаши дарози саллааш ришу бурути худро пок карда, боз ба язнаи дармондаи мулзамаш рӯй овард:

– Ту, Сангалӣ, ба болои ана ин харсанг баро! – ногаҳон амр кард вай. – Барову бо овози баланд ба ин халқ бигӯ: «Ман номардам, беномусам! Шумо ба ҷанги золимон биравед, ман намеравам. Манғит ҳамаи буду нобудамро ба хироҷу закоти ҳаромаш бубарад, худамро ғулом, зану духтаронамро каниз кунад, ё ки ҳамаашонро аз гушнагӣ бикушад – майлаш, ман дам намезанам, чунки ору номус надорам, ору номусам, ҳамиятамро, ки аз падару бобоҳоям ба мерос гирифта будам, ба манғит арзон фурӯхтам!» Ана ҳаминро ту ҳозир ба ин фақирон мегӯйӣ, баъд ман туро рухсат медиҳам, меравӣ пайи зиндагии сагонаи худат!

Аз издиҳоми ба завқ омада хандаҳои қоҳ–қоҳ ва овозҳо баланд шуданд, ки хитобан ба Сангалӣ мегуфтанд:

– Бихез, бигӯ!

– Баро ба болои харсанг!..

– Рӯт сиёҳ!..

– Яктаҳатро бикаш, куртаи занона бипӯш!..

– Садқаи он тоқию салла шавӣ! Ба сарат рӯмол бибанд, лаънатӣ!..

* * *

Шасти Сангалӣ шикаста буд, вай дар як ҳолати тараҳҳумангез – бо сари хам истода аз замин чашм намеканд; аз рӯю гардани мисли чарми куҳна фарсудаву пурчинаш арақ мешорид.

Дар ҳамин вақт аз ҷониби Дашти Ёвон саворе намоён шуд, ки асп давонда меомад. Ин Қосим буд, аз дасти Одина ном саркардаи шӯришгарони деҳи Бачкакон, ки он дастаро Восеъ барои дидбонии роҳҳо пештар фиристода буд, омада буд. Вай хабар овард, ки роҳ бехатар аст, дидбонҳо то Оби Тира ва деҳи Хоссамоҳӣ рафта дар ҳеҷ ҷо аз сарбозон нишоне надидаанд. Одина ӯро бо ин хабар ба назди Восеъ фиристода, худаш бо дастааш дар болои деҳи Чорбоғ роҳҳоро дидбонӣ карда истодааст, – гуфт Қосим.

Восеъ додарашро боз ба назди Одина равон кард ва аспи мондашудаашро иваз карда боз бо тохти чорнаъл равон шуд.

Баъд Восеъ ҳам савор шуд, шӯришгарон боз ба роҳ афтоданд.

Сангалиро диданд, ки таёқро ёфта ба пушт карда, аз ақибтари пиёдаҳо ҳамчун саги чӯпон аз пушти рама, бо сари хам оҳиста–оҳиста омада истодааст... Офтоб ба қиём, ҳаво гарм, хоку реги роҳ ва сангҳо тафсон. Пайраҳаҳои борик одами зиёдро намеғунҷонанд – силсилаи мутаҳаррики мардум то ба ду чақрим кашол шудааст. Тӯда–тӯда пиёдаву савора дар бағали дара, дар таги шаххо, дар баландию пастиҳо равонанд, кӯфти роҳ таъсир мекунад – суръати ҳаракат торафт сусттар мешавад тӯдаҳои мардумро агар аз каноре нигаред, ҳалқаҳои занҷири канда–кандаеро ба хотир меоранд, ки ҳар «ҳалқа» дар ҷое афтодааст. Боло мехазанд, пойин мехаманд, каҷу рост мешаванд.

Шӯришгарон боз дар ду манзил истода дам гирифтанд. Ниҳоят саворон ва як қисми пиёдаҳои бақувваттар вақти хуфтан ба Чорбоғ расида қарор гирифтанд. Ақибмондагон

дертар мерасиданд, то саҳар аз ин ҷо пойи одам канда намешуд. Як қисми одамон умуман расида наомаданд, дар роҳ монданд. Дар Чорбоғ Восеъро Одина пешвоз гирифт, вай ғайр аз дидбонии роҳи Балҷувону Ховалинг боз бо ихтиёри худ вазифаи озуқағундориро ҳам ба уҳда гирифта, барои шӯришгарон аз аҳолии Чорбоғ ва қишлоқҳои наздики он асосан ба ҳисоби давлатмандон ва амалдорони гурехтагӣ як миқдор озуқа ва ему хошок низ ҷамъ карда монда буд.

Шӯришгарони мондашуда боғу роғ ва кӯю кӯчаҳои ин деҳаи калонро пур карда хоб рафтанд. Истироҳати онҳоро дидбону посбонҳои дар чандин ҷой гузошташуда муҳофизат мекарданд.

Дар бомдод Восеъ ба тарафи Балҷувон нахамида, балки лашкарашро ба роҳи Саталмуш – Ҷайракӯтал – Тути Қозӣ гардонд. Мехост дар Тути Қозӣ ӯрду занад. Вай бо чандин мулоҳиза ба ҳамин қарор омад. Аввалан, лашкари парешоншударо ҷамъ карда андаке ҳам бошад ба низом даровардан лозим буд. Сониян, ба Назир фурсат додан лозим буд, ки наздиктар биёяд: бо фармоиши Восеъ, паҳлавон бояд шӯришгарони сарихосорӣ, тавилдарагӣ, ёхсувиро бо роҳи Шаҳидон – Зувайр – Дараи борик ба болои Балҷувон оварда дар Буни Ҳайдар ба Восеъ пайвандад. Роҳи ӯ дур аст, мабодо, ки вай дар ҷойи пайвастани қуввахо – дар даромадгоҳи Балҷувон Восеъро дер интизор карда монад. Сеюм, агар мабодо сарбозон пайдо шуда монанд, Чорбоғ ва дараи танги оби Тира барои ҷангидан ҷойи нобоб буд.

Тути Қозӣ – банди (кӯҳи пасти) ҳамвор, болояш заминҳои ғаллакорӣ – тахминан дар миёнаи роҳи Балҷувону Ховалинг афтодааст, ки лашкари дар он истода роҳҳо, пайраҳаҳо, дараҳои атрофро таҳти назорати худ нигоҳ медорад. Бек агар ногаҳон ба ҷанг ояд, дар ин ҷо бо шӯришгарон коре карданаш мушкил ва шикаст хӯрдани худаш мумкин мебошад.

Дар чоштгоҳ банд ишғол карда шуд. Дар атроф дид-

бонҳо гузоштанд. Аспҳоро дар хилвати поёни банд ҷо карда, якчанд нафарро ба обу алафи онҳо мутасаддӣ намуданд. Восеъ дастаи тирандозонро, ки ҳамагӣ бист нафар беш набуданд, дар баландии қади роҳ шинак дод. Дигарон гурӯҳ–гурӯҳ шуда, барои дамгирӣ ба сояи дарахтони чормағз, тут, садаву дӯлонаҳо хазиданд. Дар як дам, чун манзили лӯлиён, гулханҳо фурӯзон, дуд хезон, қумғонҳо ҷӯшон гардиданд. Ҷавонон шоххҳои калони дарахтеро бурида, дар ҷойи баландтаре ба замин чор сутун зада, чӯб баста, ба болояш намадеро партофтанд: «хайма», дурусташ козаи Восеъ тайёр шуд. Восеъ дар он бо ҳамроҳии Саидалӣ ва Нозим ба истироҳат нишаст. Вай аз хӯрокворӣ чизе надошт, аммо шариконаш як миқдор гандумбирён, талқон, чормағзу писта, баъзеҳо гӯшти яхнӣ доштанд, ки бо мири худ ба ҳам диданд.

Баъд аз пешин Восеъ Нозимро бо бист нафар савор ва сӣ нафар пиёдаи таёқдор ба Ховалинг роҳӣ кард.

– Амлокдорхонаро лагад кун! – Фармон дод ба вай. – Агар ғалла, пул, газвор ба даст даровардӣ, ҳамаро бор карда биёр. Ҳаракат кун, ки амлокдорро зинда бигирӣ!

Ин аввалин вазифаи ҷангии мустақилонае буд, ки Восеъ ба Нозим супурд. Ховалинг акнун дар ақибгоҳи шӯришгарон мондааст, қалъачаи амлокдори он ҷо посбонони казоӣ ҳам надорад. Нозим метавонад онҳоро ба осонӣ шикаст диҳад – фикр мекард Восеъ.

Шаби ситоратоб даромад. Дар қароргоҳ ғалоғулаи чақ–чақ баланд буд. Мардум аз вазъияти пурхавфу хатари худ сарфи назар намуда ҳазлу шӯхӣ мекарданд, аския мегуфтанд. Саркарда дар «хайма»–и худ аз ҳар ҷо – ҳар ҷо хандаҳои қоҳ–қоҳ мешунид. Вай дар болои чакманаш дароз кашида ва бедор буд, шарикаш Саидалӣ масти хоб. Як вақт дар берун аз байни гурӯҳе дринг–дринги думбра баланд гардид. Гулқурбон ном ҳофизи хамӣ дар давраи калони сари гулхан нишаста думбраашро соз мекард. Баъд овози ҳалқумии соф ва баланде, мақоми синахароше

оғоз ёфт. Ҳофиз таронаи наверо, ки аз афти кор худаш баста буд, мехонд:

*Ай ҷавру зулми мирон*
*Гардида мулк вайрон*
*Ҷазир гаштай фақирон*
*Чи шӯрай ин дар майдон?*
*Ай қир шидан*[1] *фақирон,*
*Дайро ҷӯшид чун тӯфон.*

Гулқурбон баъди ҳар банд нақароти суруди шӯришгаронро ҳар бор каме дигаргун карда месуруд, чунончи, ин тавр:

*Восеъ, ғазост имрӯз,*
*Ҷон мубталост имрӯз.*
*Ғавғои рӯзи маҳшар,*
*Бар фуқарост имрӯз.*

Халқи ба ҳофиз гирд омада сурудашро дар ғояти хомӯшӣ гӯш мекарданд. Восеъ хеста, чакманро ба китфаш партофта ба давраи сари гулхан рафт. Зуд аз паҳлуи ҳофиз ҷой холӣ карда ӯро нишонданд. Ҳофиз торафт табъаш монанди чашмаҳои диёраш саршор шуда, бо як хурӯшу туғёни дил нағма мекард. Чеҳраҳои сомеон ҷиддӣ, чашмҳо ба дур ё ба оташи гулхан дӯхтагӣ, – мисли ин буд, ки ҳама якбора ғарқи фикру хаёле гардидаанд. Гӯё, ки акнун якбора ба фаҳми ҷиддият ва бузургии кори пешгирифтаашон расида, дар ҳайрату андеша мондаанд. Дар поёни суруд Восеи мутаассиршуда ба ҳофиз миннатдорӣ баён кард:

– Шод бошӣ, додар, асло кам нашавӣ. Бо таронаат ба дилҳои мо қувват додӣ.

---

[1]. Шуданд – дар ин ҷо ба маъноии фуромаданд.

Шаб ором. Дар осмони бекарона ситораҳои бешумор медурахшиданд. Ҷо–ҷо дар байни сабзаҳои сиёҳтоби домани талҳо чароғаки кирми шабтоб чашмак мезанад. Чирроси ҳашароти орамида ва гоҳ–гоҳ гуфтугӯйи паст–пасти қаровулон ва якто–нимто одамони шабзиндадор, шиҳаи аспон ба гӯш мерасад. Завраҳи рахшони моҳ дар баҳри ахзари фалак шино мекунад. Восеъ аз хурроки Саидалӣ дилгир шуда, «рахт»–и хобашро аз коза берун кашидааст. Хоби нооромe, ки соате чашмонашро пӯшонда буд, акнун аз вай гурехта ҷояшро барои хаёлу андешаҳои парешон холӣ кардааст. Бар рӯйи сабзаи тар пуштнокӣ дароз кашида, Восеъ воқеаҳои се рӯзи охир – се рӯзи пас аз ҷанги Мазори Додаракро аз назари хаёл мегузаронад, таҳлил мекунад, ба маърази муҳокима мекашад...

Дар пеши чашмаш – гулхани азими болои Сурсақова. Шаби дуюми ғалабаи Мазори Додарак вай бо ёронаш ба Сурсақова баромада, кунҷолаву ҳезуми фаровонеро ба он ҷо кашонда, тал зада[1] алов сар дод. Ин гулхан ҳамон «аломате» буд, ки вай пайдо шудани онро ба фақирон ваъда карда буд. Шуълаи гулхан аз Балҷувон гирифта то Сарихосору Тавилдара ба ҳамаи қишлоқҳо намудор аст. Ҷое, ки он намудор нест, бо фармоиши вай аҳолӣ дар баландиҳо дидбонҳои махсус гузошта буданд, то ки аз «аломат» бехабар намонанд. Гулхани болои кӯҳ оташиналами барафроштаи Восеъ буд, хитоби тобноке буд, бонги шуълаафшоне буд, ки ситамкашонро, хору забуншудагонро, асирони истибдодро нидои қиём ва исён медод. Ба ғазо даъват мекард. Аз худи ҳамон шаб сар карда, аз қишлоқҳои дуру наздик даста–даста шӯришгарон ба Сурсақова омада ҷамъ шудан гирифтанд...

Чӣ шодӣ ва дилгармие ба худ ҳис кард Восеъ, вақте ки рӯзи дигар бародархондаи паҳлавонаш Назир бо як даста саворонаш ҳозир шуд! Вай душмани шахсии худ – амлок-

[1]. Тал задан – болои ҳам чидан.

дори Сарихосорро асир гирифта, ба худ саис карда оварда буд. Амлокдори собиқи мутакаббир ба ҳар фармони Назир фармонбардорона «хӯш!» гуфта, аспи вайро обу ҷав медод, қашав мекард, лавандона зин мезад, ки Восеъ ҳозир инро ба ёд оварда хандааш гирифт. Аз маслиҳатҳои оқилонаи бародархондааш вай бори дигар ба доноӣ ва дурандешии Назир тан дод. Маслиҳати аввалини вай ин буд, ки ҳарчи зудтар ба Туғаи кӯлобӣ одам фиристода, барои ӯро ба тарафи худ кашидан ҳаракат бояд кард. Туғай дузди роҳзан бошад ҳам, чӣ бок? Вай аз ваҷҳи се ҳазор сар гӯсфанди лақайҳо, ки мири Балҷувон ба ғорат бурда буд, аз мир аламзада аст, душмани мир аст, бинобар ин барои аз душманаш қасос гирифтан ба Восеъ мадад расонад ҳам аҷаб нест.

Воқеан ҳам, Назир рост гуфт, хуб фикр карда буд, ин чиз ба хотири Восеъ нарасида буд. Восеъ фавран аз ҷумлаи ёрони содиқи худ Одинаи бачкакониро ба Кӯлоб ба назди Туғай роҳӣ кард. Одина пагоҳии дигар худи Туғайро бо дувоздаҳ нафар одамаш ба пеши Восеъ гирифта овард. Саркардаи бебоки аспдуздон барои бо худи Восеъ шахсан гуфтугӯ кардан ва нақшаи ӯро донистан омада будааст. Дар натиҷаи музокира Туғай розӣ шуд рӯзи ҳуҷум ба Балҷувон бо дусад–сесад нафар ҳамқабилаҳои худ ба мадади Восеъ бирасад, аммо ба шарте, ки Восеъ ҳар ғанимате, ки аз ваҷҳи ғалла, пул, чорпо дар Балҷувон ба даст оварад, нисфашро ба Туғай бидиҳад. Восеъ дар андеша монд, аммо Назир ба вай маслиҳат дод, ки қабул кун. «Мо бисёрем, лақайҳои Туғай кам: Худо хоҳад, мо Балҷувонро ки гирифтем, ҷилави ӯро мекашем, роҳи ғоратгариашро мебандем!» Восеъ қабул кард. Туғай гашта рафт.

Баъд Назир боз коре кард, ки ҳаргиз дар гӯшаи хаёли Восеъ набуд ва дигарон ҳам шояд инро фикр накарда буданд. Дар болои Сурсақова халқро ба гирди гулхан ҷамъ карда, Назир аз линга чакмани сафеди нав, фута ва шам-

шереро бароварда ба болои харсанги калон баромада, ба шӯришгарон хитоб кард:

«Мусулмонон! Фақирон! Сарлашкари фақирон, шӯришгарон – Восеъ аст! Мо Восеъро мир хостем! Шумо ба ин чӣ мегӯед?» Мардум якбора ҳаёҳу, шӯру ғавғо андохта, таёқҳоро ба болои сарашон бардошта, гапи Назирро қувват доданд, тасдиқ карданд. «Омин, Аллоҳу акбар! – даст ба рӯй кашид, Назир. Ҳама ба ӯ пайравӣ карданд. – Мир Мирзоакрами мирохӯр бекор! Аз ҳамин рӯз эътиборан мири мо Восеъ аст!»–Инро гуфта, Назир чакманро ба Восеъ пӯшонд, футаро ба миёнаш баст, шамшерро ба фута ҳамоил кард. «Мир?–ба дилаш хандида мегуфт Восеъ. – Худоё, тавба! Мири ҷувозкаш, хоркашу хокпош!.. Аҷаб коре кард ин Назир!..»

Агар ин кори Назир додархондаашро мутааҷҷиб карда бошад, рафтори баъдинааш ӯро хушҳол ва миннатдор кард, меҳри бародархондаро дар дилаш афзун кард. Дар меҳмонхонаи яке аз бошандагони деҳаи Сурсақова дуяшон нишаста чақ–чақ карданд.

«Аёлат, бачаҳот ҳоло ҳам дар Қарамушаканд? Аҳволашон чӣ тавр?»

«Хабар надорам, фурсати хабар гирифтан набуд».

«Пазмон нашудӣ?»

«Чӣ илоҷ бародар».

«Аноргул зани хуб аст. Оқила, боҳаё, меҳрубон. Шукр кун, ки толеат аз зан баланд будааст, додар. Кошки ман ҳам зане медоштам, ки лоақал андак ба Аноргул монанд мебуд. Ёд дорӣ, соле ки дуятон аз Дарвоз гуреза шуда будед, дар Шаҳидон вай чӣ хел туро аз банд халос кард–а!»

«Агар ту мадад намерасондӣ, дар пеши амлокдору қозӣ далолат намекардӣ, ҳоли мо мушкил буд».

«Ту аз Аноргул миннатдор бош. Вай аз падараш ҳам, аз амалдорон, сарбозон ҳам натарсида ба домани ту часпид, фарёд зад, туро халос кард».

«Маро дуятон халос кардед».

«Баъд ҳам зани нағз баромад. Ман дар ҳамон вақт аз гап заданаш, хулқу одобаш, рафтораш дониста будам, ки зани хуб мешавад. Зан не, тилло! Давлат! Қурбони ин хел зан шавӣ меарзад... Ба ман нигар, Восеъ, – ба ногоҳ дар поёни таърифу тавсифи Аноргул гуфт Назир, – мебинам, ки ту аёлу фарзандонатро пазмон шудаӣ. Бихез, савор шав, ба Қарамушак бираву онҳоро дида баргард. Дар ин ҷо ман ба ҷойи ту мемонам».

Дили пазмоншудаи Восеъ тапид, ба ҳаяҷон омад.

«Вақтро нагузарон, бихез!» – исрор карда ӯро ба шитоб андохт Назир.

Аммо ҳоҷати исрор кардан набуд – як ишорае бас буд, ки Восеъ болу пар бароварда ба Қарамушак бипарад. Вай додараш Қосим, Ризо ва боз чаҳор нафар «ҷилавмерган»–ҳои худро ҳамроҳ гирифта, шитобон ба роҳ афтод.

Қариб якуним фарсанг роҳи пасту баланд, то Қарамушаки дар пойи кӯҳи Баландсар воқеъшуда камобеш дар як соат тай карда шуд. Шодии Аноргул, Гулъизор, Ҳасану Давлат поён надошт. Қосим ҳам баъди се ҳафтаи ҷудоӣ ба дидори зани ҷавонаш ва кӯдакаш расид. Соҳибхонаҳо – хешони Восеъ: деҳқони солхӯрда, занаш ва писару келинаш ба тараддуди зиёфат афтода, дар сари дегу оташдон андармон шуданд.

Восеъ пай бурд, ки Гулъизор дар байни намози дигар ва шом чор–панҷ бор ба ҳавлии берун баромада омад. Андак бесаранҷом ва бедасту по барин менамуд. Ба хотири падараш расид, ки дар ҳавлии берун Ризо ҳаст (вай дар он ҷо бо ҳамроҳони дигари Восеъ нишаста буд) ва сабаби бесаранҷомии духтар, албатта, ҳамин аст. Восеъ хусусан баъд аз корнамоие, ки Ризо дар ҷанги Мазори Додарак кард, вайро ба худ наздик намуда буд ва беш аз пеш дӯсташ медошт.

Вақте ки ҳама дар айвон ба сари дастархон нишастанд, вай нохост фармуд, ки Ризоро ҷеғ зананд. Ҳасан аз ҳавлии берун ҷавонро ҷеғ зада овард. Гулъизор бархоста ба хона

даромад, пинҳон шуд, падараш ба ин монеъ нагардид. Ризо шармгину камҷуръат омада ба қатор нишаст. Восеъ бо ҷиддият ва бо овози аз муқаррарӣ баландтар – барои он ки Гулъизор ҳам дар даруни хона шунавад – гуфт:

– Аноргул! Ман духтарамон Гулъизорро ба Ризо номзад кардам. Шумо гувоҳ, – Восеъ ба соҳибхонаҳо муроҷиат кард. – Агар насиб бошаду аз ҷанг зинда–саломат баргардам ва Ризо ҳам баргардад, ман ӯро домод мегирам, сари дуяшонро ҷуфт мекунам. Агар насибам набошаду ман барнагардам, ин корро ту мекунӣ, Аноргул. Омин, Аллоҳу Акбар!

Аноргул ва соҳибхонаҳо аз ин ҳукми ногаҳонии Восеъ ҳайрон шуда, дармонда бошанд ҳам, беихтиёр дастҳошонро ба рӯй кашиданд.

– Нон бишикан! – амр кард ӯ ба хеши солхӯрдааш.

Пирамард як нони тунукро гирифта чор қисмат кард. Ҳамин тавр ногаҳон, бе ҳеҷ муқаддима, бе ҳеҷ маслиҳату тайёрӣ вай духтарашро ба Ризо «фотиҳа» кард. Вай ба ҷанг равон буда, аз роҳ як сари қадам ба ин ҷо омада буд, ба риоя кардани ҳар гуна муқаддамоту русумот фурсат надошт. Ризо ба пинҳон кардани шодии дилаш кӯшида бо табассуми шармомез сар ба зер афканд. Аз даруни хона ҳеҷ овозе набаромад ва ҷунбише ҳам ҳис карда нашуд: аз афти кор, Гулъизор ҳам розӣ ва мамнун буд; ба ҳар ҳол падару модараш ба ин чиз шубҳа надоштанд...

Келини соҳиби хона барои худаш, Гулъизор ва укаҳои ӯ дар шипанги саҳни ҳавлӣ ҷогаҳ андохт (шавҳари вай дар меҳмонхона ҳамроҳи меҳмонон хоб кард). Албатта, шаб ҳама шаб Гулъизорро хоб набурд. Духтарак бо кадом як ҳисси шашуми худ ҳис мекард, ки Ризо ҳам хоб накарда дар ҳавлии берун гардиш дорад ва ҳол он ки аз шипанг то дару девори ҳавлии берун як панҷоҳ қадам масофа буд ва аз он ҷо ягон садое ё шарфаи пое шунида намешуд.

Посе аз ними шаб гузашта буд, ки вай диққат карда ба хоб будани ҳамхобаи худ ва калонсолони дар айвон хоби-

да қаноат ҳосил намуда, оҳиста бархост ва бо нӯги пой ба дами дари берун рафт. Восеъ бедор буд, ҳаракати духтарашро медид. Гулъизор дар паси тавораи пеши дар аз чашми падараш ғоиб шуд. Сонитар Восеъ ғичирроси кушода шудани дарро шунид. Бо фаросат дарёфт, ки Гулъизор бо Ризо мулоқот дорад. Тааҷҷуб кард: онҳо кай ва чи гуна ба ҳам ваъдаи мулоқот дода бошанд? Тағофул кард, кӯрпаро ба сараш кашида кӯшиш кард, ки хобаш барад. «Бигузор бо ҳам аҳду паймон банданд, хайрбод кунанд. Охир, дуяшон акнун арӯсу домоданд» – мегуфт вай дар дилаш.

Он чи ки баъд дар дами дари берун аз ғайри огоҳии Восеъ рӯй дод, ба ин қарор буд: Гулъизор гӯш андохта истода, ҳақиқатан дар берун шарфаи поеро шунид. Аз тарқиши дар нигоҳ карда сиёҳии мардеро дид ва Ризоро шинохт. Ба дар оҳиста ду бор ангушт зад. Ризо шунида ба паси дар омад. Онҳо ба ҳам ваъдаи мулоқот надода буданд, ба ин ҷо онҳоро садои ғайбии дилҳошон оварда буд.

«Ризоҷон, ин ман, Гулъизор» – пичирос зад духтар.

«Тамбаро бардор, Гулъизор!»

«Намешавад, шунида мемонанд»

«Оҳиста бардор, намешунаванд»

Тамбаи дар оҳиста бардошта шуд, дари хушк ғичиррос зад, аммо Ризо дар ин лаҳза ҳеҷ чизро намешунид. Вай маҳбуба ва арӯси худро маҳкам дар оғӯш гирифта, муҳри бӯсаҳои гарми пай дар пайро дар лабу рӯяш пахш кард. Ин мулоқоти ду–се дақиқагӣ бе сухану бе садо гузашт. Чӣ ҷойи сухан! Оё сухане, калимае дар забон ҳаст, ки ин ҳама ҳиссиёти онҳоро, хушбахтии бекаронаи онҳоро ифода карда тавонад? Онҳо дар ин дам ҳамаро фаромӯш карда, фақат ҳарорати бадан ва гармии нафаси якдигарро ҳис мекарданду халос. Ниҳоят садои сулфае, ки аз айвон шунида шуд (сулфа ба пирамарди соҳиби хона тааллуқ дошт), онҳоро ба ҳуш овард. Гулъизор худро аз оғӯши Ризо оҳиста ҷудо кард ва ӯро сабук тела дода фаҳмонд ки:

акнун баро, ман дарро маҳкам мекунам. Дастфишории маҳкам аҳду паймони умрӣ, қавли сидқу вафои абадии онҳоро ба якдигарашон ифода кард.

* * *

Дар Сурсақова ба Восеъ ошнои самарқандиаш Муллосафар интизор буд. Мулло аз оқибати кори Восеъ ба хавотир афтода, барои Восеъро бо панду насиҳат аз ин роҳи хатарнок гардонидан омада будааст.

Восеъ барои ба шӯриш муқобил баромадани Муллосафар аз вай ранҷида бошад ҳам, ҳозир ӯро бо ҳисси эҳтиром ва дӯстдорӣ ёд кард. Некии муллоро дар Самарқанд ба вақти дармондагӣ ва парешонҳолии ӯ ва Назир фаромӯш накарда буд. Меҳмонии думоҳа дар ҳуҷраи ориятии мулло ҳар сеяшонро бо риштаи маҳками дӯстӣ ба ҳам пайваста буд. Пояи ин дӯстиро ҳамфикрии онҳо дар бораи салтанати амирони манғития ва нафраташон ба ҳокимон, амалдорони бераҳми ҷафопешаи ғоратгар устувор медошт. Восеъ аз мулло миннатдор буд, ки вай бо суҳбатҳо ва нақлҳояш дар бораи бедодгарии амиру ҳокимон ва дар бораи «Эшони махдум»–и ношиноси ҳақгӯй ва ҳақпараст чашми ӯро калонтар кушоёнд.

Дар Сурсақова Назир ба Восеъ: «Мана бо домулло гап зан, ин кас ба шӯриш зид будаанд» гуфта, меҳмонро дар меҳмонхона бо Восеъ танҳо гузошта берун рафт. Восеъ ҳоло дар болои банди Тути Қозӣ ба фикру хаёлҳои гуногун ғарқ шуда, гуфтугӯйи бо Муллосафар кардаашро як–як ба хотир меовард:

«Восеъ, ту медонӣ, ки ман туро ба ҷойи додарам медонам, дӯстат медорам. Ту аз ҷумлаи он мардони камёбе ҳастӣ, ки ба дилу дидаи ман нишастаӣ. Бинобар ин ман аз коре ки ту пеш гирифтаӣ, дар хавотир мондаам. Ту ба ман гӯй, ин чӣ корест, ки ту мекунӣ?»

«Шӯриш, домуллои азиз. Ғазот».

«Ғазот, аз рӯйи дину шариат бо кофирон мешавад. Ту

омӣ ки ҳастӣ, инро намедонӣ. Амиру ҳокимон ҳарчанд золим бошанд ҳам мусулмонанд».

«Аз кофирон бадтаранд».

«Наметарсӣ, Восеъ?»

«Аз чӣ?»

«Аз мағлуб шудан, дастгир шудан, кушта шудан».

«Домулло, шумо агар барои маро тарсонидан, аз шӯриш гардонидан омада бошед, беҳтар, ки ҳозир ба роҳи омадаатон баргардед. Ҷанг, ғазот, хунрезӣ кори мардон аст, муллоҳо ба ин кор қатӣ нашаванд беҳтар».

«Ту ба ман ситеза накун, Восеъ. Ту аз афти кор ин шӯришро ҳам дар сари қаҳру ситеза бардоштаӣ».

«Тамоми халқ ба сари қаҳру ситеза аст».

«Андеша кун, Восеъ, ба хуни фақирони бегуноҳ зомин нашав».

«Хунашон дар ҷанги мардона якбора рехта шавад беҳтар аз он аст, ки онро манғити хунхор оҳиста–оҳиста бимакад».

«Ту умед дорӣ, ки амиру ҳокимони муқтадирро мағлуб кунӣ? Умедвории ту аз чист?»

«Аввало аз Худо, сонӣ аз ҳамияту фақирон».

«Фикри хом, кори хом. Маслиҳати маро бигир, ҳоло ҳам барвақт аст, Восеъ. Мӯйсафедонро ба пеши ҳоким, ё қушбегии Ҳисор ё ҳатто ба Бухоро ба пеши амир фиристода узр гӯй, тавба кун, мӯйсафедон аҳволи фуқароро маълум карда, кам кардани хироҷу закотро илтимос мекунанд. Агар ту ба ихтиёри худат шӯришгаронро хона ба хонаҳояшон фиристода пароканда кунӣ, мӯйсафедон ҳам дар пеши ҳокимон ва амир ба ту далолат кунанд, шояд ки гуноҳат бахшида шаваду фуқаро ҳам аз хатар наҷот ёфта осуда шаванд. Амир Абдулаҳадхонро монанди падараш золим не, балки адолатпеша, бодиёнат аст мегӯянд».

«Домулло, агар ин маслиҳатро каси дигар медод, ман ӯро ҷосуси ҳоким гуфта сарашро мебуридам. Лекин ман медонам, шумо ин гапҳоро ба ман аз барои некӣ кардан

бо нияти холис гуфта истодаед, аз барои ҳамин ман ба шумо ҷавоб медиҳам. Шумо кай боз ба одамгарӣ, инсофу адолати амирон, ҳокимон бовар мекардагӣ шудед, домулло? Порсол онҳоро ғофил, нокас, бедиёнат, душмани дину шариат гуфтагӣ кӣ буд? Магар худи шумо набудед? Акнун чӣ хел онҳо якбора адолатпеша, бодиёнат шуда мондаанд? Магар хироҷу закоти сесоларо аз халқ чинед гуфта фармон додагӣ ҳамин амир Абдулаҳадхон нест? Ғайр аз ин, домулло, магар шумо аз кушта шудани закотчии амир, кушта шудани Кулӯх мингбошӣ ва фалон нафар сарбози ӯ хабар надоред? Магар намедонед, ки кор аз сулҳу салоҳ гузаштааст, чунки хун дар миён аст? Кори фақиронро бо ҳокиму амалдорон акнун фақат теғ, шамшер, таёқ яктарафа мекунад!

Ман мехоҳам як бор ба ин золимон, ба ин хунхорон, ба ин дарандагони дупо нишон диҳам, ки мо фақирон ҳам одамем, ҷон дорем, номус дорем, агар якдилу якҷон шавему хезем – онҳоро зада дандонҳошонро шикаста метавонем» Мулло–Сафар сар ба зер афканда чашмонашро пӯшид, сукут кард, дамаш ба дарун ғалтида монд.

Нисфирӯзӣ Восеъ ва ёронаш муллоро бо иззату икром ба Сарихосор гусел карданд. Вақти видоъ мулло дар болои хараш нишаста, ду даст бардошта Восеъро дуо кард: «Илоҳӣ зафар ёбӣ, ба муроду мақсадат бирасӣ! Омин, Аллоҳу Акбар!»...

* * *

Наздики саҳар аз Нозим одам омад. Хабар овард, ки Нозим қалъачаи амлокдори Ховалингро зер карда гирифт ва амлокдор Абдуқаюмбой ба дасти вай асир афтод. Вай, Нозим, ғалла ва дигар ғаниматҳои ба даст даровардаашонро ғундошта бор карда, то чоштгоҳ расида меояд.

Восеъ ва ёронаш аз ин хабар хушнуд шуданд. Чаро хушнуд нашаванд, ки корашон бо муваффақият рафта истодааст ва то ин дам онҳо ба ягон шикасте, нокомие дучор

нашудаанд! Эътиқоди шӯришгарон бар ин ки ба сардорашон Восеъ ҳақиқатан Хизр назар карда будааст, боз зиёдтар шуд.

Аз ҷониби Балҷувон касе намеомад ва ҳеҷ ҷунбише ҳам дида намешуд. Ин ҳол Восеъро як дараҷа ба хавотир меандохт. Вай қарор дод ба Балҷувон одами худро фиристонад, то ки аз чигунагии аҳволи он ҷо хабаре биёрад. Вақте ки ба ин қарор омад, вай аз «беғамии» худ ҳайрон шуд ва дар дилаш худро маломат мекард, ки чаро ин фикр пештар ба сараш наёмада, чаро ӯ то алҳол барои донистани вазъияти нишимангоҳи душман ва кору бори бек ҳаракате накард? Фавран ба Балҷувон ба таври махфӣ Кабир ном шӯришгар – ҳамдеҳаи Восеъ равона карда шуд.

Баъд Восеъ ба Саидалӣ шӯришгаронро машқи шамшерзанӣ ва таёқзанӣ додан фармуд. Гуфт, ки пиёдаҳои таёқдор бо саворон ҷангиданро машқ кунанд. Саидалӣ одамонро даста–даста карда дар ҳар ҷо – ҳар ҷо ба машқ андохт.

Чоштгоҳ Нозим бо дастааш аз Ховалинг фаро расид. Одамони вай ба бисту як хар ғалла бор карда буданд, дар болои хари бисту дуюм Абдуқайюмбойи амлокдори дастбаста нишаста меомад, ба танаш яктаҳи даридаи хоколуд, поҳои бараҳнааш дар замин кашол. Деҳқонони аламзада, ки аз амлокдор ҷафоҳо кашида буданд, ба вай дарафтиданд. Агар Восеъ ва Нозим монеъ намешуданд, бойро зада кушанд ҳам аҷаб набуд.

– Восеъ, ба ман раҳм кун, – кӯдаквор гириста зорӣ мекард асир, – агар ман гандагӣ карда бошам, мана имрӯз хуб ҷафояшро кашидам. Ҳова кашидам, маро дар ин ду фарсанг роҳ зада–зада оварданд. Илоҳӣ барака ёбӣ, Восеъ, маро ҷавоб деҳ. Ман г.. хӯрда амлокдор шуда будаам, минбаъд кушанд ҳам намешавам. Ҳар чӣ дошта бошам, хоҳ ғалла бошад, хоҳ молу чорпо, ҳамааш аз они ту.

– Ҳоло дар ҳамин ҷо бош, бо ту баъд гап мезанем, – бо нафрат гуфт Восеъ.

Ӯро ба назорати Нозим супурданд.

Нозим аз амлокдорхонаи Ховалинг сандуқчае ҳам оварда буд, ки дар он амлокдор коғазу дафтарҳояшро нигоҳ медошт. Аз сандуқча ҳуҷҷатҳои хироҷу закот ва ҷаримаҳо, васиқаҳо, рӯйхати деҳқонони қарздор ва боз як доман коғазҳои дигарро берун оварданд. Як нафар шӯришгари кӯрсавод рӯйхатҳои қарздорони ушр, закот, қӯшпулӣ, аминона, мирона ва монанди инҳоро ба Восеъ хонда дод. Бо фармони Восеъ ҳамаи ҳуҷҷатҳо ба оташи гулхан андохта сӯзонда шуданд. Дар он дам шуълаи оташ ҳам гӯё бо ҳамроҳии деҳқонон тантана мекард, ҷавлон мезад.

Ғалларо дафъатан ба осиёбҳои наздику дур кашонда, орд карда оварданд. Ду–серӯза хӯроки шӯришгарон таъмин шуда буд.

Бегоҳирӯзӣ Кабир аз Балҷувон баргашт. Қавоқаш овезон ва ҳавосаш парешон менамуд. Ба пурсишҳои Восеъ гӯё хоҳам–нохоҳам ҷавоб медод. Вай хабар овард, ки дар Балҷувон мунтазири сарбозони ҳисорӣ мебошанд, Кабир онро аз забони чандин кас шунида аст. Назар ба гапи мардум, ҳокими Ҳисор дар таҳти фармондеҳии Раҷаб–додхоҳ як даста сарбоз равона кардааст. Додхоҳро фардо баъди пешин ё пасфардо саҳарӣ мунтазиранд.

Дар пойи қалъа як дусад нафар сарбозони савораи худи бек ҷамъ шуда истода буданд. Мардуми шаҳр аз ҳаракати шӯришгарон ба тарафи Балҷувон ва дар Тути Қозӣ ҷамъ шуда истодани онон бохабаранд – ин хабарҳоро ба шаҳр деҳқонони раҳакӣ ва бозоргард мебаранд. Ғайр аз ин, бек, албатта, дар қишлоқҳо ҷосусон дорад, – гуфт Кабир.

Аммо вай ҳодисаеро, ки дар Балҷувон ба худаш рӯй дод, нагуфт. Дар он ҷо навкарони бек аз гаштугузор ва нигоҳҳои нохолисонаи Кабир гумони бад бурда, ӯро боздоштанд ва ба қалъа назди бек бурданд. Бек фармон дод, ки ӯро қин кунанд: охир вай аз рӯйи иқрори худаш бошандаи деҳи шӯришбардоштаи Восеъ будааст. Вайро аз

пояш ба сутун овехта қин кардании шуданд, то ки ба ҷосуси Восеъ буданаш иқрор шавад. Кабир тарсида иқрор шуд. Гуфт, ки ӯро Восеъ бо зӯрӣ ба шӯриш кашид ва ҷосуси худ кард, вагарна вай як бечораи беозор, аз шӯру балво безор аст. Он гоҳ бек бо таҳдиду наҳиб ба вай амр кард, ки дар байни шӯришгарон гашта аз онҳо ба қалъа хабаркашӣ кунад, яъне ҷосуси бек бошад, вагарна баъди зер кардани шӯриш (ин шӯриш, бешакку шубҳа, пагоҳ–бегоҳ зер карда шуда, шӯришгарон ба ҷазову уқубат мерасанд, – гуфтанд ба вай) хонаву ҷойи ӯ мусодира, зану кӯдаконаш асир ва худаш қатл карда хоҳад шуд. Деҳқони дар тарсу ваҳм монда ба ин ҳам розӣ шуд. Фармуданд, агар Кабир худро мусулмон шумурад калимаи шаҳодатро хонад вай хонд, он гоҳ «Каломи шариф»–ро оварда ӯро қасам доданд, ки дар қалъа бо бек вохӯрданашро ба касе намегӯяд ва ҷосуси махфии бек мешавад. Барои ҳар хабари овардааш ба вай пул ва чиз хоҳанд дод. Ин аст, ки қасам забони Кабирро баста буд. Аммо вай дар тахти дилаш ба Восеъ содиқ буд, намехост ба вай бадӣ кунад.

Восеъ аз хабари сарбозфиристонии Остонақул ба мадади беки Балҷувон дар хавотир афтод. Қарор дод, ки ҳамин шаб – пеш аз расидани сарбозони ҳисорӣ ба мадади бек – ба болои Балҷувон юриш кунад. Вай фавран ба истиқболи Назир одам роҳӣ карда таъин ва таъкид намуд, ки ӯ лоақал бо нисфи одамони бақуваттараш аз бомдоди пагоҳ, дер намонда ба Сурхобдара расида биёяд. Ба тахмини Восеъ, Назир мебоист ҳоло ба Дараи Борик наздик омада бошад: агар шаб ба суръат роҳ паймояд, то субҳ ба ҷойи пайвасти ду гурӯҳи шӯришгарон, ки сари Сурхобдара аст, расида метавонад...

# БОБИ БИСТУ ШАШУМ

Пайраҳаи изи мор аз банди Тути Қозӣ то Балҷувон бо ҳаму печи худ як фарсанги ростро қариб ду фарсанг гардонида, аз болои чандин деҳоти гумном бо таку тоз гузошта ба дараи Оби Тира сарозер мешавад. Дар ин дараи тангу борик вай ба печу тоб бо наҳрчаи ишвагар мусобиқакунон ба сӯйи дараи Сурхоб мешитобад.

Шабонгоҳ ин пайраҳа лашкари бо шитоб равандаи Восеъро камобеш дар се соат ба Сурхобдара баровард. Оби Тира аз дараи ҳамноми худ баромадан замон бо ҳамсояву ҳамсафараш – оби Гармак вохӯрда, ҳамроҳи он ба Сурхоб мерезад. Аслан Сурхобдара аз ҳамин резишгоҳи Тираву Гармак оғоз ёфта ба ҷануб ёзида меравад. Вай мисли водӣ калон ва фарох аст. Бандҳои Чорнукбия, Ҳайдар, Сувдара аз ҷониби шимол хазида–хазида омада, якбора дар ин ҷо қарор мегиранду аз бағали худ Сурхоби тундхӯ ва тундрафторро бароварда сар медиҳанд. Сурхоб дар ду чақрим поёнтар аз сари дара боз як наҳри дигар – оби Мазорро, ки ҳамчунин аз ҷониби шарқӣ омада ба ин дара мебарояд, ба худ фурӯ мебарад. Дар Сурхобдара ба пойгоҳи банди Ҳайдар чандин бек тутҳои садсола аз заъфи пирӣ қоматҳои хамида ва шоххҳои каҷу килебашонро рост карда натавониста, ғарибу оҷиз истодаанд, ки тӯдаи мусофирони дар роҳ мондаеро ба хотир меоранд. Номи ин ҷой Тути буни Ҳайдар аст. Харсангҳои калон–калони дар гирду пеши тутҳо хобида, дар ин шаби ситоратоб ба назар мисли хароне менамоянд, ки дар соя орамида бошанд.

Шӯришгарон дар таги ҳамин тутҳо қарор гирифтанд.

Роҳпаймоии тези сесоата пиёдаҳоро монда карда буд. Сеяки шӯришгарон ақиб монданд, нарасиданд. Восеъ лашкарашро дар ин ҷо дам дода, ба ақибмондагон ва ба Назир нигарон шуд. Мардум дар оби хунуки Сурхоб дасту рӯй шустанд ва баъд ҷо–ҷо даҳкасӣ–дувоздаҳкасӣ

давра гирифта нишаста нону талқонҳои боқимондаашонро тановул карданд.

Дар роҳ мондагон ду–ду, се–се омада ҳамроҳ мешуданд. Як қисми онҳо – бештар солхӯрдагон, касалмандон – наёмаданд, дар деҳаҳои қади роҳ монданд. Ба тарсу бим афтодагон дар арзи роҳ ба кунҷу канорҳо хазида ғоиб гашта буданд: лашкари шӯришгарон аз тарсуҳо, буздилҳо холӣ набуд.

Назир паҳлавон ба қарибӣ бо панҷсад нафар шӯришгарони худ вақти бомдод аз дараи Раҷабфақир сарозез шуда омад. Дар он дара вай Саидмерган ном ошное дошт, ки деҳқонони дараи худро ба шӯриш хезонда буд – паҳлавонон ӯро низ ҳамроҳи худ гирифта оварданд.

Восеъ ва Назир ба ҳам оғӯш кушода, китф ба китф молида вохӯрдӣ карданд, мисли ин ки якдигарро дер боз надида пазмон шуда бошанд. Аммо ин вохӯрии бағалкаш ифодаи ҳиссиёти изтиробомези онҳо буд аз кори бузурги пурхатари аз пеш истода.

Барои эҳтиёт аз ҳуҷуми эҳтимолӣ ва ногаҳонии бек як даста шӯришгарони бо туфангҳои бердану шикорӣ мусаллаҳшуда бо фармони Восеъ дар болои деҳи Сари мазор ба тали баланд шинак гирифтанд. Вай Саидмергани раҷабфақириро сардори ин даста таъин кард. Агар сарбозон пайдо шаванд, дастаи мерган бояд тирандозӣ карда, онҳоро пеш омадан намонад.

Чашми рӯз кафида дараро равшан кард. Ду чақрим поёнтар дар соҳили рости Сурхоб қалъаи ҳокимнишини урёну ҳайбатнок ба болои шахи калон қарор гирифтааст. Вай ба як тарзи асроромез ва хавфангез сокиту ором мебошад. Дар рӯ ба рӯйи қалъа ба соҳили чапи дарё, дар даҳанаи дараи оби Мазор, ҷое, ки ин об ба Сурхоб мерезад, дарахтзори тирагуне ба назар мерасад, ки аз дарунаш чинорҳои хушкидасар, тӯбсадаҳои паҳновар ва қайрағочҳои пир қад кашидаанд. Ин ҷо яке аз муқаддасоти кӯҳистониён – мазори Хоҷа Балҷувон мебошад. Деҳае

борику дароз, ба ном деҳи Сари Мазор, аз мазор сар шуда, дар пойи қатортали баланд хазида–хазида то қарибии Тути буни Ҳайдар мерасад. Дар муқобили он ба канори дигари (канори рости дарё) дар мобайни масофаи аз Тути буни Ҳайдар то қалъа, деҳаи хурдтараки Сурхакон дар бағали шаххо ва ҷариҳои сурх ҷой гирифтааст.

Шуълаи офтоби сар бароварда, аммо ҳанӯз ба шӯришгарон намудор нашуда, ба болои қалъа тофт. Он гоҳ шӯришгарон дар болои девори қалъа сиёҳии се–чор нафар одамро диданд. Дар он ҷо бек Мирзоакрамбой ва мансабдорони вай истода, бо дурбин ӯрдуи шӯришгаронро назора мекарданд. Аз ҷониби Сурхакон чаҳор нафар савор намоён гардиданд. Бе ярок. Саллаи сафеди якеро фарқ кардан мумкин. Шикорчии тезчашм Назир соҳиби саллаи сафедро шинохт:

– Ҳоҷӣ Яъқуби мударрис, – гуфт ӯ ба Восеъ.

Ҳоҷидомулло дар ҷое, ки миёнаравӣ, панду насиҳат лозим шавад, пайдо мегардад. Маълум мешавад, ки бек корро ба сулҳу салоҳ анҷом доданист? – фикр карданд Восеъ ва ёронаш. – Ҷангидан намехоҳад? Балки ба шӯришгарон гузашт кардан, талаби ононро қонеъ кардан мехоҳад?..

Аммо ҳол ин тавр набуд. Вазифаи ҳоҷидомуллои насиҳатгар ҳам ин дафъа дигар буд. Гап ин ки сарбозони ҳисорӣ ҳоло ба Балҷувон нарасида буданд. Бек расида омадани онҳоро баъди ягон ду соат интизор буд. Ғайр аз ин ӯ лақайҳои Балҷувонро ба иштирок дар фурӯ нишондани шӯриш розӣ карда буд, онҳо дар баландии деҳи Туркон, ки як ҷузъи Балҷувон аст, нав ҷамъ шуда истода буданд, ҳоло тайёр набуданд. Бек бо фиристодани вакилони худ ба назди Восеъ ӯро ба гуфтугузор андармон карда вақтро гузаронидан мехост. Мувофиқи таълиме, ки аз Остонақул гирифта буд, вай қасди он дошт, ки дар ин дара бо қувваи зиёд шӯришгаронро ба муҳосира гирифта якбора пахш кунад, несту нобуд намояд.

Халқ фиристодагони ҳокимро хомӯшона ва бо назари

кунҷковона истиқбол карданд. Фиристодагон аз дарё гузашта ба наздикии шӯришгарон расида қарор гирифтанд. Онҳо ғайр аз Ҳоҷӣ Яъқуби хомфарбеҳи ҷорӯбриш боз маҳрамбошии солхӯрдаи ҳоким ва ду мӯйсафеди дигар – «муътабарон»–и шаҳр буданд.

– Восеъ! – бо овози баланд хитоб кард мударрис ба мири шӯришгарон. – Ҷаноби ҳоким мепурсанд, ки: шумоён аз барои чӣ омадед?

Восеъ бе шитоб аз сари санг бархоста, ду даст ба футааш карда гуфт:

– Албатта, аз барои сайру тамошо не.

– Мақсадатон чист?

– Мақсади мо... – гуфта Восеъ андак тааммул карду ба халқ муроҷиат карда пурсид:

– Кӣ ҷавоб медиҳад?

Ин муроҷиати ӯ барои вакилони бек ҳам, барои омма ҳам аз ғайри чашмдошт буд. Сукуте ба миён омад. Баъд Назир хеста:

– Ман ҷавоб медиҳам! – гуфт ва ба вакилон рӯй оварда чунин суханронии истеҳзоомез кард: – Магар ҳоким ҳанӯз ҳам дар қалъа нишастааст? Охир, фуқаро вайро кайҳо бекор карданд–ку! Шумо, домулло, бираведба ӯ бигӯед, ки тезтар аз ин ҷо дафъ шавад!

Ин навъ гуфтори ошкоро исёнкоронаи Назир шеваю оҳанги гуфтугӯйи баъдинаро муайян кард. Саидалии шӯхтабиат бо овози борику баландаш ба Назир гуфт:

– Ту, Назир, мепурсӣ, ки ҳоким магар ҳанӯз ҳам дар қалъа нишастааст! Магар ту намедонӣ, баъд аз он ки ӯро халқон аз ҳокимӣ бекор карданд, амир ҳам бекор карда шудааст, аммо Мирзои мирохӯр ин сафар ба амир занашро пешкаш кардааст, аз ҳамин сабаб амир боз ӯро дар мансабаш монондааст!

Хандаи қоҳ–қоҳ ба ҳаво печид. Ба ҳукми «Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро», ба амир ба ивази мансаби ҳокимӣ духтари худро тақдим кардани Мирзоакрамбой

бо чӣ роҳе маълуми халқ гардида дар байни кӯҳистониён ҳам гап шуда буд, бинобарин кинояи Саидалиро ҳама фаҳмиданд.

Вакилони бек аз ин кинояи ошкору дағал ва аз хандаи қоҳ–қоҳи омма гаранг шуда, ҳоло аз гарангӣ фориғ нагашта буданд, ки ногаҳон аз ақиби тӯдаи халқ марди ширинкор ва масхарабозе хареро чаппа савор шуда омада ба миёна даромад: вай саллаву ҷома карда буд ва тақлиди бекро менамуд, деҳқони дигар вазифаи хизматгории ӯро иҷро намуда, халачӯбе дар даст, их–их гӯён харро пеш меронд, «бек» ба ӯ гуфт: «Ҳой ясавул, ман ду ҳафта боз роҳ мегардаму чаро ҳеҷ ба Бухоро намерасам?» «Ясавул» ба вай ҷавоб медод ки: «Охир, шумо чӣ тавр ба Бухоро мерасед, тақсир, харатон рӯ ба Бадахшон рафта истодааст–ку!» «Бек» вайро дашном дода фарёд мекашид ки: «Э аҳмақ, харам рӯ ба Бадахшон бошад, рӯйи худам ба Бухоро–ку! Ба сафар, кӣ баромадагӣ – ман ё хар?»

Боз қоҳ–қоҳ, ғулғула, ҳаёҳу...

Шӯришгарон кӯфтагии роҳи дур ва хатарнокии вазъияти худашонро фаромӯш карда хушҳолӣ менамуданд. Мисли он буд, ки ин халқ бо ошкоро барафроштани алами исёни хунин ҳар гуна риштаи пайванд, тобеият ва итоати ба ҳукуматро барканда, тақдирашонро ба ҳар чӣ бодо бод ҳавола намудаанд. Дигар худро аз қайду шартҳо озод ҳис мекунанд. Аммо дурусттараш ин ки онҳо дар мағлубияти Кулӯх мингбошӣ ва коре карда натавонистани ҳоким бо шӯришгарон аҷзу нотавонии ҳукуматро дида, аз ғалабаи худашон дар Мазори Додарак, Ховалинг, Сарихосор ба зӯру иқтидори худ боварӣ ҳосил намуда, далер ва пурдил шуда буданд. Воқеан ҳам, фирори нангини ҳоким ва кушта шудани закотчии амир дар балвои Ховалинг, торумор карда шудани дастаи Кулӯх мингбошӣ ва кушта шудани худи ӯ, то алвақт барои ҷазову уқубати шӯришгарон қувваи казоӣ равона карда натавонистани ҳоким магар заифии ӯро нишон намедиҳад?..

– Ҳой, Восеъ! Ин чӣ масхарагӣ аст, ки ин мардум мекунанд?! – бонг зад Ҳоҷӣ Яъқуб. Хитобан ба халқ гуфт: – Шарм намедоред, аз Худо наметарсед, ки ҳокими худатонро мазоҳ мекунед? Ҷаноби ҳоким аз ғуломони содиқи ҷаноби олӣ мебошанд ва ҷаноби олӣ – подшоҳи Бухорои шарифанд, амиралмуъмининанд, бар сари мусулмонон сояи Худоянд. Ба ҳоким беҳурматӣ кардан ба подшоҳ беҳурматӣ кардан аст, ин гуноҳи азим мебошад. Гунаҳгор нашавед, мусулмонон, аз Худо битарсед!..

Аспи кабуди Ҳоҷидомулло гӯё суханони саворашро тасдиқ карда якзайл калла меҷунбонид. Маҳрамбошии туршрӯй дар болои зин бо як виқору такаббур, дастаи қамчинашро ба ронаш зер карда нишаста ба издиҳоми халқи побараҳна ё мӯкипӯш, чиркинлибос ва аксар сарутандарида аз зери абрӯвонаш бо кароҳат менигарист. Аз арбобҳои мӯйсафед яке бепарво ва хоболуд менамуд, эҳтимол, тарёкӣ ё нашъакаш буд, дигаре пиракии бардами беқарор, серҳаракат, ба суханони Ҳоҷидомулло «ҳа! ҳа!» гуфта, калимаҳои охирини ӯро такрор мекард: «... Чаро мазоҳ мекунед?» «... Ҳа, сояи Худоянд». «... Ҳа, гуноҳи азим!»

– Восеъ! – боз ба сардори шӯриш хитоб кард Ҳоҷи Яъқуб. – Агар ту аслиҳаи аз Кулӯх мингбошии шаҳид гирифтагиро пас диҳӣ, ин мардумро пароканда карда ба қишлоқҳояшон гардонда фиристонӣ...

– Ҳа, ба шарте, ки гардонда фиристонӣ, – гардан ёзонд пиракии беқарор.

– ... Ҷаноби ҳоким розӣ ҳастанд, ки ушру закоти соли гузаштаро нисф кам кунанд ва аминона ҳам нагиранд.

– Ҳа, аминона намегиранд, – такрор кард пиракӣ.

– Фармуданд, ки ту вакилони худатро ба қалъа бифирист, то ки ҳоким аз забони онҳо шарту шароити туро шунаванду низоъро ба ризояти ту ва фуқаро бартараф кунанд. Ҷаноби ҳоким кашмакаш, ҷангу хунрезиро намехоҳанд, осудагии фуқароро мехоҳанд!

– Ҳа, осудагии фуқароро мехоҳанд!..

– Осӣ нашавед, фуқаро! – ба издиҳом хитоб кард мударрис. – Шумоён ба гапи ҳар тоифа одамони беандешаи иғвопеша даромада, даст ба фитнаю фасод задед, исён кардед, аз ин роҳи хато гардед! Ҷаноби олӣ ва ҷаноби ҳоким лашкари ҷаррори бешумор доранд, агар хоҳанд дар як чашм пӯшида кушодан ҳамаатонро қир карда метавонанд, аммо онҳо бедарак хуни мусулмононро рехтан намехоҳанд. Агар шумо аз кирдоратон пушаймон шуда, тавба карда, хона ба хонаҳоятон биравед, ҷаноби олӣ ва ҷаноби ҳоким гуноҳатонро мебахшанд.

– Ҳа, мебахшанд, албатта, мебахшанд! – тасдиқ кард шарики серғайрати ҳоҷӣ.

Баъд Ҳоҷидомулло дар бораи раво будани ҳукми подшоҳ бар фуқаро ва нораво будани исёни зидди ӯ гап зада, аз Қуръон ҳадисҳои арабӣ ба забон ронд, ки фуқаро аз он ҳадисҳо калимае ҳам намефаҳмиданд, вале ӯ дар ҷавоби ин ҳама воизӣ ва наттоқии худ ба ҷуз хандаю мазоҳ чизе намешунид. Бо вуҷуди ин ҳоҷӣ гуфтори худро давом дода, дар охир гапро боз ба сари вакилфиристонии ба назди ҳоким овард.

Восеъ монанди ҳамаи шӯришгарон ба ҳоким як зарра боварӣ надошт, вай Мирзоакрамбойро беҳтар аз ҳамаи ин халқ мешинохт. Вале бо ин ҳама, модоме, ки ҳоким бо шӯришгарон гуфтугӯ кардан мехоста бошад, Восеъ қарор дод, ки аз гуфтугӯ рӯй натобад ва ба воситаи вакилони худ талабҳои шӯришгаронро ба ҳоким пешниҳод кунад. «Ку бубинам ӯ чӣ мегӯяд. Ҳеҷ набошад вакилон донista меоянд, дар қалъа чӣ гапу чӣ ҳол аст» – ба дилаш мегуфт Восеъ.

Ваколатро вай ба Гулқурбони ҳофиз, Одина ва Шариф ном деҳқони саталмушӣ супурд. Ризоро ба саисии онҳо таъин кард.

Ба ногоҳ амлокдори Ховалинг – Абдуқайюмбои асир дар пеши Восеъ зону зада ба зорӣ кардан даромад:

– Маро ҳам ба инҳо ҳамроҳ карда фиристон Абдувосеъ. Ба каломи шариф, ба турбати поки Хоҷа Балҷувон қасам, ман тарафи туро гирифта ба ҳоким гап мезанам. Ҳова, гап мезанам. Дар ҳақиқат ба фуқаро ҷавр шуд: охир, ман ҳам чашм дорам, мебинам, ки ҷавр шуд. Дили ман ҳам санг нест, ба ҳоли фуқаро месӯзам, Абдувосеъ, лекин ман илоҷ надоштам, маҷбур будам, ки ба фармони ҳоким амал кунам. Ҳова, маҷбур будам. Дар вақташ аз ман ба ту ҳам озор расид, Абдувосеъ, аммо ин ҳам аз ночорӣ буд, ман пушаймонам, сад бор пушаймонам, тавба кардам. Ту як бор аз гуноҳам гузару маро озмой, ман мунофиқ нестам, қасам хӯрдам! Охир, кӣ мехоҳад, ки қасамзада шавад, Абдувосеъ?...

Восеъ мулоҳиза карда истода розӣ шуд. Ба қасами бой бовар кард.

– Хуб, бирав, – гуфт ӯ. Аслан, амлокдор ба вай ҷойи даркорӣ надошт, бори зиёдатӣ буд. Ба гарав истодан ҳам намешоист, зеро Восеъ медонист, ки ҳоким ҳаргиз «харидор»–и ин амлокдоре, ки аз ноуҳдабории худ корро бой дода ва асир ҳам афтодааст, нахоҳад шуд.

– Ба ҳоким бигӯед, ки мо чор шарт дорем, – ба вакилони худ муроҷиат карда гуфт Восеъ бо овози баланд, то ки дигарон ҳам шунаванд. – Якум, ҳоким ушру закоти се соли қаҳтиро нагирад, аз ҳар касе, ки гирифта бошад, бигардонад. Дуюм, ноҳақонаро бекор кунад. Сеюм, ба воқеаи Ховалинг ва Мазори Додарак ҳеҷ касро гунаҳгор накунад. Чорум, амлокдорони Ховалинг, Сарихосор, Ёхсу, Балҷувон, Тутқавул, Тавилдараро бекор карда, ба ҷояшон одамони фуқаро хостагиро таъин кунад. Агар ҳоким ҳамин шартҳои моро қабул кунад, мо шӯришро бас мекунем, ба қишлоқҳоямон гашта меравем. Шумо ба ҳамин шартҳо чӣ мегӯед? Маъқул? – пурсид вай аз халқ. Овозҳои пурғалоғулаи «маъқул! маъқул!» сухани ӯро тасдиқ карданд.

Баногоҳ Нозим пеш баромада гуфт:

– Восеъ! Агар ҳоким «шартҳои шуморо қабул кардам» гуфта қавл диҳад ҳам, баъд мумкин, ки аз қавлаш гардад, дар он вақт мо чӣ кор мекунем? Охир, ин ҳокимҳо беқавланд!

Садоҳо ва хитобҳои пуршӯру ғавғо ба шубҳаи Нозим шарик будани шӯришгаронро ифода мекарданд. Як нафар бошандаи деҳаи Устосафарӣ, аз буни гулӯяш то таги чашмонаш калон–калони мешиаш пури пашму риши сиёҳ, чунин таклифе даровард:

– Ҳоким қавлашро хату муҳр бикунаду биёрад ба мо бидиҳад. Қати қозиву ду–се муллои дигар биёяд, дар пеши онҳо ба қавлаш қасам бихӯрад. Баъд мирзои ҳоким он хатро дар бозорҳои Балҷувон, Ховалинг, Кангурт, Сарихосор ба халқон бо овози баланд бихонад. Агарки ҳамин тавр накард, ман ба қавли хушку холии ӯ бовар намекунам.

Боз ғалоғула, нидоҳои таҳсин, ҳамфикрӣ:

– Рост мегӯяд!

– Қасам бихӯрад ҳоким!

– Пеши халқон қасам бихӯрад!

– Гапи ҳамаи мо ҳамин!

– Гапи хушку холӣ фиреб аст!

– Мо фиреб намехӯрем!

Восеъ даст боло карда халқро ором намуд:

– Хуб, ин гап ба ман маъқул! Ҳамин тавр шавад!..

Вай ба Ҳоҷӣ Яъқуб ва шариконаш нигоҳ карда гуфт:

– Шумо то баргаштани вакилони мо дар ҳамин ҷо меистед.

Чӣ илоҷ! Вакилони бек зорӣ доштанд, ки зӯрӣ надоштанд. Хоҳу нохоҳ қабул карданд. Маълум буд, ки Восеъ онҳоро ба гарав нигоҳ дошт, то ки бек фиристодагони вайро боздошта ё ба онҳо осебе расонда натавонад, андеша кунад.

Гулқурбон ва шариконаш дар чор асп савор шуда равон гардиданд.

Амлокдори Ховалингро Ризо ба пушташ савор карда бурд.

* * *

... Дар қалъа навкарони ҳоким онҳоро ба як таҳхонаи нимторик ва заҳ дароварда, дарашро тамба заданд. Амлокдор ба навкарон кӣ будани худро гуфта, зорӣ кард, ки ҳабсаш накунанд, аммо навкарон гӯш накарданд, рафтанд.

Вакилони Восеъ ба доми мунофиқӣ афтодани худро фаҳмиданд.

Баъди як муддати дароз, ки камтар аз ду соат набуд, дар боз кушода шуд. Вакилонро ҳамроҳи амлокдор бароварда, бо тангкӯчае бурда ба як ҳавлии калон дароварданд. Дар ҳавлӣ ғайр аз се марди мулозимнамо дигар касе набуд. Вакилонро дар назди айвони дарози кандакорӣ ва гаҷкоришуда нигоҳ дошта, гуфтанд, ки дар ҳамин ҷо рост истанд, нанишинанд.

Баъди як ним соат бек Мирзоакрами мирохӯр ҳамроҳи якчанд нафар амалдорон ва мулозимони худ бо як карру фар аз дари ҳавлии дарун пайдо гардид. Вай ба сараш дастори ҳарири кабудранг баста, ба танаш ҷомаи абра–астари кимхоби қирмизии зардӯзӣ дошт, аз таги ҷома шамшери каҷи ҷавоҳирнишон овехта буд. Вакилон бе ихтиёру ирода, ҳамин тавр аз рӯйи одат, ки тарки он кори осоне нест, дастҳошонро пеш гирифта ба вай салом доданд, аммо ба саломашон на ҳоким алек гирифт ва на касе аз амалдорони вай.

Ба ногоҳ амлокдори Ховалинг пеш баромада, дуқат шуда ба назди ҳоким хиромиду дасти ӯро гирифта бӯсида гирякунон гуфт:

– Ғуломашонро ин малъунҳо асир гирифта буданд, бисёр азобам доданд, ҷаноби бек. Ман ба ҷаноби шумо расонидани арзу доди онҳоро баҳона карда аз дасти палидашон ба зӯр халос шуда омадам. Гапи ин ёғиҳои малъунро шунида нишастан ҳоҷат нест, хуни закотчии ҷаноби олӣ ва мингбошии шаҳид дар гардани инҳост! Сазои инҳо куштан, овехтан аст, ҷаноби бек, ҳова, овехтан!

– Ҳай дӯзахӣ! – тоқат карда натавониста гуфт Гулқурбон ба вай. – Малъун худат! Туро қасам мезанад!

– Дам шав, падарлаънати дузд, қотил! – амлокдор ба сари ҳофиз мушт кашид. – Шумоёнро куштан, овехтан кам аст, ҳар кадоматонро зинда–зинда бузкашӣ кардан лозим!..

Бек ба амлокдор бо назари кароҳат як–ду нигаристу дигар ба вай эътиное накард. Вай ба ягона курсие ки дар айвон истода буд, нишаст, ҳамроҳонаш дар гирди ӯ рост истодан гирифтанд.

Аз амлокдорон баъзеҳо Гулқурбони ҳофизро мешинохтанд – пештар вайро дар тӯю маъракаҳо дида буданд. Девонбегии пастаки ҳапалакрӯй бо истеҳзои таҳқиромез ба ҳофиз гап партофт:

– Думбураат куҷо шуд, беимон? Ту ҳофизиро партофта ба душманони ҷаноби олӣ пайвастӣ?

Ҳофизи солхӯрда, лекин ҳоло бардаму бақувват – ёдаш бахайр аз ин савол худро гум накард, балки вазнину ором чунин ҷавоб дод:

– Думбурааморо монда омадам, тақсир. Ҳофизиро ҳам напартофтаам. Бо ин халқи имрӯз дар талаби ҳақиқат ба ин ҷо омадагӣ маро Худо пайвастааст, чунки худам дар байни ҳаминҳо ба дунё омада, аз бозе ки ақламро шинохтам, бо ин халқ шишту хез дорам, ки дар он вақт ман номи «ҷаноби олӣ»–ро ҳатто нашунида будам.

– Ту хеле пургӯй менамоӣ, – бо хашми таҳдидомез гуфт ба вай бек. – Канӣ гап зан, закотчии ҷаноби олиро кӣ кушт? Кулӯх мингбоширо кӣ кушт? Балки ту кушта бошӣ? – Баъд бек ангушти ишораташро ба Одина ва Шариф рост карда пурсид: – Ё ту?.. Ту?..

– Ҳаминҳо куштагӣ, ҷаноби бек! – боз иғво кард амлокдори Ховалинг. – Қотил ҳамаашон!

– Ҷавоб диҳед, малъунҳо, кӣ кушт закотчӣ ва мингбоширо?! – фарёд зад ҳоким.

Одина, ки аслан ҳам марди нотарсе буд, аз сухани Гулқурбони ҳофиз пурдил шуда ба ҳоким:

– Мо ба пеши шумо ҷавобгар шуда наомадем, тақсир, – гуфт, – даъвогар шуда омадем.

– Аввал шумо ба даъвои мо ҷавоб диҳед, тақсир, – аз шариконаш қафо мондан нахоста илова кард Шариф.

– Даъвогар шуда омадед?! – чашмони Мирзоакрамбой аз хашму ғазаб сурх шуданд. – Гиред ин ёғиҳои сарбадорро! – ба навкаронаш амр кард бек. Вай аз чӣ иборат будани даъвои шӯришгаронро донистан ҳам нахост. – Зада–зада бареду ба зиндон андозед!

Навкарон ба ҳар се вакили шӯришгарон дарафтиданд, онҳоро зада ва баста кашон–кашон бурданд. Шартҳои шӯришгарон ба бек ногуфта монданд. Бек ба Абдуқайюмбой амр кард, ки ба қароргоҳи шӯришгарон биравад ва бо ягон ҳилаю тадбир Ҳоҷӣ Яъқуби мударрисро бо ҳамроҳонаш халос карда оварад.

Бой ба Тути буни Ҳайдар баргашта, ҳилаеро, ки дар роҳ фикр карда омада буд, ба кор бурданӣ шуд:

– Вакилони ту дар қалъа зиёфат хӯрда нишастаанд, – гуфт вай ба Восеъ, – ҳоким бо онҳо машварат дорад, мехоҳад, ки ту шартҳои худро саҳл кам кунӣ. Ҳоҷидомулло бо ин оқсақолон, – амлокдор ба ҳамроҳони мударрис ишора кард, – дар машварати бек ҳозир буданашон зарур будааст, вагарна ин мушкили имрӯз ҳал нашуда мемондааст. Одати ҳоким ин ки дар ҳар як бор аввал бо ҳоҷидомулло маслиҳат мекунад.

Восеъ ва ҳамаи шӯришгарон аз дер мондани вакилони худашон дар қалъаи ҳоким ба хавотир афтода буданд. Акнун намедонистанд, ки ба сухани амлокдор бовар кунанд ё накунанд. Сухани вай рост барин менамуд.

– Шумо равед, – гуфт Восеъ ба мударрис, – дигар ҳамроҳони шумо мемонанд.

Ҳоҷӣ Яъқуб хушнудона аспашро савор шуд.

Дар ҳамин вақт аз ҷониби Сурхакон ду савор пайдо шуд.

Ҳарду асп давонда меомаданд. Онҳо Одина ва Ризо буданд. Ризо ба дасташ туфанг дошт.

Ин чӣ воқеа ва чӣ сирре бошад, шӯришгарон нафаҳмиданд, ҳайрон ва бесаришта шуданд.

Воқеа ин буд, ки навкарон ҳар се вакили шӯришгаронро фурсате дар бандихонаи даруни қалъа нигоҳ доштанду баъд ду нафарашон туфанг дар даст онҳоро ба зиндон бурданӣ шуда аз қалъа баровარданд. Дар поён дар майдони пеши қалъа як даста сарбозон истода буданд. Зиндон дар тарафи рости майдон буда, онро пуштае аз чашми сарбозон panаҳ мекард. Дар канори роҳе, ки аз пойи қалъа ба тарафи зиндон мерафт, Ризо се аспи вакилони Восеъро ба дарахт баста, посбонӣ карда истода буд, ки навкарони милтиқдор вакилони даст ба пушт бастаро пешандоз карда оварда истодаанд, ҳангаш канда дасту по гум кард. Онҳо наздик омаданд. Гулқурбон қадам нигоҳ дошта ба Ризо чашмаки маънидоре зад ва гуфт:

– Ризо, носкадуи маро бигир, ба даҳонам нос андоз.

Навкарон ба ин монеъ нашуданд, зеро одати ин тоифаи гадотабъ буд, ки агар дар наздикашон касе нос мекашид, албатта, ба носкашии ӯ шарик мешуданд ва талабида мекашиданд. Ризо носкадуи ҳофизро аз қабати футааш бароварда ва аз он ба кафаш нос рехта ба даҳони вай андохт, навкарон ҳам кадуро аз дасти Ризо гирифта ба навбат нос кашиданд: Ризо аз ин фурсат истифода бурда, номаълумак кордчаашро бароварда чилбури ба дасти Гулқурбон печондашударо оҳиста бурида партофт. Гулқурбон ду дасти раҳошудаашро ҳамоно дар пушташ нигоҳ дошта истода, рӯ ба тарафи навкарон карду нохост ба онҳо тунду тез дарафтида якеро аз пой афтонд ва носи даҳонашро ба чашми вай туф кард, навкар даст ба чашм ниҳод, ҳамон лаҳза Ризо худро гурбавор ба болои навкари дуюм ҳаво дод, ӯро ба тагаш пахш кард. Одина ва Шарифи дастбаста

ҳам фавран ба ҳаракат омада бо тамоми қувват ба сару китфу пойи навкарони ба замин ғалтондашуда якчанд лагад фуроварданд. Ризо дарав дастҳои ин ду нафарро ҳам аз ресмон раҳо кард. Туфангҳоро аз дасти навкарон зада гирифтанд. Баъд ҳар чор нафар худҳошонро ба тарафи аспҳо афканда, савор шуда фирор карданд. Ин ҳама амал дар якчанд сония анҷом ёфта бошад ҳам, талотӯб ва баъд аз он фарёди «доред! доред!»–и навкарони латхӯрдаву гаранг сарбозони дар майдон истодаро аз воқеа хабардор кард, як ду нафар сарбоз аз қафои гурезаҳо, ки ба кӯчаи калони шаҳрча ба тарафи Намозгоҳ чорнаъл асп медавонданд, якчанд тир холӣ карданд. Дар ин асно толеъ аз Гулқурбон ва Шариф баргашт – онҳо тир хӯрда аз болои зинҳо париданд. Одина ва Ризо ба селхонаи Намозгоҳ хамида ҷон ба саломат бурданд. Ризо «Бердани» ғаниматии худро аз қафо гардонда паронданӣ мешуд, аммо тир намебаромад – туфанг бе тир буд. Селхонаи Намозгоҳ баъди як ду дақиқа дуяшонро ба Сурхобдара, ба болои деҳаи Сурхакон баровард.

Дар Тути буни Ҳайдар Одина назди издиҳоми дар ҳайрату ҳаяҷон монда аспи арақшори худро ба зӯр нигоҳ дошта наъра кашид:

– Восеъ! Мо ба доми фиреб ғалтидем! Ҳоким моро банд кард, мо гурехтем, Гулқурбону Шариф нобуд шуданд. Гапҳои мударрис ҳама фиребу найранг будааст! Ҳоким тайёрӣ дорад, сарбозонро ба болои мо меандозад.

Аз ҷамоат ғулғуле бархост, ошуфтагӣ ва изтироб қоим гардид. Мардум ба шарикони дар он ҷо мондаи мударрис дарафтиданд. Ду арбоб ва маҳрамбошии бек дар як дам аз зарби таёқҳо ҳалок гардиданд.

Дигар фурсати хаёлу андеша карда истодан набуд. Восеъ ба қарори қатъӣ омад.

# БОБИ БИСТУ ҲАФТУМ

Вай зуд савор шуд, дигар аспдорон ҳам савор шуданд. Онҳо қариби дусад нафар буданд. Восеъ пиёдаҳои бо шохаҳо–душоха ва сешохаҳо мусаллаҳшударо ба як дастаи алоҳида ҷудо карда буд, ба онҳо фармон дод, ки аз саворон ақиб намонда омадан гиранд. Таёқдорони дигар – аз қафои шохдорон. Ӯ як саворро ба болои тал – ба назди Саид–мерган давонда фармуд, ки дастаи мерган рӯ–рӯйи талҳо ба наздики мазор равад ва он ҷо дар баландӣ шинак гирифта чашм ба тарафи шаҳру қалъа дӯзад: агар аз он тараф сарбозон пайдо шаванд, ба болои онҳо типарронӣ кунад.

Ба Восеи таълими ҳарбӣ надида ва ба истиснои ҳарбу зарби Мазори Додарак дигар ҳеҷ гоҳ фармондиҳӣ нокарда ҳозир танҳо фаросат ва ҳиссиёти табиияш раҳнамо буд. Фаросату ҳиссиёташ ба вай мегуфт, ки агар сарбозон барвақт баромада дар соҳили кушоди дарё ҷангро пайванданд, шӯришгарон дар муқобили яроқи оташфишони онҳо эҳтимол истодагӣ карда натавонанд, бинобар ин вай мехост пеш аз баромадани сарбозон зудтар ба шаҳр зада дарояд: дар кӯчаҳои танги шаҳр, дар байни иморатҳо, дарахтҳо, баланду пастиҳо шӯришгарон – беш аз ҳазор нафар савораю пиёда таёқдор – ҷангида метавонанд, мағлуб намешаванд. Аммо Восеъ аз панҷоҳ нафар сарбози савораи ҳисорӣ, ки бо сардории Раҷаб–додхоҳ дар пушти мазор камин гирифта буданд, хабар надошт...

Нақшаи бек ҳоли ҳозир амалӣ шуда истода буд: дар вақте ки Ҳоҷӣ Яъқуби мударрис шӯришгаронро ба гуфту гузор андармон мекарду баъд вакилони шӯришгарон дар қалъа машғули «музокира» буданд, бек ҳисориёни расида омадаро, пас аз дамгирии нимсоатаашон, дар паноҳи дарахтзорони соҳил ба мазори Ҳоҷа Балҷувон расонида, номаълумак дар пушти мазор ба камин нишонда буд. Дар

дохили қалъа ва дар деҳи Туркон сарбозҳои худи бек ва дастаи лақайҳо ҳам ба ҷанг омода гардида буданд.

Восеъ қад–қади деҳи Сари Мазор бо суръати тез ба гузаргоҳи дарё равон шуд (дарё дар рӯбарӯйи мазор ба се шоха ҷудо мешуд – гузаргоҳи боб он ҷо буд). Вақте ки лашкари вай аз пеши мазор мегузашт, якбора аз тарафи чап – аз пушти мазор қасар–қасари тирпарронӣ ғалтиданд. Воҳима хест, савори тит шуда ақиб гаштанд, пиёдаҳо пош хӯрда ба кунҷу канорҳо ва паси харсангҳо хазиданд. Аспи рамидаи Восеъ ҳам дар як он саворашро ду–се сад қадам ақиб бурда партофт. «Э дареғ, ба ғафлат мондам, – мегуфт Восеъ дар дилаш. – Тамом шудем, ҳозир сарбозон аз қафо ҳамла оварда ҳамаамонро қир мекунанд!» Аммо Раҷаб–додхоҳ аз чӣ сабаб бошад, ки ин халқи гурезаро таъқиб намекард. Восеъ ба пасаш нигоҳ карда соҳилро холӣ дид. Сарбозон ба баромадан аз камингоҳи худ шитоб намекарданд. Шояд гумон мекарданд, ки шӯришгарон хоҳу ноҳоҳ маҳкуми торуморанд, ҷойи гурезу халосӣ надоранд. Ин як хатои фалокатангез – барои сарбозон фалокатангез буд, ки аз Раҷаб–додхоҳ содир шуд. Бек, ки дар болои девори қалъа истода ин манзараро мушоҳида намуда, баъдҳо ҳамин мусоҳилакории додхоҳро, бо афсӯсу надомат ба ҳар кас нақл хоҳад кард.

Восеъ ақибашро холӣ дида, фавран ба қароре омад. Вай бо шамшери бараҳна сари роҳи тӯдаҳои гурезонро гирифта, бо як ваҷоҳати воҳиманок: «Истед! Истед! Нагурезед, ки нобуд мешавед!» гӯён фарёд зада, бо ёрии Назир ва Саидалӣ бештарини саворони худро боздошт.

– Саидалӣ, ту аз ин тараф! Назир аз мобайни дарахтзор! Ман аз рост! Зер кунед! – фармон дод ӯ ва ҳамон дам худаш асп давонда пеш рафт. Саворон, ки пеш аз ин воқеа се даста дар зери фармони Восеъ, Назир ва Саидалӣ буданд, фавран аз қафои саркардаҳои худ шитофтанд.

Дар ҳамин вақт сарбозони Раҷаб–додхоҳ ҳам савор шуда бо шофу шамшерҳои бараҳна аз камингоҳ ҳаракат

карда буданд. Восеъ аз рӯ ба рӯ саворони таёқдорашро рост ба болои онҳо мебурд. Додхоҳ ҳамлаи ҷавобӣ сар кард. Ду гурӯҳ ба ҳам дакка хӯрданд.

Баъди як дақиқа аз даруни дарахтзори мазор Назир ва аз пушти мазор Саидалӣ расида омада худро ба душман заданд. Дар сангоби паҳлуи мазор ва миёни оби Мазор ҳарбу зарби пушиддати шамшеру таёқ ба вуқӯъ пайваст. Таёқдорон, ки ба адад аз саворони додхоҳ чор карат зиёдтар буданд, онҳоро танг карда ба соҳили Сурхоб баровар-данд. Аз ҳар ду тараф кушта ё захмӣ шудагон аз сари зинҳо мепариданд, аспони бесоҳибмонда шиҳа кашида ба ҳар сӯ мегурехтанд.

Баъди се–чор дақиқа дар соҳили дигари дарё як гурӯҳ саворони дигар пайдо шуданд. Инҳо лақайҳои Оллоёр буданд, ки ба мадади Раҷаб–додхоҳ мешитофтанд. Аз болои тали сари мазор тирандозони Саид–мерган ба тарафи онҳо аз туфангҳои Бердану сочма оташ кушоданд, дар миёни дарё се савори душман тир хӯрда ғалтид. Ба ин нигоҳ накарда, лақайҳо бо суръати тез пеш меомаданд.

Дар айни вақт дар баландӣ як дастаи калони сарбозҳои аз қалъа баромадаистода низ намудор гардиданд. Ҷариеро, ки қалъа дар болои он қарор гирифта буд, бо кӯтали Сурхакон як гарданаи борик, ки қили якторааш меноманд, мепайвандад – сарбозҳои савори аз қалъа баромада бо ҳамин гардана гузашта, ба деҳаи Сурхакон сарозер мешуданд. Дар сари онҳо саркардаи телпакдоре савори аспи сафед равон буд, ки шӯришгарон дарав шинохтандаш: вай Давлат қаравулбегӣ буд.

Аён буд, ки Давлат ба пушти шӯришгарон гузашта роҳи ақибнишинии онҳоро бастан мехоҳад. Бек шӯришгаронро аз се тараф печонда гирифтанист. Восеъ аз хатар пай бурд. Ва фаҳмид, ки чораи ягона – то ба соҳили чап гузаштани қаровулбегӣ ба Раҷаб–додхоҳ ва Оллоёр шикаст додан аст. Агар ин муяссар шавад, Восеъ баъд аз он

лашкарашро ба муқобили Давлат хоҳад гардонд; аммо агар он муяссар нашавад, торумор шудан ногузир аст.

Ҳар як он ғанимат, ҳар як сонияи сустӣ ҳалокатовар буд. Ба расидани мадади лақайҳо сарбозони ҳисорӣ ҳам боз далер шуданд, худро сахттар ба набард заданд. Аҳволи шӯришгарон мушкил буд – мушкилтар шуд.

Агар ба инҳо як мадади ногаҳонӣ намерасид, корашон тамом буд.

Ин мадади ногаҳонӣ аз пиёдаҳо расид. Одина, ки аспаш тир хӯрда ғалтида, худаш пиёда монда буд, як гурӯҳ пиёдаҳоро аз паси девору дарахтони деҳи Сари Мазор бо шитобу ҷадал сар карда овард. Инҳоро дида, аз ҳар кунҷу камар пиёдаҳои дигар ҳам ба по хестанд. Ҳамаашон ғавғо андохта бо сардории Одина ҳамлаи тунде оварда, ба саворони худию бегона омехта, шохаҳо ва таёқҳошонро ба кор дароварданд. Соҳили Сурхоб санглох аст – сангҳо ҳам силоҳи ҷангии пиёдаҳо гардиданд. Назир паҳлавон бо Оллоёр шамшерзанӣ мекард – ӯро зада аз асп ғалтонд. Тани пуру ғафси оқсақоли лақайҳо дар таги пойи аспҳо монд. Саворони гурӯҳе дар соҳил ва тӯдае дар даруни оби тез бо ҳам меҷангиданд. Восеъ бо Раҷаб–додхоҳи ростқомати қоқинаи сиёҳриш дар миёни дарё тан ба тан меҷангид. Яке аз зарбаҳои қаттоли шамшери вай ба китфи додхоҳ рост омада, дами шамшераш то ба устухони ӯ фурӯ рафт. Саркардаи шуҷоатманди Остонақул–қушбегӣ аз зин чаппа шуда порикоб гашт, (пояш дар рикоби асп дармонд). Асп ҷасади вайро дар об кашола карда мегурехт, ки сараш ба сангҳо мехӯрд. Дар ин миён қаравулбегӣ дар наздикии Тути буни Ҳайдар аз дарё гузашта ба пиёдаҳо ҳамла овард. Онон дар байни харсангҳо пароканда шуда, то метавонистанд бо таёқҳои худ ба саворони вай муқобилат мекарданд. Ҳисориёни Раҷаб–додхоҳ ва лақайҳо талафоти зиёд дода буданд, баъд аз кушта шудани сардорашон боқимондаи онҳо аз руҳ афтода, ба

ҳамлаҳои издиҳоми сершумори савору пиёдаҳои Восеъ тоб наёварда ҳазимат карданд.

Ҳарбу зарб понздаҳ–бист дақиқа беш давом накард. Давлат–қаравулбегӣ бо мадади Раҷаб–додхоҳу Оллоёр расида натавонист. Нақшаи бек дар бобати печонда гирифтани шӯришгарон барбод рафт. Ин муваффақият ба Восеъ пару бол бахшид. Вай таъқиб кардани боқимондаи ҳисориҳо ва лақайҳоро ба Назир вогузор карда, худаш бо Саидалӣ ва Нозим ба муқобили Давлат шитофт. Ҳарбу зарби кӯтоҳакак тақдири қаровулбегиро низ ҳал кард. Задухӯрди пароканда бо пиёдаҳои таёқдор ҳавсалаи сарбозони Давлатро як дараҷа пир карда бошад, шикаст хӯрдани Раҷаб–додхоҳ ва Оллоёр ба дили онҳо тарсу ваҳме андохта буд. Саидалӣ ҷаҳд мекард, ки бо Давлат ҷанги тан ба тан намояд ва аз вай интиқоми дерини боғи Чаганро ситонад, аммо ба ин мақсади худ ноил нагардид, зеро пеш аз он ки вай ба Давлат рӯбарӯ шавад, ин душмани ҷонию хунии ӯро тирандозони Саид–мерган тире ба пояш зада аз саф бароварданд. Вай аз шаст савори худ бисту чанд нафарашро талаф дода, кушта шудагон ва захмдоронашро дар санглоххои соҳили дарё партофта фирор кард.

Назир паҳлавон боқимондаи сарбозони ҳисорӣ ва лақайҳои Оллоёрро парешон карда ва таъқиб намуда аз дарё гузашт. Дар ҳамин вақт Восеъ ҳам боқимондаи сарбозони Давлатро бо соҳили рости дарё сур карда омад. Дуяшон дар таги ҷарии пушти қалъа бо ҳам вохӯрданд. Дар ин ҷо ҳисориҳо ва лақайҳо бо сарбозони Давлат як шуданд. Аз пеш – аз ҷониби шаҳр як даста сарбозони дигар – тақрибан ягон сӣ нафар сарбоз – таҳти фармони Алӣ–тӯқсабо ном амалдори бек пайдо шуда омада, гурезаҳоро ақиб гардонданд. Боз заду хӯрди сахте ба амал омад. Аммо саворони Восеъ ва Назир на танҳо ба шумора зиёдтар, балки масти зафар ҳам буданд, бо зарбу шасти беш аз пеш худро ба душман мезаданд. Ба илова, пиёдаҳо

ҳам расида омаданд, онҳо ба болои дарё арғамчин кашида, арғамчинро дошта мегузаштанд, бо ин тариқ беш аз чорсад нафар пиёда аз об гузашта ба ҷанги таги ҷаррӣ ҳамроҳ шуданд. Қувваи шӯришгарон панҷ–шаш баробар афзуд. Таёқҳои шахзан саворони душманро бераҳмона кӯфта аз аспҳо чаппа мекарданд.

Дар аснои ин заду хӯрд бек Мирзоакрамбой бо тӯдаи амалдорон ва боёни шаҳр баромада гурехт. Гурехтани онҳоро шӯришгарон медиданд. Корвони бек бо шитобу ҷадал ба Кангурт раҳсипор шуда буд. Зоҳиран, бек бозиро бохта ҳисоб мекард ва мағлубияташро ба гардан гирифта буд. Гурехтани вайро дида, сарбозҳо ва лақайҳо низ ҳавсалаашон пир шуд. Онҳо ақиб гаштанд ва пароканда–пароканда аз думболи ҳокими худ афтиданд. Восеъ шамшери хунин дар даст, сарлуч – саллаву тоқияш аз сар парида, ҷомаву яктаҳаш пора–пора, дар китфи бараҳна ва бозувонаш доғҳои хун, чашмонаш ҳамчун ду ахтари фурӯзон, ҷабинаш аз офтоби сӯзони ба қиём омада ва аз гармии ҳарбу зарб арақшор, дар сари лашкари фотеҳи худ ба шаҳр ва ба қалъаи Балҷувон зада даромад...

* * *

Даруни қалъа шаҳри тороҷдидаеро ба хотир меоварад. Дар роҳравҳо, тангкӯчаҳо, саҳни ҳавлиҳо ашёи гуногун: ҷое зину лаҷом, тӯрбаи ҷави рехта, саргини тари аспон, ҷое қамчин, кафш, салла ва ғайра хобидааст. Дар ҳавлиҳои мансабдорон, мисли ин ки чизи гумшудаеро саросема кофтуков карда бошанд, асбобу анҷоми рӯзгор ҳама тагу рӯ. Манзара гурезогурези бошитоберо аён месозад. Дар меҳмонхонаи калони ҳоким биринҷу сабзии резашуда пош–пош, дег бо зирбаки гарм дар сари оташдон мондааст. Хизматгорон аз коло ва анҷоми хонаҳои бесоҳибмонда ҳар чӣ ба дасташон омадааст, гирифта гурехтаанд.

Аз баъзе ҳавлиҳо овози гиряи занон ва кӯдакон ба гӯш мерасад. Аз як ҳавлӣ як тӯда духтаракон, аз ҳавлии дигар писарбачаҳо – фарзандони деҳқонон, ки онҳоро бо фармони ҳоким аз падару модарҳошон ба ҷойи бақияи андозҳо гирифта оварда буданд, давида баромаданд. Бачаҳо дар байни шӯришгарон падар, бародар, хешу таборашонро меҷустанд. Даҳ–дувоздаҳ нафари онҳо хешони худро ёфтанд. Оғӯш, навозишҳои гарми пазмонӣ, гиряҳои шодӣ як саҳнаи муассир ва дилхарошеро ба ҳам расонданд.

Ғолибон дари оҳанкӯби зиндонро шикаста асиронро озод карданд. Асирони зулму бедод чилу се нафар, бештаринашон деҳқон ва чӯпонҳо буданд. Онҳоро Кулӯх мингбошӣ бо гуноҳи тарафдории Восеъ аз деҳу дараҳо дошта оварда буд. Гулқурбони ҳофиз ҳам аз зиндон ёфт шуд. Вай маҷруҳи хуншор буд, озодкунандагонаш ӯро базӯр шинохтанд. Шарики ӯ – Шарифи ноком аз захми тири хӯрдааш ҷон дода будааст. Ҳофизро дар хонаи як нафар хеши балҷувониаш ҷой карда, ба марҳаму давои яке аз табибон супурданд. Табибҳо ва шикастабандҳоро бо фармони Восеъ барои табобати маҷруҳон ёфта оварда буданд.

Восеъ бо лашкараш ба ҷанггоҳ баргашта то бегоҳӣ ба дафни шаҳидон машғул гардид. Ду саду чанд нафар шаҳидони ғазот ба хок супурда шуданд. Маҷруҳонро ба шаҳр оварда дар ҳавлиҳо ҷой карданд, онҳоро табибон даво ва хешонашон парасторӣ менамуданд.

Вақти бозгашт аз ҷанггоҳ як гурӯҳ шӯришгарон ьа назди Восеъ мутаваллии бозори Хоҷа Балҷувонро пешандоз карда оварданд.

– Мо дар паҳлуи мазор шишта дам мегирифтем, ин баромада моро дашном дод, дуои бад кард.

Восеъ савори асп буд, Саидасрори сарлуч ва пойлуч ба танаш яктаҳи дароз ва эзори фарох, дар назди ӯ меистод.

Вай ба нигоҳи нафратомези Восеъ тоб наёвард, ба замин нигарист.

– Дуои бад кардӣ? – савол дод Восеъ.

Шайх як он хомӯш истода, баъд якбора девонавор фарёд кашид:

– Ҳо, дуои бад кардам! Боз мекунам! Шумо мардум ба подшоҳи ислом исён кардед, осӣ шудед! Ҳамаатон кофиред! Илоҳо сар ба дор шавед, туъмаи гургу шағол шавед, малъунҳо!

Аммо фарёди вай ба Восеъ таъсире накард.

– Дуои бади муттаҳамон, ҳақимардумхӯронро Худо мешунавад, ба худашон мегардонад! – тамасхуромез ҷавоб гардонд ӯ.

Хандаи хушҳолонаи шӯришгарон баланд гардид. Саидасрор мисли ин ки торсакие ба рӯяш зада бошанд, ду даст ба ришаш кашида, шах шуда монд.

– Ту ба пули Ашӯр мункир шудӣ, – хотирасон кард Восеъ, – ба имонат хиёнат кардӣ, хостӣ, ки маро дар пеши қозӣ дурӯғгӯй кунӣ. Хайрият, ки қозӣ муттаҳамии туро дониста баъд пулро аз ту рӯёнд, вагарна ҳақи як беваи муштипарро хӯрда мерафтӣ. Ман ҳозир ҷазои туро доданам лозим буд, аммо ман бадкина нестам. Туро ҳамин қадар ҷазо бас аст, ки халқон лаънатат мехонанд. Рӯт сиёҳ, шайх! Бирав, ба хонақоҳат! Коре кун, ки ман дигар башараи наҳси туро набинам! Гум шав!

Саидасрор бо сару қомати хам якто–якто қадам партофта равон шуд.

## БОБИ БИСТУ ҲАШТУМ

Шабонгоҳ Балҷувон шаҳри оташафтодаеро мемонд. Дар майдони пеши қалъа, бозоргоҳ, намозгоҳ, канори дарё шуълаи гулханҳо забона мезад. Дар гирди гулханҳо хурсандӣ ва дилхушиҳои идона дар авҷ буд. Аз қишлоқҳои атроф ҳам фақирони бисёре омада, издиҳомро зиёд карда буданд. Наъраи карнаю нағмаи сурнайҳо, бакбаки духулу нақораҳо тантанаи шӯришгаронро пурсадо мекарданду онро то ба дараҳо ва деҳкадаҳои дур интишор медоданд. Дар дегҳои бисёре каллаю поча, гӯшту чарбуи гӯсфандон меҷӯшид. Нонвойҳо аз орду ғаллаи давлатмандон ва амалдорони бо ҳамроҳии бек гурехта, – онҳое, ки аз қамчинашон хун мечакид ва фақирон аз саги онҳоро тур гуфтан метарсиданд: Алайкбахшбой, Муъминбой, Сулаймонбой, Қайюм–туқсабо, Ҷалол–додхоҳ, Қурбон–қаровулбегӣ, Давлат–қаровулбегӣ Аллоҳёр–оқсақол ва ғайра, – аз гӯшти гӯсфандони инҳо имрӯз дошдегҳои шӯришгарон меҷӯшид ва аз орду ғаллаи мусодирашудаи амалдорон, нонвойҳо барои фотеҳон нони гарм мебастанд. Ашёи рӯзгор, анҷоми хонаҳои боёну амалдорон ҳам дар байни шӯришгарон тақсим меёфт.

* * *

Дар меҳмонхонаи калони гаҷкории қалъа сарони шӯриш маҷлиси зиёфат ороста буданд. Дар тоқчаҳо ба шашто шамъдон шамъҳо дар гирифта меистоданд, ки хонаро хеле равшан карда буданд. Вақте ки Восеъ баъд аз хоби сахти тӯлонӣ шустушӯ ва тағйири либос карда, аз хонаи дигар ба ин ҷо ворид шуд, Нозим бо шавқ ба вай хитоб кард:

– Восеъ! Назир мегӯяд, ки «танҳо худам як барраро мехӯрам». Дуямо гарав бастем, ту гувоҳ шав.

– Ба чӣ гарав бастед?

– Гаравро ман барам, Назир ана ҳамин ҷомаашро ба ман медиҳад, – Нозим ба ҷомаи нави бароқи абра–астари Назир, ки ӯ дар хонаи бек ёфта, пӯшида гирифта буд, даст расонд, –агар ӯ барад – ман ҳамин ханҷарамро медиҳам. – Ин ханҷари дудамаи дастааш ҷавоҳирнишон низ ба Нозим дар қалъа ғанимат афтода буд.

– Назир чӣ қадар хӯрда тавонистанашро худаш медонад, ту гаравро бой медиҳӣ, – хандид Восеъ.

– Бой намедиҳам. Ӯ барраро агар хӯрда натавонад – ман мебарам, агар хӯрад ҳам ман мебарам, чунки баъди хӯрдани як барра Назир мекафад, ҷомааш ба ман мемонад.

Дар байни хандаи ҳозирон Назир:

– Барраро биёру бубин чӣ тавр мехӯрам! – гуфта боз «ҳавои даҳан» кард.

Баъди андак фурсат Ризо, ки дар ин зиёфат хизмати дастёриро адо мекард, аз ошхона як табақи калони пури гӯшти дунбаи пухтаро оварда ба пеши Назир гузошт. Ин миқдор гӯшту дунбаро чор–панҷ нафар одами гурусна хӯранд, сер мешуданд.

Назир остинҳои ҷомаи шоҳии бароқро боло кашида, дар зери барангезиши пурҳаёҳу ва хандаҳои қоҳ–қоҳи ҳозирон ба хӯрдани ин таоми гаравии худ шурӯъ кард. Ба наздаш як косаи чинӣ оби сарди чашмаро ҳам ниҳода буданд, вай баъди ҳар се–чор лукма аз он об як қулт менӯшид.

Дар байни нишастагон Саидалӣ набуд. Восеъ ӯро пурсид. Яке аз ёрон гуфт:

– Ман ӯро дар Намозгоҳ дидам, кабоб хӯрда, бозии масхарабозонро тамошо карда нишаста буд.

Восеъ бо ёронаш нақшаи кори пагоҳро маслиҳат карданӣ буд, мехост, ки Саидалӣ низ ҳозир бошад, аммо маслиҳатро бе вай кардан лозим омад.

– Мир гурехта халос шуд, – гуфта гап сар кард Восеъ, – ӯ, албатта, дар Кангурт хотирҷамъ намешинад, қувва ҷамъ

мекунад, барои моро аз Балҷувон зада баровардан тайёрӣ мебинад. Эҳтимол, ба Ҳисор хат фиристода, аз қушбегӣ мадад пурсад... Шумо чӣ мегӯед, ёрон, мо чӣ кор карданамон лозим?

Ёрон ҳама ба Назир нигоҳ карданд. Назир баъд аз Восеъ сардори дувум ва ба ҳукм «вазир»–и ӯст, одами доност, бояд аввал вай гап занад.

Назир луқмаи навбатиро фурӯ дода ва обро нӯшида гуфт:

– Ту мири мой, Восеъ, ту сарлашкарӣ, мо лашкар. Ту чӣ фармоне, ки диҳӣ мо ба ҳамон амал мекунем.

Дигар ҳозирон ҳам сухани ӯро маъқул донистанд.

Восеъ як нафас тааммул кард, аз устухони дар告 дасташ буда гӯштро покиза тарошида хӯрд, устухонро ба рӯйи дастархон партофт ва баъд бурро–бурро гуфт:

– Пагоҳ Кангурт меравем, ҳуҷум мекунем. Намемонем, ки мир нафасашро рост кунад. Фармони ман ҳамин аст.

– Маъқул, – гуфт Назир. – Ҳоким гургворӣ аз қапқон ҷаст, гурехт, аммо пояш лангон аст: агар сари вақт ӯро сур кунем, мегиремаш. Иншоаллоҳ, Кангуртро ҳам мегирем.

– Рост мегӯйӣ, – сухани Назирро қувват дод Одина. – Гармогарм лагад кардан лозим мирро. Ӯ имрӯз дилашро бой дод, тоби ҷанг надорад, боз шикаст мехӯрад.

– Агар ӯро ба даст меғалтондем ё мекуштем, аҷаб кори хубе мешуд! – гуфт Нозим. – Мирони дигар ҳам тарсида мемонданд!

– Коре карда бисёртар камону шамшер ғанимат бигирем, хуб мешавад, – ба гап ҳамроҳ шуд Саид–мерган – сардори шӯришгарони дараи Раҷабфақир. – Ҳозир аслиҳаи мо кам аст; Худо накарда қушбегӣ ё мири Кӯлоб ба болои мо лашкар кашанд, кори мо мушкил мешавад.

– Аспҳоро ҳам бигӯ, акаи мерган, – аз дами дар гап партофт Ризо, – сарбозони мир аспҳои хуб доранд, аспҳошонро ғанимат мегирем!

Сардорон ҳамин тавр ба зафар ёфтанашон бовар карда гап мезаданд. Ғалабаҳои то имрӯз ба дастомада, дар навбати якум. албатта, ғалабаи калони имрӯза онҳоро пурдил карда буданд.

Аз ҳозирон фақат як кас–Юсуфи ҷавонбахтӣ, кушандаи Кулӯх-мингбошӣ фикри дигаре изҳор кард.

– Восеъ, одамон ва аспони мо хеле монда шудагӣ, ту ҳаминро ба назари эътибор бигир, одамон ва аспонро як ду рӯз дам медодем, бад намешуд. Мир дар ин як рӯз–ду рӯз аз дасташ чӣ кор меояд? Ҳеҷ коре карда наметавонад. Мир сахт лат хӯрд, то ӯ ба худ омада фикри корро мебинад, ки якчанд рӯз мегузарад. То Кангурт қариб чор фарсанг роҳ аст, аспон ва одамони мондашудагӣ то ба он ҷо расидан тамом шалпар мешаванд, аз пиёдаҳо мумкин, ки бисёр касон аз мондагӣ дар роҳ монанд.

Ҳозирон ба Восеъ назар дӯхтанд, мунтазир буданд, ки ӯ дар бораи ин нуктаи ба хотири худашон нарасида ё расида бошад ҳам беэътибор монда чӣ мегуфта бошад.

Восеъ ин мушкилро саҳлу осон ҳал кард:

– Ҳеҷ гап не, – гуфт ӯ, – одамон имшаб ва пагоҳ то бегоҳӣ дам мегиранд, мо бегоҳӣ ба роҳ мебароем. – Вай баъди андак сукут илова кард, ки:

– Мо морро лагад задему накуштем, сари мор кӯфта беҳ. Аз неши мори сарнокӯфтаву нокушта ҳазар.

Нозим аз ваъдаи лақайҳои Кӯлоб сухан ба миён овард:

– Туғай наёмад–ку, Восеъ? Магар аз қавлаш гашта бошад?

Восеъ зуд ҷавоб надод. Саид–мерган гуфт:

– Аз дузд чӣ умед? Дузд магар қавл дорад?

– Наёяд – даркор нест, – гапро тамом кард Восеъ.

– Даркор нест, – такрор кард Назир. – Ман медонистам, ки Туғай аҳду паймонро бо дили соф намебандад. Мақсади ӯ баъд аз гирифтани Балҷувон дуздию ғоратгарӣ буд.

Мадади Туғай ба Восеъ дар ҳуҷуми ба Балҷувон даркор буд, акнун, ки ин ҳуҷум бе вай ҳам ба муваффақият анҷомид, Восеъ дигар ба вай эҳтиёҷ надошт, ҳатто аз наёмадани ӯ гиламанд ҳам набуд. Ёронаш ҳам инчунин.

– Хуб, омин, Аллоҳу акбар, – даст ба рӯй кашида аз ҷо бархост Восеъ. – Акнун хоб. Пагоҳ кори зӯр дар пеш аст, дам бигиред, додарон. Назир, ту аз қаравулҳо, дидбонҳо хабар бигир, бигӯ: чорчашм нигоҳ кунанд, ғафлат накунанд.

Ризо ва дигар дастёрҳои ҷавон ба ғундоштани дастархон шурӯъ карданд.

Восеъ ҳоло қадам аз остона берун нагузошта буд, ки додараш Қосим пайдо гардид. Саросема буд, тез–тез нафас мекашид.

– Саидалӣ Боғи мирро лагад кард, – хабар дод ӯ. – Қаровулонро зад, банд кард. Худаш ҳамроҳи одамонаш чизу чораи мирро толон карда истодааст.

Пеш аз ин Восеъ додарашро бо як даста одам ба Боғи мир фиристода буд, ки онро то пагоҳ посбонӣ карда истанд, пагоҳ худаш ба он ҷо баромада асбобу анҷоми манзили тобистонии бекро мусодира ва дар байни шӯришгарон тақсим карданӣ буд. Дар он манзил аҳли ҳарами бек мезистанд, ду занаш гурехта аз паси шавҳарашон рафта буданд, фақат зани калонии ӯ ки бемори бистарӣ буд, бо як зани парастор ва ду хизматгори мардина монда буд.

– Одамаш чӣ қадар? Бо чанд кас лагад кард? – пурсид Восеъ.

– Бист–бисту панҷ кас, – ҷавоб дод Қосим.

– Ҳай лаънатӣ! –гуфта монд Назир. – Хук арзанхӯриашро намепартояд.

Восеъ фармон дод:

– Одина! Юсуф! Дарав бо одамони худатон ба Боғи мир равед. Агар Саидалӣ ҳанӯз аз он ҷо нарафта бошад, шумо боғро печонда гирифта ӯро баромадан намонед. Шаб дар ҳамон ҷо истед, пагоҳ худам баромада бо ӯ гап мезанам.

Одина ва Юсуф туфангу шамшерҳошонро ба даст гирифта зуд баромада рафтанд.

Восеъ аз ин ҳодиса табъаш хира шуд. Гумон накарда

буд, ки дар худи рӯзи якуми ғалаба дар байни ёронаш ин хел ҷанҷолу муноқиша мехезад.

Пагоҳӣ пеш аз ношто вай ба Боғи мир саворӣ намуд. Ҳамроҳаш Назир ва Нозим рафтанд. Одина ва Юсуф Саидалиро ҳабси «боғӣ» карда нигоҳ дошта будаанд. Онҳо Восеъро дар дами дарвозаи боғ истиқбол намуданд.

– Саидалӣ ба болои мо тохт, чизу моли толон кардаашро ба аспҳо бор карда гурехтанӣ шуд, мо гардондемаш. Дар занозанӣ чор одами ӯ маиб шуданд, – маълум кард Одина.

Одамони вай дарвозаҳоро кушоданд, Восеъ аввалин бор дохили Боғи мир гардид. Бас дилкушову босафо чорбоғе дид, ки касро ба фароғату роҳат моил менамуд. Дар фарози ҳамвори кӯҳ ва нишебии он як бист таноб ҷойро бо девори баланди сангин иҳота намуда, токзору мевазорҳо, гулистонҳо, суфаю сарҳавзҳо сохта буданд. Мақомгоҳи мир кӯшки сафеди ойинакорӣ, шипанг ва айвонҳои накшин дошт. Бӯйи диловези гули садбаргу райҳон машомро муаттар менамуд, ба ҷон ҳаловат мебахшид. Хониши булбулон рӯҳнавоз, оби зулоли чашмасор бо миллаҳои сафолин ва новадонҳои чӯбин ба ҳар ҷониб равон буд. Сайри насими фараҳбахши кӯҳсорон сафо ва таровати ҳавои чорбоғро афзунтар менамуд. Мирон соле ду бор– се бор аҳолии калонсоли ҳар як амлокдориро ба навбат ба ин ҷо оварда кор мефармуданд, сангу рег мекашонданд, деворҳо ва иморатҳо, роҳу пайраҳаҳо, ҷӯйҳоро таъмир мекунонданд.

Саидалӣ бо як гурӯҳ одамонаш дар сари ҳавзи калон нишаста буд. Сари баъзешон бо рӯймолҳои чиркин бастагӣ, куртаю ҷомаҳои аксарашон даридагӣ буд; ба намуд ҳамаашон як ҳоли табоҳ ва раҳмангезе доштанд, ки ба он ҳама шукуфонӣ ва хуррамии чорбоғ ҳеҷ мувофиқат намекард. Ин одамҳо қисман хешони худи Саидалӣ, қисман шарикони дуздӣ ва роҳзании пештараи ӯ буданд. дар Ёхсу ва ҷоҳои дигар. Бо пайдо шудани Восеъ ҳеҷ кас аз ҷо

начунбид ва ба вай эътиное накард. Аз афти кор, шарикон ҳамин тавр забон як карда буданд.

Назир пеш баромада ба сари Саидалӣ фарёд кашид:

– Бихез, номард! Восеъ омад, салом кун!

Саидалӣ хоҳам–нохоҳам аз ҷо бархост.

– Чӣ мегӯйӣ? – дар навбати худ Саидалӣ ҳам дод зад. Ба Восеъ ишора карда гуфт: – Ӯ одамонашро душманворӣ ба болои ман андохта маро, ҳамроҳони маро занонад, бандонад, маиб кунад, боз ман саломаш диҳам?!.. Ту, – ба Восеъ рӯй овард Саидалӣ – ту акнун мир шудӣ, ба тақлиди мирон зулм кардан гир! Мирон ба сари ёру дӯстонашон қамчин намекашиданд, ту бикаш! Гуноҳам чист, ки маро банд мекунӣ, мезанӣ, беобрӯ мекунӣ? Ё ман бо мир ҷанг накардам? Хун нарехтам? Ман аз ту пештар шӯриш карда будам! Вақте ки ман ҷонамро ба кафам гирифта, бо золимон меҷангидам, ту дар хонаат хотирҷамъ шишта будӣ, ҷувоз мекашидӣ. Моли мир ба ман ҳалол аст. Ман аламзадаам, миру амалдоронаш ба ҳеҷ кас ин қадар зулм накардаанд, ки ба ман карданд; биҳиштворӣ боғи бо меҳнату машаққат дар Чаган сабзондаамро нобуд карданд, ман товони боғамро мегирам!..

Восеъ ба Саидалӣ дарав ҷавоб надод, аз болои асп ба ӯ як нафас чашм дӯхта истод. Аз нигоҳи хомӯшонаи ӯ Саидалӣ ба ҳолати ногуворе монда, намедонист чӣ кор кунад.

– Шарм кун, Саидалӣ! – гуфт баъд Восеъ. – Ту худатро меросхӯри мир кардӣ? Молу хазинаи мир ғанимати ҳалоли фақирони шӯриш кардагӣ аст, ҳар кас, ки ба сари худ ғанимати фақиронро ғорат кунад, дузди ғоратгар аст. Маълум мешавад, ки ту бо мақсади duздию ғоратгарӣ ба ғазот ҳамроҳ шудаӣ!

Саидалӣ чизе гуфтанӣ шуда даҳон кушода буд, ки Восеъ:

– Дам ист! Ман гап мезанам, ту шунав! – гуфта шасти ӯро шикаст. – Ман ҳозир барои бо ту саволу ҷавоб карда истодан вақт надорам, ҳамин қадар мегӯям, ки агар ту ин

феъли бадатро напартоӣ, тавба накунӣ, сонӣ аз худат гила кун!

Восеъ ба ҳисоб гирифтани чизҳои ғораткардаи Саидалӣ ва дигар ашёи боқимондаи Боғи мирро ба Назир супурда, худ бо Нозим ва ҳамроҳони дигараш пиёда чорбоғро давр зад, ҳавлиҳои даруну беруни ҳокимро даромада дид. Дар ҳавлии дарун вай ба ду хизматгори бек –марди кӯҳансол ва ҷавоне вохӯрд; ҷавонро зуд шинохт – вай Ниёз буд, ки дар он ҷо бо зани бемори тағоияш монда буд.

– Ниёзҷон! Саломалайкум! – Восеъ аз ин мулоқоти ғайри чашмдошт бо ошнои сафари Қаршии худ хушнуд гардид. Дуяшон вохӯрдии бағалкаш карданд. – Ниёз, ана, ҳамин аст, ман ба шумо нақли ӯро карда будам, – гуфта, вай ошнояшро ба Нозим, Қосим ва дигар ҳамроҳони худ шиносонд. Онҳо ҳам бо ҷавон вохӯрдӣ карданд. Шарики Ниёз–марди солхӯрда аз пайдо шудани Восеъ тарсида буд, аммо акнун бо Ниёз ин тавр муомила кардани ӯро дида осуда шуд; вай тамаллуқкорона табассум карда дандонҳои ягон–ягони худро нишон медод.

Ниёз хафа ва парешонҳол менамуд. Сабаби парешонҳолии ӯ албатта, ҷанг, гурезогурез, ғоратгарии Саидалӣ буд, Восеъ инро фаҳмид.

– Хафа нашав, Ниёзҷон, – тасаллӣ доданӣ шуд ӯро Восеъ, – тақдир ҳамин будааст, ҳама кор аз гардиши фалак аст... Хуб, сиҳат саломат ҳастӣ? Биё, камтар шинем, пурсу пос кунем.

Ҳамаашон дар суфаи саҳни ҳавлӣ нишастанд.

– Ёд дорӣ, Ниёзҷон, – суханашро давом дод Восеъ, – ту дар Қаршӣ ба ман гуфта будӣ, ки кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад? Ба Худо, ки рост гуфта будӣ.

Вай Ниёзро самимона дӯст дошта буд. Дар ин якуним соле, ки аз вақти хайрбод кардани дуяшон дар Қаршӣ гузашта буд, Восеъ гоҳ–гоҳ ӯро ба некӣ ёд мекард. Охир, дар он мусофирати душвори пур аз хорию зорӣ магар Ниёз мӯниси ӯ набуд? Қадри он дилбардорӣ ва он

некиеро, ки Ниёзи покдил ва меҳрубон ба вақти дилшикастагӣ ва навмедии Восеъ кард, фақат касе медонад, ки боре азобу кулфати ғарибиро кашида бошад. Ин хел некӣ як умр фаромӯш намешавад.

– Ғам нахӯр, Ниёзҷон, туро дар ин ҷо ҳеҷ кас хафа намекунад, агар ягон талабе дорӣ, бигӯ, ман баҷо меоварам. Ба ягон тараф рафтанӣ бошӣ, ба ту асп медиҳем.

– Ойтимуллом касал, – маҳзунона ба тарафи хона ишора кард Ниёз.

– Медонам, иншоаллоҳ, сиҳат шуда мемонад. Набошад, то сиҳат шуданаш ту дар ҳамин ҷо истодан гир. Аз хӯрокӣ, обу ҳезум ҳам хотирҷамъ бош! Одамҳои мо ба шумо мерасонанд.

Баъд Восеъ даҳ тангаи дар Қаршӣ аз Ниёз гирифтаашро ба хотир овард:

– Воқеан, ман аз ту қарздорам, Ниёзҷон. Кадоматон пул доред? – ба ҳамроҳонаш муроҷиат кард ӯ. – Ба ман даҳ танга қарз диҳед.

Аммо маълум шуд, ки ҳеҷ кадоме аз ҳамроҳони ӯ ҳам дар киса пул надоштааст.

– Лозим нест, шумо аз ман қарздор нестед, – хиҷолатомез мункир шуд Ниёз.

– Не, қарздорам, Ниёзҷон. Ту фаромӯш карда бошӣ ҳам, ман фаромӯш накардаам, – хандид Восеъ. – Аз ягон ошноям қарз карда то бегоҳ ба ту мерасонам, – ваъда дод ӯ.

Ниёз қиёфаи босалобати Восеъро, шамшери ба туҳфа ҳамоил кардаашро, чашмони дурахшандаи барқнигоҳашро, иззату ҳурматеро, ки ҳамроҳонаш нисбат ба вай менамуданд, мушоҳида мекарду аз дигаргунии дар ӯ рӯйдода ба ҳайрат монда, дар дилаш мегуфт, ки наход ин мард, ин пешвои овозадори шӯришгарон, ин фотеҳи Балҷувон ҳамон Восеъ бошад? Ҳамони Восеи галабони роҳи Қаршӣ? Э аҷаб! Аммо хулқаш, рафтораш, тарзи муомилааш дигар нашудааст: ҳамон кӯҳистонии содадил, дӯстрӯ, улфат...

# БОБИ БИСТУ НУҲУМ

Саидалӣ аз танбеҳи Восеъ дар назди шарикони худ мулзам шуда, нафсаш коҳида буд. Вай ба аспи қаҳру ситеза савор шуд. Хост ба шариконаш нишон диҳад, ки соҳибихтиёр аст ва аз Восеъ наметарсад. Нафсонияташ ӯро ба ғоратгарии наве кашид.

Вай аз «Боғи мир» фуромада, дар шаҳр боз дигар шарикони содиқашро гирд оварда, чанде аз ҳамқишлоқҳои худро низ аз роҳ бароварда, бо ҳамроҳи онон қад–қади оби Талхак ба кӯҳҳо баромада рафт.

Кори Саидалӣ ба нақшаи Восеъ лат дод: юруши ба Кангурт дар зери хатари барбодравӣ монд. Бо вуҷуди ин Восеъ бо шитобу ҷадал қувваҳои боқимондаашро ҷамъ карда ба тарафи Кангурт бурданӣ шуд.

Аммо дар ин миён як ҳодисаи нави хилофи интизор рӯй дод: дар байни шӯришгарон овоза паҳн шуд, ки Остонақул–қушбегӣ аз Ҳисор бо лашкари гароне баромада ҳоло ба Вахш наздик расидааст; бек Мирзоакрами мирохӯр низ аз Кангурт ба тарафи Балҷувон ҳаракат намудааст, инчунин мири Кӯлоб ҳам ба болои Балҷувон лашкар кашида омада истодааст...

Дар байни шӯришгарон воҳима хест. Як қисми онҳо ба ҳар сӯ пароканда гардиданд, дигарҳошон мутараддид шуда монданд. Восеъ дурӯғ будани овозаи паҳншударо медонист – дидбонҳои ба роҳи Ҳисор, Кангурт, Кӯлоб фиристодаи ӯ хабар медоданд, ки дар он тарафҳо ҳаракати сарбозон дида намешавад. Вай бо эълони дурӯғ будани овоза қисми зиёди шӯришгаронро аз пароканда шудан боздошта бошад ҳам, ба ҳар ҳол юруши ба Кангурт номумкин гардид: бо он қувваи костае, ки баъд аз гурехтани Саидалӣ ва пароканда шудани як қисми шӯришгарон боқӣ монда буд, ба Кангурт ҳуҷум кардан хавфнок буд. Аммо беҳаракат истодан ҳам хатар дошт, зеро дар ин сурат

шӯришгарони боқимонда низ метавонистанд пароканда шаванд.

Восеъ бо як қисми қувваҳо ба тарафи Вахш ҳаракат карданро лозим донист. Эълон намуд, ки вай то Норак рафта пули Вахшро вайрон хоҳад кард, то ки агар аз Ҳисор сарбозон омаданӣ шаванд, аз дарё гузашта натавонанд. Дар баробари ҳамин вай аҳолии қишлоқҳои сари роҳашро ба шӯриш хоҳад хезонд.

Дар Балҷувон вай Назирро гузошта супориш дод, ки то ҳадди имкон шӯришгарони парокандашудаupdated аз нав гирд оварад ва инчунин аҳолии ҳанӯз ба шӯриш ҷалбнашудаи қишлоқҳои атрофи Балҷувонро ҷалб намояд.

* * *

Овозаи лашкаркашии ҳокими Ҳисор аз мазори Хоҷа Балҷувон сар зада буд.

Восеъ мутаваллии мазорро раҳо карда, аз фасодкории ӯ дар ғафлат монд. Гумон намекард, ки шайхи хонақоҳнишин ба вай зараре мерасонда бошад. Аммо ин «каждуми таги бӯрё» метавонист неш занад ва неш ҳам зад.

Бо таълими шайх муридонаш дар кӯчаҳои Балҷувон гашта бардурӯғ лашкаркашии Остонақул ва бекҳоро овоза мекарданд. Яке аз дарвешон гӯё навакак аз Ҳисор омада ва дар он ҷо барои юриш ба Балҷувон лашкар оростани қушбегиро бо чашми худ дидааст. Мақсади Саидасрор–бо ин тариқ шӯришгаронро тарсонда парешон кардан ва ба бозгашти мири Балҷувон роҳ кушодан буд.

Кабири ба ҷосусӣ қасамхӯрда аз қазо ба доми Саидасрор афтида монд. Ба ин тариқ, ин девонбегии мири Балҷувон бо гурехтан муваффақ нашуда, ба мазори Хоҷа Балҷувон паноҳ бурда буд, мутаваллӣ ӯро дар хонақоҳ пинҳон кард. Чун девонбегӣ дар вақти бозпурси Кабир дар ҳузури бек ҳозир ва шоҳиди қасам хӯрдани ӯ буд, ба Саидасрор гуфт, ки ӯ ба тавассути муридонаш Кабирро пайдо намояд. Нишонаҳои ҷосусро маълум кард: марди

миёнқади камгӯшт, ришаш сиёҳи тунук, дар чеҳраи росташ ва дар болои абрӯи чапаш хол дорад. Муридон бо ин нишонаҳо ӯро дар байни шӯришгарон пайдо карда назди Саидасрор бурданд.

Кабир ҳам монанди бисёрии шӯришгарон аз овозаи лашкаркашии қушбегӣ ва аз тақдири худ дар биму ҳарос монда буд, илова дар ин баъд аз гурехтани бек ва амалдоронаш имконияти хабаркашӣ наёфта, мутараддид монда, аз қасамзада шудан метарсид. Барои як нафар деҳотии ҷоҳили дар қайди хурофот монда сахттар аз ин тарсеву биме нест, ки ӯро Каломи Шариф занад. Бинобар ин, шайх ва девонбегӣ тавонистанд ӯро бо осонӣ фармонбари худ созанд.

Восеъ бо дидбону посбонҳои худ сари роҳҳои даромаду баромади шаҳрро банд карда буд, аммо Кабир ҳамчун одами худӣ аз пеши онҳо бе мамониат гузашта метавонист. Ба шайх ва девонбегӣ ана ҳамин даркор буд.

Фавран ба номи ҳокими Балҷувон хате навишта, ба дасти Кабир дода, ӯро дар аспи бодпое нишонда шабона ба Кангурт равона карданд. Дар хат навишта буданд, ки: мо бо фалон ва фалон овозаҳои бардурӯғ шӯришгаронро тарсонда, ба пароканда кардани як қисми онҳо муваффақ шудем, аз ҷумла сарони шӯриш «Саидалии дузд» бо шариконаш Ҳамродиёнро тороҷ карда гурехт, ҳоло дар шаҳр шӯришгарон бисёр нестанд ва илова бар ин, мутараддиду парешонхотир ҳам мебошанд, бинобар ин, ҷаноби бек агар бе таъхир ба Балҷувон ҳуҷум оранд ва шабохун зананд, бешакку шубҳа зафар хоҳанд ёфт...

* * *

Восеъ рӯзи дигар дар қиёми офтоб ба деҳаи калони соҳили Вахш–Тутқавули амлокдорнишин расид.

Нозим ва Ризо ҳамроҳи ӯ буданд.

Амлокдор аз омад–омади Восеъ ба чи воситае хабар ёфта, ба тарафи Қизилмазор гурехта будааст.

Восеъ бошандагони деҳаро дар лаби дарё ғун карда эълон намуд, ки аз ҳамин рӯз эътиборан амлокдори онҳо Нозим аст, тутқавулиҳо бояд ба ҳар амру фармоне, ки ӯ медиҳад, бе чунучаро итоат кунанд. Баъд вай бо ҳамон шитобу суръат ба тарафи Норак равон шуд.

Деҳаи Норак дар соҳили рости рӯди Вахш афтодааст. Дарё аз Тутқавул то ин ҷо дар масофаи ним фарсанг дар бағали танги кӯҳҳо фушурда шуда – фушурда шуда омада, дар наздикии Норак ба тангнои сангине медарояд, ки аспи сабукхезе агар аз болои он тангно як ҷахиши хубе кунад,ба соҳили рост гузашта метавонад. Бар болои ин тангно – аз сатҳи оби хурӯшон як сад газ болотар – пули хурде аз чӯбу санг андохтаанд, мисли ин ки зине бар дӯши Вахши саркаш задаанд; ин пул бо номи пули Норак машҳур буда, ягона гузаргоҳе аз водии Ҳисор ба кӯҳистони Кӯлобу Балҷувон мебошад. Дар буни ҷарии таги пул об чун шери ба қапқон афтода меғурад, девонавор ҷасту хез мекунад, мастона кафк мепошад, сар ба шаххҳову харсангҳо мезанад.

Восеъ аз пул гузашта ба Норак дохил шуд. Аз он ҷо вай як дастаи дувоздаҳнафариро бо сардории Ризо барои дидбонии роҳ ба пеш – ба тарафи Чормағзак фиристода, худ бо одамонаш дар боғоти Норак ба дамгирӣ истод.

Баъд аз соате яке аз нафарони Ризо асп давонда омада, дар кӯтали байни Нораку Чормағзак як даста сарбозони саворро ба Восеъ хабар дод.

– Онҳо чанд нафаранд? – пурсид Восеъ.

– Як бисту панҷ – сӣ нафар, – ҷавоб дод қосиди Ризо.

– Онҳо шуморо диданд ё не?

– Не, надиданд. Мо дар адир истодем, Ризо худаш ба болои тал баромада монда буд.

Восеъ ба вай аспи дигаре дода амр кард:

– Чорхез зада ба пеши Ризо баргард, бигӯ, ки вай дар таҳи кӯтал камин бигирад, пинҳон шавад. Сарбозон аз кӯтал, ки фуромаданд, ӯ худро ошкор накарда, онҳоро гу-

заронда фиристонад, баъд вақте ки ман онҳоро лагад кардам, ӯ баромада аз қафо ҳуҷум кунад.

Қосид асп давонда рафт. Восеъ бо одамонаш зуд дар беруни деҳа ба ду ҷо шинак гирифт.

Сарбозон аз кӯтал фуромаданд. Онҳо сӣ нафар буда, бо фармони Остонақул аз Файзобод, ки ҳокими Ҳисор дар фасли тобистон гоҳо ба он ҷо рафта чодир мезад, ба Норак барои муҳофизати пули Вахш омада истода буданд.

Ризо аз сарбозҳо пинҳон шуда натавонист, онҳо дастаи ӯро дида монда, фавран ҳамла карданд. Ризо бо дастааш фирор кард, сарбозон ӯро паёпай сур карда омада, дар қарибии Норак нохост ба ду камингоҳи Восеъ бархӯрданд. Аз камингоҳҳо ҷаста зарба задани Восеъ, саросемаву ҳаросон рӯ ба гурез овардани сарбозон, бо зарби шофу таёқҳои бешафқати шӯришгарон аз сари зинҳо паридани панҷ–шаш нафар сарбоз ва ниҳоят тору мор шудани дастаи онҳо дар якчанд дақиқа ба вуқӯъ пайваст ва анҷом ёфт. Ба дастаи Восеъ ғайр аз дувоздаҳ сар асп ва як миқдор туфангу тиру шофҳо боз ду замбаракча ғанимат афтод.

Ба ростӣ ҳам, толеи ҷангӣ ба Восеъ ёр буд. Ба шӯришгарон ин ғалабаи зуд ва осон руҳи тозае бахшид. Агар якто–нимтоҳо то ин дам дар мададрасонии Хизр ба Восеъ шак дошта бошанд, акнун ба ин «мадади ғайбӣ» бовар карданд.

Як натиҷаи ғалаба ин шуд, ки фақирони Норак сию чор нафар, қисме савора ва бештар пиёда бо таёқҳо баромада ба лашкари Восеъ пайвастанд.

Замбаракчаҳои номбурда кори усто Баротиноракӣ буда, ба дарозӣ ду ваҷаб беш набуданд. Ҳамроҳи замбаракчаҳо шаш дона кулӯлача, ҳар кадомаш ба қадри як мушт ва ним халтача борут ҳам ғанимат афтод. Ризои булҳавасу кунҷков дарҳол як замбаракчаро ба болои харсанг бароварда, як кулӯлача ва миқдоре борутро ба дарунаш андохта, пилтаи ба нӯги ҷӯби дароз басташударо даргирон-

да борутро оташ дода буд, ки кулӯлача як дусад қадам он сӯтар парида ғалтиду мисли башиддат ба ҳам хӯрдани ду санги калон тараққас зада кафид, оташаке дар миёни чангу дуди бархоста барқ зад.

Восеъ як нафар саворро бо хабари ғалабааш ба Балҷувон давонд ва худ ба вайрон кардани пули дарё шурӯъ намуд.

Табару тешаҳои норакиён дар як дам пулро барҳам доданд. Чӯбу сангҳои пул бо тараққо–турук ба дарё фурӯ ғалтиданд.

Восеъ як гурӯҳ савораву пиёдаро бо сардории Нозим дар он ҷо гузошта фармуд, ки қишлоқҳои амлокдории худро ба шӯриш бархезонад ва инчунин дар канори дарё дидбонӣ намуда, агар боз аз ҷониби Ҳисор сарбозон пайдо шаванд, ба вай огоҳӣ диҳад.

Худаш бегоҳии дер озими Балҷувон гардид.

Дар Балҷувон аҳвол ва рафтори кор соз набуд: аҳолии деҳоти атроф ба шӯриш ҷалб нашуда буданд, зеро овозаи лашкаркашии Остонақул мардумро тарсонда монда буд. Илова бар ин, як қисми шӯришгарони дар Балҷувон монда бо баҳонаи дарави ғалла ва кӯфтани хирманҳояшон пароканда шуда ба деҳаю дараҳои худ рафта буданд. Назир фақат сесаду чанд нафар шӯришгар нигоҳ дошта тавониста буд. Вай дар бораи вазъият дар Кангурт низ ҳеҷ маълумоте дар даст надошт. Восеъ пеш аз сафари Вахш ду нафар одами худро пинҳонӣ ба Кангурт фиристода буд, ки аҳволи он ҷо ва кору бори ҳокими фироркардаро дониста биёянд. Онҳо барнагашта буданд. Назир ҳам баъд аз рафтани Восеъ аз ҷониби худ як нафарро ба Кангурт фиристода буд, аммо аз вай ҳам дарак набуд. Эҳтимол мерафт, ки онҳо дар он ҷо дастгир шуда бошанд.

Ин ҳама ҳол Восеъро ба хавотир андохт.

Аммо, ба иваз, он чи ки вай аз «ёғиҳо» – гурезаҳои кӯлобӣ, қаротегинӣ, дарвозӣ ва ғайра шунид, ба дилаш қуввате бахшид. Ин гурезаҳо беш аз панҷоҳ нафар бу-

данд, ки хабари гирифтани Восеъ Балҷувонро ва гурехтани мирро шунида, барои ба шӯришгарон ҳамроҳ шудан омада буданд.

Онҳо шӯру ошӯби аҳолии вилоятҳои ҳамсояро нақл карданд. Дар бисёрии қишлоқҳо деҳқонон хабари шӯриши Восеъро шунида ба ҷунбиш омадаанд, омилони хироҷу закот ва дигар амалдоронро дошта мезадаанд ва ҳатто мекуштаанд: дар баъзе ҷоҳо ошӯбгарон даста–даста бо гурӯҳҳо баромада рафтаанд. Амалдорон дар деҳот, бозорҳо, дар тӯю маъракаҳо ҷосус монда, одамони аз шӯриши Восеъ гап мезадагӣ, аз зулми ҳокимон шикоят мекардагиро дастгир, ҳабс ва ярғу[1] менамудаанд.

Ба исботи сухани гурезаҳо, аз нисфи рӯз сар карда, то пагоҳии рӯзи дигар ба Балҷувон гурӯҳ–гурӯҳ мардуми Кӯлоб, Муъминобод ва ҷоҳои дигар омадан гирифтанд. Якто–нимтоҳо аспакӣ, қисме харакӣ, аммо бештаринашон пиёда буданд. Онҳо дар деҳаҳои худ шӯрида, чандин амалдору сипоҳиро зада ё кушта, амлокдорхонаро толон карда, оташ зада, ба ин тараф гурехта буданд. Корвонсаройҳо, чойхонаҳо, сарбозхонаи холимондаи Балҷувон аз гурезаҳо пур шуд.

Шаб посбонон ба қалъа ба назди Восеъ чор нафар лақайро оварданд. Як нафари онҳо солхӯрда ва сеи дигар ҷавон буданд.

– Кӯлобдан келдик. Туғайдан қочиб сенга келдик[2], – гуфт лақайи солхӯрда, ки номаш Қаробой буд.

Восеъ ӯро шинохт–мардак ба назди вай ба Сурсақова ҳамроҳи Туғай омада буд. Қаробой ҳамроҳонашро шиносонд, онҳо писарони худаш будаанд. Писарон аз бисту панҷ то сисола, ҳамаашон тануманд ва бақувват буданд. Хеле монда ва гурусна буданд, баъд аз таом хӯрда каме дам гирифтан Қаробой–марди лоғарандоми зардинаи

---

[1].Ярғу – ҷарима, ҷазои накдию молӣ.
[2]. Аз Кӯлоб омадем, аз Туғай гурехта ба ту омадем.

камриш чашмонаш хурд ва кабудтоб, ба сухан даромад. Вай хабар дод, ки Туғай аҳду паймони бо Восеъ бастаашро шикаста, ба Кангурт ба назди бек одам фиристода пурсид, ки: «Агар ман ба мадади ту бирасам ва ба болои Восеъ тозам, ту ба ман чӣ медиҳӣ?» Бек ба вай ваъдаи мол, пул ва мансаб дод. Туғай қабул карда имрӯзҳо барои рафтан ба Кангурт ба мадади бек тайёрӣ дида истодааст. Қаробой аз аҳдшикании Туғай номус карда, аз вай ҷудо шуда, писаронашро бо худ гирифта дина шаб ба ин тараф гурехтааст. Туғай саркардаи дуздон ва роҳзанон, падараш Бӯтабой оқсақоли лақайҳои Кӯлоб аст – гуфт пирамард. Ӯ ва писаронаш дар хизмати Бӯтабой будаанд, ҷуфти говҳои ӯро ронда ва чорпояшро мепойиданд, оқсақол ба хизматгоронаш як бурда нони беминнат намедодааст, писараш Туғай ба онҳо бисёр тааддӣ ва зӯроварӣ намуда, ҳатто келини Қаробой – зани ҷавони писараш Наврӯзро бо зӯрӣ аз шӯяш ҷудо карда ба болои се зани худ гирифтааст.

– Агар қабул кунӣ, ман ва ин писаронам бо ту мемонем, Восеъ, – суханашро тамом кард Қаробой. – Хез гӯӣ мехезем, шин гӯӣ мешинем, ба ҷанг барӣ, меҷангем.

Дар ин суҳбат Назир ва Одина низ ҳозир буданд, Одина ба лақайҳо гуфт:

– Ба шумо эътимод нест, шумо мардуми беқавлед, ба кас дӯст намешавед.

Восеъ дудила шуда, меандешид, ки ба сухани ин меҳмонони нохондааш бовар кунад ё накунад. Мабодо, ки инҳо ҷосус ва фитнаангез бошанд.

– Агар ту ба мо эътимод надошта бошӣ, – ба Одина рӯй оварда гуфт Қаробой, – чаро ба пеши Туғай рафта, аз вай мадад хостӣ?

Пирамард рафтани Одинаро ҳамчун намояндаи Восеъ ба назди Туғай дар назар дошт.

– Маро Восеъ фиристода буд, – ҷавоб дод Одина. – Агар ихтиёр ба худам мебуд, ҳаргиз намерафтам.

– Ту одамро нашинохта туҳмат мезанӣ, нодон будаӣ, –

ранҷида гуфт Қаробой. – Нодон, ки ҳастӣ, ҳамаи лақайҳоро монанди Туғай номард, ваъдахилоф мешуморӣ. Аммо, ман намедонам, ақидаи Восеъ ҳам дар ҳаққи мо ҳамин бошад ё не. Агар Восеъ ҳам монанди ту ба қавли мо бовар накунад, дигар ҷойи гап намемонад. Мо гашта меравем.

– Гашта куҷо меравед? – ба гап ҳамроҳ шуд Назир. – Гашта ба Кӯлоб равед – Туғай шуморо пӯст меканад.

– Пӯст канда шудан аз туҳмат шунидан авлотар! – зуд ҷавоб дод Наврӯз–писари калонии Қаробой, ки ҷавони тундхӯ ва базардае менамуд.

– Хуб, бо мо бошед, – гуфт Восеъ, – ман ба қавли шумо бовар кардам.

Вай ба замин нигоҳ карда ягон–ягон мижа мезад, хавотиркашона фикр мекард, ки агар Тӯғайи роҳзан бо тӯдаи каллабурҳояш ба мадади бек равад, қувваи бек хеле меафзояд, мубориза бо вай душвортар мегардад.

Вазъият дар қароргоҳи бек ҳамоно номаълум буд. Восеъ умеде дошт, ки лоақал яктои одамони ба Кангурт фиристодааш бармегардад ва хабаре меоварад, аммо аз он ҷониб касе намеомад.

Дар субҳидам яке аз дидбонҳо ба қалъа асп давонда омада, Восеъро бедор кард:

– Восеъ! Аз тарафи Кангурт сарбози бисёре омада истодааст!..

# БОБИ СИЮМ

Бек Мирзоакрами мирохӯр рӯзи бисту чоруми зилқаддаи санаи ҳазору сесаду чори ҳиҷрӣ рӯзи мағлуб шуданашро аз дасти Восеъ дар ҷанги соҳили Сурхоб сиёҳтарин рӯзи умри худ, рӯзи наҳсу нагбат номид. Вай дар ҳоли гурезогурез вориди Кангурт шуда, ба қалъачаи амлокдорнишини он ҷо бо чашми гирён дохил гардид. «Э дареғ, толеъ аз мо гашт, расво шудем!»–менолид ӯ ба дӯсти наздикаш – амлокдори Кангурт. Ҳоҷӣ Яъқуби мударрис, Қозӣ Шаҳобиддин, Алейкбахшибой ҳам мегиристанд; он вақтҳо гиристани саркардагонро дар рӯзи сахт айб намешумурданд, балки инро нишонаи тоат, имон ва покдилии онҳо медонистанд. Дигар мансабдорон ва боён нагирянд ҳам, ҳолашон аз гиристан бадтар буд. Охир, оилаҳо, кӯшку айвонҳо, давлату сарватҳои онон ҳама дар Балҷувон «дастбурд»-и ёғию осиҳо, пойлучу сарлучҳои «малъун» гардида буданд. Ба ин аламу кулфати онон боз расвоӣ, шармандагӣ, зам шуд–шармандагии мағлубият, гурезогурез, шармандагӣ дар назди халқ, назди сағиру кабир, хосу ом. Илова бар ин, тарсу ҳарос аз ғазаби амир. Онҳо ба рӯйи мардуми тамошогари дар кӯчаҳои Кангурт тӯбшуда маҷоли нигоҳ кардан надоштанд. Аз пеши он мардум бо сари хам мегузаштанд, Алейкбахшбой ба ҳамроҳаш Ҳоҷӣ Яъқуби мударрис ҳасрат карда мегуфт: «Ҳоле, ки мо дорем, саг надорад, домулло».

Бек дар амлокдорхона ба саркардааш Давлат–қаровулбегӣ дарафтид «Гунаҳгор туӣ, ту! Вақте ки Раҷаб–додхоҳ ва Аллоҳёр бо шӯришгарон зантазанам мекарданд, чаро ту дер мондӣ, ба мадади онҳо нашитофтӣ? Чаро хотирҷамъ аз Қили яктора гузашта ба тарафи Тути буни Ҳайдар рафтӣ?» Қаровулбегӣ пойи маҷруҳашро ба табиб бандонда истода, узрхоҳона: «Ман Восеъро аз қафо заданӣ будам» мегуфт ва айбро ба гардани Аллоҳёри

кушташуда мезад: «Аллоҳёр дер монд; агар дар сари вақт ба ёрии додхоҳ расида мерафт, шӯришгарон зарба мехӯрданд, гурезогурез мешуд дар он вақт ман сари роҳи онҳоро гирифта ҳамаашонро қир мекардам». – «Ту мехостӣ, ки ба оши тайёр бакавул шавӣ?– ба вай таъна мезад бек. – Аввал дигарон Восеъро гурезонанд, баъд ту вайро заданӣ будӣ?!» Боз бек бо ҳасрату надомат аз Раҷаб–додхоҳи «шаҳид» шиква мекард, ки вай дар пушти мазор дер истод, таъхир кард, дарав баромада шӯришгарони саросемашуда ва рӯ ба гурез овардаро таъқиб накард, ба Восеъ фурсат дод, ки худашро дошта гирифта ба ҳуҷум гузарад. Ҷувозкаш саркардаро фиреб дод, аҳмақ кард!..

Сарбозу навкарҳо, лақайҳои Аллоёҳри мақтул дар корвонсаройҳо, чойхонаҳои Кангурт ҷойгир шуданд. Сардорон дар меҳмонхонаҳои амлокдор то нисфи шаб нишаста гунаҳгори мағлубиятро ҷустанд, ба якдигар таънаҳо заданд ва айбҳо монданд. Ба бахти баргашта лаънатҳо хонданд.

Баъд андешиданд, ки чӣ бояд кард? Илоҷи воқеа чист ва тадбир кадом аст? Ҳар кас ба андозаи ақлу фаросаташ ҳар чӣ мегуфт. Дар поёни машварати серкашокашу пурғавғо бар он иттифоқ карданд, ки фавран ба ҳокимони Ҳисор ва Кӯлоб нома фиристода, баёни ҳол намуда аз онҳо мадад пурсанд.

Мирзои бек номаҳои лозимаро тақрир кард. Бек ба номаҳо муҳри худро дилу бедилон зад, зеро медонист, ки агар қушбегӣ ва мири Кӯлоб сарбоз фиристонанд, он сарбозон тамоми қаламрави ҳокими Балҷувонро бо хазинаи ӯ якҷоя ғорат хоҳанд кард ва баъд ғалаба ҳосил, ки шуд, он ғалабаро ба худашон нисбат хоҳанд дод ва ба вай–ба Мирзоакрами мирохӯри ҳоким миннат хоҳанд гузошт. Агар вай баъд аз он боз дар мансаби мирии худ монад, дар зери бори миннати онҳо хоҳад буд.

Аммо илоҷи дигар нест–номаҳоро зудтар бояд равона кард.

Қосидон бар аспҳои бодпо савор шуда роҳи Ҳисор ва Кӯлобро пеш гирифтанд.

Дар интизории ҷавоби номаҳо ду рӯз гузашт. Рӯзи сеюм пагоҳӣ аз Ҳисор ҳам, аз Кӯлоб ҳам ҷавоб омад, ки ба мадади ҷаноби бек – аз барои саркӯбии шӯришгарони «баттолу ғаддор» ва пас гирифтани Балҷувон сарбоз фиристода хоҳад шуд. Вале кай фиристода шудани сарбозон маълум набуд, инро қушбегӣ ва мир дар номаҳои худ нишон надода буданд.

Худи ҳамон рӯз, баъди расидани номаҳои ҷавобии ҳокимони ҳамсоя, Туғай бо дусад савори ҷаррори худ вориди Кангурт гардид. Роҳзани кӯлобӣ дар ивази пулу мол ва «амаки ҷалила»–и тӯқсабогӣ, ки ҳоким ваъда дода буд ин амалро барои вай аз амир дархост намояд. розӣ буд, ки ба ҳокими ноком мадад расонад ва таҳти фармони вай ба ҷанги Восеъ равад.

Ҳоким аз омадани Туғай хушнуд нашуд, зеро сарбозони ҳисорию кӯлобӣ ҳанӯз нарасида буданд ва дар ин миён, то расида омадани онҳо, дусад нафар одами Туғайро хӯрондан ва аспони онҳоро ҷаву беда додан лозим меомад.

Аммо вақте ки худи ҳамон рӯз Кабир ҳам бо номаи мутаваллӣ ва девонбегӣ ҳозир гардид, омадани Туғай айни муддао баромад. Нохушнудии бек аз вуруди лақайҳои Кӯлоб ба хушнудӣ табдил ёфт. Зеро хабари овардаи Кабир дар бораи парешонии сафҳои шӯришгарон дар Балҷувон аз он башорат медод, ки агар бек ба мадади ҳокимони Ҳисору Кӯлоб мунтазир нашуда худаш мустақилона ба болои Балҷувон юриш кунад, зафар ёфтанаш хеле ба эҳтимол наздик ва имконпазир аст.

Ҷосус чӣ гуна аз Балҷувон роҳ ёфта баромаданашро нақл кард ва ин нақли ӯ ҳам ба бек ва ҳам ба атрофиёнаш писанд омад. Кабир шабона аз мазори Хӯҷа Балҷувон баромада, аз болои кӯтали Боғи мир гузашта, дидбонҳои

Восеъро фирефта, бо пайраҳаи гумноми кӯҳӣ ба роҳи калони Кангурт сарозер шуда зиёда аз се фарсанг масофаро якзайл асп давонда тай карда буд. Вай барои ин ҳама саъю кӯшиши худ аз мир як ҷомаи нави алоча ва як ҷуфт мӯзаи пӯстихомии пошнобаланд инъом гирифт.

Акнун Балҷувонро мустақилона бе ёрии ҳокимони Ҳисору Кӯлоб гирифтан ягона хоҳишу таманнои дили мир гардида буд. Ӯ ғайр аз ҳамин аз Худо ҳеҷ чизе намехост. Муваффақияти ин кор забони ӯро дароз ва обрӯяшро барқарор хоҳад кард.

Рӯзу соатҳои интизории мадади Ҳисору Кӯлобро вай беҳуда нагузаронда буд: сафи парешонгаштаи сарбозонашро аз нав ороста намуда, лавозимоти ҳарбиро то ҷое ки дастрасаш буд ва имкон дошт, барои онҳо таҳия карда, аз навкарон ва хизматгорони амалдорҳо, бойҳо, аз байни аҳолии Кангурт ва атрофи он беш аз дусад нафар сарбози нав гирд оварда буд.

Бо ин қувва бек нисфи шаб ба тарафи Балҷувон саворӣ намуд. Мехост дар бомдод ба тавре, ки Восеъ дар ғафлат бошад, ба Балҷувон расида, якбора ба болои шӯришгарон ҳуҷум оварад.

* * *

... Дидбон Восеъро аз пайдо шудани душман огоҳ кард. Восеъ нахустин бор саросема шуд. Вай ба ин ҷанг тайёр набуд. Фурсат ҳам ниҳоят танг омад.

Аммо чӣ илоҷ, бояд муқобилат кард, ҷангро бояд қабул кард.

Ӯ дар ғояти шитобкорӣ дусад савор ва ҳамин миқдор ҳам пиёдаҳоро ғун карда, ба дигарон мунтазир нашуда, гирдоварӣ ва сафороии қувваҳои боқимондаро ба Назир ва Одина ҳавола намуда, худаш ба истиқболи душман баромад.

Тарафайн дар се чақримии Балҷувон–дар болои деҳи Хуроб ба ҳам вохӯрданд. Дар ҷойи кушод сарбозон аз

рӯбарӯй шиллик дода, аз шӯришгарони саворaву пиёда чандеро куштанд, чандеро маҷруҳ карданд. Баъд лақайҳои Туғай аз рост ва саворони бек аз чап ҳаёҳу андохта, бо шамшерҳои бараҳна ба болои онҳо тохтанд. Сафҳои шӯришгарон пароканда гашт, қисман гурезогурез ба амал омад. Назир ва Одина ҳоло расида наёмада буданд. Саворони Восеъ метавонистанд, ки дар мавриди даркорӣ ақиб нишаста аз зери зарбаи душман бароянд, аммо дар ин ҳол қир шудани пиёдаҳо муқаррар буд. Восеъ ба пиёдаҳо фармони ақибравӣ дод ва худ бо саворонаш муқобилат намуда, душманро муддате андармон карда истод, то ки пиёдаҳо ҳарчи ақибтар рафта худҳошонро аз хатар раҳонанд. Саворони душман се баробар зиёд буданд, Восеъ яқин кард, ки гарчанде Назир ва Одина расида биёянд ҳам, дар муқобили ин ҳамлаи тезу тунди душман дер истодагӣ кардан маҳол аст ва мардум беҳуда нобуд мешаванд, бинобар ин вай Ризоро фармуд, тозон рафта ба Назир гӯяд, ки ҳамаи пиёдаҳоро ва шӯришгарони кӯлобию муъминободиро тез аз дарё гузаронда ба дараи оби Мазор бикаш!.

Вақте ки Ризо ба пойи қалъаи Балҷувон расид, Назир ва Одина бо қариби саду панҷоҳ савор ва беш аз ҳазор пиёда, аз он ҷумла бо гурезаҳои кӯлобию муъминободӣ аз шаҳр баромада истода буданд. Назир бо гирифтани фармони Восеъ ба дараи Боймӯш кашидани пиёдаҳоро ба Одина вогузор карда, худаш дар сари саворон чорхез ба мадади Восеъ шитофт.

Бо расидани вай муқобилати шӯришгарон ба душман зӯртар шуда бошад ҳам, дар асари камии қувват ва қурбонии зиёд онҳо ба ақибнишинӣ маҷбур шуданд. Дар задухӯрди шадид беш аз сад нафари онҳо кушта ё маҷруҳ шуда аз саф баромаданд. Лақайҳои Туғай дар байни шӯришгарони савор Қаробой ва писарони ӯро шинохта, ба онҳо тунд дарафтиданд, падару писарон панҷ–шаш нафари онҳоро зада аз аспҳо фурӯ ғалтонданд, куштанд,

аммо оқибат пирамард ва ҳар се писари ӯ низ ҳалок гардиданд.

Лақайҳо ва сарбозҳо шӯришгаронро ба шиддат сур мекарданд. Ақибнишинии шӯришгарон кам–кам ба худ шакли гурезогурези бетартиберо гирифт. Фақат Восеъ ва Назир, инчунин Давлат Айюб сардори далери шӯришгарони деҳаҳои наздики Ховалинг: Бумбулҳо, Дӯстқулӣ, Даҳони Шол, ҳамроҳи як дастаи саворони ғаюри худ бо охирин қувват шамшеру таёқзанӣ карда, як дарача дами ҳамлаи душманро гардонда, кам–кам ақиб мерафтанд. Гурезаҳо саросема аз об мегузаштанд, ба соҳили чап фирор мекарданд. Пиёдаҳо андак пештар якдигарашонро дошта афтону хезон аз дарё гузашта, сӣ–чил нафарашонро об бурда, боқимондаашон аз вартаи ачал саломат баромада ба дараи Боймуш паноҳ бурда буданд.

Саворони Восеъ ва Назир ҳам ақибравон ба пойи қалъа расида, худро якбора ба дарё заданд. Дар ин дам лақайҳои Туғай коре карданд, ки боиси наҷоти шӯришгарон гардид: лақайҳо душмани гурезонро монда ба шаҳр рӯй оварданд: одати ғоратгарӣ ғалаба кард, одамони Туғай ғорати шаҳри холиро аз таъқиби душмани ҳазиматкарда авлотар донистанд. Издиҳоми онон якдигарро пас зада, зер карда, моломол ба шаҳр медаромад, он гоҳ сипоҳиён ва амалдорони бек ҳам ночор ба думболи онҳо афтиданд. Онҳо мехостанд, ки дар шаҳр агар аз молу сарваташон чизе боқӣ монда бошад, онро аз дастбурди ғоратгарон нигоҳ доранд ва номуси зану духтарони дар шаҳр мондаи худро ҳифз кунанд. Шӯришгарон аз таъқиби ҳалокангез халосӣ ёфтанд. Агар Туғай ва Давлат ҳам аз дарё гузашта Восеъро гармогарм таъқиб мекарданд, бешубҳа, лашкари Восеъ тамоман торумор мегардид ва қир мешуд.

Ин шикасти аввалин ба халқи шӯришгар бисёр гарон омад.

Тӯдаҳои мардуми мусибатзада, гурусна, беҳолу бемадор, сарсону абгор, баъзе маиб, баъзе маҷруҳу хуншор,

дар дараи Оби Мазор ба деҳаи Мушур ғун шуданд. Дар чеҳраҳо алам, маъюсӣ, дармондагӣ сояандоз. Ҳама хомӯш, одамон гӯё маҷоли гап задан надоранд. Деҳа дар камари кӯҳ воқеъ, шуълаҳои хуршед ба он намеафтад, аз ҳамин сабаб номи он Нушур аст ва нушур ҷойи офтобнорасоро гӯянд. Дар сояи ғафси талҳои чухту баланд, ки деҳаро иҳота кардаанд, чеҳраҳои мардум боз ҳам тиратар менамоянд. Фақат аспҳо, аз мусибати рӯйдода ғофил ва аз ғами соҳибонашон бехабар, дар таги ин дараи сабз ва домани талҳо баҳузур мечаранд. Дар дара алафи тар фаровон аст.

Бошандагони Нушур, Офтобрӯя ва деҳаҳои дигар мардон, занон, бачагон ба шӯришгарон ҷурғот, нон, талқон, меваҳои хушку тар меоваранд. Аммо бисёр касон ба ин хӯрданиҳо нигоҳ намекунанд ва даст намерасонанд – хӯрок аз гулӯяшон намегузарад, онҳо дар ҷанг падарон, бародарон, ёру дӯстони худро талаф додаанд, мотамзада мебошанд. Чашмонашон хушк, зеро аз сӯзи дарун ашкҳошон хушкидааст, фақат ботинан мегирянд.

Восеъ ба замин чашм дӯхта рӯйи санге карахт нишастааст. Дар гирду пеши ӯ Назир, Одина, Юсуф, Саид–мерган, Қосим, Ризо ва ёрони дигараш ҷой гирифтаанд. Ҳама сокит, ҳар кас ғарқи хаёлҳои гарон ва аламноки худ.

«Бо ҳамин тамом? Мағлуб шудем?–фикр мекунад Восеъ. – Ин халқ сухани маро шунидан мехоҳад, ман чӣ гӯям? Инҳоро куҷо барам? Бек ва лашкараш ҳоло албатта масти ғалабаанд, мағруранд, эҳтимол дар Балҷувон машғули айшу нӯш бошанд. Агар ман ҳамин бегоҳ ё шаб ба Балҷувон шабохун зада метавонистам, эҳтимол сарбозонро дар ғафлат ёфта шикаст медодам, лекин ин мардуми мондашуда ва аз руҳ афтодаро гашта ба ҷанг бурдан маҳол аст. Чӣ бояд кард? Ба ҳар ҳол коре кардан, ба тарафе рафтан зарур, дар ин ҷо дер истодан хатар дорад – бек метавонад ногаҳон ба болои мо ҳуҷум орад. Аммо чӣ кор кунем, куҷо равем?.. Наход, ки кори мо бо ҳамин тамом

шуда бошад? – боз ба худ савол медод Восеъ. – Не, тамом нашудааст, – ба дилаш мегуфт ӯ, – тамом нашудааст. Моро лат доданд, лекин мағлуб накардаанд: охир, ин қадар халқ ҳанӯз бо ман аст (ман хуб кардам, ки пиёдаҳоро ба ҷанг накашида, дар сари вақт ба ин тараф гузаронда аз зарба ва балки аз ҳалокат наҷот додам). Нозим дар Вахш сари роҳи Остонақулро гирифта истодааст. Дар гирду атроф балво, шӯриш; дар Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз ҳам халқ дар ошӯб ва ҷунбиш. Не, шӯриш тамом нашуда, балки рӯз то рӯз авҷ гирифта истодааст. Сустӣ набояд кард... Аммо ҳозир чӣ кор бояд кард? Куҷо бояд рафт? Агар ба тарафи Ховалинг, Сарихосор, Тавилдара, Хингоб биравем, мардуми он тарафҳо хоҳанд гуфт, ки Восеъ шикаст хӯрда гурехт. Бек ҳам имрӯз ё фардо аз думболи мо афтода, қишлоқҳоро тороҷ ва хароб, халқонро қир хоҳад кард. Ана дар он вақт шӯриш ҳақиқатан зарба мехӯрад, маҳв мешавад... Чӣ бояд кард?»..

Ниҳоят ӯ хомӯшии дуру дарозро вайрон карда, ба миёни ҳамроҳонаш савол партофт:

– Чӣ кор мекунем, ёрон?

Ҳама ба вай рӯй гардонданд ва пас боз ба замин чашм дӯхтанд.

Одина гуфт:

– Ба Ховалинг рафтан лозим. Дар он ҷо дам мегирем, боз одам ғун мекунем.Баъд аз он ту боз дар тори Сурсақова гулхан месозӣ, Восеъ. Мир сарбоз барорад ҳам, дар кӯҳсори он тарафҳо ҳеҷ коре карда наметавонад, монанди Кулӯх мингбошӣ сарсон шуда, оқибат шикаст мехӯрад.

Саид–мерган ба фикри Одина ҳамроҳ нашуд. Ӯ гуфт:

– Намешавад. Кор аз даст рафт, Восеъ. Ба тақдир тан додан лозим. Халқро ҷавоб бидеҳ, ба деҳу дараҳояшон бираванд. Худи мо бо ту ба хоки Қаротегин ё Дарвоз мегузарем, аз он ҷо агар мир сур кунад, Афғонистон меравем.

Яке аз сардорони кӯлобиҳои гуреза–Шералӣ ба Саид–мерган гуфт:

– Мардуми шумо ба деҳу дараҳои худ мераванд, мо куҷо меравем? Ба Кӯлоб, ба чанги сарбозон, ҷаллодон Абдураҳмон–додхоҳ?[1] Ту фикри моро накардӣ? Охир, мо бо паноҳи шумо, ба паноҳи Восеъ омадем!

Назир ба ошнои мерганаш таъна зад:

– Тарсидӣ? Аз шӯриш пушаймон шудӣ?

– Гап ба тарсидан не, Назир, – гуфт Саид–мерган. – Миёни мо шикаст, акнун аз дасти мо чӣ кор меояд? Ҳеҷ кор намеояд. Аз паси кори ношуданӣ гаштан фоида надорад.

Юсуф–мерган ва боз чанде дигар бо Саид–мерган ҳамфикр шуданд.

– Ба тақдир тан додан лозим, Назир, – такрор кард Саид–мерган, аз қувват ёфтани фикраш далер шуда.

– Тақдири занғар ҳоло маълум нест! – аз ҷой ҷаста ба дурриштӣ гуфт Давлат Аюби ховалингӣ. – Аз ҳариф як мушт хӯрда гурехтан номардист. Мо манғитро чандин мушт задем, ӯ акнун як мушт зад. Даррав монему гурезем? Чаро шӯриш кардем?

– Агар ман медонистам, ки ту ҳамин хел буздил будаӣ, – ба Саид–мерган рӯй оварда гуфт Назир, – ба Худо, ки туро аз дараи Раҷабфақир хезонда намеовардам.

– Хуб, ман буздилам, ту шердил, ту гап зан, ман шунавам, – ранҷида гуфт Саид–мерган. – Чӣ мефармоӣ, мо чӣ кор кунем?

– Ман гапи Одинаро маъқул медонам, – ба Восеъ нигоҳ карда гуфт Назир. – Ба Ховалинг рафта боз тайёрӣ мебинем, корро меҷунбонем...

Дар ҳамин вақт дар хамгашти пайраҳаи қади оби Ховалинг се марди ношинос пайдо гардиданд. Дидбон онҳоро ба назди Восеъ овард. Ҳар се хеле абгор, пойлуч, нимба-

[1]. Абдураҳмон-додхоҳ мири Кӯлоб буд.

раҳна буданд. Маълум шуд, ки онҳо аз ҷумлаи гурезаҳои кӯлобӣ буда, бо сабабе аз Балҷувон ҳамроҳи шарикони худ баромада натавониста, дар он ҷо монда будаанд. Баъд роҳ ёфта баромада, ба ин ҷо расидаанд.

Хабари овардаи онҳо мароқангез буд: дар Балҷувон лақайҳои Туғай даст ба ғорату яғмо задаанд, аз ин ваҷҳ дар мобайни онҳо, аз як тараф ва амалдору сипоҳиёни мир аз тарафи дигар, муноқиша хеста, кор ба занозании хунин кашидааст. Лақайҳо дар шаҳр чизу моли казоӣ наёфта, аксарашон барои ғоратгарӣ ба қишлоқҳо баромада рафтаанд. Аз одамони Туғай ибрат гирифта, як қисми сарбозони бек ҳам аз итоат баромада дар толону тороҷи моли мардум ба онҳо шарик шудаанд. Вақти аз шаҳр баромадани ин се нафар дар он ҷо кашмакаш, талош, тӯполанг дар авҷ будааст...

Нақли ин се кӯлобиро издиҳоми калони шӯришгарон гӯш мекард. Баъд ноқилон бо иштиҳои тамом ба хӯрдани нону талқоне, ки ҳамватанонашон оварда ба наздашон гузошта буданд, шурӯъ карданд.

Нақли онҳо дар бораи вазъияти Балҷувон ҳам Восеъро ва ҳам дигаронро аввал ба шавқ овард, аммо баъд ба фикру андеша андохт. Ҳама ба Восеъ нигоҳ мекарданд, мунтазир буданд, ки ӯ аз ин хабари расида чӣ хулосае мебарорад ва ба чӣ қароре меояд.

Восеъ якбора ба сари санг бархост. Фармон дод:

– Савор шавед, ёрон!

Ба Ризо фармуд, ки аспи ӯро биёрад. Боз ба издиҳоми шӯришгарон рӯй оварда гуфт:

– Рафтан ба дилхоҳӣ аст: ҳар кас хоҳад, бо ман меравад, нахоҳад – ихтиёраш.

Лекин дар ин издиҳом, дар байни ин ҳазор нафар шӯришгарони пиёдаву савора магар касе ёфт мешуд, ки аз паси Восеъ рафтанро нахоҳад?

Магар ҳамаи онҳо инони ихтиёри худро ба дасти вай насупурда буданд?

Одамон ва инчунин аспон ба ҳар ҳол як қадар дам гирифта буданд, ин дафъа назар ба вақти ақибнишинӣ аз Балҷувон бардамтар қадам мепартофтанд.

Бегоҳирӯзӣ буд, то шомгоҳ бештар аз ним фарсанг роҳ рафта, дар қарибии даҳани дара – дар як чақрими Сурхоб қарор гирифтанд.

Восеъ худ бо якчанд нафар ҳамроҳонаш то лаби дарё пеш рафта нигоҳ кард. Дар ҳар ду соҳили Сурхоб оромӣ, хомӯшӣ ҳукмфармо буда, фақат шаввоси дарё ин оромиро боз ҳам аёнтар месохт. Дар шаҳр ва қалъа ҷунбише ҳис карда намешуд, ҳатто чароғаке ҳам ба назар наменамуд, гӯё, ки Балҷувон шаҳри беодам, шаҳри мурдае буд. Баъд овози муаззинҳо, ки азони хуфтанро мегуфтанд, базӯр–базӯр шунида шуда, фақат ҳамин овоз гувоҳӣ дод, ки дар шаҳр ҳаёте ва сокиноне ҳастанд. Баъди азон боз хомӯшӣ барқарор гардид.

Восеъ дар лаби дарё ба ҷоҳои пинҳонӣ дидбонҳо гузошта, худ ба назди лашкараш баргашт. Фавран ба ҳаракат кардан фармон дод. Шӯришгарон боз ба роҳ даромаданд.

Онҳо боварӣ доштанд, ки дар торикӣ зуд ва оҳиста аз дарё гузашта ба шаҳру қалъа шабохун мезананд. Аммо Восеъ онҳоро аз соҳили Сурхоб ногаҳон ба тарафи чап – ба ҷануб гардонд. Фармон дод, ки тез–тез, тамоман бесадо, орому хомӯш роҳ гарданд. Худаш пеш–пеш онҳоро ба соҳили чап дар паноҳи дарахтон як чақрим поёнтар бурда, ба гузаронидан аз дарё шурӯъ кард. Гузариш камубеш дар як соат бе ташвиши зиёд ва ба нағзӣ анҷом ёфт. Мардум ҳанӯз ҳам дар хаёли шабохунзанӣ ба шаҳр буданд, гумон мекарданд, ки Восеъ онҳоро бо роҳи васеи соҳили рост ба болои шаҳр хоҳад бурд. Лекин вай хомӯшона боз ба ҷануб – ба роҳи Кангурт раҳнамун шуд.

Гап ин ки дар аввал нияти Восеъ ба Балҷувон шабохун задан бошад ҳам, вай дар он вақте ки аз соҳили дарё шаҳру қалъаро мушоҳида мекард, бо чӣ мулоҳизае аз ин нияти худ гашта буд. Эҳтимол, бе донистани вазъияти

ҳақиқии шаҳру қалъа ва андозаи қуввати душман ба вай ҳуҷум карданро хавфнок мешумурд. Қарор дода буд, ки ба Кангурт юриш кунад. Ҳозир Кангурт аз сарбозон холист ва гирифтанаш осон. Восеъ ба чунин фикре омад, ки фатҳи Кангурт якбора чандин мушкили ӯро осон мекунад: аввалан, руҳи афтодаи шӯришгаронро мебардорад; сониян, аҳолии он тарафҳоро ба шӯриш мехезонад; сеюм – агар мабодо Остонақул қушбегӣ ба Балҷувон лашкар кашад ва ба гузаштан аз Вахш ҳам муваффақ шавад, роҳаш аз болои Кангурт меафтад, дар ин сурат бо қувваи шӯришгарони руҳбаландшуда ва шумораашон афзуда ба ҳисориён муқобилат кардан мумкин мешавад. Бек бошад, бигузор ҳоло ба саришта кардани муттафиқони роҳзанаш – лақайҳои Туғай андармон шуда истад. Вақте ки Туғай аз ғорату яғмо сер шуда ба Кӯлоб баргашт, аҳолии ба ҷон расида ва то алвақт ба шӯриш ҳамроҳ нашуда ба муқобили бек хоҳанд шӯрид ва он гоҳ – агар насиб бошаду дар Кангурт муваффақияте ҳосил шавад, ба бек шикаст додан он қадар мушкил нахоҳад буд...

Восеъ ин андешаҳои худро ба ёронаш дар роҳи Кангурт изҳор кард. Онҳо нақшаи сардори худро маъқул донистанд ва бори дигар ба ақлу тадбири ӯ тан доданд.

Вай дар Қарақамиш ном деҳаи сари роҳ Ризоро бо бист нафар савор ба ҷониби Вахш – ба Тутқавул гардонд.

– Тез асп бирон, дар ҳеҷ ҷо наист, – фармон дод вай ба Ризо, – ба пеши Нозим бирав. Ба ӯ бигӯ: «Восеъ фармуд: агар ҳисориҳо биёянд, то зӯрат расидан ҷанг бикун, ҳила бикун, онҳоро аз дарё гузаштан намон! Пайдо шудани ҳисориҳоро дарав ба ман хабар бидеҳ!»

# БОБИ СИЮ ЯКУМ

... Дар лаби Вахш, сари пули Норак, Нозим дувоздаҳ нафарро ба дидбонӣ гузошта, худ бо одамони боқимондааш ба Тутқавул баргашт. Ин деҳи калон аз Норак ним фарсанг дуртар ба миёни дараи фарохе афтода, ҳамчунин дар соҳили чапи Вахш ҷой гирифтааст. Дар ин ҷо дарё нисбатан ором ҷорӣ шуда, соҳили росташ ба кӯҳ такя мекунад. Ин соҳил дар рӯбарӯйи деҳа – ба дарозии ду чақрим – ҳама аз санги суфаест, мисли ин ки дасти одамӣ сохта ва сангтарошони гулдасташ тарошида бошанд. Соҳили чапи дарё оҳиста–оҳиста боло рафта ба деҳа мепайвандад ва он аз аввали баҳорон то дами зимистон ҳамчун саҳни чаман сабзу хуррам аст. Бегоҳрӯзиҳо, баъд аз кору бори рӯзона, бошандагони мардинаи деҳа баромада, рӯйи гилеми сабзу нарме, ки табиат дар ин соҳили дарё густурдааст, паҳлу зада истироҳат менамоянд, бачагон бозиҳо мекунанд. Чун роҳи калон аз ҷониби водии Ҳисор ба тарафи кӯҳистон бо қади деҳа мегузарад, мусофирон ҳам, албатта, дар ин ҷо таваққуф намуда, дар самовархонаи лаби об чойи сабз нӯшида дам мегиранд.

Нозим, баъд аз он ки Восеъ ӯро амлокдори Тутқавул таъин кард, якбора хулқу атвораш дигаргун, ҳаракаташ, шишту хезаш калонгирона ва сипоҳона, нигоҳаш ва гуфтораш омирона шуда монд. Вай дониста ё надониста тақлиди баъзе соҳибмансабони Ховалингу Балҷувонро мекард, ки одамонаш инро дида дар дилашон механдиданд ва ба якдигар нигоҳҳои маънидор мекарданд. Вай дар солҳои муҷаррадии худ қиморбоз буд (албатта, қиморро махфӣ мебозид, зеро амлокдор, яъне раис, амину арбобҳо қиморбозонро уқубат мекарданд, ҷазо медоданд). Баъди хонадор шуданаш ҳам, ба ҳукми масали «Дили одаткарда балои ҷон аст», дар бағал ё соқи мӯкии ӯ буҷулҳо пайдо мешуданд, аммо ин то даме буд, ки вай аз

бисоти худ ҷомае, бузе ё ки нимча ғаллаеро дар қимор бохта, ҳадафи таънаю маломати занаш гардад. Баъд аз он боз муддате аз ин шуғли ношоистааш даст кашид. Занаш Зевар занаки серғурбат ва шаттоҳе буд, ки гарчанде баъзан аз шавҳари худ шаллоқҳои бераҳмона хӯрад ҳам, боз гарданаш нарм намешуд, аз ғурбату моҷаро бознамеистод: ӯ аз он заноне буд, ки дар ҳақашон мегӯянд: «Ба замин занӣ, ба осмон хез мекунад». Нозим бо вуҷуди бадфеълӣ ва бадҷаҳлии худ оқибат боз маҷбур мешуд ба Зевар гардан фарорад. Оре, вай одами бадҷаҳл ва бадфеъл, худрой ва базардае буд, бо андак баҳона ё ҳатто бе ҳеҷ баҳона бо одамон ҷанг мекард, даст ба гиребон мешуд. Аммо бо касоне, ки дӯст ва улфаташ буданд, ниҳоят мӯнис ва содиқ, хушрафтор, дидадаро ва хизматгузор буд. Барои дӯст ҷонашро ҳам дареғ намедошт. Восеъ ҳамин хислати Нозимро писандида бо вай дӯстӣ мекард. Боз ҷуфти гову заминронии шариконаи дуяшон пояи ин дӯстиро устувортар гардонида буд. Ӯ Восеъро аз худаш донотар ва зӯртар ки медонист, вай ҳар чӣ гӯяд, қабул ва ҳар коре, ки фармояд, бе қилу қол иҷро менамуд.

Бо фармони Нозим бошандагони мардинаи Тутқавул дар соҳили дарё ғун шуданд. Нозим ба китфаш чакмани сиёҳ ва ба миёнаш шамшер дар ҷойи баланд бар рӯйи пӯсти паланг бо савлату салобат нишаста буд, ёрон дар гирдаш ба таёқу туфангҳои худ такя карда рост меистоданд; ҷавоне ба ӯ дар пиёлаи балғамӣ чой мекашид. Ӯ бурути сиёҳи наълмонандашро молида, саққои чашмони кулӯлаашро гирд гардонида ба тӯдаи мардум мегуфт:

– Минбаъд ман амлокдори шумо, ки бошам, гапамро шунавед, фуқаро. Ба дарё дигар пул–мул нест, минбаъд пойи манғит ба ин ҷоҳо намерасад. Мир аз худамон шуд, мири мо Восеъ аст, вазираш Муллоназир. Ба Восеъ Хизр назар кардагӣ аст, амиру ҳоким, амалдорон ӯро ҳеҷ кор карда наметавонанд. Ӯ Кулӯх мингбоширо зад, Раҷаб додхоҳро зад, Давлат қаравулбегиро зад, Оллоёрро зад.

Агар қушбегӣ биёяд, қушбегиро ҳам мезанад. Ку биёяду рӯзашро бинад! Худи амир аз Бухоро бо сад ҳазор лашкар биёяд ҳам, ба Восеъ зӯраш намерасад. Шумо ёрӣ диҳед, фуқаро. Ба Восеъ лашкар диҳед, озуқа диҳед, ему хошок тайёр кунед. Иншоаллоҳ Восеи баҳодур Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз Лақайбегӣ, Ҳисорро ҳам мегирад. То худи Бухоро меравад, туғашро дар болои манори калони Бухоро мезанад. Мард бошӣ, биё ба ҷанг! Восеъ ғазо кард, аз ғазо намонед, мусулмонон!..

Вай дар поёни суханронии худ ба Азими Гӯл ном марди тутқавулӣ, ки ба шӯришгарон пайваста буд, хитоб карда гуфт:

– Азимбой! Ту бачамардҳо, бузбалаҳоро ғундору лашкар соз кун!

– Хуб! – қабул кард Азим.

Баъд Нозим бархоста ҳамроҳи ёронаш ба ҳавлии амлокдори собиқи гурезаи Тутқавул равон шуд.

Ҳавлии ӯ дар ҷойи баланди деҳа ба паҳлуи қалъача воқеъ шуда, дарвозадор ва боғчадор буд. Одамони дар он ҳавлӣ мондаи Нозим дар таҳхона як хум мусаллас ёфта буданд. Онҳо надонистанд ин мусалласро чӣ кор кунанд. Нозим ва ёронаш – деҳқону чӯпонҳои кӯҳистонӣ мусалласро дар умрашон нанӯшида буданд ва нӯшидани онро аз рӯйи эътиқоди мусулмонии худ гуноҳ медонистанд. Охир муллоён, мӯйсафедон магар ба онҳо аз хурдсолӣ талқин намекарданд, ки шароб ба шариат ҳаром аст? Аммо ҳар он чӣ мамнуъ бошад, ширин аст, – сабил монад, дил мекашад... Аввал фақат барои мазаашро чашидан ҳар кас як қулт нӯшид. Чун хуштамъ ва хушгувор омад, як қулт ба ду–се қулт гузашт. Сипас ба ҳукми зарбулмасали: «Шароби муфтро хатиб ҳам мехӯрад», шариат билкул фаромӯш шуда, косаи сафолин давра гаштан гирифт. Таҳхонаи хилват ба шавқу завқ ва ҳаёҳу пур шуд. Ёрон ҳама ҳозир буданд – ҷой тангӣ кард, он гоҳ хумро муттафиқона бардошта берун бароварданд. Дар суфаву шипанги боғи

амлокдор дастархони зиёфат паҳн карда шуд. Фавран аз кадом ҷое гӯсфандеро ёфта оварда, кушта, дар ду дег шӯрбои калла–поча андохтанд. Косаҳои пури мусаллас боз даст ба даст рафт.

Шароби кӯҳансол ба зудӣ сарҳои ба нӯшидан одатнакардаро тафсонд, хунҳоро ҷӯшонд. Ҳар гуна қилиқу ҳангомаҳои мастона ба зуҳур омадан гирифт. Яке сутунро оғӯш карда тарона мехонд, дигаре девонасифат мерақсид; ду кас ба ҳам часпида гӯштин мегирифтанд. Чанде дар таги суфа ва лаби ҷӯй ғалтида монда буданду кӯси шабҳои бехобиро мебароварданд. Нозими маст бо як нафар рафиқи аз худ масттараш калавида–калавида аз боғ баромаданду ба ҳавлии ҳамсоя даромада, аз думболи зану духтарҳои ҳаросону гурезон афтиданд. Мардҳо ин ду авбошро зада–зада, баданҳошонро кабуд ва сару рӯйҳошонро варам кунонда, ба боғи амлокдор ронданд. Нозим дар остонаи дари боғ ва шарикаш дар ҷӯй ғалтида монданд.

Ризо ба болои ҳамин аҳвол омада монд.

Вай аввал дар тааҷҷуб монд, сипас тааҷҷубаш ба қаҳру ошуфтагӣ гузашт. Охир ин чӣ бемазагӣ, чӣ бешармист? Магар Нозимро Восеъ барои он амлокдор таъин кард, ки дар ин замони ҷангу хунрезӣ мастӣ кунад? Дар пеши чашми халқ худро ба ин навъ расвоӣ андозад? Пас гузаргоҳи Вахшро, кӣ дидбонӣ ва аз сарбозони қушбегӣ дифоъ мекунад? Аз мастҳои бедор яке, косаи мусаллас дар даст, калавида–калавида омада, онро ба Ризо нӯшонданӣ шуд. Ризо косаро бо дастаи қамчинаш якто зада тикка–тикка кард, шароб ба бару домани «соқӣ» рехт. Маст наъра кашида ба гиребони Ризо дарафтид, вай мастро лагаде зада ба ҷӯй ғалтонд. Баъд дар сари хашму ситез як ду дашноми қабеҳи «адиривор» ба номи очаву хоҳари мастҳо дода буд, ки кор ба нафсоният кашида, чанде онҳо ба вай ҳамла оварданд. Шӯру ғавғо тӯпаланг бархост. Ризо ва ҳамроҳонаш як тараф тӯдаи мастҳо тарафи дигар, даст ба гиребонӣ, занозанӣ ба вуқӯъ пайваст.

Агар дар ин асно саворе аз Норак асп давонда омада хабари пайдо шудани сарбозони ҳисориро намерасонд, маълум набуд ин занозании издиҳоми мастон бо тӯдаи ҳушёрон ба чӣ меанҷомид.

Ҳама бозистода назари савол ба қосид дӯхтанд, аммо нигоҳи изтиробомези қосид Нозимро меҷуст.

– Чӣ хабар? – бонг зад Ризо.

– Қушбегӣ омад, дар Норак, қарор гирифт! – гуфт қосид.

Бо шунидани ин хабар мастҳо гӯё якбора ҳушёр шуданд. Аммо Нозим ва чанде дигар ҳанӯз дар хоби ғафлати мастӣ буданд. Дар ҳолати онҳо маънии «Хирадро май бибандад, чашмро хоб» аён буд. Ризо дигаргун шуд, ба талвоса афтод. Агар Худо накарда сарбозони қушбегӣ аз Вахш гузаранд, ба зудӣ ин диёру ин ҳама халқи шӯришгарро ғарқи хун хоҳанд кард!

Хушбахтона пули Норак вайрон аст – сарбозон то онро аз нав дуруст накунанд ё паруке[1] насозанд, гузашта наметавонанд.

Аммо ба ҳар ҳол фурсат танг аст, бояд шитоб кард.

Ризо Нозимро сахт–сахт ҷунбонда, аз дасту пояш кашида бедор ва ҳушёр карданӣ шуд, аммо Нозим нима бедор шуда бошад ҳам ба ҳуш намеомад. Ризо кӯзаеро аз ҷӯй об пур карда оварда ба сари ӯ рехт. Бо ёрии ҳамроҳонаш ба сари мастҳои дигари афтидаву хусбида ҳам кӯза–кӯза оби хунук пошида шуд, то ки ҳамаи онҳо ба ҳуш омаданд.

Баъди ним соат беш аз панҷоҳ нафар савор бо шитобу суръат ба роҳи Норак равон гардиданд.

Остонақул қушбегӣ дар бозгашт аз мулоқоти Мирзоакрами мирохӯр дар соҳили Вахш, сар то сари роҳ фикр карда рафт. Пештар ҳам вай аз рӯзафзунии шӯру балвоҳои аҳолӣ парешонхотир буд, хабари торумор карда шудани

[1] Парук (паррук) – гузаргоҳи сунъӣ аз дарё.

Кулӯх мингбошӣ аз тарафи шӯришгарон хотири ӯро боз ҳам парешонтар карда монд.

Вай марди ботаҷрибае буд, медонист, ки шамоли ин воқеа дар вилоятҳои дигар ҳам оташи «фитнаю фасод»–ро аланга хоҳад дод.

Қушбегӣ дар ин боб дуру дароз андеша карда ба чунин қароре омад, ки аҳволро бо як қадар муҳобот ба амир нависад ва аз вай лашкар талабад, зеро лашкари худаш барои иҷрои мақсади ӯ камӣ мекард. Ва баъд бо он лашкар ба вилоятҳои мухталифи кӯҳистон як сафари ҳарбӣ карда, дар ҳама ҷо саркашон ва ошӯбгаронро саркубӣ намуда, осудагии кишварро барқарор созад.

Ба қалъаи ҳисории худ расидан замон вай нишаста бо дасти худаш ба амир номае навишт. Дар нома нақшаи фикр кардаашро баён кард ва фиристодани ҳазор нафар сарбозро талаб намуд. Таъкид ва таъин кард, ки хатар рӯзафзун аст ва ин миқдор сарбоз бояд фавран равона карда шавад.

Худи ҳамон бегоҳ қосиди ӯ номаро гирифта ба роҳ афтод. Ба қосид амри қатъӣ дода шуд, ки дар ҳеҷ ҷо таваққуф накунад ва ҳатто шаб нахобад, то номаро ба доруламора зудтар бирасонад. Ба дасташ хати махсусе ҳам бо муҳру имзои лозима дода шуд, ба ин мазмун ки дар ҳар манзил амлокдорон ва дигар соҳибмансабони маҳалӣ ба вай аспи бардами бодпое диҳанд.

Қосид рӯзи сеюм пагоҳӣ, дар ҳолате, ки аз кӯфтагӣ ҳамчун ҷуволи холӣ тамоман шалпар шуда буд, ба пойтахт расид.

Амир он рӯзҳо дар қасри тобистонии Дилкушо мезист, девонбегӣ номаи Остонақулро дарҳол ба он ҷо бурда «манзури назари мубораки ҳумоюнӣ» гардонид.

Амир Абдулаҳад номаро хонда авзояш беҷо шуд. Ҳамон соат қушбегӣ ва тупчибошӣ ба машварат даъват карда шуданд.

Баъд аз машварати нимсоата фармони олӣ содир шуд,

ки ба зудӣ фавҷе иборат аз ҳаштсад сарбоз таҳти фармони Холмурод туқсабо ба Ҳисори Шодмон равона карда шавад.

Дар он қарибӣ Абдулаҳадхон аз мавло ва ҳомии худ – императори Русия ҳазорто туфанги Бердан бо панҷоҳ ҳазор тир туҳфа гирифта буд. Бо нисфи ин туфангҳо панҷсад нафар сарбози Туқсаборо аз нав мусаллаҳ карданд.

Фавҷ рӯзи сеюм ба роҳ баромад. Мувофиқи фармони амир вай бо чунин суръату шитоб ҳаракат мекард, ки ҳаштод нафар сарбоз дар роҳ аз гармии ҳаво ва машаққати сафар ҳалок шуданд. Боқӣ ҳафтсаду бист нафарашон дар ҳоли ниммурдагӣ ба Ҳисор расиданд.

Дар ин миён ба Остонақул хабари фатҳи Балҷувон ба дасти Восеъ баъд аз он хабари торумор карда шудани дастаи сарбозони ба муҳофизати пули Норак фиристодашуда ва хароб карда шудани он пул расид. Қушбегӣ тамоман безобитаву беқарор шуда монда буд.

Вай фавҷи аз Бухоро омадаро фақат як рӯз дам дод. Рӯзи дигар ба онҳо аз сарбозони худаш дастаеро ҳамроҳ намуда, дар сари қушуни саворaи ҳазорнафара ба тарафи Балҷувон ҳаракат кард.

Чун талояи[1] ӯ ба Вахш расид, одамони Нозим, ки дар соҳили чап ба паси харсангҳо шинак гирифта буданд,, худро ошкор накарданд. Талоя соҳилро аз назар гузаронда ва ба вайронии пул қаноат ҳосил карда ақиб гашт.

Остонақул бо қувваи асосӣ аз ақиб меомад ва дар ин асно ба наздикии Норак расида буд.

Нозим ва Ризо бо дастаи саворон ба лаби дарё баъд аз пешин расиданд.

Дар аввал онҳо дар соҳили рост касе ва ҷунбишеро мушоҳида накарданд. Аз соҳил то Норак ҳама ҷо холӣ ва ором буд. Зоҳиран ҳисориҳо дар даруни деҳа қарор ги-

---

[1]. Талоя – дастаи пешгарди лашкар.

рифта буданд, ки ба назар наменамуданд. Онҳо фақат баъди ягон чоряк соат худро ошкор карданд.

Гурӯҳе иборат аз чил–панҷоҳ сарбози савор аз Норак баромада ба тарафи поёнтари дарё ҳаракат кард. Онҳо наздиктар омада буданд, ки баъзе шӯришгарон марди савори аспи сафеди пеш–пеш омада истодаро шинохтанд – вай Остонақул буд. (Шинохтагон ӯро пештар дар вақтҳои рафтанашон ба бозори Ҳисор дида буданд).

Қушбегӣ бо сарбозонаш якчанд дақиқа дар лаби дарё ин сӯ – он сӯ гашт. Аз афти кор вай гузаргоҳе ё ҷойи парруксозие меҷуст. Дар ин ҷо дарё баъди аз тангно зада баромадан ба маҷрои фарох дохил шуда, андак аз хурӯши мастонааш фуромада, нисбатан оромтар ҷорӣ мешуд, аммо на он қадар ором, ки одами савор ба гузаштан ҷуръат карда тавонад. Шӯришгарон дар ин бора хотирҷамъ буданд.

Остонақул ва саворонаш пиёда шуданд.

Як маҳал аз деҳа як тӯда мардум баромада ба ҳамин тараф равон шуд. Сарбозони савор аз қафо он мардумро ҳамчун гала ҳай карда меоварданд.

Одамон дар даст ва китфҳошон хода, тахта, каланд, табару теша бардошта меомаданд. Маълум буд, ки онҳо бошандагони Нораканд. Акнун ба шӯришгарон мақсади Остонақул маълум гардид: ӯ парруке ё амаде сохта, лашкарашро аз дарё гузарондан мехоҳад. Шунида буданд, ки Остонақул марди ҳилагар ва ботадбирест, инак, вай боз ҳамин сифаташро нишон дода истодааст.

Замбаракчаҳои ғаниматӣ дар соҳил назди дидбонҳои Нозим монда буданд. Ризо як замбаракчаро аз болои дунгӣ бароварда, борут андохта даргиронда, ба тарафи гурӯҳи Остонақул пайи ҳам ду кулӯлача паронд. Масофаи аз ним чақрим зиёд набошад ҳам, кулӯлачаҳо то ҷойи қарор гирифтани сарбозон нарасида, аз онҳо як дусад қадам онсӯтар ғалтида парт–парт кафиданд. Шаш нафар туфангдор, ки дар дастаи Нозим буданд, ҳамчунин ба он

сӯ аз туфангҳошон як бор шиллик карданд. Аз кафидани кулӯлачаҳо ва шиллики туфангҳо фақат аспҳои ҳисориён андак рамиданд, аммо ба худи онҳо ҳеҷ зараре нарасид. Аммо тӯдаи норакиҳои ба лаби дарё расида ба воҳима ғалтида тит шуда рафтанд, ҳар кас саросема дар чуқуриҳо ва паси пуштаҳо ба худ паноҳ ҷуст. Сарбозон боз онҳоро задаю кӯфта ҷамъ карда ба роҳ андохтанд.

Гурӯҳи Остонақул ба тарафи камингоҳи ошкоршудаи шӯришгарон аз туфангҳо оташфишонӣ кард. Вале чун шӯришгарон дар пушти харсангҳо ва шахпораҳо шинак гирифта буданд, аз оташфишонии душман зараре надиданд. Аз афти кор, Остонақул гумон кард, ки душман гурехт ё агарчӣ ҳанӯз дар шинакҳои сангини худ нишастани шӯришгаронро донад ҳам, ба онҳо аҳамият надода, кори парруксозиро ҷунбонд. Одамон арра мекашиданд, табару теша мезаданд.

Дар шинаки шӯришгарон ба ҳар як туфанг дуто–сето тир монда буду халос, туфангдорон ин тирҳои охиринро сарфа карда, дигар намепаронданд. Фақат аз се туфанги сочмаи шикорӣ гоҳ–гоҳ тирпаронӣ карда мешуд, аммо ин ҳам суде намебахшид, зеро дар соҳили рост будагонро пуштаҳо ва дунгиҳо як дараҷа панаҳ мекарданд. Ризо ду кулӯлачаи боқимондаро монанди аввала бе ҳеҷ натиҷа паронд. Баъд аз он бо бақияи борут аз замбаракчаи худ сангпаронӣ кард, ба ин тариқ, ки ҳар бор даҳ–дувоздаҳто сангчаи бо калонии чормағзро ба даҳони замбаракча андохта борутро оташ медод, сангчаҳо мепариданд, аммо ба соҳили рост нарасида, ё расанд ҳам, аз соҳил даҳ–бист қадам онсӯйтар напарида меғалтиданд. Вақте ки борут ҳам тамом шуд, Ризо бо қаҳр замбаракчаҳоро як лагад зада ба дарё афканд – ин силоҳ акнун бори зиёдатӣ буд.

Наздикии офтобшинам ҳисориён ҳашт гупсарро дам дода, ба ҳам баста дар об андохтанд ва чӯбу тахтаҳои васлшударо ба болои он гупсарҳо партофтанд. Шаш сарбоз шаш аспро етал карда ба амади ба ин тариқ сохташуда

даромаданд. Амад аз соҳил канда шуда, оҳиста–оҳиста шино карда рафт. Онро аз ду тарафаш чор касӣ ҳашт кас, ходаҳои дарозро ба ҷойи бел ба об зада, меронданд. Амад уреб рафта ба соҳили чап расид, сарбозон ва аспон аз вай баромаданд. Ба ин гузариши аввал бештар аз ним соат вақт сарф шуд. Амад боз гашта ба соҳили рост шино кард. Навбати дуюми гузариш сар шуд – боз шаш сарбоз бо шаш асп. Шӯришгарон ин гузаришро дида истода буданд, аммо аз монеъ шудан ё халале расондан ба он оҷиз буданд, зеро агар аз шинакҳои худ мебаромаданд, фавран нишони тирҳои ҷонгудози сарбозон мегардиданд. Дар ташвиш монданд, намедонистанд, чӣ кор кунанд. Аз афти кор, қушбегӣ ба ҳамин тарз лашкарашро то саҳар аз дарё гузаронданӣ буд.

Ба ногоҳ Ризо ҷомаву куртааш, мӯкиашро кашида партофта, кордчаашро ба дандон газида, оҳиста аз шинаки паси шахпора баромад.

– Боз ин чӣ нағма?–куҷо меравӣ, Ризо? – ҳайрон шуда пурсид Нозим.

– Ман... ба қушбегӣ кор дорам, – ҷиддиёна, бо як оҳанги азму ҷазм гуфт Ризо.

Вай бо ҷойҳои панаҳтари соҳил гоҳ хам шуда, гоҳ хазида, як дусад қадам ба тарафи гузаргоҳи сарбозон пеш рафт. Баъд оҳиставу бесадо ба об ғӯта зад. Нозим ва ёронаш дигар ӯро аз назар гум карданд, зеро торикӣ фуромада буд. Агар торикӣ ҳам намебуд, онҳо ӯро дида наметавонистанд – Ризои оббоз дар зери об шино карда мерафт. Фақат гоҳ–гоҳе аз об сар бароварда нафасе мегирифт.

Амад бо сарбозон ва аспон ба миёнаи дарё омада буд, ки Ризо худро ба наздикии он расонда дар об чуқуртар ғӯта зад. Сарбозон аз вай бехабар буданд. Ногаҳон амад ба як паҳлу хам шуд... Боз хамтар шуд... Сарбозон ва аспон бесаранҷом шуданд, садоҳои тарсолуд баланд гардиданд: «Ҳой, ин чӣ гап? Амад ғарқ шуда истодааст!» Дар сонияи дигар як лаби амад дар об фурӯ рафт, сарбозон ва

аспон ба дарё ғалтиданд. Воҳима, доду фарёд, даступозанӣ дар об... Оби тез ғалтидагонро бо хӯрҷинҳои тиру туфангу шамшерҳояшон ва бо амади чаппашуда якҷоя печонда бурд.

Ин буд «кордории» Ризо бо қушбегӣ. Вай дар таги об бо кордчааш гупсарҳоро шикоф карда буд. Якбора ду–се гупсар бодашро сар дода буд, ки амад чаппа шудан гирифт ва ниҳоят ғарқ шуд.

Ризо аз воҳима ва талотӯби хезондаи худ истифода бурда боз моҳивор ғӯтае заду сиҳат–саломат ба соҳил баромад. Вай ба назди шариконаш баргашт. Аъзои баданаш меларзид, аммо маълум набуд, ки аз хунукӣ меларзид ё аз ҳаяҷони дил. Пеш аз он ки худро ба камингоҳ гирад, вай истода ба дарё, ба тарафи гузаргоҳи сарбозон нигоҳе кард, гӯё мехост, аз ягон нишонаи ҷунбишу тараддуди онҳо фаҳмад, ки ғарқ шудани амад ба ӯрдуи душман чӣ таъсире карда бошад. Аммо ҷавон ба ногоҳ шикамашро дошта ба рӯйи сангҳо ғалтид.

Сарбозон ҳар замон ба тарафи камингоҳи шӯришгарон тирандозӣ карда меистоданд. Яке аз он тирҳои дайду ба Ризо расида буд. То ҳол аз одамони Нозим ҳеҷ кас тир нахӯрда буд, фақат Ризо хӯрд.

Ӯро ба камингоҳ кашиданд. Хуншору нимбеҳуш буд. Нозим ӯро дар бағалаш нигоҳ дошта мегирист.

– Садқаат шавам, Ризоҷон, ту коре кардӣ, ки ҳеҷ фарзанди одам накардааст. Номи туро дар қиссаҳо нависанд меарзад. Кошки тир ба ман мерасиду ту сиҳат мемондӣ, – мегуфт ӯ бо дарду алам. Корнамоии Ризо на фақат Нозимро, балки ҳамаи ёронро қоил карда, дар дилҳошон меҳру муҳаббате нисбат ба ӯ тавлид намуда буд.

Ҳисориён ҳанӯз аз кори Ризо дар ғафлат буданд, гумон мекарданд, ки эҳтимол гупсарҳо ба санги таги дарё бархӯрда кафида бошанд. Баъзе сипоҳиён «чашм расид» мегуфтанд.

Остонақули мағрур он шаб дигар сарбоз гузаронда натавонист.

Саҳари дигар сарбозон боз аҳолии Норакро ҳай карда оварданд. Боз амадсозӣ сар шуд.

Шӯришгарон бе тиру борут монда дар муқобили яроқи оташфишони сарбозҳо аз шинаки худ сар бароварда наметавонистанд.

Нозим камингоҳро тарк кард, ақиб рафт. Ризоро дар ҳолате, ки таби баланд бароварда буд, то Тутқавул бурданд, вай ба нимбеҳушӣ ҳазён гуфта, дар байни ҳазёнаш номи Гулъизорро ба забон меронд, дар Тутқавул ӯ ҷон дод. Ҷасади ӯро дар қабристони деҳа ба хок супурданд.

Пас аз он Нозим бо дастаи худ роҳи Кангуртро пеш гирифт.

Остонақул бо шитоб якчанд амади нав созонда, то бегоҳӣ тамоми лашкарашро аз дарё гузаронд. Сипас ӯ наистода ба роҳи Кангурт ҳаракат кард. Мехост аз Кангурт гузашта ба болои Балҷувон равад.

Дар роҳ вай аз амалдорони гурезаи кангуртӣ фаҳмид, ки Восеъ дар Кангурт аст. Ҳаракаташро тезонд. Сеяки лашкарашро таҳти фармони Холмуродтӯқсабо бо роҳи дигар рост ба тарафи Балҷувон равона кард.

– Аз Балҷувон бекро ҳамроҳ гирифта ба Кангурт юриш мекунӣ, – фармон дод ӯ ба тӯқсабо. – Аз Кӯлоб Абдураҳмон–додхоҳ мебарояд. Пагоҳ мо ба гардани Восеъ ҳалқадавак меандозем.

## БОБИ СИЮ ДУЮМ

Вақте ки Восеъ аз Балҷувон ба Кангурт мерафт, дар қишлоқҳои сари роҳ зиёдтар аз сесад нафар фақирон ба вай ҳамроҳ шуданд. Дар шаҳрчаи амлокдорнишини Кангурт ғайр аз пондаҳ–бист нафар навкару амлокдор дигар сарбозе набуд, Восеъ шаҳрчаро дар субҳидам бе ҷанг ишғол кард. Ин шаҳрча баъд аз Балҷувон маркази дуюми тиҷоратӣ ва косибии вилоят буд, дар вай савдогарон, дӯкондорон, косибони бисёре мезистанд.

Бойҳои Кангуртро аз бойҳои Балҷувон бадавлаттар мегуфтанд. Дар шаҳр ғоратгарӣ сар шуд. Восеъ шӯришгарони аз азобу уқубат, мондагӣ ва гуруснагӣ ба ҷон расидаро боздошта натавонист, онҳо на фақат хонаҳои боён, амалдорон, дӯконҳои савдогарон, балки аҳолии камбизоату нодорро ҳам толон кардан гирифтанд. Восеъ дид, ки лашкараш фосид шуда, аз итоат баромада истодааст, хеле ба танг омад. Тӯда–тӯда мардуми шаҳр дод гуфта ба наздаш меомаданд. Вай ба ҳамқишлоқиёни худ ва дигар як тӯда мардуми ховалингӣ, ки дар гирдаш ҷамъ буда ва аз итоаташ сар намепечиданд, фармон дод, ки дасти ду ғоратгари ашадии аз худ рафтаро бибуранд, чор нафари дигарро чӯб зананд. Бо ин тариқ ӯ мехост аз як тараф шиддати ғоратгариро суст ва аз тарафи дигар фақирони кангуртиро ба худ хайрхоҳ ва тарафдор созад. Дар бозоргоҳ ба пеши чашми халқ дастҳои он ду ғоратгар бурида ва чори дигар ба дарахт баста бо қамчин зада шуданд. Аммо ин тадбир ҳам натиҷаи казоӣ набахшид, ғорату яғмо давом мекард.

– Шӯриш футур рафт, валангорӣ сар шуд, – маъюсона гуфт Восеъ ба Назир. – Ман аз мирон–ку он қадар наметарсам, лекин ана ҳамин ғоратгарӣ оқибат моро ба хоки сиёҳ менишонад.

– Айб ба ин фақирон нест, Восеъ, – гуфт Назир. – Охир

ҳоким, амалдорон буду нобуди инҳоро бурдаанд, ҳамаро кафангадо кардаанд. Фақирон дар ғазабанд, аламзадаанд.

Аммо ин «гиреҳ» бо дасти душман кушода шуд. Яъне, вақте ки Нозим бо дастаи худ ба Кангурт расиду хабари омад–омади Остонақул–қушбегӣ дар шаҳр паҳн шуд, шӯришгарон молу ашёи ғорат кардаашонро партофта рӯ ба гурезогурез оварданд.

Восеъ ва ёрони содиқи ӯ базӯр онҳоро боздошта, аксарияташонро то як андоза муташаккилона аз шаҳр ба дашт бароварданд.

Вай беш аз шашсад савор ва қариб якуним ҳазор пиёдаро ба тарафи Балҷувон гирифта бурд. Яқин кард, ки бо ин лашкари ба тарсу ҳарос афтодаи парешонҳол ба ҳисориён муқобилат карда наметавонад, мардум беҳуда қир мешаванд, бинобар ин қарор дод ба Балҷувон рафта агар муяссар шавад ба бек шикаст дода, боз Балҷувонро гирифта дар қалъаи он ва дар Сурхоб шинак гирифта, ба Остонақул муқовамат намояд. Сурхоб бо талу кӯҳу дараҳои танги он ба хубӣ шинос ва барои ҷанги мудофиавӣ мусоид мебошанд – фикр мекард Восеъ.

Вай аз ноилоҷӣ ба ин қарор омад, зеро дигар ҷойи рафтан набуд. Агар толеъ андаке мададгор шаваду Остонақул ба зудӣ ӯро аз ақиб сур накунад, эҳтимол вай дар Балҷувон бо ҳамлаи зӯр, сарбозҳо ва лақайҳои бо ҳам ба кашмакаш афтода ва низомгумкардаро шикаст дода тавонад. Вай бо шитоб пеш мерафту парершаб аз Балҷувон ба Кангурт фирор кардани худро ба ёд оварда дар дилаш сахт афсӯс мехӯрд, ки чаро дастаеро бо сардории Назир, Одина ё ягон мергани дигар дар дараи оби Мазор нагузошт. Агар мегузошт, имрӯз он даста аз он сӯ ва худаш аз ин сӯ ба бек фишор оварда, бе шакку шубҳа зафар меёфтанд.

Дар рӯзи гарм аз се ду ҳиссаи роҳи Балҷувон тай шуда буд, шӯришгарон ба ногоҳ аз пеш ба сарбозони Холмурод–тӯқсабо ва бек дакка хӯрданд.

Аз ақиб талояи сипоҳи Остонақул намудор шуд.

Восеъ издиҳоми савораву пиёдаҳояшро ба рост – ба тарафи Сурхобу Қизилсу гардонд, мехост аз он сой гузашта, ба байни қаторталҳои сарҳадии вилояти Кӯлоб паноҳ бибарад. Аммо нохост дар соҳили дигари руд дастаи сарбозони мири Кӯлоб–Абдурраҳмон–додхоҳ пайдо шуда монд.

Восеъ пиёдаҳои худро бо шитоб ба миёни талу теппаҳо ва кӯҳсор гурезонда худ бо саворонаш омодаи муқобилат кардан ба сарбозони кӯлобию балҷувонӣ гардид. Кӯлобиҳо ҳоло дуртар буданд, бо балҷувониҳо задухӯрд ба вуқӯъ пайваст. Холмурод–туқсабо, Туғай, ва Давлат–қаровулбегӣ ҳамлаҳои шадид мекарданд.

Восеъ мағлуб шуданашро медонист, аз ночорӣ меҷангид, мехост қувваи душманро ҳарчӣ бештар ба худ андармон карда, ба пиёдаҳо фурсати гурезу халосӣ диҳад.

Сипоҳи Остонақул гурӯҳҳои ақибмондаи пиёдаҳоро қир карда пеш меомад. Тӯда–тӯда ҷасадҳои ба хун оғӯшта дар пуштаҳо, чуқурӣ ва ҷариҳои қади роҳ монданд.

Абдураҳмон–додхоҳ ҳам пиёдаҳоро сур мекард, мекушт, сар мезад.

Восеъ, Назир, Одина, Саид–мерган, Нозим, Давлат Айюб аз ҷон гузашта бо тамоми қувват ба сарбозон муқобилат мекарданд, шамшер мезаданд. Саворони онҳо таёқ мекӯфтанд. Онон ҳатто як–ду бор сарбозонро фишор ҳам доданд, ба танг оварданд.

Аммо зарбаи саворони расида омадаи Остонақул кори онҳоро тамом кард. Аз қариби шашсад савори Восеъ беш аз чорсад нафар кушта ё захмдор гардиданд.

Дар миёни ҷангу ғубор аспони бесоҳибмонда шиҳа кашида, гала–гала ба ҳар сӯ медавиданд. Худи Остонақул бо даҳ–дувоздаҳ нафар ҷилавмерганҳояш дар ақибтар ба болои теппа истода тасбеҳ гардонда ҳарбу зарбро назора мекард, амалӣ шудани нақшаи «ҳалқадавак»–ашро мушоҳида менамуд.

Боре Восеъ бо Туғай рӯбарӯ омада монд. Туғай зуд ба як сӯ нигарист, худро нодида гирифт ё ба ношиносӣ зад, сари аспашро гардонд; Восеъ наъра кашид:

– Ба чашми ман нигоҳ кун, номард!! Ман Восеъ!!

Туғай нигоҳ накард, аз ҳариф дурӣ ҷуст. Ногаҳон аз даруни чангу ғубор Давлат Айюби ховалингӣ пайдо шуда, аз паҳлу шамшере ба Туғай зад, зарби шамшер ба сони Туғай рост омад, фавран сонашро хун пахш кард. Дар сонияи дигар зарби шамшери яке аз сарбозон ба поёнтари китфи чапи Восеъ фуруд омад, китфу досташ хуншор гашт, аммо вай дар гармогармии муҳориба дардро ҳис накард, ҷангидан гирифт.

Назир дар майдон девонавор ҷазаба мекард, ҷавлон менамуд, ба росту чап шамшер мезад. Зарби сарбозе шамшерро аз дасти вай ғалтонд, вай аз давра зада баромада ба болои теппае асп ронд, ки дар он ҷо якчанд пиёдаҳо ба назар менамуданд, яке аз онҳо таёқи дарози нӯгаш мисли сари пиёз ғафсу кулӯлаеро ба дасташ қапонд. Назир онро таҳдидкорона дар гирди сараш чарх занонда ба маърака баргашт. Таёқ косаи сари як чанд сарбозро кафонд, чандеро маиб карда аз сари зин фурӯ ғалтонд, шамшери чандеро аз дастҳошон афтонд, аммо оқибат худаш ҳам шикаст.

– Восеъ, бас! Баро, ақиб гард! – фарёде зад Назир бо овози ғулғуланоки худ дар байни чангу ғубор. Ва худаш ба миёни талҳо фирор кард. Як гурӯҳ шӯришгарон аз пасаш тохтанд. Восеъ ҳам худро ба ҳамон сӯ зад. Ҳамаашон ба даруни талҳо, адирҳо, қирҳо, пасту баландиҳо гурезон шуданд.

Сарбозон онҳоро як ду чақрим таъқиб карданд, аммо дигар дар он пасту баландиҳо, дар ҷоҳои тангу тор таъқиб бефоида ва ҳатто номумкин гардид. Онҳо ақиб гаштанд.

Саворони ҷон ба саломат бурдаи Восеъ бо тану сарҳои хуншор ва дилҳои фигор, бо аспони ниҳоят мондашудаи арақшор дар кӯҳсорон паҳну парешон гаштанд. Пиёдаҳои аз дами теғи душман халосӣ ёфта ба кунҷу канорҳо, деҳу дараҳо хазиданд.

Саид–мерган, Юсуф–мерган ва боз чандин ҳамсафони дигари Восеъ, инчунин додараш Қосим дар ҷанги охирин ҳалок гардиданд.

Восеъ бо як гурӯҳ саворон, ки дар байни онҳо Назир, Қосим, Одина ва Давлат Айюб ҳам буданд, баъд аз сарсонии серӯза дар кӯҳу дараҳо, оқибат ба Ховалинг расиданд.

Амлокдор ҳоло ба он ҷо барнагашта, қалъачаи ӯ ҳанӯз бесоҳиб ва валангор буд. Восеъ бо ҳамроҳонаш дар сояи чинорҳои шафати амлокдорхона таваққуф кард. Ёрон то гашти рӯз дар он ҷо ду–се соат истода дам гирифтанд.

Ба ногоҳ аз ҷониби деҳи Дӯстқулӣ, ки дар ҷанубтари Ховалинг воқеъ буд, як даста сарбозон пайдо шуда ба болои онон ҳуҷум оварданд. Ёрон рӯ ба тарафи Мазори Султон фирор карданд, аммо як дастаи дигари сарбозон аз байни қатортали тарафи шарқии Ховалинг баромада, ҳамлаовар шуда сари роҳи ононро гирифтанд. Задухӯрди шадиде ба амал омад. Назир, Нозим ва дувоздаҳ нафари дигар захмдор ё кушта шуда, дар сангоб монданд, Аммо ба Восеъ, Одина, Давлат Айюб ҳамроҳи чор нафари дигар аз муҳосира зада баромада гурехтан муяссар шуд.

Онҳо ба ҷануби деҳи Мазори Султон фирор карданд ва аз он ҷо ба ағбаи Ҳангак баромада рафтанд.

Ғолибон ва муттафиқон – Остонақул қушбегӣ, Мирзоакрами мирохӯр, Абдураҳмон–додхоҳи мири Кӯлоб дар Балҷувон ду рӯз ғалабаи худро ҷашн гирифтанд, бузкашӣ ва тамошоҳои дигар барпо намуданд, зиёфатҳои фаровон хӯрданд. Дар ин ду рӯз дусад нафар шӯришгари асир дар сангобҳои Талхаку Сурхоб бо теғи ҷаллодон кушта шуданд. Ҳокимони фотеҳ дар хуни фақирон ҷавлон мезаданд, тантана менамуданд.

Бек ба амир фатҳнома навиштанӣ ва ҳайати вакилони худро ба Бухоро фиристоданӣ шуд, аммо Остонақул ба ин монеъ гардид.

– То ки Восеъро ба даст наафтонед ва ё бо ягон тариқ нест накунед, фатҳнома навиштани шумо барвақт аст, –

гуфт ӯ ба мирохӯр. Ва баъд чунин иловаи киноякмезе кард: – Боз мулоҳиза кардан лозим, ки фатҳнома чи хел... аз номи кӣ навишта мешавад.

Бек ба замин нигарист, сукут кард, ӯ кинояро фаҳмид: бешубҳа, маънии сухани Остонақул ин буд, ки «фотеҳ на ту ва на каси дигар, балки манам, фатҳномаро ҳам ман менависам». Алҳақ, ҳамин тавр ҳам буд. Агарчи шӯришро қувваҳои муттаҳиди се ҳоким бо мадади сарбозони аз Бухоро омада фурӯ нишонда, лекин пешкор ва сардор Остонақул буд. «Ҳалқадавак»–ро ба гардани Восеъ ӯ андохт ва ӯ кашид. Фотеҳи ҳақиқӣ ӯ буд.

Бо вуҷуде, ки Остонақул аввал фатҳнома навиштанро барвақт мешумурд, дар охир навиштани онро лозим донист. Ҳокимони «Ризоҷӯй» ба фармонфармои худ – амир Абдулаҳадхон мужда доданд, ки шӯриши Восеъ тамоман пахш ва «осудагии» кишвар барқарор карда шуд.

Восеъ бошад, кӯҳ ба кӯҳ, дара ба дара мегашт. Ёрони «Ҳафттан»: – ӯ, Одина, Давлат, Айюби ховалингӣ, Ҳалими Ҷавонбахтӣ, Ҳикмати шилхинӣ, Муҳаммадалии бачкаконӣ, Зоҳири сурсақовагӣ ҳамчун бод, дар як ҷо қарор намегирифтанд. Пагоҳӣ дар Калот бошанд, бегоҳӣ дар Ёхсу, рӯзи дигар дар Сарихосор.

Сарбозони ба кофтукови Восеъ баромада изи ӯро гум карда буданд. Ҳоли онҳо аз Кулӯх мингбошӣ беҳтар набуд, аммо гиру дорашон, харобкориашон аз вай даҳчанд зиёд буд. Онҳо аз алами номуродии худ дар қишлоқҳо тӯда–тӯда деҳқононро ба унвони иштирокчиёни шӯриш дастгир намуда, баста ба Балҷувон ҳай мекарданд. Халқ ба камари кӯҳҳо, ба ҷангалҳо мегурехт. Сарбозон, навкарон қишлоқҳои бе одам мондаро тороҷ ва хароб мекарданд.

Бек барои ба дом афтондани Восеъ ҳилаҳои мухталиф ба кор бурд. Аз номи амир эълон кард, ки гуноҳи Восеъро мебахшад ва агар ӯ таслим шавад, амали хостагиашро медиҳад. Ин ҳила натиҷа надода буд, ки бек аз пайи зану

фарзандони Восеъ афтод, – мехост онҳоро бандӣ карда, бо таҳдиди кушта шуданашон Восеъро ба таслим шудан маҷбур намояд. Аммо фақирон зану фарзандони ӯро аз деҳа ба деҳа, аз хона ба хона кӯчонда муҳофизат мекарданд, баъзан дар ғорҳо пинҳон менамуданд.

Он рӯзҳо ҳушу ёди Восеъ ба ёрони дастгир шудааш буд. Ба вай аз Шаҳидон хабар расида буд, ки Назир, Нозим ва чанде дигар зиндаанд, дар зиндони Балҷувон мебошанд. Восеъ дар фикраш нақшаи ҳуҷум ба зиндон ва озод кардани ёрони маҳбусашро мекашид. Одина ва ҳамроҳони дигараш ба Афғонистон гурехтанро маслиҳат дониста, ӯро ба ин моил карданӣ мешуданд, аммо Восеъ ин маслиҳатро ба таври қатъӣ рад карда мегуфт, ки то ёронаш гирифтор ва маҳкуми марганд, вай фикри халосии ҷони худро нахоҳад кард. Ба Балҷувон ҷосусони махфӣ мефиристод, онҳо вазъияти он ҷоро ба вай маълум карда меистоданд.

Баъд аз он ки ҳокими Ҳисор ва мири Кӯлоб ба вилоятҳои худашон баргаштанд ва Туғай ҳам бо лақайҳояш Балҷувонро тарк кард, дар он ҷо фақат бек бо дусад нафар сарбоз монда буд. Зиёдтар аз нисфи сарбозон дар кӯҳу дараҳо дар ҷустуҷӯи Восеъ ва дигар иштирокчиёни шӯриш саргардон буданд. Ин ҳол Восеъро ба васваса меандохт, ба вай чунин менамуд, ки нақшаи ҳуҷум ба зиндони Балҷувон қобили иҷро мебошад ва барор мегирад.

Вай дар ҳар ҷо – ҳар ҷо шӯришгарони гурезаро суроғ карда ёфта як чил нафар саворро ба худ гирд овард.

Рӯзе аз рӯзҳо ба вай аз Балҷувон хабар расид, ки бек бо сарбозонаш баромада ба тарафи Кангурту Қизилмазор рафт ва дар қалъаи ӯ фақат понздаҳ–бист нафар посбон монду халос.

Восеъ ин вақтро ғанимат ва фурсатро мусоид донист. Ӯ фавран саворонро ба ду даста тақсим карда, пинҳонӣ бо ду роҳ ба тарафи Балҷувон ҳаракат дод. Дастаҳо мебоист шаб дар Тути буни Ҳайдар ҷамъ мешуданд.

Баъди хуфтан дастаҳо яке бо сардории худи Восеъ ва дигар бо сардории Одина дар он ҷо ҳозир гардиданд. Саворони ҳар ду даста сию панҷ нафар буданд. Восеъ бо онҳо дар торикӣ бо обраҳаи Сурхакон ба шаҳр дохил шуда, ба зиндони пойи қалъа тезу тунд ҳуҷум кард. Посбонҳои зиндон ба боло – ба қалъа гурехтанд. Одамони Восеъ чун асбобу ускунаи лозима надоштанд ва лозим будани онро фикр накарда буданд, бо дасти холӣ ҳар қадар кӯшиш кунанд ҳам, дари маҳками оҳанкӯби зиндонро кушода ё шикаста натавонистанд ва он гоҳ ба кӯчонидани дар зӯр заданд. Аммо дар ин кӯшишу тараддуд фурсати гаронбаҳо аз даст рафта буд – посбонҳои қалъа аз боло тирпаронӣ карда фурӯд омаданд ва ба одамони Восеъ дарафтиданд, сарбозон панҷоҳ–шаст нафар буданд. Дар торикӣ заду хӯрди кӯтоҳе ба амал омад. Аксарияти шӯришгарон маҷруҳ ё кушта гардиданд, дастгир шуданд. Аз сарбозон ҳам панҷ–шаш кас кушта шуд. Шонздаҳ савори Восеъ бо ҳамроҳии ӯ гурехта ҷон ба саломат бурданд. Одинаи захмдоршуда ва Муҳаммадалии бачкаконӣ асир афтоданд.

Ин ҳуҷуми ҷасуронаи Восеъ ба зиндон хотири ҷамъгаштаи бекро боз ноҷамъ карда монд, модом, ки Восеъ ҳамин қадар одам ғундошта ва ин навъ ҷасорат карда тавониста бошад, маълум мешавад, ки шӯриш тамоман фурӯ нанишаста, осудагии вилоят ва аҳолӣ барқарор нашуда будааст? Охир вай, бек, ба амир навишта буд, ки шӯриш зер карда шуд. Маълум мешавад. Остонақул қушбегӣ рост гуфта буд, ки то Восеъ ба даст наафтад ё кушта нашавад, шӯриш тамом ва зафари комил ҳосил шуд гуфтан барвақт аст? Аз ин андешаҳо тарсу ҳаросе ба дили бек роҳ ёфт. Сабаби тарсу ҳароси вай ин буд, ки қосиди аз Ҳисор омада аз номи Остонақул хабар оварда буд, ки амир Абдулаҳадхон барои додани инъомҳо ва мартабаҳо ба «қаҳрамонон»–и ҷанги зидди шӯриши халқ ба Ҳисору Балҷувон омаданӣ будааст. Худо нахоста амир биёяду

Восеъ ҳанӯз дар кӯҳистон «озодона» тохту тоз карда гашта бошад, вай, Мирзоакрами ҳоким, ба ғазаби амир гирифтор нашуда намемонад.

Беки дар хавотир монда боз як даста сарбози мондаашро ҳам ба кофтукови Восеъ баровард. Боз эълон кард, ки агар Восеъ омада таслим шавад, аз гуноҳи ӯ мегузаранд, зеро «ин хел баҳодур ва қаҳрамонро ҷазо додан беақлӣ ва бетадбирӣ мешавад, балки ӯро, агар худаш хоҳад, амалу мансаб дода, ба хизмати султонӣ гирифта, сипоҳу лашкарро ба таҳти фармонаш хоҳанд супурд» – бек ба одамони махсуси худ фармуд, ки ҳамин гапро аз номи вай дар байни аҳолии қишлоқҳо паҳн кунанд.

Восеъ дар Гулдара дар деҳаи Сари обпар ба Юнус ном дӯсти содиқи худаш паноҳ бурда буд. Вай аз барор нагирифтани ҳуҷуми ба зиндони Балҷувон кардааш як дараҷа дилшикаста шуда бошад ҳам, худро набохт, боварӣ дошт, ки боз тарафдорони парокандаи худро гирд оварда, дар пайи халосии ёрони асир афтодааш коре карда метавонад.

Остонақул аз номи амир ҳатман ба зинда дастгир кардани Восеъ фармон дода буд. Инчунин ба бек амр карда буд, ки ӯ то дастгир шудани Восеъ ёрони вай – сардорони шӯришро дар зиндони Балҷувон нигоҳ дошта, баъди дастгир шудани Восеъ ҳамаашонро якҷоя ба Ҳисор – ба ихтиёри Остонақул фиристонад. Восеъ аз ин фармон хабар дошт, бинобар ин ба худ аҳд карда буд, ки то аз дасташ омадан барои халосии ёронаш ҳаракат намояд.

Вай пеш аз расидан ба Сари Обпар аз ҳамроҳонаш Давлат Айюб ва се нафари дигарро ба гирду атроф ба суроғи шӯришгарони парокандашуда фиристод ва фармуд, ки онҳо боз аз байни он халқ ихтиёриён – фидоиёнро ҷамъ кунад. Бо худ танҳо Ҳалим ва Зоҳирро гирифта монд.

Ин се нафар ба Сари Обпар шабона расида, ба ҳавлии Юнус фуромаданд. Онҳо аспҳошонро ба дигар шарикони худ дода, пиёда омада буданд.

Марди солхӯрда Юнус арбоби деҳа буда, пинҳонӣ ба Восеъ ёрӣ медод. Вай аз бими ҷосусони бек меҳмонони худро ҳамон шаб аз деҳа берун бурда, дар яке аз обпар–шаршараҳо ба паси «парда»–и оби резон ҷой кард.

Онҳо чанд рӯзе дар он ҷо паноҳ шуда истоданд. Ҷойи пинҳоншудаи онҳоро фақат Юнус ва писари чордаҳсолаи ӯ медонистанду халос. Гоҳ падар ва гоҳ писар ба онҳо рустӣ хӯрок мекашонданд. Ёрон шабҳо аз манзили пасиобии худ баромада дар гирду пеш гардиш мекарданд ва боз ба пушти пардаи об даромада менишастанд ё мехобиданд. Ба замини тари он макони ғормонанд коҳу хошок ва намад партофта шуда буд.

Ду рӯзи аввал аз Давлат Айюб ва шарикони ӯ ҳеҷ дараке нашуд ва хабаре наёмад. Ба гумони Восеъ, онҳо ё дастгир шуда, ё ки дар пайи иҷрои супориши сардори худ ба ҷоҳои дурдаст рафта дер монда буданд.

Бегоҳии рӯзи сеюм Юнус ҳозир шуда, дар суроғаи Восеъ ба хонаи вай омадани Муллосафар ном мардеро хабар дод.

– Аз Сарихосор омадааст, ошнои ту будааст, – гуфт ӯ. – Туро дидан мехоҳад. Ман ба ӯ гуфтам, ки Восеъро надидам ва дар куҷо буданашро намедонам. Аммо ӯ ба гапам бовар накард, «ба ман маълум аст, ки ту дар куҷо будани Восеъро медонӣ, – мегӯяд, бирав, ба вай омадани маро хабар бидеҳ, номи маро бигӯ, ӯ, албатта, маро ба пешаш ҷеғ мезанад» мегӯяд.

Восеъ ҳайрон шуд: Муллосафар дар ин ҷо будани ӯро аз куҷо дониста бошад?

Восеъ дӯсти муллояшро дар ин шаби торик дар ҷоҳои бероҳа овора кардан нахоста, худаш ба назди ӯ рафтанӣ шуд. Қариби нисфи шаб вай бо ҳамроҳии Юнус дар хонаи ӯ ҳозир гардид. Дар оташдони кунҷаки меҳмонхонаи хурдтараки Юнус алов дар мегирифт ва дар офтобаи чӯянӣ об меҷӯшид. Восеъ ва Муллосафар дар рӯшноии алов бо ҳам мулоқот карданд.

– Хароб шудаӣ, сиёҳ шудаӣ, абгор шудаӣ, Восеъ! – Мулло гирист. Гиряи ӯро дида ба чашмони Юнус ҳам об омад. Дили Восеъ ҳам вайрон шуд, аммо ӯ худдорӣ кард. Маълум буд, ки Муллосафар ба мусибатҳои ба сари халқаш ва ёру диёраш омада, ба ҳоли Восеъ ба гирифтории Назир мегиряд.

– Ту маро маъзур дор, – ба соҳиби хона муроҷиат кард мулло, – агар бемалол бошад, моро як дам танҳо гузор.

– Хуб, домулло, бемалол, – гуфта Юнус берун баромад.

Дӯстон ба рӯйи намади кухна нишастанд.

– Шумо дар ин ҷо будани маро аз куҷо донистед? – пурсид Восеъ.

Муллосафар яке аз ёрони сарихосории Восеъро ном гирифт, ки се рӯз пеш бо супориши Восеъ ба суроғи шӯришгарони гуреза ба ватанаш рафта буд. Ӯ дар худи ҳамон рӯзи ба Сарихосор расиданаш ба Муллосафар вохӯрда, дар ҷавоби пурсукови исроркоронаи мулло ҷойи пинҳоншудаи Восеъро ба вай гуфта, паноҳдиҳандаи ӯ Юнусро ҳам номбар карда будааст. Баъд Муллосафар фавран баромада ба ин сӯ равон шуд, зеро аз тақдир ва ҳаёти шахсии Восеъ сахт дар хавотир монда буд, мехост бо ӯ дар бораи халосии ҷонаш гап занад. Фоҷиаи халқи мағлубшуда муллоро ба даҳшат оварда буд, ӯ вақте ки ба дидани Восеъ равон шуд, аз вай дар ғазаб буд, як олам таънаю маломатро ба сари сардори шӯриш рехтанӣ буд, ки чаро ӯ дар аввали кор – дар Сурсақова ба маслиҳати дӯстонаи мулло гӯш накард ва аз ин роҳи пурхатар нагашт? Мана акнун чӣ шуд? Ӯ чӣ кор кард? Халқонро ба бало гирифтор кард ва ҷони худашро ҳам ба таҳлука андохт. Хуни садҳо мардуми бечораву бенаво ба ҳадар рехта шуд. Боз ин хунрезӣ, кушокушӣ ҳоло тамом нашудааст. Мулло ҷазм карда омада буд, ки аввал ҳамаи ин гапҳои талхро ба рӯйи Восеъ гуфта, ӯро аз кардааш пушаймон намуда, тавба кунонда, баъд чораи халосии ҷони ӯро бо худаш муҳокима намояд. Аммо вай ин ҳама

мусибатзадагӣ ва ҳоли табоҳи Восеъро дида ба вай тараҳҳум кард, аз нияташ гашт. Ба ҷойи ин гуфт:

– Восеъ, кори шудагӣ шуд; ба сари бандагони Худо ҳар чӣ биёяд, аз тақдир аст. Ман туро маломат намекунам, айбдор намекунам, аммо дар ғами ҷони ту ва Назир мондаам. Бидон, ки агар Худо накарда ту ва Назири сарсахт ҳалок шавед, кушта шавед, аввал касе, ки дар азои шумо ҷигараш об мешавад, манам, Ман аввал туро, баъд Назирро мисли додарони ҳамтанам дӯст доштам. Шумо чӣ сеҳру ҷодуе сохтед, ки маро дилбастаи худатон кардед.

Мулло дар ин ҷо, пеш аз он ки ба арзи муддаояш гузарад, сукуте кард. Восеъ гуфт:

– Раҳмат, домулло. Кошки ман ба ин ғамхорию меҳрубонии шумо меарзида бошам. Маро қатии Назир шумо мисоли додарони ҳамтанам гуфтед, ин аз хубию арзандагии мо набошад ҳам, аз покии дили шумо, аз бузургвории шумост. Раҳмат... Шумо ба ман чӣ гуфтанӣ будед, домулло?

– Аввал ту ба ман бигӯ, ки чӣ ният дорӣ? Минбаъд чӣ кор кардан мехоҳӣ? – пурсид Муллосафар.

– Агар аз дастам биёяд, Назирро, дигар ёронамро халос кардан мехоҳам.

– Нияти нек кардаӣ, аммо чӣ тавр халос мекунӣ? Як бор–ку озмуда дидӣ, нашуд.

– Боз як бор, ду бор, даҳ бор меозмоям, то вақте ёронам зиндаанду ман ҳам зинда.

– Метарсам, ки халосии ёронатро гуфта, худатро ба куштан диҳӣ, Восеъ.

– Майлаш. Агар онҳо кушта шаванд, ба ман ҳам зиндагӣ даркор нест.

– Хуб, фарз кунем, ки муваффақ шудӣ, ёронатро халос кардӣ, баъд чӣ кор мекунӣ?

– Мебинам... Пешакӣ гуфта намешавад... Ҳозир ғайр аз халосии Назир, Нозим, Одина, дигар ёрони асир афтодаам ҳеҷ хаёле дар сар надорам.

– Аз суханам наранҷ, Восеъ лекин ту ба васваса ғалтидӣ. Худат дар ҳавли ҷон ба мағоки паси обпарҳо пинҳон шудаӣ ва боз мегӯйӣ ки «ёронамро халос мекунам».

– Нахандед, домулло. Дар мағоки паси обпар ман дер намеистам.

– Ман намехандам, балки ҳайронам. Ба пурдилии ту, ғайрати бепоёни ту ҳайронам.

– Як шоир аз беандешагӣ, беэҳтиётии худ кулфат кашида, баъд пушаймон шуда, гуфта будааст, ки «Дидаву дониста худро дар бало андохтем».

– Ман шоир не, домулло.

– Шоир нестӣ ту, аммо марди оқилӣ, ҳеҷ оқил набояд ҷони худро бедарак дар таҳлука андозад.

– Хуб, ба фикри шумо, ман чӣ кор карда метавонам?

– Худат хабар дорӣ, мир чандин бор эълон кард, ки агар ту таслим шавӣ, гуноҳатро мебахшад.

Восеъ сар боло карда бо шубҳа ба чашми ҳамсуҳбаташ нигарист.

– Шумо ба қавли мир бовар кардед?

– Мир инро аз номи қушбегии Ҳисор ва аз номи амир эълон кард.

– Шумо ба қавли амиру қушбегӣ бовар мекунед?

– Росташро гӯям, ман мутараддид мондаам, намедонам бовар кунам ё накунам.

– Хуб, шумо дар ин бора аз барои чӣ гап кушодед?

– Хостам, ки дар ин бора фикри туро донам.

– Магар фикри маро худатон намедонед?

– Фикри ту... маълум, албатта... Аммо, аз тарафи дигар, ин манғитҳо бедодгар бошанд ҳам, ба ҳар ҳол амиранд, ҳокимони мамлакатанд, наход, ки дар пеши фуқарои худ дурӯғгӯй, рӯсиёҳ шуданро хоҳанд? Албатта, намехоҳанд. Бо ҳамин мулоҳиза ман...

– Шумо ба ман «таслим шав» мегӯед? – суханро аз даҳони мулло гирифта рӯйрост пурсид Восеъ.

– Ман... мутараддид ҳастам... Гоҳо овозе аз ғайб ба ман мегӯяд, ки «Бовар кун! Подшоҳон аз қавли худ намегарданд, Восеи ту ба ҳамин тариқ ҷони худро халос мекунад»...

– ...«ҳатто амалдор мешавад, саркардаи лашкар мешавад» – ҳамин тавр? – истеҳзо кард Восеъ.

Муллосафар сар ба зер афканда сукут кард.

– Шумо, домулло, – суханашро давом дод, Восеъ, – аз афти кор, чӣ хел будани амирон, ҳокимон, амалдоронро, феълу атвори онҳоро дар китоби Эшони махдуматон хондаед, лекин худатон наозмудаед, ё ки озмуда бошед ҳам, фаромӯш кардаед. Ба дилатон нагиред, домулло, лекин ман мегӯям – шумо муллои доно бошед ҳам, сода будаед. Аз рӯйи нақли худатон, пири шумо – Эшони махдум дар китобашон рост гуфтаанд, ки ин амирон, вазирон, ҳокимон на фақат ноодаманд, балки ҳеҷ аз кӯчаи одамгарӣ нагузаштаанд. Ҳоло инсофу адолат як тараф истад, онҳо қавл, шарм, номус чист, намедонанд. Мирзоакрамбой чӣ хел ҳокими Балҷувон шуд, шумо бояд шунида бошед. Касе, ки духтари ба балоғат нарасидаи худашро ба амири фосиқ пешкаш карда, соҳиби мансаб шуда бошад, аз ӯ чӣ умед? Ба қавлаш чӣ эътибор? Худи амиру қушбегӣ ҳам аз ӯ монданӣ надоранд. Ҳатто шайху эшонҳои «соҳибкаромат» ҳам. Ман ба шумо воқеаи шайх Саидасрорро нақл карда будам... Ба Худо, ки аз зистан дар фармонбарии ин ҳокимон, бо онҳо ҷангида шаҳид шудан авлотар!..

Чой кайҳо хунук шуда буд, ба нону чормағз ҳам даст расонда нашуд. Бонги якто–нимто хурӯсон ба гӯш расид.

Восеъ рафтанӣ шуда бархост. Мулло Сафар бо вай хомӯшона дар ҳолати андешамандии маҳзунона хайрбод кард.

Магар аз заъфи пирӣ буд, ё зотан худи Муллосафар марди нармдиле буд, ки боз ба чашмони вай об омад.

Восеъ ба «мағоки паси обпар» – манзили тару торики пурғавғои худ (пурғавғо аз шарроси об) баргашт.

# БОБИ СИЮ СЕЮМ

Муллосафар баъд аз хондани намози бомдод як коса шири мизбонашро бо нимто нони дегӣ хӯрду аспро савор шуда ба роҳ афтод.

Вай ба Балҷувон равон шуд.

Ҳарчанд ба ӯ суханони Восеъ дар бораи беэътибории қавли ҳоким ба мулло асоснок ва маъқул намуда бошад ҳам, боз шубҳаи мулло, дудилагии ӯ барҳам нахӯрда буд. «Охир, бек дар сурати таслим шудани Восеъ бахшидани гуноҳи ӯро на як бору ду бор эълон кард, гаштаю барга-шта мегуфт ба худ Муллосафар. – Аз номи амир ва қуш-бегии ҳокими Ҳисор эълон кард. Тамоми халқ медонад. Наход, ки ин фиреб бошад?»

Мулло дар Ховалинг як шаб хобида, рӯзи дигар ба Балҷувон расид. Дар он ҷо ӯ рост ба ҳавлии Ҳоҷӣ Яъқуби мударрис рафт. Муллосафар бо вай собиқаи дӯстӣ дошт: як вақтҳо дуяшон дар мадрасаи Ғарибияи Бухоро ша-рикдарс ва ҳамсояҳуҷра буданд. Ба ҷиҳати ҳамватанӣ бо ҳам қаробат ва улфатӣ ҳам доштанд. Мулло Яъқуб дар ду соли охирини таҳсилаш дар ҳуҷраи худ ба сифати «до-муллои кунҷакӣ» ба муллобачаҳои ҷавонтари талабгор дарсгӯӣ ҳам мекард. Муллосафар бошад, ғайр аз дарсхонӣ машғули китобат буд. Мулло Яъқуб ин ҳамватани худро аз барои ҳунарҳояш – хушхатӣ, шоирӣ, луғатдонӣ, наққошиаш ҳурмат мекард. Гоҳо ба вай якто нимто нусхаҳоро китобат кунонда мегирифт, аммо ба ин кори вай ҳақ намедод. Муллосафар ҳам ба хотири дӯстӣ ва ҳамватанӣ аз вай ҳақ талаб намекард.

Ҳоҷӣ Яъқуб ӯро дар меҳмонхонаи худ монанди ҳарвақта (Муллосафар пеш аз ин ҳам ду бор ба зиёрати ошнои деринаш омада буд) хушу хуррам пазироӣ намуд,

зеро ба вай нусхабардории «Ахлоқи Ҷалолӣ»–ро фармуданӣ буд:

– Биё, додар, «биё, биё ки дилу ҷони ман фидои ту бод». Хӯш, дайду, дар кучҳо дайдугӣ карда гаштаӣ? – ҳазли дӯстона кард мударрис. – Чаро хафа менамоӣ, димоғат аз чӣ сӯхт?

– Димоғ чӣ, ҷигарам месӯзад, домулло, мағзи устухонам месӯзад, – бо лабханди дардмандона гуфт Муллосафар.

Ҳоҷидомулло меҳмонашро ба пешгаҳ гузаронд ва худаш ҳам нишаст.

– Хӯш, мағзи устухонат ба кадом оташ месӯзад?

– Ба ҳамон оташе, ки имрӯз ба ин мулк афтодааст.

– Ҳа–а, шӯриш, исён!

– Ана дар ҳамин бора ман ба шумо гап заданӣ омадам. – Муллосафар Ҳоҷидомуллоро дар Бухоро «ту» мегуфта бошад ҳам, акнун мударриси калони мадрасаи шаҳр ва надими хоси мирро ба «ту» гуфтан забонаш намегашт.

– Ха–а–йр, – ришашро гирифта ба шеваи Бухоро изҳори мароқ кард мударрис.

– Ман Восеъро дидам, домулло.

– Восеъ? Ха–а–йр? – боз бештар мароқ кард ҳоҷӣ. – Аз афти кор, вай ошнои ту–ку? Дар куҷо будааст он малъун?

– Инашро напурсед. Вай дар ҷое пинҳон шудааст, ки сарбозон чил сол кобанд ҳам ёфта наметавонанд.

Мударрис чашмонашро айёрона нимпӯш карда бо садои паст гуфт:

– Наход, ки аз ман ҳам руст кунӣ? Ман–ку, худат медонӣ аз мунофиқон нестам.

– Напурсед.

«Ҳозир нагӯӣ, баъд мегӯйӣ. Ман ҳар навъ карда ин сирро аз дили ту мекашам» – ба дилаш гузаронд надими мир.

– Хӯш, ту бо ман дар чӣ бора гап заданӣ будӣ?

– Ҳоким гуфтааст, ки агар Восеъ таслим шавад, гуноҳашро мебахшанд, – оё ҳамин гап рост бошад?

– Модом, ки шунида бошӣ, албатта рост аст.

– Ман намепурсам, ки аз ҳоким ин амр содир шуд ё нашуд; ман мепурсам – қавли ӯ рост аст ё дурӯғ? Восеъ агар таслим шавад, оё дар ҳақиқат гуноҳаш маоф мешавад?

– Исто, ки мулло, чаро ту ин қадар ғами он ёғии сарбадорро мехӯрӣ? Вай ба ту кӣ мешавад?

– Ҳеҷ кӣ. Ҳамту ошно.

– Ошно?

– Оре, ошно. Дӯст. Аз ин ҳам гузашта, вай инсон аст, инсон... Ба ростӣ, худам ҳам намедонам, ки чаро ман вайро дӯст медорам, чаро мустаманди ғами вай ҳастам. Аз афти кор, ин дӯстдорӣ ба тариқаи ақл не, ба тариқаи дил аст. Восеъ як марди деҳотии ҷувозкаш аст, одами омӣ аст, аммо ман ҳеҷ як омиро ин тавр хушманду оқил, ин тавр далеру нотарс, ин тавр покдил ва бодиёнат надидаам. Кошкӣ ҳамаи бандагони Худо монанди ӯ мебуданд. Агар шумо, домулло, боре ба Восеъ мусоҳиб мешудед, ӯро ҳаргиз малъун, ёғии сарбадор намегуфтед, балки дӯсташ медоштед; медидед, ки вай алҳақ шоистаи ҳурмат аст.

«Э аблаҳ! – дар дилаш ба Муллосафар хитоб кард мударрис. – Аҷаб шоистаи ҳурматро ёфтаӣ! Аз афти кор, он аҳримани одамсират туро ҷоду кардааст! Аммо ман ин аҳриманро беҷо дар пеши ту бад кардам. Ақидаи туро дар бораи Восеъ рад кардан лозим нест: ба ҳамин восита туро ба ошкор кардани ҷойи пинҳоншудаи Восеъ маҷбур намудан мумкин».

– Суханат аз ҳақиқат холӣ нест, мулло. Ман «ёғии сарбадор»–ро дар амад гап гуфтам, вагарна ман ҳам дар якум бор Восеъро диданам ба шуҷоаташ, ақлаш, гуфторaш тан дода будам: дар тӯйи писари Оллоёр–оқсақоли марҳум вай аспи ҳеҷ кас ром карда натавонистагиро ром

кард, баъд аз он ба ҷаноби ҳоким суханҳое гуфт, ки он суханҳоро фақат одами шердил ва оқил гуфта метавонад. Бори дуюм ман ӯро, баъди шӯриш бардоштанаш, дар Тути буни Ҳайдар дидам, дар ин ҷо ҳам вай, фӣ–нафс–ул–амир, мардона рафтор кард. Кошкӣ саркардаҳои ҷаноби олӣ аз ҳамин тоифа ашхос мебуданд, он вақт лашкари ҷаноби олӣ ҳақиқатан ҷаррори сафдар мебуд. Восеъ шоистаи хизмати султонӣ аст... албатта, ба шарте, ки аз кирдораш пушаймон шавад ва тавба кунад. Хушбахтиро, ин маънӣ ба хотири ҷаноби олӣ ҳам, ба хотири ҷаноби мир ва Остонақул–қушбегӣ ҳам футур кардагӣ барин менамояд, вагарна мири мо аз номи ҷаноби олӣ ва қушбегӣ ва ҳам аз номи худашон ба Восеъ афви гуноҳ ва додани амалу мансабро ваъда намекарданд. Ба маълумоти ту арз кунам, ки мулло, дар вақти содир шудани ин амр ман шахсан, дар қалъа ба ҳузури ҷаноби мир ҳозир будам, худи ман гувоҳам, ки мир ин қавлу ваъдаро аз сидқи дил доданд.

– Аз сидқи дил?

– Оре. Гуфтам–ку, худам гувоҳ! Ё ту гувоҳии маро қабул намекунӣ?

– Гувоҳии мисли шумо одами муътабарро, албатта, қабул накардан мумкин нест, аммо... агар Восеъ таслим нашавад чӣ?

– Ҳа, воқеан, дар ҳузури бек ба ин нуқта ҳам мулоҳиза карда шуд, – ҳозирҷавобӣ кард мударрис. – Ҷаноби олӣ дар муборакномаи ба Остонақул–қушбегӣ фиристодаашон фармуданд ки: эҳтимол тарс ва ҳазми[1] табиӣ Восеъро аз таслим шудан боздорад, бинобар ин, вай агарчи бо ҳилаву тадбир, бо зӯрӣ дастгир карда шавад ҳам, мо ӯро уқубат намекунем, балки хизмат мефармоем, тарбия[2] мекунем.

---

[1].Ҳазм – ин ба маънои эҳтиёт, мулоҳизакорӣ.

[2]. «Тарбия кардан» дар забони тоҷикии пеш аз инқилоб ба маънои парвариш ва ҳимоят кардан ҳам омадааст.

Хизматгори Ҳоҷидомулло дастархон овард. Муллосафар пораи нонеро дар асал ғӯтонда ба даҳонаш андохта, чойи гармро бешитоб пуф карда оҳиста–оҳиста ҳӯрт кашида, ба андеша рафт.

– Мебинам, ки ту мутараддид ҳастӣ, Муллосафар, – гуфт Ҳоҷӣ Яъқуб. – Наход ки ба сухани ман бовар накунӣ?

Муллосафар ҳамоно сукут мекард, Ҳоҷӣ бо қиёфаи ҷиддитар боз гуфт:

– Наход, ки ман ба ҳамин риши сафедам аз барои як нафар ёғии осӣ дурӯғгӯй шуда, имонамро доғдор кунам?

– Ман аз шумо сухане шунидам, ки домулло, гарчанде сухани ҳақ бошад ҳам, ақли одамӣ онро ба тезӣ ахз намекунад. Дар ҷавобаш одам бояд тааммул кунад. Аммо... зотан... ман бовар кунам ё накунам, чӣ суд?

– Чӣ суд?–худро аз ин сухани ҳариф бағоят ҳайрон нишон дода гуфт мударрис. – Охир, ту ҷойи пинҳоншудаи Восеъро медонистай, пас метавонӣ якбора мушкили ӯро ҳам, мушкили ҳукуматро ҳам осон кунӣ. Магар ин суд нест?

Муллосафар ҷавоб надод, сукут кард, мударрис суханашро давом дод:

– Агар ту ба дӯстат Восеъ некӣ мекунам гӯӣ, ӯро ба таслим шудан розӣ мекунӣ...

– Вай таслим намешавад, – зуд ҷавоб гардонд Муллосафар.

– Гуфтаҳои маро, амри ҷаноби олиро ба вай рафта фаҳмонӣ, бояд розӣ шавад.

– Розӣ намешавад.

– Ту аз куҷо медонӣ, ки розӣ намешавад?

– Медонам, дониста мегӯям.

– Ин тавр бошад, ба фоидаи худи Восеъ ӯро бо зӯрӣ гирифтан лозим, вагарна ӯ нобуд мешавад. Маҳв мешавад! Ту тезтар ҷойи пинҳоншудаи ӯро маълум кун, – хоҳӣ ба

ман гӯй, ман аз ҷониби ту фавран ба ҷаноби ҳоким арздошт мекунам, нахоҳӣ – худат ҳозир ба ҳокимхона рафта маълум кун.

Муллосафар фикр карда истода пурсид:

– Муборакномаи ба Остонақул–қушбегӣ фиристодаи амирро кӣ дидааст? Шумо худатон дидед? Хондед?

– Дидам, хондам. Нусхаи онро қушбегӣ ба ҷаноби мир фиристода буданд, мир ба ман нишон доданд.

Муллосафар ба рӯйи Ҳоҷидомулло бо шубҳа ва нобоварона чашм дӯхт.

– Муллосафар, ту сухани маро дурӯғ пиндошта, ба ман ҳақорат расонда истодаӣ! – тоқат накарда бонг зад мударрис. – Ин қадар ҳам не–дия! Чӣ ман авомунносам[1], аробакашам, ё кофири бетакбиру саломат, ки аз Худо натарсида ба ту гапи дурӯғ занам? Ман мударриси мадрасаи исломам! Ё ту инро фаромӯш кардӣ? Бо авому ҷуҳҳол мубошират карда, олимро аз омӣ имтиёз намедодагӣ шуда мондӣ? Агар ин тавр бошад, маҷлиси маро холӣ кунӣ ҳам мешавад.

– Маъзур доред, домулло, – гуфт Муллосафар, – аз ман наранҷед, ман фақат хостам, ки масъаларо саҳеҳтар фаҳмида гирам. Акнун, беадабӣ ҳам шавад, ман ба шумо боз як савол дорам.

– Хӯш, чӣ савол?

– Оё шумо шахсан ба он чи ки гуфтед, яъне ба маоф шудани Восеъ, ба уқубат карда нашудан ва саломат мондани вай, дар сурати дастгир шуданаш, кафил шуда метавонед?

– Метавонам! – бе ҳеҷ тардид гуфт Ҳоҷидомулло. – Ба ту дар ин бора кафолат медиҳам, зомин мешавам.

Муллосафар лабашро газид, ба замин нигарист.

– Гап зан, чаро дам фурӯ бастӣ?

---

[1]. Авомуннос – мардуми авом, бесавод, ҷоҳил.

Мударрис баъди дошта додани Восеъ ҳадяву инъоми фаровони аз ҳоким мегирифтагиашро тасаввур карда, дарунакӣ шод гардид. Ӯ шубҳа надошт, ки акнун Муллосафар сирро ба вай ошкор хоҳад кард.

Муллосафар нохост ба ӯ гуфт:

– Қасам хӯред, ба дурустии қавлатон қасам хӯред.

– Қасам хӯрам? Маълум мешавад, ки ту ҳанӯз ҳам ба сухани ман...

– Қасам хӯред, баъд тамоман бовар мекунам, – гапи мударрисро бурид Муллосафар. – Суханатон рост бошад, аз қасам чӣ метарсед?

– Агар дурӯғ гуфта бошам, ба ғазаби Худо гирифтор шавам, – қасам хӯрд мударрис. – Мана. Акнун бовар кардӣ?

Муллосафар акнун ба вай бовар карда бошад ҳам, боз дудила буд, дармонд, ба гуфтан забонаш намегашт. Аммо мударрис гӯё аз гиребони ӯ сахт гирифта буд ва сар намедод:

– Гап зан охир, номусулмон, чӣ боз дамат ба дарун ғалтида монд?!

– Ман... чӣ гӯям?

– Ту чораи халосии ҷони дӯстат Восеъро пурсидӣ, ман ба ту гуфтам. Чораи дигар нест. Дигар ихтиёр ба худат.

– Восеъро... дар Гулдара, паси обпар, – «кафид» ниҳоят Муллосафар ва ҳамон лаҳза кафи дасташро ба синааш пахш карда ба паҳлу хам шуд: дили ӯ тоб хӯрда дард гирифта буд...

Дар вақте ки Муллосафар дар Балҷувон бо Ҳоҷӣ Яъқуб гуфтугузор дошт, Восеъ дар Ховалинг аз душманонаш интиқом мегирифт.

Давлат Айюби ховалингӣ аз ҷумлаи шӯришгарони баъд аз мағлубияти болои Хуроб парокандагашта ин дафъа сию ду нафар саворони ғаюри бебокро аз гирду атроф

ҷамъ карда ба Сари обпар оварда буд. Восеъ бо онҳо фавран ба болои Ховалинг саворӣ намуд.

Вай аз халос кардани Назир, Нозим, Одина ва дигар ёрони асир афтодааш маъюс ва аз ин ҷиҳат аламзадаву ғазабнок буд. Дар Ховалинг вай чанде аз амалдорон ва боён, аз ҷумла Абдулкарими амлокдор, ноиби қозӣ, миршаб, ҷамъ ёздаҳ нафарро дастгир карда, ҳамаашонро аз дами теғ гузаронд, хонаҳошонро тороҷ кард ва оташ зад. Ӯ ташнаи интиқом буд. Ташнагии интиқом ба ӯ ғолиб, ҳисси ночорӣ, маъюсӣ ва ғазаб раҳнамояш гашта буд. Ёронаш ҳам дар ин ҳиссиёт ба вай шарик буданд. Ӯ шабеҳи паланги захмхӯрдае буд, ки аз душманонаш ҳар кӣ пеш ояд, медарид.

Баъди ин ҳама ҷавлони интиқомкашӣ ва хунрезӣ вай Ховалингро тарк карда, ба деҳаи худаш Дараи Мухтор рафт.

Дар он ҷо ӯ ҳавлии худро валангор ёфт. Хонааш тороҷ шуда, дару деворҳояш ғалтида, боми ҷувозхона кӯчида, дарвозаи ҳавлиро кадом касе кӯчонда бурда буд. Дарду аламе дили Восеъро фушурд, нафрату ғазабаш нисбат ба душманонаш ҷӯш зад. Намуди чандин хонаҳои дигари деҳа низ аз хонаи ӯ фарқ надошт. Нишонаи харобкорӣ, ғоратгарии сарбозони бек дар ҳар қадам намудор буд. Як тӯда мардон ва занони дар деҳа монда Восеъро бо гиряву нола истиқбол карданд.

Шарикони ӯ Ҷобири доруғаро аз хонааш кашола карда бароварданд.

– Кушед ин сагро! – фармон дод Восеъ.

Доруға фиғон бардошт, фиғони ӯ воқеан ҳам мисли уллоси саге буд ба моҳ дар шаби моҳтоб. Уллос мекашиду илтиҷо мекард:

– Маро накуш, Восеъ, ман ба ту хоинро нишон медиҳам, ки туро фурӯхт аз ту ба ҳоким хабар кашид, ҷосусӣ кард; ту ӯро куш. Хоин одами ту Кабир аст.

– Кабир? – ҳайрон шуд Восеъ.

– Баъде, ки ту Балҷувонро гирифтӣ, вай аз Балҷувон ба Кангурт рафт, ба ҳоким хабар бурд, ман ӯро дар Кангурт бо чашми худам дидам. Кабирро биёр, ман ҷосусии ӯро дар пеши рӯйи худаш исбот мекунам.

Ҷобир ҳақиқатан Кабирро дар Кангурт дида буд. Чун баъди Балҷувонро гирифтани Восеъ дар деҳу дараҳо мардум амалдоронро гирифта мезаданд ва ҳатто мекуштанд, доруға тарсида ба Кангурт гурехт. Дар он ҷо ба қатори навкарони бек даромада хизмат кард. Вай Кабири бо мактуби шайх ва девонбегӣ ба Кангурт омадаро на фақат дида буд, балки аз бек инъом гирифтани ӯро ҳам медонист. Бек пеш аз юриши худ ба Балҷувон Кабирро пас гардонда фиристода буд.

Восеъ ба хотир овард, ки Кабир як шаб аз Балҷувон ғоиб шуда, рӯзи дигар бегоҳи пайдо гардид. Вақте ки сабаби ғоиб шуданашро пурсиданд, гуфт, ки ба Дараи Мухтор рафта аз оилааш хабар гирифта омад. Восеъ ба вай бовар кард. Маълум мешавад, ки дурӯғ гуфта будааст? Наход, ки вай дар ҳақиқат ҷусуси бек бошад?

– Кабир ҳозир дар куҷост? – пурсид ӯ аз Ҷобир.

– Дар ҳамин ҷо, дар хонааш, – ҷавоб дод Ҷобир. – Аз омадани ту пештар ман ӯро дар даҳани дарвозааш дида будам.

Бо фармоиши Восеъ ду одами ӯ ба хонаи Кабир давиданд, аммо ӯро наёфта баргаштанд. Занаш гуфтааст, ки ӯ навакак баромада ба Шаҳидон рафт.

Доруға бовар накарда гуфт:

– Ман вақти пешин ӯро дида, гап зада будам, ба Шаҳидон рафтанӣ набуд, лаънатӣ тарсида пинҳон шудагист. Рухсат бидеҳ, Восеъ, ман қати одамони ту биравам ӯро кофтуков кунам.

Восеъ рухсат дод. Ҷобир бо ҳамроҳии одамони Восеъ ба ҳавлии Кабир рафта, кофтуков карда, вайро аз каҳдон пайдо намуд. Мардак дар даруни хошок пинҳон шуда хоб карда буд. Ӯро кашон–кашон ба майдони лаби сангоб ба назди Восеъ оварданд.

– Ас...ассалом–алайкум. – Кабир меларзид; олудаи хасу коҳ, пойлуч ва сарлуч, рангаш парида буд. Саломи ӯро касе алек нагирифт. – Восеъ! Доруға аз аввал душмани ту буд, – гуфт Кабир, – ӯ аз барои ҷони худашро халос кардан ба ман туҳмат карда истодааст, наход, ки ту ба гапаш бовар кунӣ?

– Пас чаро ту пинҳон шудӣ? – пурсид Восеъ.

– Пинҳон... ман пинҳон нашудаам, ман ҳезум... дар дар каҳдон ман... ҳезум шикаста истода будам...

Восеъ ба доруға амр кард:

– Гап бизан!

– Он ту набудӣ ки, – гуфт доруға ба Кабир, – Восеъ Балҷувонро гирифтан баъд савора ба Кангурт омадӣ? Ман дар даҳани дарвозаи амлокдорхона бо як сарбоз гап зада истода будам, ту аз асп фуромада ба дарвоза даромаданӣ шудӣ, дарвозабон туро нигоҳ дошт, ту гуфтӣ: «Ман аз Балҷувон, аз пеши девонбегӣ омадам, ба ҳоким гап дорам»; дарвозабон номатро пурсид, ту гуфтӣ: «номам Кабир, бирав ба ҳоким бигӯ, ҷаноби ҳоким маро мешиносанд». Дарвозабон як навкарро ба дарун ба пеши бек фиристод, ман ба наздики ту рафта гуфтам: «Ҳа, падарлаънати ёғӣ, ту дар ин ҷо чӣ кор карда гаштаӣ?», ту дастатро ба даҳонат карда гуфтӣ: «Дам! Дур шав, номи маро нагир! Ту маро надидӣ, ман туро!» Баъд навкар баромада туро ба дарун бурд. Вақте ки ту аз амлокдорхона баромадӣ, дар дасташ бӯғча буд; равон шудӣ, ман аз ақибат рафта туро дар пушти миршабхона нигоҳ дошта: «Дар бӯғчаат чӣ дорӣ? Аз ҳоким сарупо гирифтӣ магар?» гуфта, як лаби бӯғчаатро кушода нигоҳ кардам, дар дарунаш

ҷомаи алоча ва мӯза буд, ман ҳазл карда гуфтам: «Ҷома ё мӯзаро ба ман бидеҳ! Агар надиҳӣ, ман сирри туро мекушоям, ҷосуси мир буданатро ба Восеъ хабар медиҳам». Ту гуфтӣ: «Озмой! Сарат чандта?» Баъд ту...

– Дурӯғ! – сухани доруғаро бурида наъра кашид Кабир. – Мусулмонон, ин дурӯғ мегӯяд! Туҳмат!

Восеъ нохост ба одамонаш фармуд:

– Биравед хонаашро кофтуков кунед, сарупойи аз амир гирифтаашро кобед.

Ӯ гӯё, ки фол дида буд: одамони фиристодааш ҳақиқатан аз хонаи Кабир ҷомаи нави алоча ва мӯзаи пӯстихомии пошнабаландро ёфта оварданд.

«Даъво»–и доруға собит ва ҷосусии Кабир дайн шуд, дигар ҳоҷати таҳқиқу бозпурс набуд. Бо фармони Восеъ Кабирро дар худи ҳамон ҷо ба дарахт овехтанд. Аммо Ҷобир ҳам ҷон ба саломат набурд. Восеъ ҳукми қатли ӯро баровард:

– Ту косалеси манғитҳо будӣ, чандин сол фақиронро сагворӣ газидӣ, гургворӣ даридӣ. Рӯзи ҷазои ту расид! Ту ҳам бояд бимирӣ!

Восеъ муҷассамаи интиқоми халқи ҷафодида буд.

Яке аз саворон Ҷобирро таёқе ба сараш зада аз пой афтонд. Баъд ӯро ҳам бардошта ба паҳлуи Кабир ба дарахт овехтанд.

Сипас онҳо ба кӯҳсор баромада рафтанд. Дар арзи роҳ чанде аз ёрон бо иҷозати Восеъ аз вай ҷудо шуда ба деҳаву дараҳои худ равон шуданд.

Худи Восеъ бо ҳамроҳии Давлат Айюб, Ҳикмат, Зоҳир ва чанд нафари дигар дар Девлох ном деҳаи хурде қарор гирифт. Ин деҳа дар ҷойи баланде афтода, як пайраҳаи борик ва каҷу килеб равандаро ба душворӣ ба он мебаровард...

* * *

Ҳоҷӣ Яъқуб мударрис Муллосафарро дар ҳуҷраи мадраса ҷой дода, худаш дарҳол ба қалъа шитофт. Ӯ ба мироҳӯри ҳоким: «Шодиёна диҳед, ҷаноби бек, изи Восеъ ёфт шуд!» гуфта бо Муллосафар мулоқот карданаш ва бо ҳилаву тадбир аз вай гап гирифтанашро хурсандонаву худписандона нақл кард ва хабар дод, ки Восеъ дар Ёхсуи боло ба паси обпарҳо пинҳон шудааст.

Бек худи ҳамон бегоҳ Давлат қаровулбегиро бо шаст нафар сарбози саропо мусаллаҳ ба Ёхсу равон кард.

Давлат беист роҳ паймуда, баъди нисфи шаб ба Ховалинг расид. Дар он ҷо ӯро ҳеҷ кас пешвоз нагирифт: калонон ва «муътабарон»–и шаҳр дирӯз дар вақти ҳуҷуми Восеъ ё кушта шуда ё ки гурехта буданд. Ба кадом тараф рафта пинҳон шудани Восеъро ҳеҷ кас аниқ намедонист. Давлат гумон кард, ки эҳтимол вай боз ба Ёхсуи боло, ба қароргоҳи пасиобии худ баргашта бошад.

Сарбозон пас аз дамгирии яксоата боз ба роҳ афтода, нисфирӯзӣ ба Сари Обпар расиданд. Онҳо фавран деҳа ва обпарҳоро муҳосира карданд. Аммо ба зудӣ маълум шуд, ки Восеъ дар он ҷо набудааст.

Як нафар рақиби дерини арбоб Юнус, ки ҳаракат дошт амали ӯро бигирад, Юнусро ба Давлат дошта дод. Сарбозон ӯро ҳамроҳи писараш аз хонааш кашола карда баровარданд, зада–зада назди саркардаи худ оварданд. Қароргоҳи Давлат дар саҳни масҷиди деҳа буд. Бо фармони ӯ сарбозонаш ба сари арбоб Юнуси сиёҳбахт кунҷола пӯшонда алов сар доданд. Мардак даступозанон бо доду фарёди ҷигархарош месӯхт, то он ки кам–кам фарёдашро ҳам алангаи оташ фурӯ бурд. Писари чордаҳсолаи арбобро худи Давлат ба гулӯяш ханҷар зада кушт.

* * *

Бошандагони Девлох аксарашон чӯпонҳо – тарафдорони Восеъ буданд ё бевосита дар шӯриш иштирок доштанд, онҳо Восеъро ҳамроҳи Давлат Айюб, Зоҳир ва боз чор шӯришгари дигар паноҳ дода пинҳон карданд. Ёрон дар меҳмонхонаи яке аз тарафдорони Девлохии Восеъ манзил гирифта буданд.

Аз байн се рӯз гузашт, рӯзи чорум ба ногоҳ дар деҳа Муҳаммадалӣ, ҳамон Муҳаммадалие, ки дар вақти ҳуҷуми бемуваффақияти Восеъ ба зиндони Балҷувон бо ҳамроҳии Одина ба дасти сарбозони бек асир афтода буд, пайдо гардид. Ёрон аввал ӯро нашинохтанд: Муҳаммадалӣ ришу бурути пештараи дароз ва анбуҳашро бетартибона қайчӣ зада кӯтоҳ карда, ба сараш телпаки қазоқии нимпӯсида ва мӯрехтаеро пӯшида буд, дар рӯй ва гарданаш чандто захми сиёҳу чиркин дошт ва ба як пой лангида бо асои дарози аз қади худаш дарозтар роҳ мерафт. Бинанда ӯро гадо ё дарвеш гумон мекард. Баъд маълум шуд, ки лангии пояш сохта будааст. Ин деҳқони миёнаҳол ва миёнсоли бачкаконӣ аз аввали шӯриш то рӯзи дастгир шуданаш ҳамроҳи Восеъ буд.

Муҳаммадалӣ нақл кард, ки ҳоким ӯро ҳамроҳи Одинаи маҷруҳ ба зиндон андохт, дар зиндон вай бо Нозир, Нозим ва дигар шӯришгарони маҳбус вохӯрд, бо як азобу машаққат ва хатари ҳалокат аз зиндон гурехта, ду шабу ду рӯз дар камари кӯҳҳо ва ғорҳо пинҳон шуда гашт, пояшро ланг сохт ва ба ришу буруташ қайчӣ зада, чанд ҷойи рӯй ва гарданашро бо лахчаи оташ сӯзонда захмӣ карда, ба захмҳо хокистар пошида, қиёфаашро тағйир дод, то ки ӯро нашиносанд. Шаби сеюм ба Дараи Мухтор омада Восеъро суроғ кард. Маҳмадини боғчагӣ ҷойи пинҳоншудаи

Восеъ – деҳаи Девлохро ба ӯ маълум намуд ва инак ӯ худро ба ин ҷо расонд... Маҳмадин аз шарикони Восеъ буда, пас аз охирин бор рафтани Восеъ аз Дараи Мухтор дар деҳи Боғча назди падари пири бемораш монда буд, ба куҷо рафтани Восеъро медонист ва бояд шаби дигар аз пайи ӯ ба Девлох меомад, аммо бо чӣ сабабе наёмада буд. Муҳаммадалӣ гуфт, ки падари Маҳмадин дирӯз вафот кард ва ӯ баъди «обу ош»–и мурдаро гузаронидан ба назди Восеъ меояд.

Восеъ аз ҳоли ёрони зиндонии худ пурсон шуд, Муҳаммадалӣ гуфт, ки Назир, Нозим Одина ба гурехтани ӯ ёрӣ доданд ва супориш карданд, ки: агар Восеъро ёбӣ, ба вай саломи моро бирасон ва бигӯ, ки вай аз пайи халосии мо нагардад, зеро ин бефоида аст, мабодо, ки моро гуфта худаш дастгир шавад, мо ҳарчи дар пешониамон бошад, мебинем, бигузор вай ғами халосии ҷони худашро хӯрад ва агар тавонад ба Афғонистон паноҳ барад.

Восеъ аз омадани Муҳаммадалӣ на хушнуд шуд ва на хафа. Ӯро кайфияти як навъ бемаҷолӣ ва лоқайдие, ки гоҳ–гоҳ ба ӯ ворид мешуд, фаро гирифта буд. Соатҳо ба замин чашм дӯхта хомӯш менишаст ва як даҳон гап намезад.

Муҳаммадалӣ хеле серҳаракат буд, ӯ якзайл ба гӯши Восеъ мехонд, ки васияти ёрони зиндонии ба шаҳид шудан маҳкум гардидаашро ба ҷо оварад, яъне зудтар ба Афғонистон гурехта ҷони худро халос кунад. Аспи Восеъ пояш лат хӯрда буд ва мелангид, аспҳои дигар ҳам лоғару абгор ва баъзе яғир шуда, як аспро ёрон барои ғизо кушта буданд, бинобар ин Муҳаммадалӣ пайдо кардани асп ва озуқаи даркориро ба уҳдаи худ гирифт. Пурсиданд – аз куҷо ва чӣ тавр пайдо мекунӣ? Ҷавоб дод, ки ӯ дар поён, дар деҳаи фалон як нафар галабони фалонӣ бойро мешиносад, галабон худаш аз иштирокчиёни шӯриш аст ва ме-

тарсад, ки пагоҳ–бегоҳ сарбозон ӯро дастгир карда ба зиндон хоҳанд андохт ё хоҳанд кушт, бинобар ин вай ба гурехтан тайёр аст; агар ӯ, Муҳаммадалӣ, ба галабони номбурда бо ҳамроҳи Восеъ ба Афғонистон гурехтанро таклиф кунад, галабон бе шакку шубҳа на фақат розӣ хоҳад шуд, балки Восеъ ва ёронашро аз галаи худ бо аспҳои нағз таъмин ҳам хоҳад кард.

Восеъ таклифи Муҳаммадалиро на рад кард ва на қабул. Ӯ ҳамоно ғарқи сукут буд. Давлат Айюб сукути ӯро аломати ризо дониста, ба Муҳаммадалӣ иҷозат дод, ки биравад, бо галабони ошнояш гапро пазонад ва аспу озуқаи лозимаро таҳия намояд.

Муҳаммадалӣ асояшро гирифта лангон–лангон, бо камоли майл ба роҳ афтод.

Вай ба Девлох рӯзи дигар дар шомгоҳ баргашт. Гуфт, ки галабон ба гурехтан бо ҳамроҳии Восеъ ҳозир аст ва ҳашт сар аспу ду линга озуқа дар хилватгоҳи дараи поён мунтазири ёрон мебошанд.

Ёрон панҷ сар аспи абгорашонро ба дӯстони девлохии худ вогузор ва бо онҳо хайрбод карда, вақти хуфтан аз он ҷо пиёда ба дара сарозер шуданд.

Аммо дар хилватгоҳи дара онҳоро на ин ки аспҳо ва лингаҳои озуқа, балки сарбозони Давлат қаровулбегӣ пойида истода буданд. Дар шаби моҳтоб сарбозон аз се ҷониб, аз паси талҳо пайдо шуда, ёронро печонда гирифтанд. Восеъ фақат акнун ҳилаи Муҳаммадалии хоинро дарёфт, аммо дер шуда буд... Вай шамшерашро кашида омодаи мудофиа гардид ва дар дақиқаи дигар ду сарбозро зада аз пой афтонд. Давлат Айюб ҳам бо зарби шамшераш ду сарбозро ғалтонд. Аммо он чи дар ин доми фиреб ва дар ин заду хӯрди нобаробар ногузир буд, рӯй дод: Восеъ бо ҳафт тан ёрони содиқи худ асир афтод.

Асиронро бо чилбури дароз ба ҳам баста, пешандоз карда бурданд. Муҳаммадалиро низ ҳамчун асири ҳаштум ба онон ҳамроҳ карда бастанд, аммо ин як найранги содаи Давлат қаравулбегӣ буд, ки хиёнати Муҳаммадалиро аз Восеъ ва шариконаш рӯпӯш карда наметавонист.

Давлат қаравулбегӣ ба воситаи як нафар хабаркаши махфии худ аз ҷойи пинҳоншудаи Восеъ огоҳӣ ёфта буд. Аммо вай аз пахш кардани деҳа худдорӣ кард, зеро аз он деҳаи баланд сар то сари пайраҳа намудор буд, ба он ҷо пинҳонӣ баромадан имкон надошт. Восеъ метавонист дар мавриди хатар аз Девлох ба кӯҳҳо баромада равад. Бинобар ин қаравулбегӣ ҳилаи аз зиндон «гурезондан»–и Муҳаммадалиро ихтироъ кард. Ҳилаи рӯбоҳонаи ӯ ба муваффақият анҷомид: Муҳаммадалии фурӯхташуда тавонист пешвои собиқи худ ва ёрони ӯро аз Девлох фуроварда ба доми Давлат қаравулбегӣ андозад. Бек ба вай дар ивази ин хизматаш, ба иловаи асп, пул ва сарупо, амали арбобии деҳаи худаш Бачкаконро ваъда карда буд...

Асиронро ба Балҷувон шабона оварда дар зиндон андохтанд.

Дар торикии лаҳадмонанди зиндон бандиҳои дар он ҷо нишастаро дидан мумкин набуд, Восеъ ва шариконаш даромадан замон фақат ҳис карданд, ки зиндон аз бандӣ пур аст. Сарбозон онҳоро ба чуқурӣ ба болои бандиҳои дигар тела дода фиристоданд. Бӯйи гарони заҳ ва арақи бадан ба димоғ мезад. Садои ба ҳам хӯрдани занҷиру завлонаҳо ба гӯш мерасид.

Восеъ ба по рост шуда ба зиндониён овоз дод:

– Ассалому алайкум, ёрон!

Ба ӯ якбора чанд овози хастаи беҳолона ҷавоб гардонд:

– Ваалайкум ассалом, Восеъ!

Баъд фиҳ–фиҳ садоҳои гиря шунида шуданд.

– Додараки қиёматиам, туро ҳам гирифтанд? Пойи ман дар кунда аст, хеста наметавонам. – Ин овози пур аз дарду алам ба Назир тааллуқ дошт, ки Восеъ онро шинохт ва ба сӯйи овоз хазида, бародархондашро оғӯш кард. Дигар овози дуяшон шунида нашуд, бандиҳои ҳампаҳлу фақат аз ларзидани бадани онҳо ва шиқир–шиқири занҷири ба дасту гардани Назир басташуда ҳис мекарданд, ки дуяшон хомӯшона мегирянд.

– Дар ин ҷо боз киҳо ҳастанд? – пурсид Восеъ аз Назир.

– Нозим, Одина, – ҷавоб дод Назир. Ӯ боз чандин шӯришгари дигарро номбар кард ва дар охир гуфт: – Саидалӣ ҳам дар ҳамин ҷост.

Аз гӯшаи дури зиндон ҳунгос зада гиристани марде шунида шуд. Он мард Саидалӣ буд. Сарбозон ӯро пештар дастгир карда ба зиндон андохта буданд. Вай кӯдакввор гириста мегуфт:

– Аз гуноҳам гузар, Восеъ, ман нодонӣ кардам, ба гапи шайтон даромадам; аз кардаи худ сар бор пушаймонам. Майлаш маро кушанд, овезанд, ман аз мурдан наметарсам, аммо ту гуноҳи маро бубахш, Восеъ, то ки ман аз ин дунё бадному рӯсиёҳ наравам!

Восеъ ба вай ҷавоб надод.

Дари зиндон бо шароққошуруқ боз шуда, ду зиндонбон дохил гардиданд, дар дасти якеашон фонуси кӯру хира дармегирифт, онҳо дар рӯшноии зарбу ларзони он ба гарданҳои асирони нав завлона заданд ва пойҳошонро ба кунда андохтанду рафтанд.

Баъд аз маҳкам шудани дар зиндониён овози Восеъро шуниданд, ки мегуфт:

– Мард бошед, ёрон. Маҳкам бошед, дилатонро бой надиҳед. Манғит гумон накунад, ки мо тарсидем. Сар аз тан медиҳему сидқ аз дил намедиҳем. Агар мо аз зиндон, аз теғу дор метарсидем, шӯриш намекардем.

Овози Восеъ хомӯш гардид. Ӯ ба боло нигоҳ кард, дид, ки дар шифти зиндон ба қадри даҳони кӯза сӯрохест, аз он сӯрох ду ситора–хира–хира чашмак мезад. Ҳозир фақат ҳамин ду ситора буд, ки асиронро бо олами берун алоқаманд мекард.

– Назир, нигоҳ кун, ду ситора, – гуфт ӯ.

Назир нигоҳ кард.

– Монанди ду чашми гург аст, ки дар шаби тор метобад, – гуфт шикорчии дерин.

– Чашми гург нагӯй, он ду чашми парвардигор аст, ки ба мо нигоҳ мекунад, – гуфт як зиндонии дигар, ки аз овозаш марди солхӯрдае буд.

– Ду чашми Худо... – худ ба худ такрор кард Восеъ ва илова намуд: – Рост гуфтӣ, Худо ҳеҷ вақт бандагонашро бо як чашм намебинад.

Якчанд нафар зиндониён лутфи сухани ӯро фаҳмида кӯтоҳ–кӯтоҳ хандиданд.

– Мегӯянд, ки Худо на чашм дорад, на гӯш, на забон; ҳатто хонаву ҷое ҳам надорад, ломакон аст, пас ӯ моро чӣ тавр мебинад? – гуфт Нозим.

– Шак набиёр, номусулмон! – ба гӯянда қаҳромез хитоб кард бандие, ки ситораҳоро чашмони парвардигор номид. – Худо дар ҳама ҷо ҳозиру нозир, маконаш дар дили ҳар мусулмон аст. Ҳозир мададгори мо фақат Худои таолост, лекин аз касофати туворӣ шаккокҳо аҷаб не, ки мо аз мадади Худованд маҳрум бимонем.

– Кай ман шак овардам? Магар пурсидан шак овардан мешавад? – гуфт Нозим.

– Бас кунед! Ин ҷо масҷид ё мадраса не, ки шумо масъалаталошӣ кунед! – соҳиби ин итоб Одина буд, ки захми синааш сӯзиш карда, ӯро ба оҳ кашидан маҷбур менамуд.

– Рост бигӯям, додарон, ман кори Худоро ҳеҷ нафаҳмидам, – гуфт Восеъ. – Худои таолоро одил аст мегӯянд, пас чаро ӯ доди фақиронро намешунавад, ба амиру ҳокимон ғазаб намекунад?

– Восеъ, ман ба ту ҳайронам, – сарзанишкорона гуфт марди худотарс, – ту ба ҷойи он ки дар ин зиндон, дар ин балои ба сари мо омадагӣ аз Худо мадад хоҳӣ ва тавба кунӣ, ҳамин хел гапҳои шаккокиву ношукрӣ мезанӣ.

– Тавба кунам? – гуфт Восеъ. – Аз чӣ? Ман чӣ гуноҳ кардаам, ки тавба кунам? Золим зулм кард, ман шӯридам, магар ин гуноҳи ман аст?

– Ман ба ту таъна заданӣ нестам, Восеъ–ҷавоб дод он бандии солхӯрда. – аммо, худат медонӣ, агар ту ғазо гуфта ба миёни халқ ғавғо намеандохтӣ, дар Сурсақова гулхан намеафрӯхтӣ, ин ҳама балоҳо ба сари мо намеомаду худат ҳам имрӯз ҳамроҳи мо бадбахтон дар ин зиндони торик наменишастӣ... Ман дигар чӣ гӯям, ҳамааш ба худат маълум...

Восеъ як дам ҷавоб надода истод. Мардак ба мусибатҳои шӯриши барорнагирифта ӯро айбдор кард. «Наход, ки дигарон ҳам ба ҳамин фикр бошанд? – ба дилаш гуфт Восеъ. Наход, ки аз шӯриш пушаймон шуда бошанд? Магар он ҳама ваҳшигӣ, бедодгарии манғитҳоро аз хотир баровარданд? Магар фаромӯш карданд, ки фақиронро ғайр аз қиём кардан ё мурдан аз гушнагӣ илоҷи дигар намонда буд?».

Гӯё, ки дар ҷавоби ҳамин андешаи Восеъ бародархондаш Назир ба он бандӣ муроҷиат карда гуфт:

– Ин чӣ сафсатаест, ки ту мегӯйӣ, Ғафур? Хоҳӣ худат тавба кардан гир. Шӯриши мо ҳақ буд, ман пушаймон нестам.

– Ман ҳам! – овоз баровард Нозим.

– Ман ҳам! – ба ӯ пайравӣ кард Давлат Айюб.

Пас боз чандин овозҳои дигар ин нидоро такрор карданд: «ман ҳам!... ман ҳам!»

Восеъро ҳиссиёти миннатдорӣ аз ёронаш фаро гирифт. Агар метавонист, вай бархоста ҳамаи онҳоро як–як оғӯш мекард. Онон ҳеҷ гоҳ барояш ин қадар азиз ва маҳбуб набуданд. Вай мисли ин ки худаш бо худаш гап мезада бошад, бо овози паст ба сухан даромад:

– Одамизод фақат як бор ба дунё меояду як бор меравад. Ман мегӯям, аз мурдан ба хории ҷавру зулм, одам беҳтар, ки дар ҷанги золимон мардона бимирад, – фикри дӯстдоштаи ба дилаш нишастаро такрор кард ӯ. – Худо туро одам офаридааст, агар туро хар карда савор шаванду ту ба ин тан диҳӣ, тоқат кунӣ, одам нестӣ. Офарандаатро муттаҳам кардаӣ. Туро ба ноҳақ хор кунанд, таги по кунанду ту хап истӣ – номардӣ, ору номус надорӣ; занат ва фарзандонат ёру дӯстонат ҳақ доранд ки аз ту рӯй гардонанд... Мирон дар охири кор як шуда моро шикаст доданд, лекин мо ҳам онҳоро хуб кӯфтем. Ба онҳо нишон додем, ки мо ҳам мардем, салла ба сару фута ба миён дорем... Иншоаллоҳ рӯзе меояд, ки золим каллапо меравад. Дунё ҳама вақт як хел намеистад, дунё ҳазор хел печу тоб дорад. Ёд дорӣ, Назир, – мурочиат кард ӯ ба бародархондааш, – Муллосафар дар Самарқанд ба ману ту гуфта буд, ки агар фуқаро ба амиру ҳокимони золим сар нафуроранд, гунаҳгор намешаванд, мулло инро дар китобҳо хонда будааст.

– Албатта, ёд дорам, – гуфт Назир, – Муллосафар боз аз забони пираш ҳазрати Эшони Махдум нақл карда буд, ки кордории амирон, амалдорон, сипоҳиёни манғит аз аҳкому дину шариат берун аст, аз барои ҳамин давлати онҳо бақо надорад.

– Мо як бор ба манғит зӯри фақиронро нишон додем! –

суханашро давом дод Восеъ. – Чунон нишон додем, ки манғитро воҳима гирифт, аз Бухоро лашкар овард, се ҳоким як шуд. Боз лашкари ҳамаашон камӣ кард, онҳо duздон, роҳзанон, каллабуронро ҷамъ карда ба болои мо андохтанд... Ҳозир манғит моро шикаст дода бошад ҳам, калтаки аз фақирон хӯрдаашро як умр фаромӯш намекунад. Фақирон ҳам инро фаромӯш намекунанд. Ман мегӯям, рӯзе, ки золим каллапо, дасти фақирон боло шавад, онҳо моро ба некӣ ёд мекунанд... Номардҳо, буздилҳо майлаш аз шӯриш пушаймон шаванд, лекин ман пушаймон нестам. Агар коре шаваду зинда монам, ман боз мехезам, боз ба золимон теғ мекашам.

Восеъ дар зиндони Балҷувон ба ёронаш ҳамин навъ суханҳо мегуфт.

Иброҳим ном ҷавоне, аз деҳаи Қаҳдарак, низ бо гуноҳи тарафдории Восеъ дастгир шуда, дар зиндон бо ҳамроҳии Восеъ ва ёрони ӯ нишаста, ин сухбати охирини онҳоро шунида буд. Аммо баъд маъмурони ҳокими Балҷувон гуноҳи ӯро исбот карда натавониста бошанд ҳам, як гӯшашро бурида ва лаби поёнашро чок карда сар доданд. Ин ҷавон баъдҳо дар ҳар ҷо мегашту суханони дар торикии зиндон аз Восеъ ва ёрони ӯ шунидаашро ба мардум нақл мекард.

... Рӯзи бозори Балҷувон. Кӯчаҳо, растаҳо пури одам. Офтоб акнун фақат се–чор қади найза баланд шуда бошад ҳам, ҳаво тафсида аст. Сарбозон бандиҳои дастбастаро аз зиндон бароварда, галавор ба лаби оби Талхак ҳай карданд. Бандиҳо чилу шаш нафаранд. Пешо пеши онҳо Восеъ ва Назир равонанд. Дар тангкӯчаҳо ҳам тӯб–тӯб мардум истодаанд, дар бомҳо гурӯҳ–гурӯҳ занон ва бачагон. Наъраи карнайҳо, дум–думи дуҳул ва бак–баки нақора баланд. Бек Мирзоакрами мирохӯр ғалабаи бузурги худро намоиш доданӣ, ҷашну тантана барпо карданист. Аммо

ғайр аз як тӯда амалдорони хурду калон, муллоён ва сарбозон дигар дар ҳеҷ касе хушнудии «идона» мушоҳида карда намешавад. Баръакс, дар чеҳраҳои мардум хирагӣ ва парешонӣ сояандоз аст. Ҳатто якто нимто мардон ва занон гиря мекунанд.

Сарбозон бандиҳоро аз чор тараф печонда, аз байни издиҳоми халқ гузаронда мебаранд. Ҷо–ҷо аз байни издиҳом садоҳои: «Алвидоъ Восеъ», «Алвидоъ баҳодурон!», «Ёди ту бо мост, Восеъ», «Ту меравӣ номи неки ту мемонад, Восеъ» баланд мешавад.

Майдони лаби обро сарбозон иҳота карда, издиҳоми халқро пеш омадан намемонданд. Дар мобайни майдон ясавулҳо, навкарҳои беқарор дар ҷунбишу тараддуд. Ҷаллод Умари Буз, ҷомаи сурх ва шалвори зарди чармин дар тан, остинҳояш барзадагӣ, кордашро қайроқ мекунад. Дар ҷойи баланд бек Мирзоакрами мирохӯр бо тӯдаи мансабдоронаш ва надими хоссаш Ҳоҷӣ Яъқуби мударрис нишастаанд.

Сарбозон бандиҳоро аз тангкӯча бароварда ба сангоб хамонданд. Ба ногоҳ дар байни издиҳоми халқ талотӯбе бархост. Ду зани сарбараҳна бо доду фарёд пеш омаданӣ мешуданд, мардум онҳоро нигоҳ медоштанд. Восеъ нигоҳ карда он занҳои жӯлидамӯ, пойлуч, саропо хоколуд, рӯй ва гарданҳошон ханҷолхӯрдаро шинохт – онҳо духтараш Гулъизор ва хоҳараш Фотима буданд.

– Ота–а–а!.. Ота–а–а!.. – рӯканону мӯканон дод мезад Гулъизор.

Вай модари мусибатзадаи аз по афтода ва ҳар рӯз чандин бор аз ҳуш равандаашро ба парастории янгааш – зани Қосим гузошта, ҳамроҳи аммааш пойи пиёда ба Балҷувон омада буд, ки падари гирифторашро бинад ва бо ӯ видоъ кунад. Фотима бева монда буд – шавҳари ӯ Сангалиро

сарбозон дар деҳаи худаш дастгир карда кушта буданд.

Восеъ қадам нигоҳ дошт.

– Духтарҷонам!.. Хоҳаракам! – аз ҷигар фарёд кашид ӯ. – Алвидоъ! Ба модарат бигӯ, Гулъизор, ба додараконат бигӯ, падари шумо ба золимон сар хам накард, ҷангид, шаҳид шуд!..

Сарбозон ӯро дигар ба гап задан намонданд, тунд тела дода пеш ронданд.

Гулъизор бехуд шуд, ба хок ғалтид; ҳамқишлоқиҳояш ва аммааш ӯро бардошта ба канор бурданд.

Восеъ, Назир ва Давлат Айюбро аз бандиҳо ҷудо карданд. Боқӣ чилу се нафарро, бо шикастани устухони пойҳошон ба зарби болға, дар лаби сангоб пуштнокӣ қатор хобонданд.

Ҷорчии савор бо овози баланди дупӯста «тасаддуқи сари ҷаноби олӣ» гардидани «ин ёғиҳои малъун»–ро эълон мекарду аз халқ дуои умрдарозӣ, комронӣ ва шону шавкати амирро металабид, аммо дар издиҳоми халқ ба ҷуз якто–нимто одамони хушлибос, муллонамо ва солхӯрда касе даст ба ришу мӯяш намекашид.

Ҷаллод аз носкаду ба даҳонаш нос андохта, корди борики дудамаашро аз ғилоф кашида ба кори хунини худ сар кард...

Баъд пешин Восеъ, Назир ва Давлат Айюбро бар аспҳо нишонда, пойҳошонро ба шиками асп баста, бо бист сарбоз ба Ҳисор равона карданд. Давлат–қаравулбегӣ, низ бо ҳамроҳии чанд нафар амалдору сипоҳӣ равона шуд.

Фотима монанди девонаҳо сару по бараҳна, афтону хезон дод зада аз паси корвони сарбозҳо рафт. Одамони дилсӯз вайро нигоҳ доштанӣ мешуданд, тасаллӣ медоданд, насиҳат мекарданд, аммо ба гӯши вай ҳеҷ гап намедаромад, одамонро дур меронд, ба сараш хок мепошиду:

«Дод аз дасти золимҳо! Акаамро мекушанд! Хонаат бисӯзад, манғит!» гуфта фиғон мекарду халос.

Муллосафар дар ҳуҷраи мадрасаи Ҳоҷӣ Яъқуб фақат як шаб хоб кард. Чун дилаш хала мезад ва дар мизоҷаш гароние ҳис мекард, рӯзи дигар ӯро бо хоҳиши худаш хизматгорони мударрис ба деҳаи Нушур ба хонаи як нафар хешаш бурда монданд.

Вай дар хонаи хешаш, гоҳ бистарӣ ва гоҳе ба сари пой оқибати кори Восеъро интизорӣ мекашид. Савганди мударрисро сидқӣ пиндошта буд, ба нушуриён, ки бештаринашон хайрхоҳи Восеъ буданд, аз халосӣ ва озодии наздики ӯ башорат медод.

Муллоро халосии Восеъ дар аввал хоҳише буду бас, аммо баъд аз гуфтугӯйи душвори бо Ҳоҷӣ Яъқуб ба миён омада ва дар асари фикру хаёлҳои муттасиле, ки рӯзҳои охир мулло дар ин бора мекард, ин хоҳиши ӯ ба майли пурҷӯш ва пурэҳтиросе табдил ёфта буд. Агар Восеъ наҷот меёфт, мулло чӣ тавр худро шод ва хушбахт ҳис мекард!

Пас аз ду рӯз ба вай хабар расид, ки Восеъро дастгир карда ба Балҷувон оварданд. Вай аз ҳаяҷони қалбӣ рухсорааш шукуфта, ҳамон дам ба Балҷувон рафтанӣ шуд, аммо хешони ӯ ба ин монеъ шуда гуфтанд, ки нохушу каммадор аст ва сафари савора дар пайраҳаҳои пасту баланд ӯро беҳол хоҳад кард, ӯ бояд сабр кунад, ва он гоҳ шояд ки худи Восеъ баъди озод шуданаш ба зиёрати дӯсти худ омада монад.

Охир, Муллосафар хешонашро ҳам бовар кунонда буд, ки Восеъ пас аз расидан ба Балҷувон ба зудӣ озод карда хоҳад шуд! Мулло хоҳиши дили дардманди худро ҳақиқат мепиндошт.

Вай маслиҳати хешонашро гирифт, ба Балҷувон

нарафт, агарчи бо расидани хабари мазкур якбора халаи дилаш ҳам монда буд ва ӯ худро сабук ҳис мекард.

Боз баъди ду рӯз нушуриҳои аз бозори Балҷувон баргашта хабари қатли ёрони Восеъро оварданд. Онҳо навмеду маъюс ба мулло огоҳӣ доданд, ки назар ба ҳукми эълоншудаи бек худи Восеъро бо ҳамроҳии Назир–паҳлавон ва Давлат Айюб ба Ҳисор ё Бухоро бурда мекуштаанд.

Ранг аз рух ва ҳуш аз сари мулло парид.

Дигар ӯро ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз аз рафтан ба Балҷувон боздошта наметавонист.

Ӯ дар ҷое, ки имкон дошт, асп медавонд. Ба шаҳр вай дар байни пешин ва аср расид. Дар кӯча аз одамони дучоршуда фоҷеаи имрӯз дар сангоби Талхак рӯйдодаро пурсид, онҳо бо чеҳраҳои андуҳнок ба вай гуфтанд, ки ҳоким чилу се шӯришгарро кушт, аммо Восеъ, Назир ва Давлат Айюбро соате пеш ба Ҳисор равона кард.

Муллосафар ба тарафи ҳавлии Ҳоҷӣ Яъқуб асп ронд. Дарвозаи ҳавлиро бо дастаи қамчинаш кӯфта буд, ки хизматгори ҳоҷидомулло баромад.

– Ҳа, чӣ ин қадар тақ–тақ мекунӣ? Дар ҳавлӣ будагиҳо кар нестанд!

– Мударрис дар хона аст?

– Нестанд, ба «Боғи мир» рафтанд. Чӣ кор доштӣ?

Мулло ба пурсиши хизматгор ҷавоб надода, бо хотири мушавваш як нафас фикр карда монд.

– Чӣ шуд, чӣ ин қадар саросема менамоӣ?

Муллосафар ба ин пурсиш ҳам ҷавоб надод ва якбора аспашро қамчин зада ақиб гардонд.

Вай ба роҳи Кангурт баромад. Шитоб мекард, аспашро гоҳе чорхез, гоҳе лӯкка медавонд. Сарбозон дур нарафта буданд, мулло дар байни аср ва шом дар нимфарсангии Балҷувон дар кӯтал ба онҳо расида гирифт.

– Ҳой! Истед! Истед! – аз дуртар фарёд зад ӯ ба онон.

Сарбозон бо гумони ин ки шояд ин савор аз ҳокимхона бо фармоне омада бошад, бозистоданд. Муллосафар аз назди зани девонамонанде гузашт, ки Фотима буд ва аз ақибтари саворон мерафт. Вай занакро нашинохт, аҳамият надода гузашт, ба назди саворон шитофт. Ҳамин ки расид, дар ғояти беқарорӣ ва изтироб пиёда шуда, худро ба аспе, ки Восеъ бар он нишаста буд, зад:

– Восеъ! Ман хоинам, туро дошта додам, маро бикуш! Бикуш!.. – Мулло боз ба Назир дарафтид: – Назир! Ту бикуш маро! Ман хоин, мани лаин, мани муртадро бикуш!..

Восеъ, Назир ва Давлат Айюб ба якдигарашон нигоҳ карданд. Ба дили ҳар сеяшон гузашт, ки мардак боз ҷиннӣ нашуда бошад?

– Чаро шумо хоин бошед, домулло! – бо садои паст гуфт Восеъ. – Хоин каси дигар аст, мо ӯро ме...

Ясавулбошии ришкалон мудохала карда, гапи Восеъро бурид:

– Дур шав! – вай бо тундӣ муллоро бо қамчинаш тела дод. – Кистӣ ту? Дур шав, девона! Ин чӣ масхарабозӣ?! – Ба сарбозони пешгард амр кард: – Равон шавед! – Инро гуфта ясавулбошӣ як қамчини обдор ба сағрии аспи Восеъ фуровард, асп як қад парида пеш ҷаҳид.

Корвон ҳаракат кард, Муллосафар дар канори роҳ монд. Вай ҳамоно нолиш карда худ ба худ чизе мегуфт ва ду дасти ҳасрату надомат ба сар мезад.

Ба шаҳр вай шаби дер баргашт.

Ҳоҷӣ Яъқуб ба ҷогаҳаш даромада хобиданӣ буд, ки дарвоза тақ–тақ шуд. Хизматгор баромада Муллосафарро ба дарун даровард. Мулло дар айвони меҳмонхона мунтазир истод.

Соҳиби хона хоҳу ноҳоҳ бархоста, ҷомаашро ба китфаш партофта баромад.

– Э беимон! Каззоби қасамзада! – дар нимторикии маҳтобшаб ба гиребони мударрис бехудона чанг зад Муллосафар. – Фиребгари дӯзахӣ! Восеъ куҷост?! Ту ӯро ба куштан додӣ! Ту дағопешаи кофиркеш динат, имонатро ба манғит фурӯхтӣ!..

Хизматгорони мударрис ӯро ба зӯр аз хоҷаашон ҷудо карданд. Бо амри вай онҳо муллоро дар ҳолате, ки худфаромӯшона ғавғо андохта мударрисро дашномҳо медод ва лаънатҳо мехонд, кашон–кашон бурда ба каҳдон даровარданд ва дари каҳдонро тамба заданд.

Аз он ҷо боз муддате нафрину дашномҳои мулло ба гӯш мерасид.

Пагоҳӣ даромада диданд, ки маҳбус дар пойгаҳи каҳдон шикамнокӣ дароз кашида хобидааст. Хостанд бедораш кунанд, бедор нашуд: вай мурда буд.

* * *

Назир ва Давлат Айюб бо ҳукми Остонақул–қушбегӣ дар Ҳисор кушта шуданд.

Восеъро амир ба Бухоро талабида буд. Вай мехост ин марди кӯҳистонии ба ҳукумати амир ин қадар ташвиш дода, ин сардори далери шӯриши халқиро бинад ва ӯро дар пеши чашми худаш кушонда хотирҷамъ шавад.

Давлат қаравулбегӣ ҳамроҳи сипоҳиёни балҷувоние, ки ба дастгир кардани Восеъ иштирок намуда буданд, бо бист сарбози яккачин Восеи дастҳояш ба пушт ва поҳояш ба шиками асп маҳкам басташударо ба Бухоро мебурд. Ба сифати имоми ин ҷамоат Абдулҳақхоҷа ном эшони ҳисорӣ, ки нияти ҳаҷ дошт, ба корвон ҳамроҳ карда шуд. Қаравулбегӣ номаи мухтасари ҳокими Ҳисорро ба амир мебурд, ки дар он нома бо дасти худи Остонақул–қушбегӣ чунин навишта шуда буд: «Тасаддуқи сари

муборaки ҷаноби олии ҳазратам, сайидам шавам аз давлати қавишавкати ҳумоюни олии мавлоям ин ғулом Абдулвосеи кӯрнамаки балҷувонӣ ҳамроҳи эшони Абдулҳаққхоҷаи Соҳибзод ва Давлат–қаравулбегӣ ва Муллобой тӯқсабо ва Хӯҷамурод мирохӯр ва Қурбон–қаравулбегӣ ва ду нафари дигар ғуломашон... (ро) ба давлатхонаи олӣ фиристодам ғулом нодонам инҳо ҳазратам ҳамеша бадавлат саломат бошанд омин ё рабб–ул–оламин аттақсир аттақсир аттақсир...»

Фотимаи сарсахт ҳамоно аз пайи корвони сарбозу сипоҳиён кашол буд.

Мӯйи сиёҳаш жӯлидаву парешон, пойи бараҳнааш аз неши хору дами паррасангҳои роҳ хуншор, рӯяш аз шуълаи сӯзони офтоб сиёҳ гашта, вай гоҳо аз корвон пеш, баъзан ҳамроҳи он ва аксаран аз вай ақиб монда мерафт. Корвониён, ғайр аз бародари асири худаш, боварӣ доштанд, ки занак девона аст. Ҳарчанд ӯро меронданд, суд намебахшид: Фотима гоҳо ғоиб мешуд, аммо баъд аз соате ҳамчун «аҷуза» боз дар қафо ё дар паҳлуи корвон пайдо мегардид. Ӯ дигар доду фиғон намекард, намегирист, дарду алам гулӯяшро фушурда, азобу машаққат фарёдашро қатъ карда, сӯзи дарун ашкдонашро хушконда буд. Ба ин ҳама машаққат танҳо зани кӯҳистонии ҷонсахте, ҳамчун Фотима, тоб оварда метавонист. Ҳар гоҳ, ки корвони қаравулбегӣ дар манзилҳо истода дам мегирифт, ё барои шабхобӣ таваққуф менамуд, одамони раҳмдил ба Фотима сарпаноҳе, ҷойи хобе ва хӯроке медоданд. Вай аз ин қабил бошандагони шаҳру деҳоти қади роҳ барои Восеъ куртаву лозимӣ ва ҷомакуҳнае ҳам ба даст оварда буд. Куртаву лозимиро дар манзилҳо ба Восеъ пӯшонда, пӯшоки аз тани ӯ кашидаашро мешуст, то ки бародараш дар манзили дигар боз пӯшоки чиркин шудаашро бадал карда тавонад.

Корвониён кам–кам ба вай одат карданд, дигар вайро намеронданд, дашном намедоданд, масхара намекарданд. Меҳри бепоёни хоҳарии Фотима нисбат ба бародари нокомаш ҳатто дили санги сарбозон ва мансабдорони худпарасти бемурувватро ҳам нарм карда буд, онҳо наметавонистанд, ба ин зан тан надиҳанд. Аз рӯзи сеюми сафар сар карда онон дар манзилҳо ба мулоқоти кӯтоҳ–кӯтоҳи бародару хоҳар иҷозат медодагӣ шуданд. Дар вақти ин мулоқотҳо Фотима ба бародараш нон, қурут, меваи хушк ва амсоли ин хӯрданиҳоро меовард. Хӯрданиҳо ба занак аз бошандагони маҳалҳои қади роҳ мерасиданд, ки худаш онҳоро камтар хӯрда, ба бародараш бисёртар мебурд.

Чун амир он рӯзҳо дар Шаҳрисабз буд, корвони қаравулбегӣ аз роҳ ба тарафи Шаҳрисабз гашт. Сафар нуҳ рӯз давом кард. Роҳҳо, манзараву манзилҳо ба Восеъ шинос буданд – вай порсол дар пайи халосии Назир бо ҳамин роҳҳо сафар кард буд.

Дар шаҳр ӯро пагоҳӣ ба ӯрда – қалъаи калон ва баланди мураббаи бурҷу борадор ва кунгурадор дароварданд. Аз ҳавлии беруни хиштфарши ниҳоят калоне, ки ба он понздаҳ–бист ҳазор одам бемалол меғунҷид, гузарониданд. Сипас аз долони фарохи дар таҳи равоқҳои харобаи азими кошинкорӣ ва катибадори Оқсарои Темурӣ аз хишти пухта биноёфта гузаронидаинду ба ҳавлии андарун бурданд. Ин ҳавлии калони чоркунҷа ҳам хиштфарш буда, пояи иморату айвонҳои нақшини кандакориву гаҷкоршудаи гирдогирдаш аз саҳни ҳавлӣ ним қади одам баландтар буд.

Восеъро дар саҳни ҳавлӣ дар наздикии боргоҳи амир нигоҳ доштанд. Ӯ дар танаш яктаҳи дарози карбос дошт, дастҳояш ба пеш баста шуда буданд. Дар атрофи ӯ як дусад нафар мансабдору сипоҳиён меистоданд.

Ба ногоҳ яке даричаҳои боргоҳ кушода шуда, баъди як

нафас дар дами дарича як марди ғӯли ришсиёҳи салласафеди ҷомаи зарбофтпӯш намудор гардид. Вай амир Абдулаҳадхон буд. Масофаи байни ӯ ва Восеъ сӣ қадам беш набуд. Мансабдорон, сипоҳиён, навкарон ҳама якбора ба таъзим хам шуданд. Дар байни саллаҳои сафеду сабзу кабуд ва телпакҳои сиёҳу сурхтобу хокистарранги кафказии қариб то ба замин хамшуда танҳо Восеъ қад барафрохта рост меистод. Амир ба вай чашм дӯхт, вай ҳам ба амир чашм дӯхт. Восеъ гӯё бо нигоҳаш ба вай мегуфт: «Ту маро дидан мехостӣ? Инак, ман! Бубин! Душманони ту ҳама монанди манand! Ман ҳоло асири туям, аммо ба ту сар хам намекунам, аз ту наметарсам!».

Амир гӯё, ки ба теғи нигоҳи Восеъ тоб наёвард, чашмашро аз вай канд, баъд Восеъ ҳам аз ӯ рӯй гардонд. Амир ба кадом як мансабдори худ бо чашмаш имои ноаёне карду аз дами дарича ғоиб гардид.

Навкарон Восеъро бо шитобу ҷадал гирифта бурданд. Ҷорчиҳо дар кӯчаву растаҳои шаҳр ҷор мезаданд:

– Мусулмонон, нашунидам нагӯед! Бо фармони подшоҳи ислом Сайид Абдулаҳад Баҳодурхон имрӯз баъд аз намози ҷумъа душмани давлату дин, саркардаи ёғию тоғиҳои кӯҳистон Восеи осии балҷувонӣ дар Регистон ба дор кашида мешава–а–а–д!...

Дори баландро дар миёнҷойи Регистони шаҳр – майдони пеши ӯрда рост карда буданд. Сарбозони савора ва пиёдаи туфангдор издиҳоми халқро, чуноне ки дар Балҷувону Ҳисор низ ҳамин тавр шуда буд, аз ҷойи қатл дуртар нигоҳ медоштанд, наздик омадан намемонданд.

Восеи дастбаста бардамона ба катчаи зери дор баромад ва дар ҳол ба атрофаш назар андохт. Вай хоҳарашро меҷуст. Ниҳоят нигоҳаш дар ҷое қарор гирифт: дар он ҷо, ба сафи пеши издиҳоми халқ, Фотима панҷаҳояшро ба ду

чаккааш фишурда, бо даҳони во ва нигоҳи даҳшатомез истода буд. Восеъ ба тарафи ӯ саре ҷунбонид, бо хоҳараш видоъ кард.

Ҷаллодон ҳалқадаваки ресмони дорро ба гардани Восеъ андохтанд. Вай охирин бор ба шаҳр ба мардумон, ба дарахтон ва баъд ба осмон нигарист. Дар осмон шоҳинеро дид, ки баланд, хеле баланд парвоз менамуд. Шоҳин зуд дар баҳри ложвардии фазо ғӯтида аз назар ғоиб гардид.

Ҷаллодон ресмони дорро кашиданд... Чашмони Восеъро торикӣ пахш кард...

Фотима фарёди ҷигархароше баровarду ба дасти одамони дар пушту паҳлуяш истода ғалтид.

* * *

Ӯро кадом як шаҳрисабзии ғарибнавоз ба хонааш бурда хобонд. Зану духтарҳои он мард вайро як ҳафта парасторӣ намуданд.

Дар сари ҳафтаи дуюм вай роҳи диёри кӯҳистонашро пеш гирифт.

Боз пойи пиёда дар кӯҳу дашту дараҳо монанди девонаҳо баъзан навҳа андохта, баъзан тарона хонда, гоҳе рақсида роҳ мепаймуд. Боз одамони раҳмдил дар арзи роҳ ба вай сарпаноҳе ва хӯроке медоданд.

Роҳ бепоён менамуд. Фотима намедонист, онро чанд рӯзу чанд ҳафта тай кард. Ҳисоби вақтро гум карда буд. Ва аслан вақтро ҳисоб ҳам намекард.

Дар Дараи Мухтор ӯро базӯр шинохтанд: зани сию ду солаи кулфатзада, риёзати беҳисоб кашида мӯяш сафед гашта ва дар ҳам печида баданаш мисли чӯб хушкида, пӯсташ сиёҳ гашта буд. Як зайл мегуфт:

– Акама ба дори баланд кашидан. Акам натарсид, сарбаланд ҷон дод. Халқон гуфтанд: “Ёдуш ба хайр, баҳодур будай!”

Маъракаи азодорӣ як ҳафта давом кард. Аз деҳу дараҳои дуру наздик ба Дараи Мухтор тӯда–тӯда мардум саллаҳошонро ба миён баста, ба даст асо гирифта меомаданд, мотам мегирифтанд. Ҳофизон суруди машҳури шӯришро, бо бадал кардани калимаҳояш, ҳамчун марсия – суруди мотам адо менамуданд:

*Восеъ фаност имрӯз,*
*Ҷон дар азост имрӯз,*
*Ғавғои рӯзи маҳшар*
*Бар фуқарост имрӯз.*

Дар поёни ҳафтаи азодорӣ пирамарде ба ҷувозхонаи Восеъ ишора карда, ба ҷамоат чунин гуфт:

– Додарон, дар ин ҷо Восеъ ҷувоз мекашид. Ин ҷувозкундаро худаш фармуда тарошонда буд. Биёед аҳду паймон мекунем, ки ҳаминро аз Восеъ ба ёдгор нигоҳ медорем. Восеи шаҳид дар ватанаш қабр надорад, ҳамин, ҷувозхона ба ҷойи қабраш зиёратгоҳи ӯ шавад. Омин, Аллоҳу акбар!

Хурду калон ҳама бо ҳамроҳии пирамард даст ба рӯй кашиданд, омин карданд.

Аҳду паймони халқ солиёни дароз барқарор монд...

Баъди ҳафтоду панҷ соли шӯриши Восеъ, дар соли 1961, нависандаи ин сатрҳо гузораш ба Дараи Мухтор афтода буд, дид, ки ҷувозкунда дар ҷойи ҷувозхонаи собиқи Восеъ барҷо истодааст. Ҳамватанони ӯ ба болои кунда шипанге сохтаанд, то ки аз барфу борон зарар набинад.

**Москва –Душанбе,**
**1961–1967**

# БА ҶОЙИ ОХИРСУХАН[1]

Шӯриши Восеъ аз аввалҳои Инқилоби Октябр тавaҷҷуҳи нависандагони тоҷикро ба худ кашида буд. Дар охири солҳои бисти қарни гузашта профессор Абдурауф Фитрат намоишномае бо номи **«Шӯриши Восеъ»** навишта буд, ки мутаассифона, аз лиҳози бадеият хеле суст буд. Дар соли 1940 либреттои операи **«Шӯриши Восеъ»** ба вуҷуд омад, ки ба қалами Мирзо Турсунзода ва Абдусалом Деҳотӣ тааллуқ дошт. Ниҳоят дар соли 1967 романи Сотим Улуғзода **«Восеъ»** нашр шуд, ки маҳсули меҳнати шашсолаи ӯст.

Сотим Улуғзода пеш аз ин дар тасвири муборизаи халқ ва ба вуҷуд овардани образи фарзандони бузурги ӯ хеле таҷриба ҳосил карда буд. Дуюмин намоишномаи ӯ **«Калтакдорони сурх»** драмаи қаҳрамоние буд, ки муборизаи меҳнаткашони тоҷикро бар зидди босмачиён тасвир намудааст. Намоишномаи «Рӯдакӣ», синамоқиссаҳои «Ибни Сино», ва «Қисмати шоир» низ ба мардони бузурги таърих бахшида шуда, тақдири онҳоро дар саҳни ҳаёти мураккаби замонашон нишон додааст... Романи **«Восеъ»** маҳсули инкишофи ҳамин равия дар эҷодиёти ӯст. Аммо ин асар аз таълифоти пештараи ӯ фарқи ҷиддӣ ҳам дорад... Нависанда ба жанри дигаре – ба роман рӯ овардааст, ки беш аз пеш вусъат ёфтани таҳқиқ ва амиқтар рафтани онро талаб менамояд.

Дар асари калони эпикӣ тасвир кардани шӯриши Восеъ барин воқеаҳои таърихӣ барои нависандаи хуштаҷриба

[1].Ин охирсухан аз мақолаи Шукуров, ки барои маҷаллаи «Садои Шарқ» навиштааст, гирифта шуд. (С.Улуғзода. – Душанбе, Ирфон, с.1969)

ҳам душвориҳои зиёде дорад. Душвории асосӣ иборат аз ин аст, ки дар бораи ин ҳаракати халқ, дар хусуси худи Восеъ ва наздикони ӯ сарчашмаи муътамади таърихӣ кам аст. Хушбахтона, дар солҳои сӣ сурудҳое, ки халқ дар бораи он шӯриш ва пешвои худ эҷод кардааст, навишта гирифта шуда буданд. Дар ин таронаҳои таърихӣ образи қаҳрамони халқ ба вуҷуд оварда шуда, меҳру муҳаббати заҳматкашон нисбат ба ӯ, ғаму андуҳи онҳо аз шикасти муборизаи адолатхоҳонаи вай бо сӯзу гудозе ифода гардидааст.

Вале ин сурудҳои таърихӣ асосан фикру ҳиссиётеро, ки халқ аз он воқеаи бузург ҳосил кардааст, ифода намуда, рафти воқеаҳоро бо ҳама тафсилу ҷузъиёташ тасвир накардаанд ва аз бисёр ҷиҳатҳо барои роман мавод дода наметавонад.

Сотим Улуғзода бо истифодаи таҳқиқоти... муаррихон қаноат накарда, низ аз забони сокинони Ховалингу Балҷувон нақлу ёддоштҳо ҷамъ кардааст. Ӯ дар соли 1961 ба мунаққид Масъуд Муллоҷонов гуфтааст: **«Қишлоқ ба қишлоқ гашта, он ҷойҳои таърихиро бо чашми худ дида, бо бисёр мӯйсафедоне, ки шӯриши Восеъро дар ёд доранд, ҳамсуҳбат шудам, материали гаронбаҳое ҷамъ кардам»**.

Дар айни замон нависанда, албатта, бисёр санадҳои адабӣ ва таърихии охирҳои садаи XIX: дастхатҳо, тазкираҳо, қайдҳои сафари сайёҳони ҳамон давра ва ғайраро низ **«мисли олими таърихшинос»** омӯхтааст.

...Вазифаи нависанда як–як ҳикоя кардани воқеаҳои таърихӣ набуд, балки тасвири ҳаёти халқу мамлакат, бо ёрии воситаҳои бадеӣ таҳқиқ намудани решаҳои таърихии ҷунбиши омма ва зоҳир кардани бузургию тавоноии халқ буд.

Тасвири ҳаёти халқу мамлакат дар романи Сотим Улуғзода ба дараҷаи зарурӣ вусъат дорад...

Комёбии асосии нависанда дар тасвири қаҳрамони халқи тоҷик Восеъ аст ва ӯ образи барҷастаи пешвои мардуми заҳматкашро офаридааст, ки онро яке аз беҳтарин образҳои насри имрӯзаи тоҷик шумоoридан мумкин аст.

Таҷрибаи Сотим Улуғзода дар тасвири вусъатноки эпикии қиёмҳои стихиявии халқ дар адабиёти шӯравии тоҷик таҷрибаи аввал буд. Аҳамият ва арзиши ин таҷриба барои он нависандагоне, ки дар оянда низ ба ин роҳ қадам хоҳанд гузошт, хеле калон хоҳад буд.

# МУНДАРИҶА

**Сотим Улуғзода ва эҷодиёти ӯ** ........................................5
Боби аввал ........................................................ 26
Боби дуюм ........................................................ 34
Боби сеюм ........................................................ 48
Боби чорум ........................................................ 61
Боби панҷум ........................................................ 72
Боби шашум ........................................................ 80
Боби ҳафтум ........................................................ 102
Боби ҳаштум ........................................................ 135
Боби нуҳум ........................................................ 150
Боби даҳум ........................................................ 178
Боби ёздаҳум ........................................................ 191
Боби дувоздаҳум ........................................................ 199
Боби сенздаҳум ........................................................ 211
Боби чордаҳум ........................................................ 232
Боби понздаҳум ........................................................ 240
Боби шонздаҳум ........................................................ 249
Боби ҳабдаҳум ........................................................ 261
Боби ҳаждаҳум ........................................................ 272
Боби нуздаҳум ........................................................ 280

Боби бистум ........................................................................ 285
Боби бисту якум .................................................................. 303
Боби бисту дуюм ................................................................. 312
Боби бисту сеюм ................................................................. 321
Боби бисту чорум ................................................................ 332
Боби бисту панҷум .............................................................. 344
Боби бисту шашум .............................................................. 365
Боби бисту ҳафтум .............................................................. 379
Боби бисту ҳаштум ............................................................. 387
Боби бисту нуҳум ................................................................ 396
Боби сиюм ........................................................................... 405
Боби сию якум ..................................................................... 417
Боби сию дуюм .................................................................... 429
Боби сию сеюм .................................................................... 443
Ба ҷойи охирсухан .............................................................. 475

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 45**

**Сотим Улуғзода**
**ВОСЕЪ**
**(Роман)**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Мусаҳеҳ *Азизмурод Шарифов*
Ҳуруфчин *Шоева Истадой*

Ба матбаа 02.12.2020 супурда шуд.
Чопаш 07.12.2020 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С» чоп шудааст.